ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

*(Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ)*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

*(Серия 2. Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин)*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

*(Series 2. Pedagogy and Phychology, Theory and teaching methods)*

№3-4 (7-8)

Душанбе – 2021

*Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, шомил шудааст.*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2018 таҳти № 061/ЖР аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

**ISSN 2708 - 5759**
**Суроға**: 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Почтаи электронӣ:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сомонаи маҷалла:**
http: //vestnik. tgpu. tj

***Сармуҳаррир:*** *Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода – доктори илмҳои таърих профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Муовини сармуҳаррир:*** *Мирзораҳимов Акобир Каримович – доктори илмҳои биология муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Котиби масъул: Одинаев А.Н.***

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary.ru*

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Б.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуъмонов М.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Алиев С.Н.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуров А.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Абдуллоева Р.Х.*** *– номзади илми педагогӣ, дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021***

*Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук.*

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 11 июня 2018 года за № 061/ЖР*

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Электронная почта:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сайт журнала:**
http: //vestnik. tgpu. tj

***Главный редактор:*** *Гаффори Нуъмонджон Усмонзоде - доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

***Зам. главного редактора:*** *Мирзорахимов Акобир Каримович - доктор биологических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

***Ответственный редактор: Одинаев А.Н.***

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru*

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Маджидова Б.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов М.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктор педагогических наук, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктор педагогических наук, доцент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *– доктор педагогических наук, доцент*
***Алиев С.Н.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нуров А.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Абдуллаева Р.Х.*** *- кандидат педагогических наук, доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2021***

*The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.*

*The magazine is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on June 11, 2018 for No. 061/ZhR*

**Phone:** (+992 37) 224-20-12

**Fax:** (+992 37) 224-13-83

**E-mail:** vestnik.tgpu@gmail.com

**Journal website:** http: //vestnik.tgpu.tj

***Editor-in-chief:*** *Gaffori Nu'monjon Usmonzoda - doctor of historical sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

***Deputy Editor-in-chief:*** *Mirzorahimov Akobir Karimovich - doctor of biological sciences, vice-rector on scientific works of TSPU named after S. Ayni*

***Executive Editor: Odinaev A.N.***

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova B.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nugmonov M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Sharipova D.Y.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Imatova L.M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Saifulloev H.G.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Aliev S.N.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nurov A.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Abdullayeva R. KH.*** *– candidate of pedagogical sciences, Associate Professor*

**© *Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2021***

## МУНДАРИҶА /СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАУК


*Муллоев А.*
Масъалаҳои таълими адабиёт ва тарбия аз назари Холиқ Мирзозода ....8
*Маҷидова Б.*
Нақши донишгоҳи омӯзгорӣ дар пешрафти таҳсилоти фарогир .... 13
*Хушвахтова Ж.Б., Бариева М.Х., Бариева Х.Х.*
Интеграционные процессы вхождения Таджикистана в мировое образовательное пространство в условиях глобализации .... 18
*Ҷумъахон А., Шарипов Р.С.*
Интернет ва таҳаввулоти фарҳангӣ дар асри рақамӣ .... 23
*Райҳонова С.Ҳ., Сангов Н.Н.*
Самтҳои асосии роҳнамоии касбии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон .... 28
*Давлатов Д.Р.*
Педагогические ситуации в формирования личности .... 32
*Мадатзода М.* Т.
Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ....38
*Саидов Н., Кассиров Ш.Н.*
Ҳамбастагии шаклҳои гуногуни ташкили таълим ва муҳиммияти он дар ташаккули донишҳои зеҳнии донишҷӯён .... 43
*Саидиброимов Ш.О.*
Нақш ва ҷойгоҳи ақлу хирад дар таълимоти Абуабдуллои Рӯдакӣ,
Ибни Сино ва Носири Хусрав .... 47
*Курбанов Т.З.*
Поэтапность формирования умственных речевых действий ....52
*Саторов Д.К., Шерматов Д.С., Кодиров Б. Р.*
Влияние информационно-коммуникационных компетенций на облик
преподавателя высшей медицинской школы....54
*Ҳайдаров А.А.*
Машъали раҳнамои зиёиёни эҷодкори замони хеш ....56
*Кузиева Р.М., Мирализода А.М.*
Ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими
фанҳои табиӣ .... 61
*Қурбонов Ф.Х.*
Мирзо Абдулқодири Бедил дар боби мақому манзалати инсон ва фазилатҳои
некиву накукории он .... 66
*Шарипов А.М.*
Нақш ва салоҳияти муоширати педагогӣ дар ташаккули равандҳои маърифатии донишҷӯён тавассути технологияи инноватсионӣ .... 74
*Муминова С.Т., Сангов Н.Н.*
Ҳалли мушкилоти интихоби бошууронаи касб дар байни ҷавонон .... 78
*Исомиддинов Ҷ.Ҷ.*
Ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи мероси шоирону нависандагони классикии тоҷик .... 82
*Арбобова Ф.А.*
Общение как фактор становления личности студента .... 87
*Гургулиева О.Х., Рахматова Ш.И.*
Психолого - педагогические требования к занятиям в высшей школе .... 90
*Табаров Д.Д.*
Фаъолияти таҳқиқоти хонандаи хурдсол ва шароити инкишофдиҳии он .... 92
*Примов М.М.*
Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи назарияи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ .... 99
*Ҳасаназода Н.Ҳ.*
Асосҳои назариявии ташаккул ва такмили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ....104
*Қурбонова Н.Ҷ., Сангов Н.Н.*
Усулҳои гузаронидани машварати касбӣ дар интихоби бошууронаи касб....110

*Бедилова М.Х.*
Развитие речи у детей старшего дошкольного возраста в процессе
организации речеязыковых игр........................................................................114
*Арбобова Ф.А.*
Психолого-педагогическая характеристика особенностей межнациональной
общительности студентов........................................................................118

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ НАУК

*Маҷидова Б., Тошова Ҳ.*
Аутоагрессия ва хусусиятҳои зуҳуроти он........................................................................121
*Худойдодова Ф.С.*
Таҳлили талаботҳои хонандагон-яке аз роҳҳои самаранок гардонидани раванди таълим........................................................................125
*Усмонов Д.А., Луфов М.Т.*
Нақши муошрати педагогӣ ва психологӣ дар муносибатҳо........................................................................130
*Зайтметов Х.А., Қодирова Н.Ш.*
Психологический анализ поэтической речи как основа развития
читательского воображения........................................................................134
*Мансурова Ч. С., Ҳайдарова Н.М. Махмадуллаева Ш.Н.*
Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ ва робитаи он бо ташаккули қобилияту малакаи идрокию ҷустуҷӯии
хонандагон........................................................................137
*Файзуллоева Ф.М.*
Психолингвистическая характеристика монологической речи как формы речевой деятельности........................................................................141
*Салимова Г.Х., Салимов Д.Ф.*
Использование мотивационного интервью в работе с трудными детьми........................................................................150
*Саидзода Б.Х.*
Муошират – сарчашмаи рушди психологии шахс........................................................................156
*Бобоҷонова Н.Д.*
Мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврас дар инкишофи
ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила........................................................................160
*Эмомназарова М.*
Хусусиятҳои мувофиқати психологӣ ҳамчун омили муассир дар ташкил ва рушди ҳаёти иҷтимоии оилаҳои
ҷавон........................................................................167
*Ҷураева А. Д.*
Иллюзияи бинонӣ ва таъсири он ба раванди фаъолияти хонандагони хурдсол........................................................................172
*Курбонов Н.Х.*
К вопросу об определении психологического здоровья/нездоровья педагога: основные факторы и
критерии........................................................................177
*Мастонаи С.*
Ташхис ҳамчун омили мукаммалгардонии раванди таълим дар фаъолияти
бачагони болаёқат........................................................................183
*Маҷидов П. И.*
Омодагӣ ба мактаб - натиҷаи инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ........................................................................187

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ТАБИӢ / МЕТОДИКИ ПРЕПОДОВАНИЯ ГУМАНИТАРНЫХ И ЕСТЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН

*Бобизода Ғ.М., Раҷабова Б.В., Гулов Т.Ё.*
Муносибати босалоҳит дар таълими химия барои омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва
байналмиллалӣ........................................................................192
*Арабов М.Қ., Умарзода Ш.*
Татбиқи воситаҳои визуалӣ ва имкониятҳои графикии забони python барои баланд бардоштани
қобилияти зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ........................................................................195
*Хидиров Ғ., Бандаев С., Баротзода К.А.*
Асосҳои дидактикӣ-методии тайёрии касбии омӯзгорони оянда зимни ба роҳ мондани корҳои мустақилона бо
истифодаи салоҳиятнокӣ дар таълими биологияи синфҳои 5-9........................................................................201
*Мирзоев С.Ҳ., Саидзода И.М., Ҳайётов Қ.Э.*
Методикаи омӯзиши забонҳои барномасозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ........................................................................208
*Латипов С.О.*
Преимущества создания дидактических материалов по использованию информационных технологий на занятиях........................................................................214

*Лутфияи Ҷ.*
Инъикоси мақсад, мазмун ва шаклҳои ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон дар таҳқиқотҳои психологӣ, педагогӣ ва методӣ...217
*Файзуллоева Ф.М.*
Организация работы по развитию и совершенствованию профессионально - направленной русской монологической речи студентов-историков...221
*Буриев Ф.К.*
Роҳу усулҳои омӯзонидани масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ...228
*Саидов А.Қ.*
Асосноккунии робитаи байнифаннии фанҳои «технологияи иттилоотӣ» ва «математика» дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ...235
*Ғуломов И.Н., Шомуродова Б.Р.*
Масъалаҳои инкишофдиҳанда ва истифодаи онҳо дар таълими алгебраи синфи 7...237
*Гиёев А.Х., Валиев Н.У.*
Духовно-культурные ценности русского народа на занятиях по русскому языку...242
*Алиева Н.Ш.*
Развитие речевой компетентности студентов таджикоязычной аудитории медицинского вуза по русскому языку...246
*Хусравбекова Б.Д., Мамадасламов М., Хусравбеков Л.Д.*
Таҳия намудани абзори босифат барои санҷиши педагогӣ аз фанни забони немисӣ...249
*Асқарова У.Ҳ.*
Салоҳияти касбии омӯзгори забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон...254
*Одилова М.М.*
Истифодаи маҳорат ва малакаҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ дар курси математикаи синфҳои ибтидоӣ...256
*Муродов Р.Н.*
К вопросу эффективности использования профессионально-ориентированного подхода при обучении русскому языку...263
*Камолов Ф.*
Хусусиятҳои таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба донишҷӯёни техникӣ...269
*Шамсиддини Р.*
Ташаккули салоҳияти бисёрфарҳангии донишҷӯён дар таълими забони хориҷӣ...274
*Одинаева М.Т.*
Причины возникновения интерференции в русской речи студентов-носителей таджикского языка...277
*Раҳматова М.М.*
Истифодаи тахтаи интерактивӣ дар машғулиятҳои забони тоҷикӣ дар МОТ...281
*Одинаев К.Б.*
Мактабҳои олӣ ва проблемаи ташкили таълими интерактивии забонҳои хориҷӣ...285
*Стаценко Ю.Ю.*
Аудирование в аспекте национально ориентированной специфики при обучении иностранному языку...291
*Ёрмадов П.*
Истифодаи корҳои беруназсинфӣ зимни омӯзиши таълими биология...296
*Абдухолиқова З.И.*
Асосҳои назариявии фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика...301
*Қурбонова Ф.Ҷ.*
Усулҳои мусаввирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ...307
*Джумаев И. М.*
Дидактические условия приобретение навыков разговорной речи на английском языке студентами нефилологических специальностей...312
*Орифов О. О*
Мушкилоти таълимии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ...316
*Орифов О.О.*
Забони англисӣ ва рафъи мушкилоти таълими он...321

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ ВА ТАРБИЯ АЗ НАЗАРИ ХОЛИҚ МИРЗОЗОДА

***Муллоев А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Табиист, ки ҳар даврони таърихӣ, ба вижа замони тозаистиқлолӣ, пеш аз ҳама, аз рушди илму маориф, фарҳанг ва шахсияти неруманди ҷомеа вобастагӣ дорад, зеро дар ҳама давру замонҳо унсури маънавӣ дар шуури миллии мардум нақши муҳими созанда ва бунёдгузор дорад. Маҳз ин рукнҳо барои ба даст овардани истиқлол ва худшиносии миллӣ ва ҳамгироии равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад, пешрафту пойдории давлат ва бақову ҳастии онро таъмин менамояд. Бинобар ин, вазифаи муҳими ҷомеаи муосир устувор гардонидани истиқлолияти фарҳангӣ, арҷгузории арзишҳои миллӣ, шахсияти неруманд ва бунёди ҳастии маънавии ҷомеа буда, ба амал татбиқ намудани ин аҳдофи пурарзишро зарур мешуморад.

Дар ин раванд таваҷҷӯҳ ба зиндагинома ва осори донишмандону рӯшанфикрон ва омӯзгорони наҷиб ва мазҳари афкору осорашон мушкилоти воқеоти замонро муҷассам сохта, шахсият ва чеҳраи дурахшони онҳо чун машъали оламафрӯз раҳнамои ҳаёт мебошад ва дар пешрафти тамаддуни ҷомеаи башарӣ мақоми созандаву бунёдгузорро касб намуда, ҷойгоҳи халқу миллатро муайян месозад. Шинохти шахсият, зиндагинома ва афкори чунин ашхос дар ҳама давру замон амали пурсавоб ва ниятест некфарҷом.

Шукронаи тақдир ва сарнавишт, ки айёми таҳсил, тадрис ва пажӯҳиш аз ҳамкорӣ ва ҳамнишинӣ бо яке аз донишмандони мумтоз ва омӯзгори наҷиб устод Холиқ Мирзозода, профессор, доктори илмҳои филологӣ, сабақи ибратомӯз бардошта, муддате ҳамчун шогирд ва ҳамкор содиқ гашта, аз раҳнамоӣ ва сӯҳбату дидори муборакашон шарафёб гаштаам. Лаҳзаҳои гуворо ва хотирмони ин айёми зиндагӣ басо дилпазиру фараҳманд буда, бо мурури замон ва гузашти айём дар замири дил маскан гирифта, беҳтарин ва ҷолибтарини он бо хурдтарин ҷузъият дар хотир нақш гузоштааст. Хушбахту саодатмандам, ки бо дидору суҳбатҳои устод Холиқ Мирзозода ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ то имрӯз мушарраф гашта, аз созу сӯз, ормону дард, файзи нукухисолӣ ва дидори муборaки эшон сабақи зиндагӣ бардоштаам. Фаъолияти илмию омӯзгории устод Холиқ Мирзозода, доманфарох ва гуногунҷабҳа аст ва дар майдони илм ҳамчун муҷассамаи устувор ва неруманди соҳибмақом шинохта шудаанд. Дар фаъолияти илмиву эҷодии ӯ биниши дақиқи бунёдии илми адабиётшиносӣ, ҳувият ва худшиносии миллӣ, падидаҳои муҳими асолатҳои хештаншиносӣ, паҳлӯҳои гуногуни афкори адабӣ, падидаҳои таҳқиқи раванди таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ, ҳифзи мақом ва рушди адабиёт, масъалаҳои мубрами таълим ва тарбия ва бозтоби чеҳраҳои рӯшани илму адаб барҷаста намоён аст.

Устод Холиқ Мирзозода, яке аз барҷастатарин донишмандони илму маорифи тоҷик дар соҳаи адабиёт дар замони собиқ Шӯравӣ буда, бо фаъолият ва пайкори наҷибу созанда ҳамчун чеҳраи дурахшони илму маорифпарвар маъруф гардидааст. Вай дар муҳити илму адаб ва маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун муҳаққиқи тавоно, мушикофу дақиқназар ва некӯниҳод собитқадам буда, дар марзи адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, пешрафти таълиму тарбия нақши мондагор ва дурахшон дорад. Таҳқиқоти илмӣ ва адабии ӯ дар самтҳои гуногуни ҳудуди беш аз сӣ китобу рисола ва беш аз чорсад мақолааш нашр шуда, дастраси толибилмон гаштааст. Дар ин хусус тадқиқоти комил ва арзишманд аз ҷониби адабиётшинос ва шогирди содиқи ӯ А. Худойдодов анҷом дода шудааст [1, с.364].

Осори илмиву адабӣ ва педагогии Холик Мирзозода ҳанӯз аз солҳои сиюм бо эҷоди мақолаҳои гуногун дар рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз шуда, яке аз аввалин мақолаҳояш дар мавзӯи «Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб бо «Аҳмади Калла» [2, с.29-31] нашр шуда, минбаъд дар солҳои душвори ҷанг бо мураттаб сохтани барномаву хрестоматия ва китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик идома ёфта, соли 1946 дар мавзӯи «Шамсиддин Шоҳин ва эҷодиёти ӯ» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Баъд аз ҳимоя дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз забони форсӣ ва адабиёти Эрон ба тадрис машғул шуда, аз 17 июни соли 1935 ба Душанбе омада, ба сифати мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи педагогии ба номи Т.Г. Шевченко таъин мегардад ва бо муаллимон Н. Маъсумӣ, Т. Пӯлодӣ ва Б. Раҳимзода барои таъмини саводнокӣ ва таълиму тарбияи ҷавонон кӯшиш намуда, барномаву дастур ва китобҳои дарсиро аз фанни адабиёти тоҷик барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ таҳия менамояд. Ҳамзамон, соли 1948 роҳбарии илмии як гурӯҳ ҷавонони болаёқат М. Шукуров, Ю. Бобоев, В. Асрорӣ, Ш. Ниёзӣ, Ҷ. Бобокалонова ва Я. Исоевро ба ӯҳда гирифта, минбаъд дар тарбия ва камолоти онҳо саҳми арзанда мегузорад.

Солҳои баъдиҷангӣ ва ибтидои солҳои панҷоҳ давраи ҳассоси ҳукмронии диктатураи сиёсӣ буд

ва Х. Мирзозода низ чанд муддат дучори ин низоми худкома мавриди интиқод қарор гирифт. Махсусан, андешаҳои ӯ бахшида ба эҷодиёти Ҳ. Юсуфӣ ва шоири маорифпарвар Сиддиқии Аҷзӣ (1865- 1927) танқид гардида , ҳамчун нуқсони ғоявию идеологӣ арзёбӣ шуд ва чунин фишорҳо ба фаъолияти минбаъдаи Х. Мирзозода бе таъсир намонд. Аммо дар ин роҳи мубориза собитқадам буд ва бо чандин мақолаҳои илмиву интиқодӣ нуқсону камбудиҳои рӯҳии замон, китобҳои дарсӣ ва барномаҳои тадрисро мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор дод. Дар натиҷа, аввалин китобҳои дарсии адабиёт барои мактабҳои ҷумҳурӣ «Адабиёти ватан» барои синфи 5 (1941-1992), «Адабиёти советии тоҷик» барои синфи 10 бо ҳаммуаллифии Н. Маъсумӣ ва Ю. Бобоев (1952-1992), китоби дарсии «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» (асрҳои ХУ 1-Х 1 Х ва ибтидои асри ХХ) барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ (1950) нашр ва дастраси хонандагон гардид. Минбаъд рисола ва асарҳои пурарзиши Х. Мирзозода «Абӯабдулло Рӯдакӣ –асосгузори адабиёти классикии тоҷик», (1958), «Ҳабиб Юсуфӣ» (1960), «Аҳамияти адабити тоҷик дар тарбияи атеистӣ» (1961), «Мирсаид Миршакар”(1962), «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» (1962), «Шамсиддин Шоҳин» (1962), «Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт» (1963) , «Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти форсу тоҷик» (1966), «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт» (1973), «Образи бадеӣ чист» (1976), «Нуқтаи назарит зидди динӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик» (1878), «Қуллаи камолот» (1982), «Афкори рангин» (1982), «Адабиёт, таълим ва тарбия» (1983), «Таърихи адабиёти саветии тоҷик» (1984), «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» (1992) ва ғайраҳо аз дастовардҳои назарраси адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик маҳсуб ёфта, аз маҳсули фаровон ва пурарзиши эҷодии муҳаққиқи номвар дарак медиҳанд.

Тибқи фармони Вазорати маорифи халқи ҷумҳурӣ № 207/134 аз 3 ноябри соли 1969 барои навиштани китобҳои дарсии ихтисосҳои филологияи тоҷик мутахассисони варзида ҷалб шуданд. Аз ҷумла, Х. Мирзозода барои навиштани китоби дарсии «Таърихи адабиёти тоҷик» (асрҳои Х 11-ХУ) ва мутахассисони дигар барои навиштани давраҳои гуногуни таърихи адабиёт муваззаф шуданд. Аммо дар муҳлати муайяншуда (1970-1975) дигар шахсони мутасаддӣ ин вазифаро анҷом дода натавонистанд. Х. Мирзозода бидуни супориш талаботи донишҷӯёнро ба инобат гирифта, бо амри виҷдон қисматҳои дигари таърихи адабиёти тоҷикро то асри Х 111 дар ду китоб: «Таърихи адабиёти тоҷик» (Аз давраҳои қадим то асри Х 111). Китоби 1(1) ,(1987) ва «Таърихи адабиёти тоҷик» (Аз давраҳои қадим то асри Х 111). Китоби 1(2), (1989), таълиф намуда дастраси донишҷӯён гардонид. Китобҳои мазкур то имрӯз маводи асосии тадрис ва таҳқиқи толибилмон ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олии касбии ҷумҳурӣ мебошанд.

Ҳамчунин, Х. Мирзозода дар таҳия ва нашри осори адибон, аз қабили «Мунтахаби девон”-и Ҳофизи Шерозӣ, «Мунтахаби ашъори Шоҳин», «Куллиёти мунтахаби Убайди Зоконӣ», «Зубдаи ашъори Аҷзӣ», Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон хизмати шоиста кардааст. Дар солҳои охир бо кӯшиши шогидони устод асарҳоиноматбӯъи ӯ «Ҷараёни риндӣ дар адабиёти форсу тоҷик», «Чанд масъалаи таърихӣ ва эстетикии афкори ҷадидаи тоҷик», романи «Сайқали рӯи замин» ва мақолаҳои ҷудогонаи ӯ ба табъ расиданд, ки арзиши баландро соҳиб гаштаанд. Махсусан романи «Сайқали рӯи замин» (2015) воқеаву ҳодисаҳои охири асри Х 1 Х ва ибтидои асри ХХ-ро дар заминаи асноду маълумоти дақиқи шахсони воқеии таърихӣ ва хотираву ёддоштҳои муаллиф дар Самарқанд ва атрофи он инъикос менамояд. [3, с.272]

Мо толибилмони ва донишҷӯёни охири солҳои хафтод ва аввали солҳои ҳаштодуми асри ХХ аз тадриси амалӣ ва маънавии устод Х. Мирзозода сабақи ибратомӯз бардоштаем ба хубӣ дарк намудаем, ки адабиёт ифодагари ҳаёти бани башар буда, тарбияи тафаккуру эҳсоси нафис, шинохти шуури солим ва сиришти поки зебоиписанди инсонро баён месозад ва натанҳо манбаи омӯзишу парвариши маърифати ҳусн, балки василаи муҳими худшиносӣ , маърифатписандӣ ва зебошинохтӣ мебошад. Адабиёт василаи камолоти маънавии инсон ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият буда, дар оинаи зиндагӣ ибрати рӯзгори инсониятро меомӯзонад ва воситаи дарки образноки ва таҷассуми воқеияти зиндагист, таълими он дар тарбият, бунёди маънавӣ, ахлоқӣ ва зебошинохтии инсонҳо муассир аст. Таълим ва тадриси адабиёт дар парвариш ва камолоти инсон, ташаккули ёди таърихӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии наслҳо нақши созанда дошта, ҳадафи он тарбияи инсони бомаърифат ва рисолатманд мебошад. Омӯзиши адабиёти тоҷик дар тадриси устод Х. Мирзозода ҳамчун яке аз омилҳои муассири ёдгории забони тоҷикӣ эътироф шуда, ба махсусияти сохтории табиати он такя дорад ва барои ташаккули маҳорати забондонии хонандагон ганҷинаи бебаҳост. Дарки асари бадеӣ аз тарафи мактабиён ҷараёни мураккаби эҷодӣ буда, ба таҷрибаи ғайримустақили зиндагӣ, зебоишинохтӣ ва ҳиссии хонанда вобаста мебошад. Мутаносибии ҷараёни мутолиа ва омӯзиши адабиёт аз муҳимтарин равишҳои таълим буда, омӯзгори адабиёт ин равишро дар ҷараёни таълим амалӣ сохта, барои муваффақ шудан намуди муносиби таҳлили асари бадеиро ба кор мегирад.

Камоли шахсият, эътибор, обрӯ ва шуҳрати инсон аз ҳамнишинӣ бо аҳли зиё ва шарофати илму амал муяссар шуда, шахс тавассути ранҷу заҳмат, адолатпешагӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва донишварӣ соҳиби он мегардад. Устод Х. Мирзозода ба ин маънӣ, борҳо аз қитъае, ки дар сарогози

«Гулистон» - и Саъдӣ таъкид шудааст, мисол меоварданд:

*Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе,*
*Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.*
*Бад- ӯ гуфтам, ки: мушкӣ ё абирӣ,*
*Ки аз бӯйи диловези ту мастам.*
*Бигуфто: ман гили ночиз будам,*
*Валекин муддате бо гул нишастам.*
*Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,*
*Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.*

Дар бунёди соҳибкасбию илмдӯстии банда устод Х. Мирзозода нақши намоён ва устувор гузоштаанд. Аз нахустин айёми донишҷӯйӣ дар Донишгоҳи педагогии ба номи Т.Г. Шевченко (имрӯз ДДОТ ба номи С. Айнӣ) соли 1979 ба мо аз фанни Таърихи адабиётии тоҷик дарс мегуфтанд. Тадриси устод Х. Мизозода дар авҷи камолоти эҷодӣ нумуи ҷавҳар ва зубдаи фаъолияти омӯзгорӣ буд ва давраи муҳим ва пурбаҳотарини таърихи адабиёти форсу тоҷик асрҳои Х-ХУ-ро дар бар мегирифт. Аз андешаву муҳокимарониҳои ғановатманди устод мо донишҷӯён нахустин баҳсҳои илмӣ, назари интиқодии адабиётшиносӣ, осори гаронбаҳо ва чеҳраҳои намоёни адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва амсоли инҳоро андӯхтем, ки аз таълифоти нахустини тозаи устод дар соҳаи таърихи адабиёт маҳсуб меёфтанд. Дар ин замина ҳар як дарси устод ҳадафҳои хос дошт, шогирдонроро бо ғановати маънавӣ ва зебошинохтӣ ва балоғати каломи адабӣ ошно месохт, ба ин васила онҳоро бо фасоҳату балоғати афкори адабӣ, таърих, фарҳанг ва ғановати маънавии халқ шинос менамуд ва дар замири толибилмон равшан мегардид, ки осори бадеӣ ҳамнафаси зиндагӣ, ойинаи ҳаёт ва раҳнамои мардум дар ҳама давру замон буда, беҳтарин орзуву ормонҳои халқро дар симоҳои бадеӣ парварида, аз имтиҳони замону зиндагӣ гузашта, то имрӯз ҳамеша ибрат омӯхтааст.

Дар баробари ин, устод Х. Мирзозода барои такомули минбаъдаи банда дар ҷодаи илму маориф саҳми назаррас гузошта, раҳнамои мушфиқ буданд. Соли 1983 дар арафаи хатми донишгоҳ ҳангоми дифоъи рисолаи дипломӣ дар мавзӯи «Бадеияти лирикаи Нақибхон Туғрал» бо тавсияи раиси имтиҳоноти давлатӣ Абдунабӣ Сатторзода дар факултети забон ва адабиёти тоҷики ДДО шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (айни замон ДДОТ ба номи С. Айнӣ) бо қаноатмандӣ ҳайати комиссия, ки дар он Х. Мирзозода низ ҳузур доштанд, ба роҳбари рисолаи дипломиам Наҷмӣ Сайфиев нигариста таъкид намуданд, ки чунин донишҷӯёнро ба аспирантура тавсия намоед. Ин буд, ки пас аз хатми донишгоҳ бо раҳнамоии эшон роҳи пурнишоти илмро интихоб намудам . Баъд аз ин дар ҳамнишинӣ, суҳбат ва мубоҳисҳо мунтазам таъкид менамоянд, ки адабиёт на фақат манбаи омӯзиш аст, балки василаи муҳими забономӯзӣ, инсоншиносӣ ва ганҷинаи ҳикмат аст. Бунёди маънавӣ, ахлоқӣ ва зебошинохтии адабиёт дар ҳаддест, ки мақоми онро дар ташаккули ҳиссиёти шаҳрвандӣ ва ормонҳои ахлоқии шахс бебадал сохтааст. Дар шароити пуртазоди муосири ҷаҳонишавӣ ва заъфияти пояҳои маънавияту ахлоқи ҷомеа вазифаи аслии адабиёт тарбияи инсони бамаърифат ва хушахлоқ аст, инсоне, ки рисолатмандии арзишҳои миллӣ, ватанхоҳӣ ва инсонпарварӣ дошта бошад. Омӯзиши адабиёт ҳамчун яке аз омилҳои муассири ёдгории забон эътироф шуда, маҳорати сухангӯӣ, тафаккури бадеӣ ва завқи зебошинохтии инсонро равнақ мебахшад. Маҳз дар осори адибон нирӯи зебошинохтӣ ва ҳиссии забон амиқ ва пуртаъсир ифода шудааст. Ин фазилати адабиёти мо имкон медиҳад, ки хонандагони мактаб забондону сухангӯ ба воя расанд.

Дар такя ба ин муҳассанот ва фазилати адабиёт бо амри тақдир ва сарнавишт хушбахту саодатмандем, ки касби пуршарафи омӯзгори адабиётро пеша намуда, бо гулчини андешамандони илму маориф ҳаммаслаку ҳаммаром ва садоқатманд гашта, аз созу сӯз, ормону дард, бурду бохт ва сӯҳбату дидори муборакi эшон сабақи зиндагӣ бардоштаем ва ҳамеша шукргузорӣ менамоем. Рӯйдоду хотирот ва симои ибратомӯзи омӯзгорон, шахсони покизарӯзгор ва ҷомеадор басо дилпазиру фараҳманд буда, бо мурури замон ва гузашти айём дар замири дил маскан гузида, беҳтарин ва ҷолибтаринаш бо тамоми ҷузъият дар хотир нақш бастааст ва ҳамеша кобурди зиндагӣ дорад. Хотираву лаҳзаҳои фараҳманду фаромӯшнопазир бо устод Х. Мирзозода хеле зиёд дар хотир нақш гузоштааст. Яке аз чунин лаҳзаҳои фаромӯшнопазири дарси устод Х. Мирзозода дар арафаи баргузории ҷашни ҳазорумин солгарди Абӯалӣ Ибни Сино дар соли 1980 хотирмон буд. Ба донишҷӯёни курси дуввум дар мавзӯи «Абӯалӣ Ибни Сино ва осори ӯ» дарс мегуфтанд. Дарс басо ҷолиб, пурмазмун ва таъсирбаш баргузор гардид . Дар қисмати охири дарс ҳангоми саволу ҷавобҳо баҳсу мунозира дар масъалаи аҷдодон ва мансубияти шахсияти Абӯалӣ Ибни Сино ба халқҳои форсу тоҷик ва туркзабон ба вуҷуд омад. Устод бо фараҳу шодмонӣ дари дарсхонаи № 569 ошёна 5-умро кушода ба пасу пеш назар дӯхта , пасон баргашта ва бо табассуми малеҳона изҳор доштанд, ки «Абӯалӣ Ибни Сино фарзонафарзанди бузурги халқи тоҷик аст , аммо осори ӯ ба ҳама халқҳову миллатҳо ҳамеша баробар хизмат мекунад. Мо бояд бо ин шахсияти бузург ва донишманди наҷиб ифтихор ва шукргузорӣ кунем....» Мо, донишҷӯён аз эҳтиёткорӣ ва нармгуфтории устод пай бурдем,

ки мафкураи ҳукмрони ҳизбӣ ва сиёсати замони собиқ Шӯравӣ барои озодона баён кардани ҳақиқати таърихии арзишҳои миллии халқҳои дигар имконияти васеъ намедод.

Устод Х. Мирзозода дар набарди зиндагӣ ҳақшинос, устувору боҷасорат ва иродатманд буданд , ки ин аз шоистатарин сифатҳои омӯзгори худогоҳ аст ва на ҳар кас бо он сазовор мегардад . Дар тӯли беш аз шаст соли фаъолияти илмию педагогӣ аз зумраи донишмандон ва омӯзгороне буданд, ки шогирдонро ҳамеша ба таҳсилу тарбият, донишандӯзиву илмомӯзӣ, хизмати содиқона ба мардум, бедории андешаву шуури миллӣ ва маърифатпарварии ҷомеа ҳидоят менамуданд. Симо ва шахсияти эшон барои афроди худогоҳи ҷомеа намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ буда, дар ҷомеа ҳамчун инсони некухисолу соҳибрисолат, марди ҳақталошу ҳақҷӯй, омӯзгори асилу соҳибмактаб, донишманди фозилу дақиқназар, чеҳраи мондагори илму маориф ва шахсияти муқтадиру равшанбин шинохта шудаанд.

Пас аз солҳои аввалин пошхурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо зухури бесарусомониҳои низоъҳои ҷомеаи тоҷикон афкори ҷуяндаи донишмандон ва озодандешон як муддат дар кишвари мо то андозае бенизом ва худком гардид. Х. Мирзозода чиҳати таъмин ва ҳифзи ғояҳои олии сарнавиштсоз пажӯҳишҳои муҳим ва пуршарафро содиқона анҷом дода, дар тайёр намудани беш аз 20 нафар олимони адабиётшинос саҳми намоён гузошта, то вопасин нафаси умр бедареғ барои пешрафти илму маорифи ҷумҳурӣ, худшиносии миллӣ ва бунёди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати бошараф намуданд.

Устод Х. Мирзозода дар баробари данишманди тавоно ва дақиқназар омӯзгори соҳибмактаб ва маорифпарвари фаъол буданд ва барои рушди соҳаи маориф, махсусан низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, тарбияии кадрҳо, таҳияи барнома, дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ саҳми намоён гузоштаанд. Дар мақолаи Х. Мирзозода «Барои боз ҳам беҳтар намудани кори мактабҳои олӣ» як қатор камбудӣ ва нуқсонҳои воқеии фаъолияти мактабҳои олӣ таҳлил ва арзёбии мунсифона шудааст. Аз ҷумла, мушкилот ва масъалаҳои бенизомии раванди таҳсилотро дар тайёр кардани кадрҳо ва аз миқдор ба сифат гузаштан, эътибор надодан ба саводнокии хатттии хонандагои дар тамоми зинаҳои таҳсилот, чаласаводию маҳдудназарии донишҷӯён, риоя нагардидани меъёрҳои баҳогузорӣ, надоштани мутолиаи зарурии адабиёти бадеӣ ва завқи зебоишинохтӣ, саросар таъмин намудани диплом ва ҳуҷҷатҳои мутобиқнадоштаи зинаҳои гуногуни таҳсилот , низоми пастсифат, сатҳӣ ва руякии қабули имтиҳонот, таъмини набудани омӯзгорони болаёқат ва саводи баланди илмӣ дошта, мунтазам гузаронидани атестатсияи кадрҳои роҳбарикунанда, такмили ихтисоси омӯзгорон, таъмини китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ, эътибори зарури додан ба нутқи шифоҳӣ ва хатти хонандагон ва амсоли инҳо воқеъбинона таъкид гардидаст [4, с.127-143].

Мутассифона, то ба имрӯз низ аксари нуқсон ва камбудиҳои зикршуда ҳанӯз бартараф нагардида, соҳаи маориф ба вуҷуди ҳамчун самти афзалиятнок дар сиёсати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудан ва дар баъзе самтҳо ба пешрафт ноил шудан, бо ҷорӣ гардидани низоми кредитии таҳсилот ва шакли таҳсилоти фосилавӣ ба бенизомӣ, бемасъулиятӣ ва мушкилиҳо дучор гардидааст. Бар асари заъфи тафаккуру андешаи солим ва костагии ахлоқу маънавият дар ҳама табақа ва соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф низ гурӯҳи махлуқони хомтаъбу маккор аз фишори ранҷу дард осудаанд ва ҳамеша дар вуҷудашон эҳсоси, такаббур, худбинию худкомагӣ, молу сарват, ахлоқи разила, ришваситониву ришвадеҳӣ, каззобу ҳилагарӣ ва тамаллуқкориву хушомадгӯӣ маскан гузидааст. Макру фиреб, тарсрӯӣ бештар дар ниҳодашон ҷой гирифтааст ва ин афрод бидуни шарму ҳаё ба хотири ҳадафҳои шахсӣ ва посдории ҷоҳу ҷалол аз ҳама гуна разолату табоҳкорӣ бо тамаллуқу чоплусӣ ва фасодкорӣ таҳқири шахсият ва қисмати ҳаёти инсон намуда, манофеъи миллиро зери хатар мегузоранд. Вуҷуди ҷомеаи моро як қатор чоплусу тамаллуқпешагон, дуруғгӯю маккорон ва ҳаннотону маддоҳон фаро гирифтаанд, ки ба касофати амали носавоби эшон ҷомеа ба разолату ҷаҳолат ва сифлагӣ гирифтор гашта, эътибор ба соҳибҳунарон намондааст. Омӯгор аз масъулияту муқаддасоти вазифаи хизматиаш дур монда, хониши китоб ва навишт танҳо тавасссути компютер ва телефон боқӣ мондааст. Маърифати ҷомеа, ахлоқ ва завқи зебоишинохтӣ ва маънавият коста гардидааст.

Устод Х. Мирзозода шахсияти фозил ва наҷиби соҳибмактаб ва рисолатманд буданд ва шогирдонро ҳамеша ба шарафмандӣ, нангу номуси ватандорӣ, хайрхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ ва созандагии илму амал даъват менамуданд. Илму фарҳангро сарчашмаи файзбахш, чароғи мунаввари ҳифзи ҳаёт ва васоили асбоби зиндагии шарафмандонаи инсон ҳисобида, ҳамеша бори маърифат бар дӯш роҳати манзил надоштанд, ҳамчун инсони нексиришт, устоди ҳалиму меҳрубон ва фурӯтану хоксор, ғамхор, донишманди равшанзамир ва некӯхисол дар миёни аҳли илму адаб раҳиму роздон ва ҳақталош маҳбуб гардида, дар тарбияву камолоти насли нави олимони адабиётшинос нақши созанда ва мондагор гузоштаанд.

Дареғо, ки ин пайкари нуронӣ ва чеҳри дурахшони илму маориф дар айёми пиронсолӣ бо рағми ҳарифони кӯрдили худбин ва заъфи дурӣ аз аҷдодону зиёд гаштани меҳри зодгоҳу пазмонии сайқали рӯйи замин –Самарқанди бостонӣ моҳи июни соли 1990 баъд аз 55 сол зиндагӣ дар шаҳри Душанбе ба

сӯйи деҳаи кӯдакию ҷавониашон -Равонак рахти сафар бубастанд. Ҳангоми гусели охирин шаш нафар шогирдон ва ҳамкорон- М. Аҳмадов, С. Нуров, В. Самад, Усмон Назир, А. Худойдодов ва банда бо дили пурғусса, дидаи хунбор ва нафрати даврону ҳаводиси талхи ҳаёт хайрбод намудем. Устод дар ин лаҳзаҳои мутаассир ва ғамбор ҷавонмардона изҳор доштанд, ки «маро қадрдонӣ кардед, панҷоҳу панҷ сол қабл манро се нафар: С. Айнӣ, Б. Ғафуров ва С. Улуғзода ҳангоми аз Самарқанд ба Душанбе омадан пешвоз гирифта буданд. Шукр, ки имрӯз гуселкунандагон шаш нафар ҳастед».

Дар ин лаҳза садои равон шудани қатора шунида шуд ва устод Х. Мирзозода аз тиреза бо пайкари хастаи маҳзун ва дидагони дардошно ба сӯйи мо дастафшонӣ мекарданд. Ин вопасин дидори мо бо устоди шодравон Холиқ Мирзозода буд. Бо адои ихлосу самимият ва садоқатмандии бепоён ба устод Х. Мирзозода дар ин лаҳзаҳо беихтиёр мисраъҳои шоири маҳбуб Камол Насрулло пеши назар меомад:

*Баланд аст аз фалак шони муаллим,*
*Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим,*
*Набошад неъмате дар ҳар ду олам,*
*Ҳалол аз пори нони муаллим.*
*Бидон онро, ки виҷдони ҳама халқ,*
*Бувад аз рӯи виҷдони муаллим…*

**АДАБИЁТ**


1. Худойдодов А. Холиқ Мирзозода ва адбиётшиносии тоҷик дар асри XX. / А. Худойдодов -Душанбе; «Дониш», 2014. -364 с.
2. Мирзозода Х. Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб бо «Аҳмади Калла» / Х. Мирзозода // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1936. - С. 29-31
3. Мирзозода Х. Сайқали руи замин. Роман. / Х. Мирзозода -Душанбе: «Матбуот», 2015 - 272 с.
4. Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия. / Х. Мирзозода -Душанбе: «Маориф», 1982.-144 с.


## ВОПРОСЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ЛИТЕРАТУРЫ И ВОСПИТАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ХОЛИКА МИРЗОЗОДА


*В статье расматривается жизнь, творчество и вклад выдающего таджикского литертуроведа и доктора филологических наук, Холика Мирзозода в развитие таджикской литературы и преподавание таджикской литературы как в средних общеобразовательных школ, так и в высших учебных заведениях. Следует отметить, что в статье представляется научные работы и книги Холика Мирзозода которые имеют важную роль в воспитании молодёжи. Учёный Х. Мирзозода как личность был благородным и образованным человеком. Он всегда призывал своих учеников к чести, патриотизму, доброте, трудолюбию и творчеству, считая науку и культуру источником благодати, просветляющим светильником для защиты жизни и средством человеческого достоинства.*



***Ключевые слова:*** *Холик Мирзозода, литература, таджикская литература, жизнь, творчество, воспитание, преподавание, роль, развитие таджикской литературы и т.д.*


## QUESTIONS OF TEACHING LITERATURE AND EDUCATION FROM THE POINT OF VIEW OF KHOLIK MIRZOZODA


*The article explores the life, work and contribution of the outstanding Tajik theorist of literature and doctor of philological sciences, Kholik Mirzozoda in the development of Tajik literature and the teaching of Tajik literature both in secondary schools and in higher education institutions. It should be noted that the article presents the scientific works and books of Kholik Mirzozoda, which have an important role in the upbringing of youngsters. Kh. Mirzozoda as a person was a noble and educated person. He always called his students to honor, patriotism, kindness, hard work and creativity, considering science and culture as a source of grace, an illuminating lamp for the protection of life and a mean of human dignity.*



***Keywords:*** *Kholik Mirzozoda, literature, Tajik literature, life, creativity, education, teaching, role, development of Tajik literature, etc.*



***Сведение об авторе:***

***Муллоев Абдусамад*** *– доктор филологических наук, профессор кафедры теория и история литература Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддин Айни.*

***About the author:***

***Mulloev Abdusamad -*** *Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and History of Literature of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

# НАҚШИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

***Маҷидова Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар ҳамаи давру замонҳо андешаҳо, ғояҳо ва муносибати аҳли ҷомеа ба масъалаҳои маориф, ба таълиму тарбия, таҳсилоту маълумотгирии табақаҳои гуногуни аҳолӣ тағйир меёфтанд ва ин амал идома дорад. Ин раванд ба пешомад ва дурнамои рушди зинаҳои таҳсилот, таҳаввулот дар мафкураи одамон таъсир мерасонанд, муносибати ҷомеаро ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ тағйир медиҳанд.

Яке аз табақаҳои махсуси одамон, ки онҳо ба дастгирию мадади маънавию моддии ҷомеа ниёз доранд, ки шахсони имконияти маҳдуд, яъне маъюбон эътироф карда шудаанд. Аз нигоҳи тиббӣ (модули) онҳо шахсони аз тифлӣ то бузургсолӣ ба табобату дармонбахшии тиббӣ, нигоҳубину ғамхории махсус эҳтиёҷдошта ҳисобида мешаванд. Аз нигоҳи иҷтимоӣ (модули) бошад, шахсони имконияти маҳдуддошта, яъне маъюбон, дар навбати аввал шаҳрвандони кишвар ҳастанд, ки мисли ҳамсолони солими худ ҳуқуқ, имтиёз ва ӯҳдадориҳои худро доранд, шахсони арзишманд, нотакрор буда, қудрату тавоноии бартараф намудани монеаҳои таҳсилотиро соҳиб мебошанд.

Ба таҳсилоти олии касбӣ ҷалб кардани ҳамаи одамон ба иҷрои мақсади таҳсилот, ки дар моддаи 29 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак омадааст мусоидат менамояд, яъне «муассисаҳои таълимӣ бояд фардияти кӯдак, истеъдод, қобилияти ақлӣ ва ҷисмонии ӯро инкишоф диҳанд ва дар рӯҳияи дарк кардан, осоиштагӣ, тоқатпазирӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, ҳурмати падару модар тарбия намоянд».

Аз нигоҳи психофизиологӣ ҳангоми осебёбии яке аз узвҳои ҳискунӣ (бинои, шунавоӣ) узвҳои дигар қобилияти компенсаторӣ – то андозае ҷуброн намудани ин ё он иллатро доранд. Масалан, барои шахсоне, ки иллати шунавоӣ (камшунав, ношунаво) доранд, ҳассосияти чашм имконият медиҳад, сухани ҳамсӯҳбати худро лабхонӣ (аз ҳаракати лабҳо) дарк намоянд ва ё нутқи имою ишораро истифода баранд.

Дар Конститутусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон чун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ карда шудааст ва барои шаҳрвандон шароити зиндагии шоиста ва инкишофи озодонаро кафолат медиҳад, ки ба сифати ҳуқуқи иҷтимоӣ – ҳуқуқ ба таҳсилотро (41) медиҳад, он на танҳо дастрасии таҳсилот, инчунин азхудкуни касбу ҳунар ва дар фаъолияти меҳнатӣ истифодабарии онро роҳандозӣ менамояд. Роҳандозӣ гардидани ин ҳуқуқҳо дар қонунгузории миллӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (2013), «Стандарти мактаби маълумоти олии касбӣ» (1996), «Дар бораи маълумоти ибтидоии касбӣ» (2002), «Дар бораи маълумоти касбии олӣ ва баъди дипломӣ» (2003) ва «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» (2011) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо таъкид гардидаанд.

Таҳсилоти инклюзивӣ раванди инкишофи таҳсилотие аст, ки дар худ дастрас будани маълумотгириро ба ҳамаи одамон мувофиқи талабот ва имкониятҳои онҳо дар назар дорад.

Мақсади асосии он бунёд намудани ҷомеаи инклюзивӣ, ки дар он барои кӯдакон, наврасон, ҷавонон ва калонсолон новобаста аз ҷинс, синнусол, мутаалиқии этникӣ, қобилиятҳо, афзалиятҳо ва ноқисиҳо шароити таҳсилотӣ таъмин карда тавонад. Ин нафарон дар ҳаёти ҷомеа ҳиссагузорӣ намоянд, дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ мавқеи худро дошта бошанд.

Таҳсилоти инклюзивӣ ташкил намудани таълими инклюзивиро талаб менамояд. Таълими инклюзивӣ маҷмӯи чорабиниҳои таҳсилотие мебошад, ки он ба принсипҳои баробарҳуқуқии донишомӯзони имконияти маҳдуддошта ба маълумотгирӣ дар таълимгоҳ, аз он ҷумла дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ асос меёбанд.

Ҳамаи ин муассисаҳои таҳсилотӣ заминаҳои моддию техникӣ, маводҳои барномавию методӣ ва таҷҳизоти муосир, аёнияту дастурҳои омӯзиширо доранд, ки барои мутобиқ шудани донишомӯзони имконияти маҳдуддошта ба раванди таҳсилот мусоидат менамоянд. Донишомӯзони имконият ва талаботҳои махсусдошта метавонанд дониш, маҳорату малака ва тайёрии касбии худро таъмин менамоянд.

Таҳсилоти инклюзивӣ дар системаи таҳсилоти олии тахассусӣ хусусияти ба худ хос дорад. Барои аз худ намудани донишҳои илмӣ, тайёрии тахассусӣ донишҷӯёни имконияти махсус дошта бояд ба шароиту имкониятҳои донишгоҳ мутобиқ гарданд. Ин мутобиқшавӣ ҷабҳаҳои психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ – табобатӣ доранд, ки он ба фикррониии аҳли ҷомеа нисбати маъюбият, мушкилотҳои таълиму тарбиявии онҳо вобаста ба имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Маъюбӣ чун норасоии ҷисмонӣ эътироф гардида эҳтиёҷи шахсро ба дорую дармон ва таъмин кардани тансиҳатӣ дар назар дорад. Маюбӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ ба фаҳмиш, таҷриба, фарҳангу маърифати маънавии шахс вобаста аст.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳар як фарди имконияти маҳдуддошта шахси арзишманде аст, ки сифатҳои мусбати шахсӣ ва имконияту қобилиятҳои ӯ сазовори дастгирӣ мебошад. Ин дастгирӣ имконият медиҳад, шахси маъюб ба ояндаи нек бовар намояд, барои бартараф намудани монеаҳо, мушкилотҳо кӯшиш намояд, таҳсилу тадрис маълумотгирию касбомӯзиро пеша намояд.

Чӣ тавре, ки мутахассисон таъкид менамоянд ташкили раванди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилот ва махсусиятҳои ба худ доранд, ки онҳо таъсис кардани гурӯх/синфҳо барои кӯдакони сустбин, камшунаво, гирифтори иллати руҳӣ, яке аз шаклҳои ҳамгироӣ (интегратсия) ва истифодаи роҳу усулҳои махсуси таъсиррасонӣ дар асоси баҳисобгирии хусусияти имкониятҳои фардӣ ва кори тафриқавӣ дар раванди таълиму тарбия аст [5, с.153].

Дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ бошад таҳсилоти фарогир талаб менамояд: а) такя намудан ба принсипҳои фардикунонии таълим дар дарсҳои амалӣ, семинарӣ – таҷрибавӣ; б) барқарор намудани ҳамкорӣ ба омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ, тахассусӣ ва кормандони тиббӣ; в) таъмин намудани шароитҳои махсус вобаста ба мушкилотҳои донишҷӯёни имконияти маҳдуд ва талаботҳои махсуси таҳсилотидошта, ба монанди шишаҳои махсус – линзаҳо барои чашмхираҳо, аппаратҳои шунавоӣ, имконияти истифодабарии кресло – аробачаҳо ва пандусҳо (роҳҳои ҳамвор) барои онҳо, норасоии маводҳои таълимию методӣ бо забони тоҷикӣ барои дарсҳои амалию таҷрибавӣ ва ғайраҳо; г) гуногунии ақидаю муносибати шарикдарсону омӯзгорон нисбати донишҷӯёни махсус, ки он ба таъмин намудани муҳити солими маънавӣ, таҳаммулпазирӣ таъсиррасон ҳастанд ва ғайраҳо.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун махзани илму дониш, муассисаи меҳварӣ дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои ба таҳсил фарогирии донишҷӯёни имконияти маҳдуддошта (минбаъд ДИМД), таъмин намудани шароити мусоид дар таҳсилу тадриси онҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Аз ин рӯ хатмкардаҳои собиқ ДИМД дар ҷомеа мақом ва манзалати худро чун шахсони арзишманд, мутахассисони хуб, волидони сазовор шинохта шудаанд.

Роҷеъ ба тадбиқи Қонунҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ як қатор корҳо ба сомон расонида шуда истодааст, ки яке аз онҳо ба таҳсил фарогирии донишҷӯёни имкониятҳои махсуси ҷисмонию таҳсилоти дошта мебошад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар соли хониши 2020 – 2021 56 нафар донишҷӯёни махсус ба таҳсилу тадрис фаро гирифта шудаанд, ки онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Ҷадвали 1.

| № | Гурӯҳи маъюбият | Писар | Духтар | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гурӯҳи якум | 14 | 7 | 21 |
| 2 | Гурӯҳи дуюм | 26 | 6 | 32 |
| 3 | Гурӯҳи сеюм | 2 | 1 | 3 |
| Ҷамъ: | | 42 | 14 | 56 |

Хусусияти ба таҳсил фарогирии донишҷӯёни махсус дар он аст, ки ба гурӯҳҳои таълимӣ аз рӯи имконият ва талаботҳои таҳсилотии онҳо ворид карда шудаанд ва онҳо ҳамчун шахсони «махсус» табақабандӣ нагардида дар ҳамаи дарсҳои назарияву амалӣ, чорабиниҳои тарбиявию фарҳангӣ фаъолона иштирок менамоянд. Инчунин устодону шарикдарсон ин гурӯҳи донишҷӯёнро эътирофу эҳтиром намуда нисбати онҳо таҳаммулпазирӣ, некхоҳию хайрандешӣ, мададу дастгириро пешгирӣ менамоянд.

Дар соли 2009 дар назди кафедраи тарбияи томактабии факултети педагогика Маркази таҳсилоти фарогир таъсис гардид, ки мақсади он таъмин намудани ёрии амалию методӣ бо донишҷӯёни ихтисосҳои сурдопедагогика (таълиму тарбия ва маълумотгирии кӯдакону наврасони иллати узви шунавоидошта, камшунав, ношунаво), логопедия (роҳу усулҳои ислоҳ ва пешгирӣ намудани нуқсонҳои нутқронӣ), олигофренопедагогика (таълиму тарбия, таҳсилот ва иҷтимоикунонии кӯдакони иллати ақлию зеҳнидошта), таҳсилоти томактабӣ (таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ва хизматрасонии равонӣ ба онҳо) буд. Донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимии зикргардида барои роҳандозӣ намудани таҳсилоти фарогир дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоту маълумотгирӣ омода карда мешаванд. Инчунин ин Марказ як қатор чорабиниҳо, ба монанди мизи мудаввар, машварат – семинарҳои омӯзиширо барои донишҷӯён, муаллимони ҷавон баргузор намуд.

Маҳз бо ташаббус ва фаъолияти ин Марказ Барномаи таълимӣ ва китоби дарсии «Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ» (2013), як қатор мақолаҳо таҳия, нашр ва нашр ва дастраси хонандагон гардонда шуд. Ҳадаф аз ин амал ҷалб намудани диққати донишҷӯён, омӯзгорони зинаҳои гуногуни таҳсилотӣ ба фарогирии кӯдакону наврасон, ҷавонону калонсолони имконияти маҳдуддошта ба таълиму тарбия ва маълумотгирию касбомӯзӣ буд.

Ин масъала бо таври ҷиддӣ диққати роҳбарияти донишгоҳ, декани факултетҳо, созмони ҷавонон, иттифоқӣ касабаи донишҷӯёнро ба худ ҷалб намудааст. Бояд таъкид кард, ки донишҷӯёни имкониятҳои махсуси таҳсилотидошта (узвҳои босираашон суст, суст будани узвҳои шунавоӣ, гирифтори бемории ирсии сабуки сирояткунанда ва ғайраҳо) шояд хеле зиёд бошанд, вале бо сабабҳои гуногун онҳоро пинҳон медоранд, ки ин амал заминаҳои гуногуни психологӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ доранд.

Бори аввал дар факултети педагогика, дар заминаи таҳсили ғоибона аз рӯи ихтисоси педагогика – психологияи томактабӣ ва сурдопедагогика 12 – нафар донишҷӯёни имконияти маҳдуддоштаи узвҳои шунавоӣ таҳсил намуда, онро дар соли хониши 2011 – 2012 хатм намуданд. Дар таҳсилоту маълумотгирии онҳо тарҷумони махсус – сурдопедагог мадад мерасонд. Имконияту талаботҳои онҳо аз ҳамсолони солими худ кам набуданд ва онҳо фақат аз нутқ ва муоширату нутқи гуфтугӯи кам истифода бурда метавонанд.

Дар соли 2015 – 2016 дар факултети педагогика кафедраи «Педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир» таъсис гардид ва роҳбарии он номзади илмӣ педагогӣ, собиқ хатмкардаи ихтисоси олигофренопедагогика Рамазонова Р.С. таъин гардид. Айнӣ замон кафедра дар ҳайати факултети психология ва таҳсилоти фарогир фаъолият намуда масъулияти омода намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир, таъмин намудани соҳа ба маводҳои илмӣ, барномавӣ, методӣ, аёниятҳо, ташкилу гузаронидани чорабиниҳои илмӣ, методӣ ва фарҳангию маърифатӣ, таткиқотҳои илмиро дар зиммаи худ дорад ва дар ин ҷабҳа ба дастовардҳои назаррас низ соҳиб гардидааст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди маъмурияти ДДОТ ба номи Садриддин Айниро дастгирӣ намуда барои таъсиси факултети психология ва таҳсилоти фарогир мусоидат намуд. Чунки ҷалб намудани шахсони имконият ва талаботи махсуси таҳсилотидошта яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи маориф мебошад. Дар Созишномаи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар таъкид карда шудааст, ки «таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қобилияти ҳар як одам бояд дастрас бошад ва он рушди шахсияти ӯ равона карда шавад». Инчунин дар моддаи 28 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак таъкид карда шудааст, ки «таҳсилоти ибтидоӣ бояд ҳатмӣ бошад, таҳсилоти миёна ва олӣ барои ҳамаи кӯдакон бояд дастрас бошад».

Вазъи ба таҳсилфарогирӣ ва омода намудани мутахассисони таҳсилоти фарогир дар шакли таҳсили рӯзона дар соли хониши 2020 – 2021 чунин аст.

Ҷадвали 2.

| № | Ихтисосҳо | Теъдоди донишҷӯён дар курсҳо | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | |
3. Антропова М.В., Здоровье школьников: результаты лонгитюдного исследования / М.В. Антропова Г.Г. Манке, Л.М. Кузнецова,

Г.В. Бородкина // Педагогика. - 1995. - №2. - С.64-69.
4. Ашмарин Б.А. Методология педагогических исследований в физическом воспитании / Б.А. Ашмарин // Теория и практика физической культуры. - 1996. -№11.-С.64-71.
5. Байбородова Л.В., Рожков М.И. Воспитательный процесс в современной школе: Учебное пособие. / Байбородова Л.В., Рожков М.И. //Изд. 2-е, испр., дополн. - Ярославль: Изд-во ЯГПУ им. К.Д. Ушинского, 1998. - 356 с.
6. Бачханян А.С. Влияние спортивной деятельности на формирование личности школьника. / А.С. Бачханян №8, 1979. -64 с. - 18-25.
7. Виленский М.Я. Основные сущностные характеристики педагогической технологии формирования физической культуры личности. / М.Я. Виленский, Г.М. Соловьев // Физическая культура: воспитание, образование, тренировка. -2001.-№3.-С.
8. Волков К.Н. Психология о педагогических проблемах / К.Н. Волков – М.,1981. - С.70 - 76
9. Максимова Э.М. – Педагогическая правда / Э.М. Максимова – М., 1963. - С.59-63
10. Шарифзода Ф., Каримова И. Педагогика (курс лекций). / Ф. Шарифзода, И. Каримова – Душанбе: «Ирфон», 2008. – 284 с.
11. Матюшкина А.М. Развитие творческой активности школьников / А.М. Матюшкин / Под ред. А.М. Матюшкина. – М: Педагогика, 1991. -160 с.120-126
12. Рувинский Л.И. Психология самовоспитания школьников. / Л.И. Рувинский А.Е. Соловьева – М., 1982
13. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика. / В.А. Сухомлинский – М.,1978. - С.77-82.
14. Файзулло Шарифзода. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир. / Шарифзода Файзулло Душанбе: Ирфон, 2016 -63 с.
15. Зациорский В.М. Вопросы теории и практики педагогического контроля в современном спорте // Теория и практика физ. культуры. / В.М. Зациорский, В.А. Запорожанов, И.А. Тер-Ованесян – М., 1971. – № 4. – С. 59-63.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ СИТУАЦИИ В ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ

*В статье, которая разделена на вводные разделы, развитие личности, самодисциплина, успехи в перевоспитании, мастерство, упорный труд наставника, обсуждаются некоторые учебные ситуации, которые играют роль в формировании личности школьника. Эти ситуации включают действия, мысли, чувства, отношения и другие факторы, которые могут повлиять на внутренний мир студента или школьника. Автор чувствует потребность общества в здоровых поколениях и верит в необходимость совершенствования профессии учителя. Автор цитируя убежден в том что школа решает проблему формирования нового и достойного поколения общества и помогает учащимся обогатить и обогатить опыт социальных образцов для подражания. Любая ситуация в образовании часто возникает спонтанно, но внимательный учитель всегда старается сделать эту ситуацию воспитательной, то есть иметь положительный воспитательный эффект. Автор утверждает, что чем больше учитель знает о личности ученика и условиях, в которых он или она развивается, тем легче ему или ей будет отказаться от нейтралитета. В нем делается вывод, что любую ситуацию, которая возникает спонтанно, следует использовать в пользу воспитание ученика или же студента. Эта статья имеет большую воспитательную ценность и может быть использована в качестве руководства.*

***Ключевые слова:*** *личность, развитие, воспитания, учитель*

## PEDAGOGICAL SITUATIONS AND PERSONALITY DEVELOPMENT

*The article, which is divided into such sections as introduction, personality development, self-discipline, success in education, mastery and hard work of the teacher discusses some educational situations which contributes to the formation of the personality of students. These situations include actions, thoughts, feelings, attitudes and other factors that can influence the inner world of a pupil or a student. The author understands that society needs healthy generation and believes in the need to improve the teaching profession.*

*The author is convinced that the school solves the problem of forming a new and worthy generation of society and helps students to enrich the experience of social role models.*

*Any situation in education often occurs spontaneously, but an attentive teacher always tries to make this situation educational, i.e. to have a positive educational effect.*

*The author argues that the more the teacher knows about the personality of a student and the conditions in which he or she develops, the easier it will be for him or her to abandon neutrality.*

*It concludes that any situation that arises spontaneously should be used in favor of the upbringing of a pupil or a student. This article is of great educational value and can be used as a guide.*

***Keywords:*** *personality, development, education, teacher*

***Сведения об авторе:***

***Давлатов Дилшод Разокович*** *- кандидат педагогических наук, и. о. доцента кафедры социально-гуманитарных дисциплин филиала Масковского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Тел.: (+992) 918667329; E-mail: d.r.davlatov@mail.ru*

***About the author:***

***Davlatov Dilshod Razokovich****- Candidate of Pedagogical Sciences , Acting Associate Professor of the Department of Social and Humanitarian Disciplines of the branch of the Moscow State University by name M.V. Lomonosov in the city of Dushanbe. Tel: (+992) 918667329; E-mail: d.r.davlatov@mail.ru*

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

***Мадатзода М. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар асоси ҳамгироии ғояҳо, муносибатҳо, принсипҳои дорои хусусияти маҷмӯӣ (масалан, принсипи мувофиқат, таносуб, нисбият, пуррагӣ) ва амсиласозӣ, ки методҳои назариявӣ ва ба таҷриба асосёфтаи маърифатро ҳамгиро месозанд, татбиқ карда мешавад. Ба сифати заминаи методологии тарҳрезии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба хонандагон ягонагии муносибатҳои шахсӣ-фаъолиятнокӣ, низомнокӣ-сохторӣ баррасӣ карда мешавад. Дар аввал ҷанбаи педагогии татбиқи муносибатҳои мазкурро дар раванди таълим дида мебароем, сипас моҳияти ягонагии онҳоро бо мақсади татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим кушода медиҳем.

Бояд зикр намуд, ки салоҳиятнокиҳо танҳо дар фаъолият ташаккул меёбанд (А.В. Хуторской). Ғояи муносибати фаъолиятноку амиқ на танҳо дар педагогикаи ҷаҳонӣ, балки дар педагогикаи рус низ решаҳои аниқ дорад. Я.А. Коменский дар «Дидактикаи бузург» навиштааст: «Дуруст таълим додани навҷавонон маънои онро надорад, ки дар майнаи сар омехтаи калимаҳо, ибораҳо, изҳорот, ақидаҳои аз муаллифон ҷамъоваришуда ворид карда шавад, балки ин маънои кушода додани қобилияти фаҳмидани ашёро дорад, то ки маҳз аз қобилият, дақиқан аз чашмаи зинда, ҷӯйчаҳо ҷорӣ шаванд». Профессор В.В. Зенковский, ғояи муносибати фаъолиятнокиро дастгирӣ карда, тасаввури худро дар бораи якпорчагӣ дар таълими фанҳои гуногун ифода карда, таъкидҳои худро ҷобаҷо мегузорад: «ҳаёт дар воқеият якпорча буда, ба ҷудошавӣ роҳ намедиҳад» [2, с.18]. Ҳамчун раванди асосӣ дар ҳаёти инсон ӯ инро эътироф мекунад: «рушди маънавиёт, ки гарави якпорчагии инсон мебошад, рушди зеҳн бо роҳи ғанӣ гардонидани он бо маводи муайян бояд ҷойи дуюмро ишғол намояд. Ба шогирд мумкин ва лозим нест ҳамаи чизро донад, лозим аст нерӯҳои зеҳнии худ ва маҳорати гузоштани саволҳое, ки ҳаёт мегузорад, рушд дода шаванд. Мактаб инро риоя накарда, бештар кӯдаконро кундзеҳн мекунад, таваҷҷуҳро вусъат набахшида, онро маҳдуд мекунад. Кӯдак дар мактаб, воқеан, аксар вақт аз ҷиҳати маънавӣ ба воя нарасида, заиф мешавад» [2, с.25].

Психолог ва педагоги амрикоӣ Ҷ. Дюи принсипи муттаҳидсозанда, ҳамгиросозандаи таълимро дар мактаб ҷустуҷӯ карда, онро барои бисёрфаннӣ будан, номураттабӣ будан танқид мекард, таъкид менамояд С.А. Смирнов [10, с. 183 – 186]. Роҳи халосиро ӯ дар муносибати ягона ба ташаккули тафаккур тавассути мазмуни фанҳои гуногун медид. «Тасдиқи он, ки маълумоте, ки на бо мақсади маълум кардан ва ҳалли масъала андӯхта шудаанд, метавонанд минбаъд аз рӯйи хоҳиш аз ҷониби фикр озодона истифода шаванд, комилан дурӯғ аст. Маълумоти ягонае, ки ғайритасодуфӣ метавонад барои мақсадҳои мантиқӣ истеъмол шавад, ин маълумотест, ки бо роҳи тафаккур ба даст оварда шудааст» [2, с. 83], – менависад ӯ. Ҳамин тариқ, ба сифати принсипи муттаҳидсозанда ӯ методи таълими ҳамаи фанҳоро мешуморид, ки ба методи илмии маърифат наздик аст.

Муҳимияти махсуси муносибати фаъолнокиро дар таълим педагогҳо ва психологҳои руси асри XX, ки боислоҳоти «мактаби кӯҳна»-и Россия машғул буданд, таъкид мекарданд. Мақсади он таъсиси мактаби якпорча буд, ки ғояи ҳамгиросозии байнифанниро татбиқ мекунад. Ба сифати механизми ҳамгиросозӣ методи таҳқиқот баррасӣ мешуд.

Ҷонибдори фаъолтарини методи таҳқиқ (кашфиёт) дар Россия В.П. Вахтёров маҳсуб меёфт. Ӯ чунин мешуморид, ки «бомаърифат на онест, ки бисёр медонад, балки онест, ки мехоҳад бисёр донад, ва касе метавонад ин донишҳоро ба даст орад. Чи тавре, ки С.А. Смирнов қайд менамояд, ки «мавқеи педагогии В.П. Вахтёров аз ҷустуҷӯи методи таълиме иборат буд, ки мақсади он дар зеҳни шогирд ба вуҷуд овардани худи он раванди фикрие мебошад, ки эҷодкор ва ихтироъкори кашфиёт ё ихтирооти додашуда аз сар мегузаронад. Ӯ чунин мешуморид, ки инро ноил шудан мумкин аст, агар педагогика ва психологияи синнусолӣ дониста шавад, аз болои кӯдакон мушоҳида карда шуда – «кӯдакон, нерӯ ва қобилиятҳои онҳо дониста шаванд, ва аз ҳама асосӣ – маҳорати роҳбарӣ кардани корҳои мустақилонаҳои кӯдакон лозим аст». Дар асоси афкори педагогии худ, ҳадафҳои таълимро ӯ ба тариқи зайл ифода кардааст: «бисёре аз он чизе, ки хонанда азхуд мекунад, фаромӯш мешавад, аммо ба ҷои ин одати ба тариқи муайян кор кардан аз болои мавод боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, на танҳо донишҳо, балки, пеш аз ҳама, усулҳое, ки бо онҳо ин донишҳо таҳия карда мешаванд, арзишманд мебошанд» [10, с.157].

Дар мувофиқат бо асарҳои В.В. Зеленский, В.П. Вахтёров ва педагогҳои дигари рус, педагоги бузурги шӯравӣ В.А. Сухомлинский навиштааст: «Таҳсил ба қисми хурди ҳаёти маънавии кӯдакон он гоҳ табдил меёбад, ки донишҳо аз фаъолияти фаъол ҷудонопазир бошанд. Даст ёфтан ба он, то ки кӯдакро худ ба худ ҷадвали зарб ё қоидаи ҳисоби майдони росткунҷа ҷалб намоянд, душвор аст. Донишҳо ба дастоварди матлуби инсони хурд ба шарте табдил меёбанд, вақте ки онҳо ҳамчун воситаи дастёбӣ ба ҳадафҳои эҷодӣ, меҳнатӣ бошанд. Вазифаи муҳими мактаб тарбия кардани инсони кӯшишкунанда, эҷодкор, ҷустуҷӯкунандаи фикр мебошад» [13, с.42].

Фикрро дар бораи зарурати фаро гирифтани кӯдакон бо фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ файласуфҳо, педагогҳо ва психологҳои рус К.Д. Ушинский, А. Дистервег, Д.И. Писарев, Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, П.Я. Гальперин, В.В. Давыдов, Л.В. Занков, Л.Г. Петерсон ва дигарон ҷонибдорӣ мекарданд. Имрӯз, вақте ки ғояи бохабар будан аз соҳаҳои гуногуни дониш ба тариқи табиӣ аз байн рафтааст, донистани ҳама чиз имконнопазир аст. Ба ақидаи Н.В. Соколова замони ғояи дигари бузурги Я.А. Коменский: «кушода додани қобилияти фаҳмиши ашё» фаро расидааст. Маҳз аз ин рӯ, имрӯз дар адабиёти педагогӣ масъалаҳои лоиҳакашии раванди таълими фанҳои мактабӣ дар асоси методҳои маърифати илмӣ мавриди муҳокима қарор доранд. Азбаски азхуд кардани методологияи маърифат инсонро ба шахсияти эҷодкор табдил медиҳад, пас раванди мазкурро ҳамчун инсоншиносикунонии таҳсилоти мактабӣ баррасӣ кардан мумкин аст [11, с.7–8].

Ю.А. Сауров қайд мекунад, ки «дар таълим ҳатто сохторбандии оддии мавод мувофиқи методи маърифат қодир аст таъсири муҳими педагогӣ диҳад» [8, с.7].

Вобаста ба ин иловатан баррасӣ кардани муносибати низомнокӣ- сохторӣ ба мазмуни таҳсилот зарур мебошад. Бо сабаби нокифоя будани донишҳо ва синну соли хонандагон муносибати мазкурро дар мактаб ба таври пурарзиш татбиқ кардан номумкин аст. Аммо, шаклҳои гуногуни татбиқи мутобиқ гардонидашуда мавҷуданд. Асоснокии онҳо дар натиҷаҳои таҳқиқотҳо дар соҳаи психологияи маърифатӣ зоҳир меёбанд, хонандагони синфҳои 5 – 11 иттилооти сохторбандишударо назар ба иттилооти бераблт беҳтар азхуд карда, бозтавлид мекунанд [14]. Аз ин рӯ мазмуни фанни таълимӣ ва ҳар гуна порчаи он бояд аз ҷиҳати низоми зинавӣ сохторбандӣ карда шаванд, ки ин ҳифзкунӣ ва бозтавлиди иттилоотро ба таври назаррас беҳтар мекунад. Азбаски яке аз талаботҳои асосӣ ба натиҷаи таълим зимни муносибати босалоҳият қобили қабул будани истифодаи донишҳо мебошад, пас шаклгирии робитаҳо байни унсурҳои мазмун бояд ба таври ҳаммаъно ҳамчун заминаи муваффақиятноки ноилшавӣ ба ин натиҷа баррасӣ шавад.

Л.Я. Зорина ба таври озмоишӣ исбот кардааст, ки «танзим ба дарку андарёфти донишҳо дар сохтори муайян таълимгирандаро ба ифодаи масъалаҳое, ки барои онҳо ӯ бояд ҷавобро дар сарчашмаҳои гуногун ҷустуҷӯ кунад, ба баррасии мунаққидонаи иттилооти нав оварда мерасонад. Ҳамаи ин унсурҳои зарурии тафаккури эҷодӣ буда, ба шавқу ҳаваси хонандагон ба илм таъсири мусбат мерасонанд» [3, с. 46]. Ҳамин тариқ, низомнокии донишҳо сифатҳои тафаккур ва тамюлҳои арзиширо, ки муносибати босалоҳият ба ташаккули онҳо нигаронида шудааст, таъмин менамояд.

А.В. Хуторской чунин мешуморад, ки зимни муносибати мазкур сохторбандии иттилооти таълимӣ бояд бо назардошти сохтори муайянкардашудаи салоҳиятҳои умумитаҳсилотӣ амалӣ карда шавад [15]. Дар ин ҳолат зарур аст механизми муқоисаи низоми салоҳиятнокиҳои умумитаҳсилотӣ бо низоми анъанавии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо таҳия карда шавад. Аз ибтидо маълум аст: бозсозии сохтори кӯҳна боиси гузариш ба сатҳи дигари ташкили он мегардад, ки ин имкон медиҳад сифати нав, аз одатан тасаввуршавандаи таҳсилот интизор шавад.

Ҳангоми татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим тағйир додани хусусияти сохтории натиҷаи таълим қадами масъулиятнок мебошад, аз ин рӯ аввал дар асоснокии методологии он боварӣ ҳосил кардан даркор аст. Тағйирдиҳии хусусияти сохтории натиҷаи таълим қадами масъулиятнок буда, аз ин рӯ аввал ба асоснокии методологии он боварӣ ҳосил кардан лозим аст. Бо ин мақсад зарур аст масъалаҳои рушди тасаввурот дар бораи натиҷаи таълим ва сохтори мазмуни таҳсилоти мактабӣ бо назардошти муносибатҳо ва принсипҳои муосири дидактикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Азбаски фанҳои таълимӣ аз инъиксоҳои аз ҷиҳати педагогӣ бавоситаи мазмуни асосӣ ва методҳои илмҳои дахлдор иборат мебошанд, ҳалли масъала аз ошкор намудани тағйирёбии рушди тасаввурот дар бораи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фанҳои таълимӣ ва механизми бозсозии ҷузъҳои асосҳои илмии онҳо иборат аст. Таҳлили мазкур аз ҷониби В.С. Стёпин ва Л.Д. Кудрявтсев ба иҷро расидааст.

А.С. Стёпин [9] таъкид мекунад, ки илми классикӣ ба дониш дар бораи объект нигаронида шуда, илми ғайриклассикӣ «робитаро байни донишҳо дар бораи объект ва хусусияти воситаҳо ва амалиётҳои фаъолияте, ки дар объект кашф шуда, дарк мешавад», ба назар гирифта, илми ғайриклассикӣ ин маҷмӯи ҷузъҳоро бо сохторҳои арзишӣ- мақсаднок пурра месозад. Ҷузъҳои номбаршуда инъикоси худро дар сохтори салоҳиятнокӣ пайдо мекунанд. Ғайр аз он, моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим дар ҷараёни таълим ба вазъи илми муосир муносиб аст. Мақсадҳои таълим мувофиқи фармоиши иҷтимоӣ ифода ёфта, афзалият ба ҳалли вазифаҳои амалие дода мешавад, ки мубрамсозии донишҳоро аз соҳаҳои гуногуни фаннӣ талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, зарурати татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба хонандагон бо раванди рушди илм ва ҷомеа ба миён омадаст. Аз ин рӯ, масъала дар бораи зарурати тағйирдиҳии пешниҳоди натиҷаи таҳсилотӣ дуруст гузошта шудааст. Ҷавоб ба саволи «чӣ тавр инро бояд татбиқ кард» бояд бо назардошти синну соли хонандагон ва мақсаднокии педагогӣ, бидуни вайрон кардан, балки бо ёд додани чизи нав дарёфт карда шавад.

Вақте ки сухан дар бораи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим меравад, дар навбати аввал масъалаи бозсозии мазмуни таълимиро дида мебароем. Ба ибораи дигар, бозсозии донишҳо дар сатҳи

робитаҳои байнифаннӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ сохторбандии мазмуни фанҳои мактабӣ ва муайян кардани сохтори салоҳиятнокиҳо бояд бо назардошти он мақсадҳое амалӣ карда шаванд, ки пешакӣ аз ҷиҳати педагогӣ-психологӣ тарҳрезӣ ва татбиқ карда шаванд.

Фаҳмост, ки барои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим мутамарказ намудани диққати хонандагон ба равандҳои ҳамгироии байни фанҳои таълимӣ ва муайян кардани тарҳҳои муҳими ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон муҳим аст, ки маънои ташаккули донишҳои методологиро дар хонандагон дорад. К.А. Рибников қайд мекунад, «ки барои фаҳмидани методологияи илм омодагии фаннӣ, таърихӣ-илмӣ, умумитаърихӣ ва фалсафӣ зарур аст, ки онро дар тамомии ҳаҷм ва гуногунӣ дар мактаб ташаккул додан имконнопазир аст. Ташаккулдиҳии тасаввурот дар бораи донишҳои методологӣ дар мактаб зимни татбиқи маҷмӯи муносибатҳо ба мазмун – низомӣ-сохторӣ имконпазир аст» [6, 73]. Дар робита бо ин қайд намудан лозим аст, ки хонандагон бояд дар бораи маҷмӯи методҳои фанҳои таълимӣ тасаввурот дошта бошанд. Масалан:

– дарки робитаҳои байнифанние, ки дар фаъолияти гуногуни ҷомеаи инсонӣ татбиқ мешаванд;

– донистани мазмуни дастраси воқеии ин илмҳо,

– аз рӯйи имконият доштани тасаввурот дар бораи хусусиятҳои рушди ин ё он донишҳо оид ба фанҳои таълимӣ дошта бошанд.

Сатҳи баландтаринии донишҳои методологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ принсипҳои ҷаҳобинона ва тасаввуроти онҳо дар бораи аз худ намудани асосҳои илм маҳсуб мeёбанд.

Азхудкунии пурарзиши ҳар гуна дониш дар ошкор кардани сабабҳои бавуҷудоӣ ва қонунҳои рушди он асос ёфтааст. Маҳз аз ин рӯ ҳангоми таълим ҷамъбаст ва низомбандӣ кардани донишҳои хонандагон муҳим мебошад. Яке аз усулҳои методии татбиқи самти мазкур гузориши маҷмӯии масъалаҳои бо ҳамдигар алоқаманд мебошад, ки аз ҷанбаҳои гуногуни як навъ падидаи фарогирии васеъ иборат аст. Ин имкон медиҳад гуногунии робитаҳо ва муносибатҳо байни мафҳумҳои бунёдии оид ба фанҳоги таълимӣ баррасӣ шавад, ки дар натиҷа дар хонандагон тасаввуроти том дар бораи сохтор ва робитаҳои байнифанни он ташаккул мeёбад.

Ба ҳама маълум аст, ки муносибати низомнок-сохторӣ дар асли худ механизми ҳамгиросозӣ мебошад [12], ки дар ҳолати умумӣ ҳамчун «робитаи унсурҳо» муайян карда мешавад, ки низомҳои гуногун тааллуқ доранд» [4]. Дар шароити бисёрфаннӣ ҳамгирошавии илмҳо ҳамчун робитаи байни фанҳо муайян карда мешавад (Я. Марочкина, Э.С. Маркарян ва дигарон).

«Ҳамгирошавии донишҳо ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимтарини илм аз муттаҳидсозии воҳидҳои гуногуни мафҳумҳо, назарияҳо, соҳаҳои илм, тасвирҳои олам иборат мебошад». Дар ҳар як илм намудҳо ва шаклҳои ҳамгирошавиро ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз нишондиҳандаҳо ва ҳамзамон шарти муҳими «равандҳои рушдёфтаи ҳамгироии илми муосир таҳқиқотҳои маҷмӯӣ ҳисобида мешаванд». Маҷмӯият ҳамчун меъёри равандҳои ҳамгирошавии маҳсуб ёфта [80, с.99, 101, 120], ҳамчун омӯзиши фан «дар тамомият ва мушаххасияти ибтидоии он» таъриф карда мешавад. Ба назари мо, татбиқи муносибати босалоҳият, ки ба ташаккули ягонагии донишҳо нигаронида шудааст, бояд дар шароити зерин амалӣ карда шавад:

– тарҳрезии гузориши маҷмӯии масъалаҳои бо ҳам алоқаманд, ки ҷанбаҳои махталифи як навъ падида, раванд ё хосияти объектро инъикос мекунанд;

– шкор кардани маҷмӯи мафҳумҳое, ки дар асоси тавсифи ҳар яке аз масъалаҳо қарор гирифтаанд;

– баррасии бисёрҷанбаи низомноки мафҳумҳои муайян кардашуда бо мақсади муқаррарсозии робитаҳои байни онҳо;

– ҳалли низоми вазифаҳо дар шумораи калони мафҳумҳо ва робитаҳои муайян кардашуда.

Муҳимияти дидактикии гузориши маҷмӯии масъалаҳо барои ташааккули салоҳиятнокиҳои умумитаҳсилотии калидӣ ва байнифанӣ аз имконияти вусъатёбандаи низомбандии робитаҳои гуногун байни мафҳумҳои алоҳида ва маҷмӯъҳои гуногуни онҳо иборат аст, то дарки робитаҳои байни мафҳумҳо ба хонандагон имкон диҳад ба дарки илмии ҳодисаҳои баамаломада сарфаҳм раванд.

Ташаккулёбии донишҳои илман асоснок дар раванди азхудкунии мафҳумҳои таҷрибавӣ ва назариявӣ аз ҷониби хонандагон сурат мегирад. Маънои мафҳумҳои таҷрибавӣ ҷамъбасти фикрҳои махсус – объектҳои муҳиме мебошанд, ки дорои маҷмӯи собитшуда ва маҳдуди нишонаҳо мебошанд. Маънои мафҳумҳои назариявӣ объектҳои назариявии идеалӣ-мантиқии воқеият мебошанд. Чунин фаҳмиши ҷамъбастшудаи маънохои мафҳумҳои таҷрибавӣ ва назариявиро зимни омӯзиши объектҳо дар рушди таърихии он мушаххас кардан мумкин аст. В.А. Стёпин қайд мекунад, ки дар ҳар як навъи фарҳанг сохтори хоси давраи ташаккули образҳои айёнии шуур – низоми гуногунҷабҳаи ҷаҳонбинӣ кашф мешавад, ки дар забон ва тафаккури халқ инъикос мeёбанд.

П.Я. Галперин, табиати психологии ангезаи таълимиро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулоса омадааст, ки ангеза танҳо вақте ба вуҷуд меояд, ки шахс масъулиятнокиро ба зиммаи худ мегирад [1, с. 383]. Ҳалли дурусти масъалаи ташаккули ангезаи таълимӣ дар сатҳи тарбияи ахлоқӣ қарор дорад, ки бо ҷаҳонбинӣ ва муҳити атрофи кӯдак – оила, шахсияти омӯзгор, муошират бо ҳамсолон, муҳити

иттилотӣ робитаи танг дорад. Шахсияти дурахшони омӯзгор, ки ба шогирд бо ибрати худ таъсир мерасонад, аксар вақт қодир аст ӯро аз пайи худ бурда, баъзан, яке аз омилҳои ҳалкунанда дар раванди тарбияи ахлоқӣ ва, чун натиҷа, ташаккули ангезаи таълимӣ ба шумор меравад. Дар кори мазкур бо кумаки меъёри мазкур мо на раванди ташаккули ангезаи таълимӣ, ки бо занҷираи «ҷаҳонбинӣ – арзишҳо – ангеза» тавсиф мeёбад, балки натиҷаи таълим – мавҷудияти ангезаи таълимиро аз тариқи зуҳуроти сифатии он – матонат дар бартараф кардани душвориҳо зимни азхудкунии мазмуни таълимӣ, хоҳиши васеъ кардани доираи назари худ дар соҳаи додашудаи таҳсилотӣ, мароқ ба фаъолияти таҳқиқотӣ қайд мекунем.

Зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва бо назардошти хусусияти хоси ин раванд мо низоми салоҳиятнокиҳоеро, ки салоҳиятнокиҳои калидиро дар бар мегиранд, фарқгузорӣ мекунем:

– **методологӣ** – асосҳои низомнокии фаъолиятро аз рӯйи мураттабсозии зинанизомии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, усулҳои фаъолиятнокӣ, методҳо, робитаи ҷаҳонбинӣ ва маърифат, маънoҳои арзиширо дар бар мегирад;

– **таҳқиқотӣ** – гузориши ҳадафҳоро дар вазъияти номуайянӣ, тафсири натиҷаро дар бар мегирад.

**Салоҳиятнокиҳои байнифаннӣ:**

– **алгоритмӣ** – фаъолиятро аз рӯйи нақшаи маълум, аз ҷумла фаъолияти лоиҳавиро танзим мекунад;

– **пешбиникунанда** – фарзияҳоро оид ба нақшаи имконпазири фаъолият дар бар мегирад, ки бо назардошти ҳадафҳои таҳқиқот, арзёбиҳои гуногуни параметҳои объекти таҳқиқот ифода ёфтаанд;

– **аёнӣ** – амсилавӣ-тарҳрезии амсилаҳои гуногуни объекти таҳқиқот.

Салоҳиятнокиҳои номбаршуда ҳамчун ҷамъбастҳои **салоҳиятнокиҳои фаннӣ** ташаккул мeёбанд, ки донишҳои иҷтимоӣ- фанниро дар бораи хосиятҳои объектҳои таҳқиқот, муносибатҳои онҳо бо объектҳои дигар, маҷмӯъҳои амалиётҳои иҷрошаванда аз болои объектҳои таҳқиқот, маҳорати амалисозии онҳоро инъикос мекунанд.

Мо дар он ақида ҳастем, ки маҷмӯи номбаршудаи салоҳиятнокиҳо низомро ташаккул медиҳанд. Аввалан, пуррагӣ (кифоягӣ)-и низоми салоҳиятнокиҳо бо муттаҳидсозии се сатҳи маърифат ба даст меояд: донишҳо дар бораи объектҳои таҳқиқот, усулҳои фаъолият (охирӣ ба мазмуни салоҳиятнокии методологӣ мансуб аст). Дуюм, ғайриихтилофнокии низом бо он таъмин карда мешавад, ки онҳо дар асоси мафҳумӣ бунёд ёфтаанд.

Мустақилияти низоми салоҳиятнокиҳо бо он шарҳ мeёбад, ки салоҳиятнокиҳои сатҳи баланд ҳамчун натиҷаи ҷамъбасти салоҳиятнокиҳои сатҳи паст дар натиҷаи фаъолияти махсус ташкилшудаи фаъолият дар соҳаи байнифаннӣ баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ салоҳиятнокии сатҳи олиро ҳамчун маҷмӯи салоҳиятнокиҳои сатҳи паст баровардан номумкин аст. Пурракунандагии мутақобилаи соҳаи салоҳиятнокиҳо дар раванди маърифат имконнопазирии ташаккул додани як салоҳиятнокиро дар раванди ташаккули салоҳиятнокии дигари («дар қаъри он») ҳамон сатҳ тавзеҳ медиҳад. Ғайр аз ин, салоҳиятнокии сатҳи олӣ бояд ҳамчун синтези салоҳиятнокиҳои сатҳи паст баррасӣ шавад, зеро дар зуҳури он сифати нави донишҳо ва хусусияти фаъолият зоҳир мешавад, ки ин зуҳури хосияти низомнокии маҷмӯи мавриди баррасии салоҳиятнокиҳо мебошад.

Слоҳиятнокиҳои номбаршуда, аз як тараф, дорои хусусиятҳои хос нисбати якдигар буда, аз тарафи дигар – «ба таркиби» салоҳиятнокии калидии методологӣ «дохил мешаванд», ки аз ҷониби мо ҳамчун баромадани хонанда ба сатҳи нави дарку андарёфти мазмуни фанҳои таълимӣ ва ба низомдарории онҳо фаҳмида мешавад. Вобаста ба ҳадафҳои дидактикӣ) таъкидҳоро ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккули ин салоҳиятнокӣ интиқол додан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки ҳадафҳои анъанавии таълим – таълимдиҳанда, рушддиҳанда, амалӣ, тарбиявӣ зимни муносибати босалоҳият ба таълим аз байн нарафта, онҳо мувофиқи сохтори салоҳиятнокиҳо ифода мешаванд.

Сохтор ва мазмуни салоҳиятнокиҳо низоми талаботро ба натиҷаи таҳсилот – меъёрҳои ташаккулёфтаи салоҳиятҳои умумитаҳсилотӣ муайян мекунанд. Барои ин низоми нави донишҳо бояд бо маҷмӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ тавсиф карда шавад, ки ҳар якеи онҳоро ҳамчун нишондиҳандаи ноилшавӣ ба натиҷаи мушаххас баррасӣ кардан мумкин аст. Мо меъёрҳои ҳавасмандӣ – талаботӣ, маърифатӣ – амалиётӣ, танзимӣ-фаъолиятии азхудкунии салоҳиятнокиҳо ва нишондиҳандаҳои онҳо: муносибатҳои ҷаҳонбинона, ангезаҳо, маънoҳои таҳсилотӣ; тасаввуроти ба таври муназзам мураттабшуда дар бораи тасвири олам, мафҳумҳо ва методҳои мавриди омӯзиш; маҳоратҳои ба низом даровардани мафҳумҳо ва методҳо, ҳал кардани вазифаҳои таълимиро фарқгузорӣ мекунем.

Муносибати низомӣ-сохторӣ имкон медиҳад зеринҳо амалӣ карда шаванд:

– интихоб ва сохторбандии мазмун бо такя ба сохтори методи амсиласозӣ, ки сохтори асосии мазмуни таълимиро муайян мекунад:

– низоми салоҳиятҳо, ки имкон медиҳад мувофиқи сохтори интихобшуда мазмуни мушаххас интихоб карда шавад;

– назарияи таълими низоми зинавӣ ва робитаҳои мутақобиларо дар дохили мазмуни мушаххас муқаррар месозад;

– омӯзиши объектҳои мазмун дар раванди таҳқиқотҳои маҷмӯӣ, ки ба як қатор шартҳо ҷавобгӯ мебошанд:

– амалисозии гузориши маҷмӯии масъалаҳои ба ҳамдигар алоқаманд, ки ҷанбаҳои гуногуни як навъ падида ё хосияти объектро инъикос мекунанд;

– ошкор кардани маҷмӯъҳои мафҳумҳое, ки дар асоси тавсифи ҳар яке аз масъалаҳо қарор доранд;

– баррасии бисёрҷанбаи низомноки мафҳумҳои ҷудо кардашуда бо мақсади муқаррарсозии робитаҳо байни онҳо;

– ҳалли низоми вазифаҳо дар маҷмӯи мафҳумҳо ва робитаҳои аз ҷониби мо ҷудо кардашуда.

Ҳамин тавр, Бо назардошти намудҳои асосии фаъолият дар раванди амсиласозии математикӣ, низомеро ҷудо кардан мумкин аст, ки салоҳиятнокиҳои калидӣ: методологӣ, таҳқиқотӣ, пешбиникунанда; салоҳиятнокиҳои байнифаннӣ: аёнӣ – асмилавӣ, алгоритмӣ; салоҳияти фанни математикӣ: ҳисоббарориро дар бар мегирад.

Андешаҳе, ки дар боло зикр шудаанд, дар таҷриба омӯхта шуда, ба самти интихоби принсипҳои асосии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ишора мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Гальперин, П.Я. Лекции по психологии:Учебное пособие для студентов вузов [Текст] / П.Я.Гальперин. – М.: Книжный дом «Университет»: Высшая школа, 2002. – 400 с.
2. Зеньковский, В. В. Педагогика [Текст] /В.В.Зеньковский. – Клин: Фонд «Христианская жизнь», 2002.
3. Зорина, Л.Я.Системность – качество знаний [Текст] /. М., «Знание», 1976. - 64 с.
4. Леонтович, А.В. О реализации концепции профильного обучения в старшей школе на основе интеграции учреждений общего и дополнительного образования [Текст]/. – http://researcher.ru/methodics/teor/axitjz.html.
5. Муносибати босалоҳият ба таълим (Дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев, – Душанбе: «Ирфон», 2018.– 72 с.
6. Мухторӣ Қ., Сафин Д.В., Кабиров Н.. Умаров У., Садурдинов Х., Наҷмиддинов А., Ҳалимов А. Татбиқи муносибати босалоҳиятдар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ/Дастури таълимӣ-методӣ. –Душанбе, 2018. –41 с.
7. Рыбников, К.А. История математики: Учебник [Текст] /К.А.Рыбников. – М.: Изд-во МГУ, 1994. – 496 с.
8. Сауров, Ю.А. Вступление к статье Соколовой Н.В. Проблема освоения школьниками метода научного познания [Текст] / Ю.А. Сауров Вступление // Физика в школе. – 2007. – №6. – с. 7– 17.
9. Стёпин, В.С. Становление научной теории (Содержательные аспекты строения и генезиса теоретических знаний физики.) [Текст] / В.С. Стёпин. – Мн., Изд-во БГУ, 1976. – 320 с.
10. Смирнов, С.А. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии: учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений [Текст] / С.А. Смирнов, И.Б.Котова, Е.Н.Шиянов, Т.И.Бабаева и др.; Под ред. С.А.Смирнова. – М.: Издательский центр «Академия», 1998. – 512 с.
11. Соколова, Н.В. Проблема освоения школьниками метода научного познания [Текст] / Н.В. Соколова // Физика в школе. – 2007. – №6. – С. 7– 17.
12. Ставская, Н.Р. Философские вопросы развития современной науки [Текст] / Н.Р. Ставская. М., 1974.
13.Сухомлинский В.А. О воспитании: Золотой фонд педагогики [Текст] / Сост. Д.И.Латышина: – М.: Школьная Пресса, 2003. – 192 с. («Воспитание школьников. Библиотека журнала». Вып. 37)
14.Тестов, В.А. Стратегия обучения математике [Текст] / В.А. Тестов. – М.: Технологическая Школа Бизнеса, 1999. – 304 с.
15. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты [Текст] / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». – 2002. – 23 апреля. http://www.eidos.iu/journal/2002/0423.htm.


## НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ОСУЩЕСТВЛЕНИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ


*В статье рассматриваются методологические основы осуществления моделирования компетентностного подхода к обучению. В качестве методологических основ осуществления моделирования компетентностного подхода к обучению рассматривается единство личностно-деятельностного, структурно-системного подхода. В связи с этим, подчёркивается, что структурно-системный подход к содержанию образования является необходимым, так как в связи с недостатком знаний и возрастных особенностей учащихся средних образовательных учреждениях невозможно осуществить данный подход в полной мере.*

*С этой целью необходимо пересмотреть вопросы развития представлений о результатах обучения и структуры содержания образования с учётом современных подходов и дидактических принципов.*



***Ключевые слова:*** *образование, компетентный подход к обучению, образовательный контент, структурно-конструкционный, методология, общеобразовательные компетенции.*

**SOME THOUGHTS ABOUT IMPLEMENTATION COMPETENCE APPROACH TO TRAINING**

*The article discusses the methodological foundations of modeling a competency-based approach to training. The unity of the personality-activity, structural-system approach is considered as the methodological foundations of the modeling of the competence-based approach to learning. In this regard, it is emphasized that a structural-systemic approach to the content of education is necessary, since due to the lack of knowledge and age characteristics of students in secondary educational institutions, it is impossible to fully implement this approach.*

*To this end, it is necessary to revise the development of ideas about learning outcomes and the structure of the content of education, taking into account modern approaches and didactic principles.*

***Key words:*** *education, competent approach to learning, educational content, structural and constructional, methodology, general educational competencies.*

***Сведение об авторе:***

***Мадатзода Манзура Тоджиддин** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ – 121.*

***Тел:** (+992) 987922200*

***About the author:***

***Madatzoda Manzura Tojiddin-** Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Dushanbe city, Rudaki avenue - 121. Tel: (+992) 987922200*

## ҲАМБАСТАГИИ ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМ ВА МУҲИММИЯТИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ЗЕҲНИИ ДОНИШҶӮЁН

***Саидов Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

***Кассиров Ш.Н.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Инкишофи донишҳои зеҳнӣ ва рушди ҷавонӣ бо ташаккулёбии шахсӣ ҳамбастагии зич дорад. Чуноне, ки А.В. Толстих зикр мекунад, мақсади асосии ҷавонон ин ба роҳ мондани худинкишофдиҳии шахсӣ мебошад[7].

Донишҳои зеҳнӣ, малака ва маҳорати донишҷӯён яке аз авлавиятҳои (приориотет)-и соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки он дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ишора шудааст, ки «Сифат ва самаранокии дониш, маҳорату малакаҳо тарбияи ҳаматарафаи насли беҳтарин, натиҷаи рушт ва пешрафти низоми маорифи ҳаргуна кишвараст» [2, с.94].

Дар ташакули донишҳои зеҳнии донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ дарс нақши асосиро мебозад. Аз дарс то дарс донишҷӯён донишҳои нав меандузанд. Донишҳои андухташуда оё системаи донишҳоро ташкил медиҳанд? Ин танҳо аз донишҷӯ ва қобилияти фардии он вобаста мебошад. Вобаста ба ин, дар назди ҳар муаллими фанни алоҳида ҷиҳати ба нақша гирифтани системаи дарсҳо вазифаҳои муҳим меистанд. Системаи дарсҳо дар курси таълимӣ бояд мазмуни онро кушода диҳад ва бояд натиҷаҳои ниҳоӣ маҳз ба он нигаронида шавад, ки таълимгирандагон аз рӯи фанни мазкури таълимӣ системаи донишҳоро аз бар намоянд. Талаб карда мешавад, ки натанҳо супоришҳо оид ба аз худ намудани ҷамъбасти маводи таълимӣ саҳеҳ интихоб ва ба нақша гирифта шавад, инчунин, ба фаъолияти хонандагону донишҷӯён дар соҳаи ташаккули донишҳои зеҳнӣ маҳорату малакаҳо бо чашми кордонӣ ва аз нуқтаи назари методӣ дуруст роҳбарӣ карда шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дарс ҳар қадар пур мазмун бошад, қобилияти эҷодии шогирдон, фаъолияту ташабускории онҳоро ҳамонқадар ривоҷ дода, дар ҳалли проблемаҳо дарки мустақилият ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, «Амали мутақобилаи ҳамаи муаллимони фанҳои алоҳида ва робитаи байни тамоми дарсҳо бисёр муҳим аст. Дар ҷараёни дарс амалӣ гардонидани алоқаи байни фанҳо шароит муҳайё менамояд, ки донишҷӯён донишҳои андухтаашонро дар вазъияти мухталифи таълимӣ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатию ҷамъиятӣ фаъолона тадбиқ намоянд ва ба ин васила барои фаъолияти ҳаётӣ пайдо кардани донишҳояшон бикушанд» [3].

Пайвастагии пурраи машғулиятҳои таълимӣ ба самаранокии ҷараёни таълим таъсиррасон мебошад. Дар педагогика онҳоро омилҳое меноманд, ки дар маҷмӯъ шароитро ташкил медиҳанд. Аз рӯи андешаронии И.П. Подласов натиҷаоварии раванди педагогӣ ба омилҳо ва шароити гуногуни ташкили таълим вобастааст, бинобар ин онҳоро аксаран маҳсулофар, ё худ заминаи ташаккули донишҳои зеҳнӣ меноманд. Албатта дар натиҷаи машғулиятҳои гуногун таълимӣ фаъолнокии донишҷӯён ба вуҷуд омада, ҳавасмандгардонии онҳо ҷиҳати донишандӯзӣ зиёд мегардад[1, с.60].

Гузаронидани машғулиятҳои гуногуни факултативию иловагӣ, саёҳатҳо (экскурсияҳо), семинарҳо, конфронсҳо, таҷрибаомӯзӣ (дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ) ва ғайра дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ аҳамияти калон дорад. Ин шаклҳои кори таълимӣ, ки қисми таркибии нақшаҳои таълимӣ мебошад, тахти роҳбарии муаллим алоқамандона бо дарсҳо гузаронида шуда, кори таълимиро пурра ва рангин мегардонад. Дар он ҷойҳое, ки чунин шаклҳои таълимӣ на аҳиёнан, балки мунтазам истифода мешаванд, самараи хуб мебахшад. Ин имкониятҳо заминаи самаранокии ҷараёни таълим мегарданд.

Марбут ба ин масоил академик М. Лутфуллозода ибрози андеша намудааст, ки «Таълим меҳнатест, ки фикрро талаб мекунад. Диққати бачаҳо ҳамон вақт устувор мегардад, қавва мегирад, ки агар дар иҷрои ҳамин меҳнат ақл фаъолият нишон дода бошад. Дар он сурат на танҳо самаранокии меҳнат таъмин карда мешавад инчунин худи ҷараёни меҳнат ба равнақу ривоҷи ақл кумак мерасонад» [4, с.117].

Аз таҳлил ва андешаҳои олимони соҳа бар меояд, ки шаклҳои гуногуни таълим ва ҳамбастагии онҳо метавонад дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ таъсири хосса гузошта, ҳар як машғулияти таълимӣ дар нақшаҳои таълим вобаста ба муҳиммияташон ҷой карда шудааст.

Дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҷой дода шуда, вобаста ба ихтисос тулли таҳсил донишҷӯ бояд як чанд намуди таҷрибаомӯзӣ: таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломиро гузарад. Таҷрибаомӯзӣ таълимӣ, асоссан, дар заминаи кафедраи тахассусӣ дар худи ҳамон муасссаи таълимӣ мегузарад. Аз ҳисоби устодони пешбар ё худ кафедраҳои тахассусӣ роҳбари таҷрибаомӯзӣ таъин карда мешавад, ки тибқи талабот вай бояд дар доираи салоҳияташ вазифаҳоро иҷро ва донишҷӯёнро роҳбаладӣ намояд. Таҷрибаомӯзӣ, ки як ҷузъи таркибии нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад, ба донишҳои зеҳнии донишҷӯён таъсири мусби расонида интегратсияи донишҳои андухташудаи фанҳои тадрисшавандаро ба истеҳсолот ва тибқи он дар ҳаёт амалӣ месозанд.

Саёҳатҳои таълимӣ (экскурсияҳо) идомаи омӯзиш ва ҷамъбастнамоии маводи таълимӣ тавассути муоинаҳои амалии ашёҳо ва ҳодисаҳои гуногун мебошад. Саёҳатҳо (экскурсияҳо) имкон медиҳанд, ки вазифаҳои дидактикии аёният, алоқамандии назария ба амалия татбиқ карда шуда, донишҳои зеҳнии амалӣ, маҳорату малакаи хонанадагон ташаккул ва ривоҷ дода шавад. Ин шаклҳои кори таълимӣ ҳангоми омӯхтани мавзӯҳо ва фаслҳои алоҳидаи барномаи фанҳои биология, география, адабиёт ва ғайра истифода шуда метавонанд. Экскурсияҳои истеҳсолиро пайваста дар омӯзиши фанҳои иқтисодиёт, математика, физика, химия амалӣ бояд намуд. Экскурсияҳо имкон медиҳад, ки паҳлӯҳои гуногуни фанҳои гуногун омӯхта, маводи ҳаҷман калони таълимӣ ҷамъбаст карда шавад.

Дар асоси натиҷаҳои экскурсияҳо мебояд семинар, конфронсияи илмию амалӣ ва ё дароси ҷамъбастӣ гузаронида шавад, ки он моҳияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошад.

Дигар шакли ташаккули донишҳои зеҳниӣ дар ҷараёни таҳсил конференсияи таълимӣ мебошад, ки баъди омӯхтани мавзӯи калон ё фасл гузаронида мешавад. Дар он донишҷӯён ширкат варзида метавонанд. Саволҳоеро, ки ба муҳокима гузошта мешавад, ба хонандагон қаблан тақсим карда додан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки онҳо дар атрофи проблемаҳои гузошташуда мулоҳиза намояд. Ба муҳокимаи онҳо тайёрӣ бинанд. Дар чунин конференсияҳо барои тавсияи ҳисси ташаббускории донишҷӯён аз рӯи масъалаҳои гуногун баромадҳо тайёр кардан мумкин аст.

Иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ яке аз шаклҳои судбахши идрок, амиқгардонӣ, ҷамъбасту муракабсозии донишҳои зеҳнӣ ва маҳорату малака мебошад. Кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияту фикрии онҳоро беҳтар намуда, мустақилӣ ва ҳисси масъулияти онҳоро бештар мегардонад.

Семинари ҷамъбастӣ дар системаи тадбирҳои таълимию тарбиявӣ ҳамон зинаест, ки имкон медиҳад, вазифаи инкишоф додани фаъолияти идрокии донишҷӯён бештару судбахштар ҳал карда шавад. Агар дарс асосан, василаи фаъолона идора намудани ҷараёни идроки ахбори баёншаванда бошад, машғулияти семинарӣ дарки фардии илмӣ ва ба дониш ҷалб намудани донишҷӯён мебошад. Ин машғулияти таълимӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки натанҳо ба рафти донишандӯзии донишҷӯён назорат бурда метавонад, ҳамчунин муқоисаи ақидаҳо ва муҳокимарониҳои онҳоро дар асоси ҷаҳонбинии том ва мавқеи фаъолонаи ҳаёти хонандагон ташаккул медиҳад.

Машғулияти семинарӣ дар худ вазифаҳои семинари мубоҳисавӣ, семинари рефеативӣ ва семинар-конференсияро ба ҳам мутаҳид месозад.

Семинар чун қоида, якчанд вазъи баҳсноки мубоҳисавиро дорост. Дар семинар муҳити рағбатдорию ҳавасмандӣ, ҷустуҷуи эмотсионалию эҷодиро ба вуҷуд овардан зарур аст, зеро танҳо дар чунин вазъият мавқеи шахсии донишҷӯён дар масъалаҳои мавриди муҳокима муайян гардида, донишҳои аз рӯи фанҳои таълимӣ ҳосилкарда ба эътиқод мубадал мешаванд. Барои ба ин ноил шудан, методҳои гуногуни фаъолгардонии донишҷӯёнро узван бо ҳам алоқаманд кардан лозим аст. Ҳангоми истифодаи ҳамаи шаклу методҳои гузаронидани семинар танҳо дар сурате ба фаъолии ҳақиқии донишҷӯён ноил шудан мумкин аст, ки агар муаллим онҳоро бовар кунонад, ки мақсади умдаи семинар ҷамъбасту амиқгардонии дониш, дарки ҳақиқатҳои нав, ташаккули ҷаҳонбинии томи илмӣ

аст. Зимни чунин муносибат дар ниҳояти кор байни донишҷӯёну муаллим муҳити психологии боварӣ ба вуҷуд овардан муяссар мешавад ва донишҷӯён ба масъалаҳои мавриди муҳокима ҳавасманд мегарданд, инчунин дар муҳокима онҳо шахсан ширкат меварзанд. Дар байни методҳои гузаронидани машғулияти семинарӣ методҳои зерин - методи саволу ҷавоб, муҳокимаи рефератҳо, методи конференсияи назариявӣ, суҳбат ва мубоҳисаҳои эҷодӣ ва ғайра афзалтаранд.

Чунин методҳои таълим дар семинарҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки исбот кардани ҳақонияти мавқеи худро ёд гиранд. Чунон ки таҷрибаи бисёр муаллимон нишон медиҳад, гузаронидани машғулиятҳои семинарҳои махсуси ҷамъбастӣ имкон медиҳад, ба он муваффақ шаванд, ки донишҷӯён проблемаҳои гуногуни илми муосирро бебокона ва бо далелу санадҳо муҳокима кунанд.

Дар семинар маърӯза ҷавобӣ кардан бо мақсади муқобил гузоштани нуқтаи назар дар ҳалли ин ё он вазъи проблемавӣ яке аз усулҳои аз худ намудани донишҳои зеҳнӣ мебошад. Ин усул дар он ҳолате махсусан судбахш аст, ки агар доир ба проблемаҳои мавриди муҳокима дар адабиёт фикрҳои мухталиф вуҷуд дошта бошад. Маърӯза ва маърӯзаи ҷавобиро бо тиққати тамом тайёр кардан лозим аст, то ки нуқтаҳои дар онҳо баёншаванда, на танҳо тафаккури ҷустӯию эҷодии донишҷӯёнро дар назар дошта бошад, балки ҳамчунин онҳоро ба хулосаҳои дуруст оварда, аз доираи омӯзиши барномаҳои маводи таълимӣ нараванд.

Масалан, агар яке аз маърӯзаҳо дар мавзӯи рад намудани тафаккури одамӣ дар ҳар навъ мошинҳои кибернетикӣ ифода шавад, маърӯзаи диагар бояд ба он маъно тартиб дода шавад, ки дар оянда чунин мошинҳоро офаридан ба ҳар ҳол имконпазир аст. Дар чунин ҳолат бешак имкон дорад, ки доир ба масъала баҳсу толоши зиёде сурат гирад ва хусусиятҳои донишҳои зеҳнӣ ташаккул ёбад. Мубоҳисаро аз рӯи як проблема дар чандин самт ба роҳ мондану инкишоф додан мумкин аст, ки интихоби самт ва интихоби баҳс аз машғулияти семинар вобаста аст. Бо назардошти он ки моҷарои баҳсро беихтиёр ба сӯи самт кашем, муаллимро мебояд, ки онро субективона интихоб намуда, беҳтар ва судбахштар равона созад. Шавқу ҳаваси пайдошудаи донишҷӯёнро ба ягон масоиле роҳандозӣ намудан мумкин аст, ки баҳс аз ибтидо оғоз шавад. Барои ин ба ҷараёнҳои гуногуни рафти баҳс омода будан зарур аст. Албатта, ҳамаи инро пешбини кардан душвор аст, аммо агар муаллим қаблан ба мубоҳиса хуб тайёр шуда, як қатор навъҳои онро таҳлил карда бошад, вай дар раванди семинар худро озод ҳис намуда, ба баҳсу мунозира ба дурустӣ роҳбарӣ мекунад, дилпурона вариантҳоро пешкаш менамояд.

Ҳамчунин, барои сарварӣ ба баҳси мубоҳисавӣ боз як паҳлуи дигари масъала муҳиммияти хосса дорад. Ба як масоили таълим аз меъёр зиёд мутаваҷҷеҳ сохтани донишҷӯён қатъи назар аз муҳим будани масъала амали нодуруст аст. Дар чунин сурат ҷараёни рушти равонии тафаккури эҷодӣ мушкил мегардад. Ичунин, ба гуфту гузорҳои умумии ғайри мушаххас набояд роҳ дод. Барои он ки таносуби байни ду тамоили зикршуда халалдор нагардад, санъати баланди сарварӣ лозим аст, то ки ба кайфияти донишҷӯён баҳои саҳҳеҳ дода шавад.. Муаллиме, ки фақат нутқи муқаддимавию хотимавиро вазифаи худ медонаду дар давоми вақти боқимонда сухангуиҳои донишҷӯёнро бепарвоёна муоина мекунад, дар офариниши вазъи проблемавӣ ба натиҷаи матлуб муваффақ нахоҳад шуд.

Идора кардани вазъи проблемавӣ талаб мекунад, ки дар назди донишҷӯён як силсила саволҳо гузошта шавад. Аз ин ҷо, муҳим аст дарк шавад, ки вазъи проблемавӣ ҳамчун усули методӣ аз методи саволу ҷавоб фарқ мекунад. Методи саволу ҷавоб робитаи дохилии байни саволҳоро дар назар надорад. Чунин робита мавҷуд бошад ҳам, ба ҳар ҳол дар назар дошта намешавад ва баъди баъзе саволҳо худи донишҷӯён ба муаллим ва яке ба дигаре ба саволдиҳӣ медароянд. Дар асоси чунин метод тафаккури ҷустуҷӯию эҷодӣ ривоҷ меёбад. Зимни ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ саволҳо маҳз ба тариқ ва нияте муратаб мегарданд, ки боиси муҳокимаи фаъолонаи эҷодӣ, баҳсу мунозира зинда шавад. Бо ин гуфтанӣ нест, ки дар машғулиятҳои семинарӣ методи саволу ҷавобро тадбиқ кардан мумкин нест. Ҳангоми кор ба ин метод лозим мешавад ҷиҳатҳои дуюминдараҷаи ҷузъӣ, вале барои ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ муҳимро фарқ бояд кард [6].

Мубоҳисаи дар семинар ба вуҷудомада ду ҷиҳат доштанаш мумкин: яке аз он донишҷӯён худ ҳалли масъаларо меёбанд ва дигар он ки худи муаллим дар нутқи хотимавӣ онро баён мекунад. Ҳарду вариант ҳусну қурби худро доранд. Ҳалли мустақилонаи проблема бо қувва ва имконияти эҷодии донишҷӯ як навъ қаноатмандӣ мебахшад. Аммо ин, аксаран ҳангми ҳалли проблемаҳои нисбатан осон воқеъ мегардад. Зоҳиран тафаккури хонандагон танҳо дар рафти дучур омадан ба душвориҳои зиёд сайқал меёбад. Бо ҳар роҳу восита аз ҷониби донишҷӯён мустақилона ҳал кардани проблемаи мавриди муҳокима қароргирифтаро муясар шудан чунин маъно дорад, ки донишҷӯён ба ҷои фаъолтар шудан, баракс пасив шудаанд. Чунин мубориза барои ҳалли «мустақилона» аз фаъолӣ дида бештар донишҷӯёнро пасивтар мегардонад. Агар яқин гардад, ки донишҷӯён аз ӯҳдаи ҳалли як проблемаи содда ҳам бошад, мустақилона намебароянд, беҳтар аст худи муаллим ҳалли проблемаро баён намояд ва чунон ки зимни дарс воқеъ мешавад, ба ширкати фикрии онҳо такя намояд. Баробари ҳамин,

методи ҳалли чунин проблемаҳоро баён намуда, хатоҳои донишҷӯёнро, ки боиси нокомӣ шудаанд таҳлил кунад. Дар анҷоми баҳс муаллим бояд лаҳзаҳои психологии зеринро ба инобат гирад:

Якум, идома додани баҳс тонҳо то он даме маъно дорад, ки тамоми далелу санадҳо пурра истифода нашуда бошанд. Мубоҳиса қабл аз ҳама барои он лозим аст, ки донишҷӯён ҳамаи маводи гузаштаро аз рӯи масъалаи мазкур ба ёд оварда ба кор баранд.

Дуюм, дар рафти дуруст ба роҳ мондани кор баҳсу мунозира бояд авҷ гирифта, дар лаҳзаи анҷом шидати он ба нуқтаи олӣ расад. Барои вусъат додани баҳс мавҷуд будани вақту фурсат имконияти муҳим мебошад. Агар мавзӯҳои алоҳида бо ягон сабаб ба муаллим фаҳмо набошад. Ва дар шакли мухтасар баррасӣ шаванд, гумон аст, ки аз рӯи ду-се масъала баҳсро идома дода ба мақсад расидан мумкин бошад. Ниҳоят дарачаи гуногуни тайёрии донишҷӯёнро ба эътибор нагирифтан мумкин нест. Аз ин рӯ, муаллим бояд дар семинар вазъи проблемавӣ ба вуҷуд овардани имкониятҳои мушаххаси синф, бахсус донишҷӯёни алоҳидаро ба инобат гирад. Бо баъзе донишҷӯён қариб дар ҳар дарс самарабахш баҳс кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи дигар бошад, як қисми семинарро дар шакли саволу ҷавоб ба мақсад мувофиқ аст. Баҳсро бошад, танҳо аз рӯи як чанд проблемаи курс ба роҳ мондан беҳтар аст. Дар сурати ба машғулият тайёр набудани донишҷӯёни хубхон, дар сурате, ки онҳо ба ин проблема дар ин лаҳза хуб шинос нестанд, то ки муҳокимаи ҳамаҷонибаи он проблемаро таъмин намоянд, аз онҳо пурсидану ба суолҳои онҳо ҷавоб гуфтан муфид аст.

Мубоҳиса яке аз маъмултарин шакли машғулияти таълимӣ буда, аз рӯи ҳар фан гузаронидани он муфид аст. Мубоҳиса гуфта, одатан баҳси шифоҳиро мефаҳманд. Дар хусуси мубоҳиса сухан ронда, гоҳҳо характери равшан ифодаёфтаи проблемавию алтернативии онро таъкид менамоянд, ки ба дарки табиати дохилии зидиятноки объекти муҳокима кумак мекунад.

Мубоҳиса дар баробари ҷиҳатҳои хуб доштанаш баъзе ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Масалан: аввал чун қоида ба қисми хотимавии он вақт намерасад. Барои комилан яқин сохтани масъала фурсат намерасад, ки ин хоси мубоҳиса мебошад. Дуюм, семинари мубоҳисавӣ тафтиши конспекти маъхазҳоро душвор мегардонад. Сеюм, тайёр кардани семинари мубоҳисавӣ бисёр вақту заҳматро талаб мекунад. Аз ҳамин рӯ, соле одатан дар ҳар курс гузаронидани 3-4 мубоҳиса муясар мегардаду халос. Чорум, нисбат ба дигар навъҳои фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар рафти мубоҳиса роҳбарӣ ва назорат кардан душвортар аст.

Билохир, тазаккур бояд дод, ки тадбиқи шаклҳои мухталифи таълим маҳорати баланди педагогӣ, сарфи қувваю вақтро талаб менамояд, вале ба ивази ин заҳмати муаллим, шогирдон ба хониш шавқу рағбати калон пайдо карда, фаъолнокиашон меафзояд, дониҳои зеҳнӣ, тафаккури эҷодӣ ва эътиқоди ғоявии онҳо инкишоф меёбад. Ин аст аҳамияти ҳамбастагии шаклҳои гуногуни ташкили таълим дар рушди донишҳои зеҳнии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Давлятбоева С.А. Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш., авторе...дисс… канд. пед. наук. / С.А. Давлятбоева – Душанбе, 2021. - 168 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Текст]. - Душанбе: «Шарқи озод», 2013. - 94 с.
3. Лутфуллоев М. Дарс. / М. Лутфуллоев- Душанбе, 1995.- 93 с.
4. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. / М. Лутфуллоев – Душанбе, 2001. – 318 с.
5. Луфуллозода М., Бобизода Ғ., Андешаҳои перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. / М. Луфуллозода, Ғ.Бобизода – Душанбе, 2001. – 146 с.
6. Саидов Н.Т. Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ., авторе...дисс… канд. пед. наук. / Н.Т. Саидов – Душанбе, 2019. - 168 с
7. Толстих А.В. Возраст жизни. / А.В. Толстих - Москва, 1988. - С.150


# ИНТЕГРАЦИЯ РАЗЛИЧНЫХ ФОРМ ОБРАЗОВАНИЯ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ФОРМИРОВАНИИ СТУДЕНЧЕСКОГО ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ЗНАНИЯ


*В статье, анализ и важность уроков урока на основе характеристик сознания студентов. Авторы будут подводить из надлежащих характеристик акцентирования студентов в совпадении организации обучения с научными научными фактами, важность которых значение которой основной фактор.*

*Авторы выражают большое значение для проведения различных классов преподавателей, поездки), семинары, конференции и другие в формировании интеллектуальных знаний. Эти формы обучения, что является неотъемлемой частью учебных планов для проведения занятий под руководством преподавателей и делает полную и красочную работу.*

*В этой статье известно, что реализация различных форм обучения требует высокой квалификации педагогических, потребление силы, но в обмен на это учение, знание их самосознания развивается.*



***Ключевые слова:*** *интеграция, развитие, деятельность, образование, обучение, студенты,*

*тенденция, форма, методы, навыки.*

**INTEGRATION OF VARIOUS FORMS OF EDUCATION AND ITS IMPORTANCE IN THE FORMATION OF STUDENT INTELLECTUAL KNOWLEDGE**

*In the article, the analysis and importance of lesson lessons based on the characteristics of students» consciousness. The authors will summarize from the proper characteristics of the emphasis of students in the coincidence of the organization of training with scientific scientific facts, the importance of which is the main factor.*

*The authors express great importance for conducting various classes of teachers, trips), seminars, conferences and others in the formation of intellectual knowledge. These are forms of learning that are an integral part of the curricula for conducting classes under the guidance of teachers and doing a complete and colorful job.*

*In this article it is known that the implementation of various forms of education requires highly qualified pedagogical, the consumption of force, but in exchange for this teaching, the knowledge of their self-consciousness develops.*

***Keywords**: integration, development, activity, education, training, students, trend, form, methods, skills.*

***Сведение об авторах:***

***Саидов Низомиддин Тоджиддинович** – кондидат педагогических наук, старщий преподаватель кафедры общий психологии Таджикского государственного педагогического унверистета имени Садриддин Айни, Адрес проспект Рудаки 121, 734003 г. Душанбе тел: (+992) 939881055;*

***Кассиров Шеравган Нуралиевич** – аспирант 3-го курси общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета, Адрес проспекта Рудаки 17, 734025 г. Душанбе тел: (+992) 935080406;*

***About the authors:***

***Saidov Nizomiddin Tojiddinovich** – candidate Pedagogical Sceinces of the Departamente General pedagogy of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address Rudaki Avenue 121, 734003 Dushanbe Phone(+992) 939881055;*

***Kassirov Sheravgan Nuralievich** - graduate student of the 3 rd year of the General University Department of Pedagogy of Tajik National University, Address of Rudaki Avenue 17, 734025 Dushanbe Тел: (+992) 935080406;*

**УДК 371.01.Са.12**
**ББК 74.2.Т**

## НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ АҚЛУ ХИРАД ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУАБДУЛЛОИ РӮДАКӢ, ИБНИ СИНО ВА НОСИРИ ХУСРАВ

***Саидиброимов Ш.О.***

*Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ВМКБ*

Масъалаи хирад ва истифодаи оқилонаи он дар зиндагии рӯзмарра мавзӯи нав нест. Ин мавзӯъ асрҳо боз мавриди тадқиқ, шарҳу тафсири мутафаккирону муҳаққиқон қарор дошт ва то кунун низ ниёз ба омӯзиш дорад. Мавзӯи фавқуззикр дар таълимоти донишмандони асрҳои X-XI, бахусус Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва Ҳаким Носири Хусрав низ мавқеи марказӣ дошт. Ин мутафаккирон дар низоми фалсафии хеш ба ақлу хирад эҳтироми хоса дошта, рушду нумӯи доимии онро тарғиб менамоянд. Андешаи ин мутафаккирон оид ба хирад ва нақши он дар зиндагӣ аз назари таърихӣ барои таълиму тарбияи насли наврас аҳамияти бузурги илмӣ дорад. Агар сарсарӣ ба мутолиаи осори назмиву насрии мутафаккирони мавсуф машғул шавем, гумони ғолиб бар он мешавад, ки гӯё суханҳои умумӣ дар ин масъала гуфта шуда бошанд, вале агар ақидаҳои онҳоро дар партави системаи фалсафиву педагогӣ баррасӣ намоем, исбот мегардад, ки ин ақидаҳо содаву умумӣ набуда, маҳорати баланди илмӣ ва тадқиқотиро тараннум мекунанд. Мутафаккирони машҳури асрҳои X-XI, бахусус А. Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Ҳаким Носири Хусрав барои хирад мақому мартабаи баландро хос дониста, дар мавқеи хирадгароӣ истодаанд.

Ба унвони мисол метавон овард, ки Рӯдакӣ ақлу хирадро дар ҳаёти инсон аз ҳама муҳим ва зарурӣ шуморида, истифодаи онро тарғибу ташвиқ менамояд. Мутафаккир бар он ақида аст, ки ақл барангезандаи илму дониш ва дониш таҷаллии ақлу хирад аст. Ақл аст, ки барои омӯхтани илму дониш замима мегузорад ва дар равнақи он саҳми назаррас мегузорад. Чун хирадмандон ба омӯзиши

дониш машғул мешаванд, бо афзудани теъдоди онҳо пешрафти ҷомеа боз ҳам равнақ меёбад. Рӯдакӣ фузун гардидани теъдоди хирадмандонро дар олам хушбахтӣ ва заволи онҳоро бадбахтӣ мешуморад. Масалан, мутафаккир дар «Дар марсияи Шаҳиди Балхӣ» нигоштааст:

*Корвони Шаҳид рафт аз пеш,*
*В-они мо рафта гиру меандеш.*
*Аз шумори ду чашм як тан кам,*
*Ваз шумори хирад ҳазорон беш [9, с.96].*

Олами фониро падруд гуфтани Шаҳиди Балхӣ, ба ақидаи Рӯдакӣ, агар аз аз миёни одамон танҳо як нафарро кам карда бошад ҳам, мақому манзалати хирадмандро то ба андозае мебардорад, ки даргузаштани Ш. Балхӣ ҳамчун як шахси хирадманд, донишманду оқил ва тавонгар ба монанди он аст, ки аз миёни мардумон ҳазорҳо нафар кам шуда бошад.

Ақл василаи муҳимтарини омӯзиши дониш ва дониш омили асосии равнақ додани ақл ва аст, ки яке дигареро пурра мекунад. Ва чун одам донову оқил гардад, тавонгар мешавад, ки ҳамаи ин муваффақиятҳо аз истифодаву рушди ақл сарчашма мегиранд. Ибни Сино дар ин бора овардааст: «….хирадмандоро мушоварат бо доноён…» [5, с.86]. Ҳаким Носири Хусрав низ ба андешаи ин мутафаккирон ҳамақида аст. Ҳаким оламро ба дарахти пурбор ташбеҳ дода, хирадмандонро нахл, бори ин дарахт меномад ва ононеро, ки хирадварз нестанд хори дарахти зиндагӣ ҳисоб мекунад:

*Дарахт ин ҷаҳонро сӯи доно,*
*Хирадманд аст бору бехирад хор [6, с.45]*

Ва ба ақидаи ин мутафаккир ақл аст, ки доно аз меваи шаҳдбори ӯ лаззат чашида ҳикматофар мегардаду панд медиҳад. Пас пандро бояд аз доноён гирифт: чун ақл раҳбари тафаккури онҳост:

*Зи доно ҷӯй панд, эро, ки оби панд хуш ёбӣ,*
*Чу доно хӯшаи дилро ба дасти ақл бифшорад [6, с.206]*

Таърих гувоҳ аст, ки Ҳаким Носири Хусрав дар замоне ҳаёт ба сар мебурд, ки нооромиву нобасомонӣ ҳукмфармо буд. Ӯ аз мамолики зиёд дидан намуд, нооромиҳову нобасомониҳо, ҷангу фитна, неку бадро бо чашми худ дида, бо мизони ақл баркашиду дар асарҳои хеш тасвир менамуд, вале баҳри бартараф кардани нооромиҳо на истифодаи аслиҳаи ҷангӣ, балки истифодаи хиради волои инсониро ташвиқ мекунад:

*Бо лашкари замонаву бо теғи тези даҳр,*
*Дину хирад бас аст, сипоҳу сипар маро [7, с.45]*

Аммо манзури мутафаккир аз дин низ дини хирадгарову ақлсолор мебошад, ки насли наврасро дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳӣ ва дар маҷмӯъ дар чаҳорчӯбаи ахлоқи инсонӣ тарбия мекунад, на ақидаҳои шахшуда, ифротгароиву хурофотпарастӣ. Дар пайравӣ намудан аз дин низ Ҳаким истифодаи ақлро дар мадҳи аввал мегузорад. Динро тарғибкунандаи беҳбудӣ ва зебогии инсону олам медонад. Мутафаккир ашхосеро, динро ба манфиҳати хеш истифода мебаранд, наҳ мезанад, зеро зиннати олам одам ва зиннати одам ақли расои ӯст:

*Рӯи дунё аз низоми мост хуб,*
*Вар-на зишту хушку зарди лоғар аст[ 8, с.89].*

Пас аён шуд, ки мутафаккир дар ғолиб омадан бар мушкилоти олам нақши хирадро аввалиндараҷа мешуморад.

Ақидаҳои Рӯдакиву Сино ва Ҳаким Носири Хусрав оид ба ақлу хирад ва дар партави он ба даст омадани муваффақиятҳо дар самти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифати инсонӣ ба ҳам ҳамбастагии зич дошта, роҷеъ ба ин масъала андешаҳои ҷолибу пешқадам аз тарафи ин донишмандон баён гардидаанд: «Ҳаким Носири Хусрав байни фалсафаи алоқии ислом, файласуфони Юнони қадим ва навафлотиниён дар муҳимтарин масъалаҳои фалсафӣ, аз қабили ақл, илм, адолат, инсондӯстӣ як робитаи ҷудоношавандаеро дида, мутмаин аст, ки танҳо таълимоти ахлоқӣ қодир аст байни тамоми адён, мазоҳиб ва аҳли фалсафа ҳамоҳангиро ба вуҷуд биёрад’’[7, с.37]. Робитаи ҷудонопазири масъалаҳои фалсафӣ, аз қабили ақл, илм, адолат, инсондӯстиро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дар асарҳои хеш зиёд қайд намудаанд, ки ақл нуқоти марказиву танзимгари ҳамаи ин масъалаҳои фалсафӣ мебошад. Назар андозем ба ин абёти Рӯдакӣ:

*Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихрад,*
*Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.*
*Ҳар он ки Эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,*
*Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад [4, с.57].*

Аз ин гуфтаҳои Рӯдакӣ хулоса кардан метавон, ки истифодаи дурусти хирад дар ҳифзи саломатӣ, тандурустӣ ва хушахлоқ гардидани одамон саҳми назаррас гузошта, боиси накӯномӣ ва машҳури олам шудани хирадманд мегардад.

Ин ақидаро дар осори Абӯалӣ ибни Сино низ равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Сино таъкид мекунад, ки рафтори инсон бояд дар ҳимояти ақлу хирад қарор гирад ва бо истифода аз хирад дар анҷом додани рафтори нек собитқадам гардад. Ашхосе, ки нафсашон бар ақл ғолиб ояд ба бадномӣ

дар олам машҳур мегарданд:

*Эй нафс, ки бастаи ҳавои ҳавасӣ,*
*Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.*
*Дунё маталаб, чоҳ маҷӯ, ишва махар,*
*К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ [6, с.107].*

Ба ақидаи Сино на танҳо идора кардани нафс, балки идора кардани ҷомеа дар дасти инсон аст ва он бояд тавассути истифодаи ақлу хирад сурат гирад. Ва ба қавли мутафаккир инсон танҳо замоне аз уҳдаи идора кардани ҷомеа ба пуррагӣ баромада метавонад, ки нафси худро идора карда тавонад. Инсон қодир аст, ки худро идора намояд ва ба мардум низ кӯмак расонад, ба шарте, ки агар аз ақл истифода кунад Идора накардани нафс инсонро ба фано мебарад. Сино овардааст: «маърифату шинохти инсон дар бораи нафси худ мавриди итминон нест, зеро ки одамӣ дар боби маърифати айбҳои худ зираку тезҳуш нест, балки кундӣ ва ғабоват ба харҷ медиҳад» [1, с.13].

Мутафаккирони бузург Рӯдакӣ, Синову Носири Хусрав хушбахтии инсонро дар он мешуморанд, ки Худованд ба одам неъмати бебаҳо-ақлро ато намудааст, зеро ҳеч чиз нест, ки дар судрасонӣ ва баҳрабахшӣ аз ақл фузун бошад. Аммо ақл чизи шахшуда нест, ки ба инсон ато гардиду халос, он рушд металабад ва инсон бояд дар тамоми умр ба инкишофи ақлу хирад таваҷҷуҳи хаматарафа зоҳир намояд, омӯзаду омӯзонад, аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бигирад ва ба тағйироти олам ва пешрафти замон худро мутобиқ кунад, тавре ки Рӯдакӣ менигорад:

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд [9, с.214].*

Таҷрибаи рӯзгор, ба қавли Рӯдакӣ, беҳтарин василаи ташаккули ақл ва пешрафти зиндагӣ мебошад, ки ҳеҷ омӯзгоре аз андӯхтану табодули таҷриба беҳтар нест:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [4, с. 15].

Дар асоси нуқтаи назари муҳаққиқони осори Ибни Сино аён мегардад, ки Сино низ такомули ақлу хирадро ташвиқ мекунад: «…чун Арасту инсонро ҳайвони ҷамъиятӣ номидааст. Вале фарқи инсон аз ҳайвон ин аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ обутоб ёфта, соҳиби ақлу хирад ва қувваи эҷодӣ мегардад. Инсон хайру шарро аз ҳам фарқ мекунад ва аз рӯи нақшаи муайян зиндагӣ ва ҳаракат менамояд» [12, с.88].

Мавриди баррасӣ қарор ёфтани мазмуну муҳтавои ин ақидаҳо дар осори Носири Хусрав низ васеъ истифода гардидааст. Ба қавли мутафаккир агар инсон бихоҳад, ки дар зиндаги соҳиби иззату шараф гардад, ба хотираш гарде нанишинад аз таҷрибаи ҳаёт, гардиши рӯзгор сабақ бояд гирифт

*Хотират занг нагирад, на сарат хира шавад,*
*Гар бигирад дили ҳушёри ту аз гетӣ панд [7, с.206].*

Вақте ки мутафаккирони бузург чун Рӯдакиву Сино ва Ҳаким Носири Хусрав мафҳуми ақлро дар фалсафаи ахлоқии худ истифода мекарданд, ҳамеша онро ба ду маънӣ: яке мазмуни ботинӣ ва дигаре мазмуни рӯҳонӣ ба кор мебурданд. Ба қавли ин мутафаккирон, чун мутафаккирони зиёди асрҳои пеш ва баъди онҳо ҳама чиз аз зоҳиру ботин иборат аст, ақл низ. Дар ин робита Рӯдакӣ чашми инсонро низ ба чашми хирад ва чашми сар ҷудо намуда, барои мартабаи баланди инсониро касб кардан аз чашми хирад истифода бурданро дар зиндагӣ тарғиб мекунад:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не б-ад он чашм к-андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ [9, с. 528]*

Дар ҳамбастагӣ ба ин мазмун Носири Хусрав мефармояд:

*Ҷони ту дарахтест, хирад бору сухан бар,*
*В-ин тира ҷасад лифи дурушту хасу хор аст.*
*Бози хирадат аст, бад-ӯ фазлу адаб гир,*
*Мар бози хирадро адабу фазл шикор аст [6, с.3]*

Мутафаккир низ дар ин абёт хирадро ботин ва ҷисмро зоҳир (фанопазир) номида, ақлро дар вуҷуди инсон чун боз баландпарвоз меномад ва тавассути он ба фазлу адаб расиданро баён мекунад, ба он гуна, ки боз парандагони дигарро шикор мекунад.

Мутафаккирони болозикр нақши ақлро дар зиндагӣ муҳим шуморида, баҳри такомули он ба таълим пардохтану таълим доданро аз тамоми ҷанбаҳои зиндагӣ ва фаъолияти рӯзгор авлотар медонанд.

Асосгузори адабиёти форсу тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ қайд менамояд, ки лониш дар ҳаёти инсон мавқеи асосӣ дошта, аз рӯзи аввали арзи ҳастӣ намудани одам дар рӯи олам, он мақоми худро касб кард ва мардум дар ҳар давру замон ба таълим ва омӯзиш ниёзи куллӣ дошт:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳама бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст [9, с.520].*

Ҳаким Носири Хусрав дар робита ба ин масъала қайд менамояд, ки он ки чашмаш ба омӯхтан бино аст, аз таълими доимӣ бархӯрдор аст, баландмақому соҳибэҳтиром мегардад. Хиради инсоният низ, ба қавли Ҳаким аз таълим, донишу маърифати ӯ ҳувайдо мегардад:

*Ҳар киро аз фазли Яздон чашми ӯ бино шавад,*
*Гарчи бошад зери дарё, бар сари ҷавзо шавад.*
*Нафси мардум оби поку ақл чун гавҳар баланд,*
*Об чун оташ бар ӯ бандӣ, сӯи боло шавад.*
*Бори мард андар дарахти ақл нопайдо бувад,*
*Чун ба таълим об ёбад, он гаҳе пайдо шавад [7, с.438]*

Мутобиқи маълумоти ишораҳои дар таълимоти мутафаккирони номбурда ҷойдошта онҳо мехостанд, ки дар рӯи замин бо роҳи ташвиқу тарғиби хирад як тартиби ахлоқӣ ва заминаҳои пешқадам барои пешрафти ҳаёт барқарор созанд, то ки мардумон битавонанд дар як ҷомеаи маданӣ зиндагӣ ба сар бибаранд. Аз нуқтаи назари Рӯдакӣ, Сино ва Носири Хусрав инсон бо вуҷуди чи хел ҷараён ёфтани рафтору кирдораш дар олам ҷуёи саодат мебошад, аз ин ҷиҳат бояд рӯзгоре дигар бошад, то фарди неку бохирад саодатёр гардад ва барои бадахлоқӣ роҳ дода нашавад. Ва ба қавли ин мутафаккирон дар олам инсон замоне ба саодати куллӣ мерасад, ки худ хирадманд бошаду дар таълиму тарбияи аҳли ҷомеа саҳми арзандаи хешро гузорад. Бахусус, хирадманро лозим аст, ки фарзандони худро низ дар партави хирад тарбия намояд. Рӯдакӣ мутаасиф аст, ки агар фарзанди шахси хирадманд аз хирад дур бошад ва аз ин мероси пурғановати қиблагоҳ баҳра набардошта бошад:

*Эй дареғо, ки хирадмандро,*
*Бошад фарзанду хирадманд не.*
*В-ар чӣ адаб дораду дониш падар,*
*Ҳосили мерос ба фарзанд не [9, с.119]*

Мутафаккирони болозикр дар осори хеш ба мавзӯи хирад диққати асосӣ додаанд. Дар девони ашъори Носри Хусрав ва дигар асарҳои ӯ калимаву таъбири хирад ниҳоят зиёд буда, дар таърихи адабиёти тоҷик назир надорад. Ҳаким хирадро мувакқал бар ҳама чиз ва ё раҳнамои инсон номид, ки ин баландии рӯҳ, садои дил, ислоҳи нафс ва самимияту дониши баланди ӯро нишон медиҳад. Носири Хусрав хирадро на танҳо мояи таҷаллии қалбу равшании ҷавҳари инсон медонад, балки онро калиди розҳои табиату расули ниҳонӣ мешуморад, ки мамлакати дилро подшоҳ аст:

*Хирад ҳадяи ӯст дар мо, ки моро,*
*Ба фармони ӯ шуд хирад ҷуфт ба ҷон.*
*Хирад гавҳар асту дилу ҷони мо кон,*
*Бале, мар хирадро дилу ҷон сазад кон.*
*Хирад кимиёи салоҳ асту неъмат,*
*Хирад маъдани хайр асту эҳсон.*
*Ба фармон касеро шавад некбахтӣ,*
*Ба ду ҷаҳон, ки бошад хирадро ба фармон.*
*Хирад сӯи инсон расули ниҳонист,*
*Ба дил дарнишаста ба фармони Яздон [7, с.338].*

Метавон хулоса намуд, ки аз таҳлили мухтасари ақидаҳои мутафаккирони тоҷик Рӯдакӣ, Сино ва Носири Хусрав оид ба хирад бар меояд, ки андешаҳои ин мутафаккирон дар ин мавзӯъ ҳамабастагии ногусастанӣ доранд. Мутафаккирон ақлро подшоҳи вуҷуди инсон, мақсади асоии ҳастии ӯ, омили рушду нумӯи зиндагӣ дониста, рушди фаъолияти ҷомеаро бе он тасаввур намекунанд. Инсон дар рӯи замин ба зиндагии хуб, некиву некукорӣ, омӯзишу табодули таҷриба, таълиму тарбия, омӯхтани илму дониш, пешрафти соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, рӯзгори хуш, тани сиҳат, ахлоқи шоҳистаи инсонӣ ва амсоли инҳо ниёз дорад. Ба қавли мутафаккирони номбурда ҳамаи ин пешравиҳо ва мақсадҳо ҳамон вақт ба даст омада метавонанд, ки одамони олам хирадгарову ақлсолор бошанд. Ба истифодаву равнақи ақлу хирад таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, фарзандони хеш ва насли наврасро дар рӯҳияи хирадварзӣ тарбия намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Абӯали Ибни Сино. Осори мунтахаб, ч. 2. / А.И. Сино – Душанбе, 1980. - 560 с.
2. Атаханов Т. Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълим). / Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов – Душанбе, 2005. - 224 с.
3. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. / Х. Афзалов Б. Раҳимов -Душанбе: Маърифат, 1994.-192 с.

**4.** Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958.- 407 с.
5. Дурдонаҳои наср. Тартибиҳандагон: А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев. Душанбе: Ирфон, 1987.- 556 с.
6. Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз ва фардо. Мураттибон ва муҳаррирони масъул: С. Ниёз, Р. Назариев.- Нашриёти Ношир. Хуҷанд, 2005. - 685 с.
7. Носири Хусрав. Куллиёт» (осори фалсафӣ ҷилди 3). / Н. Хусрав - Душанбе: Нашриёти «Нодир» 2004. - 353 с.
**8. Осори мунтахаби Абӯалӣ ибни Сино,** ҷилди **1**. Ҳайати таҳририя**: Осимов М.С., Ашӯров Г., Диноршоев М.... .- Душанбе: Ирфон - 1980. - 477 с.**
9. Осори Рӯдакӣ. Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. Наш. дав.Тоҷикистон. Сатлинобод-1958. 541 с.
10. Саидиброимов Ш.О. Системаи дидактикии Носири Хусрав. / Ш.О. Саидиброимов Душанбе: Ирфон, 2014.- 173 с.
11. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. / А. Содиқов - Душанбе., 1989. - 144.с.
12. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ Ибни Сино. / У. Султонов - Душанбе, 1975. - 168.с.
13. Файзулло Шарифзода. «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ». / Ш. Файзулло – Душанбе: «Ирфон»,2010. – 543 с.

## РОЛЬ РАЗУМА И МУДРОСТИ В УЧЕНИЯХ РУДАКИ, ИБН СИНЕ И НАСИРА ХУСРАВА

*Научные исследования показали, что мудрость - бесценный дар, дарованный только человеку, что делает его самым благородным из всех существ на земле. Поскольку мудрость находится на таком высоком уровне, важно развивать ее и умело использовать в нашей жизни.*

*Воспитаем наших детей и вообще нового поколения таким образом, чтобы они всегда на него опирались и выполняли свою работу с интеллектом. Если мы поступим разумно в рамках доброй человеческой морали, будем успешны и достигнем наших добрых целей. Именно благодаря мудрости Вселенная использовалась человечеством, а Вселенная и другие слои Вселенной были изучены и использованы. Однако следует отметить, что великие персидские и таджикские мыслители и исследователи, в том числе мыслители X-XI веков Рудаки, Сино и Носири Хусрав, занимают особое место в изучении разума и его применения в жизни.*

*Взгляды этих мыслителей созвучны, и они считают, что человеческая жизнь и развитие национального характера невозможны без формирования интеллекта. По мнению этих мыслителей, люди преуспевают только в изучении науки и знаний, мудрости, примерного поведения, научно-технического прогресса и, короче говоря, духовного и физического счастья, если они уделяют все внимание развитию мудрости.*

*Поместите мудрость в воспитание подрастающего поколения и поощряйте ее использование. Именно в этой статье представлены научно-аналитические взгляды на взаимозависимость идей таджикских мыслителей Рудаки, Сино и Хакима Носири Хусрава.*

***Ключевые слова:*** *созвучие (гармония), Рудаки, Сино, Носири Хусрав, разум, мудрость, наука, нравственность, честность, воспитание.*

## THE CONSONANCE OF RUDAKI, SINO AND NOSIRI KHUMRAV'S VIEWS ON MIND AND WISDOM

*Scientific research has shown that wisdom is a priceless gift bestowed on man alone, making him the noblest of all creatures on earth. Since wisdom is at such a high level, it is important to develop it and use it skillfully in our lives.*

*Let us bring up our children and, in general new generation on the way that they will always rely on it (wisdom) and do their work with the use of the intellect. If we act in accordance to the mind (intellect) in the frame of good human morals, we will be successful and achieve our good goals. It is through wisdom that the universe has been used by mankind, and the universe and other layers of the universe have been studied and used. However, it should be noted that the great Persian and Tajik thinkers and researchers, including the thinkers of the X-XI centuries Rudaki, Sino and Nosiri Khusrav, have a special place in the study of the mind and its application in life.*

*The views of these thinkers are in harmony, and they believe that human life and the development of the national character are impossible without the formation of the intellect. According to these thinkers, people succeed only in the study of science and knowledge, wisdom, exemplary behavior, scientific and technical progress, and in short, spiritual and physical happiness, if they pay full attention to the development of wisdom.*

*Put the role of wisdom in the education of the younger generation and encourage the use of wisdom. It is in this article that scientific and analytical views on the interdependence of the ideas of the Tajik thinkers Rudaki, Sino and Hakim Nosiri Khusrav are presented.*

***Keywords:*** *harmony, Rudaki, Sino, Nosiri Khusrav, mind, intellect, wisdom, science, good morals, honesty, education.*

***Сведения об авторе:***

***Саидиброимов Шозодаиброхим Одилшоевич***– *кандидат педагогических наук, заместитель директора по образовании, науке и инновациям Филиала Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников системы*

*образования в ГБАО. **Адрес:** 736000, Таджикистан, г. Хорог, улица С. Абдурахмонов 104. E-mail: shozoda 07.71@mail.ru Тел: (+992) 935277171*

***About the author:***

***Saidibroimov Shozoddaibrohim Odilshoivich** is the candidate of pedagogical science and the deputy director for Education, Science and Innovation of the Branch of the Republican Institute for Professional Development in Education in GBAO. Address: 104 Abdurahmonov Street, Khorog, GBAO, Tajikistan, 736000 E-mail address: shozoda 07.71@mail.ru Тел: (+992) 935277171*

## ПОЭТАПНОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ УМСТВЕННЫХ РЕЧЕВЫХ ДЕЙСТВИЙ

***Курбанов Т.З.***

*Таджикский государственный педагогический университет им С. Айни*

Согласно П.Я. Гальперина, поэтапность формирования умственных речевых действий представляется следующим образом:

1. предварительное ознакомление с действием;
2. материальное действие по усвоению его содержания;
3. внешне речевое действие;
4. проговаривание про себя;
5. умственные действия.

Все положения теории поэтапного формирования умственных действий и речевой деятельности позволяют нам определить ряд методических требований, которые должны предъявляться к организации упражнений на первоначальном этапе обучения иностранному языку.

Точка зрения И . П. Ким [3, с.98] относительно проблемы поэтапного формирования умственных действий, является наиболее приемлемой в вопросе организации упражнений на первоначальном этапе обучения, поэтому за основу разработки набора упражнений были использованы положения, разработанные И.П Кимом:.

а] звуковой образ в механизмах речи является первичным, и поэтому работа над новым языковым материалом начинается с устных упражнений;

б] каждое упражнение должно иметь коммуникативный характер;

в] упражнения должны делиться на две группы:

1] готовящие к усвоению конкретного языкового материала,

2] упражнения в употреблении языкового материала в речи;

г] с учетом количества трудностей, в упражнении должна быть продумана поэтапность введения и отработка языкового материала;

д] при разработке упражнений должна учитываться возрастающая самостоятельность студента;

е] количество упражнений должно способствовать быстрому выполнению операций и формированию речевых навыков.

Сознательное обучение иностранному языку достигает результата в том случае, когда у студента появляется потребность сообщить кому-либо какую то информацию на изучаемом языке .При изучении материала, нужно донести до студента значение и сущность языкового материала,. поэтому мотивированность должна стать органической частью обучения и осуществляться в процессе выполнения упражнений. Важной отличительной чертой данных упражнений, предназначенных для овладения иностранным языком студентами - таджиками является опора на результаты, которые были получены в процессе сопоставительного анализа отобранного языкового материала.

Данный подход будет использоваться с учетом трудностей, которые возникают у студентов в связи с расхождениями между речевыми образцами иностранного языка и их эквивалентами в таджикском. Именно это было учтено при организации упражнений.

По мнению ряда исследователей, таких как А.Д. Климентенко [3, с.123] и И.В Рахманов [5], процесс обучения иностранному языку должен проходить в два этапа:

1 ый - усвоение языкового материала;

2 ой - формирование речевых навыков и умений.

Учитывая данное положение, а также вышеуказанные суждения о теории речевой деятельности, наиболее приемлемой систему упражнений, которая включает в себя два вида упражнений; это языковые и подготовительные.

И.В. Рахманов считает, что «языковые упражнения привлекают внимание ученика к изучаемому явлению языка, что создаёт синтаксические связи с другими языковыми явлениями, и постепенно вырабатывают представление о системе изучаемого иностранного языка» [5, с. 41].

Реализация речевого акта может быть обеспечена при условии выполнения речевых упражнений, а на начальном этапе – путем выполнения Рече подготовительных упражнений»[1, с.92].

Первым этапом выполнения таких упражнений является построение собственных предложений по аналогии. Когда студенты выполняют упражнения по аналогии, выбирая необходимый по смыслу речевой образец, у них проявляется творчество, чтобы осуществить коммуникацию.


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Верещагин Е.М. Психологическая и методическая характеристика двуязычия Текст. / Е.М. Верещагин. М. Наука, 1969. -160 с.
2. Гальперин П.Я. Методы, факты и теория в психологии формирования умственных действий и понятий / П.Я. Гальперин: в кн. Международный психологический конгресс. Симпозиум 24. М., 1966.- 240 с.
3. Климентенко А.Д. Развитие устной речи на английском языке/ А.Д. Климентенко. М.,1972.- 176 с.
4. Ким Н.П. Формирование грамматических умений на анг. яз. в 5-7 классах киргизской школы. дис. к. п. н / Н.П. Ким. 1973.- 210 с.
5. Рахманов И.В. Модели и их использование при обучении иностранным языкам/ И.В. Рахманов. и.я.ш.№4. 1965.- 122 с.


## ПОЭТАПНОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ УМСТВЕННЫХ РЕЧЕВЫХ ДЕЙСТВИЙ


*В данной статьи рассматривается специфика поэтапность формирования умственных речевых действий на материале французского языка в условиях двуязычия. Основа формирования правильной разговорной речи заключается в поэтапность формирования умственных речевых действий. Все положения теории поэтапного формирования умственных действий и речевой деятельности позволяют нам определить ряд методических требований, которые должны предъявляться к организации упражнений на первоначальном этапе обучения иностранному языку. Первым этапом выполнения таких упражнений является построение собственных предложений по аналогии. Когда студенты выполняют упражнения по аналогии, выбирая необходимый по смыслу речевой образец, у них проявляется творчество, чтобы осуществить коммуникацию.*



***Ключевые слова:*** *Двуязычия, поэтапность формирования, речевой деятельности, речевой образец, коммуникация. языковые упражнении, способ.*


## THEORETICAL SUBSTANTIATION OF THE FORMATION OF CORRECT COLLOQUIAL SPEECH ON THE MATERIAL OF THE FRENCH LANGUAGE


*In this article the author discussed his opinion about specifics of the rationale for the formation of conversational French speech in a conditions of bilingualism. The basis for the formation of correct colloquial speech is the formation of speech skills. Skill focuses on the goal of performing the action, not the way. It is known that the main development of speech skills takes place in parallel with the assimilation of linguistic material in a bilingual environment. Consequently, a more thorough mastery of linguistic material begins to occur in the process of developing speech skills and abilities already at the first stage of teaching a foreign language. Skills have two common characteristics - they are automated and non-automated skills.*

*The interconnection of these components has a positive effect on one another, which makes it possible and possible to lay the foundation for creating a system of exercises that contribute to the formation of automated speech skills*



***Keywords:*** *Automation, non-automation, speech skills, speech habit, actions, method, bilingualism. language exercise*



***Сведение об авторе:***

***Курбанов Тагай Зухурович*** *– к.п.н. старший преподаватель кафедры методика преподавания иностранных языков ( немецкий – французский) Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 900- 88-28-85:*

***About the author:***

***Kurbanov Tagay Zukhurovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Foreign Languages German - French) of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 900882885:*

# ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ НА ОБЛИК ПРЕПОДАВАТЕЛЯ ВЫСШЕЙ МЕДИЦИНСКОЙ ШКОЛЫ

***Саторов Д.К., Шерматов Д.С., Кодиров Б. Р.***
*Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино*

Высшее профессиональное образование в Республике Таджикистан на сегодняшний день основано на процессах глобализации, гуманизации и фундаментализации, которые ориентированы на формирование индивида как культурно–исторического субъекта, который способен продуктивно перерабатывать и претворять потенциал культуры в определенные социально и профессионально важные черты личности (компетенции). Это определяется новой ролью образования в современных условиях. Задачей образования является опережающее создание новых социальных условий в рамках эффективно формирующейся глобальной экономики, глобальной информационной среды, межкультурного диалога, интернационализации и стандартизации разных областей деятельности человека какой-либо страны. Изменения в сфере образования, которые возникают как во всем мире, так и в нашей республике, связаны с направлением образования, поставленными целями и задачами, содержанием, которое в последнее время нацелено на свободное формирование человека, его творческой активности, самостоятельности обучающихся, профессионализма и мобильности специалистов.

Современный преподаватель - отличный психолог. Он не равнодушен к студенту, всегда переживает с ним все его этапы удач и неудач. Когда надо, рука помощи преподавателя всегда поддержит студента.

Современный преподаватель – образец культуры и воспитания. Преподаватель – пример, с которого считывают студенты.

Чтобы эффективно работала система последипломной образовательной деятельности, необходимы изменения в реализации процесса обучения, системы переподготовки и повышения квалификации медработников. Главное в педагогическом образовании – это направленность на результат, перспективы развития. Образование должно способствовать получению новых знаний, умений и навыков педагогами высшей медицинской школы, позволяющих результативно использовать средства и приемы работы с информационными ресурсами, формированию и применению на практике информационных технологий, важных для формирования специалиста **профессионала** высшей медицинской школы.

Современный преподаватель высшей медицинской школы не должен ограничиваться одной технологией обучения. В его практике должен быть «калейдоскоп» форм, методов, приемов и средств обучения и воспитания. Преподаватель высшей медицинской школы – не передатчик знаний, он организатор процесса получения и формирования нового знания. Современный преподаватель высшей медицинской школы открывает студентам двери исследования. Наставляет их на саморазвитие и самосовершенствование, вооружив средствами достижения своих целей.

Современный преподаватель высшей медицинской школы – это источник энергии, оптимизма, творчества. Он верит в свои силы и силы своих студентов.

Из изученных нами материалов исследований **выявили**, что проблемой познания образа преподавателя занимаются на протяжении многих десятилетий. Существует множество научных работ, посвященных исследованию различных сторон педагогической культуры: формирование методологической культуры педагога [1], развитие педагогической рефлексии [2], концепции педагога [3] и педагогического творчества [4-5] и др.

Какими качествами или компетенциями должен обладать современный преподаватель высшей медицинской школы? Какие качества должны быть «сохранны» для сообщества педагогов, в частности преподавателя высшей медицинской школы, не зависимо от времени, а какие должны меняться относительно требований «нового» времени?

В разных исследованиях и описаниях характеристик современного преподавателя высшей школы, используют различные сравнения и описания [6-8].

Преподаватель высшей медицинской школы — профессионал совместно с студентами проживает, переживает все, что происходит каждый день, соединяя воедино и кропотливо невидимое творчество по подготовке к занятиям, и внеклассную работу по дисциплине, и всю многообразную деятельность в сотрудничестве со студентами. При этом он проявляет стремление работать творчески. Творческая деятельность преподавателя высшей медицинской школы, предполагающая развитие студента, строится на опережении, на постоянном творческом искании во всех видах взаимодействия со студентами.

Преподаватель высшей медицинской школы должен идти в ногу со временем: использовать в своей работе инновации, различные методики, должен в совершенстве владеть преподаваемым

материалом. Но самое главное он должен быть «человеком с большой буквы». Надо оставлять негатив за порогом ВУЗа, а студентам нести и сеять доброе, разумное, вечное, как бы тяжело ни было на душе.

Педагогический авторитет преподавателя высшей медицинской школы во многом зависит от общей культуры его поведения (умение владеть речью, мимикой и жестами, опрятность в костюме и т. п.). Внешность преподавателя высшей медицинской школы и его культура поведения в значительной мере влияют на завоевание преподавателям авторитета. Лучшие преподаватели высшей медицинской школы на занятиях приходят в хорошем костюме, постоянно следят за собой, всегда подтянуты и организованы. Личным примером они воспитывают такие же качества и у своих воспитанников. Всё это укрепляет авторитет преподавателя высшей медицинской школы.

Профессиональная культура преподавателя высшей медицинской школы состоит из нескольких слагаемых:

– эмпатичность (умение понять студента, проявление уважения к нему);

– рефлексивность (умение сдерживаться, интересоваться мнением студентов, признавать свои ошибки);

– коммуникабельность (стремление к установлению доверительных отношений со студентами, проявление интереса к их проблемам);

– гибкость (проявление требовательности и строгости наряду с добрым отношением к студентам, владение разными способами организации занятий, признание за студентами права на ошибку);

– способность к сотрудничеству (умение вдохновить студентов на творческую деятельность, умение выслушать и понять);

– эмоциональная привлекательность (внешний вид, манера поведения преподавателя, располагающяя к себе, вежливость);

– толерантность (терпеливость в работе со студентами);

Сегодня личность педагога является частью системы значимых социальных ролей, которые формируются в процессе взаимодействия, социализации общества. Сегодня личность формируется в рамках информатизации общества, с использованием современных информационных, коммуникационных технологий. В связи с чем процесс информатизации общества получил название инфосоциализации общества.

Информатизация общества, развитие информационных, коммуникационных технологий оказывает определенное влияние на формирование личности педагога высшей медицинской школы. Влияние может быть объемным, глобальным, характеризующим значительные изменения в формировании личности (компьютерная зависимость и т.п.), и изменения, относящиеся к ограниченным психическим составляющим личности (применение компьютера в жизнедеятельности).

**Вывод.** Условия формирования современного педагога высшей медицинской школы оказывают воздействие на развитие информационной компетентности, предполагающей использование информационных технологий: мотивация на применение технологий, ответственное отношение к своему поведению в виртуальной реальности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Загвязинский В.И. Теория обучения. Современная интерпретация: учебное пособие для студентов высших учебных заведений. / В.И. Загвязинский М.: Издательский центр «Академия», 2006.
2. Сластенин В.А. Педагогика. / В.А. Сластенин М., 2000.
3. Столяренко Л. Д. Педагогические технологии. - В 2 кн.: Педагогика и психология высшей школы// Столяренко Л. Д.– Ростов-на-Дону: Феникс, 2008 г. – с.131–151.
4. Мошетова Л.К. Последипломное медицинское образование на современном этапе / Ред.: Л.К. Мошетова и др. М.: Изд.дом «М-Вести», 2000.- 120 с.
5. Саторова Д. К. Педагогические уловия развития информационно-коммуникационных компетенций преподавателей высшей медицинской школы в системе последипломного образования // «Вестник» Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. №4. - С. 246-249 (всоавторстве)
6. Файзализода Б.Ф. Современные пе
7. priuralka.ucoz.ru/index/kakim_dolzhen_byt_sovremennyj_uchitel/0-135


## ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ НА ОБЛИК ПРЕПОДАВАТЕЛЯ ВЫСШЕЙ МЕДИЦИНСКОЙ ШКОЛЫ


*В статье рассматривается, что личность формируется в рамках информатизации общества, с использованием современных информационных, коммуникационных технологий. В связи с чем процесс информатизации общества получил название инфосоциализация общества.*

*Информатизация общества, развитие информационных, коммуникационных технологий оказывает определенное влияние на формирование личности педагога высшей медицинской школы.*

*Влияние может быть объемным, глобальным, характеризующим значительные изменения в формировании личности (компьютерная зависимость и т.п.), и изменения, относящиеся к ограниченным психическим составляющим личности (применение компьютера в жизнедеятельности).*

*В работе исследовано, какими качествами или компетенциями должен обладать современный преподаватель высшей медицинской школы.*

***Ключевые слова:*** *преподаватель, облик, информатизация, формирование, образование, профессиональная культура, влияние, компьютеризация, коммуникационная технология, зависимость.*

**INFLUENCE OF INFORMATION AND COMMUNICATION COMPETENCIES ON TEACHER APPEARANCE OF A HIGHER MEDICAL SCHOOL**

*In the article considered that the personality is formed in the framework of the informatization of society, using modern information and communication technologies. In this connection, the process of informatization of a society is called infosocialization of a society.*

*Informatization of society, the development of information and communication technologies has a definite influence on the formation of the personality of a teacher of a higher medical school. The influence can be extensional, global, characterizing significant changes in the formation of personality (computer addiction, etc.), and changes relating to the limited mental components of the personality (use of the computer in the life).*

*In the work is shedied what qualities or competencies a modern teacher of a higher medical school should possess.*

***Keywords:*** *teacher, appearance, informatization, formation, education, professional culture, influence, computerization, communication technology, addiction.*

***Сведения об авторах:***

***Саторов Далерджон Курбонович*** *– ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», преподаватель кафедры медицинской и биологической физики с основами информационных технологий, Адрес: 734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 139. E-mail: 54tj@mail.ru, s.d.q_1987.86@mail.ru, Тел: (+992) 903771616.*

***Шерматов Дусназар Саидович*** *– ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», зав.каф. медицинской и биологической физики с основами информационных технологий, д.ф.м.н, профессор. Адрес: 734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 139. E-mail: erkin_sermatov@list.ru. Тел: (+992) 919044948.*

***Кодиров Бахтиёр Розикович*** *- профессор кафедры доктор педагогических наук филиал ФГБОУ ВО «ВГТУ» в г. Борисоглебске, Моб. Тел. (+792) 90084798. E-mail: bakhtiyor_0663@mail.ru.*

***About the authors:***

***Satorov Dalerjon Kurbonovich*** *- State Educational Institution «Avicenna Tajik State Medical University», teacher of the Department of Medical and Biological Physics with the Basics of Information Technologies, Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 139. E-mail: 54tj @ mail. ru, sdq_1987.86@mail.ru, Tel: (+992) 903771616.*

***Shermatov Dusnazar Saidovich*** *- State Educational Institution «Avicenna Tajik State Medical University», head of department. Medical and Biological Physics with the Basics of Information Technologies, Doctor of Physics and Mathematics, Professor. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 139. E-mail: erkin_sermatov@list.ru. Tel: (+992) 919044948.*

***Kodirov Bakhtiyor Rozikovich*** *- professor of the department, doctor of pedagogical sciences, branch of the Federal State Budgetary Educational Institution of Higher Education «VSTU» in Borisoglebsk, Mob. Tel. (+792) 90084798. E-mail: bakhtiyor_0663@mail.ru.*

## МАШЪАЛИ РАҲНАМОИ ЗИЁИЁНИ ЭҶОДКОРИ ЗАМОНИ ХЕШ

***Ҳайдаров А.А.***

*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

Аҳмади Дониш барои саҳми арзандаи хеш дар густариши фарҳанг ва устувор намудани рукнҳои маорифпарварӣ ва изҳор намудани матонат дар роҳи ислоҳоти низоми таълиму тарбия ба унвони пешво ва сарвари маорифпарварони Осиёи Миёна сазовор гардидааст. Ҳангоме ки дар дарбор ифои вазифа менамуд, аз ҷиҳати фазлу камол дар байни олимони пешқадаму маорифпарвар соҳиби эҳтирому обрӯи баланд буд. Замоне ки ӯро барои муборизаи фидокорона ва тараққихоҳӣ ва ақидаҳои

пешқадами иҷтимоиву сиёсияш аз дарбор дур намуданд, қадри ӯ дар назди тамоми мардуми ҳақпараст ва маърифатдӯст боз ҳам баландтар гардид.

Ӯ дар таърихи афкори педагогии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали асри XX он қадар таъсири боризе гузоштааст, ки ба ягон мутафаккири ҳамзамонаш муяссар нагардидааст. Чуноне ки Е.Э. Бертелс гуфтааст: «Ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷики асри XIX, мо пеш аз ҳама, ба симои дурахшон, падари адабиёти нави тоҷик-Аҳмади Дониш рӯ ба рӯ меоем, ки фаъолияташ ба тамоми адабиёти давраи минбаъда ва ҳатто ба ташаккули адабиёти советии тоҷик таъсири худро гузошта буд»[12, с.11].

Муҳаққиқон баъди омӯзиши афкор ва фаъолияти адабиву сиёсии ӯ ба натиҷае омаданд, ки таълимоти мутафаккир ба он се меъёр, ё се хусусият, ки ба маорифпарварони Аврупо ва Русия нисбат медиҳанд, ба куллӣ мувофиқат мекунад.

Якум, ин ки Аҳмади Дониш чун дигар маорифпарварони Аврупо сохти давлатдории замонаашро танқид намуда, аз он норизогии хешро баён мекунад. Дуюм, омӯзиши илмҳои дақиқро тарғиб намуда, таълимоти схоластикиро дар мактабҳо танқид менамуд ва таҷрибаи пешқадами Аврупоро мехост дар Бухоро пиёда созад. Сеюм, дар таълимоти ӯ ва дар тамоми мазомини осори ӯ манфиати халқи заҳматкаш далерона пуштибонӣ гардидааст ва барои саводнок шудани омма кӯшишҳо ба харҷ додааст.

Дар таълимоти Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри XVIII Фаронса ва маорифпарварони солҳои 40-60-уми рус хеле шабоҳат ва умумиятҳо ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ба андешаи Расул Ҳодизода, ки «яқин аст, ки Аҳмади Дониш бо эҷодиёти нависандагони маорифпарвари асри XVIII Фаронса ва маорифпарварони солҳои 40-60-уми рус шиносо набуд» наметавон мувофиқ буд, зеро чи тавр мутафаккир тавонистааст аз таълимоти масониҳо(фаромӯшониҳо), ки дар Русия таълимоти онҳо чандин даҳсолаҳо манъшуда ва азбайнрафта буд, хабардор шавад ва аз таълимоту эҷодиёти маорифпарварони фаронсавиву рус, ки дар ташаккули ақидаҳои маорифпарварони рус ва баъдан Осиёи Миёна хизмат намудаанд, огоҳ набошад[6, с.219].

Барои ин Аҳмади Дониш имконият дошт, ки аз мутафаккирону шарқшиносон ва дигар ходимони давлатии Русия, ки бо ӯ риштаи рафоқат доштанд, ба мисли П.И Пашино, В.Григорев, Козимбек Обиддинов ва дигарон, ки номи баъзеи онҳоро мо то ҳол намедонем, маълумот гирифта бошад.

Ба андешаи мо, таъсири таълимоти масониҳо низ дар инкишофи ақидаҳои маорифпарваронаи Дониш андак нест, гарчанде муҳаққиқони дигар онро назарногир донистаанд. Зеро дар ҳамон давра ва маҳз дар солҳои 1858-1897 таълимоти масониҳо дар сарзамини Эрони ҳамсоя хеле ривоҷ ёфт буд. Дар таҳти таъсири ин таълимот маорифпарвари машҳури эронӣ Мирзо Малкумхон ҷамъиятҳоеро бо номи « Ҷомеаи Одамият» ва «Фаромӯшхона»-ро созмон дода, тарғиботи худро дар бораи дигаргун кардани низоми таълиму тарбия баён менамуд ва норизогии хешро аз ҳукумати мавҷуда изҳор мекард. Тараққихоҳон ва маорифпрварони минбаъдаи эронӣ ҳам аз таъсири ин таълимот илҳом гирифта, ҳаракатҳои машрутахоҳии хешро ба амал мебароварданд. Бо таъсири масониҳо дар кишвари ҳамсоя ба вуҷуд омадани ақидаҳои тараққихоҳона ва маорифпарварона ба ҷаҳонбинии Дониши маърифатпараст, албатта, бенатиҷа намемонд.

Дар вазъияти зулмонӣ ва истибдодии онрӯзаи Бухоро ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш як машъале фурӯзон буд, ки зиёиёни ба хоби ғафлат рафтаро ҳушёр, бедор ва дар гирди худ муттаҳид намуд. Яке аз «бузургтарин хизматҳои Аҳмади Дониш аз он иборат аст, ки ӯ тавонист, дар атрофии худ як гурӯҳ пайравон- маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид кунад»[7, с.28].

Беҳуда устод Садриддин Айнӣ Аҳмади Донишро ситораи дурахшон дар осмони тираи Бухоро нагуфтааст[3, с.20].Беҳтарин мутафаккирон ва адибони он замон Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ, Исо Махдуми Бухороӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Махдуми Шоҳин, Мирзо Ҳайити Саҳбо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат пайравон ва ҳаммаслакони Аҳмади Дониш ба ҳисоб мерафтанд.

Дар ташвиқу тарғиб намудани ақидаҳои пешқадами мутафаккир бар иловаи фаъолияти пайравони фавқуззикр боз нақши ду маҳфили адабӣ, ки дар он вақт дар Бухоро амал менамуданд, бешубҳа калон аст. Яке аз ин маҳфилҳо дар ҳавлии Аҳмад Махдуми Дониш ва дигаре дар хонаи Шарифҷон Махдуми Садри Зиё фаъолият доштанд. Аъзо ва иштирокчиёни фаъоли маҳфили Садри Зиё ба қавли устод Айнӣ инҳоянд: Мулло Нарзуллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, мулло Бурҳони Муштоқии Бисмил, қорӣ Абдулкарими Офарини «дӯзахӣ», Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, мулло Раҳмати сартарош ва Азизхоҷаи Азиз. Устод Айнӣ аз соли 1891 бо онҳо ошно гардида буд ва чанде дигар низ буданд, ки ба маҳфили Садри Зиё шахсан ҳозир намешуданд, вале афкори онҳо, эҷодиёти онҳо аз тарафи аҳли маҳфил ғоибона мавриди ситоиш ва ҷонибдорӣ қарор мегирифт. Ба қатори онҳо Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва Шамсиддини Шоҳин дохил мешуданд[11, с.18].

Муҳаққиқ З.Ш.Раҷабов навиштааст, «ки ба қавли устод Айнӣ, Аҳмади Дониш яке аз иштирокчиёни доимӣ(ва аслан роҳбари) анҷумани шоирон буд, ки дар ҳавлии Шарифҷон Махдум

(Садри Зиё) барпо мешуд»ва дар ҷои дигар меорад, ки Садриддин Айнӣ дар солҳои ҷавонӣ дар маҷлисҳое, ки мушоара барпо мешуд, борҳо худи Аҳмади Донишро дидааст[8, с.100].

Ҳақиқатан, Аҳмади Дониш роҳбару роҳнамои зиёиёни пешқадами Бухоро маҳсуб мешуд ва он маҳфилҳо низ дар партави афкори пешқадами ӯ фаъолият менамуданд, вале чи тавре ки даргуфтаи устод Айнӣ дар фавқ дидем, Дониш иштирокчии маҳфили Садри Зиё набудааст ва ӯро ғоибона ситоиш менамуданд.Айнӣ бошад, Донишро дар назди мадрасаҳо, борҳо дидааст ва ҳатто бо ҳамроҳии мударрисон ба хонаи Аҳмади Дониш барои тутхӯрӣ ҳам рафта будааст[1, с.270-272].

Вале аз аҳли маҳфили Аҳмади Дониш баъзеҳо чун Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа ва дигарон ба ҳар ду маҳфил рафтуо доштанд ва ҳар ду маҳфилро бо ҳам мепайвастанд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Ҳомидбеки Ҳомид ва Абдулкарими Офарини «дӯзахӣ» низ аз давомдиҳандагони маҷлиси Аҳмади Дониш дар маҳфили Садри Зиё буданд. Ҳамаионҳо то зиндабуданиДониш ба назди ӯ рафтуодоштанд.

Маҷлисҳои маҳфили Садри Зиё аз ҷиҳати мазмун ба маҷлисҳои Аҳмади Дониш хеле наздик буданд ва мавзӯи муҳокимашаванда низ як буд. Суҳбате, ки дар хонаи Аҳмади Дониш сар мешуд, дар маҳфили Садри Зиё идома меёфт, ё баръакс[11, с.21].

Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ низ дар ин андешааст, ки Садри Зиё бо Аҳмади Дониш ба ҳам ҳамсуҳбат нагардидаанд. Чунончи менависад: «Гуфтем, ки ҳақгӯи аввал Аҳмад Махдуми Дониш буд. Бо бовармандӣ тавон гуфт, ки ҳамнишинӣ ва ҳамсуҳбатӣ бо Аҳмади Дониш ба Садри Зиё муяссар нагардидааст. Лекин маҳфили адабии Садри Зиё бо маҷлисҳои хонаи Аҳмади Дониш робитаи бевосита доштааст»[11, с.20].

Мавзӯи баҳси ин маҳфилҳо масъалаҳои доғи рӯз, ислоҳот дар аморат, ислоҳот дар мактабҳо ва низоми маориф, таҳлили ашъор ваэҷодиёти аъзои маҳфил ба ҳисоб мерафт. Аҳмади Дониш тавонист ин гурӯҳи зиёиёнро ба як ҷараёни калон, ки оянда номи маорифпарваронро мегирад, табдил диҳад.

Солҳои 80-уми асри XIX осори Дониш ва ақидаҳои ислоҳотхоҳии ӯ диққати тамоми зиёиёнро ба худ ҷалб карда буд. ШарифҷонМахдум яке аз мухлисони беҳтарини осори Дониш ба ҳисоб мерафт, вайҳатто дар айёме, ки мутафаккир аз дарбор рафта ва хондани осораш манъ шуда буд, нусхаи дастнависи «Наводир-ул-вақоеъ»-ро пайдо намуда, ба шоири ҷавон Абдулвоҳиди Мунзим (1875-1934) барои китобат супорид. Баъди китобат Садри Зиё Мунзим, Айнӣ ва Ҳайратро фармуд, ки онро бо нусхаи асл муқоиса намоянд.

Ин кор соли 1899 буд ва аз ҳамон сол сар карда, бо ибораи устод Айнӣ дар сояи мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» дар шуури Мунзим, Айнӣ, Ҳайрат ва дигарон тағйирот ва «инқилоби фикрӣ рӯй дод», ки ин боиси бештар гардидани сафи қувваҳои бомаърифату ислоҳотталаб ва маърифатпарвар гардад. Шиносоӣ бо «Наводир-ул-вақоеъ» ибтидои ақидаҳои танқидии зидди сохти мавҷудаи давлатӣ буд, ки адибони маз-кур ва дигаронро талқин менамуд, ки бештари фанҳо ва дарсҳои дар мадраса омӯхтаашонро беҳуда ва нолозим ҳисобида, дар назди аҳли маҳфили хеш дар бораи ислоҳоти ҳаёти ҷомеа ва ислоҳот дар барномаи мактабҳои Бухоро суҳбат намоянд.

ТаълимотиДониш дар маҷмӯъ баҳреро мемонад, ки аз паси мавҷе мавҷи дигареро ба вуҷуд меорад. Ақидаҳои сиёсии ӯ ба сиёсатмадорон, ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотталабии ӯ ба маорифпарварон ва ҷадидон ва тарафдорони мактабҳои усули нав, санъати шоирии ӯ ба шоирон, санъати насрнависии ӯ ба нависандагон ва санъати таърихнигории ӯ ба таърихнигорон ва ғайра таъсири бузурге расонидааст.

Устод Айнӣ менависад: «ҳарчанд то ин дам аз матбуоту адабиёти ҳозира бехабар будам, лекин орзуи ислоҳи макотибу мадорис дар хотирам нохуне мезад ва аз бидъоти маъҳуд байни худҳо хеле нафрат доштам. Ин орзу ва нафрат ба ман ба воситаи мутолиа кардани «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби Аҳмад Махдуми Муҳандис Дониши Бухороӣ ва хондани китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек» пайдо шуда буд»[3, с.35].

Пайдоиш ва паҳн шудани ҷаридаҳои нав ва кушодашавии мактабҳои усули нав дар хориҷи кишвар барои амалӣ гардонидани ормонҳои Аҳмади Дониш аз ҷониби пайравонаш заминаи хубе муҳайё сохт. Нахустин мактаби усули нав ба гуфтаи устод Айнӣ дар соли 1883 дар Боғчасарой аз ҷониби Исмоилбек Ғаспаринии Қиримӣ ифтитоҳ ёфтааст. Паҳншавии ҷаридаҳои «Тарҷумон», «Ҳабулматин» (мунташири Ҳиндустон), «Парвариш» (мунташири Миср) дар тарғиби ислоҳи мадорис низ хеле судманд буд.

Вале чун ҳомӣ ва сарпарасти мактабҳои нав давлати Туркия буд, пеш аз ҳама ӯ пантуркизмро дар байни мусулмонони Кафқоз, Русия ва Осиёи Миёна тарғиб мекард. Исмоилбеки Ғаспаринӣ ҳатто худаш соли 1907 ба Бухоро омада, дар он ҷо мактаби нав бо забони тоторӣ ифтитоҳ намуд.

Соли 1898 дар Қӯқанд бо ибтикори мулло Салоҳиддин, соли 1899 дар Андиҷон бо ибтикори мулло Шамсиддин ва дар Тошканд ҳамон сол бо ибтикори қорӣ Манон мактабҳои нав бо забони ӯзбекӣ кушода шуд[10, с.127].

Аввалин мактаби усули нав бо забони тоҷикӣ соли 1901 аз ҷониби маорифпарвар Абдулқодири Шакурӣ дар Самарқанд кушода шуд. Дар Бухоро аввалин мактаби усули навро мулло Ҷӯрабойи пирмастӣ соли 1900 кушод, вале он дер давом накард. Тоторҳо, табааи Русия буданд, озодона чи дар

Бухоро ва чи дар дигар шаҳрҳо мактабҳои нави худро мекушоданд, вале барои тоҷикон дар ватани хеш барои кушодани чунин мактабҳо на имконият ва на иҷозат буд.

Баъди шиносоӣ бо мактаби нави Абдуқодири Шакурӣ дар Самарқанд бо ташаббуси пайравони Аҳмади Дониш Мирзо Абдувоҳиди Мунзим ва Садриддин Айнӣ 5-уми ноябри соли 1908 дар ҳавлии Мунзим нахустин мактаби нав бо забони тоҷикӣ кушода шуд. Садриддин Айнӣ барои осонтар шудани таълим маҷбур шуд, ки худ барои бачагон китобҳои зеринро бинависад: «Таҳзиб-ус-сибён»(1909), «Тартил-ул-Қуръон»(1909) ва баъдтар «Заруриёти диния»(1914).

Ифтихори миллии устод Айнӣ, ки аз таълимоти Аҳмади Дониш маншаъ гирифта буд, мактабҳои тоториву туркиро мактабҳои Бухоро намеҳисобид: «мактаби тоторҳо низ барои ба забони туркии тоторӣ будан, мактаби Бухоро ҳисоб намеёфт»[3, 40]. Пайравии дигаре, ки Айнӣ ва Мунзим аз Дониш намуданд, ин буд, ки онҳо барои саводнок кардани омма кӯшиш намуда, бачаҳои камбағалонро бепул таълим медоданд.

Обрӯи мактаби нави тоҷикӣ баъди он, ки бачаҳо имтиҳонҳоро дар назари мардум озоду ошкоро супориданд, хеле баланд гардид. Рағбати мардумро дида, мухолифони мактаби нав ба ҷунбиш даромаданд. Аввалин касе, ки аз муллоён ба муқобили мактаби нав баромад, Мулло Қамари Қазонии мударрис буд, яъне ғайритоҷик[3, с.48]. Баъди дар соли 1909 баста шудани мактаби услуби нави Мунзиму Айнӣ аз тарафи амир, тарафдорони мактаби нав баз ҳам муттаҳидтар гардиданд ва дар натиҷа ҳаракати муташаккилонаи ҷадидияро ба вуҷуд оварданд.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт. ақидаҳои тарбиявӣ, маорифпарварӣ ва сиёсии Аҳмади Дониш нафақат барои ҳамзамонони мутафаккир, балки барои чанд насли минбаъда аз қабили маорифпарварон, ҷадидон ва тарафдорони инқилоб низ ҳамчун роҳнамо хизмат намудаанд.

Таъсири ақидаҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Донишро таърихшинос Намоз Ҳотамов ба ҳаракати ҷадидон ниҳоят калон дониста, чунин менависад: «Манбаи аввал ин ақидаҳои маорифпарварии фарзанди барӯманди халқи тоҷик Аҳмади Дониш, фарзандони халқи ӯзбек Зокирҷон Фурқат, Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ, Завқӣ ва дигарон ба ҳисоб мераванд. Аз байни онҳо, махсусан Аҳмади Дониш зиёда шуҳрат пайдо карда буд»[10, с.119]. Ақидаҳои маорифпарварии Дониш дар авохири қарни XIX аллакай дар Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Тошканд, Хева ва дигар манотиқ шуҳрат ёфта буданд.

Яке аз санъатҳои муҳимтарини ҳамаи давру замонҳо – ин таърихнигорӣ ба ҳисоб меравад ва ҳар давру замон хусусиятҳои хоси таърихнигории худро дорад. Хусусияти фарққунандаи таърихнигории нимаи дуюми асри XIX ин ба миён омадани асарҳои танқидии таърихӣ мебошад. Дар асарҳои таърихии Аҳмади Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» ва асари Мирзо Абдулазими Сомӣ «Таърихи салтанати Манғития» ҷаҳолат, қафомондагӣ ва бедонишии амирон, амалдорон ва лашкариёни аморати Бухоро мавриди танқиди сахте қарор гирифтаанд.

Маорифпарварони дигар Садриддин Айнӣ «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ва Абдурауфи Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон»- и хешро дар пайравии Дониш навишта, услуби танқидии ӯро истифода бурдаанд. Устод Айнӣ менависад: «Бисёртарин муаррихони Машриқзамин…асоси таърихнависиро ба қасида ва мадеҳанигорӣ гузоштанд…тамаллуқ ва риёкориро пеша карданд…Инак ин равише, ки мо илтизом кардем, як аксуламали маслаки пешиниёни мост»[2, с.126-127].

Аҳмади Дониш бо содабаёнии хеш дар наср ва назм низ намунаи ибрат буд. Абдулқодирхоҷаи Савдо дар аввалҳо шеърҳои мураккаб мегуфтааст, лекин бо маслиҳати Дониш содаю равон навишта, боз ҳам машҳуртар гардидааст[8, 213].Тақвияти соданависӣ яке аз фазилатҳои маорифпарварон ва махсусан Аҳмади Дониш ба ҳисоб мерафт. Таблиғ ва ташвиқи ӯ алайҳи муғлақбаёнӣ низ ҷонибдорони зиёдеро аз қабили Садри Зиё, Аҷзӣ, Айнӣ, Асирӣ ва дигарон пайдо намуд ва ба соданависӣ раҳнамун сохт. Дар миёни маорифпарварон сабқати соданависӣ ривоҷ ёфт ва устод Айнӣ ба тарафдории баъзеи ин соданависон чунин мегӯяд:

«Шарифҷон- махдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт»[11, 97]. Лекин худи устод Айнӣ ва Фитрат дар ин ҷодаи содабаёнӣ аз ҳама пештар рафта, шуҳрати бештаре ёфтанд. Хизмати Садриддин Айнӣ дар содагиву тозагии забони адабии тоҷик ниҳоят бузург мебошад.

Хулоса, таълимоти Аҳмади Дониш барои зиёиёни ҳамзамони ӯ чароғи раҳнамо ва ҳидояткунандаи роҳи маърифат ва пешрафти ҷомеа ба ҳисоб мерафт ва дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ аз онҳо истифода бурдан, ба андешаи мо, бар салоҳи кор хоҳад буд.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 6. / С.Айнӣ -Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1962.- 415 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 10. / С.Айнӣ - Душанбе: Ирфон, 1966.- 343 с.
3. АйнӣС.Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. / С.Айнӣ - Душабе, 2005.-270 с.
4. Аҳмади Дониш Наводир-у-лвақоеъ.К.1. / Аҳмади Дониш -Душанбе: Ирфон, 1988.- 285с.

5. Аҳмади Дониш.Наводир-у-лвақоеъ.К.2. / Аҳмади Дониш -Душанбе: Ирфон, 1989.- 339с.
6. Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». Ботаҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода. Аҳмади Дониш - Сталинобод, 1957.- 224с.
7. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Китобидуюм. / Бобоҷон Ғафуров - Душанбе: Ирфон, 1985.- 409с.
8. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. / З.Ш. Раҷабов - Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.
9. Ҳайдаров А.А. Афкори педагогии Аҳмад Маҳдуми Дониш (монография. / А.А. Ҳайдаров - Душанбе: «Ирфон», 2011.-160 с.
10. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (Аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924).Нашри дуюм. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. / Н.Б. Ҳотамов – Душанбе, 2007.- 368 с.
11. Шакурӣ М. (Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой). Садри Бухоро. Чопи дувум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. - Душанбе, 2005. - 325 с.
12. Юнусов А., Норкаллаев И. Аҳмади Дониш. (Феҳрасти адабиёт). / М. Шакурӣ -Душанбе, 1986.- 121 с.

## СВЕТИЛО И ПУТЕВОДИТЕЛЬ ТВОРЧЕСКОЙ ИНТЕЛЛИГЕНЦИИ СВОЕГО ВРЕМЕНИ

*В статье отмечается, что Ахмад Дониш в ряду просветителей, джадидов, творческой интеллигенции, мыслителей XIX века и других сторонников идей гуманизма занимает лидирующее положение. На основании анализа и исследования научно-литературного и педагогического наследства Дониша, и освоенных им предметов и наук, его можно, без преувеличения, назвать энциклопедистом. Вопросы гуманизма составляют основное содержание и суть его произведений.*

*Автор пишет, что Ахмад Махдум Дониш был уникальным учёным и мыслителем своей эпохи.*

*В условиях несправедливости и тирании Центральной Азии того периода, просветительские воззрения Дониша служили маяком для образованной элиты и призывали к пробуждению и объединению всех просвещенцев.*

*Его учение было путеводным факелом для творческих людей его времени и служило руководством на пути к просвещению и прогрессу общества. И в настоящее время использование мировоззрений этого великого мыслителя Востока принесет огромную пользу в воспитании и обучении подрастающего поколения.*

***Ключевые слова****: просветительство, джадидизм, вопросы гуманизма, энциклопедист, воспитания и обучении подрастающего поколения, интеллект, ремесло и труд, схоластика, простоты изложения мысли, историография, реформа, проза, безграмотность.*

## LUMINARY AND GUIDE OF ITS TIME

*The article notes that Ahmad Donish occupies a leading position among the enlighteners, Jadids, creative intelligentsia, thinkers of the 19 th century and other supporters of the ideas of humanism. Based on the analysis and research of the scientific, literary and pedagogical heritage of Donish, and the subjects and sciences he mastered, he can, without exaggeration, be called an encyclopedist. Questions of humanism constitute the main content and essence of works. The author writes that Ahmad Mahdum Donish was a unique scientist and thinker of his era. In the conditions of the injustice and tyranny of Central Asia of that period, Donish's educational views served as a beacon for the educated elite and called for the awakening and unification of all enlightened people. His teachings were a guiding torch for the creative people of his time and served as a guide on the path to enlightenment and the progress of society. And at present, the use of the worldviews of this great thinker of the East will be of great benefit in the education and training of the younger generation.*

***Key words:*** *enlightenment jadidism, questions of humanism, encyclopedist. Education and training of the growing up. Generations, intellect, craft and labor , scholasticism, simplicity of presentation of thought, historiography, reform, prose, illiteracy.*

***Сведение об авторе:***

***Хайдаров Абдусамад Алифбекович****-к.п.н., доцент, заведующий кафедрой таджикского и русского языков Института туризма, предпринимательства и сервиса. Тел: (+992) 919997527 E-mail: avsamad@bk.ru*

***About the autor:***

***Haidarov Abdusamad Alifbekovich*** *- candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the Department of Tajik and Russian Languages, Institute of Tourizm, Entrepreneurship and Service.Tel: (+992) 919997527 E-mail: avsamad@bk.ru*

**УДК-37.0+377+378(2-точ)**
**Б-74**

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ

***Кузиева Р.М.***
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон*
***Мирализода А.М.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

Таъсири мутақобилаи инсон ва табиат дар тамоми давру замон ҳамчун воситаи мавҷудият ва инкишофи ҷамъият ба шумор мерафтааст. Чуноне, ки маълум аст имрӯз дар замони инкишофи босуръати илму технология таъсири инсон бо табиати Замин суръати кайҳониро гирифта истода, табиат ба тағйирот ва таҳаввулоти бузург дучор гардида истодааст. Мутаассифона дар ин мубодилаю муносибат, насли инсонӣ танҳо ба манфиатҳои моддии худаш бартарӣ дода истодааст. Муносибату истифодабарии ноокилонаи инсон ба муҳити зисти худаш боиси аз байн рафтани ҷангалзорҳои азим, намудҳои гуногуни олами растаниҳо ва ҳайвонот ва захираҳои дигари табиӣ гардида имрӯз хатар ба худи инсон эҷод карда истодааст. Имрӯз натиҷаи ин харобкориҳои инсон тамоми ҳаду ҳудудҳоро гузашта берун аз атмосфераи Замин ба фазои наздизаминии Кайхон паҳн гардида истодааст. Ҷомеаи инсониро зарур аст, ки дар тамоми сатҳҳои ҷамъиятӣ дарк намояд, ки муносибатро ба муҳити зист ба куллӣ бояд дигар намояд, то ин ки саломатию ҳаёти худро ва дар маҷмӯъ сайёраро ҳифз намояд. Дигар вақти он расидааст, ки мафкураи «инсон шоҳи табиат»-ро ба «инсон иҷоранишини табиат» иваз намуда муносибатро бо ин хонаи умумии мавҷудоти зинда ва тамоми сокинони ин «хона» дигаргун намоем. Имрӯз мушкилиии экологӣ на танҳо мушкилии ҳифз намудани муҳити зист балки тарбияи инсони комил низ мебошад. Вайроншудан ва халалдор гардидани низоми табиӣ, зарар расонидан ва хароб кардани табиат - ин пеш аз ҳамма вайрон шудани инкишофи шахсияти комил, аз ҳадди инсонию ҳайвони баромадани насли одамӣ ба шумор меравад. Ин ҳаддест, ки инсон хислати инсониятро гум карда, ақлу шуури худро қурбонии ҳавою ҳавасҳо нафсу манфиатҳои моддии худ мегардонад.

Бинобар ин бо мақсади рафъи бӯҳрони экологӣ ва ҳифзи шароитҳои мусоиди табиӣ, барои наслҳои оянда, пеш аз ҳама иваз намудани тафаккури муосири иқтисодӣ ба тафаккури нави экологӣ зарур аст. Барои расидан ба ин ҳадаф инсонро ба ҳамон шароити ташаккули табииаш, тарбияи меъёрҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ баргардонидан зарур аст. Танҳо дар ҳамин сурат низоми муътадили алоқамандиҳои байни «инсон – табиат – ҷомеа»-ро барқарор крадан мумкин аст. Ин низомро дар натиҷаи ташаккул додани фарҳанги экологӣ дар байни ҷомеа, маҳаки он тафаккури муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона ба сарватҳои табиат ва дигар субъектҳои биосфера меистад барқарор кардан мумкин аст. Яъне баробарҳуқуқии тамоми аъзоёни биосфераро барқарор кардан зарур аст. Таҳлили тамоми ҷанбаъхои проблемаи фарҳанги экологӣ нишон дод, ки ташаккулёбии он бисёр мураккаб ва марҳиланок гузашта дар адабиёти соҳавӣ гуногунранг ва гуногунмазмун шарҳ ёфтааст.

Аз мавқеи назариявӣ фарҳанги экологӣ ҳамчун таълимот ва системаи донишҳо оид ба қонуниятҳои инкишофи табиат ва тафаккури ҷамъиятӣ дар солҳои 70-уми асри XX зуҳур намудааст.

Ин зуҳурот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ-озмоишӣ озмуда шуда бошад ҳам, то ба ҳол шарҳи пурра ва таърифи ягонаи худро наёфтааст.

Мафҳуми фарҳанги экологӣ аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ Игнатева В.А. ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсоният, ки ифодакунанда ва ба меъёр даровардаи муносибатҳои инсон дар тамоми намудҳои фаъолиятҳояш мебошад, шарҳ додааст. Ҳамзамон дар омӯзиши проблемаҳои ҳамбастагӣ ва алоқамандиҳои фаъолиятҳо ва ҳайёти инсонсҳо бо табиат Никанорова Е.В. Моисеева Н.Н., Урсула А.Д., Данилова В.И. ва диг. Таҳқиқотҳои илмие иҷро намуда бошанд ҳам яке аз аввалинҳо шуда проблемаи фарҳанги экологиро В.И. Вернадский дарк ва мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода будааст. Вернадский В.И. косепсияи ҳамбастагиҳои биосфера ва ноосфераро таҳия намуда гуфта буд, ки инкишофи минбаъдаи табиат ва инсоният бояд дар с заминаи коэволютсия, - ягонагӣ ва бо назардошти манфиатҳои умум – сурат гирад.

Ташаккулёбии фарҳанги экологӣ дар натиҷаи тарбияи ҳадафмандонаи насли инсонӣ оид ба дарки бошууронаи қонуниятҳои инкишофи табиат, муҳити зист, муносибати эҳтиёткорона ва боэҳтиромона ба табиат, ҳифзи сарватҳо ва унсурҳои он, оқилона истифодабарии сарватҳо ва боигариҳои он, ва дар зиёд гардонидани ин сарватҳо саҳми арзанда гузоштан мебошад.

Мафҳуми фарҳанги экологиро бошад, ба маърази истифодаи илмӣ Л.Н. Коган ворид гнамудааст. Ӯ фарҳанги экологиро, ҳамчун «ҳамбастагии инкишофи маданӣ-ахлоқӣ ва табии тамаддуни инсонӣ» тавсиф намудааст [7]. Ба ақидаи ӯ фарҳанги экологӣ ин ҷузъи фаҳанги умумиинсонӣ мебошад, ки дар маҳорату малака ва таҷрибаҳои ҳаётие таҷассум мeёбад, ки аз насл ба насл дода шуда ҳамчунин самарааш ташаккулёбии арзишҳо, меъёрҳо, андешаҳо ва анъанаҳо ба шумор мераванд. Дар

адабиётҳои илмӣ шарҳҳои дигари фарҳанги экологӣ низ вомехӯранд. Чуноне, ки Воедилова И.А. зикр менамояд, «фарҳанги экологӣ таҷассумгарӣ ҳамбастагиҳои томи меъёрҳо, андешаҳо, ва хулосаҳое мебошад, ки нишондиҳандаи муносибатҳои ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсият ба табиат мебошанд.» [1].

Жиркова В.И. бошад фарҳанги экологиро ҳамчун андешаҳои устувори муносибатҳои ғамхорона бо табиати атроф номидааст, ки дар тафаккур ва фаъолияти ҳар як шахсият зоҳир мегардад [10].

Кривошеева Е.С. бошад дар таҳти мафҳуми фарҳанги экологӣ маълумотҳои мураккаби шахсӣ, ки масъулиятнокиро нисбат ба ҳолати табиати атроф, андеша ва хулосаҳои шахсии экологӣ, таҷриба аз фаъолиятҳояш дар самти омӯзиш ва ҳифзи табиат ва системаи мафҳумҳои илмӣро доир ба проблемаҳои экологии муосирро тавсиф намудааст [6].

Ба ақидаи Ермолаева бошад, дар таҳти мафҳуми фарҳанги экологӣ бояд ҷиҳати махсуси фарҳанги умумии ҷоеаро фаҳмид, ки воситаҳои некназаронаи муносибатҳои ҷамъияти инсониро бо муҳити табиӣ ифода карда, фаъолиятҳои амалии мақсаднокеро дар самти беҳдошти муҳити зист дар бар мегирад [2].

Ҳамин тавр дар замони муосир мафҳуми фарҳанги экологӣ таърифи ягона ва мушаххаси худро надошта бошад ҳам мазмунан қариб ҳамаи нуқтаҳои назар ба як дигар наздиканд.

Мо дар таҳти фарҳанги экологӣ шуури ягонаи экологиро мефаҳмем, ки дар ҳолатҳои равонӣ-психологӣ ва фаъолиятҳои амалии шахсият таҷассум меёбад.

Мо фарҳанги экологиро таҳқиқ намуда дар он аломатҳои зеринро дарёфтем:

- мавҷудияти маълумотҳо ва шуури экологӣ, кӯшидан дар ҷодаи ҳифз ва беҳдошти муҳити табиӣ, ки сабаи мавҷудияти ҳаёт ва махсусан инсоният мебошад;
- қобилияти истифода намудани донишҳои экологӣ дар амал ва ҳаёти ҳамарӯза;
- маҳорати дарк ва дарёфти проблемаи экологии ба миёномада ва ҷустани роҳҳои ҳал ва бартарафнамоии он.

Зикр намудан ба маврид аст, ки фарҳанги экологӣ миллӣ ва ё қавмӣ набуда сарҳаду забон надорад ва метавон гуфт, ки он умумибашарӣ аст. Зеро ҳеҷ як халқият ва ё миллате бе табиат ва муносибатҳои мутақобилае бо табиат вуҷуд дошта наметавонад, ва проблемаи экологӣ проблемае нест, ки дар як минтақа зуҳур карда ба дигар минтақа бетаъсир монад. Он фарҳанге мебошад, ки хусусияти умумибашарӣ дошта дар тӯли таърихи мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ ташаккул ёфта, омезиш ёфта дар фаъолияти меҳнатию фарҳангии ҳар як халқият зоҳир мешавад.

Хулосаи ақидаҳои олимон ва таҳлилҳои шахсиамон моро ба ақидае овард, ки фарҳанги экологӣро ба ду навъ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Фарҳанги экологие, ки дар заминаи анъанаҳои қавмию миллӣ ва маҳалӣ ташаккул ёфта аз насл ба насл гузашта ҷанбаи маҳал дорад;
2. Фарҳанги экологие, ки дар заминаи синтези маданиятҳои ҳифзи табиатии умумибашарӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ ҳадафмандона дар шароити махсус ташкил гардида ташаккул меёбад.

Таҳқиқотҳои мо нишон дод, ки дар Тоҷикистон мардум асосан ба фарҳанги экологии типи якум такя намуда аксари мардум аз ҳолати ногувори экологии минтақаҳои ҳамшават ва ё сайёравӣ бехабаранд, ва ё барояшон он проблемаҳо бетафоввут аст.

Ҳамчунин натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки

- муҳити табиӣ аз тарафи инсон ҳамчун шароити мусоиди ҳаётӣ, ҷои зист дарк карда мешавад на ҳамчун арзиши томи мустақил, ки танҳо як ҷузъи он ба шумор меравем;
- вазъи муҳити зист аз ҳолати равонии бошандагони он вобаста мебошад;
- талаботҳо ба муҳити зист танҳо аз хостаҳои шахсии инсонҳо иборат аст, манфиати дигар бошандагони он ба назар гирифта намешавад;
- гуногунрангии табииро инсоният ҳеҷ қабул накарда истодааст, танҳо овора аз паи ниёзу хостаҳои худ мегардад;
- дарки экология ва проблемаҳои экологӣ характери примитивӣ дорад.

Шумораи беҳад ками пурсидашудагон (2, 3%) дорои типи фарҳанги экологии умумибашарӣ мебошанд.

Ҳамин тавр ба хулосае омадем, ки барои ҷамъияти кунунии мо фарҳанги экологие хос аст, ки муҳити табиӣ ҳамчун муҳити қулай ва барои зист мусоид қабул гардида, хислати экоцентризмиашро болотар мегузорад. Ин хулосаи мо бо ақидаҳои Воедилова И.А., Ермолаева П.Н. ва диг. мувофиқат мекунад [1; 5; 12].

Маҳз ҳамин эгосентризми инсон нисбати табиат мебошад, ки арзишҳои истеъмолии худро болотар аз ҳамаи унсурҳо ва бошандагони муҳити зист гузошта, боиси ғолиб омадани нафсу эҳсосот бар ақл, паст гардидани арзишҳои ахлоқию равонӣ ва ғояҳои инсони комил гардида, ба ташаккулёбии хислатҳои зараррасонию муфтхуриаш сабаб гардидааст.

Натиҷаи инро мо дар муносибати беҳиссона, бетафовутона, бемасъулиятона ва бадахлоқона, бераҳмона ва нооқилона ба табиат мушоҳида менамоем.

Аз ҳамин сабаб зарурате ба миён омад, ки низоми муайян ва ҳадафноки таҳсилоти экологӣ ба миён ояд, то ин ки дар таҳти таъсири чорабиниҳои махсус ташкил гардидаи таълимию тарбиявӣ дар инсон аз синни хурди таҳсилот фарҳанги эккологи ташаккул дода шавад.

Бо ин мақсад, аз синни хурди таҳсилот дар кӯдак ташаккул додани хислатҳои муносибати бовиҷдонона, ғамхорона, масъулиятнокона ба табиатро ташаккул ва тарбия додан лозим аст, то ки аз муносибати ғоратгарона нисбат ба сарватҳои табиат ва олуданамоии муҳити географӣ даст кашем [3]. Яъне ҳалли масъалаҳои экологии ба миёномада дар масштаби умумисайёравӣ бе тағйир додани шуури экологии мавҷудаи аҳолӣ ғайриимкон аст.

Фарҳанги экологӣ категорияи шоханок буда аз ҷузъиёти зиёд иборат мебошад. Айни замон дар байни муҳаққиқони соҳа фикру ақидаи ягонае дар бораи тавсифоти он дида нашавад, ҳам мазмунан фикрҳо ба якдигар наздиканд ва ё пурракунанда ва тақвиятбахшандаи ҳамдигар ба шумор меравaнд.

Дар сохтори фарҳанги экологии башарият бо таври умумӣ чор ҷузъиёт ва гоҳо ҳафт ҷузиётро ҷудо мекунанд.

Ба гурӯҳи якум дохил мешавад:

фарҳанги экологии когнитивӣ;

фарҳанги экологии эстетикӣ;

фарҳанги экологии тафаккури арзишӣ,

фарҳанги экологии амалӣ.

Аз ин номбаршудагон ҳар якеаш дар марҳилаҳои гуногуни синнусолии шахсият бартарӣ пайдо карда дар ташаккули шахсият таъсиргузор мешавад.

Ба ҷузъиёти гӯруҳи дуюми фарҳанги экологӣ доҳил мешаванд:

- шавқмандӣ ба табиат донистани асрори ва проблемаҳои ҳифзи он;
- донишҳо доир ба табиат ва ва роҳҳои ҳифзу инкишофи устувори он;
- фаъолияти босаводонаи экологӣ дар муҳти табиӣ;
- нишон додани ҳасосияти ахлоқӣ ва зебоипарастӣ дар муносибат бо табиат;
- омилҳои барангезандаи рафтор ва фаъолияти шахсият дар табиати атроф [11].

Кашлева С.С. бошад, дар сохтори фарҳанги экологии шахсият ҷузъиёти зеринро ҷудо менамояд:

1) Барангезанда: низоми муайяни фаъолияти экологӣ,рафтори инсон дар табиат;

2) Аксиологӣ: фаъолиятҳо ва тафаккури арзишманди инсон, дарки фардии арзиши ҳаматарафаи табиат барои ҷамъият ва шахсият (иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, сиёсӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғ.), ҳамчун арзиши умумибашарӣ;

3) Гностикӣ: системаи донишҳои илмӣ ва эмпирикӣ доир ба табиат ва ҷузъиёти он, шинохтани худ ҳамчун як ҷузъи таркибии табиат, алоқаи мутақобилаи инсон ва табиат, шахсият, донишҳои экологӣ, экологияи иҷтимоӣ, ҳифзи табиат, маҷмӯи малакаҳои таҳқиқотӣ, омӯзиши табиат, оқибатҳои таъсири инсон ба табиат;

4) Этикӣ (меъёрӣ): системаи меъёр ва қоидаҳои рафтор ва фаъолият дар табиат, ҳамбастагӣ бо табиат;

5) Фаъолияти амалӣ: системаи маҳоратҳои экологӣ, маҳорату малакаҳои амалии экологии фард, доштани қобилият, метод ва роҳҳои технологии таъсиррасонӣ ба табиат;

6) Эҳсосоти-иродавӣ: ҳасосияти баланди фард ба табиат, таҷрибаи бойи ҳамбастагӣ бо табиат, иродаи мустаҳками шахсӣ дар ҳалли мушкилиҳои экологии ба миёномада [5].

Кривошеева Е.С. ба ҷузъиёти аҳамиятноки фарҳанги экологӣ, ки имкон медиҳанд шахсият худашро ҳамчун яке аз элементҳои табиат эҳсос карда, масъулият ҳис намояд диққати ҷиддӣ додааст. Чуноне, ки зикр гардид масъулияти экологӣ сатҳи баланди шуури экологиро талаб мекунад. Фарҳанги экологӣ на танҳо маънои мусаллаҳ гаштан бо донишҳои экологиро дорад, балки дар натиҷаи он ҷаҳони ботинии шахсият ба куллӣ дигар мегардад [6].

Дар заминаи масъулияти экологӣ, муносибати хайрхоҳона ва масъулонаи одамон ба табиат ташаккул меёбад, ки таҳкурсии он донишҳои экологӣ ба шумор меравaнд. Масъулияти экологӣ ин муносибати дӯстдорона ва хайрхоҳона ба табиат набуда, балки дар асоси он муносибате меистад, ки вазифаи иҷроишаш ҳатмӣ ва ҳисси ҷавобгарӣ барои ҳар як амали йҷрогардида дар табиат меистад.

Лихачев Б.Т. чунин мешуморад, ки шуури тараққикардаи ягонаи экологии ҷамъиятиро ҳамчун фарҳанги экологӣ шуморидан мумкин аст. У зикр менамояд, ки шуури экологӣ дар худ зарурияти муҳофизат намудани табиат ва дарки натиҷаи ҳар як амалиёти худ дар табиатро таҷассум менамояд. Меъёр ва қоидаҳои ахлоқӣ низ дар баробари фаъолият дар табиат ташаккул меёбанд [4].

Дар алоқаманди бо ин Кривошеева Е.С. чунин меҳисобад, ки арзишҳои экологӣ, нисбат ба арзишҳои иҷтимоӣ, истеъмолӣ, ва иқтисодӣ мавқеи дуюминдараҷа дошта, мувозинати табииро халалдор намуда истодааст. Дар инҷо усухани дар бораи бартарӣ додан ба инсон ва табиат нарафта зарурияти таҳияи системае мебошад, дар он унсурҳои алоҳида нисбати якдигар бартарият надошта, балки тақвиятбахшанда ва пурракунандаи якдигар ба шумор меравaнд. Баҳри дар оянда инкишофи устувори ҷомеаи инсониро таъмин намудан, бояд мувозинати табииро халалдор нанамуда, экология ва

этика масири инкишофи онро нарму ҳамвор гардонанд [6; 4].

Ҳамин тавр мо ба хулосае омадем, ки мазмуни фарҳанги экологӣ дар заминаи омилҳои зерин ташаккул меёбанд:

1) Сатҳи донишҳои экологӣ;
2) Сатҳи шуури экологӣ ва рафтор дар табиат;
3) Таҷрибаи амалӣ ва маҳорату малакаҳои ҳифзитабиатӣ. Сохтори онро дар таблитсаи зеррин дидан мумкин аст:

*Таблитасаи № Сохтори таркибии фарҳанги экологӣ*

| № | Омилҳо | Таркиби омилҳо |
|---|---|---|
| 1 | Сатҳи донишҳои экологӣ | Донишҳо дар бораи табиат ва қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи инсон-табиат-ҷомеа |
| 2 | Сатҳи шуури экологӣ ва рафтор дар табиат | Андешаҳо, назарҳо, арзишҳо, муносибати ахлоқӣ-зебоипарастӣ ба табиат,муҳаббат ба табиат, масъулиятнокӣ. |
| 3 | Таҷрибаи амалӣ ва маҳорату малакаҳои ҳифзитабиатӣ | Ахборотӣ, таълимӣ-таҳқиқотӣ, ҳифзитабиатӣ, равшаннамоӣ. Маҳорату малакаҳои ҳифзитабиатӣ |

Маҳз ҳамин ҳамбастагии се ҷузъ – дониш, арзишҳо ва фаъолият – муайянкунандаи асосии ташаккулёбии фарҳанги экологӣ ба шумор мераванд.

Чуноне, ки Левин В.А. қайд мекунад одамоне, ки дар онҳо фарҳанги экологӣ ташаккул наёфтааст, метавонанд донишҳои муайянеро соҳиб шаванд, вале онҳоро дуруст истифода бурда наметавонанд. Яъне фарҳанги экологӣ шуури экологӣ ва рафтори экологиро дар бар мегиранд.

Рафтори экологӣ, ҳамбастагии амалҳои мушаххас ва фаъолиятҳои одамон мебошад, ки бевосита ва ё бо воситаи чизе ба муҳити табиат таъсир расонида мешавад ва ба истифодаи сарватҳои табиат нигаронида шудааст.

Дар навбати худ, рафтори экологиро хусусиятҳои шуури экологӣ ва маҳоратҳои асосии амалии ҳифзитабиатӣ муайян мекунад, ки дар ин ҳолат шуури экологӣ ҳамбастагиҳои тасаввуротҳои экологӣ ва ҳифзитабиатӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва муносибатҳои некбинона ба табиат ва дурнамои фаъолиятҳои экологиро ифода мекунад.

Нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ инҳоанд: муносибати хештаншиносӣ, муносибат бо ҷомеа ва муносибат бо табиат (муҳити зист). Ҳамзамон се гурӯҳи меъёрҳои ташаккули фарҳанги экологиро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар зер меорем:

- масъулияти экологӣ;
- меъёрҳои функсионалӣ;
- сохторӣ.

Ҳамин тавр фарҳанги экологӣ сифати интегралӣ дошта, аз хосиятҳои муҳими шахсият, ки ифодакунандаи дараҷаи тайёрии психологӣ, назариявӣ ва амалии фаъолиятҳои масъулиятшиносона дар табиат ва муҳити зист мебошад, тавсиф дода мешавад [9].

Мазмуни фарҳанги экологиро ҷузъҳои зерин ташкил медиҳанд:

А) зеҳнӣ (сатҳи дониш);
Б) арзишмандӣ (сатҳи шуур, рафтор дар табиат)
В) амалӣ (маҳорату малакаҳои амалӣ, ки барои фаъолиятҳои ҳифзитабиатӣ заруранд.

Барои амалисозии мувафақонаи тарбияи экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ риояи қоидахои зерин зарур аст:

- баназаргирии кулли ҷанбаҳои раванди инкишофи шахсият (яъне дар як вақт таъсиргузор будан ба фазои зеҳнӣ ва ҳамаи паҳлӯҳои ҳассосияти кӯдак);
- ҳадафгузории аниқ ба хусусиятҳои синнусолию ва фардии инкишофи кӯдак;
- таъмини марҳиланоки тарбияи фарҳанги экологии кӯдак, аз синни хурди мактабӣ то синни калони мактабӣ;
- истифодаи педагогикаи миллӣ;
- субъективият (кӯдак иштирокчии фаъоли фаъолияти экологӣ ба шумор меравад);
- баназаргирии ҳолати конкретии иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал;
- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги экологии муаллимони синфҳои ибтидоӣ.

Ташаккули заминаҳои ибтидоии фарҳанги экологӣ истифодаи усулҳо ва шаклҳои мушаххаси кор ва мундариҷаи махсус фароҳам овардашуда ва инчунин фароҳам овардани шароити заруриро барои робитаи доимӣ бо муҳити табиӣ талаб мекунад.

Истифодаи усулҳо ва воситаҳои гуногуни ба синну сол ва имкониятҳои кӯдакон мувофиқ, аз ҷумла баланд гардонидани фаъолият ва мустақилияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки табиатро омили муҳими рушди ҳамаҷонибаи кӯдак гардонад.

Дар робита бо ин, Моисеева Л.В. ва Никитина Ю.Г. қайд мекунанд, ки имрӯзҳо ҷустуҷӯи усулҳо, имкониятҳо, усулҳои таълим ва махсусан таълими экологӣ, таъмини ташаккули бо нигоҳи арҷгузори

нигаристан ба табиат, таҳлили рафтори шахсияти хонандаи хурдсол, рафтори одамони дигар, қобилияти боэътимодона дар асоси дониши худ амал кардан, ки дар ниҳоят рушди устувор ва ҳифзи муҳити атрофро таъмин мекунад, дар кӯдакон салоҳиятҳои хоси экологиро ташаккул медиҳад [8].

Чорабиниҳои таълимии беруназсинфӣ ва беруназмактабие, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида мешаванд, ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: чорабиниҳои гурӯҳӣ ва фардӣ. Қариб, ки ҳамаи ин чорабиниҳоро дар шакли гурӯҳӣ ва ё фардӣ истифода бурдан мумкин аст

Ба намудҳои гурӯҳии чорабиниҳои беруназсинфӣ дарсҳо бо гурӯҳи хонандагони синну соли хурд гузаронида мешаванд. Инҳо метавонанд маҳфилҳои мавзӯӣ оид ба экология, корҳои беруназсинфӣ, кори лоиҳавӣ, маҷлисҳои ҷамъиятҳои илмии хонандагон, клубҳои экологӣ бошанд. Ташкили чунин корҳои беруназсинфӣ бо назардошти манфиатҳо, талабот ва шавқмандии маърифатии хонандагон имкониятҳои ташаккулёбии фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатиашонро фарохтар ва тафриқагардию фардигардонии таълимро осон мегардонанд.

Дар айни замон, тамоюли ташкили корҳои беруназсинфӣ бо хонандагони хурдсол дар гурӯҳҳои якхела, яъне вақте ки ба як гурӯҳ дохил шудани хонандагони тақрибан сатҳи рушди зеҳниашон мусовӣ мушоҳида мешавад.

Ин аз нуқтаи назари педагогӣ-психологӣ асоснок аст, зеро ташкили гурӯҳҳои гетерогенӣ аҳамияти бештари тарбиявӣ дошта ба фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ дар коллективи кӯдакон мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Воедилова И.А. Экологическая культура как новое качество культуры / И.А. Воедилова // Астраханский вестник экологического образования. – 2012. – № 1. – С. 90-92.
2. Ермолаева П.О. Особенности формирования экологической культуры российских и американских студентов (кросс-культурный проект): автореф. дисс. … канд. социол. наук. / П.О. Ермолаева – Казань, 2011. – 26 с.
3. Жернакова Л.Г. Философский подход к экологическому воспитанию и образованию // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2010. – № 2. – С. 147-151.
4. Ильиных И.А. Экологическая этика: учебное пособие. – М.-Берлин: ДиректМедиа. – 2014. – 521 с.
5. Кашлев С.С. Понятие экологического образования как фактора устойчивого развития общества // Экологическое образование для устойчивого развития: отечественный и международный опыт: материалы международной научно-практической конференции (Минск, 26-28 апреля 2016 г.) / под ред. С.С. Кашлева. – Минск, 2016. – С. 6-9.
6. Кривошеева Е.С. На пути к экологическому сознанию // Вестник Красноярского государственного аграрного университета. – 2011. – № 1. – С. 177-183.
7. Мельников Н.Н. Социально-экологические основы гармонизации взаимодействия общества и природы (региональный аспект): дис. Социально-экологические основы гармонизации взаимодействия общества и природы. Канд. соц. наук: 22.00.04. - Самара, 2015. - 159 с.)
8. Моисеева Л.В., Никитина Ю.Г. Формирование экологической компетентности младших школьников // Педагогическое образование в России. – 2011. – № 2 – С. 203-210)
9. Николаева Л.А. Экологическая психология: учебное пособие. – изд. - Ярославль: Ярос. гос. ун-т им. П.Г. Демидова, 2013. – 102 с.
10. Региональный опыт экологического образования и просвещения / Анисимова Т.С., Бобровская М.А., Герасимова Г.А., Григорьева Е.Н., Гаянкова И.В. и др.; под ред. Кривошапкиной О.М. - ISBN 978-5-0009-0047-5 изд. - Киров: МЦНИП, 2015. - 106 с.
11. Семенова Г.Н. Воспитание экологической культуры младшего школьника как части общей культуры личности // Наука 21 века: вопросы, гипотезы, ответы. – 2014. – Т. 1. – № 1. – С. 76-80.)
12. Экологическая культура россиян // Омнибус ВЦИОМ. Тематический раздел: Экология. Климат. – 2011. – Пресс-выпуск № 1670.
13. *Абдуллозода Х. Тарбияи экологии хонандагон (дастури методӣ). – Кӯлоб, 1980.*


## ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ЧЕЛОВЕКА И ПРИРОДЫ ВО ВСЕ ВРЕМЕНА БЫЛО СРЕДСТВОМ СУЩЕСТВОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА

*Человеческое общество на всех уровнях должно понимать, что отношение к окружающей среде должно радикально измениться, чтобы защитить свое здоровье и жизнь, а также планету в целом.*

*Было отмечено, что для преодоления экологического кризиса и защиты благоприятных природных условий будущим поколениям необходимо, прежде всего, заменить современное экономическое мышление новым экологическим мышлением.*

*Отмечается, что теоретическое положение экологической культуры как учения и системы знаний о законах развития природы и общественного мышления сформировалось в 70-е годы XX века.*

*Хотя это явление было проверено как теоретически, так и практически, до сих пор не нашло полного объяснения и единого определения.*

*Таким образом, в наше время понятие экологической культуры не имеет единого и конкретного*

*определения, но по сути практически все точки зрения близки друг другу.*

***Keywords:*** *culture, ecological culture, ecological education, early childhood, ecology, nature protection.*

**THE INTERACTION OF MAN AND NATURE AT ALL TIMES HAS BEEN A MEANS OF THE EXISTENCE AND DEVELOPMENT OF SOCIETY**

*Human society at all levels must understand that attitudes towards the environment must radically change in order to protect their health and life, as well as the planet as a whole.*

*It was noted that in order to overcome the ecological crisis and protect favorable natural conditions, future generations need, first of all, to replace modern economic thinking with new ecological thinking.*

*It is noted that the theoretical position of ecological culture as a doctrine and a system of knowledge about the laws of the development of nature and social thinking was formed in the 70-s of the twentieth century.*

*Although this phenomenon has been verified both theoretically and practically, it has not yet found a complete explanation and a single definition.*

*Thus, in our time, the concept of ecological culture does not have a single and specific definition, but in fact, almost all points of view are close to each other.*

***Keywords:*** *culture, ecological culture, ecological education, early childhood, ecology, nature protection.*

***Сведения об авторах:***

***Кузиева Раногуль Мирмухамадовна** - ассистент кафедры естествознания Таджикского государственного финансово-экономического университета, Тел: (+992) 919509586*

***Мирализода Абдусалом Мустафо** - ректор Кулябского государственного университета. доктор педагогических наук, профессор E-mail: info@kgu.tj. (+ 992-33-22) 2-35-06*

***About the author:***

***Kuzieva Ranogul Mirmuhamadovna** – assistant of the natural science chair of Tajik State Finance and Economics University, Tel.: (+992) 919509586*

***Miralizoda Abdusalom Mustafo** - Rector of Kulyab State University.Doctor of Pedagogy, Professor E-mail: info@kgu.tj. (+ 992-33-22) 2-35-06*

**ТДУ 891550370**

## МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ ДАР БОБИ МАҚОМУ МАНЗАЛАТИ ИНСОН ВА ФАЗИЛАТҲОИ НЕКИВУ НАКУКОРИИ ОН

***Қурбонов Ф.Х.***

*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав*

Чи тавре аз осори Мирзо Абдулқодири Бедил бармеояд, ӯ консепсияи махсуси ахлоқие, ки дар он таълимоти ахлоқияш дар як низом, тартиб ва пайдарпай пешниҳод шуда бошад, дида намешавад. Ӯ ҳамчунин ба таъриф ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ таваҷҷӯҳи махсус надодааст ва маълум мегардад, ки чунин мақсадро дар назди худ ҳатто нагузоштааст. Чунки самти афкор ва сохтори асарҳои ӯ, пеш аз ҳама, ба мавриди баррасӣ қарор додани мавзӯи инсон ҳамчун давраи хотимавии эмонатсияи илоҳӣ равона шудаанд. Аммо тафсири мафҳумҳо ва мазмуни онҳо ба мутафаккири бузург маълум аст. Аз ин ҷост, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар мавриди зарурӣ масъалаҳои ахлоқиро низ дар осори хеш мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар асл гирем, мутафаккирони мардуми тоҷику форс дар мавриди таҳлил ва баррасии афкори хеш оид ба масъалаҳои оламу одам, рушди ҷомеа, таълиму тарбияи инсон ва ғайра аҳамияти ҷиддӣ дода, дар ин мавзӯъ дар осори хеш андешаҳо ва фикру ақидаҳояшонро иброз намудаанд. Масъалаи мақом, манзалат ва тарбияи инсон аз замонҳои хеле дури таърихӣ яке аз мавзӯҳои хеле муҳими давру замон ба ҳисоб рафта, аввалин афкори муфиди хаттии дастрас оид ба ин масъала дар «Авета» дида мешавад. Мирзо Абдулқодири Бедил бошад, дар ин мавзӯъ дар осораш фикру ақидаҳоеро баррасӣ намудааст, ки дар таълиму тарбияи насли ҷавон, хусусан дар раванди парвариши инсони комил, нақши беназирро доро мебошанд.

Ақидаҳои ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил бо назардошти таъсири принсипҳои ахлоқии суфиёна ва Юнони Қадим чунин мазмунро дар бар мегирад. Асоси таълимоти мутафаккиро муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар ҷомеа яке аз омили муҳим ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкурро ӯ кӯшиш намудааст, ки ба василаи шахси бомаърифат, бохирад ва дарккунанда, ки дар ҷомеа бояд дорои мавқеи шоиста бошад, мехоҳад ошкор созад.

Мусалам аст, ки аз давраҳои қадим адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шакли дидактикии (омӯзишии) рафтор, гуфтор ва муносибатро дошт ва дар он ҳамзамон консепсияи (тарбияи) ахлоқӣ низ инъикос меёфт. Масъалаи панду ахлоқ дар Осиёи Марказӣ дар шакли шеър ба амал бароварда мешуд. Мирзо Абдулқодири Бедил низ таълимот ва фикру ақидаҳои ахлоқии хешро дар шакли шеър мавриди таҳлил

қарор додааст.

Бояд зикр кард, ки осори илмиву адабии Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун махзани маърифат ва рукни ҷудонашавандаи халқу миллати мо ба ҳисоб рафта, дар раванди бунёд ва сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, тарбияи шахси баркамол, рушди илму фарҳанг ва покизагии ахлоқу маънавиёти ҷомеа нақши ба худ хос ва бениҳоят боризеро мебозад. Зеро асари ӯ дорои маърифату маданият, илму фарҳанг ва равшандиҳандаи руҳу равони инсонӣ буда, ҳар як шахсро ба пиндор, гуфтор ва рафтори нек ҳидоят карда, дар замири ӯ сифатҳои бунёдкорӣ, созандагӣ ва эҷодкориро парвариш менамояд. Аз ҷумла, ашъори шоири бузург пур аз арзишҳо ва сифатҳои ахлоқи неки инсонӣ, ба монанди озодию озодагӣ, инсондӯстиву башардӯстӣ, некию накукорӣ, одаму одамгарӣ, дӯстиву рафоқат худогоҳиву худшиносӣ ва ғайра мебошад, ки дар сиришти ҳар як инсон ҳисси худогоҳии ӯро рушд дода, инсон буданашро бедор менамояд. Мутафаккир аз ибтидо то интиҳои осори хеш худи инсон ва мақому манзалати ӯро дар зиндагӣ ситоиш карда, дар дили ӯ меҳру муҳаббатро нисбат ба зиндагӣ бедор намуда, хонандаро ба шинохт ва вуҷуду дунёи маънавӣ хеш роҳнамои кардааст.

Панду андарзҳо ва андешаҳои инсонпарваронаи Мирзо Абдулқодири Бедил маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо, ки мардуми куҳанбунёди Тоҷикистон баъди ҳазор сол соҳиби давлати мустақилу соҳибихтиёр гаштааст, арзиши бештарро касб кардааст. Хусусан, ҳамон паҳлуҳои осори мутафаккири бузург, ки масъалаҳои мақому манзалати инсон, инсондӯстиву башардӯстии он ки дар ҳаллу фасл ва амалӣ кардани тарбияи насли наврас, покию покизагӣ ва солимию тозагии ахлоқи ҷомеа ҳамчун қутби роҳнамо роҳи мардумро ба нури фазлу ҳикмат равшан менамояд. Ҳамин тариқ, ба қавли Мирзо Абдулқодири Бедил, барои он ки ҳар як шахс соҳиби ҳисси инсонпарвариву башардӯстӣ шуда, қадру қимат ва эҳтироми инсонро дар зиндагӣ ба ҷо орад, дар навбати аввал, ӯ бояд худро шиносад, танҳо дар ҳамин ҳолат, ба қавли мутафаккир, ба ҳар як инсон дар давоми ҳаёт муяссар мешавад, ки дарди дили дигаронро ба хубӣ дарк намуда, ба мардум хизмати содиқона намояд. Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, чунин аст вазифаи умдатарин ва муҳимтарини инсондӯстиву инсонгароии ҳар як фарди соҳибхираду соҳибмаърифат ва ватандӯсту ватанпарвари ҷомеа.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз он далолат медиҳад, ки ақидаҳои тарбиявии ӯ мазмуни иҷтимоӣ дошта, аз сарчашмаи ғояи инсонпарварӣ ва башардӯстӣ ғизои маънавӣ мегирад. Бинобар ин, ӯ ҷонибдори чунин ақида мебошад, ки инсон дар олам ягона мавҷудоти зинда аст, ки соҳиби ақлу хирад, фаҳму фаросат ва шуур мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар ҷомеа инсон бояд мақому манзалати аввалӣ ва олиро доро бошад. Мутафаккир бо мақсади нишон додани мақому манзалат ва қадру қимати инсон муносибати ӯро ба табиат махсус зикр намудааст. Ба қавли файласуфи бузург, маҳз инсон ба василa ва ёрии илму дониш, ақлу хирад ва шуур имкон дорад ба табиат таъсир расонида, ба он обу ранги дигар дода, онро тағйир диҳад.

Маҳз инсон қудрати онро дорад, ки тамоми ҳодисаҳои табиатро омӯхта, таҳқиқ карда, бо мақсади пешрафт ва пешбурди зиндагии худ ва манфиати хеш истифода намояд. Ва маҳз инсон метавонад, ки тамоми захираҳои табиатро баҳри ободу зебо ва бунёди ҷомеаи инсонӣ пурмаҳсул истифода намояд.

Мирзо Абдулқодири Бедил, аз назари фалсафӣ масъалаи мақом, манзалат, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва озодии инсонро дар осори хеш мавриди таҳлил ва муҳокима қарор додааст. Вале бояд тазаккур дод, ки яке аз паҳлуҳои асосии осори мутафаккирро мавзӯи некиву накукорӣ ташкил додааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар вазъияти мураккабу пурихтилофи ҷомеаи ҷаҳонии муосир мақом ва нақши инсон дар мадди аввал меистад. Раванди мураккаби идрок ва ақлу фаросати инсон на танҳо ченаки такомули эҷодии ӯ сабабгори тағйирёбии табиат, балки асбоби таҷдиди олами моддӣ мегардад.

Ба ибораи дигар, қадру қимати инсон бевосита ба таҷриба, дарки олам алоқамандаст [3, с.166]. Ба ақидаи мутафаккир, шакли асосии ахлоқ маҷмӯи меъёрҳои ҷамъият бо назардошти хусусиятҳои шахсиятро ташкил менамояд.

Инсон, ба ақидаи ӯ, ҳамчун мавҷудоти оқилу бошуур бояд дорои мақсади дақиқ ва мушаххас бошад. Ва ин мақсад бояд рушд ва такмили маънавии ӯро таъмин намояд. Такмили маънавӣ бошад роҳу равиши худро дорад. Тибқи таълимоти Мирзо Бедил, роҳи асосӣ ин идрок мебошад. Ӯ вазифаи асосии идрокро дар муайянсозии сабабҳои ҳодисоти муҳити атроф медид. Шахси бомаърифату бофарҳанг аз хурофот озод аст. Идрок ин роҳ ба сӯи ҳақиқат мебошад.

Ба андешаи Мирзо Бедил, дар ин раванд яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва муҳим дар ахлоқ ин илм ба ҳисоб меравад. Вазифаи идрокро дар баёни ҳодисоти табиат илм иҷро мекунад. Дар достони «Ирфон» Мирзо Бедил бо мақсади исбот намудани он ки илм натанҳо боигарӣ медиҳад, балки он роҳ ба сӯи ҷовидон аст. Ӯ илмро ҳамчун ҳастии мутлақ чунин муайян мекунад:

Илм акс асту ҳикматаш миръот,
Илм парвозу асли сибот [4, с.604].

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки мутафаккир ба алоқаи илм бо муҳити атроф бовар дорад, ҳарчанде ки ӯ зимни тафсири вожаҳои «илм» ва «ирфон» такя ба суфия менамояд.

Мирзо Бедил ба чунин ақида буд, ки вақте инсон «Ман»-и худро бартараф месозад, он гоҳ ҳисси

худпарастӣ ва худнамоии ӯ боло мегирад, яъне аз «Ман»-и эгоистии инсон рӯй медиҳад. Дар ин ҳолат «Ман»-и умумӣ, ки онро нӯри илоҳӣ ҷабида мегирад, ташаккул меёбад. Чунончӣ, шоир овардааст:

Ҳамин нақши туӣ гар бартарошӣ,

Ту бошиву, ту бошиву, ту бошӣ [5, с.221].

Чи тавре, ки шоири бузург таъкид менамояд, ҳар як инсон бояд ба хуби дарк намояд, ки эътиқоди ҳақиқӣ на дар риоя ва иҷрои маросимҳои динӣ муайян мегардад, балки эътиқоди ҳақиқӣ дар покиву покизагии ботин ва некиву накукорӣ мебошад. Кори хайр ва неке, ки инсон ба амал мебарорад ва ба мардум ва ҷомеа нафъ меоварад, ин худ мақбул ба Худованд аст. Ва худованд подоши ин некиҳоро ба ӯ медиҳад.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба ақидаи худ, ки инсон дар ин олам аз ҳама мавҷудоти дигар дида қадру қимат ва арзиши баланд дорад, содиқ монда, бо максади расидани инсон ба дараҷаи бародарӣ, баробарӣ, хушбахтӣ ва зебогию покизагии ботин, бою ғани гардидани ҷаҳони маънавӣ ӯро ба он даъват мекунад, ки аз ниятҳои ғаразнок, қабеҳ, фасоди иҷтимоӣ ва маънавиву ахлоқӣ ва амсоли ин даст кашад.

Бояд зикр кард, ки таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил аз мафҳумҳои ба монанди озодӣ, баробарӣ, бародарӣ, дӯстӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ҳамчун асоси ҳастӣ ва вуҷуд доштани инсон иборат мебошад. Ба қавли мутафаккир, меҳнат асоси камолоти инсон ба ҳисоб рафта, асоси ташаккул ва рушди хислатҳои беҳтарини инсонро, ба монанди илму дониш, ақлу хирад, фаҳму фаросат ва ахлоқро ташкил медҳад.

Мусалам аст, ки таълимоти ахлоқии Мирзо Абдулқодири Бедил ба консепсияи пантеистии суфия асос меёбад, аммо ӯ аз доираи худи суфия берун баромада, принсипҳои асосии ахлоқи умумибашариро дар бар мегирад. Аз диди Мирзо Абдулқодири Бедил дар таълимоти ин равия баъзе камбудиву норасоиҳое ба назар мерасанд, ки дар раванди ташаккули инсони комил метавонад таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, Мирзо Абдулқодири Бедил ин норасоӣ ва камбудиҳоро ошкор карда, зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи осори мутафаккири бузург аз он далолат медиҳад, ки асоси осори ӯ аз гуманизм иборат буда, маҳз дар замони рушди ҷомеаи муосири мо аҳамияти хеле калони таълиму тарбиявиро пайдо мекунад. Эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил дар худ анъанаҳои гуманистии фалсафаи ҳиндӣ ва равияҳои динӣ – фалсафии мардуми форсу тоҷикро дар худ таҷассум кардааст.

Тибқи андешаҳои фалсафии Мирзо Абдулқодири Бедил, инсон аз табиат дида бойтар аст, Худо дар инсон ва табиат татбиқи худро ёфтааст. Гуманизм ва боварӣ ба адолат ба бахту саодати заминӣ ба мардум таъсири эмотсионалӣ-ахлоқӣ расонида, дар назди ҳукми ва ҳоким заминӣ дар ӯ ҳисси шарафи инсонӣ ва эътирофи мақоми инсон буданро бедор кардаанд.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба чунин ақида буд, ки инсон дар давоми зиндагӣ бояд такмил ёбад, аммо ба ин раванд монеаҳое мавҷуданд, ба монанди, қавмӣ, миллатчигӣ, нажодпарастӣ ва ғайра, халал мерасонанд. Барои мутафаккир гуманизм меъёре ба ҳисоб меравад, ки инсонро ба рушд ва нумуъ ҳидоят менамояд, яъне ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ӯро ба пеш мебарад. Чунончӣ инсон барои шоири ширинкалом, дар олам мавҷудоти аз ҳама комил ба ҳисоб рафта ва дар рӯи замин ӯ рисолати худро дорад. Аз ин нуқтаи назар гуманизм барои файласуфи бузург ҳамчун категорияи ахлоқии ҷамъиятӣ хеле муҳим ва зарур ба ҳисоб меравад. Меҳвари маркази таълимоти гуманистии ӯро инсон ташкил медиҳад.

Чи тавре аз таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил бармеояд, ӯ дар осори хеш ба тасфири тасавуфи таъиноти, мақоми инсон гузошта, ӯро талқин ба он мекунад, ки мақоми худро дар худшиносӣ дида, рӯ ба дарк намудани Худо биорад. Яъне, ӯ тамоми кӯшишу ғайрат ва ҳастии худро барои шинохти Худо равона созад. Тибқи таълимоти Мирзо Абдулқодири Бедил барои он ки инсон ба камолот расад, пеш аз ҳама, ӯ бояд мақсад ва моҳияти мавҷудияти хешро фаҳмида, зебогии табиат ва зиндагиро то андозае дарк намояд, ки мафҳуми он гардида, дар он инъикоси омезиш ва ҳамоҳангӣ бо Худоро ҳис кунад ва бубинад.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани мақом ва манзалати инсон дар роҳи ба камолот расидани ӯ, мутафаккир дар шинохти зебоии ҳақиқии табиат ва мавҷудияти аслии худи инсон таъкид менамояд, ки инсон бояд, дар навбати аввал, зебоии сирату суратро фарқ карда тавонад. Ӯ ҳар як фардро даъват кардааст, ки дар зиндагӣ ба парвариши зебогии сирати хеш кӯшиш ба харҷ диҳад:

*Зи ҳарири атласи корру фар ба қаборуҷӯӣ ҳавас мабар,*

*Ки ба хеш то фиканӣ назар, зи ду суст захми ҳамоилот [6, с.45].*

Мирзо Абдулқодири Бедил бар он андеша буд, ки ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки озодӣ ва ҳифзи қадру қимати худро талаб намояд. Ӯ муътақид ба он буд, ки инсон метавонад ҳамеша дар раванди озодишавӣ, ба вижа иҷтимоӣ ва маънавӣ ширкати фаъол варзад. Аз баъзе мисраҳои ашъори ӯ чунин бармеояд, ки шоири ширинкамол падидаҳои иҷтимоии ҷомеаро дар сатҳи баланд ва хуб дар мекунад. Хусусан, иттифоқи одамоне, ки аз воситаҳои рӯзгордорӣ маҳрум мебошанд.

Масалан,

*Норасой ҷодаи сарманзили ҷамъият аст,*
*Аз нишасти бед меояд ҳузури ошён.*

Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, ҷамъият ба ҳукмронӣ ва итоаткорӣ ниёз дорад, аммо он бояд аз рӯи адлу инсоф, ки бахту саодати мардумро дар зиндагӣ таъмин менамояд, асос ёфта бошад. Аз тарафи дигар, шоир барои он дар ташвиш аст, ки тобеият на бояд, ки оварда то дараҷаи зӯроварӣ расонад, зеро зӯроварӣ, дар натиҷа, оварда ба душманӣ расонад. Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки файласуфи бузургро масъалаи мақом ва қадру қимати инсон дар ҷомеа ба ташвиш оварда, ӯ ба он кӯшидааст, ки қадру қимат ва мақому манзалати инсон дар ҷомеа аз madди назар дур намонда, бояд то ба сатҳи олӣ бардошта шавад.

Мирзо Абдулқодири Бедил мавзӯи инсон ва ҷойгоҳу мақоми ӯро дар достони «Тилисми ҳайрат» фасли махсусро зери унвони «Чароғи орзӯ» бахшидааст. Мутафаккир бо мақсади шифо ва муолиҷа бахшидани ғаму андуҳ ва азобу машақатҳои зиндагӣ кушидааст, ки дар дили ҳар як инсон умеду орзу ва меҳру муҳаббатро нисбат ба зиндагӣ, боварӣ баояндаи дурахшонро ҷой кунад. Ғояи асосии достон, ки гуманизмро дар бар мегирад, мутафаккир ба он андешааст, ки инсон дар мубориза барои озодӣ ва ҳақиқат, бахри ғояи (идеаи) баланд тамоми нуқсонҳои ҷисмонӣ ва ахлоқиро бартараф месозад, соҳиби ҳамоҳангии ҷисму руҳ мешавад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар асарҳояш масъалаи озодӣ ва камолоти ахлоқии инсониро ба роҳу воситаи илму маориф ба даст овардан мавриди барраси қарор дода, таъкид кардааст, ки ҳар як шахс ҳама вақт метавонад дар зиндагӣ ба муваффақиятҳое ноил гардад, ки дар омӯзиши касбу ҳунар меҳнат карда, бар зидди хислатҳои шарри инсонӣ мубориза барад. Ҳамин тариқ, Мирзо Бедил барои он, ки инсонро дар зиндагӣ, пеш аз ҳам, озод ва дорои ахлоқи волои инсонӣ бинад, ӯ даъват ба амал овардааст, ки ба ин мақсад расидан ҳар як нафар бояд қадру қимат ва рисолати худро дониста, сипас ҳамеша дар саъю кӯшиш бошад. Мақсади ниҳоии файласафи бузург дар он ниҳон гаштааст, ки ӯ ба он ҳидоят намудааст, ки ҳар як инсон новобаста аз мақом ва мавқеи ҷамъиятӣ ва вазъи иҷтимоии худ, бояд ба он бикӯшад, ки ҳамеша барои ба даст овардани озодӣ, мустақилиятӣ ва мақому манзалати хеш дар ҷомеъа мубориза барад.

Ҳамин тавр, мо метавонем таъкид намоем, ки масъалаи инсондӯстӣ, мақому манзалати инсон, яъне консепсияи гуманистии Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори ӯ ҳамчун меҳвари андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ба қавли ӯинсон ҳамеша дар маркази олам меистад. Шоири ширинкалом ба он ақида устувор ва муътақид буд, ки ҳар як шахсро дар зиндагӣ тақдир ва рафтору муносибат ба дигарон дар дасти худаш аст. Аз ин рӯ, ӯ бояд, ки новобаста аз вазъи иҷтимоии худ масъул аст тамоми имкониятҳоро истифода барад то ин ки ҳаёти худро ба хушбахтӣ гузаронад.

Дар консепсияи гуманистии Мирзо Абдулқодири Бедил, масъалаи тараннуми инсон, мақому манзалат, қадру қимат, инсони комил, меҳнатдӯст, боадолат, муносибати нек бо дигарон ва ғайра, асоси афкори педагогии мутафаккирро ташкил медиҳанд.

Мирзо Абдулқодири Бедил ба монанди олимон, шоирон ва адибони замони худ нишон додааст, ки нисбати ҳар як инсон таълиму тарбияи мувафақ ба худи шахсияти ӯ амалӣ карда шавад ва истифода намудани чунин тарзу усул ва роҳу равишро дар хусусият, хислат ба қобилиятнокии ҳар як фард медонад.

Чи тавре, ки аён аст, Мирзо Бедил мавзӯи мақом ба мавқеи инсон, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва озодии ӯро аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо яке аз паҳлуҳои асосии ақидаҳои мутафаккирро, ки нисбати масъалаи мазкур баррасӣ намудааст, некиву накукорӣ ва хайру саховат ташкил медиҳад.

Ба андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил, дар раванди ба дараҷаи ба камолот расидани инсон яке аз омилҳои асосӣ хислати волои ахлоқи инсонӣ некиву накукорӣ нақши назаррасеро мебозад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар осори хеш масъалаи таълиму тарбияи инсон ва ба камол расидани онро мавриди таҳлил қарор дода, аз нуқтаи назари илмӣ нисбат кардааст, ки дар раванди ташаккул ва рушди ҳар як шахс се омили асосӣ ирсият, тарбия ва муҳит таъсир мерасонад. Ва дар раванди ба камол расидани шахс ба эътибор нагирифтани ин омилҳо ҳатман ва бечунучаро таъсири манфии худро мерасонад.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Абдулқодири Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ моро ба василаи тарбияи ахлокӣ парвариш то ба дараҷаи камолот расидани насли ҷавон ҳидоят ва роҳнамоӣ менамояд. Ӯ камолоти инсонро дар мизони ақли муаддаб санҷида, рафтору кирдор, муносибат ва обутоб додани ҳар як шахс дар муҳити ахлоқи ҳамидаи инсониро кори хеле пурмасъули ҷамъиятӣ медонад. Тарғиб ва ташвиқи фазилатҳои ахлоқи неки инсониро ӯ кушидааст, ки ба тарзу усул ва воситаи панду андарз баррасӣ намояд. Бинобар ин шоир, дар ашъори худ, ки ба ташшакул ва рушди сифатҳои ахлоқии инсон ихтисос дорад, суханҳо ва панду андарзҳои баландпояи ибратбахш гуфтааст. Дар мавриди тарбияи ахлоқи ҳамида ба хислатҳои ахлоқи волою неки инсонӣ, ба монанди некиву накукорӣ, инсондӯстиву ватанпарварӣ, покиву парҳезкорӣ, сахигиву саховатмандӣ, ҳимматбаландӣ ва ғайраро афзалият дода, тамаъкорӣ, кибру ғурур, ғайбату шиквадорӣ, булҳавасиву хасисӣ ва умуман

шаррпарастиро сахт танқид менамояд.

Мутафаккир тарғиб менамояд, ки дар зиндагӣ шахсони накӯкорон бояд ҳамеша аз одамони сафлатабъон дурӣ ҷуста, аз онҳо ҳазар намоянд ва ба ин тоифа ҳеҷ вақт ҳасад набаранд. Чунки он давлате, ки онҳо доранд ду рӯза беш умр надорад, ҳар чанд, ки то як вақти муайян онҳо давлат ронанд ҳам, аммо дороии молӣ дар назди дороии маънавию ахлоқӣ ҳеҷ аст.

*Авҷи давлат сифлатабъонро ду рӯзе беш нест,*
*Хок агар имрӯз ба чарх аст, фардо зери пост [7, с.87].*

Мирзо Абдулқодири Бедил, ба масъалаи боодобию некиву некхоҳии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар асоси таълимоти тасаввуфӣ, ки инсонро ба роҳи некӣ, покӣ, зебогию ғанигии маънавӣ - яке аз рукнҳои асосии ахлоқи ҳамида ва одоби нек маҳсуб меёбад, ҳидоят менамояд. Дар осори мутафаккири бузург, ҳамчун пайрави тасаввуф, нисбат ба одобу ахлоқи роҳи тариқат андешаҳои зиёд мушоҳида мегардад. Ахлоқ ва одоби баланд доштани соликро таъкид дошта, ба мақсад расиданаршро нек арзёбӣ намудааст, вагарна беахлоқ, беодоб аз «базми висол», аз покизагии маърифат, бою ғани гаштани маънавиёт ва зебогии сиришт маҳрум мегардад:

*То тавонӣ аз адаб сар бар хатти таслим бош,*
*Хома чандоне, ки бар лағзиш хиромад мистарист [7, с.80].*

Ба қавли шоир, соҳиби сифати боодобу накӯкор будан, чун яке аз сифатҳои ахлоқи инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар мади аввал хислати хоксорӣ меистад, зеро аз ин хислат ҳамаи дигар хислатҳои неки инсон об мехӯранд ва он на воситаи ибодати зиёд ба даст меояд, балки дар натиҷаи парвариш дар ниҳод, танҳо бо дарки моҳияти ҳар як афкори падидоянда, ҳар як сухани гуфташаванда, ҳар як қадами гузарондашаванда беш мегардад:

*Адаб касби ибодат аст на сайъи ҳақталабист,*
*Ба ғайр аз ин хок шудан ҳарчӣ ҳаст, беадабист [8, с.160].*

Ё худ:

*Қадамат ба кунҷи адаб шикан, дари нози хирасарӣ мазан,*
*Ситам аст ҷуръати мову ман, чу нафас кунад бадар аз дилат [9, с.160].*

Шоири ширинкалом, бомаърифатӣ, сарбаландӣ, боэҳтиромӣ, бомаданиятиву бофарҳангии инсонро дар одобу рафтори наки ӯ дида, гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки инсон дар рафти зиндагӣ ҳеҷгоҳ набояд аз муносибати нек, рафтори нек ва корҳои нек кардан ба дигарон фаромӯш созад. Ӯ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошад, ки дар ҷомеа ҳар як шахсро маҳз корҳо ва рафтори неки ӯ метавонад соҳиби ҳурмату эҳтироми баланд гардонад. Ҳамаи фазилатҳои ахлоқи инсон маҳз аз пиндор, гуфтор ва рафтори неки ӯ сарачашма гирифта, худи инсонро соҳиби обрӯю, бахту саодат ва сарбаланд менамоянд:

*Сарбаландӣ хоҳӣ аз вазъи адаб ғофил мабош,*
*Нашъа бармехезад аз ҷӯше, ки бар саҳбо нишаст [8, с.161].*

Ё ин ки:

*Магзор аз вазъи адаб то обрӯ ҳосил кунӣ,*
*Чун ба худ печид гавҳар, дар дили дарё нишаст [8, с.161].*

Ба қавли мутафаккир ҳар як инсон маҳз аз ахлоқ ва одобу рафтори нек метавонад на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ, балки аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, обрӯманд ва соҳиби эҳтироми баланд шуда, ба инсон оромӣ ва осудагии руху равони мебахшад:

*Амали нек ҳар қадар корӣ.*
*Ҳама фирдавс бар меорӣ [8, с.161].*

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки некиву накӯкорӣ, дасти ёри дароз кардан ба дармондагону бечорагон, умуман хизмати мардумро ба ҷо овардан, яке аз ҳадафҳои асосӣ ва ниҳоии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир ба ҳисоб мерафтааст. Бинобар ин, мутафаккир дар пояи ғояи мазкур ба ояндагон панду андарз додааст, ки ҳамеша некхоҳу мададгор ва дастгири мардум бошанд ва то қадри имкон хизмати дигаронро карда, ҳоҷатбарори бечорагону камбизоатон бошанд.

Ҳамин нуқтаро бояд таъкид намоем, ки ҷавҳари асосии консепсияи таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил аз некиву накӯкорӣ иборат буда, инсонро аз оғоз то анҷом ба пиндор, рафтор ва муносибати нек ҳидоят менамояд. Аммо дар баробари ин, файласуфи бузург хислатҳои аҳриманӣ, яъне бадду шарро маҳкум намуда, мардумро ба дурӣ ҷустан аз зулму ситам, беадолатӣ ва мардумозорӣ даъват кардааст. Ба андешаи Мирзо Бедил хислат, хулқу атвор ва муносибату рафтор ва гуфтори баду бадсириштӣ аз сиришти ҳайвон бармеояд. Ва барои ба дараҷаи инсони комил расидан ва дар давоми ҳаёт дар сирати инсонӣ мондани ҳар як шахс бояд, ки то ҳадди имкон хешро аз хулқу атвор ва хислату рафтор ва муносибати шарри инсонӣ дар канор гирад. Чунки феъли бад, хислатҳои аҳриманиии инсонро аз олами одаму одамгарӣ дур карда, ба сирати ҳайвон баробар ва монанд мекунад. Аз ин нуқтаи назар, инсон дар байни ҳамҷинсони худ танҳо бо феъл ва хулқи хуб, рафтор ва муносибати нек метавонад соҳиби обрӯ ва ҳурмату эҳтироми баланд гардад. Шоир таъкид месозад, ки дар навбати аввал ҳар як инсон бояд сарфаҳми мафҳуми некиву накукорӣ рафта, моҳияти аслии онро бо тамоми ҳастии худ дарк

намояд. Зеро, ки то мафҳум ва моҳияти некиву накукориро нофаҳмида, ҳеҷ вақт дар амал ба пуррагӣ татбиқ карда наметавонад.

Аз осори Мирзо Бедил чунин бармеояд, ки ӯ дар ҳалли масъалаҳои некиву накукорӣ, пеш аз ҳама, ба нишондодҳои Қуръони Маҷид, ҳадисҳои Расули Худо ва осори гузаштагони бузурги халқи тоҷикро ба асос гирифта, фикру андешаҳои хешро мавриди баррасӣ қарор додааст. Масалан, дар Қуръони Маҷид. Сураи Нисо, ояти 36 дар ин хусус чунин омадааст: «Худойро бипарастед ва ҳеҷ шарики вай масозед ва ба падару модар ва хешованду ятимон ва банавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед».

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама давру замон мутафаккирони бузурги мардуми форсу тоҷик аз назари шароити сиёсӣ. иқтисодӣ ва иҷтимоии давр роҳу равиш ва тарзу усули ҳалли масъалаи мазкурро дар осори хеш мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, фикру ақидаҳои худро баррасӣ кардааст. Масалан, агар барои қиёс гирем, Саъдии Шерозӣ дар ҳалли масъалаи мазкур ҷонибдори чунин ақида буд:

*Бо бадон бад бошу, бо некон накӯ!*

*Ҷойи гул бошу ҷойи хор, хор [11, с.30].*

Дар ин ҷо месазад андешаи мутафаккири бузурги дигари халқи тоҷик Носири Хусравро биорем. Носири Хусрави Қубодиёнӣ низ ҷонибдори чунин андеша буд, ки агар касе ба ту бадӣ кунад, ту низ ба ӯ бо бадӣ ҷавоб гардон, танҳо бо нафароне некхоҳ бош, ки бо ту некӣ мекунанд. Дар ин бора, ӯ дар асораш «Хон-ул-ихвон» чунин овардааст: «Гӯем, ба раҳмати Худованди ҳақ, ки ӯ бар мо фуру боридааст, ки подош муайян аст мар ҷазои коре, ки касе бикунад, агар бад бад. Ва чун имрӯз андар ин олам подоши он чи мардум бикунад аз неку бад ҳаме бад ӯ бирасад». Дар ҷои дигар, дар ҳамин рисола аз номи Худованд чунин овардааст «…Ҳар ки биорад некӯ, яке мар ӯрост даҳчандон. Мо ҷазодиҳем музди некӯкорӣ, ки эшон карда бошанд то ин ки: «Мукофоти бадӣ бадӣ аст» [11, с.61].

Агар мо масъалаи мазкурро дар осори мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ӯ ба мавзӯи мазкур нисбатан васеътар ва мантиқан чуқуртар муносибат намуда, ба арши хеле болову воло бардоштааст. Дар ин хусус, Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Минхоҷ-ул-орифин» андешаҳои худро ба таври зерин изҳор кардааст: «Он ки ба ту бадӣ кунад, ба ӯ некӣ кун-то қадри ту афзояд», «Озори кас махоҳ, то озурда нашавӣ», «Қатраро хор манигар, агар дарёӣ» [12, с.62].

Бояд зикр кард, ки Мирзо Бедил дар бораи подоши некию накукорӣ изҳори андеша карда, таъкид кардааст, ки агар ҳар киро пешаи зиндагӣ некӣ бошад, пас ӯ дар ду дунё сазовори роҳату беозорӣ мегардад. Аз ин рӯ, ҳар як шахс дар зиндагӣ бояд фақат ба некӣ кардан кӯшиш намояд.

Ба қавли Мирзо Бедил, дар давоми ҳаёт ба дигарон неки кардан, муносибат ва рафтори некро ба атрофиён раво донистан, аз худ аъмоли нек ва номи нек мондан ин он фазилати ахлоқи инсонест, ки ӯро ҳама мақбулаш медонанду парастишаш мекунанд. Мутафаккир дар ҳалли масъалаи мазкур ҷонибдори чунин ақида буд, ки некию накукорӣ яке аз роҳҳо ва тарзу усуле ба ҳисоб меравад, ки инсон меавонад ба дараҷаи худшиносӣ ва худогоҳӣ бирасад. Некию накӯкорӣ инсонро ба арши баланди ахлоқӣ бардошта, ба ҷавҳари ишқи Иллоҳӣ расидан наздик менамояд, яъне ӯро ба дараҷаи инсони комил мерасонад. Бояд зикр кард, ки он ақидае, ки инсон баъд аз худ номи нек боқӣ мемонад, мутафаккирони бузурги тоҷик ки то замони Мирзо Бедил ба сар бурда буданд, дар осори хеш масъалаи мазкурро гаштаю баргашта таъкид намуда буданд. Масалан, мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик ба монанди Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар эҷодиёти худ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додаанд.

*Масалан, А. Рӯдакии бузург чунин овардааст:*

*Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,*

*На бад-он чашм, к-андар нигарӣ.*

*Ҳамчун дарёст в-аз нанукорӣ,*

*Киштие соз, то бад-он гузарӣ [1, с.16].*

Ё Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ин хусус чунин овардааст:

*Бипазир зи ман панде, эй бародар,*

*Панде, ки аз он хубтар набошад…*

*Бо нек ба некӣ бикуш, аз ӯро*

*Бад ҷуз, ки сазовори шарр набошад [14, с.141].*

Ё мутафаккири бузурги дигари халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар рисолаи «Пирӯзнома»-и худ дар ин мавзӯъ чунин овардааст:

*«Гуфтам: - Некӯӣ беҳтар ё аз бадӣ дур будан?*

*Гуфт: - Аз бадӣ дур будан сари ҳамаи некӯиҳост.*

*Гуфтанд: - Кадом пироҳан аст, ки ҳаргиз кӯҳна нагардад?*

*Гуфт: - Номи нек» [2, с.18].*

Ҳаминро бояд таъкид намоем, ки Мирзо Бедил дар пайравии мутафаккирони бузурги халқи худ, ба он кӯшидааст, ки зебоӣ ва поку беолоиш будани сирати инсониро ба хонанда муаррифӣ намояд. Ӯ талош ба он кардааст, ки ба мардум ҳамон ақидаро фаҳмонад, ки сарчашмаи покизагӣ ва покиву зебогии қалб, сират ва умуман ҷаҳони маънавии инсон ин муносибат, рафтор ва кори неку хайр кардан аст. Ин андешаи Мирзо Бедил, ба таълимоти «Қуръон» ки дар Сураи Нисо, ояти 86 омадааст: «Чун Шуморо ба дуруде навохтанд, ба дуруде беҳтар аз он ё ҳаммонанди он посух гӯяд», бениҳоят мувофиқ ва ҳамоҳанг мебошад. Аз ҳама ин, чунин бармеояд, ки тибқи андешаҳои ахлоқии Мирзо Бедил ва арзишҳои дини Ислом ва нишондодҳои «Қуръон» покиву покизагӣ ва зебоии ботин аз андешаҳо ва рафтору кирдори инсон ҷудонашаванда аст.

Ҳамин тавр, аз таълимоти ахлоқии Мирзо Бедил мо ба хулосае меоем, ки ҷавҳари ҳастӣ ва покӣ ва зебогии ботин ва ҷаҳони маънавии инсонро дар некиву накӯкорӣ дида, яке аз роҳҳои беҳтарин ба сӯи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ба ишқи илоҳӣ расиданро дар пиндор, гуфтор ва рафтори нек мебинад.

Омӯзиш ва таҳлили осори Мирзо Бедил аз он шаҳодат медиҳад, ки файласуфи бузург покӣ ва зебогии ахлоқи инсонро дар некиву накӯкорӣ дониста, ба он кӯшидааст, ки дар ҳамоҳангӣ ахлоқ ва зебоиро дар раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ, яъне тарбияи инсони комил ҳарчӣ пурсамар истифода намояд.

Ин ақидаҳои пурқимати Мирзо Бедил,дар замони ҳозираи мо на фақат моҳияти тарбиявии худро гум накардаанд, балки маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосир аҳамияти тарбиявию маърифатии беш аз пеш афзун намудааст. Хусусан, имрӯз дар ҷумҳурии мо шароите ба амал омадааст, ки баҳри солимии ахлоқи ҷомеа месазад, ки мардум бояд рӯ ба ахлоқи пок ва панду андарзҳои ниёгон оварда, дасти ёрӣ ва тараҳҳум ба ятимон, маъюбон, дармондагон, камбизоатон ва дигарон корҳои нек ва хайру босаховатро амалӣ намоянд.

Имрӯз, дар асоси маълумотҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар 527 ҳазор нафар нафақахурон, 500 ҳазор оилаҳои камбизоат, 68 ҳазор оилаҳои бесаробон, 118 ҳазор кӯдакони то 16 солаи оилаҳои бесаробон ва 9 ҳазор нафар пиронсолони яккаву танҳо зиндагӣ мекунанд.

Маҳз дар вазъияти иҷтимоӣ, тамоми табақаҳои ҷомеа бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки чунин ҳолати ба миён омадаро бо ахлоқи пок, ақлу хиради расо, рафтору муносибати хуби инсонӣ паси сар намоянд. Дар шароити имрӯза, яке аз роҳҳои аз чунин вазъи иҷтимоӣ раҳои ёфтан ин аст, ки бояд ҳар як шахси бомаърифату бофарҳанг кори ҳаррӯзаи худро аз некиву накӯкорӣ ба дигарон оғоз намояд. Чунки дар бораи некӣ кардан ба дигарон Худованд низ дар Қуръони Маҷид, дар сураи Бақара фармудааст: «…накӯкор касест, ки ба Худо ва рӯзи охираш ва фариштагон ва китобҳои осмонӣ ва пайғамбарон имон биоварад ва моли худро, бо вуҷуди он ки дӯст медорад, ба наздикону хешовандон ва ятимону мискинон ва мусофирону дар роҳ мондагон ва соилон ва барои озод кардани бандагон садақа кунад».

Чи тавре маълум мегрдад, Мирзо Бедил аз аввал то ба охир дар эҷодиёти хеш, некиву накӯкориро ситоиш карда, ҳамеша зидди бадиву зиштӣ баромад мекунад. Аз ин андешаҳои мутафаккир чунин бармеояд, ки ӯ яке аз роҳҳои беҳтарини ба камолот расидани инсонро дар некиву накӯкорӣ мебинад. Яъне, ба қавли Мирзо Бедил, барои он ки инсон ба дараҷаи камолот расад, ӯ бояд ҳатман дорои сифати некиву накӯкорӣ бошад.

Мирзо Бедил дар системаи тарбиявии худ чун пешомадагон ва олимону орифони замонаш, ҳамеша ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муътақид буд, аммо қабул ва таъсири онро ихтиёрӣ гузошта, онро дар истифодаи дурусти шакл, тарзу усул ва воситаи тарбия медонад. Гарчанде Мирзо Бедил, дар инсон ташаккул ва рушд додани хислатҳои неки инсониро талаб намуда, парвариши онро ҳатмӣ меҳисобад, таъсири тарбияро ба ҳама касон якхела баробар намедонад. Ба қавли Мирзо Бедил, барои тарбияи инсон омилҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба раванди тарбия таъсири худро мерасонад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, мақом ва маҳорати тарбиядиҳанда метавонад нақши муҳим ва ҳалкунанда бозида, то чи андоза ӯ метавонад ҳаёт ва фаъолияти тарбиягирандаро ташкил карда ва шароити мусоидро фароҳам оварад. Зеро на ҳама нафарон ба шароити мавҷуда мувофиқ буда, тарбия на ба ҳама як таъсир мерасонад. Мирзо Бедил, дар ин хусус, андешаи худро чунин баён кардааст:

*Истилоҳоти комилон дарёб,*
*Гӯш пайдо куну забон дарёб.*
*Ҳарфи комил зи нуқсон кам пурс,*
*Як дам одам шаву зи одам пурс.*
*Назди одам дил аст, олам нест,*
*Гар нафаҳмид гову хар, ғам нест [8, с.455].*

Дар баробари талқин намудани хислатҳои некӣ ахлоқи инсонӣ Мирзо Бедил масъалаи хислатҳои шарри инсониро низ мазаммат карда, мавриди танқид қарор додааст. Ба андешаи шоир, хислатҳои бад ва шарр дар сиришт ва ботини инсон вуҷуд доранд ва аз ниҳоди ӯ онҳоро мумкин аст ба воситаи тарбия аз вуҷуди инсон бароранд ва ё ислоҳ намоянд. Аз диди Мирзо Бедил, барои он ки дар ниҳоди инсон чунин хислатҳои бад ва шарр роҳ наёбанд, ӯ аз ҳар як нафар даъват ба амал овардааст, ки дар

давоми ҳаёти худ побанд ва додаи ҳовову ҳавас ва дигар сифатҳои ғайриахлоқӣ нагашта, боақлона, бошуурона ва боодабона рафтор, муносибат ва зиндагии хешро ба роҳ монад:

*Бипарҳез аз иқболи дунфитратон,*
*Тунукрӯст санге, ки мино шавад.*
*Сабукмағз шоёни асрор нест,*
*Хас аз дурии шуъла расво шавад [7, с.207].*
*Ё худ чунин таъкид менамояд, ки*
*…. Хиффати аблаҳ дубало мезанад дар муфлисӣ,*
*Мешавад аз хушк гардидан сабуксор чӯби тар [10, с.121].*

Чи тавре аз таъкидҳои шоир бармеояд, агар ҳар як шахс дар зиндагӣ имкон диҳад, ки дар ниҳоди ӯ сифатҳои бади инсонӣ роҳ ёфта, рушд ёфтан гирад, он гоҳ дар ботини ӯ сифатҳои ба монанди дуруғгӯӣ, фитнагарӣ, ҳилаю найранг ва дигар хислатҳои шарри одамӣ пайдо шуда, баъзе нафарон ҳамчун шайтон аз доираи инсониву инсонгарӣ пурра дур мегарданд. Яъне, ҳамаи ин сифатҳои бад дар сиришти ӯ хислатҳои неки ӯро маҳв карда, ҳастии ӯро пурра ба ихтиёри хислатҳои шарри одамӣ дода, ба ҳиллаю найранг ва фитнаву фиребгарӣ мегузарад. Бинобар ин, мутафаккир аз мардум даъват ба амал овардааст, ки то ҳадде имкон доранд, дар давоми зиндагӣ бар зидди нафси бади инсонӣ мубориза баранд ва ба он бикӯшанд, ки нафси бадро ҳамеша зери фармоиши ақли расою солими худ дароранд.

Ҳамин нуқтаро бояд тазаккур дод, ки Мирзо Бедил дар осори хеш, бештар аз ҳама, ба ташвиқу тарғиби фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст то ки мардум мутеи нафси баду саркаш, кибру ғурур, худпарастӣ ва дигар хислатҳои шарри инсонӣ нагашта, балки дар давоми ҳаёти хеш роҳи некиву накӯкориро пешаи асосии худ карда, соҳиби зиндагии орому осоишта ва бахту саодати инсонӣ гардад.

Мирзо Бедил дар таълимоти ахлоқии хеш оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон изҳори андеша намуда, маҳз ҳамон нуқтаҳоро баррасӣ намудааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷа ва сатҳи инсони комил мерасонад. Ба андешаи мо, мақсади ниҳоии шоир он мебошад, ки мардум ба пуррагӣ ва осонӣ ба моҳияти ахлоқи ҳамида ва неки инсонӣ сарфаҳм рафта, мақом ва манзалати инсонии худро қадр карда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз рӯи меъёрҳои он рафтор ва муносибати худро амалӣ гардонад.

Таҳлил ва таҳқиқи осори Мирзо Бедил моро ба хулосае водор месозад, ки омӯзиш ва баррасӣ намудани ақидаҳои ахлоқии ӯ, маҳз дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо аҳамияти бузурги таълимию тарбиявӣ дорад.

Ба хусус, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди ҳар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахс, дар натиҷа, дар раванди сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус мебошанд.

Дар охир ҳаминро бояд таъкид кард, ки дар ҳаллу фасл ва баррасии масъалаи мақому манзалат ва некиву накӯкорӣ Мирзо Бедил дар муқоиса бо ҳамзамононаш услуби ба худ хоссе пеша карда, кӯшидааст то ки дар тарбияи шахси баркамол саҳми арзандаи хешро гузорад. Ба андешаи Мирзо Бедил, барои ҳар як шахси солимақлу соҳибфарҳанг қиматтар аз ҳама арзишҳои зиндагӣ оромию осоиштагии руҳ мебошад. Ва ӯ ба ин ҳадаф танҳо ҳамон вақт метавонад ноил гардад, ки дар зиндагӣ ҷойгоҳ, мақому манзалат ва қадру қимати инсонии худро дарёфта, некиву накӯкориро пешаи худ қарор дода бошад.

Нуқтаи дигарро зикр бояд кард, ки Мирзо Бедил дар раванди тарбияи инсони комил на фақат ақидаҳои мутафаккирони бузурги гузаштагони худро рушд ва такмил додааст, балки кӯшиш кардааст, ки дар ҳамин замина фазилатҳои нек ва олии инсонро дар замири ҳар як шахс ташакккул ва рушд дода, ба талаботи ҳаёти реалӣ наздик намояд.

Ҳамин тариқ, дар раванди самаранок истифода намудан аз осори гаронбаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мо метавонем арзишмандтарин фазилатҳои неки инсонро тарғибу ташвиқ намуда, бо воситаи таълимоти ахлоқии ӯ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усули солим гардонидани ахлоқи ҷомеаи муосирро таъмин созем.

**АДАБИЁТ**


1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Султони шоирон. / А. Рӯдакӣ Душанбе, 2007. – 220 с.
2. Абуали ибни Сино. «Пирӯзнома». / А.И. Сино. Душанбе: «Маориф», 1980. – 102 с.
3. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.5. / А. Бедил. Душанбе, «Адиб», 1993. - 704 с.
4. Абдулқодири Бедил. Осор: дар ҳашт ҷилд. Ҷ.6. / А. Бедил «Ирфон». Маснавӣ - Душанбе, «Адиб», 2005.-1052 с.
5. Абдулқодири Бедил. Осор: дар ҳашт ҷилд Ҷ.3. Теҳрон, 1376. - 221 с.
6. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.1. / А. Бедил Душанбе, «Адиб», 1989. Ғазалиёт. 704 с.
7. Абдулқодири Бедил. Осор: иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.2. / А. Бедил Душанбе, «Адиб», 1990. Ғазалиёт. 352 с.
8. Бедил Абдулқодир. Осор: дар ҳашт ҷилд. Ҷ. 6 // А. Бедил «Ирфон». Маснавӣ. – Душанбе, «Адиб», 2005. - 1052 с.
9. Абдулқодири Бедил. Рубоиёт. / А. Бедил Сталинобод, 1961. - 348 с.
10. Абдулқодири Бедил. Осор. иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.4. / А. Бедил Ғазалиёт Душанбе, «Адиб», 2004. – 438 с.

11. Абдураҳимов Қ.С. Ақидаҳои ахлоқӣ дар осори Шоҳи Ҳамадон. / Қ.С. Абдураҳимов Қӯрғонтеппа, 1996, - 126 с.
12. Абдураҳимов Қ.С., Сидиқова З.Қ. Ахлоқи Хусравӣ. Душанбе, 2014 - 152 с.
13. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. – Душанбе, 1995 - 31.
14. Носири Хусрав. Девони ашъор ба инзомоми маснавиҳои «Рушноинома» ва «Саодатнома» (Бо сарсухани Насруллоҳи Тақвӣ). – Гелан, 1961. – 694 с.

## МИРЗО АБДУЛКАДЫР БЕДИЛЬ О РОЛИ И МЕСТО ЧЕЛОВЕКА И ЕГО ДОБРЫХ ДЕЯНИЯХ

*Авторы статьи, своё основное внимание уделяют проблеме основных идей одного из великого поэтов и мыслителя второй половины XVII в. и начало XVIII в. Мирзо Абдулкадыра Бедиля о роли и место человека и его добрых деяний.*

*В статье подчёркивается о том, что согласно утверждением Мирзо Бедиля, человек является богачие чем сама природа, Бог в человеке и природе находит своё подтверждение. Гуманизм и вера в земном добре и счастье, оказывает эмоциональнол-нравственное влияние людям, в них разбуждает чувства человеческого слова и осознание своего место как человека в жизни.*

*Авторы статьи, изучая и анализируя наслидие Мирзо Бедиля заключают о том, что оптимальное использование нравственные взгляды мыслителя, даёт нам возможности среди народа пропогондировать положительные нравственные человеческие качества, посредством его нравственного учения, мы сможем с помощью форм, методов, приёмов и средств оздоровить мораль современного общество.*

***Ключевые слова:*** *роль и место человека, важный фактор, добро и добродеятельность, всестороннее развитие личности, живое существо, уважение человека, доброе дело, общественная мораль, социальная ценность, основная идея.*

## MIRZO ABDULKADIR BEDIL ON THE ROLE AND PLACE OF A PERSON AND HIS GOOD DEEDS

*The authors of the article pay their main attention to the problem of the main ideas of one of the great poets and thinker of the second half of the XVII century and the beginning of the XVIII century.Mirzo Abdulkadir Bedil about the role and place of a person and his good deeds.*

*The article emphasizes that according to the statement of Mirzo Bedil, man is richer than nature itself, God finds his confirmation in man and nature. Humanism and faith in earthly goodness and happiness, has an emotional and moral influence on people, arouses feelings of the human word in them and awareness of their place as a person in life.*

*The authors of the article, studying and analyzing the reality of Mirzo Bedil, conclude that the optimal use of the moral views of the thinker gives us opportunities among the people to test positive moral human qualities, through his moral teaching, we will be able to improve the morality of modern society with the help of forms, methods, techniques and means.*

***Keywords:*** *the role and place of a person, an important factor, kindness and virtue, comprehensive personal development, a living being, respect for a person, a good deed, public morality, social value, the main idea.*

***Сведения об авторе:***

***Курбанов Фатхиддин Холбоевич*** *- преподаватель кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел: (+992) 900741128*

***About the author:***

***Kurbanov Fathiddin Holboevich*** *- Lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel: (+992) 900741128*

## НАҚШ ВА САЛОҲИЯТИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ РАВАНДҲОИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ

***Шарипов А.М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

К.Д. Ушинский кайд карда буд, ки забон воситаи муҳими муоширот ва нигоҳдорандаи манбаи маънавиёти халқ буда, тавассути он муваффакиятҳои бадастовардашуда, аз як насл ба насли дигар омӯзонида мешавад. Вай дар инкшофи психикии шахс ба нақши тарбия аҳамияти бағоят муҳим медиҳад. Тавассути тарбияи дуруст фарди ҷисман заифро ба камолоти баланди маънавӣ-психологӣ расонидан мумкин аст, ки ин амал ба воситаи муошират ба вуҷуд хоҳад омад. Ҳамчунин, К.Д. Ушинский ба масъалаҳои педагогию психологӣ диққати хоса зоҳир намуда, нишон дода буд, ки дар фаъолияти таълимӣ хотира, диққат, нутқ, тафаккур ва ҳиссиёт аҳамияти калон дошта, рушди онҳо

ба муошırати педагогӣ алоқаманд аст[6].

Муошират ҳамчун намуди асосии ҳаёти ҳар як шахс санъатест, ки қоидаҳои худ, хусусиятҳои хоси худ, сирри худро дорад, ки барои ҳар як шахс барои оптимизатсияи фаъолият, ноил шудан ба ҳадафҳо зарур аст. Аммо муаллим махсусан ба ин дониш ниёз дорад, зеро танҳо дар муошират интиқоли дониш, таҷрибаи иҷтимоӣ сурат мегирад ва дар маҷмӯъ шахсияти донишҷӯён ташаккул меёбад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди таълими муосир технологияи инноватсиониро ҳамчун як омили хос дар самаранокии муошırати педагогӣ шуморидан мумкин аст. Чунки муошират бо одамон ин илм ва санъат аст, ин ҷо ҳам истеъдоди табиӣ ва ҳам маълумот нақши муҳим мебозад. Аз ин нуқтаи назар, ҳар нафаре, ки дар ҳаёт ва фаъолият муваффақияту музаффарият ба даст овардан мехоҳад, бояд нозукиҳои ин санъат ва ин илмро омӯзад, ки ин нуқтаҳои қайдгардида ба тағиротҳои нав ба нави ҳаёт алоқаманд мебошад.

Барои он ки нақш ва салоҳияти муошırати педагогӣ тавассути технологияи инноватсионӣ дар ташакулли продсессҳои маърифатӣ самараи мусбӣ бахшад сохти муошıратро донистани омӯзгор зарур аст. Сохти муошıратро ба воситаи се функсияи ба ҳам алоқаманди он шарҳ медиҳанд: коммуникативӣ, интерактивӣ ва персептивӣ.

- Моҳияти функсияи коммуникативиро мубодилаи ахбор, ба ҳамдигар радду бадал намудани маълумот ташкил медиҳад;
- Функсияи интерактивии муошıратро ташкили ҳамкории байниҳамдигарии муошıраткунандагон дар бар мегирад;
- Тарафи персептивӣ маънои идроки байниҳамдигарии муошıраткунандагон ва ё худ ҳамдигарфаҳмиро ифода менамояд.

Дар замири функсияҳои муошират метавон баён сохт, ки шиносоии шахс ба паҳлӯҳои гуногуни мероси фарҳангӣ аз қабили интиқоли дониш, малака, таҷриба, таълим, тарбия танҳо тавассути муошırати амалӣ ва маънавии одамон бо ҳамдигар дар натиҷаи ҷамъияти маънавии тарбиятгар ва шахси бомаърифат алоқаманд буда, бо ин роҳ арзишҳои ҷамъкардаи башарият ба муошират гузаронида мешаванд. Раванди муошırати муаллим бо таълимгиранда метавонад бо ду роҳи инфиродӣ шакл гирад:

1) Ҳамдигарфаҳмӣ, муттаҳидӣ дар татбиқи фаъолияти таълимӣ, ташаккули қобилияти пешгӯии рафтори якдигар;

2) Ихтилофи марифатӣ, дарки ҳолатҳои рӯҳӣ, ва пайдоиши низоъҳо дар доираи психика (ирода).

Бояд қайд кард, ки омӯзгор ба фаъолияти касбии худ меъёрҳои муошıратро, ки дар ҷараёни рушди тамаддуни башарӣ (навовариҳо) таҳия ва аз худ карда шудааст, меорад. Албатта, ин аз навоварӣ, тағироти иҷтимоӣ ва ё худ инноватсия вобастагӣ дорад.

Истифодабарии технологияи информатсионӣ дар раванди таълим дар инкишофи малакаҳои ақлонӣ ва ҳал карда тавонистани проблемаҳои душвор роҳҳои навро кушода, дар фаъолкунии раванди таълим имкониятҳои мазмунан навро пешниҳод менамояд. Технологияи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки машғулиятҳои аудиторӣ ва мустақилона бештар шавқовар, динамикӣ ва тасдиққунанда шуда, иттилооти омӯзишшаванда ба осонӣ дастрас гарданд.

Ноил шудан ба натиҷаи мусбати муошират ва ҳамкорӣ бо ҷамъбаст ва хулосабарории дурусти маълумот дар бораи таълимгиранда аз малакаҳои коммуникативии омӯзгор, қобилияти ӯ барои ҳамдардӣ ва инъикос, барои мушоҳида, «ҳисси ҳассос», ва қобилияти ба эътибор гирифтани системаи намояндагии ҳамсӯҳбат, қобилияти гӯш кардан, фаҳмидан, таъсир расонидан, сирояти эмотсионалӣ, тағирёбии услубҳо ва мавқеъҳои муошırати омӯзгор вобастагӣ дорад.

Бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои мусбати муошират шаш вазифаи асосии ҳамкории субъектҳои раванди педагогӣ муайян ва пешниҳод карда мешавад:

Ҳамкории конструктивӣ - ҳамкории муаллим ва донишҷӯ ҳангоми муҳокима ва шарҳи мундариҷаи дониш ва аҳамияти амалии мавзӯъ;

Ташкилӣ - ташкили фаъолияти якҷояи таълимии муаллим ва донишҷӯёни огоҳии шахсии тарафайн ва масъулияти муштарак барои муваффақияти фаъолияти таълимӣ;

Коммуникативӣ ва ҳавасмандгардонӣ - маҷмӯи шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ (инфиродӣ ва гурӯҳӣ), ташкили ёрии ҳамдигарӣ бо мақсади ҳамкории педагогӣ; огоҳии донишҷӯён дар бораи чизҳои омӯхташаванда, фаҳмидани дарсҳо, омӯхтани онҳо;

Иттилоотӣ ва маърифатӣ - нишон додани робитаи фанни таълимӣ бо истеҳсолот барои дуруст дарк кардани ҷаҳонбинӣ ва тамоюли донишҷӯён ба рӯйдодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; ҳаракатпазирии сатҳи иқтидори иттилоотии тренингҳо ва мукаммалгардонии он дар якҷоягӣ бо пешниҳоди эҳсосии маводи таълимӣ, такя ба соҳаи сенсории донишҷӯён;

Тағироти эмотсионалӣ - татбиқи принсипҳои «дурнамои кушод» ва омӯзиши «ғолиб» дар ҷараёни тағир додани намудҳои фаъолияти таълимӣ;

Назорат ва баҳодиҳӣ - ташкили назорати мутақобилаи муаллим ва донишҷӯ, ҷамъбасти якҷоя ва арзёбӣ бо худидоракунӣ ва худшиносӣ.

Тавре А.А. Брудний таъкид мекунад, ки «... муошири байни муаллим ва донишҷӯ воситаи муассир аст, зеро он ҳадафи ҳамоҳангсозии амалҳои муштарак дар раванди таълимро дорад. Табиист, ки дар ин ҳолат, алоқа вазифаи тарҷумониро иҷро мекунад. Аммо табиӣ нест, ки барои омӯзгори воқеӣ муоширати бо донишҷӯ ҳамеша ифодакунандаи худ бошад ... »[5]

Муоширати педагогӣ ба муоширати байни психотерапевт ва мизоҷ алоқаи ногусастани дорад. «... Дар асл, новобаста аз он ки муаллим кадом мавзӯъеро таълим диҳад, вай ба донишҷӯён пеш аз ҳама эътимод ба қудрати ақли инсон, орзуи тавоно ба дониш, муҳаббат ба ҳақиқат ва муносибат ба ҷомеаи фидокоронаи иҷтимоиро мерасонад. Кори муфид ... Вақте ки муаллим қодир аст дар як вақт ба донишҷӯён фарҳанги баланд ва сайқалёфтаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, адолатро дар якҷоягӣ бо хушмуомилагии беайб, шавқу завқро бо хоксории наҷиб нишон диҳад, пас, беихтиёр ба ин гуна муаллим тақлид карда, насли ҷавон аз ҷиҳати маънавӣ ҳамоҳанг мегардад...». [3]

Кори муаллим, пеш аз ҳама, кори ҳаррӯза на танҳо бо таълимгирандагон дар муассисаи таълимӣ, балки кори мунтазами худ низ мебошад. Дар ниҳоят, барои ҳама ҳолатҳо эълон кардани ягон услуби ягонаи муошират, ки ногузир ба афзоиши муайяни сифатии дониш, малака, самтҳои арзишӣ ва эътиқодии шахси таҳсилкарда мусоидат мекунад, ғайриимкон аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон баён сохт, ки пеш аз ҳама, имрӯз дар низоми маорифи байналмилалӣ барои гирифтани таҳсилоти олӣ яке аз усулҳое, ки маҳз тавассути истифодаи самараноки воситаҳои технологияи инноватсионӣ, истифода аз шабакаи интернет татбиқаш имконпазир аст, шакли таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Таҳсили фосилавӣ бо вуҷуди зуҳуроти наву комили таълим будан аз шакли анъанавии омӯзиш сарчашма гирифтааст. Яъне он идомаи таҷрибаҳои пешинаи таълим маҳсуб ёфта, дар он унсурҳои наву пешрафта, монанди технологияҳои иттилоотӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Гузариш ба таълими фосилавӣ натиҷаи пешрафти ҷомеа ва ба вуҷуд омадани давраи иҷтимоии хосае, ки онро метавон асри иттилоот гуфт, мебошад. Ин давраи иҷтимоӣ таъсири худро ба тамоми паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва соҳаҳои ҷомеа расонидааст.

Муоширати педагогӣ дар муассисаи таълимӣ нисбат ба робитаҳои байни одамон вазифаи амиқтар дорад. Ҳар гуна муоширати муаллим ва донишҷӯ новобаста аз ваҷҳ, майл ва ё хоҳиш ин тарбия аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ, ҳар як шакли муоширати байнишахсӣ наметавонад ҳамчун воситаи тарбияи мавқеи фаъолонаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашудаи ҳаётӣ амал кунад. Танҳо шаклҳо ва усулҳои муошират дар асоси гуманизм, тасдиқи муносибатҳои эҳтиромона ва хайрхоҳонаи одамон ба якдигар ва бо худ, метавонанд воситаи ташаккули чунин сифатҳо дар онҳо гарданд. Аммо, барои баланд бардоштани аҳамияти шаклҳо ва усулҳои муошират зери тарбияи сифатҳои мусбӣ ба донишҷӯн, дониши махсус лозим аст. Дар байни ин донишҳо воситаҳо ва усулҳои мушаххаси муошират, ки дар фаъолияти касбии омӯзгор ҳадафмандона истифода мешаванд, мақоми махсус дорад.

Дониш, муҳаббат ва эҳтироми муаллим ин ҳама тавассути калима зоҳир мешавад: ҳангоми муошират бо донишҷӯён муаллим дар мо зоҳир мешавад ва маҳорати муошират дар ниҳоят қобилияти омӯзгор буданро муайян мекунад.

Аммо, муносибати эҳтиромона ба шахсияти донишҷӯ зоҳиран барои барқарор ва рушди муносибатҳои самаранок кофӣ нест. Бояд хусусиятҳои фардии ҳар як донишҷӯро донад, ӯро ҳамчун «эҳсос» кунад. К.Д. Ушинский қайд менамояд, ки «Агар муаллим мехоҳад одамро ҳамаҷониба тарбия кунад, пас ӯ бояд пеш аз ҳама ӯро бо ҳар ҷиҳат бишносад» [6].

Донистани хусусиятҳои табиати хонанда, хосиятҳои системаи асаби ӯ ба муаллим барои муайян кардани суръати оптималии донишҷӯ кӯмак мерасонад, ки ҳар кадоми онҳоро аз кина ва нофаҳмӣ озод мекунад, муоширати педагогиро самараноктар мегардонад.

Ба ин монанд, як омӯзгори бодиққат нисбат ба як шогирди шармгини ботинӣ дилсӯзтар, писандида ва дастгирӣ намуда, ба он роҳати психологӣ бахшид. Вале муаллим бояд тавонад, ки он роҳати психологиро барои ҳама фароҳам оварад, тавре ки В.А. Сухомлинский қайд менамояд, дар инсон нисбат ба камбудиҳо даҳчанд маротиба бартарҳо бештар дида мешавад.

Маҳорати баланди касбии муоширати педагогӣ имкон медиҳад, ки таносуби иттилоот - сарборӣ ба зеҳни донишҷӯ ва сатҳи рушди ҷисмонӣ ва ахлоқии ӯ, инчунин вазъи кунунии системаи асаби ӯ ба назар гирифта шавад, ҳолатҳое, ки дар як давра донишҷӯ талаб карда мешавад, аз ҳад зиёд бошад, ва дар дигараш - онҳо талаб намекунанд ... Ва дар айни замон, муошират дар ҷараёни фаъолияти касбии омӯзгор бо мундариҷаи хоси худ пур карда мешавад, ки дар маҷмӯъ барои ҳамаи муаллимон эътибор дорад.

Фаъолияти касбии муаллим ин як низоми муайяни муносибатҳои мухталиф, доимо тағирёбанда, вале аз ҷумла муносибатҳои тасдиқшуда, барқароршуда, назаррас бо таълимгирандагон ва волидону ҳамкорон мебошад. Чунин системаи муносибатҳо дорои хосиятҳои хоси худ, нисбатан мустақил, ченакҳо ва сатҳи рушд мебошад. Азхудкунии ин системаи муносибатҳо нишондиҳандаи муоширати касбӣ мебошад.

Воҳиди функсионалии алоқа вазифаи коммуникатсионӣ мебошад, ки дар доираи санади коммуникатсионӣ амал мекунад. Тибқи гуфтаи В.А. Кан-Калик, ҳангоми сохтани вазифаи

коммуникатсионӣ муошироти педагогии байни муаллим ва синф аз инҳо иборат аст:

бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон,

бо назардошти хусусиятҳои фардии худи онҳо,

бо назардошти усулҳои кор. [2]

Муошират раванди интиқол ва азхудкунии иттилоот аст ва зарур аст, ки тасвирҳо, эҳсосот, ғояҳои шабеҳро ба ҳаяҷон оваред. А.А. Новиков таъкид мекунад: «Ҳар қадаре ки соҳаҳои мундариҷаи зеҳнии коммуникатсияҳо ба ҳамдигар мувофиқат кунанд, ҳамон қадар эҳтимолияти фаҳмиши мувофиқи иттилоот, мувофиқати маънои интиқолшуда ва даркшаванда зиёдтар аст» [5]

В.А. Сухомлинский таъкид мекунад, ки «ҳар як омӯзгор, новобаста аз он ки кадом фанро таълим медиҳад, бояд муаллими забон бошад. Калима муҳимтарин абзори педагогии мост; онро ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад ».[4]

Ҷанбаи асосии маҳорати педагогӣ муошират мебошад, зеро сохторҳои нутқ муҳимтарин воситаи татбиқи вазифаи омӯзгорӣ мебошанд. Инчунин, ҳадафҳои таъсири муколамавӣ гуногунанд: аз қабили огоҳ кардан, бовар кунондан, рӯҳбаландӣ кардан ба идея «сироят кардан», роҳбари коммуникативӣ шудан ва ғара. Дар чунин фазо, раванди озодии донишҷӯён, аз онҳо дур кардани шиддати аз ҳад зиёди асаб ба амал меояд, ки ин барои иштироки максималӣ ба фаъолияти таълимӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, фарҳанги муносибати муаллим ба донишҷӯён, қобилиятҳои асосии коммуникативии ӯ ва воситаҳои таъсири иҷтимоию психологие, ки омӯзгор истифода мебарад, ба андозаи зиёд ҳам микроиқлими муошират ва ҳам дараҷаи «оромии дохили» -и шахсиятро муайян мекунад, ки аз қобилияти он вобаста аст.

Омӯзгори касбӣ вазифадор аст ба таври возеҳ тасаввур кунад, ки «сухани мо чӣ гуна посух хоҳад дод». Дарёфт кардани оҳанги мувофиқ дар муошират бо донишҷӯён маънои онро дорад, ки нисфи он муваффақияти таълим ва тарбияро таъмин мекунад. Санъати ҳақиқии омӯзгор дар муошират бо донишҷӯён дӯстӣ ва табиӣ будани онро дар ҳама гуна шароит тақазо менамояд. Аз ин лиҳоз нутқи муаллим бояд тобиши эмотсионалӣ дошта бошад, аммо эътидолро бояд нигоҳ дошт. Муоширатро бо донишҷуён бояд тарзе тобиш дод, ки на танҳо ба вазъияти муошират, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ низ мувофиқат кунад.

**АДАБИЁТ**


1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологияи муошират. / Н.Қ. Амонов - Душанбе, 2003.- С. 235.
2. Маҳмудов Ш.К. Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ зери назари Давлатов М.-Душанбе: Ирфон, 2011.- 194 с.
3. Миралиев А.М. Давлатов М.Т. Педагогика ва психология. / А.М. Миралиев, М.Т. Давлатов -Душанбе, «Ирфон», 2007, С.-344.
4. Сухомлинский В.А. Композитсияҳои мунтахаби педагогӣ дар 3 ҷилд. / В.А. Сухомлинский - М. Педагогика, 1981. С. -96.
5. Мустафоқулов Т. Асосҳои психологияи синну солӣ ва педагогӣ. / Т. Мустафоқулов, М. Назруллоева. ш. Кулоб. 1993. С.- 6, 123.
6. Ушинский К.Д. Маҷмуи асарҳо, ҷилди 8, / К.Д. Ушинский М., Нашриёти АФП РСФСР, 1950. – 23 с.
7. Раҳимов Х. Педагогика. / Х. Раҳимов, А. Нуров - Душанбе, 2020, - С.-109-128.


## РОЛЬ И КОМПЕТЕНТНОСТЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ПРОЦЕССОВ СТУДЕНТОВ ЧЕРЕЗ ИННОВАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ


*В статье рассматривается роль и компетентность педагогического общения в формировании образовательного процесса студентов с помощью инновационных технологий. Особое внимание обращено на аспектах воздействия педагогического общения через образовательные инновации, и обосновано теории ученых-педагогов и психологов в этой области.*

*Следует отметить, что искренность, знания, свобода, уважение к личности и формирование мировоззрения и понимания мира, использование возможностей, духовная зрелость, независимость, раскрытие способностей и талантов - это качества, которые являются продуктом общение в образовании и они приобретаются использованием современных технологий обучения.*

*Представлено исследование проблемы в структуре и функциях общения, а для достижения положительных результатов общения обозначена и предложена основная задача взаимодействия субъектов педагогического процесса.*



***Ключевые слова:*** *роль, компетенция, общение, развитие, деятельность, образование, воспитание, вуз, студент, установка, учитель, просвещение, индивидуальные особенности человека, процесс, метод, функция.*

**THE ROLE AND COMPETENCE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION IN THE FORMATION OF COGNITIVE PROCESSES OF STUDENTS THROUGH INNOVATIVE TECHNOLOGIES**

*The article explores the role and competence of pedagogical communication in the formation of the educational process of students with the help of innovative technologies. Particular attention is paid to the aspects of the impact of pedagogical communication through educational innovations, and the theory of educational scientists and psychologists in this area is substantiated.*

*It should be noted that sincerity, knowledge, freedom, respect for the individual and the formation of a worldview and understanding of the world, use of opportunities, spiritual maturity, independence, disclosure of abilities and talents are qualities that are the product of communication in education and they are acquired using modern learning technologies.*

*The study of the problem in the structure and functions of communication is presented, and in order to achieve positive results of communication, main task of interaction between the subjects of the pedagogical process is indicated and proposed.*

***Keywords:*** *role, competence, communication, development, activity, education, upbringing, university, student, attitude, teacher, education, individual characteristics of a person, process, method, function.*

***Сведения об авторе:***

***Шарипов Аминджон Махмадович*** *– старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, тел: (+992) 985 265696*

***About the author:***

***Sharipov Aminjon Mahmadovich*** *– senior teacher of the University-wide Chair of Psychology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Phone: (+992) 985265696*

**ТДУ 37.034(575.3)**

**ТКБ 74.200,5 (2тоҷик)**

# ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ИНТИХОБИ БОШУУРОНАИ КАСБ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

***Муминова С.Т.***

*Колеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе*

***Сангов Н.Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи ҳаррӯза нишон медиҳанд, ки интихоби дурусту бошууронаи касб барои инсон сарчашмаи хурсандиҳо, буда ба эҷодкорӣ, меҳнати пурсамару босифат ва инкишофи онҳо замина мегузорад. Роҳнамоии касбии хонандагон дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ бояд ба талаботи бозор, ба шавқу ҳавас, қобилият, хусусиятҳои психофизиологии онҳо ва талаботи хоҷагии халқ ба мутахассисони баландсифат, мувофиқат намояд. Роҳнамоии касбӣ яке аз қисмҳои асосии фаъолияти таълимӣ – тарбиявии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки он барои тайёр намудани ҷавонон ва ҳайёти меҳнатию интихоби бошууронаи касби ояндаи онҳо равона карда шудааст. Аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи роҳнамои касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 октябри соли 2010, № 499 бармеояд, ки таъминоти иҷтимоиву иқтисодии системаи роҳнамоии касбӣ ва аҳамияти ҷамъиятиву давлатии он дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа , муҳим мебошад.

Қабули Қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди соҳаи маориф, муаллимону омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимӣ вазифа мегузорад, ки бештар ба роҳнамоии касбии ҷавонон, интихоби бошууронаи касби ояндаи хонандагон аҳамияти зарурӣ диҳем.

Бо пешравии илму техника, маҳсулнокии меҳнат баланд мешавад ва он имконият медиҳад, ки қисме аз захираҳои меҳнатӣ барои соҳаҳои хизмати маишӣ, маориф, санъату маданият, тандурустӣ ва ғайра озод шаванд. Вобаста ба он як миқдори аҳолии меҳнатӣ дар соҳаи ғайри – истеҳсолӣ шуғли меҳнат менамоянд. Ҳамин тариқ соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар инкишофи худ бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Ҳалли мушкилотҳои истеҳсолии ҷамъият бештар аз сатҳи тайёрии касбии меҳнаткашон вобастагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои меҳнатӣ, аҳолии ҷинси мард аз 16 то 63 сола ва ҷинси зан аз 16 то 58 сола (вобаста ба ҳолати саломатӣ ва коршоямии онҳо), дохил мешаванд. Ташкили базаи моддӣ – техникии ҷомеа дар шароити пешравии илмӣ – техникӣ талаботҳоро бо тайёрии мутахассисон баланд мекунад. Дар ин марҳила зарурияти додани маълумоти иқтисодӣ ва тайёр намудани ҷавонон бо самтҳои афзалиятноки илму техника ба миён меояд.

Масъалаи тайёрии ҷавонон ба фаъолияти меҳнатӣ дар назди инсоният таи асрҳо вуҷуд дошт ва он дар шаклҳои гуногуни иҷтимоӣ – иқтисодӣ ҳалли мухталиф ва мазмуну моҳият, шаклҳои нави амалишавии худро ёфтааст.
Фикру ақидаҳои таълими меҳнат ва тайёрии касбии ҷавонон, ҳануз чаҳорсаду панҷоҳ сол пеш аз ҷониби Сотсиал – Хаёлпарастон Т. Мор (1478 – 1535), Т. Кампанеллӣ (1568 – 1638) ва дигарон бо мақсади ҳал намудани мушкилотҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва зидияти – байни меҳнати фикриву ҷисмонӣ, пешниҳод шуда буданд. Онҳо таълими меҳнатро ҳамчун воситаи асосии бадастоварии баробарии иҷтимоӣ, бо роҳи тарбияи умумии насли наврас ба ҳаёт ва меҳнат дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, медиданд.
Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ олимон ва арбобони ҷамъиятӣ ба ақидае омаданд, ки барои иҷрои кори аниқ, на танҳо омӯзиши амалҳо инчунин қобилиятҳои муайяне зарур мебошанд. Аз ин сабаб ба наврасон ва ҷавонон барои интихоби касбҳо ба онҳо ёри расондан лозим буд.

Дар ин давра адабиётҳо оид ба роҳнамоӣ касбӣ аз чоп мебароянд.

Дар Франсия китоби «Роҳбари оид ба интихоби касб» (1849), дар Петербург соли 1897 китоби профессори донишгоҳ Н.И. Караев «Интихоби факултет ва омӯзиш дар донишгоҳ» аз нашр мебарояд. Ҳамин тариқ дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ заминаҳои роҳнамои касбӣ вобаста ба талаботи ҳастӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ибтидои асри ХХ дар ИМА, Англия, Олмон аввалин бюроҳои ахборотӣ барои ҷавонон дар назди биржаҳои меҳнат ташкил дода мешаванд. Дар ин бюроҳо ба хонандагони мактабҳо оиди интихоби касб, имкониятҳои гирифтани маълумот ва тайёрии касбии онҳо, маслиҳат дода мешуд.

Фаъолияти чунин бюроҳо ба олимон имконият додаанд, ки касбҳои гуногунро аз нуқтаи назари техникӣ, равонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва беҳдоштии меҳнат, ҳаматарафа омӯзанд. Дар фаъолияти ин бюроҳо ташвиқоту тарғиботи интихоби касбҳо бо истифодаи варақаҳо ва китобчаҳо гузаронида мешуданд. Яке аз методҳои асосии муайянкунии касбшоямии ҷавонон ин пурсиши анкетӣ буд.[7, с.14-18]

Таҳлили саволномаҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки бюроҳо пеш аз ҳама ба манфиати корхонаҳо кор мебурданд. Мисол; бюрои дар шаҳри Нью – Йорк фаъолияткунанда, ки соли 1910 таъсис ёфта буд, ба омӯзиши талаботҳои касбӣ ба шахс машғул буданд. Фаъолияти худро онҳо бо ҳамкорӣ бо муаллимони мактабҳо иҷро менамуданд. Чунин тадқиқотҳо дар Белгия,, Испания, Чехословакия, Шветсария, Шветсия, Дания ва Финландия истифода мешуданд. Лекин корҳои тадқиқоти дар ин самт бо сабаби коркарди анкетаю тестҳо хатогиҳои калонро доштанд. Соли 1883 аз ҷониби психологи англис Ф. Галтон методи тадқиқоти психологӣ бо истифодаи тестҳо пешниҳод карда мешавад.

Ин методи баҳодиҳии равонӣ, сатҳи инкишофи ақлии кӯдакон, диққати педагогҳоро ба худ ҷалб намуд.

Дар ибтидои асри ХХ дар як қатор давлатҳои капиталистӣ донишкадаҳои психологӣ ва лабораторияҳо оид ба тадқиқотӣ проблемаҳои роҳнамои касбӣ кушода шудаанд.

Роҳнамоии касбӣ дар давлатҳои капиталистӣ дархости сарватдоронро иҷро менамуд.

Дар замони муосир барои пурсамар намудани корҳои роҳнамоии касбӣ методҳои ҷалб намудани хонандагон аҳмияти муҳим дорад.

Ин методҳо барои омӯзиши мустақилонаи мавзӯъҳои роҳнамоии касбӣ аз ҷониби хонандагон равона карда шудааст.

Методи ба барномаи таълимӣ ворид намудани моҳияти роҳнамоии касбӣ.

Ин метод ба хонандагон имконият медиҳад, ки мустақилона алоқамандии донишҳои дар мактаб омӯхтаи назариявиро, бо фаъолияти амалии касбӣ муайян кунанд. Ворид намудани маводҳои роҳнамоии касбӣ дар дарсҳо бо ду роҳ амалӣ карда мешавад. [7, с.23-25].

Якум – дохил намудани таълим ё омӯзиши самти роҳнамоии касбӣ дар синфҳои болоӣ, вақте, ки дар дохили самти роҳнамоии касбӣ, ки барои сектори муайяни иқтисодӣ равона карда шудааст, омӯзиши пурраи маводҳои таълимӣ ба вуҷуд омада, алоқамандии он бо фаъолияти касби оянда амалӣ карда мешавад.

Роҳи дуюм – дар чорчӯбаи фанни таълимӣ, ворид намудани донишҳои хусусияти касбӣ доштаро ба нақша гирифта, аз хонандагон мепурсем, ки ин донишҳои азхудкардаатонро дар кадом фаъолияти касбӣ истифода бурдан мумкин аст. Кӯшиш мекунем, ки ҷавобҳои пурра гирем. Мисол, дар кадом касбҳо донишҳо оид ба минтақаҳои иқтисодӣ ва ҷойҳои коркарди саноатӣ зарур мебошанд ?

Ҷавобҳо мухталиф мебошанд. Мисол, соҳибкор чунин ҷавоб медиҳад: чунин донишҳо дар амалия ба мо имконият медиҳанд, ки тиҷорати худро, ки бо фурӯш ё коркарди канданиҳои фоиданок алоқаманд мебошад, дар наздикии конҳо, ташкил намуда, харҷҳои худ ва харҷи нақлиётиро то ҳадди ақал кам кунем. [7, с.20-22].

- Менеҷер оид ба харид, кор бо таъминкунандагон, логистикҳо, дилерҳо, ахборотҳои аз куҷо харид намудани молҳои заруриро ва роҳҳои ба даст овардани онҳоро дар фаъолияти касбии худ истифода мебаранд.

Вариантҳои истифода бурдани донишҳои аз фанҳои гуногуни таълимиро барои касбҳои мухталиф, худи хонандагон ҷустуҷӯ мекунанд, меомӯзанд ва онҳоро пешниҳод мекунанд.

Методи лоиҳаҳо. Дар асоси методи лоиҳаҳо, инкишофи малакаи даркнамоии хонандагон, малакаи мустақилона, ғанӣ гардонидани донишҳо, малакаи истифода бурдани ахборотҳои гуногун, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ меистад. Яъне аз ҷониби хонандагон ба дастоварии мақсад бо роҳи коркарди аниқи мушкилоте, ки бояд бо натиҷаҳои амалӣ, тартиб додани мавзӯъ ё бо дигар намуд, тайёр карда шуда муаррифӣ карда шавад. Асоси метод – ба натиҷагирӣ, ки танҳо хонанда мустақилона ҳалли мушкилотро иҷро карда тавонад, равона карда шудааст.

Барои он, ки ба ин натиҷаҳо дастрас шавем, бояд ба хонандагон роҳҳои мустақилона фикр кардан, ёфтан ва ҳал намудани мушкилотро бо истифодаи донишҳои соҳаҳои гуногун омӯзем. Натиҷаҳои лоиҳаҳои иҷрошуда бояд «чашмрас» бошанд, агар ин мушкилот назариявӣ бошад, пас ҳалли аниқи он зарур мебошад, агар мушкилот амалӣ бошад, пас натиҷаи амалии он, барои истифодабарӣ (дар мактаб, дар дарсҳо, дар ҳаёти ҳаррӯза) нишон дода шавад.Агар оид ба методи лоиҳаҳо, ҳамчун технологияи педагогӣ назар кунем, пас ин технология маҷмӯи методҳои тадқиқотӣ, ҷустуҷӯи ва проблемавиро, ки моҳияти эҷодӣ доранд, дар бар мегирад.

Дар самти роҳнамоии касбӣ ба ҳайси лоиҳа ҳама чиз, шуда метавонад. Дар ин ҳолат он аз муносибати эҷодкоронаи худи муаллим ва хонанда вобаста мебошад. Мисол; лавҳаро оид ба роҳнамоии касбӣ дар синф, метавонанд худи хонандагон ба лоиҳа гиранд ва тайёр намоянд. Ба мавзӯи кори лоиҳавӣ – тадқиқоти бозори меҳнат, сатҳи музди меҳнат дар ноҳияи истиқоматӣ (муассисаву корхонаҳо), тадқиқи гузаштани машварати касбӣ, тартиби ба қайдгирӣ дар биржаи меҳнат, шароитҳои таҳсил дар мактабҳои олӣ, ки аз ҷониби хонандагон бе ягон мушкили онҳоро иҷро карда метавонанд, пешниҳод намудан мумкин мебошад. Ҳангоми иҷрои лоиҳа хонандагон метавонанд ҳамчун рӯзноманигор, амал намуда ахборотҳои заруриро ҷамъоварӣ кунанд, ё худашон аз машварати касбӣ гузаранд, дар ҳар ҳолат кори онҳо амалӣ буда бо ҳамкорӣ дар муҳити касбӣ, таҷрибаи худро бой мегардонанд. [7, с.38-40].

Методи меҳнати мустақилона. Ин метод дар давлатҳои Аврупо ва Россия васеъ истифода бурда мешавад. Ба шуғли меҳнатӣ, ҷалб намудани хонандагон дар вақти таҳсил яке аз талаботи ин метод мебошад. Ҳанӯз аз синфи VIII сар карда ҷавонон пас аз дарсҳо ба муассисаву корхонаҳо ба кор даромада, ба хусусиятҳои меҳнати касбӣ шинос мешаванд. Чуноне, ки тадқиқотҳо нишон медиҳанд аз синфи 8, (6 %), аз синфи 9 (10%), ва аз синфҳои 10 – 11 зиёда аз 30% - и хонандагони ҳамаи мактабҳо дар муассисаву корхонаҳо, фаъолияти меҳнатӣ мебаранд. Ин метод аз нуқтаи назари самтнигори касбӣ, шиносоӣ бо касбҳо ва талаботи онҳо, фаҳмиши алоқамандии сарфи қувваи меҳнатӣ ва пардохти маблағи пулӣ барои меҳнат муфид мебошад. Хонандагоне, ки дар истеҳсолот фаъолияти меҳнатӣ мебаранд, метавонанд ба ҳамсинфони худ оид ба касбҳои ба онҳо шинос маълумот диҳанд. Ба муаллимон тавсия карда мешавад, ки хоҳишу кӯшиши ҷавоноро оид ба мутобиқшавӣ ба касбҳо, дастгирӣ намоянд.

Мактаб ва муассисаҳои дигари таълимӣ, муассисаҳои варзишиву истироҳатӣ, ҷамъиятҳои ҷавонон, курсҳои тайёрӣ – баъзе аз самтҳое мебошанд, ки дар онҳо мо, ҳамчун омӯзгор, муносибатҳои педагогӣ мекунем. Ҳар яке аз мо, ҳамзамон танҳо фазои педагогии худро назорат мекунад: муаллим – мактабро, тренер – тими варзиширо, волидон – оиларо. Ба ҳама иштирокчиёни ҷараёни педагогӣ ҳамкорӣ, дур намудани монеаҳо ва баъзан рақобат намудан зарур мебошад. Ҳама ин корҳо на барои он карда мешаванд, ки муқобили ҷавонон ҳадди сарбаста ташкил намоем, мақсад аз он иборат аст, ки барои ҷавонон фазои бехатар, барои инкишоф, ба воярасӣ ва гузариши ҳамаи марҳилаҳои худшиносии онҳоро, таъмин намоем.[5, с.34-37]

Кори роҳнамоии касбӣ дар мактаб ин таъсири рақобат ва фаъолият набуда, барои бартараф намудани ақидаҳои нодурусти волидону худи ҷавонон оид ба касбҳо ва интихоби касб буда, таъсири педагогӣ барои ташкил додани ҳамкорӣ бо волидон, таъмин намудани шароитҳо барои интихоби бошууронаи касби ҷавонон мебошад. Савол ба миён меояд, ки аз чӣ оғоз намоем?. Барои ин тавсияҳое, ки бештар иродаи шахсро кам мекунанд зарур нестанд. Барои ин кор асосҳои фаъолияти педагогӣ ва консепсияи тарбия, ки дар асоси онҳо ҳар як таъсири алоҳидаи тарбиявӣ сохта мешавад, зарур мебошад. Ҳамон қадаре, ки наврасону ҷавонон калон ва мустақил мешаванд, ҳамон миқдор, рафтору ақидаҳои ахлоқии онҳо пурра шуда, боварӣ ба худ ва худшиносии онҳо зоҳир мегардад. Ин хеле хуб аст. Мо, барои беҳтар намудани кори роҳнамоии касбӣ баъзе стратегияҳои педагогиро ба муаллимон (роҳбарони синф) пешниҳод менамоем:

1.Стратегияи «Назорат». Назорат бо маънои он, ки калонсолон барои насли наврас ҷавобгар буда, дар баъзе ҳолатҳо роҳнамо мебошанд. Онҳо ба насли наврас анъанаҳои худро мерос мегузоранд.

2.Стратегияи «Қабули шавқу ҳавас». Ин стратегия дастгири намудану инкишоф додани шавқу ҳаваси хонанда ва имкониятҳои мактабро дар ин самт, ифода мекунад. Ҳамон қадаре, ки мактаб барои хонанда имконияти амалишавии шавқу ҳаваси ӯро муҳайё созад, ҳамон қадар мактаб барои хонанда қадр дорад. Мисол, бештари ҷавонон ба компютер ва барномасозӣ шавқу ҳавас зоҳир мекунанд, барои

онҳо дар заминаи мактаб интернет – клуб, ташкил намудан ба мақсад наздик мебошад..Ҷавонон мехоҳанд, ки касби актёриро интихоб намоянд – дар мактаб ташкил намудани театр ба он беҳтар мусоидат мекунад.[5, с.25-28]

Принсипи «Ҳамааш дар дасти худамон» дар роҳнамоии касбӣ бегона мебошад. Мактаб ва оила муҳити инкишофро ташкил медиҳанд, ки дар он наврасон ва ҷавонон ба қоидаву талаботҳои ҳаётӣ шинос мешаванд.

Дар замони муосир касб қисми ҷудонашавандаи роҳи ҳаётии занон мебошад. Роҳбарони синфҳо тасдиқ мекунанд, ки модарон бештар дар маҷлисҳои падару модарон иштирок мекунанд. Модарон вақти кори худро баҳри фарзанд ва шавҳари худ тақсим мекунанд. Барои нигоҳ доштани нақши кафолатчии эҳсосии оила кӯшиш мекунанд ва маҳз онҳо барои бомуваффақияти таълими фарзандон дар мактаб, ғамхорӣ мекунанд.

Ба муаллимон зарур аст, ки ҳар як муносибатро бо волидон, бо назардошти кору касби онҳо, созанд.

### АДАБИЁТ


1. Алиев С. Психологияи синну солӣ ва омӯзгорӣ. / С.Алиев - Душанбе, 2003. - 86с.
2. Ананев Б.Г. Человек как предмет познания. / Б.Г. Ананев - СПб., 2001.-236с.
3. Биологическое и социальное в развитии человека / Под общ. ред. Б.Ф. Ломова.- М., 1977 - 234с.
4. Возрастная и педагогическая психология: Хрестоматия: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Сост. И.В. Дубровина, 230с.
5. Карамзин И.В. Вопросы профессиональной подготовки молёдожи. / И.В. Карамзин, Н.Н. Сангов Душанбе, 1997.-89с.
6. И.В. Карамзин., Н.Н. Сангов – Индустриального – педагогическая психология. (1 – II части). Душанбе, (1996) – 1997г.-136с.
7. Сангов Н.Н., Ғозиев Х.Р., Алиев А.Ҳ.Роҳнамоии касбӣ (дастури таълимӣ - методӣ). Душанбе, 2015.-189с.


## РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМ СОЗНАТЕЛЬНОГО ВЫБОРА ПРОФЕССИИ СРЕДИ МОЛОДЁЖИ


*В статье авторы дают определения системы профориентации с учётом требования рынка труда. Особое внимание уделяют проблемам сознательного выбора будущей профессии учащихся.*

*Авторы на основе научных выводов дают объяснения основных правил ведения профориентационных работ, как стратегии «Наблюдения» и «Принятия правил интересов». Автори считают,что профориентационная работа в школе это не создания конкуренции и определенной деятельности, а исправления не правильных мнении родителей и самых учащихся о профессии и выборе профессии.Авторы видят решения основных проблем в педагогическом воздействие, организации условии для сознательного выбора профессии молодёжи. Основную позицию в решении проблем профориентационных работ,авторы статьи видят в совместной работы семьи и средных общеобразовательных учреждениях. Школа и семья создают неоюходимые условии для развития молодёжи,в котором юноши и девушки знакомятся с жизнеными правилами и требованиями.*

*В современном мире профессия является неразделимой частью жизненого пути для женщин. Как утверждают классные руководители чаще всего матери в основном участвуют в родительских собраниях. Матери свое время уделяют для воспитания своих детей. Именно, матери в основном заботятся о сознательном выборе профессии и успешного воспитания своих детей в семье и в школе.*



***Ключевые слова:*** *профессиональная ориентация, методы, решении проблем профориентационных работ , сознательный выбор профессии, основные правила, совместная работа, школа, семья и средные общеобразовательные учреждения, основная позиция.*


### SOLUTION OF PROBLEMS OF CONSCIOUS PROFESSION CHOICE AMONG YOUNG PEOPLE


*In this article gives the definition of the system of proferentation the point of requirements of Labor market and pays the main attention to the problem of conscious choose of future profession. The authors give explanation on the base oh scientific shears to the main rule of how to held the works of as strategy «observation» and «receiving the rules of interest».*

*The main position at decision proforientation works, the authors of the article see at joint work of family and secondary educational enterprises.*

*The authors believe that vocational guidance work at school is not creating competition and certain activities, but correcting the wrong opinions of parents and students themselves about the profession and the choice of profession. The authors see the solutions to the main problems in the pedagogical influence, the organization of the condition for the conscious choice of the profession of young people. The authors of the article see the main position in solving the problems of vocational guidance work in the joint work of the family and secondary educational institutions. The school and the family create the necessary conditions for the development of youth, in which boys and girls get acquainted with the rules and requirements of life.*

*In the modern world, the profession is an inseparable part of the life path for women. According to the class teachers, most often mothers mainly participate in parenting meetings. Mothers devote their time to raising their children. Namely, mothers mainly care about the conscious choice of a profession and the successful upbringing of their children in the family and at school.*

***Keywords:*** *Professional orientation, methods, decision the problems of Professional orientation, works. Conscious choose of profession, the main rules, joint works, family and secondary educational enterprises.*

***Сведение об авторах:***

***Муминова Сайёра Табаровна*** *- ассистент кафедры автомобиль и машиностроения, Инженерно-педагогический колледж, Душанбе. Тел: (+992) 988465121*

***Сангов Н.Н.*** *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры обшетехнических диципли и машиноведения Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел. (+992) 931003657. E-mail: Sangov051257@mail.ru*

***About the authors:***

**Muminova Sayora Tabarovna -** Assistant of the Department of Automobile and Mechanical Engineering of the Engineering and Pedagogical College of Dushanbe Phone: (+992) 988465121

***Sangov N.N.****-Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Technical Disciplines and Machine Science of the Sadriddin Aini Tajik State Pedagogical University. Contacts:* Phone: *(+992) 931003657. Email: Sangov051257@mail.ru*

**ТДУ 37.034 (575.5)**

## ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ ДАР ЗАМИНАИ МЕРОСИ ШОИРОНУ НАВИСАНДАГОНИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

***Исомиддинов Ҷ.Ҷ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Мероси ниёгонамон аз шоҳасарҳои беҳтарини ахлоқиву тарбиявӣ иборат буда, дар ташаккули насли наврасу ҷавон нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, «Пандномаи Бузургмеҳр», «Дарахти ассурик», «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ёри дониш»-и Абулфазл Ибни Муборак, «Синдбоднома», «Тутинома», «Носеҳ», «Туҳфат-ул-мулук», «Анис-ул-муридин», «Манозир-ус-соирин»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Бустон» ва «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммад Ғазолӣ ва асарҳои ахлоқии дигар дар тӯли асрҳо инсонҳоро дар рӯҳияи адлу инсоф, некию инсондустӣ ва ватандустӣ тарбия мекунанд.

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс аҳли сухан дар мавридҳои муносиб аз панду насиҳат ба фарзанд ёд карда бахшҳои алоҳидаи осори хешро ба тарбияи онҳо бахшидаанд. Онҳо дар симои тарбияи фарзандон ҷомеаро ба сӯи камолоти маънавӣ ҳидоят намуда, аз ин роҳ дар амри такомули маънавӣ дарси ахлоқу одамиятро таълим додаанд.

Низомии Ганҷавӣ дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба ҷуз тараннуми муҳаббати пок оид ба тарбияи фарзанд афкори панду- ахлоқӣ низ баён кардааст. Насиҳати Низомӣ ба фарзандаш - Муҳаммад, ки бо панду насиҳатҳои хирадмандона писари чаҳордаҳсолаашро ба роҳи рост ҳидоят менамояд, на танҳо яке аз қисматҳои барҷаста ва бузурги достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯст, балки дар миёни тамоми эҷодиёти шоир ҷойгоҳ ва мақоми хосаеро касб намудааст [19, с.136].

Дар ин миён метавон яке аз шоҳасарҳои дигари бузурги Шарқ, ки саропо тарбияи ахлоқӣ ва ҷавонмардиву худшиносиро талқин намуда аст «Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ чанд андешаеро овард. «Шоҳнома», яке аз сарчашмаҳои мӯътамади осори мондагори мардуми тоҷику форс ба шумор рафта, дар он рӯҳияи баланди ахлоқӣ ва тарбиявӣ инъикос ёфта, инсонро ба роҳи рост ва ватандӯстониву инсонпарварӣ даъват месозад. Абулқосими Фирдавсӣ ҳамчун поягузори ҳастии дунёи ақлу хирад ва одобу ахлоқ бо шоҳасари таърихии худ барномаи муайяни таълимиву ахлоқиро мерос гузоштааст.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сарнавишти инсони боҳушу фарҳанг, муборизу диловар, ватанпарасту худогоҳро тараннум намуда, набарду пирӯзӣ, ваҳдат ва ҳамбастагии халқҳоро бар зулмат ва зиштиву дадманишӣ нишон медиҳад. Башардӯстӣ, доштани касбу хулқу атвори ҳасана, хирад ва заковат, нерӯи бузургро барои инсон муҳим мешуморад. [1]

Ин шоҳкориҳои ниёгони мо барои комил гаштани инсони боҳушу боақл дар ҷомеа таъсиргузор аст. Бевосита мазмуну мундариҷа ва ғояву андешаҳои асосии ин асарҳо барои тарбияи ахлоқиву маърифатии ҷавонон нақши бузург дорад. Мақоми инсони комил ва шахсият дар ҷомеа аз омӯзиш ва мутолиаи ин шоҳкориҳо бармеояд. Маълум аст, ки дар инкишофи шахс ирсият, муҳит ва тарбия нақши муҳимро мебозанд. Агарчанде инкишофи шахс зери таъсири омилҳои беруна – муҳит ва тарбия шакл гирад ҳам, вале ин омилҳо дар он сурат шахсро инкишоф ва ташаккул дода метавонанд, ки бо олами ботинӣ (руҳи инсон) – таъсир карда тавонад. Инсон маҳз бо омилҳои зоҳирӣ ва механизми руҳӣ (ботинӣ), дар натиҷаи ҷидду ҷаҳд, рағбат, эътиқод инкишоф ва ташаккул меёбад.

Шахсият, инчунин, дар инкишофи худ марҳилаҳои муайяни синнусолиро аз сар мегузаронад. Дар илми педагогика синнусолро ба давраҳои томактабӣ, мактабӣ, даври калонсолӣ ҷудо мекунанд.

Ташаккули шахсияти кӯдак аз тарзи ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ, роҳу усулҳои **омӯзонидан,** риояи рафторҳои ҷамъиятӣ, аз намунаи ибрати шахсии калонсол вобастагӣ дорад. Зеро кӯдак рафтор, кирдор ва муносибати калонсолонро дар ҳаёти ҳаррӯзааш мушоҳида мекунад, ба онҳо пайравӣ менамояд, дар рафтору гуфтор ва тарзи муносибати худ бо ашёҳо, одамон, ҳодисаю воқеаҳо муносибати калонсолонро инъикос мекунад.

Абӯалӣ ибни дар асарҳои худ нақши тарбияро дар рушди инсон муҳим медонад. Мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбияро аз тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар иборат дониста,-таъкид намуда аст, ки волидайн баробари таваллуд шудани тифл ба тарбияи ӯ шурӯъ намоянд [19, с.241].

Дар осори Мавлоно Кошифӣ мавзӯъҳои панду ахлоқӣ низ мақоми хосаро ишғол мекунад. М ероси ахлоқии ӯ дар асарҳои машҳураш ба монанди «Футувватномаи Султонӣ», «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия», «Тафсири Ҳусайн», «Тафсири заҳровӣ инъикос ёфтаанд, ки истифодаи онҳо дар таълиму тарбияи ҳаматарафаи шахсият нақши муайянро мебозад [13, с.142].

Афкори ахлоқӣ ва андешаҳои тарбиявии ниёгон муҳим буда, дар машғулиятҳои таълимию чорабиниҳои беруназсинфӣ ва хонишҳои бадеӣ, инчунин тавассути барномаҳои таълимӣ дар тарбияи кӯдакону наврасон ба таври васеъ истифода бурдан муҳим аст.

Амалу фаъолияти кӯдак тадриҷан бо тағйир ёфтани синну сол мураккаб шуда калонсолонро зарур аст, ки рафтору кирдори наврасонро зери назорат қарор диҳанд. Истифода аз панду андарзҳои ниёгон ва педагогикаи мардумӣ, ки ба ташаккули сифатҳои шахсият таъсир мерасонад, аз аҳамият холи нест.

Маълум аст, ки ташаккули шахсияти кӯдак бо ду роҳ сурат мегирад. Аввалан, кӯдак олами воқеиро дуруст дарк карда, мавқеи худро дар ҳамон муҳит муайян мекунад, ки сабаби пайдошавии шаклҳои нави рафтори ӯ мегардад. Ҳамчунин, ташаккули шахсияти кӯдак ба инкишофи ҳиссиёту иродаи вай вобаста буда, сабаби ба вуҷудоии рафтори устувори ӯ мегардад, ки он ба тағйиротҳои зоҳирӣ вобаста аст. Бинобар ин дар тарбияи кӯдак истифода намудан аз панду ахлоқи ниёгон, ки яке аз роҳҳои тарбия ба шумор меравад, муҳим мебошад. Дар ин раванд омӯзгорро зарур аст, ки дар кори таълиму тарбияи кӯдакон аз ақидаҳои педагогии ниёгон истифода намуда, дар онҳо сифатҳои шахсияти комилро тарбия намояд.

Ҳар як халқу миллат дорои тарзи хоси ҳаёт мебошад, ки шахсиятро мутобиқ бо вижагиҳои анъанаҳои миллӣ ва менталитети халқ ё миллати муайян ташаккул медиҳад. Вижагиҳои тарзи зиндагии халқҳои гуногун зери таъсири шароити табиӣ ва иқлим, забон, мазҳаб шароити фаъолият, меҳнат ва ғайра шакл мегирад. Ҳаёт нишон медиҳад, ки сарфи назар кардани асосҳои тарбия, ҳикмати чандинасраи ниёгон, ки онро наслҳои зиёди одамон дар дарозои таърих ҷамъ кардаанд, нодида гирифтан аз сабабҳои асосии вайрон гаштани роҳу риштаҳои тарбия мегардад.

Ишора ба ин далел андешаи педагоги бузурги рус К.Д. Ушинскийро меорем, ки навишта буд: «Тарбия, агар он беиқтидор будан нахоҳад, бояд халқӣ бошад, бояд халқият онро фаро гирад. Дар ҳар кишвар зери унвони умумии тарбияи ҷамъиятӣ ва шаклҳои сершумори умумии педагогӣ мафҳуми ба худ хосе нуҳуфтааст, ки онро хислат ва таърихи халқ офаридааст». Ӯ ҳамчунин қайд кардааст: «Тарбияе, ки худи халқ офаридааст ва ба мабдаҳои мардумӣ асос ёфтааст, дорои он нерӯи тарбиявиест, ки дар беҳтарин низомҳои ба ғояҳои мафҳум асосёфта, ё баргирифта аз дигар халқҳо вуҷуд надорад. Ушинский К.Д. таъкид мекард, ки ғояҳои тарбиявии ҳар халқ то дараҷае бо рӯҳияи миллӣ фаро гирифта шудаанд, ки онҳоро ба заминаи бегона кӯчонидан ғайриимкон аст. Ҳар халқ шароити таърихии инкишофи худро дорост, ки дар хислати халқҳои ҷудогона таҷассум ёфтааст [8].

В.А. Сухомлинский низ таъкид медорад, ки оянда бидуни гузашта вуҷуд надорад. Ҳофизаи инсон аст, ки зиндагии наслҳои зиёдеро таҷассум кардааст, - ҳофизае, ки асрҳо инҷониб вусъат дорад[9].

Дар ин раванд метавон гуфт, ки анъанаву маросим, панду ахлоқ ва ашъори ниёгони халқи тоҷик дар тарбияи насли наврас таъсири муҳиме мерасонад, ки дар тули ҳаёт собит шудааст. Анъана ва расму оинҳои халқи тоҷик, таъсир ва саҳми ашъори ниёгони мо оид ба тарбияи ҳамаҷонибаим инсони комил хеле муассир аст .

Аз ҷониби олимон - педагогон М.Орифӣ, И. Обидов, Х.С. Афзалов, Б.Раҳимов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Қ.Б.Қодиров, И.Х. Каримова, С.Сулаймонӣ, К.С. Абдураҳимов, Дж. Файзалиев, Ш.А. Шаропов, М.Раҷабов, Т. Атахонов ва таърихшиносони маъруф Б.Ғафуров, А. Шишов, В. Бартолд, М. Ханикова, В. Наливкина, М. Андреев, Ю. Яқубов, А. Мухторов, С.Раҳимов, адабиётшиносон С.Айнӣ, И. Брагинский, С. Табаров, М.Шакурӣ, Х. Мирзозода, С. Сабзаев, А. Сӯфизода ва дигарон мавзуъи мазкур алоҳида ва дар умум мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. тадқиқоти ин олимон нишон медиҳад, ки таъсир ва нақши ашъори ниёгони мо дар раванди таълиму тарбияи насли наврас хеле назаррас аст.

Дар тадқиқоти олимони зикршуда масъалаҳои гуногуни тарбия,ки ҳамчун воситаи муҳими инкишофи шахсияти наслҳо маҳсуб меёбад, мақоми асосиро дорад. Чунончи, дар асари дуҷилдаи

М. Орифов «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик» ақидаҳои педагогии классикони адабиёти форсу тоҷики асрҳои IX - XIX тадқиқ шуда, мазмуни он дар маводи дарсӣ оид ба педагогикаи мардумии халқи тоҷик оварда шудааст. Масъалаҳои тарбияи малакаву одатҳои рафтори баодобонаи бачагони хурдсол дар оилаи тоҷик ба воситаи эҷодиёти шифоҳии халқ ва асарҳои классикони адабиёти тоҷик дар асарҳои Б. Раҳимов ва мақолаҳои ҷудогонаи ӯ нисбатан муфассал таҳқиқ гардидаанд. Асарҳои бунёдии академикон М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода ва рисолаҳои илмии А.Паҳлавонов, М. Сайфуллоева, Б.Раҳимов, Т. Атохонов, А. Нуров, Б.Маҷидова ва дигарон масъалаҳои назарияи педагогии анъанаву маросимҳои халқӣ, омӯзиши масъалаи аҳамият ва нақши анъанаҳои халқӣ дар тарбияи кӯдак ташаккул додани донишу малакаҳои этнопедагогӣ, инчунин баррасии масъалаҳои педагогикаи мардумиро фаро мегиранд.

Таълим ва тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ ва мероси гаронбаҳои адибони классику муосир муҳим буда, онҳоро дар руҳияи инсондӯстӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносию худогоҳӣ тарбия менамояд

Ҳамзамон, омӯзиши ашъори ниёгон барои баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанг ва ҷаҳонбиниву инсондӯстии наврасону ҷавонон нақши муҳим мебозад. Тарбия асоси шаклгирии шахсро ташкил дода, имкон медиҳад, ки дӯстӣ, муҳаббат, эҳтиром ва самимият доштанро ба худ ва дигарон ташаккул диҳад. А.С. Макаренко навишта буд: «Агар ягон кас моҳияти гузаронидани таҷрибаи педагогиамро пурсад, дар шакли мухтасар ҷавоб медодам, ки ба одам то мумкин аст бештар талабот гузоштан ва то мумкин аст бештар нисбати ӯ эҳтиром зоҳир намудан лозим». Педагог дар таҷрибаи кории худ ба ҷиҳатҳои мусбии шогирдон такя намуда, дар онҳо ҳисси боварӣ ва эътимодро пайдо кунонда, минбаъд бо ин кораш хонандаро ба худтарбиякунӣ раҳнамун месозад (11). Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқ мухассилинро барои омӯзиши осори ниёгон ташвиқ намудан низ ~~ҷиҳати~~ ба рушди зехнияти онҳо мусоидат хоҳад кард.

Маҳз меҳнатдӯстӣ, дар талаби илм будан, донишазхуднамоӣ , росткорӣ, покизагӣ, хайру сахо, мададу хайрхоҳи намудан ва дигар хислатҳои хуби инсонӣ аз ақида ва асарҳои бадеию тарбиявии гузаштагонамон, ба монади А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Дақиқӣ, А. Сино, Саъдӣ, А.Ҷомӣ, А. Дониш ва дигар адибону донишмандон бармеояд. Шоирону адибони классик дар ташаккули шахс тарбия ва муҳити иҷтимоиро омили асосӣ мешуморанд ва ба ақидаи онҳо тарбияи инсон бояд ҳаматаарафа ба роҳ монда шавад. Инсон баробари ба камол расидан бояд тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, фикрӣ ва дигар рукнҳои тарбияро дар худ гирифта бошад.

*Чаҳор чиз мар – озодаро зи ғам бихрад,*
*Тани дурусту, хӯи неку, номи неку хирад[19, с.11].*

Гузаштагони мо хирад ва донишро яке аз сарчашмаҳои асосии инкишофи ақли инсон шуморида илму донишро аз ҳамаи ганҷҳои дунё афзалтар медонистанд ва исонро ба донишомӯзӣ, доништалабӣ ташвиқу тарғиб месохтанд. Чунончӣ:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, рӯ ба ин ганҷ неҳ! [19, с.18]*

Яъне ба андешаи шоирону адибони классик илму дониш рӯшноии дил, чароғи ақлу хирад аст, ки инсон наметавонад бе он ба қуллаҳои инсонӣ расида бошад. Дар ҷои дигар Абӯабдуллои Рӯдакӣ ишора месозад, ки асоси муваффақияту комронӣ ва пирӯзиву тавонмандии инсон аз дониш сарчашма мегирад.

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшван аст [19, с.8].*

А. Рӯдакӣ омӯзиши илму донишро шарти асосии тарбия шуморида, таъкид мекунад, ки дар тарбияи фарзанд ва маърифаткунонии ӯ бояд аҳамият дода шавад. Ӯ хилофи ақидаҳои замони худ баромада, дар ташаккулёбии фард на танҳо ирсият, балки нақши муҳитро низ дар тарбия муҳим шуморидааст. Мутафаккир дар ҷойи гузашти рӯзгор, таҷрибаи ҳайётро сарчашмаи тарбияи инсон нишон додааст.

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н – омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор[19, с.13]..*

Шоир ба одамон дастури зиндагӣ дода, таъкид менамояд, ки мард бояд монанди кӯҳ устувор бошад, ҳар як ҳодисаи ногуворо ба воситаи далерӣ ва шуҷоатмандӣ аз худ дур созад. Ба ақидаи ӯ ҳар як сахтӣ ва мушкилӣ ба воситаи фазлу хунар, дониш, мардӣ ва бузургворӣ бартараф хоҳад шуд.

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!*
*Бар куру кар ар нукта нагири, мардӣ!*
*Марди набувад фитодаеро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ! [19, с.12].*

Шоири инсонпарвар дар осори худ дӯстию бародарӣ, ҳамкорию ҳамнафасиро дар байни одамон талқин намудааст. Ба ақидаи ӯ муҳаббат, дӯстию садоқат ҳисси баландӣ инсонӣ аст, ки ба одамон таъсири бои маънавӣ мерасонад:

*Ҳеҷ, шодӣ нест ндар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯи дӯстон [19, с.8].*

Хулоса, сардафтари адабиёти форсу тоҷик шоир дар боби тарбия насли наврасро ба омӯхтани илму дониш, ҳаёт, накӯкорӣ, хоксорӣ, инсонпарварӣ, сулҳҷӯи, мардонагӣ, покviҷдонӣ, адолат, саховатмандӣ, ва дигар сифатҳои хуби инсонӣ даъват намудааст. Гарчанде аз ин гуфтаҳо асрҳо гузашта бошад ҳам, вале афкор, мақсад ва моҳиятии ӯ то ҳоло қиммати тарбиявию ахлоқии худро гум накардааст.Ӯ таъкид менамояд, ки ба тарбияи фарзанд аз хурдӣ машғул шуда, дар ҷавонӣ ба ӯ ҳунар бояд омӯхт. Ғайр аз ин ба фарзанд бояд тарбияи ҷисмонӣ, ақлӣ ва ахлоқӣ дод. Дар овони ҷавонӣ ба кӯдак санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, шикорчигӣ, шамшерзанӣ, камонкашӣ ва дигар ҳунарҳоро омӯхтан лозим аст.

Ӯ насли наврасро барои ба бар кардани беҳтарин сифатҳои инсонӣ даъват карда гуфтааст:

*Биё то ҷаҳонро ба бад наспорем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем [1, с.23].*

Фирдавсӣ яке аз хислатҳои неки ахлоқии инсонро дар эҳтироми падару модар нисбати фарзанд дида таъкид менамояд:

*Чу фармонпазиранда бошад писар,*
*Навозанда бояд, ки бошад падар [1, с.48].*

Фирдавсӣ дар образи занону духтарон низ чолокӣ, накӯкорӣ, далерӣ, қаҳрамонӣ, ҳунар, дониш, покдоманӣ ва ғайраҳоро ба тасвир кашидаат, ки дар баъзе мавридҳо аз мардон ҳатто бартарӣ доштани онҳоро нишон додааст. Масалан дар «Шоҳнома» образи Меҳрак ном духтаре тасвир ёфтааст, ки ӯ нисбати мардон бартарӣ доштааст.

Асосан Фирдавсӣ дар бораи Ватану ватандӯстӣ ва ҳимоят аз онро барои ҳар наслҳо таъкид медорад. Ба андешаи ӯ таълиму тарбия аз кӯдакӣ оғоз гашта дунёи кӯдаконро бо рангорангии панду ахлоқ пур месозанд. Чуноне, ки таъкид медорад ҳимояи Ватан ва марзу бум бояд аз кӯдакӣ тарбия карда шавад, то ба бузургӣ расидан инсони ҳаматарафа камол ёфта гарданд.

*Зи баҳру буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду фарзанди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [1, с.32].*

*Дар ҷои дигар чунин овардааст:*
*Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,*
*Бихар ба хун гуноҳи хештанро [1, с.42].*

Яъне ба ақидаи ин шоири тавоно муқаддасоти асосии зиндагиро бояд ба кӯдакон омӯхт ва ҳазм намуд то онҳо дар руҳияи худшиносиву худогоҳи камол ёбанд.

Дар педагогикаи миллӣ нақши андешаҳои пешқадами педагогӣ ва панду ахлоқии Кошифӣ низ хеле назаррас мебошад. Аксарияти ақидаҳои педагогӣ ва панду ахлоқии Кошифӣ, ки дар асарҳои зерини ӯ оварда шудаанд, хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Асарҳои «Мавоҳиби Алия», «Тасвири Ҳусайнӣ», «Ҷавоҳир – ут – тафсир – ал – тӯҳфа – ул - амир»-и Кошифиро дар мақом ва манзалати бо осори илмиву адабии А. Ҷомӣ ва А. Навоӣ дар як поя мегузоранд. А.Навоӣ ба осори Кошифӣ баҳои баланд дода, дар тазкираи «Маҷолис – ун - нафоис» гуфтааст: «Мавлоно Ҳусайн Воиз бағоят зуфунун ва пуркор воқеъ шуда на кам фанне бошад, ки ӯро дар он дахле набошад. Воиз дар илми нуҷум ва иншо бемисли замони худ буд ва дар соири улум низ амсолу аркон даъвобардорӣ менамуд. Бо овози хушу савти дилкаш ба амри вазъу насиҳат мепардохт…» [18].

Дар осори Мавлоно Кошифӣ мавзӯъҳои панду ахлоқӣ низ мақоми хосаро ишғол мекунад. Мероси ахлоқии ӯ дар асарҳои машҳураш ба монанди «Футувватномаи Султонӣ», «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия», «Тафсири Ҳусайн», «Тафсири заҳровӣ» инъикос ёфтаанд, ки дар таълиму тарбияи шахс нақши муайянро мебозад. «Футувватномаи султонӣ» дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи брҷастаеро дорост, ки аз муқаддимаву дувонздаҳ боб иборат то рӯзҳои мо ба пуррагӣ нарасидааст. Футувват худ яке аз ҷараёнҳои ахлоқии гузаштагонамон ба ҳисоб меравад. Маънои футувват «ҷавонмардӣ» мебошад, ки он дар давраҳои пеш аз ислом ба табақаи меҳнаткашони шаҳр, ҳунармандону косибон тааллуқ дошт. Калимаи футувват дар худ чунин маъноҳоро сарҷамъ мекунад: некӣ, нексириштӣ, рафтори нек, одоби нек, кирдори нек, амали нек ва ғайраҳо. Аз таҳлили маънои асар бармеояд, ки он саропо ба мавзӯъҳои гуногуни панду ахлоқӣ бахшида шудааст. Дар «Футувватномаи султонӣ» моҳияти асосии таълимоти ахлоқиро бародарӣ ва баробарӣ, хайрихоҳӣ ва ёрмандӣ, раҳм ва шавқат ташкил медиҳад. Асар асосан барои ҳунармандону косибон бахшида шудааст ва дар он меҳнат аз ибодат дар пеш гузошта шудааст. Дар «Футувватномаи султонӣ» ғояҳои пешқадами ташкил додани ҷомеаи нав низ дар асоси принсипҳои бародарию баробарӣ таъкид карда шудааст. Кошифӣ мафҳуми бародариро бо ду маъно ба қалам додааст, яке бародарии ҳамхун дигаре бародарии касбию иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳар ду ҳолат шоир одамонро аз ранги пӯст, наҷод, мазҳаб,

забон, урфу одат, мансубияти қавмӣ ҷудо накардааст, яъне мароми асосии ӯ дар муттаҳидию ҳамдигарфаҳмии ҷомеа ниҳон мебошад. Албатта дар шароити тираи давр умр ба сар бурдааш таклифу пешниҳоди чунин ғояҳои пешқадам аз тарафи Кошифӣ тозафикрию нотарсии ӯро нишон медиҳад, ки моҳияти пешқадами тарбиявӣ ва тарафҳои демократӣ дорад. Ҳамчунин таъкид доштааст, ки эҳтиром доштани устод ва ба ҷо овардани кирдору рафтори ӯ ба шогирд имконият пеш меорад, ки дар ҷомеа шахси соҳибмаълумоту соҳибмаърифат гардида оянда худ низ шогирдонро тайёр намояд. Дар осори безаволи шоир масъалаҳои дигари таълимӣ – тарбиявӣ, панду ахлоқӣ вомехӯранд, ки дар ҳақиқат дар инкишофи ҳаматарафаи шахсият нақши муайяни худро мебозанд. Хусусан мавзӯъҳои одоби нишастани фарзандон, одоби сухангӯйӣ, одоби хӯрок хӯрдан, одоби нӯшидани об, одоби ба меҳмонӣ рафтан, одоби салом, одоби аёдати бемор ва мисоли онҳо дар асар мақоми хосаро ишғол мекунад. Таҳлили осори панду ахлоқии Кошифӣ имконият медиҳад, ки то кадом андоза ҷиддӣ ва нозук будани тарбияи дурусти фарзанди солеҳро дониста, дар рукнҳои тарбия ба он аҳамият дода шавад. Дар тарбияи фарзанд истифодаи ашъори пешқадами панду ахлоқии ниёгон ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик яке аз омилҳои муҳими ба миён омадан ва инкишоф ёфтан насли навраси солиму тарбиятгирифта мегардад [19].

Аз панду андарзҳои ниёгон бармеояд, ки мураббиён бояд таълиму тарбияи кӯдаконро дуруст ба роҳ монда, дар онҳо сифатҳои беҳтарини шахсиятро тарбия намоянд. Тарбияи фарзанд муҳим буда, дар ҳамаи давру замон талқин карда мешуд.

Ҳанӯз пеш аз ислом ақидаҳои ахлоқӣ дар китоби «Авесто», «Пирӯзнома»-и Бузургмеҳр, «Пандномa»-и Анӯшервон дар шакли панду насиҳат эҷод шуда буданд. Ақидаҳои панду ахлоқӣ дар асарҳои Унсурмаолии Кайковус «Қобуснома», Ибни Сино «Китоб-ул-ахлоқ», Насриддини Тӯсӣ «Ахлоқӣ Носирӣ», Ҷалолиддини Девонӣ «Ахлоқӣ Ҷамилӣ», Муҳаммад Ғазолӣ «Кимиёи саодат», Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқӣ Мӯҳсинӣ» баён шуда буданд. Донишмандону адибон Закариёи Розӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камолиддин Биноӣ, Носири Хисрав, Аҳмади Дониш ва бисёр дигарон ба мавзӯъи одобу ахлоқ ва тарбияи кӯдакон асарҳо эҷод кардаанд [18;19].

Чӣ тавре аз таҳлилҳо бармеояд, ба мавзӯъи одобу ахлоқ ва тарбияи кӯдакон дар ҳама давру замон диққату таваҷҷӯҳи зиёд дода мешуд ва асарҳои эҷодкардаи ниёгон аҳамияти тарбиявии худро гум накарда, то ҳоло бамаврид истифода мегардад. Барои дар тарбия муваффақ гаштан пуртоқатӣ, таҳамулпазирӣ, одоби ҳамида, фикри солим, доираи васеи донишҳо муҳим аст. Тарбияи кӯдак санъати нозуку душвор аст. Вай ҳамеша аз калонсолон дониши чуқур, покизагии ахлоқ, мунтазамӣ ва суботкориро металабад.

Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар қисми сеюми «Захирот-ул-мулук» таъкид кардааст, ки кӯдакро аз хурдсолӣ дар руҳияи хислатҳои нек ва ҳамидаи инсонӣ тарбия карда, кӯшиш ба ҳарҷ додан лозим аст, ки ӯро аз феълу атвори бад нигоҳ дорем, зеро бачагон хислатҳои калонсолонро чун ҷасорат, ғамхорӣ, муҳаббат ба ватанро ёд мегиранд [18].

Махсусан дар синни соли барвақти бачагӣ ва зинаи хурди мактабӣ фаҳмиш ва ҷаҳонбинии кӯдакон рушд ёфта ахлоқан низ тез инкишоф меёбанд, ҷаҳони атрофро мувофиқ ба синнусоли худ дарк менамоянд. Азбаски кӯдакон ҳануз ба пуррагӣ қобилияти дарки ҳаводиси оламро надоранд онҳо ба фаҳмиш ва дарки калонсолон такя менамоянд. Кӯдак новобаста аз муносибати калонсолон ба муҳити иҷтимоӣ ва нисбат ба худ ҳодисаи атрофро руякӣ дарк мекунад. Бинобар ин мавқеи калонсолон, муносибат,муошират ва рафтору гуфтугӯи онҳо дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ аҳамияти муҳим дорад. Калонсолон, бояд ташаббус, майлу рағбат, мароқу машғулияти кӯдаконро дастгирӣ намуда, дар онҳо ниҳоли накӯкорӣ ва сифатҳои хуби ахлоқиро тарбия намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Андарзномаи Фирдавсӣ (Таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ, Камол Айнӣ). Душанбе: Ирфон, 1992
2. Богославский И.А. Обшая психология. / И.А. Богославский М. Просв. 1984, - С-164-172
3. Гамезо И.В. Обшая психология / И.В. Гамезо - М. Прос. 1981, - 368 с.
4. Давлатов М. Психология, / М. Давлатов - Душанбе «Собириён» - 2010. – 334 с.
5. Истифода аз сайти http://shahnamӯh.ӯu ва http://www.wikipӯdia.okg/
6. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Дафтари айём. Маҷмӯаи гуфторҳо, анзешаҳо, ҷустуҷӯҳо. - Теҳрон: Интишороти илмии Ношир, 1374. - 391 с.
7. Қодиров С. Психология, / С.Қодиров, М. Давлатов Душанбе «Сино» - 2002, С-174-195.
8. Миралиев А.М. Педагогика ва психология. / А.М. Миралиев, М. Давлатов Душанбе «Ирфон». 2002, - 363 с.
9. Мустафоқулов М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. М.Мустафоқулов, Т. Нарзуллоева Кӯлоб – 1994.- 360 с.
10. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. / Б. Маҷидова - Душанбе «Ирфон”-2012
11. Мухина М.С. Психология дошколника. / М.С. Мухина - М., Прос. -1986, - 238 с.
12. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон дар забони форсӣ. / Нафисӣ, Саид – Эрон, 1334. – Ҷ.1-2.
13. Немов С.Р. Психология., дар 3 қисм, / С.Р. Немов М, Владос, 2005 - 2007 с.-2008.

14. Нарзуллоева М. Психологияи бачагона. / М. Нарзуллоева Душанбе-2007, - 103 с
15. Петровский А.В. Обшая психология. / А.В. Петровский М. Просв. 1986,- 432 с.
16. Петровский А.В. Психология. Словар / А.В. Петровский М,-1986, - 372 с.
17. Рахимов Х., Нуров А. Педагогика. / Х. Рахимов, А. Нуров - Душанбе «Ирфон»- 444 с.
18. Шафақи Табрезӣ, Содиқ Ризозода. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон: Фирдавс, чопи шашум, 1369.
19. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахр Доии Г. 1343.

## ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ И ВСЕОБЩИХ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ НА ОСНОВЕ НАСЛЕДИЯ КЛАССИЧЕСКИХ ТАДЖИКСКИХ ПОЭТОВ И ПИСАТЕЛЕЙ

*В статье раскрыты роль трудов нравственно-воспитательного характера предков таджиков в формировании личности молодого поколения, место воспитательных и нравственных идей в воспитании ребенка и использование нравственно-воспитательного наследия в на внеклассных воспитательных мероприятий учебных заведений. Подчеркнуто важность использования наставлений и нравоучений предков в воспитании ребенка. Отмечается, что в национальной педагогике особое внимание уделяется использованию трактатов средневековых мыслителей таджикского народа. Автор приводить примеры из произведений поэтов, которые способствуют в нравственному воспитанию детей.*

***Ключевые слова:*** *художественное наследие, нравственность, воспитание ребенка, национальные ценности, наука и знание.*

## FORMATION OF NATIONAL AND UNIVERSAL SPIRITUAL AND MORAL VALUES ON THE BASIS OF THE HERITAGE OF CLASSICAL TAJIK POETS AND WRITERS

*The article reveals the role of the works of the moral and educational nature of the ancestors of Tajiks in the formation of the personality of the young generation, the place of educational and moral ideas in the upbringing of a child and the use of moral and educational heritage in extracurricular educational activities of educational institutions. The importance of using the instructions and moral teachings of ancestors in the upbringing of a child is emphasized. It is noted that in national pedagogy, special attention is paid to the use of treatises of medieval thinkers of the Tajik people. The author cites examples from the works of poets that contribute to the moral education of children.*

***Key words:*** *artistic heritage, morality, upbringing of a child, national values, science and knowledge.*

***Сведение об авторе:***

***Исомиддинов Джумабой Джурабекович*** *– соискатель кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Тел: (+992) 927445535, E-mail: jumaboy_1983@mail.ru*

***About the author:***

***Isomiddinov Jumaboy Jurabekovich*** *- Applicant for the Department of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Tel: (+992) 927445535, E-mail: jumaboy_1983@mail.ru*

## ОБЩЕНИЕ КАК ФАКТОР СТАНОВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТИ СТУДЕНТА

***Арбобова Ф.А.***

*Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни*

Для повышения эффективности руководства процессом становления личности студента - будущего специалиста, необходимо знать весь комплекс воздействий, под влиянием которых она формируется. Важное место в этом комплексе занимает изучение и учёт процесс общения, характер его воздействия на личность студента, его взаимоотношения с окружающими.

Оптимизация общения в трудовых и учебных коллективах, является одним из весомых резервов повышения эффективности человеческого фактора. Особенно общение в условиях вуза играет не малую роль в облегчении процесса адаптации к новым для них социальным условиям, оказывая непосредственное влияние на всестороннее развитие студентов. Нормативной базой для решения поставленной проблемы в Республике Таджикистан выступает «Национальная концепция образования», где общение рассматривается, как источник знаний для изучения мировой науки и культуры, научно-технического прогресса, и как средство и воспитания личности [4, с.3].

Будущий специалист в обществе выступает как активный субъект коммуникативного процесса, который обязан владеть навыками продуктивного культурного речевого общения, убеждать учащихся в объективности высказанной точки зрения, отстаивать позицию и содействовать в формировании позитивного мышления и отношения.

На основе глубокого и всестороннего анализа, мы приходим к выводу, что общение представляет собой как основной фактор общественных отношений и связей в различных жизненных ситуациях.

Общество не существует как самостоятельное «лицо» наряду или вне составляющих его личностей, и общественные отношения не существуют вне реальной жизнедеятельности и общения людей. Нельзя не согласиться с тем, что и в личности, и в общении проявляются многообразные общественные отношения, в которые вступают люди, их общественная сущность.

Следует отметить, что в общении проявляются самые разнообразные познавательные, эмоциональные и волевые свойства, т.е. весь психолого-педагогический склад личности.

Особенно общение как фактор формирования личности студента влияет: - на успешность учебной и общественной деятельности студентов;

- на познание ими самих себя и окружающих;
- дифференцированно влияет на развитие основных свойств личности.

Между тем общение, выступая, как педагогическое воздействие в этот период могла бы значительно:

- повысить эффективность овладения студентами опытом социальной жизни;
- способствовать установлению многообразных связей с разными социальными группами;
- развитию товарищества, дружбы;
- стимулировать обмен опытом, мнениями, настроениями и переживаниями.

Таким образом, общение, занимая, важное место в процессе обучения студентов помогает им, в том числе: ▪ для развития свойств коммуникативной способностей личности; ▪ для их личностного становления и осваивания профессиональных качеств; ▪ для улучшения межличностных отношений в ВУЗе и, конечно, для социально-психологической адаптации.

В центре поставленной проблемы стоит «Концепция гуманитаризации» процесса обучения, «общение-преподавание-учение» рассматриваются как взаимодействие. Поэтому следует отметить, что общение в данном направлении является действенным, т.е. оно реализует субъект-субъектные отношения [1, с.11].

Важнейшим условием стремления субъект-субъектных отношений в ходе профессионального педагогического общения выступает переход от аксиологического изложения содержания обучения к построению «живого знания». В связи с этим следует отметить, что для реализации модернизации образования, вузы должны стать важнейшим фактором гуманизации отношений в обществе, развития новых социальных норм и установок.[84]

Развивающемуся обществу нужны образованные, нравственно-предприимчивые люди, которые могут самостоятельно принимать ответственные решения, прогнозируя их возможные последствия, способы к сотрудничеству, с чувством ответственности за дальнейшую судьбу страны.

В этом русле особо актуальным является развитие и внедрение в теорию и практику современного воспитания и образования основных идей и положений гуманизма в процессе педагогического общения.

Следовательно, обучение должно носить личностно-ориентированный характер, где основными характерными чертами такого обучения являются: ▪ приоритет развития общения и общительности в процессе обучении и воспитания; ▪ субъект - субъектные отношения; ▪ знания, умения и навыки в культуре общения как средство развития личности; ▪ эффективный отбор и сочетание методов, приёмов и форм обучения и воспитания.

Учёные - классики сходились во мнении, что всякое общение - это деятельность, предполагающая вступление человека в определённые общественные отношения, разные формы общения и общительности, подчеркивая при этом, что действительное духовное богатство индивида всецело зависит от его действительных отношений к окружающим, миру и самому себе [2; 36];

В результате изучения проблемы общения в современной психолого-педагогической теории были выявлены постановка вопросов о влиянии общения преподавателей вуза и студентов. Исходя из этого, можно определить сущность общения как деятельность и основной фактор взаимодействия педагога и студентов, студентов между собой в процессе обучения и воспитания.

Повышение эффективности процесса воспитания подрастающих поколений находятся в прямой зависимости от того, насколько целенаправленно и эффективно преподаватель будет управлять процессом общения как фактором, влияющим на процесс успешности учебной и общественной деятельности в развития личности студента.

Одной из главных проблем является проблема культуры педагогического общения, как проявление совокупности педагогических отношений, формирующих личность студента. В данной ситуации, на преподавателе лежит задача создания и поддержания доброжелательности и взаимопонимания. В основе отношений между преподавателем и студентом лежит их совместный труд, а также успехи в достижении педагогической цели.

Следует отметить, что педагогическое общение - это система психолого-педагогического

взаимодействия преподавателя со всеми студентами, содержанием которого является ▪ накопление опыта взаимодействия с людьми, ▪ обмен информацией, ▪ интеллектуальное развитие в результате взаимного обогащения информацией, ▪ осознание себя через сравнение с другими, ▪ формирование этико-эстетические взгляды и ▪ представления. Особенно интерес к проблемам отношений и поведения людей является благоприятной предпосылкой для воспитания культуры общения у студентов.

В технологическом плане педагогическое общение находит своё выражение в умениях: ▪ передавать информацию, ▪ понять состояние учащегося, ▪ в организации его взаимоотношений, ▪ в искусстве воздействия на партнёра по общению, ▪ в искусстве управлять собственным психологическим состоянием.

Чтобы общение педагога стало эффективным средством воспитания подрастающего поколения, каждому педагогу необходимо обеспечить:

- развитие духовности с широкомасштабным изменением содержания образования;
- укрепление связи педагога со студентами на основе взаимности, демократизма и гуманизма;
- создание благоприятных условий для их трансформации в учебную среду.

Таким образом, учёт требований в профессиональной деятельности педагога просто необходим, так как именно они способствуют становлении личности студента и формированию качеств, необходимых ему для успешного общения с другими людьми.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Амонов Н.К. Психологические основы педагогического общения. / Н.К. Амонов –Душанбе: Сино, 2003. -108 с.
2. Буева Л.П. Человек: деятельность и общение. / Л.П. Буева М.: Мысль, 1978. -110 с.
3. Андреева Г.М. Принципы деятельности и исследование общения / Г.М. Андреева // Общение и деятельность. - Прага, 1998. - С.56-58.
4. Национальная концепция образования [Текст] Душанбе, 2002. - 24 с.


## ОБЩЕНИЕ КАК ФАКТОР СТАНОВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТИ СТУДЕНТА


*В статье автор рассматривает процесс общения как деятельность и основной фактор взаимодействия педагога и студентов, студентов между собой в процессе обучения и воспитания. По мнению автора, повышение эффективности процесса воспитания и обучения находятся в прямой зависимости от того, насколько целенаправленно и эффективно преподаватель будет управлять процессом общения. Особенно общение как основной фактор развития личности студента влияет на процесс успешности учебной и общественной деятельности, на познание ими самих себя и окружающих, дифференцированно влияет на развитие основных свойств личности.*

*По мнению автора на преподавателе лежит задача создания и поддержания доброжелательности и взаимопонимания в процессе обучения. Безусловно, в процессе общения проявляются самые разнообразные познавательные, эмоциональные и волевые свойства, т.е. весь психолого-педагогический склад личности.*



***Ключевые слова:*** *общение, субъект-субъектные отношения, позитивное мышление, культура педагогического общения, фактор взаимодействия, гуманизации отношений, общечеловеческие ценности, трансформация, личностно-ориентированный характер обучения.*


## COMMUNICATION AS A FACTOR IN THE FORMATION OF A STUDENT'S PERSONALITY


*In the article, the author considers the process of communication as an activity and the main factor in the interaction of a teacher and student, students with each other in the process of training and education. According to the author, increasing the effectiveness of the process of education and training is directly dependent on how purposefully and effectively the teacher will manage the communication process. Especially communication as the main factor in the development of a student's personality affects the process of success in educational and social activities, on their knowledge of themselves and those around them, differentially affects the development of basic personality traits.*

*According to the author, the teacher has the task of creating and maintaining goodwill and mutual understanding in the learning process. Of course, in the process of communication, a wide variety of cognitive, emotional and volitional properties are manifested, that is, the entire psychological pedagogical warehouse of the individual.*



***Key words:*** *communication, subject-subject relationship, positive thinking, culture of pedagogical communication, interaction factor, humanizing relations, human values, transformation, personality oriented character learning.*


***Сведения об авторе:***


***Арбобова Ф.А.*** *– старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел: (+992) 908487928*

**About the author:**
**Arbobova F.A.** – *senior lecturer, Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 908487928*

## ПСИХОЛОГО - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К ЗАНЯТИЯМ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ

***Гургулиева О.Х.***
*Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни*
***Рахматова Ш.И.***
*Филиала Масковский государственный университет им. М.В. Ломоносова*

Новые требования к профессиональной компетенции преподавателя обусловлены реформами образовательных процессов в Республике Таджикистан.

Язык и речь, а также язык науки формируются и играют определяющую роль в процессе обучения. И.П. Павлов называл слово, речь человека: «высшим регулятором человеческого познания».

Взгляды лингвистов, видных методистов и психологов также сводятся к огромной педагогической, а вместе с тем формирующей и направляющей роли к месту языка и речи в учебном процессе вуза.

Посредством языка и речи объединяются образы и понятия, эмоции и знания, конкретное и абстрактное. Речевое функционирование опирается на аналитико-синтетическую деятельность мозга, в основе которой лежит непосредственное восприятие действительности» [2].

О важности языка и речи, ясности и выразительности говорил и Аристотель: «Достоинство словесного выражения быть ясным и не быть низким».

Преподавателю необходимо владеть словом не только, чтобы сообщить информацию, что неубедительно, когда мы говорим о занятиях в высшей школе и психологический дар умения понимать и управлять аудиторией. Без сомнения ему также необходимо владеть красноречием (способность, умение говорить красиво, убедительно).

Такая речь может сильно воздействовать на аудиторию и разбудить, увлечь и направить обучающегося к знаниям. Цицерон отмечал значимость слова «научает слушателей».

Преподавателю, кроме педагогического мастерства, требуется отличное знание предмета, тщательная подготовка к занятиям и изучение опыта лучших педагогов.

«Ни искусство красноречия, ни мудрость не могут быть достигнуты, - говорил Демокрит, - если им не учиться».

Нам известны множество примеров образцового проведения занятий, выступлений на собраниях, конференциях известных учёных, таких как Т.Н. Грановский, В.О. Ключевский, С.М. Соловьёв, Н.И. Костмаров, Д.И. Менделеев, М.Г. Павлов, К.А. Тимирязев, Н.Е. Жуковский, А.Н. Крылов и другие, мастера-педагоги, которые были кумирами своих обучающихся, превосходно владеющими материалом с прекрасно сочетающейся эрудицией, ораторским мастерством. Они заставляли слушателей мыслить, размышлять, критически подходить к источникам, развивать мышление философски подходить к решению проблемных моментов материалов преподаваемых дисциплин.

К содержанию занятий в высшей школе на современном этапе уделяется большое внимание в трудах отечественных и зарубежных учёных («Педагогика и психология высшей школы», «Психология высшей школы»).[4, с.5.]

Авторы учебно-методических пособий для преподавателей вузов, разрабатывают профессиональный портрет преподавателя и выделяют семь ценных рекомендаций: быть профессионально подготовленным, эрудированным, духовно близким со студентами, умственные качества преподавателя, постоянная работа по совершенствованию своих знаний, творческий подход к занятиям, общественно-политическая зрелость и гражданская ответственность, психологическая стойкость и моральная чистота, интерес и любовь к обучающимся, мастерство преподавателя к организации учебно-воспитательного процесса [5, с.278]

Важно знать, что занятия в вузах следует воспринимать как многогранный процесс с такими составляющими как композиция и содержание, использование разных видов работ с определёнными методическими приёмами, включая приём активизации внимания и интереса студентов, предлагаемые вопросы (план), а также необходимость записей по ходу усвоения и закрепления основных, ключевых понятий.

Преподавателю важно дать правильную установку на первых занятиях; определить их цель и задачи, что подготовит обучающихся к самостоятельной творческой работе с научной литературой, которая также может быть рекомендована преподавателем и выполнять ориентирующую задачу в самостоятельной работе студентов.

Опыт работы в высших учебных заведениях даёт право на установление определённых подходов

к лекционным и практическим занятиям. Бесспорно, материал должен излагаться в виде анализа общих и частных проблем. Они (занятия) должны способствовать развитию заинтересованности студентов и выработке в дальнейшем навыков самостоятельного мышления. Именно направляющий и мотивирующий процессы важны на первых, установочных и последующих занятиях, которые, кроме того должны носить проблемный характер, когда преподаватель должен создавать ситуации с последующим анализом и выдвижением гипотез. Не следует забывать также, выделить мысль о параллельном существовании традиционной модели в методах проведения занятий в высшей школе. Традиционная модель, безусловно, способствует развитию, совершенствованию познавательных процессов обучающихся. При этом остаётся вне поля зрения качественные процессы взаимодействия образовательной развивающей деятельности студентов.

Творческий подход преподавателя – находить методы, развивающие способности, ценности, целенаправленность обучающихся. В этом и будет заключаться ценность и суть образовательной деятельности, опирающейся и реализующейся на эффективных методах, путях и средств решения проблем, возникающих в учебном процессе.

Ни в коем случае мы не преследуем цели сопоставления моделей традиционной методики и новой, и вместе с тем, наш опыт работы опирается на новые взаимоотношения с аудиторией, эффективные методы развивающего обучения с учётом достижений традиционных методов проведения занятий, т.е. это опыт-анализ существующих точек зрения ведущих педагогов – учёных в области педагогики, психологии и методики преподавания. В этой связи мы полностью разделяем мнение С.С. Кошелева[3], который в настоящее время определяет стратегию и тактику современных образовательных учреждений. Он отмечает, что «приоритетами истинного личностно-ориентированного педагогического процесса является процессуальность, полилог, диалог, общение, мыследеятельность, смыслотворчество, возможность самореализации, создание комплекса оптимальных условий саморазвития обучающихся»[3]. Данная точка зрения автора является ключевой, имеющая научное утверждение, реализуемое в практике новых модулей преподавания ряда лингвистических дисциплин в вузах.

Кошелев С.С. уверен, что реализация оптимальных условий взаимодействия преподавателя и студентов возможна только при высоком уровне «технологической культуры педагога» и использования в учебном процессе инновационных, интерактивных моделей обучения. (Интерактивный трактуют как усиленная деятельность.).

Интерактивный новый модуль, который занял ведущее место в учебном процессе и реализуется при оптимальном педагогическом усиленном взаимодействии педагога и обучающихся, основанного на обмене деятельностями, то есть деятельность педагога обусловливает деятельность студента.

Следующий важный этап – это контроль в процессе обучения. В практике традиционных видов контроля существовали экзаменационные билеты, включающие, в основном, перечень тем учебника и программы; демонстрировался процесс запоминания и воспроизведения. Однако, если учитывать эффективность интерактивных модулей преподавания, то традиционный контроль не даст ожидаемых высоких результатов работы мыслительной деятельности всего процесса учебной деятельности.

Нами была предложена система контроля знаний студентов, основанная на смысловом понимании преподаваемой дисциплины курса «Общее языкознание». В связи с этим по окончании лекционного и практического курса студентам была предложена тематика самостоятельных научных работ, (рефераты, презентации) преследующая поисковую, творческую мыслительную деятельность их выполнения.

Такая форма контроля позволит повысить уровень психолингво дидактических знаний студентов, определить умения и навыки научного подхода решения вопросов, правильной постановки взаимосвязи логических и мыслительных процессов в решении проблемных задач данной дисциплины, при использовании интерактивных методов, дающих огромную эффективность усвоения учебных дисциплин.

В данной статье мы не ставим цель отрицания существующих форм и функций контроля знаний обучающихся [Щукин]. Цель данной статьи – выделить особенности проведения занятий в высшей школе на современном этапе, а также показать формы контроля знаний обучающихся, опирающихся на творческий подход процесса обучения.

Таким образом, интеграционные образовательные процессы в РТ повысили внимание к качеству подготовки специалистов, активизируют поиск новых, надёжных средств, методов и технологий контроля и оценивания результатов проведённых занятий, отвечающих международным стандартам.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Елютин В.П. Наука и высшее образование. / В.П. Елютин - М.,1968.
2. Краснов Н.Ф. Новый этап в развитии высшей школы. / Н.Ф. Краснов «Вестник высшей школы» 1972 №10.
3. Кошелев С.С. «Интерактивные методы обучения. / С.С. Кошелев // Учебно-методическое пособие» Минск. 2013

г.с.224.
4. «Педагогика и психология высшей школы»Г.Д.Ан, Т.М. Умарова, И.Т. Амонов, Д., 2003
5. «Психология высшей школы» Минск. Харвест.,2006. М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович, С.Л. Кандыбович. 416 стр.

## ПСИХОЛОГО - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К ЗАНЯТИЯМ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ

*В статье излагается опыт работы в вузе, вырабатываются требования к занятиям, а также рекомендуются современные требования к контролю знаний студентов, отвечающих международным стандартам. Раскрыты взгляды лингвистов, видных методистов и психологов роль и место языка и речи в учебном процессе, вуза обосновывается в творческий подход преподавателя, в котором заключается ценность и суть образовательной деятельности. В стати уделено внимание интергреционному образовательному процессе т.е повышению качеству подготовки специалистов в Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *профессиональная подготовка, передача информации, новые технологии, красноречие педагога, язык и речь, речевое функционирование, ясность и выразительность, ораторское мастерство.*

## PSYCHOLOGICAL PEDAGOGICAL REQUIREMENTS FOR STUDIES IN HIGHER EDUCATION

*This article describes the experience of working at the university, requirements are being developed lectures, and also recommends modern specification for monitoring the knowledge of students, that meet international standards.*

*The find out the view of linguists well - known methodologist and psychologists are revealed the role and place of language and speech in the educational process of the university. The creative attitude of the teachers is based which is the value and substance of educational activity. This article pays attention to the integration pruning educational process that is to say the increased quality of training of specialists in Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *professional training, information transfer, new technologies, teacher eloquence, language and speech, Speech functioning, clarity and expressiveness, public speaking.*

***Сведение об авторах:***

***Гургулиева О.Х.*** *- кандидат педагогических наук старший преподаватель межуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни Тел: (+992) 888228277.*

***Рахматова Ш.И.*** - кандидат педагогических наук *доцент кафедры «Лингвистика» Филиала Масковского государственного университета им. М.В. Ломоносова*

***About the authors:***

***Gurgulieva O.H.*** *- candidate of pedagogical science Senior teacher interuniversity chair Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel: (+992) 888228277.*

***Rahmatova Sh.I.*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Linguistics of the Branch of the Moskov State University named after M.V. Lomonosov*

**ТДУ 373(575,3)**

## ФАЪОЛИЯТИ ТАҲҚИҚОТИ ХОНАНДАИ ХУРДСОЛ ВА ШАРОИТИ ИНКИШОФДИҲИИ ОН

***Табаров Д.Д.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар зинаи ибтидоии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои нав ворид гардида, раванди татбиқи моделҳои гуманитарии маълумотдиҳиро, ки ба худмаълумотгирӣ (худдонишандӯзӣ), худамалигардонӣ ва тариқи фаъолиятҳои мустақилонаи таҳқиқотӣ ба дастовари донишҳо бартарӣ медиҳад суръат бахшад, ҳам дар адабиётҳои муосири илмӣ-педагогӣ дарки илмии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, ҳамчун натиҷаи амалишавии ҳадафҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ мушаххас муайян нашудааст. Дар корҳои илмии А.К. Дусавитский, А.В. Запорожетс, М.Б. Затсепин, В.Т. Кудрявтсев, Г.В. Поддяков, А.П. Усов, С. Акрамов, Б. Маҷидова, Б. Каримов қайд карда шудааст, ки ҳанӯз аз синни калони томактабӣ, фаъолиятҳои маърифатӣ – таҳқиқотӣ, хусусан, дарки бошуурона ва мақсадноки кӯдак оид ба чи гунагии сохти ашёҳо, маълумотҳои нав оид ба олами атроф ташаккул ёфта, тасаввуротҳои ӯ оид ба ҳодисаҳои дар ҳаёташ ба амалоянда ба як тартиби муайян медароянд. Ҳамин тавр мушкилоти омӯхтанашудаи илмӣ-методии раванди ташаккулёбии маҳорату малака ва салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ба мушкили асосии низоми таҳсилот табдил ёфта ба таҳқиқ ва бознигарии тоза ниёз пайдо намудааст. Зеро дар ҳайёти инсон ин синну сол, марҳилаи

ташаккулёбии шахсият ба шумор меравад, ва он маҳорату малака ва одатҳое, ки ҳосил мешаванд, минбаъд дар тамоми марҳилаҳои ҳайётӣ нақшгузор боқӣ мемонад.

Зикр кардан зарур аст, ки ташаккулёбии шахсият танҳо дар натиҷаи фаъолият ба амал меояд. Зеро инсон ягона махлуқест, ки амалҳояшро ҳадафмандона бо мақсади дигаргун сохтани ашёи табиӣ ва худи табиат иҷро намуда, мақсади асосиаш беҳтар гардорнидани вазъ ва ҳолати буду бош ва зиндагиаш мебошад.

Фаъолият категорияи фалсафиест, ки танҳо аз тарафи махлуқи бошуур, ҳадафмандона ва идорашаванда сурат мегирад.

Фаъолият, шакли мушаххаси ҳаёти маишии иҷтимоӣ ва таърихии одамон, ки ба табдили мақсадноки воқеияти табиӣ ба ҷузъи ҳайётӣ иҷтимоӣ нигаронидашуда мебошад. Дар муқоиса бо қонунҳои табиат, қонунҳои ҷомеа танҳо тавассути фаъолиятҳои инсон ошкор карда мешаванд, ки шаклҳо ва хосиятҳои нави воқеиятро ба вуҷуд оварда, маводи табиии муайянро ба маҳсулот табдил медиҳад. Ҳар гуна фаъолият, ки аз ҷониби субъект иҷро карда мешавад, ибтидо, восита, худи раванди тағирот ва натиҷаи онро дар бар мегирад [16].

Категорияи фаъолият ва шарҳи он мавриди баҳси бисёр соҳаҳои илмӣ қарор гирифта бошад, ҳам вале шарҳи мушаххас ва муфассали он дар заминаи илмҳои фалсафа психология ба миён омадааст.

Ба гурӯҳҳо ҷудо намудани намудҳои фаъолият аз он ҷиҳат душвор аст, ки ин истилоҳ дар илмҳои гуногуни гуманитарӣ истифода гардида маънои васеъ дорад. Аммо, на ҳама зуҳуроти амалҳои ҳаётан муҳимро ба фаъолият нисбат додан мумкин аст. Ҳақиқатан фаъолият ҳамеша бо тағирёбии воқеияти фардӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Чуноне, ки зикр гардид маҳуми фаъолият мавриди баҳс ва омӯзиши бисёр соҳаҳои илмӣ қарор гирифтааст ва шарҳу тавсифот низ гуногун ва духӯра ба назар мерасанд. Чуноне, ки дар илми ҷомеашиносӣ намудҳои фаъолияти меҳнатӣ, сиёсӣ, бадеӣ, илмӣ, дар педагогика ва психология, бозӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ ҳамчун навъҳои асосӣ ҷудо карда мешавад.

Фалсафа фаъолиятро дар заминаи қонунҳои диалектика ва социология омӯхта ба он тобиши таърихӣ дода, онро сабабгори асосии инкишофи ҷомеаи инсонӣ тавсиф менамояд.

Хусусияти хоси ин категория аҳамияти бузурги байнифаннӣ доштани он мебошад.

Ошкор кардани қонунҳои умумии инкишофи шахсият яке аз вазифаҳои асосии психология мебошад, ки танҳо дар натиҷаи омӯзиши фаъолияти фард ва шахсият амалӣ гардида, боиси зуҳури бисёр назарияҳои фаъолият дар илмӣ психология гаштааст.

Бо таври умумӣ, сохтори фаъолиятро дар психология чунин тартиб додан мумкин аст: талабот-барангезанда-вазифа-восита-амал-амалиёт-натиҷа.

Дар ин ҳолат вазифа - мақсад ва шароити иҷро шудани онро дар бар гирифта, самаранокии натиҷаи амалиёт аз шароит вобаста мебошад.

Фаъолият дар рафти иҷроишаш метавонад вобаста ба пайдо шудани мақсад ва ҳадафҳои нав тағйир ёбад ва хусусияти интегралӣ пайдо карда ба амалиёт табдил ёбад. Яъне дар фаъолият якбора мутавозӣ як чанд амале иҷро мегардад, ки дар ниҳоят ба як ҳадафи умумӣ нигаронида шудаанд. Агар фаъолият ба шохаҳо ҷудо шавад хосияти интегралӣ пайдо мекунад ва агар пайдарҳам иҷро шавад фаъолияти иҷроишаш алгоритмӣ номида мешавад. Яъне агар амалҳои дар рафти амалиёт иҷрошаванда гуногун бошанд, интегралӣ ва агар амалҳои якхела бошанд амалиёт алгоритмист. Омилҳои асосие, ки инсонро ба фаъолият водор мекунанд, ин ниёзҳои биологӣ ва ангезандаҳо ба шумор мераванд, ки боиси ба миён омадани мақсаду вазифаҳо мегарданд. Ниёзҳои биологии оранизм ва ё барангезандаҳои беруна метавонанд, зуд ба амал оянд ва ё муддати тӯлонӣ тарҳрезӣ гардида амалӣ шаванд.

Ин равандро, ки аксуламали организмҳои дараҷаи олӣ меноманд, Выготский Л.С. ба се марҳила тақсим кардааст.

Аввалан марҳилаи ҳасосият. Дар организми дараҷаи олӣ вобаста ба ангезандаҳои беруна ва ё ботинӣ ниёзҳо ҳосил мешаванд, ки онро олим сенсорӣ номидааст. Баъдан вобаста ба шакли ниёзҳо ҳадафу мақсадҳо ва вазифаҳо дар системаи олии асаб тарҳрезӣ мегарданд. Ин марҳиларо вокуниши марказӣ номидааст. Ва дар марҳилаи сеюм амалинамоии мақсаду вазифаҳои дар маркази олии асаб таҳия гардида сар мешавад, ки онро фаъолият мегӯянд. Ин марҳиларо марҳилаи моторӣ меноманд [2].

Фаъолият бо вуҷуди намудҳои гуногун дар ҷодаҳои касбӣ ва илмӣ доштанаш, аз нуқтари психологӣ-педагогӣ, тавсифотеро дар бар гирифтааст, ки мазмунан ба якдигар монанд ва ҳамранг мебошанд.

Фаъолият ин маҷмӯи амалиётҳое мебошанд, ки барои ноил шудан ба ин ё он мақсад равона карда мешаванд. Таркиби фаъолиятҳо (предметӣ, меҳнатӣ, таълимӣ, бадеӣ, маишӣ) вобаста ба мақсади дар пеш гузошта ва синну соли кӯдакон гуногун мешаванд [12].

Гоноболин Ф.Н. зикр менамояд, ки «рафтори мутташаккилонаи инсон, ки ба қонеъ гардонидани ин ва ё он ниёзҳояш нигаронида шудаанд, фаъолият номида мешавад [3, 32].

Хусусияти хоси фаъолияти инсонро муҳаққик дар он мебинад, ки дар ниҳоят чизе ҳосил мешавад.

Муҳим он аст, ки дар натиҷаи фаъолият шахсият ташаккул меёбад.

Хусусиятҳои психологии субъектро, танҳо дар ҳолати мушоҳидаи пурраи фаъолияташ омӯхтан мумкин аст [19].

Карл Маркс ҳама гуна амали мақсадноки инсонро дар олам фаъолият номидааст, ки дар раванди он табиатро эҷодкорона дигаргун месозад ва бо ин амал худро субъект ва ҳодисаву ашёҳои табиатро ба объекти фаъолият табдил медиҳад.

Таъсири муҳит ва тарбия ба инкишофи шахсият бетаъсир ва самара буда метавонист, агар омили дигаре чун фаъолият намебуд. Маҳз фаъолияти инсонист, ки робитаи мутақобилаи инсонро бо муҳит таъмин намуда, ба инкишофи ҷисмонию маънавӣ ва фарҳангии шахсият кӯмак менамояд.

Фаъолият – шакли мухими зуҳуроти муносибати фаъолонаи ба воқеияти атроф, тавсиф ёфтааст дар Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. Дар кори тарбиявӣ, фаъолиятро дар шакли фаъолияти ҷамъиятӣ, меҳнатӣ, бозӣ ва ғ. дидан мумкин аст [8].

Шакли асосии фаъолияти кӯдакон ин бозӣ, таълим ва меҳнат мебошад. И.П. Подласий фаолиятҳои кӯдаконро вобаста вазифаашон ба гурӯҳҳои зеррин ҷудо намудааст: маърифатӣ, бадеӣ, ҷамъиятӣ, варзишӣ, техникӣ, ҳунарӣ, гедонӣ (фаъолиятҳое, ки ниёзҳои лаззатбарии кӯдакро ҳосил мекунанд). Шакли махсуси ба кӯдакон хоси фаъолият ин муоширот мебошад [14].

Муаллиф фаъолиятро вобаста ба хосиятҳояш ба фаъол(актив) ва нофаъол(пассив) ҷудо намудааст. Танҳо фаъолияти фаъол (актив) самараи хуб ва балансифат дода метавонад.

Яке аз шаклҳои фаъолияти хонандагони хурдсол, ки дар ташаккулёбӣ ва инкишофи шахсияташон бештар таъсиргузор аст, ин фаъолияти таҳқиқотии кӯдак мебошад. Дар раванди таълим дарс синфҳои ибтидоӣ, махсусан дарсҳои табиатшиносӣ, аз нерӯи фаъолиятҳои таҳқиқотии хонандагон истифода бурдан раванди таълимро шавқовар ва самаранок гардонида, равандҳои маърифатиашонро суръат мебахшад. Дар ин ҳолат фаъолияти таҳқиқотии кӯдак характери таълимӣ пайдо мекунад.

Асарҳои Е.В. Баранова, И.Я. Лернер, М.И. Махмутов, А.Г. Сергеев, А.В. Хуторской, Ж.В. Фомина, О.А. Салникова ва дигаронро таҳлил намуда, мо муайян намудем, ки фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ салоҳиятҳои зерринро дар бар мегирад: асосноккунӣ, мақсадгузорӣ, фаъолона амал намудан, баҳогузорӣ ва назорат.

Марҳилаҳои асосии фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ инҳо мебошанд: гузориши масъала, пешниҳоди фарзия ва назария, исботи назария дар таҷрибаи амалӣ.

Фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотии хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим дар мактаб ва берун аз он хосиятҳои зеринро мегиранд:

-дар рафти таҳқиқот фаъолиятҳо ба азхудкунии дониш ва маҳоратҳо нигаронида мешаванд;

-ба азхудкунии роҳу усулҳои методии маърифатӣ (аналогия, индуксия, дедуксия) ва ҳосилшавии малакаҳо нигаронида мешаванд;

-ба тағирёбии шахсияти худи хонанда, ба инкишофи ӯ таъсир мерасонад (қавviaзмӣ, кунҷкобӣ, инкишофи нерӯи эҷодӣ).

Олимон Гулова Н.А. ва Гулаев И.Х. дар фаъолиятҳои муваффақонаи таҳқиқотии хонандагони хурдсол, ки ба ташаккулёбии салоҳиятҳо оварда мерасонанд, нақши асосиро ба шавқмандӣ, ки муайянкунандаи муносибати кӯдак ба ин фаъолият аст, ба хоҳишу кӯшиши ба даст овардани муваффақият нисбат медиҳанд [6; 7].

В.И Андреев панҷ марҳилаи инкишофёбии шавқмандиро дар фаъолияти таълимӣ-тадқиқотии кӯдак ҷудо намудааст, ки аз инҳо иборатанд:

- дар марҳилаи аввал хонандагон худашон ба фаъолиятҳои мустақилона, ба ҷустани шарҳу исботи ҳодисаҳои мушоҳидашаванда ташаббус нишон намедиҳанд;

- дар марҳилаи дуюм хонандагон каме кӯшиш нишон дода, гоҳ-гоҳе барои ҳалли масъалаҳои на он қадар мураккаби таҳқиқотӣ мекӯшанд, ки он дар кӯшиши ёфтани роҳи ҳали мушкилӣ ба мушоҳида мерасад.

- дар марҳилаи сеюм шавқ, хоҳиш ва кӯшиш намудан ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ бо фаъолияти тазаккурнамоӣ (изҳоротӣ) баробар аст. Шавқмандии мусбии хонандагон ба фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ гоҳ - гоҳ мушоҳида мешавад.

- дар марҳилаи чорум хонандагон бо ташаббуси худ кӯшиши ҳал намудани масъалаҳои таҳқиқотиро мекунанд.

- дар марҳилаи панҷум, хонандагон бо таври доимӣ ва шавқмандии афзоянда мустақилона ба ҳали масъалаҳои таҳқиқотӣ машғул мешаванд [10].

Дар ҳаёти ҳар як инсон, фаъолиятҳои автоматигардида, қолабӣ, ӯҳдабароёна ва ҷустуҷӯӣ, ки ба шаклҳои нави муносибат бо муҳит ва ангезандаҳои он нигаронида шудаанд, зарур аст. Фаъолиятҳои ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ дар рафторҳои ҳамарӯзаи инсон мавқеи калон дошта, тақвиятбахшандаи якдигаранд. Фаъолиятҳои махсусан ташкилгардидаи шавқовар, сатҳи нишондиҳандаҳои маърифатии кӯдакро баланд бардошта, ба одат ва рафтор табдил мёбанд.

Рафтори фаъоли таҳқиқотии ғайриихтиёрӣ дар шакли фаъолиятҳои ҷустуҷӯии таҳқиқотӣ зоҳир

гардида ба рафторҳои фардии тарҳрезишуда замина мешаванд. Фаъолият пеш аз ҳама вокуниши организм ба барангезанда буда дар натиҷаи автоматӣ гардидан рафторҳои инсонро дар ҳолатҳои стандартӣ - маъмулӣ идора мекунанд. Дар ҳаёти кӯдак ҳолатҳои зикргардида, метавонанд табиӣ ва ё сунъӣ бошанд. Таҷассуми ошкорои сунъият дар раванди таълим ва фаъолиятҳои ба он рабтдошта мушоҳида мегардад. Фаъолиятҳо дар натиҷаи такрор ва машқ намудан автоматӣ гардида ба малакаҳо табдил мeёбанд.

Иҷроиши автоматии ягон намуди фаъолият нерӯи ақлониро сарфа намуда системаи марказии асабро аз сарбории зиёдатӣ ҳифз менамояд. Вале вокунишоти автоматӣ на ҳама вақт натиҷаи мусбат медиҳад, ва дар ҳамин вақт зарурияти пайвастшавии механизмҳои фаъолиятҳои ҷустуҷӯӣ ба миён меояд. Намунаи вокунишоти автоматигардида ба ҳолатҳои номуайян дар рафторҳои инсон метавонанд ҳамаи рафторҳои рефлексии шартӣ ва ғайришартӣ, ҳамчунин вариантҳои нисбатан мураккаби фаъолиятҳо, ки дар асоси маҳорату малакаҳои дар равандҳои ҳаётӣ ҳосилгардида ба амал меоянд, бошанд.

Хонандаи синфи якумро аз аввали соли таҳсил тарзи дуруст навиштани элементҳои рақамҳо ва ҳарфҳо, табиатшиносӣ ҷавонро аз дақиқаҳои аввали муносибат бо ҳароратсанҷ ва ё компас тарзи дуруст доштани асбобро меомӯзонанд. Минбаъд ин фаъолиятҳо автоматӣ гардида, зарурияти такрори талқиннамоии онҳо боқӣ намемонад. Аҳамияти навъи вокунишоти автоматигардида дар раванди таълим бисёр бузург аст. Вале ҳодисаҳои дар ҳаёт дучороянда гуногунранг буда, рафторҳои автоматигашта на дар ҳама ҷой ба кор меоянд. Табиат инро ба назар гирифта ба инсон хосияти барҷастаеро додааст, ки тибқи он вокунишоти автоматигаштаро ба вокунишоти ҷустуҷӯӣ табдил медиҳад. Пайвастшавии ин механизмро мо зуд-зуд мушоҳида мекунем. Мисол ҳангоми иҷрои супориши хонагӣ хонанда мебинад, ки қаламаш шикастааст ва теғи қаламтезкунакашро гум кардааст ва ё дар вақти гузаронидани мушоҳидаҳо дар табиат мебинад, ки ҳароратсанҷ ва ё соатро фаромӯш намудааст. Ана дар ҳамин ҳолатҳое, ки одам ба шароити ғайримаъмулии номуайян афтида, дигар вокуниши автоматигардида истифода бурда наметавонад, дигар механизм, механизми фаъолияти ҷустуҷӯиро истифода мебарад.

А.И. Савенков фаъолияти ҷустуҷӯиро ҳамчун қувваи ба ҳаракатдарорандаи рафтори таҳқиқотӣ меҳисобад [17; 18]. Ӯ қайд мекунад, ки фаъолияти ҷустуҷӯӣ мумкин аст ба ду самт нигаронида шавад: ба тағир додани вазъияти проблемавӣ ва ё мутобиқгардонии худ ба он ҳолат. Ин яке аз соддатарин тавсифоти фаъолияте мебошад, ки аз он рафтори таҳқиқотӣ асос ёфтааст. Татбиқнамоии он ба инсон имкон медиҳад, ки мавқеъи худро дар ҷаҳони мураккаби инкишофёбанда ва бетанаффус дигаргуншаванда устувор нигоҳ дорад.

Ташаккулёбии фаъолияти ҷустуҷӯӣ барои инкишофи фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, ки дар асоси онҳо рафтори таҳқиқотӣ ташаккул мeёбад, шароит муҳайё менамояд. А.И. Савенков дар таҳти мафҳуми «рафтори таҳқиқотӣ», «амалҳои ба омӯзиши объект нигаронидашудаеро, мефаҳмад, ки дар заминаи талаботи психикии ҷустуҷӯӣ» ба амал меоянд [17, 38]. Ба ақидаи ӯ танҳо рафтори ҷустуҷӯӣ дар шароити ғайристандартӣ имконияти фаъолияти самаранокро медиҳад. Ва ин фаъолияти оддӣ дар шароити номуайян набуда, балки рафтори комилан мувофиқи мақсади шахсият бо истифодаи тамоми маҳоратҳо, ба монанди: баҳогузории вазъият, тамсиласозӣ ва маҳорати тарҳрезии фаъолияти худ, ки дар натиҷаи фаъолиятҳои таълими-таҳқиқотӣ ҳосил гардидаанд, мебошад.

Поддяков А.Н. бошад, қобилияти мустақилона гузоштани мақсадҳои таҳқиқоти-озмоиширо аз тарафи кӯдакони синни хурди мактабӣ ба «коркарди мустақилонаи усулҳои фаъолият, ки барои амалинамоии ин мақсадҳо, истифода ва ё сохтани олотҳои гуногуни таҳқиқотӣ равона кардашуда» тавсиф намудааст [15, 20].

Хусусиятҳои хонандагони синнфҳои ибтидоиро ба назар гирифта, хотиррасон менамоем, ки онҳо дар фаъолиятҳои озмоишӣ-таҳқиқотии мустақилонаашон дар хона (интихоби мавзӯъ, мақсадгузорӣ, технология) ба ёрии амалии бонизоми муаллим эҳтиёҷ доранд. Ҳангоми аввалин амалҳои озмоишӣ - таҳқиқотии санҷишӣ ёрии муаллим зарур буда, минбаъд вақте ки сатҳи инкишофи маҳоратҳои таҳқиқотӣ баландтар мешаванд, ҳаҷми ёрии амалӣ бояд маҳдуд гардад. Ҳамин тавр қобилияти кӯдак ба амалҳои озмоишии мустақилона ҳангоми ташкил намудани фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, аз хусусиятҳои гузориши проблема, ҷустани методҳои таҳқиқотии он, таҳияи фарзия, гузоштани мақсад ва хулосабарорӣ бе ёрии дигарон вобаста аст [15].

Фаъолияти мустақилонаи беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои мустақилона дар хона имконияти хубе барои ташкили муносибатҳои байнишахсӣ дар синф ва берун аз он байни хонандагон, хонандагон ва муаллим, хонандагон ва калонсолон, хулоса иҷтимоишавӣ ва мавқеъмуайянкунӣ дар ҷомеа дода, қисмати таркибии раванди таълиму тарбия ба шумор рафта, мақсадаш озодона шуғл варзидани хонандагон дар машғулиятҳои таълимии шавқдоштаашон мебошад. Дар раванди фаъолиятҳои беруназдарсӣ имкониятҳои эҷодии кӯдакон возеҳу равшан аён гардида, шавқмандии маърифатиашон афзуда, усулҳои фаъолияти мустақилонаашон рушд мeёбад. Фаъолияти мустақилонаи беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои мустақилона дар хона, ҳамчун фаъолияти

таълимии хонандагон ба азхуднамоии мақсадҳои асосии барномаи таълимӣ бояд нигаронида шаванд. Вале дар мадди аввал ин бадастоварии натиҷаҳои шахсӣ ва байнифанние ба шумор меравад, ки дар рафти он хонандагон на танҳо миқдори донишҳоро мегиранд, балки бояд мустақилона амал намудан, усулҳои нави фаъолият, истифодаи ин донишҳо дар шароити ногаҳонӣ ва номуайянро аз худ кунанд ва ба одат табдил диҳанд. Мазмуни салоҳият ва салоҳиятнокӣ низ ҳаминро дар бар мегирад.

Дар шароити кунунӣ фаъолиятҳои таълимии дар синфгузаранда бо фаъолиятҳои беруназдарсӣ баробарэътибор гардида, бо ҷузъиёташон пурракунандаи якдигар ба шумор рафта муҳити ягонаи таълимиро, натанҳо барои инкишофёбии инфиродӣ, балки боз барои инкишофёбии шахсияти арзишманди мактаббача зарур аст ташкил медиҳад. Дар ин шароит, инкишофёбии зеҳнии мактаббачаи хурдсол ба маротиб баланд гардида, барои рушди сифатҳои арзишманди шахсият ва қобилиятҳои эҷодии кӯдак замина гузошта, маҳоратҳои таҳқиқотии кӯдакро ташаккул дода, мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоии онро метезонад.

Бо назардошти он, ки яке аз самтҳои афзалиятнокӣ стандартҳои нави таҳсилот, татбиқи нерӯи инкишофдиҳандаи зинаи аввали таҳсилот - ибтидоӣ мебошад, мо дар таҳқиқотамон диққати асосиро ба нерӯи инкишофдиҳандаи фаъолияти мустақилонаи беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои мустақилона дар хона – маҷмӯи имкониятҳо ва захираҳояш, ки ба инкишофи шахсияти кӯдак, ташаккулёбии дастовардҳои шахсӣ ва гурӯҳифанниаш нигаронида шудаст, додем.

Дар шароити кунунӣ бояд фаъолиятҳои маърифатии шахсият бо фаъолиятҳои амалӣ-меҳнатиаш ҳамгиро ва дар робитаи зич қарор гирифта, шахсияти салоҳиятноке тарбия карда шавад, ки бо хусусиятҳои фаъолияти эҷодкорӣ, хайрхоҳӣ, сарфакорӣ, зебоипарастӣ ва ҳифзитабиатиаш фарққунанда бошад.

Алоқамандии байни фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва таҳсилоти иловагиро дар хонандагони синни хурди мактабӣ, дар шаклу тарзи амалишавии онҳо мушоҳида намудан мумкин аст (маҳфилҳо, курсҳои интихобии таълимӣ, ҷамъиятхои мактабии илмӣ). Ҳамзамон корҳои берунасинфӣ, тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, пеш аз ҳама ба амалишвии барномаи таълимии пешбинишудаи мактаби ибтидоӣ нигаронида шудааст. Аз ҳамин сабаб фаъолиятҳои мустақилонаи таълимии берунасинфии хонандагон, аз он ҷумла озмоишҳои мустақилона дар хонагузаронидашаванда аз фанни табиатшиносӣ, бояд бо фаъолиятҳои ҳатмии дар синф гузаранда, барномаҳо ва мазмуну мундариҷаи маводи таълимии фанни табиатшиносӣ ҳамоҳанг гардонида шаванд. Ва дар стандартҳои таҳсилот низ амалишавии як қатор барномаҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ низ бо воситаи фаъолиятҳои берунасинфӣ дар назар дошта шудааст. Фаъолиятҳои берунасинфӣ дар стандарти таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ ҳамчун фаъолияти таълимие дар назар дошта шудааст, ки дар шароити ғайристандартӣ ва аз фаъолиятҳои дар синфгузаранда фарқ намуда ба азхудкунӣ ва такмил ва мустаҳкамкунии барномаи таълимии зинаи аввали таҳсилот, - таҳсилоти ибтидоӣ нигаронида шудаанд.

Ба кушодани моҳияти фаъолиятҳои берунасинфӣ таҳқиқотҳои Рамазонова Р., Григорев Д.В. ва Степанова П.В. нигаронида шудаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон фаъолияти берунасинфӣ «тамоми фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки имконияти иҷроиши мақсадноконаи барномаи таълимӣ, гирифтани тарбия ва иҷтимоишавии онҳоро медиҳанд (ғайр аз фаъолиятҳои таълимии дар синф гузаранда)» [4, 7]. Аз тарафи ин педагогон нерӯи тарбиявии фаъолиятҳои берунасинфӣ бозомӯзӣ, натиҷаҳои тарбиявии он омӯхтаю таснифот ва фарқияти байни натиҷа ва самараи он асоснок гардидааст. Дар тахти мафҳуми натиҷаи фаъолиятҳои берунасинфӣ натиҷаи бевоситаи иштироки хонандаи хурдсол дар фаъолиятҳои берунасинфӣ фаҳмида мешавад. Мисол, ҳангоми гузаштани маршрути сайёҳӣ кӯдак натанҳо дар муҳит мавқеъашро иваз карда душвориҳои роҳро паси сар мекунад, балки боз як миқдор донишҳои навро оиди муҳити иҳотакардааш, одамони ҳамроҳаш аз худ намуда таҷрибаи мустақилона амал намуданро соҳиб мешавад (натиҷаи тарбиявӣ). Самара ин давоми натиҷа мебошад. Донишҳои андӯхташуда, ки аз таҳти муносибатҳои эҳсосотӣ гузаштаанд, шахсияти кӯдакро инкишоф дода дар онҳо ташаккулёбии салоҳиятҳоро вусъат медиҳанд. Ҳамин тавр бо ақидаи Д.В. Григорев ва П.В. Степанов «натиҷаи тарбиявии фаъолиятҳои берунасинфӣ – инкишофёбии табиии бевоситаи рӯҳии кӯдак дар алоқаманди ба ягон навъи фаъолият мебошад» [4, 8]. Ва ҳосилшавии хислатҳои ахлоқӣ дар хонанда самараи тарбиявии корҳои берунасинфӣ ба шумор меравад. Самараи тарбиявии фаъолиятҳои берунасинфии хонандагони синфҳои ибтидоиро муалифон ба се сатҳ ҷудо намудаанд.

Дар сатҳи аввал мақсад ба азхудкунии донишҳои характери иҷтимоидошта аз тарафи хонандагон нигаронида шудаст (оиди тарзи рафтор дар байни ҷамъият, меъёрҳои ҷамъиятӣ ва мавқеу манзалати ҷамият). Барои гузаштан аз ин марҳила хонандагонро зарур аст, ки дар ҳамкории наздик бо муаллимон бошанд зеро, ки муаллимон барои онҳо ҳамчун шахсиятҳои дорои донишҳо ва таҷрибаи бойи ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Зинаи аввали натиҷаҳоро бо ташкили шаклхои оддии таълимӣ дар шароити берунасинфӣ дар синфи 1 ба даст авардан мумкин аст, роҳкушои ташаккулёбии салоҳиятҳо ба шумор мераванд.

Сатҳи дуюми натиҷаҳо дар хонандагон ҳосилшудани таҷрибаи зиндагӣ ва муносибати некбинона

бо арзишҳои ҷамъият (инсон, оила, Ватан, табиат, олам) ва дар маҷмӯъ тамоми ҷамъиятро дар бар мегирад. Ҳосилшавии ин сатҳи натиҷаҳо дар шароити фаъолиятҳои якҷояи умумисинфии хонандагон, бо истифодаи фаъолиятҳои беруназсинфии нисбатан мураккаб дар синфҳои 2-3 - юми мактаби ибтидоӣ имконпазир аст. Дар ин зина шаклҳои ибтидоии салоҳиятҳо ташаккул меёбанд.

Сатҳи сеюми натиҷаҳо гирифтани таҷрибаи фаъолиятҳои мустақилонаи ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Инкишофи хосияти таҳқиқотчигии хонандагони синни хурди мактабӣ берун аз мактаб, дар муҳити кушодаи ҷамъиятӣ бо воситаи фаъолиятҳои аз ҳама мураккаб, дар хонандагони сифи 4 ба даст меояд. Муаллифон тавсия медиҳанд, ки ҳамон шаклҳои фаъолият бояд интихоб гарданд, ки бадастоварии натиҷаҳои номбаршударо таъмин карда тавонанд.

Дар корҳои Складчикова Г.В. ин намуди фаъолият ҳамчун фаъолияти худташшаккулдиҳӣ ва худафаъолиятии хонандагон, ки бо ёрии амалии омӯзгорон ҳосил мешаванд ва ба гирифтани донишҳо оид ба ҳодисаю ашёҳои табиати атроф ва ташаккулёбии муносибатҳои хоси шахсии хонанда ба табиат дар шароити беруназсинфӣ иҷро мешаванд, муайян гардидааст. Нерӯи психологӣ-педагогии ин навъи фаъолият нақши банизомдарорандагии ҷузъиёти раванди таълим, ҳамгироии фаъолиятҳои синфӣ ваберуназсинфиро мебозад [12; 15].

Егорова Т.Е. фаъолиятҳои беруназсинфии хонандагонро дар шакли озмоишҳои хонагӣ, ҳамчун фаъолияти мақсаднокӣ таълимӣ дар вақтҳои холигӣ барои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон ташкил мешаванд ва хусусиятҳои синну соли дошта ба ҳосилшавии таҷрибаи амалии ҷамъиятӣ, ташкилкунии шароит барои ташаккулёбии сифатҳои хуби шахсият, пурмазмун гузаронидани вақти холигӣ, амалинамоии фаъолиятҳои маърифатию эҷодӣ буда, бо мақсади фароҳамоварии шароити амалинамоии фаъолиятҳои иҷтимоӣ, эҷодӣ ва маданӣ, ки дар вақти дарси маъмулӣ дар синфхона амалишавиашон номумкин аст, шарҳ додааст [7].

Папоркова М.А., Савина Г.П. низ фаъолиятҳои беруназсинфиро аз шаклҳои фаъолияти мактаббачагон, ки ба иҷтимоишавии хонадагон ва инкишофи қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунад шуморида таъкид менамоянд, ки фаъолиятҳои беруназсинфии гуногунмазмун, метавонанд инкишофдиҳандаи шавқи умумифарҳангии донишандӯзии хонандагон бошанд ва ба ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ - ахлоқиашон мусоидат намоянд [155; 180;].

Дар корҳои Баротов К.А., Иванова И.П., Тимуршина Г.А. фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва озмоишҳои хонагии характери таълимӣ дошта ҳамчун қисмати таркибии системаи таҳсилот ва тарбияи кӯдак ва наврасон, ки ба интихоби озод ва азхудкунии барномаҳои иловагии инкишофдиҳандаи шахсият нигаронида шудаанд, қайд гардида аст. Ба ақидаи муаллифон, фаъолиятҳои беруназсинфӣ имконияти ҳалли як қатор вазифаҳои муҳимеро ба монанди: таъмини муваффақонаи мутобиқшавии кӯдак ба муҳити таҳсилот; шавқовар гардидани барномаҳои таълимӣ; беҳтар гардонидани шароити инкишофи шахсияти хонандаи хурдсолро бо назарошти хосиятҳои физиологӣ ва фардиаш фароҳам меоварад.

Ба ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи фаъолияҳои беруназсинфӣ, корҳои таҳқиқотчиён ва таҷрибаи шахсии худ такя намуда, фаъолиятҳои беруназсинфиро дар шакли озмоишҳои мустақилона дар хона, мо ҳамчун шакли махсуси фаъолиятҳои якҷояи кӯдаку муаллим, бо назардошти аз тарафи хонанда мустақилона интихоб гардидани самти фаъолият, мустақилона ҷустани шаклҳои нави амал, тарзҳои муаррифии натиҷаҳо, таҳияи мазмуни корҳои беруназсинфӣ бо баназаргирии шавқу хоҳиш ва синну соли кӯдак, таҳияи масири инкишофи кӯдак бо такя ба таҷрибаи субъективии шахсиаш, тавсиф намудем.

Бартарии асосии фаъолияти мустақилонаи беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои мустақилона дар хона дар он аст, ки барои хонандагон доираи фарохи машғулиятҳо, ки ба рушди шахсияташон ва ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон нигаронида шудаанд, фароҳам меояд. Ҳиссаи асосии натиҷаҳои таълимии шахсии кӯдак ба дӯши фаъолиятҳои беруназсинфӣ рост меояд: хонанда он натиҷаҳоро вобаста ба хоҳиш ва шавқи худ интихоб намуда ба даст меорад ва қобилиятҳои ӯ дар шароити фаъолиятҳои беруназсинфӣ ба маротиб зиёдтар инкишоф меёбанд.

## АДАБИЁТ


1. Андреев В.И. Педагогика: Учебний курс для творчество саморазвития / В.И. Андреев. -3-е изд. – Казань: Центр инновационных технологий, 2012 – 608 с.
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология, педагогика-пресс, Москва – 1999 – 536 с.
3. Гоноболин Н.Ф. Психология. Под. Ред.проф.Н.Ф.Добрынина.М., «Просвещения», 1973. С.320.
4. Григорьев Д.В., Внеурочная деятельность школьников, методический конструктор: пособие для учителья. / Григорьев Д.В., Степанов П.В. // Издательство Просвещение, 2013 г. Серия: Стандарты второго поколения, Жанр: Учебно-воспитательная работа в школе, http://www.labirint.ru/books/230990/.
5. Гулаев И.Х. Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои «Шакл, андоза ва массаи Замин» ва «Офтоб ситораи наздиктарин» дар синфи 11. / Гулаев И.Х. Сайфиддинов С.С. Назаров Н.Ш. // Таҳқиқи таълими тафриқа. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба муносибати 30-солагии таъсиси кафедраи

«Методикаи таълими химия» дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва 80-солагии академик Убайд Зубайдов, 18-уми апрели соли 2019. - С.113–116.

6. Гулова Н.А., Асосҳои педагогию психологии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Автореферeати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. Душанбе – 2019.

7. Егорова Л.Н. Бальная оценка знаний и умений учащихся в рамках реализации дифференцированного контроля образования учащихся. / Л.Н. Егорова // Эксперимент и иновации в школе / 2011/ 2-С.22-26.

8. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. Душанбе «Маориф» -1988, 304 с.

9. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. / Б. Маҷидова, З. Рустамова / КТМ. Душанбе -2018.-195 с.

10. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, Душанбе – 2016. -141 с.

11. Пакулова М.В., Методика преподования природоведения: / М.В. Пакулова, В.И. Кузнецова. учеб. для студентов пед. ин- тов по спец. № 2121 «Педагогика и методика начального обучения», М.: Просвещение, 1990. – 192 с.

12. Панди назокат, Токаева Н.М., Маҷидова Б.С. - Душанбе: Маориф, 1993.-22 с.

13. Папорков М.А. Учебно – опытная работа на пришкольном участке. / М.А. Папоркова, Н.И. Клинковская, Е.С. Милованова/ Москва, «Просвещения» - 1980. - 256 с.

14. Поддьяков А.Н. Исследовательское поведение: стратегии познания, помощь, противодействие, конфликт. 2-е изд., испр. и доп. М.: PERSE, 2006.-240 с.

15. Подласий И.П. Педагогика начальной школы : Учебник для студентов пед.уч-щ иколледжей, обучающихся по группе специальности «Образования» / И.П. Подласий, - М.: Гуманитар, изд. центр Владос, 2008. – 463 с.

16. Савенков А.И. Психологические основы исследовательского подхода к обучению / А.И. Савенков - М.: Просвещение, 2006.

17. Савенков А.И. Детское исследование как метод обучения старших дошкольников» / А.И. Савенков - Дошкольное образование», №24-2007.

18. Шашенкова Е.А. Исследовательская деятельность: Словарь. / Е.А. Шашенкова – М: УЦ «Перспектива». 2010. – 88 с.

## ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МЛАДЩЕГО ШКОЛЬНИКА И УСЛОВИЯ ИХ РАЗВИТИЯ

*В Республике Таджикистан введены новые стандарты начального образования, которые предпочитают гуманистическим моделям образовании, ориентированные на получение знаний через самопознание, самореализацию и самостоятельную исследовательскую деятельность.*

*Категория деятельности и её интерпретация является предметом обсуждения во многих областях науки, но её конкретное и подробное описание основывается на философских и педагого-психологических науках.*

*Связь внеклассных и внешкольных занятий прослеживается у младших школьников по форме и способу их проведения.*

*Отмечено, что исследовательские деятельности способствуют формирование исследовательских компетенции.*

*Отмечаем, что человек - это существо, которое разумно и целенаправленно выполняет свою деятельностью, чтобы изменить естественные вещи и саму природу, и его главная цель - улучшить свои состояние и жизнь.*

*Следует отметить, что образовательные способности младших школьников многократно развиваются при выполнении внеклассных самостоятельных деятельности.*

***Ключевые слова:*** *ребёнок, младший школьник, деятельность, умственный, практический, исследовательский.*

## RESEARCH ACTIVITIES OF A JUNIOR SCHOOLCHILD AND THE CONDITIONS FOR THEIR DEVELOPMENT

*The Republic of Tajikistan has introduced new standards for primary education, who prefer education to humanistic models, focused on acquiring knowledge through self-knowledge, self-realization and independent research activities.*

*The category of activity and its interpretation is the subject of discussion in many fields of science, but its specific and detailed description is based on the philosophical and educational psychological sciences.*

*The connection between extracurricular and extracurricular activities can be traced among younger students in the form and method of their conduct.*

*It is noted that research activities contribute to the formation of research competence.*

*We note that a person is a being who intelligently and purposefully performs his activities in order to change natural things and nature itself, and his main goal is to improve his condition and life.*

*It should be noted that the educational abilities of junior schoolchildren are repeatedly developed when performing extracurricular independent activities.*

***Key words:*** *child, junior schoolchild, activity, mental, practical, research.*

***Сведение об авторе:***

***Табаров Дилшод Давлатхуджаевич*** *– ассисент кафедры начальная образования Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айнӣ. E-mail: tabarov 72@list.ru Тел(+992) 934000369*

***About the authors:***

***Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich*** *– an Assistant in the Departament of Primari Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-mail: tabarov 72@list.ru Tel:(+992) 934000369*

## ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНАИ НАЗАРИЯИ АСОСНОККУНИИ ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ХОНАНДАГОН ОИД БА ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

***Примов М.М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент*

Мусаллам аст, ки мафҳуми «шароити педагогӣ» бо мурури замон инкишоф ва тағйир ёфта, хусусиятҳои муайянро ба даст меорад ва аз даст медиҳад. Ба тафсирҳои муосири мафҳуми «шароити педагогӣ» диққати махсус дода мешавад, ҷузъҳои ин мафҳум ва маънои онҳо дар илми муосир муфассал баррасӣ карда мешаванд.

Мустақилияти худташаккулдиҳии рефлексивӣ дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияи иттилоотӣ рушди зеҳнӣ, рефлекси тақрибаи хонанда ва қобилиятҳои эҳсосии хонандаро таъмин менамояд. Барои мо муҳим аст, ки мавқеи шахсии мактаббачагон дар самти баланд бардоштани рушди эҷодии онҳо, муносибат ба таҳлил ва дарки раванд ва натиҷаи фаъолияти онҳо, фаҳмидани фардияти онҳо, шоистагӣ ба идоракунии бошуурона ва мақсадноки фаъолияти онҳо оварда расонад.

Барои ташаккули бомуваффақияти дониш, сифатҳо, малакаҳо ва малакаҳои муносибати эҳтиёткорона оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ шароити муайяни педагогӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, шароити педагогиро ҳамчун маҷмӯи чораҳое, ки дар шароити омӯзгорӣ барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда равона шудаанд, ҳамкорӣ ва мукаммал кардани якдигарро ифода менамояд.

Шароити омӯзгорӣ яке аз паҳлӯҳои қонунияти раванд (маориф, таълим ва ғ.) ба ҳисоб мераванд. Дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ як қатор шарту шароити педагогиро риоя кардан лозим аст.

Аввалин шарти муҳими педагогии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ истифодаи бозиҳои компютерӣ дар фаъолияти маърифатии мактаббачагон маҳсуб меёбад.

Дарки феномени вобастагии психологӣ аз бозиҳои компютерӣ бидуни дарки феномени «воқеияти виртуалӣ» ғайриимкон мебошад. Воқеияти виртуалӣ, ки «ҷаҳон» -и маҷозии бозии компютериро ташкил медиҳад, бозингаронро ҳамчун «олам”-и виртуалӣ ташаккул медиҳад ва бозингаронро ҳамчун «олам”-и виртуалӣ қабул мекунад ва натиҷаи «иштирок» ба миён меояд. Ин як падидаи хеле ҷолиби феноменӣ ба шумор рафта, ба таври автоматикӣ «такмил додан"-и олами виртуалии номукаммал аз ҷониби шуур то сатҳи воқеият маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат, воқеияти виртуалӣ воситаи омӯзиши равандҳои ақлии маърифатист. Зиёд гардидани шавқу ҳавас ба бозиҳои компютерӣ боиси он мегардад, ки арзиши ҷаҳони виртуалӣ ва мавҷудияти он дар баробари коҳиши таваҷҷӯҳ ба воқеият меафзояд. Аз ин ҷиҳат, шахс ҳарчи бештар вақти хешро дар олами виртуалии бозиҳои компютерӣ мегузаронад ва ба ҷаҳони воқеӣ камтар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад, гузашта аз ин, инсон дар олами виртуалӣ рушд карда, «ман виртуалӣ"-и худро инкишоф медиҳад ва рушди шахсияти воқеӣ якбора суст карда мешавад.

Барои азхудкунии бомуваффақияти бисёр мавзӯъҳои мактабӣ, хонандагон бояд сатҳи баланди хотира дошта бошанд, зеро хотира муҳимтарин раванди маърифатӣ дар асоси омӯзиш ба ҳисоб меравад. Камбудӣ метавонад хусусиятҳои рушди тафаккур бошад. Камбудиҳои рушди равандҳои фикрӣ дар як қатор ҳолатҳо метавонанд аз хусусиятҳои синнусолии фаъолияти зеҳнӣ ба амал оянд, ки

бояд ҳангоми кор бо мактаббачагони гурӯҳҳои гуногуни синну сол ба назар гирифта шаванд. Дар навбати худ, барои ҳар як омили номбаршуда бозиҳои компютерӣ метавонанд ҳам таъсири мусбат ва манфӣ дошта бошанд. Аз як тараф, бозиҳои одие, ки ба хотири вақтхушӣ ва истироҳат сохта шудаанд, метавонанд диққатро рушд диҳад ва чолокиро ба миён орад. Зина ба зина хонанда ба бозиҳои мураккабтар ва зеҳнии компютер шавқ пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, гузаштан аз печдарпечиҳо метавонад як машқи хуби равонӣ бошад, ки тафаккури мантиқиро рушду инкишоф диҳад. Ҷойи онҳоро бозиҳои мураккабтар, яъне бозиҳои стратегӣ иваз кардаанд. Онҳо аллакай аз чизҳои пешина ба таври назаррас фарқ мекунанд, зеро онҳо воқеиятро, ки дар он бозингар мавҷуд аст, тақлид мекунанд. Дар асоси гуфтаҳои мазкур мо гуфта метавонем, ки чунин бозиҳо банақшагириро меомӯзонад, ба таври аналитикӣ тафаккур намуданро хуб инкишоф медиҳад. Умуман, мактаббачагоне, ки бо бозиҳои компютерӣ машғуланд бо ҷаҳонбинии васеи худ фарқ доранд: онҳо дар бораи муҳити атроф тасаввуроти хуб доранд ва он бештар ба ҷаҳонбинии калонсолон мувофиқат мекунад. Чунин мактаббачагони «дорои инкишофи комппютерӣ» одатан ақлан аз ҳамсолони худ пеш мегузаранд, маводи таълимиро осонтар меомӯзанд ва ба дониши худ эътимод доранд. Ҳамаи ин ба пешрафти таълимии хонандагони ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонад. Аммо, як тарафи манфии бозиҳои компютерӣ низ ба назар мерасад. Азбаски сарф кардани вақти як хонанда барои бозии компютерӣ одатан аз ҷониби волидонаш назорат намешавад, эҳтимол дорад, ки муҳити бетараф барои хонанда воқеияти зиндагӣ шавад. Дар ин ҳолат, мутолиаи китоб ва эҷодкорӣ аллакай ба хонанда зӯран талаб гардад. Ва дар бозиҳои компютерӣ ҳама чиз оддӣ ба назар мерасад, гӯё худи шахс ҳамаи он чизҳоро ба вуҷуд оварда истода бошад. Дар натиҷа, хонандагон аз ҷиҳати ҷисмонӣ заиф ва аз тарси ҳаёти воқеӣ ба воя мерасанд. Даъвоҳои бардурӯғ, сатҳи пасти ирода - ва дар натиҷа - дар асл хоҳиши ба даст овардани чизе, ки мехоҳед нест. Номувофиқатии иддаои муболиғаомези хонада ва қобилиятҳои воқеии ӯ боиси ихтилофи дохилии рӯҳии ӯ мегардад. Ҳангоми каме ба мушкилӣ дучор гардидан онҳо дилсард мешаванд ва одати ба итмом расонидани кори оғознамуда аз байн меравад. Маҳз ин сабабҳо боиси паст будани сатҳи донишҳои мактаби мегарданд, хонандаҳо хонданро дӯст намедоранд, ба эҷодкорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд.

*Шарти дуюми педагогии* ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ истифодаи мултимедия дар мундариҷаи таълими компютерӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми мултимедия хусусиятҳои гуногунро доро аст:

1. Технологияе, ки тартиби таҳияи иттилооти намудҳои гуногунро тавсиф мекунад;
2. Маҳсулоте, ки дар заминаи технологияи мултимедия таҳия гардидааст;
3. Барномаҳои мулимедӣ;
4. Таъмини таҷҳизоти компютерӣ (дар компютер мавҷуд будани CD-ROMDrive – дастгоҳи махсус барои хондани компакт-дискҳо, овоз ва кортҳои видеоӣ, ки бо ёрии онҳо иттилооти садо ва видео, джойстик ва дигар дастгоҳҳои махсусро барқарор кардан мумкин аст);
5. Намуди махсуси умумии иттилооте, ки ҳам визуалии анъанавии оморӣ (матн, графика) ва ҳам иттилооти динамикии намудҳои гуногунро (гуфтор, мусиқӣ, порчаҳои видео, аниматсия ва ғ.) дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, «мултимедия"ба маънои васеъ, як спектри ТИ ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз барномаҳо ва васоити гуногуни техникӣ бо мақсади самараноки таъсиррасони ба истифодабаранда ( ҳам хонанда, ҳам шунаванда ва ҳам бинанда қарор дорад) равона мегардад.

Пайдоиши системаҳои мултимедиявӣ дар бештари соҳаҳои фаъолияти инсон инқилобро ба амал овард: таълими компютерӣ, тиҷорат ва дигар соҳаҳои фаъолияти касбӣ. Яке аз самтҳои афзалиятноки истифодаи технологияи мултимедиявӣ дар соҳаи маориф ба даст омадааст. Он имконият медиҳад, ки тавассути истифодаи усулҳои муосири коркарди иттилооти аудиовизуалӣ неру гирифтани омӯзиш ва ҳавасмандии омӯзиш зиёд карда шавад.

Имрӯзҳо дар бисёр фанҳои таълимӣ ва соҳаҳои таълимӣ энсиклопедияҳои мултимедиявӣ сохта шудаанд. Дастгоҳҳои бозӣ ва системаҳои таълимии мултимедиявӣ таҳия карда шудаанд, ки ба ташкили раванди таълим бо истифода аз усулҳои нави таълим шароит фароҳам меоваранд.

Филми интерактивӣ офарида мешавад, ки дар он истифодабаранда метавонад фаъолияти тамошобинро тавассути клавиатураи нишондиҳанда назорат кунад, агар дастгоҳи дарки нутқ ба компютер пайваст бошад.

Намудҳои алоҳидаи технологияҳои коркарди графика, ки барои рушди мултимедия мавриди истифода қарор медиҳанд, тарҳи системаҳои автоматикунонии компютер маҳсуб меёбанд. Онҳо барои

автоматикунонии корҳои тарроҳӣ дар мошинсозӣ, сохтмони саноатӣ, тарроҳӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд.

Дурнамои асосии мултимедӣ барои кашфи таълими фосилавӣ мусоидат менамояд. Чандрасонаӣ барои таҳсили кушода ва фосилавӣ дурнамои махсус мекушояд.

Яке аз муосиртарин воситаҳои мултимедиявӣ, ки ба соҳаи маориф ворид карда мешаванд, воситаҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни моделсозӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо дар асоси технологияҳо бо унвони «воқеияти виртуалӣ» асос ёфтааст.

Васоити мултимедиавӣ, ки ба гурӯҳи барномаи «воқеияти виртуалӣ» мутааллиқ аст, на танҳо иттилооти визуалии садой ва фазой, балки иттилооти дарку эҳсосро низ фароҳам меорад ва хаёлоти вуруд ва ҳузури хонандагонро дар вақти воқеӣ дар «ҷаҳони экран» -и стереоскопӣ, ҳамчунин хаёлоти ҳаракати истифодабарандаро нисбат ба ашёи ин ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

Аз ин рӯ, маъмултарини онҳо бозиҳои мултимедия маҳсуб меёбанд, ки самти шавқоварро доро мебошанд. Муҳаққиқон зикр мекунанд, ки пеш аз бозиҳои компютерӣ бояд бозиҳо бо бозичаҳои оддӣ ва ашёҳои ивазкунанда пешкаш карда шаванд. Азхудкунии марҳилавии намудҳои мухталифи бозиҳои анъанавӣ барои шиносоии мактаббачагон бо бозиҳои компютерӣ замина фароҳам меорад. Бозӣ бо компютер бо ҳама гуна мӯҳтаво фаъолияти мактаббачагон дар асоси объекти воқеӣ ё амалҳои воқеӣ пешкаш карда мешавад [2, с.41]. Ҳамин тариқ, бозиҳои компютерӣ яке аз воситаҳои таълими хонандагон маҳсуб меёбад ва бояд дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои васоити дидактикӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

*Шарти сеюми педагогӣ* ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ фароҳам овардани муҳити аз ҷиҳати педагогӣ қулай мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки зери муҳити қулай мафҳуми иқлими психологӣ «нуҳуфтааст», ки ин имкон медиҳад муҳити қулайи педагогиро ҳамчун ҳолатҳои эмотсионалии мусбати ҳар як иштирокчии муҳити таълимӣ ва муносибати байни онҳо тавсиф намоянд. Муҳит аз он ҷое оғоз меёбад, ки вохӯрии баамаломада сурат мегирад, ки онҳо якҷоя ба таҳия ва сохтани он шурӯъ мекунанд, ҳамчун объект ва манбаи фаъолияти муштарак дар он ҷое, ки байни субъектҳои инфиродии таҳсилот робитаҳо ва муносибатҳои муайян ба роҳ монда мешаванд.

Муҳити таълимӣ дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ҷузъи фазои таълимӣ ба ҳисоб меравад.

*Шарти чоруми ташаккули* муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ таҳия ва татбиқи намунаи истифодаи усули лоиҳа дар дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбад, ки татбиқи принсипҳои дидактикиро таъмин менамояд (принсипи ташаккули тасвирҳои ақлӣ, принсипи субъективии ашёи табиӣ, принсипи ҳамкорӣ), ки тарҳрезӣ ва истифодаи усулҳои ғайримуқаррарӣ ва шаклҳои таълимро барои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ роҳандозӣ менамояд.

Ҳоло усули лоиҳа дар таълим хеле паҳн гардидааст. Онро дар ҳама гуна фанҳои мактабӣ, ки дар он масъалаҳои калонҳаҷм ҳал карда мешаванд, беҳтараш барои хонандагони миёнсол ва калонсол истифода бурдан мумкин аст. Технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ба наздикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт, аммо ҳангоми омӯзиши ин фан дарҳол усули таълими лоиҳавӣ истифода бурда мешавад. Дар аввал лоиҳаҳо дар мактаб бо истифода аз забонҳои барномасозӣ (Basic, Pascal) таҳия мешуданд, аммо имрӯзҳо онҳо кам истифода мешаванд ва ҳоло фаъолияти лоиҳа дар информатика дар асоси барномаҳои амалӣ (муаррифӣ, ҷадвалҳои электронӣ, базаи маълумот, забони аломати гиперматнии HTML) ба роҳ монда шудааст. Баччагон лаззат ва қаноатмандиро аз натиҷаи меҳнати худ дарку эҳсос мекунанд, ки онро хонандагони дигар метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳар қадар оид ба натиҷаи меҳнати хонандагон талабот зиёд гардад, ҳамон қадар бо кӯшишу масъулияти баланд хонандагон фаъолият мекунанд. Методи лоиҳа самаранокии баланд, ҳавасмандии таълим, коҳиш додани сарборӣ ва афзоиши нерӯи эҷодии хонандагонро нишон медиҳад.

Истифода бурдани метод дар раванди ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ эҷоди муаллим ва хонандагонро ба ҳам меорад. Дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ фаъолияти муаллим ба ташаккули дониш ва малакаҳои муайяне, ки мувофиқи барнома дар ҳар як мавзӯи курси компютерии мактабӣ равона карда

шудааст, ба роҳ монда шудааст.

Дар раванди ташаккул додани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ба усули лоиҳа таваҷҷӯҳи бештар додан мувофиқи мақсад мебошад зеро он имкон медиҳад, ки равиши фаъолиятро ба омӯзиш татбиқ кунад. Дар зери усули лоиҳа рушди малакаҳои маърифатии хонандагон, қобилияти мустақилона сохтани дониши худ ва муносибати эҳтиёкоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ нуҳуфтааст. Инро ба таври воқеӣ дидан, фаҳмидан, татбиқ кардан мумкин аст. Азхудкунии дониши назариявӣ танҳо тавассути иҷрои лоиҳаҳо ҳангоми иҷроише, ки хонандагон дониши худро доир ба муносибати эҳтиёткорона доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ ташкил мекунанд ва тавассути фазои иттилоотӣ мақсадро нишон медиҳанд. Барои таҳияи ин ё он лоиҳа оид ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир доир ба дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ дар машғулиятҳои компютерӣ хонандагонро зарур аст, ки масъалаи дар пеш гузошташударо мавриди корбарӣ қарор диҳанд. Ҳангоми ҳалли масъала усулҳо ва воситаҳои мухталифи таълим, инчунин дониш ва малакаҳои соҳаҳои гуногуни илм, техника ва эҷодиёт мариди истифода ва корбурд қарор дода мешаванд.

Бо иҷро намудани лоиҳаҳои муносибати эҳиёткорона оид ба истифодаи компютерҳо дар дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ хонандагон алгоритмҳои муайяни амалҳо, машқҳоро ба иҷро мерасонанд.

Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа дар раванди ташаккули эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютерҳо дар дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ чунин сурат мегирад:

1. Санҷиши дониш ва малакаҳо аз рӯи маводи гузашта;
2. Ташаккули тасвири иттилоттии ҷаҳон;
3. Шароити кор кардан бо КФ ва дастгоҳҳои маҳаллӣ;
4. Кашфи рушди малакаву маҳорат ва коркарди иттилоот;
5. Рушди мустақилият ва масъулият;
6. Рушди маҳорати таҳқиқот;
7. Рушди маҳорати таҳлил ва роҳҳои ҳалли масъаларо дарёфтан;
8. Коркарди маҳорат дар коллектив.

Меъёрҳои баҳодиҳии корҳои лоиҳавӣ дар ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Аҳамият ва актуалии масъалаҳои ба миён гузошташуда, мувофиқати мавзӯъҳои омӯхташудаи он;
2. Дурустии усулҳои истифодашудаи таҳқиқот ва усулҳои коркарди натиҷаҳои бадастомада;
3. Фаъолиятнокии ҳар як иштирокчии лоиҳа мувофиқи имкониятҳои инфиродии онҳо;
4. Хусусияти коллективонаи қарорҳои қабулгардида;
5. Хусусияти муносибат ва ёрии ҳамдигарии иштирокчиёни лоиҳа;
6. Исботи қарорҳои қабулшуда, қобилияти далеловарии хулосаҳои худ, хулосаҳо;
8. Эстетикаи муаррифии натиҷаҳои лоиҳаи анҷомдодашуда;
9. Маҳорати посух додан ба саволҳои рақибон, мухтасарбаёнӣ ва ҷавобҳои асоснок.

Эҷод намудани лоиҳаҳо доир ба ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ:

1. Барои омӯзиши маводи дахлдор ва мустақилона ҳал намудани масъалаҳои татбиқшаванда ҳавасмандии устувори мусбат ба вуҷуд меорад;
2. Ҳангоми истифодаи усули лоиҳа дар хонандагон имкониятҳои васеи худшиносӣ (барои интихоби мавзӯъ) ба миён меояд.
3. Ҳисси масъулиятро барои ҳаҷми кори иҷрошуда ташаккул медиҳад;
4. Барои муносибатҳои ҳамкорӣ байни хонандагон шароит фароҳам меорад;
5. Маҳорату малакаҳои истифода намудани барномаҳоро дар соҳаҳои гуногуни амалӣ ташаккул медиҳад;
6. Рушди муносибати эҷодӣ оид ба ҳалли масъалаҳо ва ташаккули малакаҳои ҷустуҷӯӣ ва интихоби ҳалли оптималии онҳоро рушд медиҳад;
7. Таваҷҷӯҳи хонандагонро ба омӯзиш тавассути ташкили фаъолияти мустақили онҳо, ба миён гузоштани ҳадафҳо ва мушкилоте, ки ҳалли онҳо боиси пайдоиши дониш ва малакаҳои нав мегардад, ҷалб менамояд;
8. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ натиҷаи ҳадди ақќали омӯзиш ба даст оварда мешавад - хонандагон бояд ба донишҳои соҳаҳои гуногун ҷалб гарданд, натиҷаҳоро пешгӯӣ кунанд. Донише, ки

дар раванди кори мустақилона ба даст омадааст, муддати дароз боқӣ мемонад;

9. Барои ташаккул додани маводи воқеии бадастомада (лоиҳа) мусоидат менамояд;

10. Хонандагон натиҷаи назарраси шахсӣ ба даст меоранд, ки онро дар амалияи воқеӣ дидан, фаҳмидан ва татбиқ кардан мумкин аст;

11. Таълим шавқовар ва муфидтар хоҳад гардид.


**АДАБИЁТ**

1. Брыкова О.В. Рекомендации по оформлению и представлению презентации. / О.В. Брыкова, З.Ю. Смирнова - СПб.: Государственное образовательное учреждение дополнительного образовательного учреждения центр повышения квалификации специалистов Санкт-Петербурга «Региональный центр оценки качества и информационных технологий» – 2013 – с. 24
2. Вербенец, А.М. Маршрутные листы и детские путеводители как средство развития интереса к посещению музея у старших дошкольников [Текст] / А.М. Вербенец // Детский сад: Теория и практика. – 2011. – № 3.
3. Немов, Р.С. Психология : словарь-справочник : в 2 ч. - М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2003. - Ч. 2. - 352 с.
4. Ожегов, С.И. Словарь русского языка: около 60000 слов и фразеологических выражений / СИ. Ожегов. - 25-е изд., испр. и доп. - М.: Оникс; Мир и Образование, 2006. - 1328 с.
5. Павлов С.Н. Организационно-педагогические условия формирования общественного мнения органами местного самоуправления: автореф. дис.… канд. пед. наук / С.Н. Павлов. — Магнитогорск, 1999. — 23 с.
6. Педагогика / под ред. Ю.К. Бабанского. – М.: Педагогика, 1988. – 432 с.
7. Полонский, В.М. Словарь по образованию и педагогике / В.М. Полонский. – М.: Высш. шк. 2004. – 512 с.
8. Сверчков А.В. Организационно-педагогические условия формирования профессионально- педагогической культуры будущих спортивных педагогов / Сверчков А.В. // Молодой ученый.-2009.-№ 4. - С. 279-282.
9. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г. Панов. - М.: Сов. энциклопедия, 1983. - 840 с
10. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г. Панов. - М.: Сов. энциклопедия, 1983. - 840 с.


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИСПОЛЬЗОВАНИИ КОМПЬЮТЕРА НА УРОКАХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ


*Понятие «условия» в философском энциклопедическом словаре определяется следующим образом: 1) как среда, в которую они входят и не могут существовать без нее; 2) как среда, в которой что-то происходит. Говорят, напоминается что виртуальная реальность, которая формирует виртуальный «мир» компьютерных игр, формирует игроков как виртуальный «мир» и воспринимает игроков как виртуальный «мир», что приводит к «участию». Автор статьи предполагает, что на сегодняшний день мультимедийные технологии являются одним из наиболее передовых направлений компьютеризации учебного процесса, обогащая учебный процесс, создавая условия для обучения студентов в области информационных технологий.*



***Ключевые слова:*** *контекст, виртуальная реальность, мультимедиа.*


## THE PEDAGOGICAL CONDITIONS OF STUDENTS WHILE USING A COMPUTER IN INFORMATION TECHNOLOGY LESSONS


*The concept of «condition» in the philosophical encyclopedic dictionary is defined as follows: 1) as an environment into which they enter and cannot exist without it; 2) as an environment in which something happens. It is said that virtual reality, which shapes the virtual «world» of computer games, shapes the players as a virtual «world» and perceives the players as a virtual «world», which leads to «participation.» The author of the article suggests that today multimedia technologies are one of the most advanced directions of computerization of the educational process, enriching the educational process, creating conditions for teaching students in the field of information technology.*



***Key words:*** *context, virtual reality, multimedia.*



***Сведение об авторе:***

***Примов Мухсин Мусулмонджонович*** *– старший преподователь Таджикского педагогического университета в городе Панджакент.*

***About the author:***

***Primov Muhsin Musulmonjonovich*** *– senior theacher Tajik Pedagogical University in city Panjakent*

**АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ ИМИҶИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**

*Ҳасаназода Н.Ҳ.*
*Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар адабиёти илмӣ ва амалӣ оид ба идоракунии имиҷи субъектҳо ва ташкилотҳои гуногун гарчанде таҳқиқоти ҳаматарафа вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо ба андешаи мо, наметавон тасдиқ кард, ки дар фаҳмиши категорияи имиҷ ва дар ҷанбаи методологии он ҳамфикрӣ дида мешавад. Пеш аз ҳама дар этимологияи ин истилоҳ лаҳзаҳои баҳснок вуҷуд доранд.

Имиҷ – «image» аз забони англисӣ пайдо шудааст. Дар забони тоҷикӣ одатан маънои «тимсол»-ро мефаҳмонад. Дар анъанаҳои илмӣ ва психологӣ мафҳуми «тимсол» ҳолномаи назариявии худро дорад, чунки он ҳамчун категорияи махсусгардонидашудаи забони психологӣ истифода мешавад. Масалан, дар психология мафҳуми тимсол ба маънои васеи калима ҳамчун тасвири субъективии олам ё унсурҳои он бо дар бар гирифтани худ субъект шарҳ дода мешавад.[1] Умуман, таҳқиқи имиҷ дар самти психологӣ объекти таҳқиқоти психологҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардид. Онҳо қонуниятҳои равандҳои дарки иҷтимоӣ ва инъикоси субъектии тасвири беруниро ба шуури одамон мавриди таҳқиқ қарор дода, асосноккунии назариявӣ-амалии имиҷро инкишоф доданд. Агар мо, мафҳуми имиҷро дар ҷанбаи психологӣ баррасӣ намоем, он гоҳ дар ҷанбаи таносуби категорияҳои «имиҷ» ва «тимсол», яъне дар ҷанбаи инъикоси аввалин ва дуюмини тавсифоти объект мушкилоти иловагӣ пайдо мешаванд. Ин масъалаҳои имиҷро мушкил мегардонад, бинобар ин дар адабиёт якчанд муносибатҳои ихтилофнок нисбат ба фаҳмиши ин категория вуҷуд доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар «Энсиклопедияи калони шӯравӣ» ва «Фарҳанги калони тафсирии забони русӣ» оид ба калимаи «имиҷ» сухане гуфта нашудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин категорияи нисбатан нав мебошад. Дар «Фарҳанги муосири калимаҳои хориҷӣ» калимаи имиҷро чунин муайян кардаанд: «Тимсоли мақсаднок ташаккулёфтаи ягон шахс, ҳодиса ё предмет, ки тавсифоти муайяни арзишнокро таҷассум мекунад ва барои расонидани таъсироти ҳиссиётӣ-психологӣ ба касе ё чизе бо мақсади тарғиб, реклама ва ғайраҳо нигаронида шудааст»[2, с.215]. Ва дар «Фарҳанги психологи амалӣ» имиҷ ҳамчун «тимсоли дар шуури омма пайдошуда ва хосияти стереотипидоштаи тобиши ҳиссиётии касе ё чизе муайян карда шудааст».[3, с.134] Аз ин ҷо дида мешавад, ки тафсири имиҷ дар фарҳангҳо мухолифи якдигар мебошанд. Агар дар якумин ба сунъӣ будани имиҷ-маҳсулоти муҳити берунӣ ва фаъолият диққат дода шавад, дар дуюмин ин тавсифот ботил мешавад. Умумияти ин муайянкуниҳо такя намудан ба категорияи тимсол аст.

Мафҳуми «имиҷ» дар адабиёти илмӣ шурӯъ аз миёнаҳои асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст. Ва иқтисодчиёни ба соҳибкорӣ машғулбуда ин категорияро истифода кардаанд. Масалан, иқтисоддони амрикоӣ Болдуинг дар нимаи дуюми асри XX дар муомилоти корӣ истилоҳи «имиҷ»-ро ҷорӣ намуд ва фоиданокии онро барои бизнес асоснок кард. Дар он солҳо В. Гарденер ва С. Леви дар мақолаи худ «Маҳсулот ва брэнд» истилоҳи имиҷро истифода карданд ва онро ҳамчун «маҷмӯи донишҳо, тасаввурот ва пешакӣ объектҳои иҳотакунандаи худро сарфаҳм рафтани одам муайян намуданд»[4]. Дар солҳои 70-уми асри гузашта дар нашрияҳои алоҳидаи даврони шӯравӣ низ истилоҳи имиҷ пайдо шуда буд. Аммо, онро ҳамчун категорияи манфӣ тавсиф намуда, чун роҳи қаллобонаи сиёсати буржуазӣ ва воситаҳои ахбори оммаи онҳо баррасӣ мекарданд, ки бо мақсадҳои идеологӣ бар зидди ҷомеаи сотсиалистӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, муносибат нисбат ба имиҷ ҳавасмандии олимони шӯравиро бедор накард.

Айни замон мафҳуми имиҷ аз ҷониби мутахассисони соҳаи маркетинг муҳокима карда мешавад, яъне он дар доираи маркетинг рушд меёбад. Ва барои ҳамин ҳам, бисёр ашхоси донандаи назария ва амалияи маркетинг ва реклама муайянкунии худии имиҷро пешниҳод менамоянд ва муносибати маркетингиро барои омӯзиши мафҳуми имиҷ истифода мебаранд.

**Ҷадвали 1.**

**Тафсири категорияи имиҷ дар адабиёти иқтисодӣ**

| | Муаллифон | Тафсири имиҷ |
|---|---|---|
| 1. | В.М. Шепел – мутахас-сиси соҳаи сотсиология, идоракунӣ ва имиҷ-шиносӣ | «Имиҷ – сиришти ё партави фардие мебошад, ки онро воситаҳои ахбори омма, гурӯҳи иҷтимоӣ ё тавассути кӯшишҳои худи шахс бо мақсади ҷалб намудани диққати дигарон ба вуҷуд меоранд». |
| 2. | Ф. Котлер | Имиҷро ҳамчун «дарки ширкат ё молҳои он аз тарафи ҷомеа» муайян мекунад. |
| 3. | О.С. Виханский – мутахассиси соҳаи менеҷмент | «Имиҷи ҳодиса ин тасаввуроти устувор оид ба хусусиятҳо, сифатҳо ва аломатҳои махсуси барои ҳамин ҳодиса хос мебошад» |
| 4. | Касаткин С. Мастер общения.– СПб.: Питер, 2001 | Имиҷи ташкилот ин маҷмӯи механизмҳои идоракунандаи рафтори иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоии ташкилот мебошад, ки идрок, сарфаҳмравӣ ва ҳиссиётро нисбат ба фаъолияти муассиса дар бар |

| | | |
|---|---|---|
| | | мегирад. |
| 5. | Мирсаидов А.Б. ва Ҳасанова Н. | Имиҷ ҳамчун дороии ғайримоддӣ тасвири динамикӣ ва мавзун дошта, ба объект арзишҳои иловагие медиҳад, ки онҳо ба моҳияти воқеии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва даромади иловагӣ овардани он асос ёфтаанд. |
| 6. | А.П. Федоркина ва Р.Ф. Ромашкина | Имиҷ ҳамчун «ҳодисаи иҷтимоӣ-психологии инъикоскунандаи на танҳо таъсири бошуурона ба он, балки бешууронаи қисматҳои рӯҳии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, мақсаднокии рафтори онҳо ва инчунин ташаккули симоҳое мебошад, ки имрӯзҳо аз тарафи оммаи мардум тақозо карда мешаванд». |
| 7. | Перелигина Е.Б. Мафҳуми имиҷ (аз китоби «Психологияи имиҷ» – М.: Аспект Пресс, соли 2008) | Имиҷ ин тимсоли рамзии субъект, ки дар раванди ҳамкории байнииякдигарии субъект-субъект пайдо мегардад. Имиҷ – тимсоли дорандаи аҳамияти иҷтимоӣ мебошад. |
| 8. | Феофанов О. | Имиҷ ин тимсоли ба ҳодиса атокунандаи тавсифоте мебошад, ки берун аз моҳияти воқеии он, берун аз он муайяннокии сифатие қарор доранд, ки дар амалияи ҳамкории бевосита ошкор мешаванд. |
| 9. | Косолапов Н.А. | Имиҷ ин тимсоле мебошад, ки дар чашмони оммаи васеъ ба таври сунъӣ сохта шудааст ва бо тинати ҳақиқӣ ягон умумияте надорад. |
| 10 | Шепел В.М. | Имиҷ ин сиришт, яъне он шакли дар ҳаёт зоҳир шудане мебошад, ки ба туфайли он «ба одамон» хосияти сахттаъсиркунанда нишон медиҳад. |

Муаллиф аз рӯйи асарҳои Шепель В.М. Имиджелогия. Секреты личного обаяния. –М., 1994. – С 8.; Котлер Ф. Основы маркетинга.– СПб., 2001.– С.307; Виханский О.С. Менеджмент. – М., 2005.;Зверинцев А.Б. Формирование имиджа. – СПб.: 2007; Косолапов Н.А. Политико-психологический анализ социально-территориальных систем. –М., 2004. – С. 200 тартиб додааст.

Ҳамин тавр, муайянкуниҳои гуногуни мафҳуми имиҷ дида мешаванд. Аммо, онҳо бо мухолиф будани якдигар дар байни худ фарқ мекунанд ва метавон гуфт, ки онҳо ҳамдигарро пурра менамоянд. Дар ин ҷо низ, муаллифони гуногун ба ҳайси мафҳуми такягоҳӣ асосан мафҳумҳои «тимсол», «афкор», «ягонагии аломатҳои монандӣ», «тасаввурот» ва ғайраҳоро истифода мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёт мафҳуми байни «имиҷ» ва «тимсол»-и объекти таҳқиқшавандаро аниқ ҷудо мекунанд[5]. Тазаккур дода мешавад, ки имиҷ дар худ тасаввурот дар бораи объектеро таҷассум менамояд, ки дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки як қатор қувваҳои берунӣ ба таври сунъӣ ташаккул ёфтааст. Ва зери мафҳуми тимсол бошад ҳолати натиҷаи фаъолнокии худи рӯҳияи аъзоёни коллектив фаҳмида мешавад. Вале, ба андешаи мо ин муносибат маҳдудияте дорад, ки онро наметавон ба ҳайси асос барои таҳқиқи имиҷи ташкилот истифода кард. Дар ин ҷо, коркарди психологии сусти категория вуҷуд дорад. Бинобар ин, кӯшиш менамоем, ки муносибати худро нисбат ба муайян кардани моҳияти категорияи «имиҷ» ташаккул диҳем.

Мо бошем ҳарду нуқтаи назарро якҷоя мекунем. Ба андешаи мо, имиҷ дар худ дар ҳақиқат баъзе аз тимсолҳои объектро таҷассум мекунад, ки дар натиҷаи фаъолнокии рӯҳияи инсон, яъне субъект нисбат ба объекти мушаххас ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи тимсоли объектро метавон ҳамчун имиҷи он шарҳ дод. Масалан, дар психология тимсол ҳамчун инъикоси тавсифоти гуногуни ягон намуди хориҷа (феномен) дар рӯҳияи инсон фаҳмида мешавад. Дар чанбаи психологии чунин инъикос баъзе равандҳои муттаҳидкунӣ вуҷуд дорад. Чунки дар ин раванд фаъолнокии худи рӯҳияи инсон бо ҳамдигар якҷоя, яъне печида мешаванд. Одамон дар раванди дарки олам, на танҳо ба таҷрибаи фардӣ ва савияи дониш, балки қобилияи ангезиши рӯҳия такя менамоянд, ки бо ҷавоб додан ба таъсироти берунӣ алоқаманд мебошанд. Натиҷаи чунин инъикосёбӣ тимсол мебошад ва дар ин ҷо, дар байни натиҷаи фаъолнокӣ ва ангезишпазирӣ монеа гузоштан ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҳамчун ҳодисаи мустақили рӯҳияи инсон муқобили ҳамдигар қарор додани имиҷ ва тимсол, ки тавсифоти имиҷикунонии объектро инъикос мекунанд фоида надорад.

Ҳамин тавр, имиҷ дар раванди аз тарафи рӯҳияи инсон коркард шудани ягон тимсоли объект, ки ҳамчун натиҷаи маҷмӯи муайяни хосиятҳои объектро дарк кардани одам баромад мекунад ташаккул меёбад. Вале на ҳамаи тимсоли объект, ки дар рӯҳияи инсон ташаккул меёбад имиҷ мебошад.

Тавре, ки дар боло қайд кардем, имиҷ дар худ тимсоли умумӣ ва тасаввуротеро таҷассум менамояд, ки одам оид ба объекти мушаххас ҳосил мекунад. Ғайр аз имиҷи хусусӣ боз сухан дар бораи имиҷи маҳсулот, мол, тамғаи молӣ ва ғайраҳо меравад, ки тимсоли маҳсулот, мол, хизматрасонӣ ва маснуоти мушаххас дар рӯҳияи одам нақш мебандад. Ин ду имиҷ – имиҷи хусусӣ ва имиҷи мол дар ҷанбаи ягонагии дидашавандагӣ умумият доранд.

Аввалан, дар маҷмӯъ шартҳои умумии ташаккули имиҷро барои ташкилот баррасӣ менамоем. Аслан, имиҷи ташкилот мафҳуми нисбатан мушкилмуайянкунанда мебошад. Чунки ташкилот комплекси сифат ва хосияти нисбатан васеъ дорад, ки ба ҳайси тасвири биниш тасаввур кардан мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст.

Ба ҳар ҳол имиҷи ташкилот дар худ тасвири ташкилотро, ки дар шуури одамон мавҷуд аст таҷассум мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳар як ташкилот новобаста аз кӯшишу ғайрати роҳбар ё коллективи меҳнатӣ имиҷ вуҷуд дорад. Дар ҳолате, ки агар ба масъалаи имиҷ дахолат карда нашавад ва онро ба ҳоли худ гузорем, он гоҳ имиҷ дар одамон – истеъмолкунандагон ба таври номуташаккилона шакл мегирад. Ҳангоми ин ба ин раванд кафолат дода намешавад, ки он барои ташкилот мувофиқ ва мусоид хоҳад буд. Аз ин лиҳоз барои ташкилот бунёд кардани имиҷи мусбат ва мусоид дар муқоиса бо ислоҳ кардани тимсоли номуташаккилона пайдошуда ва танзими он нисбатан фоиданок ва каммеҳнатталаб мебошад. Вазифаи бунёд ё ташаккули тимсоли «шахсӣ»-и ташкилот танҳо аз фаъолияти маркетологҳо, рекламичиён ё кӯшиши ба ин аксия ва чорабиниҳо равонашуда вобаста нест. Сатҳи имиҷи ташкилот аз сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инчунин муносибати корманд ва ҳайати кормандон нисбат ба корфармоёни худ, мизоҷон ва фаъолияти худи онҳо вобаста мебошад. Ин омилҳо на камтар аз реклама, рӯнамо (презентатсия) ва дигар амалиётҳо аҳамиятнок мебошанд.

Барои ташкилот тимсол-имиҷи мусбат бояд чунин бошад:

– мувофиқ бошад, яъне бояд ба тимсоли воқеии мавҷуда ё хосияти ташкилот мутобиқат намояд;

– аслӣ бошад, яъне бояд аз тимсоли ташкилотҳои дигар ва агентҳо, алалхусус аз рақибони наздиктарин фарқият дошта, аз стандартҳо берун набарояд ва хизматрасониҳои худро ҳамеша такмил диҳад;

– бояд соҳиби самтнокии мушаххас бошад, яъне барои шунавандагони мақсадноки мушаххас – барои фармоишгарони имконпазир ҷолиб ва ҷаззоб бошад.

Дар рафти ташаккули имиҷ аз тарафи ташкилот муайян намудани ҳолатҳои зерин зарур мебошанд:

а) намуди фаъолият дар айни замон ва дар оянда;

б) фарқияти байни маҳсулот/хизматрасониҳои худӣ аз маҳсулоти ба инҳо монанди рақибон;

в) ташкил кардани таҳлили мунтазами рақибони худ ва дар асоси омӯзиши камбудиҳои онҳо пурзӯр намудани бартариҳои худ.

Имиҷи ташкилот аз сатҳи инкишофи қисматҳои сохтории он вобаста мебошад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд. Пеш аз ҳама, тасаввуроти гурӯҳҳои иҷтимоӣ, истеъмолкунандагон ва умуман ҷомеа нисбат ба тавсифоти беҳамтои ташкилот намои умумӣ ё имиҷи субъектро муайян мекунанд. Дар ин ҷо, афзалиятҳои асосӣ ба монанди фоидае, ки бомуваффақият анҷом ёфтани барномаи додашударо таъмин мекунад ва инчунин афзалиятҳои иловагӣ, аз қабили ибора, дизайн, реклама, сифат ва ғайраҳо, ки хосияти фарққунандагии ташкилотро таъмин мекунанд унсурҳои асосӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2.**

**Сохтори имиҷи ташкилот**

| № | Қисматҳо | Тавсифот |
|---|---|---|
| 1. | Имиҷи субъект | Тасаввуроти ҷомеа оид ба тавсифоти ҷолиби ташкилот: афзалиятҳои асосӣ (фоидае, ки бомуваффақият анҷом ёфтани барномаи додашуда таъмин мекунад) ва иловагӣ (ибора, дизайн, реклама, сифат ва ғайраҳо), ки хосиятҳои фарққунандаро таъмин менамоянд. |
| 2. | Имиҷи истеъмолкунандагон | Тасаввурот оид ба тарзи ҳаёт, мақоми ҷамъиятӣ ва тавсифоти шахсиятии аҳолӣ. |
| 3. | Имиҷи дохилии сохтор | Тасаввуроти кормандон оид ба ташкилоти худ, фазои иҷтимоӣ-психологии ташкилот. |
| 4. | Имиҷи сардор ва атрофиёни наздиктарин | Тасаввурот оид ба қобилиятҳо, самтнокиҳои арзишдор, тавсифоти психологӣ, намуди зоҳирӣ ва ғайраҳо. |
| 5. | Имиҷи инъикоскунандаи сохтори он | Тасвири ҷамъкунанда ва умумикунандаи ташкилот, ки хусусиятҳои нисбатан хоси роҳбарро ошкор месозанд. |
| 6. | Имиҷи корӣ | Ҳамчун тавсифоти фаъолнокии кории ташкилот баромад мекунад: шуҳрати корӣ, поквиҷдонӣ, рақобатпазирӣ, имкониятҳои инноватсионӣ, мунтазамӣ, боваринокӣ барои истеъмолкунандагон ва шарикон. |
| 7. | Имиҷи иҷтимоии ташкилот | Тасаввуроти аҳли ҷамоатчигии васеъ оид ба мақсадҳои иҷтимоии ташкилот ва ҳаёти ҷомеа. |
| 8. | Имиҷи визуалӣ | Нишона, аломати мол, анвои рангҳо, реклама ва ғайраҳо. |

*Муаллиф тартиб додааст

Ба имиҷе, ки сохтори онро тасаввур мекунад диққати махсус додан зарур аст. Чунки он натанҳо тасвири ҷамъшуда ва умумиятдодашудаи ташкилотро нишон медиҳад, балки хусусиятҳои нисбатан хоси зерини сардорро муайян месозад:

– салоҳиятнокии касбӣ: серҳаракатӣ, дақиқӣ ва покизакорӣ дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, иттилоотнокӣ, сатҳи баланди омодагии касбӣ, фарҳанги баланд ва ғайраҳо:

– одоби хуби муошират: меҳрубонӣ, кушодарӯйӣ, хушмуомилагӣ, фикри худро дуруст баён карда тавонистан, тавсифоти иҷтимоӣ-психологии атрофиёни ӯ (ҳамкорон);

– маълумоти иҷтимоӣ-демографӣ ва ҷисмонӣ: синну сол, ҷинс, сатҳи таҳсилот, тарзи либоспӯшӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, имиҷи сохтори заминавӣ дар натиҷаи тамоси бевосита ташаккул меёбад. Дар ин ҷо, ҳар як ҳайати кормандон ва корманд ҳамчун симои ташкилот баррасӣ карда мешавад, чунки аз рӯйи рафтори ҳар як корманд дар бораи тамоми сохтори ташкилот муҳокимаронӣ мекунанд. Дар эҷоди имиҷи мусбат оид ба ташкилот намояндагон ва ашхоси бовариноки ташкилот таъсири мустақим мерасонанд. Ҳамон тавр, ки дар боло қайд кардем, нақш ва аҳамияти ташкилот дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа имиҷи иҷтимоии ташкилотро муайян мекунанд.

Имиҷи ташкилот ҳолат ва намудҳои гуногун дорад. Вобаста ба инҳо стратегияи ташаккули он муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар назар доштан зарур аст, ки имиҷи ташкилот дар натиҷаи амали омилҳои зерин ташаккул меёбад: омили боварии истеъмолкунандагони маҳсулот/хизматрасониҳои ташкилот; омили афзоиши ҳаҷми фурӯш, ки омили рушд ва инкишоф ё пастравии ташкилот ва коллективи он мебошад. Бояд фаромӯш накард, ки имиҷ ҳодисаи динамикӣ ва ҳамчун тасаввурот дар бораи одам мебошад. Он метавонад дар натиҷаи таъсири вазъиятҳои мухталиф, аз қабили ба вуҷуд омадани иттилооти нав ва ё дар натиҷаи тамосҳои тӯлонӣ тағйир ёбад.

Имиҷи ташкилот инчунин аз рӯйи тасаввурот оид ба шарикони он муайян карда мешавад. Шарикон бозорӣ мешаванд, ки дар муносибат бо стейкхолдерҳо (шарикон, мизоҷон, рақибон ва дигар агентҳои манфиатнок) баромад мекунанд ва шарикони иҷтимоӣ дар муносибат бо аҳолӣ, ҳукуматҳо, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо баромад менамоянд. Имиҷ дар ниҳояти кор ин шуҳрати ташкилот низ мебошад, ки ҳангоми муносибатҳои корӣ дар ҷомеа ба вуҷуд меояд ва тасаввуроте ҳисоб меёбад, ки кормандони ташкилот, тарзи рафтори онҳо ва намоиш берунӣ ба миён меоранд. Аз ин ҷо, метавон хулоса кард, ки имиҷи ташкилот ба таври назаррас аз обрӯву шуҳрати роҳбарони он ва аз имиҷи шахсии онҳо вобаста мебошад.

Бахши таҳсилоти олӣ қисми таркибии соҳаи таҳсилоти касбии ҶумҳурииТоҷикистон мебошад. Фаъолияти муассисаҳои бахши таҳсилоти олии касбӣ барои тибқи эҳтиёҷоти ҷомеа ва давлат омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва инчунин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии аҳолӣ ҷиҳати рушди зеҳнӣ ва маънавӣ нигаронида шудааст. Дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ва рушди муносибатҳои бозорӣ тамоюли умумии коҳиш ёфтани маблағгузории буҷетӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушоҳида мегардад. Акнун, тавсеаи ин бахш асосан бо роҳи рушди фаъоли маҳсулот/хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ таъмин карда мешавад.

Баробари таъсис ёфтан ва рушд кардани бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ рақобати байни макотиби олӣ ва агентҳои гуногуни ин бозор тараққӣ кард. Ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор сохт, ки дар бозор нисбатан фаъолона амал намоянд, мавқеи бозории сазоворро ишғол карда, сифати маҳсулоти таҳсилотиро баланд бардоранд. ҳолат ва тамоюлоти тағйирёбии талаботро ба хизматрасониҳо ва эҳтиёҷоти онҳо дар бозори меҳнат мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Дар ҳоли ҳозир, махсусан пас аз ташкил кардани Маркази миллии тестӣ дар онҳо тамоюли қувват гирифтани муборизаҳои рақобатӣ ва инчунин талабот ва хоҳиши истеъмолкунандагони хизматрасониҳо нисбат ба худи макотиби олӣ ва маҳсулоти таҳсилотии онҳо баланд гардид. Ва ин роҳбарони макотиби олиро маҷбур месозад, ки бо роҳи истифодаи механизмҳо ва воситаҳои гуногун диққати гурӯҳҳои мухталифи истеъмолкунандагонро ҷалб намоянд. Аз ин рӯ, барои ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки оид ба ташаккули имиҷи худ корҳои мақсаднокро анҷом диҳад. Дар айни замон зарурати аз тарафи онҳо ташаккул додани имиҷ бо сабабҳои зерин муайян карда мешавад:

– рақобати байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии як минтақа дар мубориза барои қабули донишҷӯён ва нигоҳдории ҳайат;

–ташаккули имиҷи мусбат вашуҳрат барои ин муассисаҳо (донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва ғайраҳо) имкониятҳои васеъ ба захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва инсонӣ фароҳам меорад;

– ин муассисаҳо ҳангоми шароити дигари баробар имиҷи мусбатро ба даст оварда, барои кормандон – категорияи омӯзгорон ва профессорон нисбатан ҷолиб гардида, имконияти таъмини устувор ва ҳифзи иҷтимоӣ, қаноатмандӣ аз меҳнат ва рушди касбиро дарёфт менамоянд;

– имиҷи мусбати устувор самараи аз тарафи муассиса ба даст овардани қувваи муайянро медиҳад, боварӣро ба он чизе, ки дар муассиса мегузарад, аз ҷумла ба равандҳои инноватсионӣ пурра менамояд;

– бо мураккабии интихоби самтҳо ва дурнамои худмуайянкунии хонандагони мактаб, дархостҳои гуногун ва эҳтиёҷоти таҷрибаи иҷтимоӣ.

Дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ танҳо муассисаҳои рақобатпазири таҳсилоти олии касбӣ қобилиятнок ҳисобида мешаванд. Он макотиби олие, ки истеҳсол ва пешниҳоди нисбатан сифатноки маҳсулот/хизматрасониҳои таҳсилотиро тибқи эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ таъмин

мекунанд рақобатпазир хоҳанд шуд. Баробари пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва таъмини сатҳи устувори сифати онҳо раванди корҳо оид ба бунёди имиҷи худӣ оғоз меёбад.

Ҳамин тавр, алоқаи имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ бо рақобатпазирии он ба ҳама маълум аст. Ҳамон тавр, ки пештар қайд намудем вазифаи асосии имиҷ ташаккули муносибати мусбат нисбат ба ташкилот, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои мусбат дар натиҷаи алоқаҳо ва баҳогузории иҷтимоӣ, пас аз онҳо пайдо шудани боварӣ ва дар навбати худ, интихоби боварибахши истеъмолкунанда ҳатмист. Ва ин занҷири психологие мебошад, ки дар натиҷаи муносибатҳои мусбат ба амал меояд. Баъд аз он, ки имиҷи мусбат ташаккул ёфт, ҳамон замон баланд шудани обрӯ ва зимнан эътибору таъсир сар мешаванд. Имиҷи мусбат барои рейтинги баланди макотиби олӣ омили муҳим мегардад, ки ин барои иттилооти гуногунранги пурраи фаъолияти оммавӣ хеле зарур мебошад.

Аз ин ҷо, *ба андешаи мо* зери мафҳуми имиҷи муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар шуури оммаи одамони истеъмолкунандаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ тимсоли ҳиссиётан орододашудаи муассисаи соҳаи таҳсилоти олиро фаҳмидан мумкин аст, ки намо ва таносуби байни тарафҳои гуногуни фаъолияти он ва шаклдигаркунӣ дар муҳити беруниро инъикос менамояд.

Хизматрасониҳои таҳсилотӣ, махсусан хизматрасониҳои бахши таҳсилоти олии касбӣ омехта мебошанд, чунки унсурҳои неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегиранд. Дар баробари ин дар адабиёти иқтисодӣ оид ба хосияти хизматрасониҳои таҳсилотӣ афкори ихтилофнок вуҷуд доранд.

Аз нуқтаи назари имконияти истисно кардан ва дараҷаи истифодаи ин неъмат, таҳсилот ҳамчун маҷмӯи хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба таври қатъӣ ҷудогона истеъмол мегардад ва инчунин ба таври коллективӣ мавриди истифода қарор мегирад. Нақши давлат дар пешниҳоди таҳсилот ҳамчун неъмати муҳим дар он зоҳир мегардад, ки давлат истеҳсоли ин хизматрасониро танзим мекунад. Ин хусусиятҳои бунёдии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи махсусият медиҳанд. Аз як тараф масъалаи ташаккули имиҷи ин муассисаҳоро мураккаб ва мушкил мегардонад ва аз тарафи дигар, аз нуқтаи назари ҷамъиятӣ, сохтани имиҷи муассисаҳои таҳсилотӣ чун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ниҳоят муҳим мебошад.

Мутахассисони соҳаи маркетинг барои тавсифи имиҷ як қатор муайянкуниҳоро, ба монанди хоҳишӣ, воқеӣ, анъанавӣ, мусбӣ, аз будаш зиёд нишон додан, сифати нав ва ғайраҳоро истифода мекунанд. Дар байни ин муайянкуниҳо имиҷи хоҳишӣ ва мусоид бештар ба назар мерасанд. Ин муайянкуниҳо ба гурӯҳи намудҳои алоҳидаи имиҷ мансуб нестанд, бинобар ин онҳо бояд чун тавсифоти имиҷ – гӯшаи як призма, яъне сифати нави имиҷ баррасӣ карда шаванд. Ин тавсифот имиҷ хилофи ҳамдигар нестанд ва якдигарро инкор накарда, баръакс аз як сифат ба сифати дигар гузаштанро инъикос мекунанд. Масалан, дар натиҷаи кӯшиши фаъолонаи муассисаҳои таҳсилотӣ имиҷи хоҳишӣ ба имиҷи воқеӣ табдил меёбад ва имиҷи анъанавӣ ба сифати нав мегузарад.

Табиист, ки имиҷ ва шуҳрати макотиби олӣ, ки аз чандин қисмҳои таркибӣ пайдо мешаванд, дар шуури омма солҳои дароз боқӣ мемонанд байни худ алоқаи мустақим доранд. Ба андешаи мо, шуҳрат ҷамъбасти сохта шудани имиҷ мебошад. Бояд қайд кард, ки сифати имиҷ ин на танҳо умедворкунандаи рӯҳӣ, балки пурра ба инвеститсияи моддӣ монанд аст, ки мактаби олӣ дар оянда метавонад онро дарёфт намояд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки шуҳрати калонро соҳиб мегарданд, дар масъалаи ҷалби инвеститсия, кироям кадрҳои беҳтарин, ҳифзи боварӣ нисбат ба худ ва ҷаззобият аз рақибони худ пеш мегузаранд.

Имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ якчанд хусусиятҳо дорад. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи таҳсилот ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ самараи мусбати берунии ниҳоят калон доранд. Ғайр аз ин, хизматрасониҳоро пеш аз ҳама, ба монанди истеҳсолоти воқеӣ на ин ки таҷҳизот ва воситаҳои истеҳсолот, балки инсон – омӯзгорон, ҳайати омӯзгорону профессорони мактаби олӣ пешниҳод мекунанд. Бинобар ин, барои муассисаҳои таҳсилотӣ, пеш аз ҳама, имиҷи дохилии муассиса, ташкилот, фарҳанги ташкилот ва инчунин имиҷи роҳбарони асосии ташкилот, ҳайати кормандон, ки дар ташаккули шахсият, одоб ва рафтори солими шаҳрвандон таъсир мерасонанд нақши муҳим доранд.

Ҳамон тавр, ки қайд карда шуд, зери мафҳуми имиҷи дохилии ташкилот тасаввуроти коллективи меҳнатии машғулбуда оид ба муассисаи худ фаҳмида мешавад. Онҳо на танҳо омили рақобатпазирии муассиса, мактаби олӣ, кадрҳои илмӣ-педагогии онҳо (олимони пешбар, профессорон, дотсентҳо ва ғайраҳо), ки яке аз қишри калидӣ ва соҳибэҳтироми ҷомеа ҳисоб меёбанд, мебошанд ва ҳамзамон сарчашмаи муҳимми иттилоот барои субъектҳои берунӣ, аҳли ҷомеа ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таҳсилотӣ оид ба ташкилот шуморида мешаванд. Қисмати асосии имиҷи дохилӣ фарҳанги муассиса ва фазои иҷтимоӣ-психологии ташкилот ҳисоб меёбанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки идоракунии ҳайати кормандон дар макотиби олӣ хосияти бисёрсатҳӣ дорад ва ҳар як сатҳ дар худ чандин системаро дар бар мегирад.

Қисмати дигари муҳимми имиҷи макотиби олӣ, ки ба сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ таъсир мерасонад ин фазои иҷтимоӣ-психологии муассиса мебошад. Ҳолати иҷтимоӣ-психологии коллектив

дар натиҷаи фаъолияти якҷояи кормандон, муносибатҳои байнишахсиятии онҳо ташаккул меёбад, ки на танҳо бо шароити объективӣ, балки бо эҳтиёҷоти субъективии аъзоёни коллективи меҳнатӣ дар муносибат ва қонеъ гардонидани он муқаррар карда шудаанд. Ба ибораи дигар, ҳолати иҷтимоӣ-психологии фазои муассисаро аз рӯйи сатҳи аз муносибатҳои байнишахсиятӣ қаноатманд будан ва ё қаноатманд набудани аъзоёни муассиса баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Бояд тазаккур дод, ки имиҷ функсионалӣ буда, пеш аз ҳама барои ҳаллу фасли самараноки вазифаҳои вогузоршуда, аз ҷумла фоидаи иқтисодӣ-моддӣ равона гардидааст. Чунки макотиби олӣ ба туфайли имиҷи мусбати худ бо ҷалби истеъмолкунандагони нави хизматрасониҳо даромади иловагӣ ба даст меоранд. Имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ натанҳо истеъмолкунандагони хизматрасониҳоро ҷалб мекунанд, балки дар раванди омода намудани мутахассисон, кадрҳо ҳамзамон арзишҳоеро тарғиб мекунанд, ки онҳо ба роҳбарӣ мегиранд. Ва ҳамин тариқ, дар ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ва минтақа, ки дар ниҳояти кор имиҷи он боз ҳам баландтар мегардад иштироки худро нишон медиҳанд. Бо дарназардошти он, ки имиҷ тасвири ҷамъбастӣ мебошад, бинобар ин ҷудо намудани ҷанбаҳо ва унсурҳои алоҳидаи он мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҳоли ҳозир то истеъмолкунанда, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва оммаи васеъ расонидани иттилоот оид ба хизматрасониҳои аз тарафи макотиби олӣ пешниҳодшаванда, оид ба шартҳои таҳсил дар якҷоягӣ бо истироҳат, фаъолияти эҷодӣ, илмӣ, варзишӣ ва ғайраҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор мераванд. Бояд зикр кард, ки низоми таҳсилоти олии касбӣ бояд дар асоси пешгузарӣ кор карда, мутахассисро дар таҷрибаи шароити ҳамеша ивазшаванда омода намояд. Амалисозии барномаҳои дарозмуҳлати рушди устувори иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоиёти ҶумҳурииТоҷикистон маҳз аз ҳамин вобаста мебошад.

Таҳсилоти олии касбӣ бояд ба рушди неруи инсонӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои нисбатан аҳамиятнок ва муҳими иҷтимоӣ мусоидат намояд. Акнун ба тарзи нав дарк кардани нақши таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун захираи стратегии иқтисодиёт, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пешравиро таъмин менамояд тағйироти системавиро дар соҳаи таҳсилоти касбӣ тақозо мекунад. Макотиби олӣ ҳамчун дараҷаи асосӣ ва умумии таҳсилот дар таъмини сифати нави ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа омили калидӣ мегарданд. Бинобар ин, ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон имиҷ ва тимсоли ҷомеаи навини мамлакат ҳисоб мешаванд.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И УЛУЧШЕНИЯ ИЗОБРАЖЕНИЯ ВЫСШИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ УЧРЕЖДЕНИЯ

*На основе обобщения теоретических подходов к понятию «имидж» и исследований различных ученых, специалистов представлен анализ и дается уточнение данного понятия. В рамках теоретического анализа выделены особенности и функции формирования имиджа организации. Приводится научная интерпретация категории «имидж» и дана научная характеристика взаимосвязи понятий «образ» и «имидж» с точки зрения междисциплинарного подхода. Представлена структура имиджа организации и ее составных частей с точки зрения маркетингового подхода.*

***Ключевые слова:*** *имидж, образ, имидж организации, высшее профессиональное образование, маркетинговый подход, теоретический анализ, образовательные услуги и .т.д.*

## THEORETICAL FUNDAMENTALS OF IMAGE FORMATION AND IMPROVEMENT HIGHER VOCATIONAL EDUCATION INSTITUTIONS

*Based on the generalization of theoretical approaches to the concept of «image» and research of various scientists, specialists, an analysis is presented and a clarification of this concept is given. Within the framework of the theoretical analysis, the features and functions of the formation of the organization's image are highlighted. The scientific interpretation of the category «image» is given and a scientific characteristic of the relationship between the concepts of «image» and «image» from the point of view of an interdisciplinary approach is given. The structure of the image of the organization and its constituent parts from the point of view of the marketing approach is presented.*

***Key words:*** *image, image, image of the organization, higher professional education, marketing approach, theoretical analysis, educational services, etc.*

***Сведение об авторе:***

***Хасанзода Нодира Ходжимурод*** *– соискател Институт экономика и демографии Национальнного академии наук Республики Таджикистан.*

***About the author:***

***Hasanzoda Nodira Hojimurod*** *- applicant for Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

# УСУЛҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШВАРАТИ КАСБӢ ДАР ИНТИХОБИ БОШУУРОНАИ КАСБ

***Қурбонова Н.Ҷ.***
*Коллеҷи муҳандисӣ - омӯзгории ш.Душанбе*
***Сангов Н.Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

*Машварати касбӣ – системаи расонидани ёри ба хонандагон оид ба худмуайянкунии меҳнатӣ буда дар асоси омӯзиши хусусиятҳои психофизиологӣ , ҳолати тиббӣ, шавқу ҳавас, қобилияту миҷоз ва хислатҳои (шахс) хонанда гузаронида мешавад.*

Ҳанӯз солҳои 20- 30 -уми асри XX дар Давлати Шӯравӣ (собиқ СССР) ба масалаҳои машваратӣ касбӣ аҳамияти калон дода мешуд, ки онро расман психотехника меномиданд.Дар мақолаи худ Н.К. Крупская менависад: «Як қатор касбҳое, вуҷуд доранд, ки хусусиятҳои махсусро талаб мекунанд ба монанди:

-шунавоии хуб (қувваи сомеа),

-босира, инкишофи хоси дарк намой,

-машқҳои махсуси марказҳои асаб ва ғайра. Ба ин масъалаҳо илми махсус психотехника машғул мебошад. Он барои ҷудокунии одамоне, ки бештар ба як қатор касбҳо мувофиқат мекунанд аҳамияти калонро дорад».[3, с.119]

Барои ташхискунӣ ва пешгӯикунии қобилиятҳои касбии инсон, психотехникҳо тестҳои психотехникиро васеъ истифода мебурданд. Лекин дар истифодаи методҳои тестӣ бисёр хатогиҳо роҳ дода шудаанд. Ин метод дар охири солҳои 30-юми асри XX дигар истифода бурда намешуд. Аз солҳои 80 – уми асри XX инҷониб психотехника аз нав дарк карда шуда ,васеъ истифода бурда мешавад. Проблемаҳои асосии машварати касбии мактабро дида мебароем.

Профессор К.К. Платонов машварати касбиро ҳамчун ёрии аввали ба хонандагон дар худмуайянкунии касбӣ шарҳ медиҳад. Ӯ машварати касбиро ба се марҳила ҷудо мекунад:

Марҳилаи тайёрӣ, хотимавӣ ва аниқнамой;

-марҳилаи тайёрии машварати касбӣ дар давоми солҳои хониш барои тайёр намудани хонандагон ба интихоби бошууронаи касб гузаронида мешавад. Дар ин марҳила хонандагон ба хусусияту аҳамият, шароити меҳнат, олоти меҳнат ва талаботҳои касб ба шахс шинос мешаванд. [4, с.16]

-марҳилаи хотимавии машварати касбӣ вобаста ба майлу хоҳиш ва қобилиятҳои психофизиологии хонандагон, барои интихоби касби ояндаи онҳо ёри расонида мешавад. Машварати хотимавӣ барои синфҳои X – X1 ва X11 (барои таҳсилоти 12сола) гузаронида мешаванд. Машварати хотимавӣ дар асоси натиҷаҳои ташхиси пешакии хонандагон ва тавсияҳои комиссияи махсуси роҳнамои касбӣ гузаронида шуда барои интихоби касби ояндаи хатмкунандагони мактаб ёрии асосӣ мебошад.

***Машварати касбии аниқнамой*** – бештар бо хонандагону донишҷӯёни омӯзишгоҳҳои касбӣ техникӣ, коллеҷҳо, мактабҳои олӣ ва мутахассисони корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ гузаронида мешавад. Мақсади асосии чунин машваратгузаронӣ аниқ намудани интихоби дурусти касб вамуайян намудани хатогиҳо дар интихоби касб мебошад.

Чуноне, ки натиҷаҳои таҳлили машварати касбии аниқнамоӣ нишон медиҳанд, 24% - и хонандагону донишҷӯёни омӯзишгоҳҳои касбӣ, коллеҷҳо ва мактабҳои олии Ҷумҳурӣ (аз миқдори 300 нафар, пурсиши анкетӣ) ба касби интихобкардаи худ розӣ нестанд ва ҳангоми интихоби касб ба хатогиҳо роҳ додаанд. ».[8, с.123] Ҳангоми интихоби касб ба хатогиҳое, ки аз омилҳои зерин ба вуҷуд омадаанд, роҳ дода мешавад. Ба монанди:

- талаботҳои касбӣ.
- шинос набудани хонанда ба шароиту олоти меҳнат, хусусиятҳои касб ва ғайра.
- интихоби касб дар зери таъсири волидон, хешу табор, шиносон ва дӯстон.
- интихоби касби булҳавасона,бо мақсади вазифа, либоси низомӣ ва ғайра.
- рӯҳан тайёр набудани хонанда ба интихоби касб.
- надонистани талаботҳо ба касб.
- шинос набудани хонанда ба шароиту олоти меҳнат, хусусиятҳои касб ва ғайра.
- вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии хонанда интихоб намудани касб (интихоби муассисаҳои таълимии касбӣ, ки ба ҷои зисти хонанда наздик мебошанд ва ғайра).

Марҳилаҳои машваратӣ касбӣ хусусиятҳои гуногунро доранд.

- дар марҳилаи якум – хонандагон барои интихоби касби худ бояд тайёр шаванд. Интихоби дурусти касбро танҳо шахсе метавонад, ки қобилияти меҳнат кардан, бартараф намудани душвориҳо, ҳисси ҷавобгарӣ ба кори супоридашударо дошта, қобилиятҳои худро дуруст баҳо дода тавонад.

Аз ин сабаб инкишофи қобилиятҳо ва сифатҳои мусби нисбати шахс меҳнатдӯстӣ, ҳурмат намудани собиқадорони меҳнат, муносибати мусбат ба касбҳои гуногун, сабру тоқат ва интизоми

ҳамида дар марҳилаи якум вазифаи асосии омӯзгорони мактаб мебошад. Марҳилаи якӯми машварати касбӣ хусусияти инкишофёбиро дорад. ».[7, с.39]

Муаллимони фаннӣ, роҳбарони синф, бояд дар ин марҳила шавқу ҳавас, қобилият ва хусусиятҳои шахсии хонандагонро омӯхта норасоиҳо ва камбудиҳои онҳоро бартараф намоянд. Назорат намудан ва тарбия намудани сифатҳои беҳтарини хонандагон кори асосии коллективи омӯзгорони мактаб мебошад.

- дар марҳилаи дуюм – машварати касбӣ хусусияти тавсиявиро мегирад ва масъалаҳои зеринро ҳал мекунад: мувофиқат намудани ҳолати саломатии хонанда ба талаботи касб; тайёрии психологии (равонӣ) шахс барои азхуднамоии касби интихобшуда, додани маълумотҳо оид ба касб ба хонандагон, шинос намудани хонандагон ба талаботҳои касбҳо, имкониятҳои гирифтани маълумоти касбӣ ва шуғли меҳнат. Вобаста ба ин масъалаҳо се намуди машварати касбӣ ҷудо карда мешавад:

- тиббӣ, психологӣ – педагогӣ ва ахборотӣ.

Машварати тиббӣ пас аз ташхиси тиббӣ гузаронида мешавад. Дар машварати тиббӣ ҳолати саломатии хонандагон ба назар гирифта шуда вобаста ба талаботи касбҳо ба онҳо имконияти мустақилона интихоб намудани касби ояндаашонро медиҳанд. Хонандагон ба ҳолати саломатии худ аз натиҷаҳои комиссияи тиббӣ баҳо дода касби ояндаашонро интихоб мекунанд. Касбҳои алоҳида ба хусусиятҳои психологии шахс талаботҳои баланди худро пешниҳод мекунанд.

Дар ташкили машварати касбӣ ба усулҳои гузариши он аҳамият дода мешавад. Пеш аз ҳама машварати касбиро ҳамчун раванди давомнок дидан зарур мебошад. Ҳамзамон машваратчӣ бояд дар хотир дорад, ки ба хонанда дар шароити боварибахш муносибати эҳтиёткорона намояд. Имконятҳои васеъро барои гузаронидани машварати касбӣ бо хонандагон барои касбҳои коргарӣ таълими фанни технология ва асосҳои илмӣ мусоид менамоянд. Муаллими фанни технология ҳам дар раванди таълим ва ҳам дар таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ имконият дорад, ки системанок ва мақсаднок бо намуди нақлҳо масъалаҳои бештари машварати касбии мактаббачагонро ҳал намоянд. Барои ин кор базаи моддӣ – техникии таълими технологӣ ва истеҳсолӣ, утоқҳои корӣ, устохонаҳои таълимӣ, лабораторияҳои самти таълими технологӣ, утоқҳои техникӣ, минтақаҳои таҷрибавии мактаб ва ғайраҳо бештар мусоидат мекунанд.

Ба мақсади машварат дар мактаб дарсҳои лексионӣ ва амалӣ истифода бурда мешаванд. Дарс ба нақшаи зерин гузаронида мешавад.

- гуногунии амалии касб дар кишвари мо;
- зарурият ва мушкилиҳои интихоби касби ҷавонон;
- шароити интихоби дурусти касб (сифатҳои шахс, шавқу ҳавас, майлу хоҳиш , қобилиятҳо, хоҳиши касбӣ ба касби интихобшуда ва талаботи ҷамъият ба мутахассисони касбҳои гуногун).

*Хатогиҳои одатӣ ҳангоми интихоби касб*: муносибат ба касбҳо, шавқмандии зиёд ба хусусиятҳои зоҳирии касб ё нодуруст баҳо додан ба хусусиятҳои психофизиологии худ аз ҷониби хонанда, ки ба касби интихобшуда мувофиқат намекунанд, интихоби касб дар зери таъсири волидон, хешу табор , дӯсту шиносҳо ва ҳолатҳои ногаҳонӣ.

Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз фанни технология ва ташаккули тарбияи меҳнатӣ, гузаронидани машварати касбии хонандагон ба онҳо шароит муҳайё мегардонад. Дар ин самт ташкилотҳои меҳнатии мактаббачагон (бригадаҳои истеҳсолии хонандагон, боғдорону ҷангалпарварони ҷавон) аҳамияти калонро мебозанд. Роҳбарони ташкилотҳои меҳнатии мактаббачагон бо ҳамкорӣ бо волидон, кормандони соҳаи тандурустӣ ва намояндагони муассисаҳои истеҳсолии ноҳияву шаҳрҳо метавонанд мактаббачагонро ба касбҳои гуногуни соҳавӣ (кишоварзӣ, чорводорӣ ва ғ…) шинос намуда, ба онҳо машваратҳои заруриро диҳанд.[8, с.63] Дар кори машварати касбӣ сӯҳбатҳои машваратӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Чунин сӯҳбатҳо, самтҳои зеринро дар бар мегиранд: самти шиноснамоӣ, ташхисӣ, назоратӣ, саҳеҳгардонӣ ва ахборотӣ.

*Самти шиноснамоӣ* дар сӯҳбати машваратӣ ба намуди муоширати фаъол гузаронида мешавад. Аз ин ҷиҳат машваратчӣ худро бояд ҳамчун шахсе, ки барои расонидани ёрӣ ба хонандагон дар ҳалли мушкилотҳои ба миён омада ҳавасманд аст, нишон диҳад. Машваратчӣ бо маслиҳатҳои муфиди худ ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ӯ набояд фикру ақидаҳои худро ба онҳо бандад. Аз ин ҷиҳат машварат пас аз анкетагузаронӣ бо хонандагон ташкил карда мешавад. Машваратчӣ бо анкетаҳои хонандагон шинос шуда, дар асоси онҳо саволҳои заруриро барои гузаронидани сӯҳбат – машварат, тайёр менамояд. Барои муайян намудани шавқу ҳаваси хонанда сӯҳбатро дар атрофи муҳокимаи баъзе саволҳо ташкил намудан бештар самаранок мебошад. Мисол, сӯҳбат оиди муносибати хонанда ба ҳамсинфон, хешу табор, оид ба кинофилми дӯстдошта, китобҳо ва ё шавқу ҳавас гузаронида мешавад.

*Самти ташхиснамоии сӯҳбат* бо муайянкунии тайёрии хонанда ба интихоби касб ва ҳаваси касбии ӯ алоқаманд мебошад. Дар ин сӯҳбат саволҳои зерин муайян карда мешаванд: Кай ва чӣ хел шавқу ҳавас ба касби интихобкарда ба вуҷуд омадааст?. Устуворӣ ва сатҳи мустақили хонанда дар интихоби касб?, тассавурот дар бораи касб ва манбаҳои ахборотӣ оид ба касб, ки аз онҳо хонанда ба касби интихобкардааш шинос шудааст. Дар равиши сӯҳбат бояд тассавуроти хонанда дар бораи

фаъолияти ояндаи меҳнатиаш муайян карда шавад. Дар рафти сӯҳбати ташхискунанда саволҳои махсус – такроршаванда ва дуюмдараҷа гузошта мешаванд, ки онҳо дақиқӣ ва объективнокии (воқеӣ, бухронӣ) ҷавобҳоро месанҷанд.Сӯҳбати ташхискунанда ҳамзамон функсияи назоратиро мекунад, нишондиҳандаҳои пешина, ки ҳангоми омӯзиши шахсияти хонанда ба даст оварда шуда буданд, аниқ карда мешаванд.

*Қисми хотимавии сӯҳбат* асосан функсияи саҳеҳкунониро ичро мекунад, агар зарурият ба он бошад. Мисол, ҳангоми мувофиқат накардани хусусиятҳои психофизиологии шахс бо талаботи касби интихобшуда. Ҳамзамон ба хонандагон оид ба таркибияту моҳияти меҳнати касбӣ, роҳҳои аз худ намудани касб ва шуғли меҳнат маслиҳат дода мешавад. Дар таркибияти сӯҳбати машваратии касбӣ ҷамбаҳои зерин ҷудо карда мешаванд: психологӣ – педагогӣ, ахборотӣ – шиноснамоӣ ва ахбороти - тавсиявӣ. Машваратчӣ бояд бо хонандагони оид ба сатҳи устувории хоҳиши касбиашон сӯҳбат гузаронад. Аз ин сабаб дар ҳар ҳолати аниқ машваратчӣ бояд муайян кунад, ки кадом яке аз ҷамбаҳои мушкилот барои хонанда зарууртар мебошад.Мақсади сӯҳбати психологӣ -педагогӣ расонидани ёрӣ дар худмуайянкунии хонандагон ба фаъолияти меҳнати ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат бо хонандагон машғулиятҳои дӯстдошта, шавқу ҳавас, қобилиятҳо, мотиви интихоби касб, сифатҳои психологии онҳо муҳокима карда мешавад. Дар равиши сӯҳбат ба хонандагон барои беҳтар намудани сифатҳои шахсии онҳо ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳо дода мешаванд.

Шарти асосии гузаронидани машварати касбӣ – муайян намудани сатҳи баланди шуурнокии хонандагон мебошад, чунки бо хонандагоне, ки тафаккури зарурияти ба меҳнати фаъоли ҷамъиятӣ ҷалб шудан ва парвои интихоби касби ояндаи худро надоранд, машварат кардан бефоида мебошад. Аз ин сабаб ҷамбаи психологӣ – педагогӣ бо муҳокимаи худбаҳодиҳии хонанда алоқаманд мебошад. Се намуди худбаҳодиҳии ҷудо карда мешавад:Ҳақиқӣ мувофиқ, баҳодиҳии баланд, баҳодиҳии паст;

Мактаббачагоне, ки худбаҳодиҳии мувофиқ доранд, ба қобилиятҳо сатҳи инкишоф ва сифатҳои шахсии худ вобаста ба талаботҳои касбӣ, ҳақиқӣ баҳо медиҳанд. Ин хусусият ба онҳо имконият медиҳад, ки мустақилона ва бошуурона касби ояндаи худро интихоб намоянд. Одатан чунин хонадагон бо машваратчӣ озодона ва фаъол сӯҳбат намуда ҳалли мушкилотҳои худро муҳокима менамоянд.

Ҷанбаи ахборотӣ – шиноснамоии сӯҳбат барои пурра намудани тасавуроти хонанда оид ба касбҳо равона карда шудааст. Ҳангоми гузаронидани чунин сӯҳбат мавзӯъ бояд ба як касб маҳдуд нашавад, зеро, ки хонандагонро ба фаҳмиши нодуруст мебарад.

Ҷанбаи ахборотии сӯҳбат бо ахборотҳои аниқ оид ба имкониятҳои гирифтани маълумоти махсуси касбӣ, ба кор омодашавӣ алоқаманд мебошад.Дар рафти сӯҳбат машваратчӣ хонандагонро бо муассисаҳои таълимии касбӣ, ҷойи ҷойгиршавии он, мӯҳлати омӯзиш, талаботҳои муассисаҳои таълимии касбӣ ба хонандагон, оид ба имкониятҳои шуғли меҳнатӣ ва тамоюли дараҷавии касб ахборот медиҳад. Мактаббачагон ҳангоми чунин сӯҳбат бояд ахборотҳои аниқро ба саволҳои гузоштаашон гиранд. Дар акси ҳол машварат арзишҳои худро гум мекунад.

Ҳамин тариқ, машварати касбӣ – расонидани ёри ба ҷавонон мебошад, ки роҳи ҳаётии худро интихоб намудаанд ва дар ҳеҷ ҳолат вобаста намудани ақидаи машваратчӣ ба шахс набуда ҳуқуқи озодии шахсро дар интихоби касби ояндаи ҷавонон маҳдуд намекунад. Аҳамияти махсусро дар методикаи ташкили машварати касбӣ бо хонандагон додани тавсияҳо ва пешниҳоди рӯйхати адабиётҳо оид ба касбҳо, мебозад. Ба ин кор ҷалб намудани китобхонаи мактаб зарур мебошад.Китобдори китобхона метавонад барои хонандагон рӯйхати адабиётҳоро оид ба касбҳо пешниҳод намуда, онҳоро бо китобҳо шинос намояд. Инчунин дар кори машварати касбӣ намоиши кинофилмҳо, тамошои барномаҳои телевизионӣ ва шунидани радио ,сӯҳбатҳо оид ба касбҳо аҳамияти калон дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Алиев С. Психологияи синну солӣ ва омӯзгорӣ. / С. Алиев - Душанбе, 2003 - 186с.
2. Вершкова Г.Л. Трудовое воспитание и профорентация подростков: / Г.Л.Вершкова, С.Н. Чистякова М., Знания, 1979. – 386с.
3. Крупская Н.К. О профессиальной орентации школьников. / Н.К. Крупская - М., Просвещение. 1965 - 146 с.
4. Карамзин И.В. Вопросы профессиональной подготовки молёдожи. / И.В. Карамзин, Н.Н. Сангов - Душанбе – 1997 - 95с.
5. Карамзин И.В. Индустриального – педагогическая психология. (1 – 11 части). / И.В. Карамзин, Н.Н. Сангов - Душанбе (1996) –1997 - 126с.
6. Макаренко А.С. Выбор профессии. Радость творческого труда. / А.С. Макаренко - Соч. тома 5.7.М., изд –во АПН РСФСР. 1958 - 132с.
1. ***Робитавӣ.*** Мақсадаш барқарор намудани робита ҳамчун ҳолати омодагии дуҷонибаи мубодиланамоии афкор ва нигоҳ доштани алоқаи тарафайн дар намуди ахбордиҳии дуҷониба доимӣ мебошад.

2. ***Ахбордиҳӣ.*** Ҳадафаш мубодилаи хабар (дар ҷавоби пурсиш, баёни назар ва ғ.) ҳамчунин

мубодилаи афкор, андеша ва муҳокимаву хулосаҳо мебошад.

3. ***Водорнамоӣ.*** Мақсад он аст, ки бедор кардани фаъолии ҳамкор ба хотири ба иҷрои амалиёти муайян равона кардани ӯ мебошад.

4. ***Мутобиқнамоӣ***. Мақсадаш барои ташкил намудани фаъолияти якҷоя ба даст овардани ризоият ва шинос намудани ҳамкорон мебошад.

5. ***Идрокнамоӣ***. Ҳадафаш на танҳо дарк ва фаҳмидани комилан мувофиқи моҳияти маълумот, балки дарку фаҳми тарафайн пешбининамуда, азсаргузаронии ҳолу аҳволи муошират кунандагон мебошад.

6. ***Ҳамдардӣ.*** Мақсад мутаасирнамоӣ тавассути таъсиррасониҳои ҳиссиётӣ ва иродавӣ дар ҳамсуҳбат аст. Инчунин, ба вуҷуд овардани ҳиссӣ ҳамдардӣ ва ба манфиати худ ҳал намудани масъала мебошад. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки кӯдаконро бо осонӣ ба ҳолати мазкур гирифтор кардан мумкин аст.

7. ***Барқарор намудани муносибат.*** Мақсад аз он иборат аст, ки дарк ва муайян кардани мавқеи худ дар системаи робитаҳои нақшӣ, мақомӣ, корӣ, байниҳамдигарӣ, шахсӣ ва ғ. ҷомеа мебошад.

8. ***Таъсиррасонӣ.*** Ҳадафаш таъсир расонидан ба соҳаи эмотсиёналии ҳамсуҳбат ва дар заминаи он тағйир додани рӯҳия, рафтор, пиндор, ақида, талабот, тассавурот, амал ва фаъолияти ӯ мебошад.

«Таъсиррасонии психологӣ»- тавассути намуд ва хусусиятҳои муошират шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, кинестикӣ, паралингвистикӣ, экстралингвистикӣ ва нигоҳӣ ба рӯҳияи ҳамсуҳбат ҳолати мусбат ё манфӣ мегузорад [7].

Барои дарку моҳияти намуд ва хусусиятҳои муоширатро фаҳмидан, моро зарур аст, ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлиилу барасӣ қарор диҳем.

*Муошират шифоҳӣ,* ки бо ёрии калимаҳо амалӣ мегардад, муошират шифоҳӣ - калимагӣ номида мешавад. Тавассути муошират шифоҳӣ аксарияти одамон дар бораи чӣ гуна, бо кадом оҳанг ва лаҳн ба ҳамсуҳбат расонидани маълумот андеша карда, ҳангоми омодагӣ барои таъсиррасонӣ ба ақида ё муносибати касе, ҳамеша дар бораи калимаю ибораҳои истифодашаванда андеша мекунанд. Воситаи асосии муошират шифоҳии одамон забон мебошад. Забон ва инкишофи психикию шуурӣ одам алоқаи ногусастании дутарафа доранд.

Забон системаи аломатҳоест, ки дар ин ё он ҷомеа қабул шудааст. Аломат объекти дилхоҳи моддиест (предмет, воқеа, ҳодиса), ки ба сифати дастуру ишорат баромад намуда, барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва таҳлилу баён намудани маълумот истифода бурда мешавад.

Одамон моҳияти аломатҳо ва усулҳои ташаккулдиҳии онҳоро барои нақл намудани маълумот аз худ карда истода, бо ин ё он забон гап заданро ёд мегиранд. Дар ин замина забон воситаи робитаи байни одамон ва воситаи барқарокунии ҳамдигарфаҳмии онҳо мебошад.

*Муошират ғайришифоҳӣ*: ҳаракатҳои даст, тарзи рафтор, оҳанги овоз, тағйирёбии қиёфа (мимика), чашм (микромимика), ҳаракати якҷояи тамоми бадан (пантомимика), фосилаи байниҳамдигарӣ, тарзи ист, тарзи ҷойгиршавии фазогии байниҳамдигарии ҳамсуҳбатон ва ғайра муошират ғайришифоҳӣ номида мешавад. Воситаҳои ғайришифоҳӣ метавонанд мазмуну моҳият ва таъсирнокии маълумотро афзун ё коста гардонанд, ё дигаргун кунанд.

*Муошират паралингвистикӣ* ё худ бо нутқ алоқаманд оҳанг, баландӣ ва пастии овоз, лаҳн, вазн, таваққуф дар нутқ ва пешгирии он мебошад, ки дар санъати суханвари ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст. Маврид ба тазаккур аст, ки шахсони суханвар бо тамоми маҳорату малакаи худ, ҳангоми муошират намудан, муошират паралингвистикиро дар амал татбиқ менамоянд. Аз ин рӯ онҳо шинохтаву машҳуранд.

*Муошират экстралингвистикӣ* ё худ бо нутқ алоқаманд набуда (ханда, гиря, сулфа, нафаскашӣ, соиши дандонҳо ва ғ.) ба шумор меравад. Ин воситаҳо низ дар як маврид мазмуну моҳият, маълумотро бою рангин ва ё костю дигаргун менамоянд. Истифодаи муошират экстралингвистикӣ аз маҳорату малакаи ва нутқи шахс сахт вобастаги дорад. Масалан, дуруст ва дар мавридаш истифодабари ханда ё гиря ҳадафмандона ва нишонрас мешавад. Дар мавриди баръаксаш таъсири муоширатро коста намуда, ба шаъну эътибори суханвар нуқсон мешавад.

*Муошират тактикӣ - кинестикӣ тавассути:*

- таъсиррасониҳои ҷисмонӣ (аз даст гирифта бурдани нобино ё ҳамсуҳбат, аз камари ҳамдигар дошта рақсидан ва ғ.);
- такесика (дастфишурӣ, ба китфи ҳамдигар задан ва ғ.) амалӣ карда мешавад.

Механизми дигари идроки байниҳамдигариро аттраксия меноманд. Аттраксия як шакли маърифаткунии ҳамсуҳбат буда, дар заминаи ҳиссиётҳои мусбати пештар ташаккулёфта ба вуҷуд меояд. Маърифатнамоии ҳамсуҳбат дар раванди муошират байниҳамдигарӣ шарт ва зарур мебошад, зеро вай ба шахс имконият медиҳад, ки дар бораи намуди зоҳирӣ, сифат, қобилият, муносибат бо атрофиён, мансубият ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими психологию иҷтимоии ҳамсуҳбат тасаввурот пайдо намояд. Дар ин замина ҳар қадаре, ки нисабати шахсияти ҳамсуҳбат тасаввуроти бештаре дошта бошем, ҳамон қадар имконияти дуруст дарк ва маърифат кардани ӯ

имконпазир мегардад.

Яке аз омилҳои дигари дуруст дарк ва маърифат кардани атрофиён, дараҷаи рушди равандҳои маърифатӣ ва эмотсионалии шахс ба ҳисоб меравад, ки онро атрибутсияи каузалӣ меноманд. Тавассути ин омил рафтор ва ҳиссиёти шахси дигар шарҳу эзоҳ ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Миёни протсессҳои маърифатии шахс барои муошират байниҳамдигарии самаранок, идрок, диққат, хотир тафаккур ва тасаввурот нақши муҳим мебозанд. Рушди соҳаи эмотсионалии шахс дар раванди муошират аз рӯи ба ҳамсуҳбати худ ҳамдардӣ карда тавонистани шахс баҳогузорӣ карда мешавад. Протсеси муошират байниҳамдигарӣ хело мураккаб буда, пеш аз ҳама худшиносии ҳамаҷонибаи шахсро дар бар мегирад. Шахс хусусиятҳои психологии худро дуруст дарк накарда, ҳеҷ гоҳ ҳамсуҳбати худро дуруст ва оқилонаю адолатнок баҳогузорӣ карда наметавонад.

«Дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон воситаи боэътимоде, ки бомуваффақиятии онро таъмин мекунад, муошират мебошад. Психологҳо қайд мекунанд, ки 15%-и муваффақиятҳои корӣ аз донишҳои касбӣ ва 85%-и дигари он аз санъати муошрати инсонӣ вобаста аст» [3,79]. Муошират фарогири мубодилаи афкор, ҳиссиёт, азсаргузаронихо, саъю талошҳо, таъсиррасониҳои тарафайни одамон мебошад. Вазифаҳои муошират гуногунранг мебошад. Шарти асосии ҳамчун шахс ташаккул ёфтани ҳар як нафар, амалинамоии мақсадҳо ва қонеъ намудани талаботи асосии худ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, дар раванди муошират одамон ихтиёран ё ғайриихтиёр ба ҳолати рӯҳӣ, ҳиссиёт, фикру андеша ва рафтору кирдори ҳамдигар таъсир мерасонанд. Мақсади ҳамаи ин таъсиррасониҳо аз қонеъ гардонидани талаботи худ ба монанди: талабот ба эҳтиром, писандидан, муҳаббат, эътирофи ҷамъиятӣ, худмухторӣ ва ғайра иборат мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологии муошрати педагогӣ/ Н.Қ. Амонов. – Д.: Сино, 2003.– 109 с.
2. Давлатов М. Психология / М. Давлатов. – Д.:Собириён, 2010.-334 с.
3. Давлатов М. Психологияи идоракунӣ/ М. Давлатов. – Д.: ЭР-граф, 2017.-223 с.
4. Запорожца А.В., Лисиной М.И. Развитие общения у дошкольников. Характеристика основных форм общения со взрослыми у детей от рождения до семи лет/ А.В. Запорожца, М.И. Лисиной. – М.: 2004, С. 134-135
5. Репиной Н.Е. Развитие психологии ребенка в общении со взрослыми и сверстниками// Н.Е. Репиной.– М.: 2005.
6. Расулов С.Х., Саидзода А.Р., Каримиён Қ.М. Психология / С.Х. Расулов, А.Р. Саидзода, Қ.М. Каримиён. – Д.: ҶДММ «Нури моҳтоб», 2020.-274 с.
7. Смирнов Е.Ю. Становление межличностных отношений в раннем онтогенезе // Е.Ю. Смирнов. – М.: Вопросы психологии.- 1994 г.- №6.


## ОБЩЕНИЕ - ИСТОЧНИК ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ


*В исследованиях Ломова Б.Ф., Занкова В.В. и Реан А.А. Общение изучается как самостоятельная и самостоятельная деятельность. На самом деле понятие общения широкое и охватывает различные аспекты жизни и деятельности человека. Коммуникация играет ключевую роль в обмене идеями и обогащении знаний. Известный таджикский психолог Давлатов Махмаддулло в своей книге «Психология управления» констатирует, что «Общение - надежное средство успеха во всех сферах человеческой деятельности. Психологи отмечают, что 15% успеха в работе зависит от профессиональных знаний, а остальные 85% - от искусства человеческого общения».*

*Точно так же в процессе общения люди вольно или невольно влияют на душевное состояние, чувства, мысли и действия друг друга. Цель всех этих влияний - удовлетворить ваши потребности, такие как: потребность в уважении, одобрении, любви, общественном признании, автономии и так далее.*



***Ключевые слова:*** *психология, общение, знания, деятельность, развитие, потребности, человек, личность, личность, ребенок, обмен мнениями, общество.*


## COMMUNICATION – THE SOURCE OF A PERSON'S PSYCHOLOGICAL DEVELOPMENT


*In the research of B.F. Lomov, V.V. Zankov and A.A. Rean communication is studied as an independent and distinct concept. In fact, the concept of communication is broad and covers various aspects of human life and activity. Communication plays a key role in the exchange of ideas and the enrichment of knowledge. Well-known Tajik psychologist Mahmaddullo Davlatov in his book «Management Psychology» states with facts that «Communication is a reliable means of success in all spheres of human activity. Psychologists note that 15% of job success depends on professional knowledge and the other 85% on the art of human communication.*

*Thus, in the process of communication, people voluntarily or involuntarily influence each other's state of mind, feelings, thoughts, and actions. The purpose of all these influences is to satisfy such needs as: the need for respect, approval, love, public recognition, autonomy, and so on.*

***Keywords:*** *psychology, communication, knowledge, activity, development, needs, human, person, individual, child, exchange of views, society.*

***Сведение об авторе:***

***Саидзода Бахрулло Хол** - доктор философии (PhD) по психологии, старший преподаватель кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. Тел: (+992) 987957070, Email:: bahrullo_90@mail.ru*

***About the author:***

***Saidzoda Bahrullo Khol** - doctor of philosophy (PhD) in psychology, senior teacher of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university. Phone: (+992) 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**УДК - 159.9**
**ББК - 88.4**
**Б - 72**

# МУШКИЛИИ ХУДИДОРАКУНИҲО ВА ХУДТАШКИЛДИҲИҲОИ НАВРАС ДАР ИНКИШОФИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИИ Ӯ ДАР ОИЛА

***Бобоҷонова Н.Д.***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров*

Синну соли наврасӣ яке аз давраҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ба шумор меравад. Ин давраи синнусолиро дар адабиёти психологӣ ҳамчун давраи «гузариш» ва «мураккаб» ба қалам медиҳанд. Дар ин давра дар ҳаёти наврасон тағйироти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологӣ ба вуҷуд меояд, ки ин дар ташаккули шахсияти наврасон бетаъсир намемонад[1].

Дар ҳақиқат, чуноне ки Сайдуллаева Г.Р., Гулахмадов Ш.Н., Гираков И. дар мақолаи худ қайд намуданд: «Сину соли наврасӣ ин давраи ташаккулёбии шахсият ва барқароршавии хислати фард ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра таъсири муҳит, атрофиёни наздик ба наврас бештар аст. Ба хусус тағйиротҳои иҷтимоӣ-сиёсие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омаданд тамоми гурӯҳҳои иҷтоимоиро фаро гирифтаанд ва таъсири ин дигаргуниҳо ба наврасон низ расидааст. Наврасон имрӯзҳо яке аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Аз ҳамин лиҳоз дар ҷомеаҳои муосир рафтори ношоистаи наврасон бештар ба назар мерасад”[2, с.79]. Марҳилаи наврасӣ аз падару модар муносибати хоси инфиродиро нисбати ҳар як фарзанд тақозо дорад, чунки дар ин давра таҳкурсии ташаккули шахсияти наврас гузошта мешавад.

Аз рӯи таҳқиқотҳои мавҷудаи равониву иҷтимоии олимони соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар раванди таҳлили масоили мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврасон аз рӯи меъёрҳои гуногун баҳо додан зарурат дорад. Чунин ибрози назар асос ва сабаби худро дорад. Дар давраи наврасӣ на ҳамаи падару модарон ба ташаккули шахсияти фарзандони хеш аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, ки он ба натиҷа ва оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Насли наврас бо мушкилиҳои иҷтимоии оила ба суолҳои хеш посух наёфта, ба ҳар гуна муҳити созгор ва ё носоз ҳамроҳ мегардад. Бархе аз он ба ***донишандӯзӣ ва забономӯзӣ*** машғул мешаванд, бархе аз он ба омӯзиши ***касбу хунар***, бархе аз он ***каҷрафторӣ*** намуда, ба роҳи ҷинояткорӣ меравад ва ин боиси маҳкуми аҳли хешовандони оила ва ҷомеа мегардад.

Дар давраи наврасӣ сарчашмаи нави фишороварӣ, иддао ва эътироз ба оила бештар мегардад. Дар ин марҳила раванди ҷудошавӣ ва мустақилгардӣ оғоз мешавад ва он дар тамоми оила таҷассуми хешро меёбад[3, с.32].

Вақте ки фарзандон ба таҳсил дар мактаби таҳсилоти умумӣ шурӯъ менамоянд, дигаргунии куллӣ дар оила ба вуҷуд меояд. Дар ин давра аъзоёни оила бояд ӯҳдадорӣ ва масъулиятро байни ҳамдигар муайян намоянд. Қолаб ва одатҳои навро ворид созанд. Чӣ тавр ба дарс омода дид ва ин вазифа ба ӯҳдаи кӣ вогузошта мешавад? Чӣ гуна давраҳои дарстайёркунӣ, истироҳат ва вақти хоби наврасро ба танзим даровардан лозим аст. Наврасон ба воя расида ба оилаҳои худ ҷузъиётҳои навро ворид менамоянд. Онҳо мефаҳманд ва дарк мекунанд, ки оилаи ҳамсолонашон аз рӯи меъёрҳои дигари бештар адолатнок зиндагӣ мекунанд. Аз ин ҷиҳат нуқтаи назари наврасон нисбати волидайн ва тарзи зиндагӣ дар оила тағйир меёбад. Дар давраи наврасӣ муҳити иҷтимоии наврасон васеъ гардида, муошират онҳо бо ҳамсолонашон бештар ба назар мерасад. Ин гурӯҳи махсус ва алоҳида ба ҳисоб рафта, нуқтаи назари хешро нисбати машрубот, маводи мухаддир, муносибатҳои шаҳвонӣ, муҳаббат, либос, тарзи зиндагӣ, сиёсат пайдо мекунанд ва умуман нисбати ояндаи хеш тасаввуроти муайян ва амиқ доранд. Дар ин марҳила наврасон аз волидайнашон бештар иҷрои талаботҳои худро интизор

мешаванд ва падару модарон дар ин давраи ҳассоси фарзандон гузаштҳои зиёд мекунанд. Дар ҳар як навгонӣ ва тағйирот сари масъалаи мустақилият ва идоракунии наврасон аз тарафи падару модар мавриди баррасӣ қарор мегирад[4, с.31].

Агар наврас дар оилаи пурра ва комил ба воя расад, дар ҳалли муаммоҳо аз падару модар, бузургони оила маслиҳат мепурсад ва ё калонсолони оила фарзандони наврасро зери назорат қарор дода, бо самимият ва суханҳои нек муошират мекунанд, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд. Дар оянда аз ин гуна меҳрубонӣ ва таваҷҷӯҳи хоса нисбати фарзандони наврас инсони комил ба воя мерасад ва баҳри дарёфти мавқеи хеш дар оила ва ҷомеа, интихоби дурусти касбу кор, умуман инсони хушбахт заминаи мустаҳкам гузошта мешавад.

Баръакси ҳолат низ ҷой дорад. Агар наврас дар оилаи нопурра (падар ва ё модар надорад) ё муаммодор  ба камол расад, аз ҷиҳати равонӣ ба муаммоҳои зиёд дучор мегардад. Олимони соҳаи равоншиносӣ ва умуман ҷомеашиносӣ низ бар он ақидаанд, ки наврасон дар оилаҳои нокомил аз сабаби набудани ё падар ва ё модар дар оила аз меҳру муҳаббати онҳо дар канор мемонанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки наврасон низ таассуроти ғаму андӯҳ ва мусибатро ба мисли калонсолон хеле вазнин мегузаронанд[5, с.59]. Дар ташаккули шахсияти наврас дар оянда ин холигӣ ҳис карда мешавад.

Фурманов И.А., Аладйин А.А., Фурманов Н.В. қайд намуданд, ки «Фарзандон ягон хел дастгирӣ ва якдигарфаҳмиро дар оила пайдо накарда, дар иҳотаи мактабӣ дар ҷараёни барқарор кардани робита бо ҳамсолон ба нокомӣ дучор мешаванд ва дар вакууми иҷтимоӣ қарор мегиранд. Наврас худро бепарастор ва ба ҳеҷ кас нолозим ҳис мекунад. Яке аз волидайн майзада ва дигаре барои наҷоти ӯ ҳаракат дорад. Наврас ва талаботи ӯ дар чунин муҳити нобарор ягон хел умеду имконият надорад. Чунин вазъият аз ҷониби наврас хеле вазнин гузаронида мешавад. Ӯ дар назди волидони зинда худро ятими бекас ҳис мекунад”.[6, с.69]

Ба ақидаи И.С.Кон, кӯдаконе, ки бепадар ба воя мерасанд одатан дараҷаи иддаои паст, дараҷаи изтиробнокии баланд, нишонаҳои невротикӣ дошта, писарон бошанд, бо душворӣ бо ҳамсолонашон муоширатро барқарор менамояд ва баъзе хусусиятҳои манфии мардонро, ба монанди дағалӣ ва дуруштӣ нишон медиҳанд. Инро бештар дар давраи наврасӣ мушоҳида намудан мумкин аст, чунки онҳо наметавонанд ҳиссиёти худро ифода намоянд. Дар асоси таҳлили мухтасари хусусиятҳои психологию иҷтимоии ин масъала, метавон ба чунин хулоса омад: дар кӯдаконе, ки дар оилаи нопурра ба воя мерасанд, бештар вайроншавиҳои асабӣ ва руҳӣ, вайроншавии рафтор, ташаккули шахсияти носолим ба вуҷуд меояд, инчунин якчанд душворИи характери психологӣ дошта ва дараҷаи пасти худбаҳодиҳӣ мушоҳида мешавад; оилаҳои нопурра хусусияти психологии худро доранд ва бо аъзоёни он бояд ба таври инфиродӣ сӯҳбат гузаронидан лозим аст; барои рушди психикии наврас дар оилаи нопурра яке аз волидон усули дурусти тарбияро интихоб намояд ва гуфтори онҳо бо рафторашон мувофиқ бошад, зеро агар чунин набошад, онҳо тақлид ба намунаи хусусиятҳои манфии волидон хоҳанд кард[7, с.296]. И.С.Кон чунин қайд менамояд: «Таркиби оила ва хислати муносибати байниҳамдигарии аъзоёни оила ба тақдири наврас таъсири бузург мерасонад. Шароити номусоиди оилавӣ барои аксарияти наврасони «душвор» хос мебошад, дар маънои иҷтимоӣ (наврасони ҳуқуқвайронкунанда) ё дар маънои равонӣ (наврасони аз ҷиҳати рӯҳӣ ақибмонда) –ро ифода менамояд”[8, с.81].

Агар бобо ва ё бибӣ, ё ягон шахси наздик холисона ба наврас маслиҳатҳои солим ва муфид дода, ӯро ба роҳи дуруст равона созад, имконияти гирифтани тарбияи солим ва дуруст ба камол расидани наврасон вуҷуд дорад.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки наврасон бештар ба муошират талабот дошта бошанд ҳам, фаъолияти асосӣ ва пешбаранда дар ин зинаи синнусолӣ фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад. Таълими мақсаднокро тавассути баҳисобгирии инкишофи хусусиятҳои тафаккур аз қабили мустақилӣ, амиқӣ, моҳирӣ, тезӣ, танқидӣ ва васеъгии тафаккур ва инчунин зинаҳои инкишофи он ба роҳ мондан мумкин аст[9, с.292].

Оила ҳамчун ниҳоди мустаҳкам ва мустақили ҷомеа дар масири таърихи инсоният ба муаммоҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва назари аъзоёни оила нисбати тарбияи фарзандон куллан тағйир ёфтаанд. Дар замони ҳозира пешрафти илму техника, шабакаҳои интернетӣ, телефони мобилӣ, шароити бениҳоят хуби зисту зиндагонӣ ҳам фоида ва ҳам зарари худро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи насли наврас расонида истодааст.

Барои гурӯҳи муайяни наврасон имконияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва илму техника дар мактабҳои хусусӣ ва марказҳои забономӯзӣ амалӣ гардида, маблағи бузург ва муайянро талаб

мекунанд, ки чунин имконият танҳо барои қишри бойи аҳолӣ вуҷуд дорад. Падару модари эшон ҳатто ронандаи шахсии алоҳидаро маблағгузорӣ мекунанд, дар хонаи онҳо «хизматгорҳо» тамоми корҳоро ба субот мерасонад. Дар чунин наврасон арзишҳои ҳурмату эҳтироми калонсолон, меҳнатдӯстӣ ташаккул наёфта, онҳо бештар худпараст ба воя мерасанд.

Қисмати зиёди оилаҳо ва наврасон чунин имконият надоранд. Фарзандони чунин оилаҳо бо корҳои вазнин машғул мешаванд. Ҳарчанд қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи қонунгузории мавҷуда иҷрои ҳар гуна кор ва амалҳои вазнин барои наврасон мумкин нест. Аммо воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки махсусан дар давраи таътили тобистона аксарияти наврасон барои дарёфти маблағ ва расонидани мадади моддӣ ба оила бо меҳнати гуногун машғул мешаванд. Падару модари эшон низ ба хотири он ки фарзандонашон бо меҳнат машғул гарданд ва ҳар гуна каҷрафторӣ нанамоянд, ба ин намуди фаъолияти муваққатӣ ризоият медиҳанд.

Мушоҳидаҳои шахсӣ нишон доданд, ки наврасон дар бозорҳо бар ивази маблағи кам аробакашӣ мекунанд, ҳол он ки аз рӯи нишондодҳои илми тиб барои онон бардоштани борҳои вазнин барои саломатӣ зарар дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар байни наврасон каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ нисбат ба даҳсолаҳои пешина афзудааст. Савол ба вуҷуд меояд, ки чаро дар байни наврасони имрӯза чунин амалҳои ношоиста ва ғайриқабул бештар гаштааст. Посухро дар оила ва тарбияи оилавӣ, таъсири муҳити иҷтимоии наврасон дарёфтан мумкин аст.

Ноустувории иҷтимоӣ ва трансформатсияи ҷомеаи муосир ба тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ ворид шуда, ҳамчун омил баромад намуда, ногузирии каҷрафтории насли наврасро ба вуҷуд меорад. Дар робита бо ин беҳбудии равонии наврасон мақоми хосаро ба худ касб мекунад. Нанобаста аз он ки майдони фарохи тадқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикии муаммои каҷрафтории наврасон вуҷуд дорад, зарурати баррасӣ ва таҳлили омилҳои ҷудогонаи он мавҷуд аст. Дар қаринаи мундариҷаи амалия зарурияти нишон додани низоми меъёрҳои вуҷуддошта имконияти самаранок омӯхтани муаммои каҷрафтории наврасон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуд мебошад. Қобили қайд аст, ки давраи синну соли наврасӣ бо тағйиротҳои бештари биологӣ ва равонӣ тавсиф гардида, эҳсосоти махсусро ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ тақозо менамояд.

Олимони тоҷик собит намуданд, ки «Аз дидгоҳи равоншиносӣ «каҷрафторӣ» пеш аз ҳама алоқаманд аст ба хусусиятҳои хоси рӯҳӣ равонии (ноустувории равон, халалдоршудани мувозинати равонӣ ва ғайраҳо) инсон. Аз татқиқотҳои олимони равоншинос дар ин ҷода бармеояд, ки баъзе мушкилотҳои равонӣ, ба хусус фаромӯшхотирӣ хусусиятҳои генетикӣ модарзодӣ доранд"[10, с.80]. Дар воқеъ, ҳолати равонии наврасон аз ҷониби волидайн бояд мушоҳида ва назорат бурда шавад, ки ин ба манфиати ҳам падару модар ва ҳам ояндаи неки фарзандон мебошад.

Иттилоотонии аз ҳад зиёд ва тасвири порчагии худогоҳии ҷавонони ҳозира ба низоъҳои ботинӣ оварда мерасонад. Ҷаҳони дохилӣ, тарбия дар оила ва арзишҳои мавҷудаи наврас дар натиҷаи номувофиқатии хоҳиш, имконият ва талаботи наврасон дигаргун мегардад. Шахсони масъули ҷомеа нисбати ин муаммо бетарафӣ зоҳир нанамуда, омӯзиши ҳамаҷонибаи сабабҳои каҷрафтори наврасонро бояд ба роҳ монанд[11].

Зиновйева Л.В. ҳангоми тадқиқи фаъолияти наврасони ба каҷрафторӣ майлдошта ба чунин хулоса меояд, ки наврасони ба каҷрафторӣ моилбуда, бо нуфузи пасти вазъи иҷтимоӣ (сотсиометрикӣ), бартарияти нишондодҳои манфӣ дар шакли рафтори волидайн, шакли интерналии локуси назоратӣ (дар ин ҷо хусусияти шахсияти фард дар назар дошта шудааст, ба мисли кӯшишу ғайрат, сифатҳои шахсии мусбӣ ва манфӣ, мавҷудият ё набудани дониш, маҳорату малака ва ғ.) тавсиф карда мешавад. Ӯ чунин қайд менамояд: «Дар навбати худ, надоштани қобилият дар пайравии талаботҳои муҳити иҷтимоӣ ба омӯзиш ва азхудкунии нақши иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъиёти аҳамиятдоштаи шахсӣ монеаро ба вуҷуд меорад. Ҳамчунин, айнияти нақшавии порчагӣ метавонад сабаби каҷрафторӣ гардад ва аз он шаҳодат диҳад, ки нақши иҷтимоӣ барои наврас аҳамияти шахсӣ пайдо накард. Мувофиқан, майл ба каҷрафторӣ дар наврасон оқибат ва натиҷаи таъсири таркибии интегративӣ ба ҳисоб меравад[12, с.7]». Аммо таъкид кардан ҷоиз аст, ки майли наврасон ба каҷрафторӣ на фақат дар оилаҳои камбағал, балки дар оилаҳои бой низ бештар ба назар мерасад. Сабаби асосии моилшавии наврасон ба каҷрафторӣ дар чунин оилаҳо дар он аст, ки волидон ба фарзандони худ ва тарбияи онҳо аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд, беэътиноӣ менамоянд, тамоми шароити мусоидро барои истироҳат ва таълиму омӯзиш муҳайё менамоянд ва муҳити гаштугузори онҳоро намедонанд.

Дар тадқиқоти Зиновйева Л.В. гуфта шудааст, ки майл ба каҷрафторӣ дар байни духтарон нисбат ба писарон бештар ва зиёд (дезадаптатсия, яъне муқобили мутобиқшавӣ баромад мекунад) мебошад. Азбаски дар ҷамъияти русҳо каҷрафторӣ дар байни духтарон афзалият дорад, яъне дар шароити бӯҳронӣ ва вазнин бештар духтарон каҷрафторӣ содир менамоянд (дар расми 1 инъикос гардидааст)[13, с.15]. Дар ҷамъияти мо бошад, каҷрафтории писарон нисбат ба духтарон зиёд мебошад. Олимони тоҷик хусусияти фарққунандаи каҷрафтории наврасдухтарон ва наврасонро чунин нишон доданд: «Дуздии наврасдухтарон бо баъзе хусусиятҳояш аз наврасон фарқ менамояд. Баъзе духтарон бозичаҳои дугонаҳояшонро, ки барои онҳо ҷолибанд, дуздида, мехоҳанд, ки дар танҳои бозӣ намоянд. Баъзе аз онҳо аз камбизоатӣ ва баъзе дигари онҳо аз набудани шароит, тангдастии волидайн, ки имконияти чун соҳиб шудан надоранд, даст ба ин амали дурушт мезананд. Ин навъи «каҷрафторӣ» дар байни наврасон рафтори ғайриахлоқӣ буда, хамчун амали ҷиноӣ баҳогузорӣ мешавад ва аз дидгоҳи қонун ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад”[14, с.83]. Олими рус Зиновйева Л.В. низ собит намудааст, ки дар ҳақиқат давраи наврасӣ марҳилаи ҳассос ва мураккаби ҳаёти ҳар як шахс ба шумор рафта, дар ин давра заминаи асосии ташаккули шахсият ба таври мустаҳкам гузошта мешавад. Беэътиноии падару модарон нисбати наврасон ба он оварда мерасонад, ки онҳо дар оянда ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, мавқеъ ва мақоми худро дар ҷамъият муайян карда наметавонанд, ба муаммоҳои мухталифи равонӣ дучор мешаванд ва ниҳоят ба каҷрафторӣ майл пайдо мекунанд.

Хусусияти сохтори диспозитсияи нақшавии наврасони ба каҷрафторӣ моил бо бартарияти тамоюлҳои тафриқавӣ, таҷзиявӣ ва номувофиқатии ташкили сохторӣ иртибот ва вобастагӣ дорад. Наврасони ба каҷрафторӣ моилдошта бо нуфузи пасти иҷтимоӣ, ҳукмронии нишондодҳои манфӣ дар шаклҳои рафтори волидайн, афзалияти манфиатҳои худбинона тавсиф карда мешаванд. Қонунияти оид ба таҷзияи сохтори нақши наврасон ошкоргардида дар бораи надоштани қобилият барои иҷрои меъёрҳои мавҷуда ва қабули он шаҳодат медиҳад. Номувофиқатии ҷузъиётҳои баҳамтаъсироти нақшавӣ барои насли наврас қонунияти балоғати бармаҳал ва камтаҷрибагии иҷтимоиро инъикос менамояд. Аз ин ҷо, ноқаноатмандии наврасон пайдо шуда, он ба намоиши рафторҳои ноҷоя ва ношоиста ҳамчун тарзи хоси тағйироти меъёрҳои иҷтимоӣ ва намоиш тавассути тағйирёбии муносибати наврас ба он ва бо истифодаи тарзҳои худифоданамоӣ инъикос мегардад. Ин хислати порчагӣ ва сатҳии айнияти нақшавии наврасро муайян менамояд.

Сохтори диспозитсияи нақшии наврасон бо майли ифодаёфтаи паст, миёна ва баланд ба каҷрафторӣ бо гетерогении сифатӣ фарқият дорад. Таркиб ва ташкилии диспозитсияи нақшӣ ҷойгоҳи худро дар мақоми пасти майл ба каҷрафториро соҳиб мебошад. Ҳангоми гузариш ба каҷрафтории майли пастдошта ба мӯътадил ва баланд дар сохтори диспозитсияи нақшии наврасон афзалияти тамоюлҳои тафриқавӣ (дивергентӣ) бар якҷояшавӣ (конвергентӣ) ба вуҷуд меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асоси хислатҳои сатҳӣ детерминантҳои нақшаи таркибӣ меистанд, ки хусусияти ташкилӣ ва иқтидори трансформатсия (гузариш)-и низоми диспозитсионии нақширо соҳиб мебошанд. Ин гуна наврасон дар таъсироти байниҳамдигарӣ бо муҳити иҷтимоӣ бо нуфузи пасти иҷтимоӣ ифода ёфта, ба афзалияти шумораи радшуда дар гурӯҳи ҳамсолон ва ҳукмронии нишондодҳои манфӣ дар шакли рафтори волидайн душманиро ба вуҷуд меорад, ба каҷрафторӣ майл пайдо мекунанд.

Сайдуллаева Г.Р., Гулахмадов Ш.Н., Гираков И. дар мақолаи худ чунин овардаанд: «Каҷрафтории иҷтимоӣ ба амсоли меъёрҳои иҷтимоӣ навъҳои гуногунро дорост. Навъҳои асосии «каҷрафторӣ”-и наврасон инҳоянд: мутассил нарафтан ба дарс, гурехтан аз хона, барвақт майнӯш шудан, носкаш ва сигоркаш шудан, нашъаманд шудан, истеъмоли моводи мухадир, даст задан ба майдадуздӣ, майл намудан ба қимор, авбош шудан, фосиқ ва фоҳиша шудан, шӯҳратпарасту ҷангара шудан”[15, с.80]. Албатта, чунин амалҳои ношоиста воқеияти имрӯзаро дар байни наврасон инъикос менамояд ва муаммоҳои зиёдро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Қобили қайд аст, ки дар наврасони ба каҷрафторӣ моилдошта бештар ҳукмронии тамоюли тафриқавӣ, номуттаҳидии ташкили таркибӣ, номувофиқатии афзоиши синнусолӣ ва ҷинсӣ дида мешавад. Нишондиҳандаҳоии зикргардида хусусияти ҷузъиёти баҳамтаъсироти нақшавии наврасонро инъикос менамоянд. Меъёри инфиродии наврасон дар чорчӯбаи васеъшавии ҳудудҳои муошират ва воридшавӣ ба ҳар гуна ҳолатҳои баҳамтаъсироти иҷтимоиро мефаҳмонад. Муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои мусбӣ дар наврасон ҳамчун баранда баромад менамояд. Дар баъзе ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ муҳити иҷтимоӣ метавонад ба наврасон таъсири манфӣ гузорад. Наврасон ҳолати равонии мушкил ва ногуворро ҳангоми вазнинии зиндагӣ эҳсос намуда, маҳдудият ба истифодаи захираҳо ва мавҷудияти мушкилӣ дар тарбияи наврасон ба каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ равона мекунад. Наврасони ба каҷрафторӣ моил нисбати атрофиён назари манфӣ ва бад дошта,

бештар ифодаи манфиатҳои шахсӣ ва қаноатмандии шахсиро мепазиранд. Дар ин ҷо, аз тадқиқоти Зиновйева Л.В. доир ба наврасони ба каҷрафторӣ майлдошта иқтибос овардан ҷоиз аст, ки чунин гуфтааст: «Маълум аст, ки рафтори наврасон бо хусусиятҳои муайян тавсиф карда мешавад, ки дар байни он мутаассиршавии баланди ҳиссиётӣ, ҳардамхаёлӣ, таъсирбахшӣ, бовиқорӣ, хоҳиши тақлидкорӣ дар баробари кӯшиши шадид ба мустақилият арзёбӣ гардида, аз сабаби кам будани таҷрибаи ҳаётӣ ба баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳолату вазъият қобилият надорад. Ҳангоми шароити номувофиқ ва носоз чунин хусусиятҳои рафтори наврасон хислати деструктивиро пайдо мекунад"[16, с.12]. Дар ҳақиқат, Зиновйева Л.В. дар рисолаи худ таъкид доштааст, ки наврасон дар ин марҳилаи ҳаётӣ кӯшиши дастрасӣ ва комёбӣ ба ҳамаи мақсад ва ҳадафҳои хешро доранд. Вазифаи муҳими падару модарон дар ин ҷо аз он иборат аст, ки бо фарзандони худ баҳри пешгирии майл ба рафтори ношоиста ва каҷрафторӣ тадбирҳои муҳофизатӣ ва эҳтиётӣ андешида, бо онҳо сӯҳбатҳои инфиродӣ гузаронанд ва фаъолияти онҳоро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

Олимони тоҷик низ бар он ақидаанд, ки «Рафтори шахси наврасро муҳаққиқон таҳлил намуда, сабабҳои «каҷрави"-и онҳоро пеш аз ҳама дар мушкилотҳои оилавӣ, ба хусус дар сину соли наврасӣ ҷой дошта (аз қабили бетаваҷҷӯҳи волидайн ба наврас, набудани назорат аз ҷониби волидон, ибрати наврас набудани рафтори волидайн, камбизоатӣ дар оила, мастии волидон, паст будани дараҷаи зеҳнӣ волидон ва худи наврасон), таъсири гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, ки рафторашон ғайри иҷтимоист, дур мондан аз таълиму тарбия дар макотиби таҳсилоти умумӣ, боварӣ ба худ надоштан, бемории равонӣ, танҳоӣ ва нодуруст фаҳмидани дигарон дарёфтанд. Як сабаби дигари «каҷравии наврасон» ин омилҳои ҳаяҷонӣ ва зеҳнии наврасон аз қабили: асабонияти зиёд, ғаризаҳои шахшуда, дараҷаи пасти назорати иродаю ҳаяҷони наврас мебошанд. Омилҳои дигари «каҷрафтории наврасон"-ро муҳаққиқон дар ноустувор будани иқтисодиёт сиёсати давлат нисбат ба кӯдакон, нотинҷӣ ва нооромӣ дар оила, набудани симоҳои идеал дар ВАО ва адабиётҳои бадеӣ мебинанд"[17, с.82]. Албатта шароити оилавӣ ва муносибати байниҳамдигарии аъзоёни оила, муносибат бо муҳити иҷтимоӣ, ҳолати равонии наврасон дар ташаккули шахсияти наврас нақши асосиро ишғол менамояд.

Бобоҷонов Ҷ.Б. дар мақолаи худ қайд менамояд, ки муаммои муҳими каҷрафтории наврасон ин муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, он дар оила сарчашма мегирад. Агар волидайн фарзандонро аз тарафи моддӣ таъмин насозанд, тадбирҳои пешгирикунандаро наандешанд, мушкилиҳоро сари вақт ҳал накунанд, ҷараёни таълиму тарбия ва иртибот бо омӯзгорону мактабро зери назорат нагиранд, фарзандон аз чунин ҳолат истифода карда, ба рафтору кирдори ношоям даст мезананд, ҷиноятҳо содир мекунанд. Ӯ чунин ибрози ақида намудааст: «Дар ин ҷода нақш ва мавқеи давлат дар пешгирӣ намудани наврасону ҷавонон аз каҷрафтории иҷтимоию ҳуқуқӣ ва тарбия намудани онҳо ҳамчун шахсони аз ҷиҳати маънавию ҳуқуқӣ бомаърифат бағоят калон аст"[18, с.46].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то ҳатто наврасон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатӣ бе ягон шарму ҳаё бо гадоӣ машғул ҳастанд. Ин бонги изтироб барои аъзоёни оила ва тамоми ҷомеа мебошад. Ин вазъият дар оянда метавонад занҷири муаммоҳоро ба вуҷуд оварад. Падару модар, бузургони оила, мактаб ва омӯзгорон бояд нисбати ин муаммо бетараф набошанд. Масъулият ва назорати солими наврасон боис мегардад, ки аз эшон шахсияти комил ба камол расад ва онҳо мавқеи мустаҳками хешро дар ҷомеа дарёбанд.

Олимони тоҷик қайд намуданд, ки «Каҷрафтории иҷтимоии таҷовузгарӣ дар он ифода меёбад, ки агар бар зидди шахс нигаронида шуда бошад. Вобаста ба хатар онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин: 1)таҳқир; 2) авбошӣ; 3) занозанӣ; 4)таҷовуз ба номус; 5) одамкушӣ. Чунин навъҳои каҷрафторӣ дар байни наврасони тоҷик тибқи ахборотҳои расмӣ мутаасифона, дар ҷумҳурӣ ба назар мерасанд. Масалан, аз 532 ҷиноятe, ки аз тарафи ноболиғон дар соли 2017 содир шудааст «ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ 2 ҷиноят, одамкушӣ 1 ҷиноят, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 5 ҷиноят, тайёр ва истифода бурдани моддаҳои нашъадор 1 ҷиноят, қаллобӣ 5 ҷиноят, ғоратгарӣ 13 ҷиноят, роҳзанӣ 1 ҷиноят, авбошӣ 59 ва дигар ҷиноятҳо 90 адад ташкил медиҳанд"[19, с.83]. Баҳри пешгирии амалҳои номатлуб бояд ниҳодҳои дахлдори ҷомеа ва махсусан оила ба наврасон бештар таваҷҷӯҳ намуда, ба онҳо баҳри ташаккули шахсияти комил шароити мусоид ва имкониятҳо фароҳам оварданашон лозим аст.

Муаммои дигари мушкилии худидоракунӣ ва худташкилдиҳиҳои наврасон ин зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад. Баҳри кушода додани мафҳуми зӯроварӣ дар оила як қатор амалҳои хосро ҷудо кардан зарур аст. Он таркиби зӯроварӣ дар оиларо ифода намуда, хеле мураккаб мебошад. Зӯроварӣ нисбати фарзанд дар оила дар муносибати волидайн ва рафтору кирдори эшон арзёбӣ мегардад. Зӯроварӣ нисбати фарзандон натиҷаи истифодаи қувва бо мақсади расонидани зарари ҷисмонӣ ба

фарзанд мебошад. Оқибати чунин кирдор асоснок буда, вазъият ва муҳити атрофи онро аз назар гузаронидан зарур аст.

Ҷ. Гарбарино бар он ақида аст, ки зӯроварӣ нисбати фарзандон ҳамчун ҳирқи иҷтимоӣ баромад менамояд. Ӯ чунин қайд намудааст: «зӯроварӣ нисбати фарзандон ин амали эътирофшудаи рафтори волидайн ва дигар шахсоне ки нисбати фарзандон ғамхор мебошанд, дар ҳолате агар ин амалҳо дар чорчӯбаи арзишҳои ҷамъиятӣ ва ташхиси касбӣ барои фарзанд зарарнок ва ғайриқабул эътироф карда мешавад”[20, с.100]. Имрӯз бархе аз падару модари ҷавон ва бетаҷриба нисбати фарзандони худ зӯроварӣ ва суханҳои қабеҳро истифода намуда, ҳолати психикии онҳоро аз ҳолати мувозина мебароранд. Албатта лозим ба ёдоварист, ки ҳам дар мероси пурғановати ниёгон ва ҳам дар амалия таъкид шудааст, ки тарбияи фарзанд вазифаи азалии волидайн ва бузургон дар оила мебошад. Бо суханҳои нек, муносибати нек, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва намунаи ибрат будан-ин худ нишонаи он аст, ки дар оила муҳити солим ва созгор ҷой дорад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад, ки зӯроварӣ дар оила ва нисбати фарзандон як воситаи тарбия шуморида шуда, он аз ҳама ҷиҳат, бахусус ҷиҳати равонӣ комилан нодуруст мебошад.

Олимони тоҷик вазъи ҳозираи ҷомеаро таҳлил намуда, чунин маълумотро пешкаш намуданд: «Дар ҷомеаи муосир ноболиғон тибқи маълумотҳо қариб ба андозаи эпидемиявӣ худкушӣ мекунанд. Дар се даҳсолаи охир худкӯшии наврасону ҷавонон дар ҷаҳон то 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Аз ҳисоботҳои омори бармеоянд, ки синну соли нафароне ки ба худкушӣ даст заданд аз 12 то 24 сола мебошанд. Дар ҷои аввал худкушии ноболиғон, ки аз муносибати ноҷури волидайн сар мезанад, меистад. Дар мавқеи дуввум муносибатҳои нохуб бо ҳамсинфон, дар ҷой саввум муносибати ноҷур бо рафиқон, ё дилдорҳо меистад. Тибқи маълумоти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ «шумораи ноболиғоне, ки даст ба худкушӣ задаанд, дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли гузашта 6 дарсад афзудааст». Яке аз омилҳои худкуширо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ дар зӯроварӣ хонаводагӣ дониста ва зикр менамоянд, соли гузашта 15,42% хушунати хонаводагӣ афзудааст ва теъдоди нафарони ба хушунати хонаводагӣ гирифторшуда имсол аз 18% бештар шудааст. Теъдоди аслии нафарон ноболиғоне, ки аз ногувори вазъияти оила шикоят мебаранд, афзудааст. Дар ҳама ҳолатҳои хушунати оилавӣ, сарфи назар аз он ки зан таҳти зӯроварӣ қарор мегирад ё мард, пеш аз ҳама кӯдакону наврасон азоби рӯҳӣ мекашанд”[21, с.84]. Маълумоти овардашуда воқеияти имрӯзаро инъикос менамояд ва аз ҳар ниҳоди иҷтимоӣ, бахусус оила масъулият ва таваҷҷӯҳи бештар ва хосаро тақозо дорад.

Зӯроварии равонӣ ин амалҳои барқасдонаи деструктивӣ ё расонидани зарар ба қобилияти наврасон ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҷазоро бахри ҳиссиёт ва муҳаббати аз ҳад зиёд нисбати волидайн ё шахсони бузург, муносибати худэҳтиромӣ ба худ ва талаботҳо, ки барои муқаррар ва барқарор намудани муносибатҳои мӯътадили иҷтимоии байниҳамдигарӣ лозиманд, таҷассум менамояд[22, с.78]. Аз қабили, ба таври мунтазам маҳдуд намудани қобилият, имконият ва хоҳишҳои наврас; маҳдудияти хоҳиш ва иҷозати наврас ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳо, ки ба ӯ бахри рушди мӯътадил ҳамчун аъзои иттиҳодияи муайян, гурӯҳи иҷтимоӣ ва фарҳанг зарур мебошад; таҳдиди мунтазам ва расонидани азоби вазнини ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ; новобаста ба синну соли наврас аз меъёр зиёд талаб намудан, тарсонидан, ба ӯ мустақилият надодан ва монанди инҳо.

Падару модар ба фарзандони худ бо нигоҳи солим назар намуда, баҳри ташаккули шахсияти комил замина мегузоранд. Аз ин ҷо, «яке аз принсипҳои муҳими тарбияи наврас - ин муносибати баробар ва ҷиддӣ нисбати ӯ, таҳқир нанамудан ва сӯъистифода накардан аз боварии ӯ мебошад[23, с.78]”-таъкид намуданд Фурманов И.А, Аладьин А.А., Фурманова Н.В. Аммо афсӯс, ки баръакси ҳолат дар аксари оилаҳо ҷой доранд. Наврасон зери тарс, таҳдид, таҳқиркунӣ ва зарбу лат ба воя мерасанд. Собит гардидааст, ки бархе аз наврасон наздикони худро чун душман қабул мекунанд ва ҳамчун сарчашмаи хавфу хатар дар онҳо ҳиссиёти рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, маъюсӣ ташаккул меёбад. Чунин наврасон дар оянда ба пешравии худ бовар намекунанд ва беҷуръат ва дудила мемонанд.

Дар илми равоншиносӣ собит гардидааст, ки наврасон хоҳиши зиёди ҳокимият ва нуфуз, иззату нафс, эътибор, қадру қиммати худро доранд. Дар як ҳолат наврасон метавонанд дар мувофиқа бо падару модарон, дар ҳолати дигар бошад, дар вазъияти душманӣ зиндагӣ мекунанд. Аз ин ҷо муқобилият ва мухолифат ба талаботҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо мешаванд.

Дар оила аз ҷониби падару модарон таваҷҷӯҳ нисбати наврасон суст гардида, талаботҳои табиӣ (хоб, хӯрок, либос) ва равонӣ (меҳру муҳаббат, ғамхорӣ) ба эътибор гирифта намешавад ва танҳо дар ҳолати беморӣ ё ҷароҳат ба наврасон аҳамият медиҳанд. Бархе аз волидайн баҳри паст намудани қаҳру ғазаб ва хашми худ фарзандони худро зери шиканҷа қарор дода, азоб медиҳанд.

А.Фромм чунин меҳисобад, ки ҳангоми иҷрои ҷазо аз ҷониби волидайн як қатор хавфу таҳдидҳо ба вуҷуд меоянд. Ҷазоҳо бештар рафтори наврасонро ислоҳ нанамуда, балки ӯро тағйир ва дигаргун месозанд. Ҷазоҳои мунтазам баҳри гум шудани меҳру муҳаббати волидайн асос мегардад. Дар навраси ҷазогирифта нисбати падару модараш ҳиссиёти душманӣ пайдо мегардад. Ҷазоҳои мунтазам дар наврас ҳиссиёти камтаҷрибагӣ ва ақибмонии волидонро нишон медиҳад[24, с.80].

Наврасон ба волидайни худ нобоварона муносибат мекунанд, дар баъзе ҳолат онҳо падару модари худро бад мебинанд. Ҳамин тавр, ноқаноатмандии талаботи худ дар оила наврасонро ба ҳолате рӯ ба рӯ мекунанд, ки онҳо худро дар маркази диққати волидайнашон намебинанд, меҳру муҳаббати онҳоро ҳис намекунанд. Аз ин ҷо иззатталабӣ, шӯҳратпарастӣ ва афзалияти худро дар мактаб амалӣ месозанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ташаккули тафаккур яке аз масъалаҳои асоситарин дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба шумор рафта, ба кори фаъол ва пурмаҳсули муаллим вобаста аст. Хамчунин, барои боз ҳам равшанӣ андохтан ва ёфтани роҳҳои дурусти таълим дар мактаб, ки боиси ташаккули тафаккур мегардад, чунин корҳоро ба анҷом расонидан қобили қабул аст: ташкили заминаи психологӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва хусусӣ ҳамчун восита баҳри бартараф намудани нофаҳмиҳо байни омӯзгору талаба; донистани донишҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ аз ҷониби омӯзгорони мактаб; ҳамкории мунтазами омӯзгорон бо талабаҳои ақибмонда ва инчунин талабаҳои дорои нуқсонҳои психикӣ дошта; ҷалби хонандагон, махсусан наврасон ба корҳои ҷамъиятӣ[25, с.292].

Маҳз айёми наврасӣ дар ташаккули инсон марҳилаи ҳассос ва муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро ки дар ин давра рушди суръатбахши кулли функсияҳои ҳаётан муҳими организми наврас, аз қабили сабзиш, дигаргун гардидани мубодилаи моддаҳо ва тағйирёбии соҳаи асаб ва ҳолати равонӣ ба назар мерасад. Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда падару модарон қобилият ва фаъолияти наврасро ба эътибор гирифта, баҳри ташаккули шахсияти комил дар таълиму тарбияи фарзандони хеш бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Яъне масъулияти волидайн дар марҳилаи наврасии фарзандон хеле баланд буда, он заминаи мустаҳкамро дар худидоракунӣ ва худташкилдиҳии насли наврас мегузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Антонов А.И., Медков В.М. Социология семьи / А.И. Антонов - М., 1996. - С. 39.
2. Алешина Ю.Е. Индивидуальное и семейное психологическое консультирование. / Ю.Е. Алешина – М., 1999.- С.131-140.
3. Бурова С.Н. Социология брака и семьи: история, теоретические основы, персоналии. / С.Н. Бурова -Москва, 2010.- С.414.
4. Дружинин В.Н. Психология семьи. / В.Н.Дружинин — Екатеринбург., изд. «Питер», 2006. - С.39-46.
5. Зиновьева Л.В. Структура ролевых диспозиций подростков, склонных к девиантному поведению.(автореферат на соискание ученой степени кандидата психологических наук). / Л.В. Зиновьева -Ярославль, 2019.
6. Кон И.С. Психология юношеского возраста. / И.С.Кон -М., 1979.
7. Лысова А.В. Психология семьи. Часть 2. / А.В. Лысова -Владивосток, 2003.
8. Минухин С., Фишман Ч.Техники семейной терапии. (перевод с английского А.Д.Иорданского). / С.Минухин -М., 1998.
9. Раҷабов Н.М. Хусусиятҳои инкишофи тафаккур дар давраи наврасӣ. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. / Н.М. Рачабов -Душанбе, 2015.-М.291.
10. Сайдуллаева Г.Р., Гулахмадов Ш.Н., Гираков И. Каҷрафтории наврасон ва баъзе роҳҳои пешгирии он.- Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ. / Г.Р.Сайдуллаева -Душанбе, 2018, №1(1).
11. Сафарова З. Хусусиятҳои психологӣ-иҷтимоӣ ташаккулёбии шахсияти кӯдак дар оилаи нопурра. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015.-Душанбе, 2015.
12. Фурманов И.А., Аладьин А.А., Фурманова Н.В. Психологическая работа с детьми, лишенными родительского попечительства.-Минск, 1999.-С.
13. Навайтис Г. Семья в психологической консультации. — М., 1999.-224с.
14. Основы психологии семьи и семейного консультирования. Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / Под общ. ред.Н.Н. Посысоева. — М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2004. — с.40-71.
15. Основы психологии семьи и семейного консультирования. Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / Под общ. ред.Н.Н. Посысоева. — М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2004. — С.207-208.
16. Основы психологии семьи и семейного консультирования. Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / Под общ. ред.Н.Н. Посысоева. — М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2004. — с.217.

## ПРОБЛЕМА ПОДРОСТКОВОЙ САМООРГАНИЗАЦИИ И САМООРГАНИЗАЦИИ В РАЗВИТИИ ЕГО МОРАЛЬНОЕ ЧУВСТВО В СЕМЬЕ

*Научная статья посвящена проблеме самоуправления и самоорганизации подростка в развитии его нравственных чувств в семье. Психологический анализ показал, что в подростковом возрасте не все родители обращают внимание на развитие личности своих детей, что приводит к негативным последствиям. Молодое поколение с социальными проблемами семьи не отвечает на их вопросы и присоединяется к любой благоприятной или неблагоприятной среде. Кто-то занимается изучением языка, кто-то изучает профессию, кто-то уклоняется и совершает преступление, что приводит к осуждению родственников семьи и общества. Автор статьи отмечает, что период отрочества требует от родителей уникального индивидуального подхода к каждому ребенку, поскольку именно этот период закладывает основу для формирования личности подростка. Эти и другие вопросы четко отражены в данной статье.*

***Ключевые слова:*** *самоорганизация и самоуправления подростков, развитие нравственных чувств, психологический анализ, подростковое поколение, подростковый возраст, специфические установки, развитие личности подростка.*

## THE CHALLENGE OF ADOLESCENT SELF-ORGANIZATION AND SELF-ORGANIZATION IN DEVELOPMENT HIS MORAL SENSE IN THE FAMILY

*The scientific article is devoted to the problem of self-government and self-organization of a teenager in the development of his moral feelings in the family. Psychological analysis showed that in adolescence, not all parents pay attention to the development of the personality of their children, which leads to negative consequences. The younger generation with social family problems does not answer their questions and joins any favorable or unfavorable environment. Someone is studying the language, someone is studying a profession, someone is evading and committing a crime, which leads to condemnation of relatives of the family and society. The author of the article notes that the period of adolescence requires from parents a unique individual approach to each child, since it is this period that lays the foundation for the formation of the personality of a teenager. These and other issues are clearly reflected in this article.*

***Keywords:*** *self-organization and self-government of adolescents, the development of moral feelings, psychological analysis, the adolescent generation, adolescence, specific attitudes, the development of the adolescent's personality.*

***Сведения об авторе:***

***Бободжонова Назира Дадоевна*** *– Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», преподаватель кафедры психология.* ***Адрес:*** *734700, республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1.Тел: (+992) 927773469.*

***About the author:***

***Bobodjonova Nazira Dadoevna*** *- State educational institution «Khudzhand State University named after academician Bobodzhon Gafurov», teacher of the Department of Psychology. Address: 734700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue 1. Phone: 92 7773469.*

## ХУСУСИЯТҲОИ МУВОФИҚАТИ ПСИХОЛОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУАССИР ДАР ТАШКИЛ ВА РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН

***Эмомназарова М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Оила- рукни ибтидои ҷамъият буда, тараққиёти шахсияти инсон аз он шурӯъ мешавад, зеро ин институти иҷтимоиест, ки ба сифати танзимгари ҳаёти ҷавонон баромад мекунад. Оила низ монанди дигар институтҳои иҷтимоӣ дорои як қатор функсияҳои ба худ хос мебошад. Дар қатори муҳимтарини онҳо таваллуд ва тарбияи насли нав, таъмини хушбахтии инсон, ба амал баровардани ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти дуҷонибаи ахлоқии байни аъзоёни ин гурӯҳи хурдро дохил кардан мумкин аст. Устувории оила, аз иҷрошавии сифатнок ва саривақтии ин функсияҳо, муносибати солим ва мувофиқати психологии байни аъзоёни оила вобастагӣ дорад. Ҳар як аъзои оила вобаста ба мавқеъи ишғолкардааш вазифаҳои ба худ хосро дорад ва ин вазифаҳо мавқеи ӯро дар оила мустаҳакам карда, бавуҷудоии муносибатҳои солимро таъмин менамояд. Гуфтан зарур аст, ки таҳқурсии асосии оилаи солим ин пеш аз ҳама интихоби мувофиқи ҳамсар мебошад. Дар марҳилаи интихобнамоии ҳамсар

бисёри ҷавонон хато ё саросема шуда, ҷиҳатҳои асосии мувофиқатоиро ба назар намегиранд. Баъзе аз ҷавонон инро бар дӯши падару модар вогузор менамоянд, ки ин куллан нодуруст мебошад. Шояд баъзан ин гуна интихобҳо аз тарафи падару модар мувофиқ оянд, яъне келине, ки падару модар бо назардошти характеру хусусияти фарзандон интихоб менамоянд. Ба андешаи мо дахолати калонсолон ҳангоми барпонамои оилаи фарзанд камтар бошад, беҳтар мешавад. Зеро ҳар як инсон зодаи замони худ аст, ҳамин гуна низ рӯз аз рӯз ҷаҳонбинии ҷавонон васеъ шуда истодааст. Дар масъалаи таъсири волидайн ҳангоми интихоби ҳамсар як қатор психологҳо аз ҷумла М. Давлатов, Н. Юнсова, А.Г. Волкова, Э.А. Тийт, А. Кеэрбергер ва дигарон дидгоҳи хешро пешниҳод намудаанд. Махсусан, барои ҷавононӣ имрӯза дар интихоби ҳамсар барои онҳо рӯз аз рӯз мушкилтар шуда истодааст. Ин мушкилӣ ҳам дар ҷавондухтарон ва ҳам дар ҷавонписарон мушоҳида мешавад. Гарчанде ҷомеаи навбунёди мо демократӣ бошад ҳам, аммо он расму оин ва хурофотҳои аз бибию бобо мондаамон то ҳол таъсири худро мерасонад[9].

Имрузҳо ба пуррагӣ мушоҳида мешавад, ки чӣ гуна оилаҳои ҷавон бо баъзе сабабҳо вайрон шуда истодааст. Яке аз сабабҳо ин мувофиқат наккардан аз ҷиҳати психологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар психологияи оилавӣ зери мафҳуми мувофиқати психологии ҳамсарон мувофиқоии ҳиссиётҳо, характерҳо, мизоҷ, ягонагии шавқу ҳавасҳо, тасаввуротҳо ва одату рафторҳоро мефаҳманд. Мувофиқати психологии ҳамсар он дар асоси ягонагии рӯҳия, алоқамандии эмотсионалию маънавӣ байни ҳамсарон арзи вуҷуд дошта метавонад. Ҳамин тавр Юнусова Н. М мувофиқоиро ҳамчун эффекти муносибати байниҳамдигарӣ, имконияти қонеъгардонии талаботҳои байниҳамӣ ва ҳис кардани ҳамдигар ҳамчун як қисми муккамал медонад[12, с.98]. Илова ба гуфтаҳои Юнусова Н.М. қайд кардан зарур аст, ки мувофиқатоии байниҳамдигарӣ ҳамсарон ва имконияти қонеъгардонии байниҳамӣ, инчунин ҳис кардани ҳамдигар дар рафти зиндагӣ яке аз шартҳои асосии мувофиқатоӣ мебошад. Мувофиқоӣ ин на танҳо монанд будани характеру хусусиятҳо ё шавқу хавасҳо балки пурра намоии ин сифату характерҳо мебошад.

Ба ин маъно Волкова А. дар зери мафҳуми мувофиқатоӣ ҳамсарон чунин муносибатро мефаҳмонад, ки дар гурӯҳи хурд (яъне оила) ҳар як аъзои оила функсияҳои худро саривақти ва сифатнок иҷро мекунанд. Вобаста ба ин олимон мувофиқои ҳамсаронро ба ду гурух ҷудо мекунанд:

- мувофиқоӣ аз рӯи иҷрои функсияҳои худ дар оила (розигии байниҳамдигарӣ ва дуруст тақсимнамои нақшҳо);
- мувофиқоии шахсӣ (характеру хусусиятҳои психологӣ) [12, с.98].

Фаҳмиш ва ҳамдигарфаҳмии ҳамсарон, муносибаташон нисбат ба якдигар яке аз омилҳои асоситарин ва мустаҳакамтарини муносибатҳои оилавӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамсарҳо ин фаҳмиши адекватӣ (мувофиқоии баҳогузорӣ ва худбаҳодиҳӣ), идентификатсия (сатҳи мувофиқати баҳогузорӣ ва худбаҳодиҳӣ) ва ман-образ мебошад. Худи калимаи мувофиқоӣ- ин бо ҳам наздик будан ё фарқнамоии хусусиятҳо, одатҳои бо ҳам монанде мебошад, ки хусусияти хусуматомезӣ надоранд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Барои мустаҳакам будани муносибатҳои байниҳамдигарӣ зану шавҳар бояд аз ҷиҳатии эмотсионалӣ, рӯҳонӣ, моддӣ, маънавӣ, шаҳвонӣ мувофиқат дошта бошанд. Чӣ қадаре, ки мувофиқои зиёдтар бошад, ҳамон қадар мустаҳакамии муносибат байни ҳамсарон дида мешавад. Муайян карда шудааст, ки талабот аз никоҳӣ басташаашон ҳамон вақт қонеъ мегардад, ки хусусияти психологии ҳамсарон аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар монанд бошанд[2, с.18].

Дар никоҳе, ки ноустуворӣ дида мешавад, бештари вақт алоқаи маҳдуд миёни ҳамсарҳо мушоҳида мешавад. Марду зан аз рӯи тарзи қонеъгардии талаботҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд (ё ин, ки аз шарикашон чизи бештаро интизоранд) ва инро дар никоҳи байниҳами меҷӯянд. Ҳамин тавр барои мард ин- қонеъгардии талаботи шаҳвонӣ, истироҳатӣ якҷоя, ҳусну ҷамоли ҳамсараш, кадбонӯи хона ва дастгирии маънавӣ аз тарафи ҳамсараш дар бештари вақт аз шарикаш интизор аст. Барои зан бошад, фароҳам овардани муҳити романтикӣ дар оила, меҳрубонӣ , идоранамоии шавҳар, талабот ба муоширaт ростгӯи ва кушода будан дар муносибати зану шуи дастгирии моддӣ ва вафодор будан ба оилаи худ бисёр муҳим аст ва аз шавҳараш инро интизор аст.

Ақидаи ягона дар бораи мувофиқоии психологӣ гурӯҳи хурди иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Мушоҳидаҳо ҳаминро собит мекунанд, ки қисми зиёди ҷавонон ба моҳияти оилаю оиладорӣ сарфаҳм намераванд, худро дар назди ҷамъият ва тарбияи кӯдак масъул намешуморанд, ба масъалаҳои ҳолати иқтисодии оила диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Дар шароити кунунии ҷамъият қайди ақди никоҳи ҷавонон дар асоси муҳаббати тарафайн ва розигии ҳарду ҷавон гузарад ҳам, пойдории оиларо ташкил карда наметавонад. Чунин вазъиятро равоншиносон ва ҷамъиятшиносон ба мураккабшавии ҳаёт, зиндагӣ, ақидаю одатҳои ҷавонон ва хусусиятҳои фардӣ -психологии онҳо нисбат медиҳанд. Дар шароити кунунӣ пояи муҳаббат дӯстдорию вафодории ҷавонон суст шуда истодааст. Ин сабаб дорад: аз як тараф ҷавонон ба мафҳуми муҳаббат, дӯстдорию дуруст сарфаҳм намераванд, ва аз тарафи дигар ба бою ғанӣ гардонидани олами маънавии худ кам аҳамият медиҳанд.

Маълум аст, ки ҳаёти ҷавонон дар ин давра тобишҳои эмотсионалӣ дошта, пур аз ҳавасҳо ва

хаёлҳои ширину рангин аст. Онҳо ҳаёт, зиндагиро аз паси айнакҳои «гулобӣ » рангину шавқовар тасаввур карда, ба масъалаҳои ҳолати иқтисодии оила дуюминдарача баҳо медиҳанд, маҳорат ва малакаҳои меҳнати оилавӣ –маиширо дар ҳаёт ва муносибатҳои оилавӣ зарур намеҳисобанд.

Таҳқиқотҳои зиёди гузаронидаи сотсиологӣ-педагогӣ ва психологӣ- тиббӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бояд мақсади кори психолог бошад. Дар баробари он, ки ҳаёти оилавӣ ташаккулёбии шахс имкониятҳоро фароҳам меоварад, инчунин ба ӯ як катор талаботҳоро низ пешниход менамояд. Он системаи мақсадгузориҳои иҷтимоию – психологии шахс буда, муносибатҳои эмотсионалию психологии ӯро ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби ҷуфти мувофиқ муайян месозад.

Омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ -категорияи интегралӣ буда, дар худ маҷмӯи ҷанбаҳоро зеринро дохил менамояд:

1) ташаккулёбии комплекси муайяни маънавии омодагии шахс ба қабули ӯҳдадориҳо нисбати шарики ҳаётӣ ва фарзандон. Ба ақидаи мо ташаккулёбии ин ҷанбаҳо бо тақсимоти нақша байни ҳамсарон алақамандӣ доранд;

2) омодагӣ бо муоширати байнишахсӣ ва ҳамкорӣ. Оила гурӯҳи хурде мебошад, ки барои муътадил амалнамоии он мутобиқшавии тарзи ҳаёти ҳамсарон бо якдигар талаб менамояд;

3) қобилияти худқурбоннамоӣ нисбати шарики худ. Ин қобилият пеш аз ҳама ба хусусияти ғамхории беғаразонаи шахси дӯстдошта асос ёфтааст;

4) мавҷудияти комплекси сифатҳое, ки ба воридшавӣ ба олами ботинии шахс имконият медиҳанд. Аҳамияти ин ҷанба дар он ифода меёбад, ки боназокатии шахс метавонад оиларо ба таври психологӣ мустаҳкам намояд. Қобилияти боназокатӣ қобилиятҳои ҳамҳиссию ҳамдардиро нисбат ба дигарон афзун менамояд;

5) мавҷудияти маданияти баланди ҳиссиётҳои эстетикӣ ва рафтори шахсӣ;

6) маҳорати ба ҳалли низоъҳои оилавӣ ба таври интикодӣ назар андухтан. Маҳорати бо ҳалли низоъҳо ва истифодабарии он барои инкишофёбии муносибатҳои байнишахсии ҳамсарон, махсусан дар протсесси бо ҳам мутобиқшавии навхонадорон нақши муҳим бозида метавонад[8, с.83].

Ҳангоми омодашавӣ ба ҳаёти оилавӣ ҷавонон дониш, маҳорат ва малакаҳои худро доир ба муносибати ҷинсӣ, оила, никоҳ ва рафторҳои меъёран қабулшуда аз калонсолон ба даст меоранд. Дар онҳо пеш аз ҳама ҳиссиёти дӯстӣ, ҳамкорӣ ва эътирофнамоӣ инкишоф меёбад. Он барои ташаккулёбии тасаввурот оиди муҳаббат мусоидат менамояд. Аллбата, ҳамаи ин маълумотҳо муҳим ва заруранд, аммо дар шароити имрӯзаи зист механизми гузориши ин ахборотҳо кофӣ намегарданд. Бинобар, ин ба мавқеи омодагии психологии ҷавонон диққати махсус дода мешавад. И.В Гребенников низ оиди ин масъала ибрози андеша намудааст.

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби ҷуфти мувофиқ қисматҳои зеринро дар бар мегирад.

- моҳияти муносибатои оилавӣ, вазифаҳои оила, арзишҳои оилавӣ, нақшаҳои иҷтимоии ҳамсарон бояд дарк карда шавад;
- сифатҳои маънавию-эстетикии шахс, ки аз муносибатҳои дӯстона ба ҷинси дигар, эҳтиром ба калонсолон ва хурдсолон, масъулият, худдорӣ, гапдароӣ иборат аст, бояд ташаккул дода шаванд.
- шиносоӣ бо асосҳои қонунгузории оила ва никоҳ, уҳдадориҳои қонунии ҳамсарон ба якдигар, фарзандон ва ҷамъият фароҳам оварда шавад;
- самтҳои ташаккулёбии психологии шахс, ки дар худ моҳияту хусусиятҳои психологии муносибатҳои байнишахсӣ, маҳорати дарки психологии якдигар, инкишофёбии ҳиссиётҳо, маҳорати муоширатнамоиро ифшо менамояд, фаҳмонида шаванд.
- тавсифи донишҳои физиологию – гигиенӣ оид ба хусусиятҳои физиологии организми марду зан, хусусиятҳои ҳаёти ҷинсӣ, гигиенаи шахсӣ оварда шаванд.
- доир ба хусусиятҳои тарбияи педагогии мавқеи оила дар тарбияи фарзанд, хусусияти тарбияи оилавӣ, роҳҳои ташаккулдиҳии педагогии маърифати волидайн маълумот оварда шавад.
- бо маълумотҳои тарзи идоранамоии хоҷагию-иқтисоди буҷаи оила шинос намудан[4, с.112].

Тарбияи ҳаматарафаи оилавӣ дар зери таъсири як қатор омилҳои иҷтимоӣ - педагогӣ ва психологӣ ба амал оварда мешавад. Аксарияти тадқиқотчиён зери таъсири ин протсесс мактаб, оила, ҷамоати дӯстон, асарҳои эҷодӣ, воситаҳои ахбори умум ва масҷидҳоро дохил кардаанд. Яке аз ҷанбаҳои асоси омодагии ҳамсарон ба ҳаёти оилавӣ ин аз тарафи онҳо дарк намудани мавқеи оила ва никоҳ дар ҷомеаи муосир мебошад, ки он ба мақсадгузориҳою мавқеъмуайяннамоии онҳо алоқаманд аст. Моҳияти оиларо ҳар кас аз мавқеи назари худ дарк менамояд. Барои яке оила ин пайдоиши ҳузуру ҳаловати психофизиологии шахсӣ буда, барои дигаре он ҳамчун ташаккулдиҳандаи ҳиссиётҳои судманд мебошад.

Пас, аҳамияти бунёди оила ва муҳим будани интихоби мувофиқ дар чист?

- барои бо касе маслиҳат намудан;
- барои бо касе умед бастан;

- барои дар мусибат касеро дастгирӣ шудан;
- барои бо касе худро хуб ҳис кардан;
- барои бо касе ҳасуд набурдан;
- барои бо касе якҷоя хушбахтӣ намудан;
- барои бо касе бовар намудан;
- барои бо касе роҳбариятро ба низом даровардан.

Ҳамаи ин маҷмуи қисматҳо образи оиларо ташкил мекунанд, ки дар он шахс худро озод ҳис менамояд, агар ҳамсарон бо ҳам аз ҳама ҷиҳат мувофиқ оянд.

Аксарияти мутахасиссоне, ки ба тадқиқи масъалаҳои оилаю оиладор машғуланд, яке аз шароити устуворгардии оиларо аз дараҷаи маънавиёти баланди одамон вобаста медонанд. Дар ҳақиқат ҳам, дараҷаи баланди инкишофёфтаи шуури одамон муайянкунандаи фаъолият ва рафтор дар муносибатҳои байнишахсии оилавӣ шуда метавонад.

Омили дигаре, ки дар барномаи оила ҳамчун маром байни ҷавонон хизмат менамояд ва як роҳи дигари интихоби мувофиқи ҳамсар аст, ин муҳаббат мебошад. Муҳаббат қувваи табиӣ буда, худ аз худ пайдо шуда ва боз гум мешавад. Мувофиқоӣ бештар вақт маҳсули ҳиссиёти мо аст ва аз шууру рафтори мо ҳосил мешавад. Сохтани он ҳар рӯз бояд ба таври нав шавад бе рӯзи истироҳатӣ: барои он, ки одамон ҳама вақт дар тағйирот ҳастанд (тағйирёби синнусолӣ хроникӣ) тағйирёбии психологӣ (ивазшавии характеру хусусиятҳои психологӣ) дар бар мегирад[2, с.18]. Муҳаббат дар оила шахсро аз танҳоӣ раҳо намуда, имконияти пурра худкашфнамоирo фароҳам меоварад. Ба ақидаи равоншиносон барои барпо намудани оилаи солиму устувор ҷавонон бояд аз омодагии ахлоқӣ – маънавӣ бархурдор бошанд. Омодагии ахлоқӣ – маънавӣ дар худ як қатор талаботҳо, уҳдадориҳо меъёрҳои қабулшудаи ҷамъиятиро фаро мегирад.

Вобаста ба ин масъала равоншинос В.С. Торохтий чунин талаботҳоро пешниҳод менамояд.

- қабул намудани масъулият нисбати шарики ҳаётӣ ва фарзандони оянда;
- дарки ҳуқуқ ва эътибори аъзоёни оила ва риояи муносибатҳои баробар дар муносибатҳои байнишахсӣ;
- кӯшиш ба ҳамкории тарафайн;
- маҳорати мутобиқшави ба сифатҳои фардию шахсии рафиқи ҳаётӣ;

Агар ҷавонон ин принсипу талаботҳоро ба инобат гирифта, системаи муносибату рафтори худро нисбати оилаю оиладорӣ ва аъзоёни он ба танзим дароранд, ин боиси кам гаштани низоъҳои оилавӣ мегардад. Устуворшавии оила инчунин аз таъсири як қатор омилҳо вобаста аст. В.С Торохтий чунин мегӯяд :«Барои барпо намудани оила шахс бояд дар муносибат бо якдигар ба камолоти иҷтимоию психологӣ рафта расад».

Ба ақидаи Торохтий В.С маҷмӯи омилҳои тавсифдиҳандаи камолоти иҷтимоию маърифатии шахс шуда метавонанд:

- маҳорати қобилияти коммуникативӣ;
- маҳорати баланди худназоратнамонамоӣ;
- маҳорати таҳаммулпазирӣ нисбати камбудиҳо;
- маҳорати бартарафнамоии низоъҳо;
- маҳорати ҳимоя ва эътирофнамоии ҳуқуқҳои фарзанд;
- маҳорати бахшидан;
- маҳорати нармдилӣ дар низоъҳо[10, с.194].

Ғайр аз омодагии психологӣ инчунин дар барпонамоии оила омодагии таълимию – хонаводагии ҷавонон нақши муҳим мебозад. Мувофиқи он бояд ҳам зан ва ҳам мард бомақсадона нақшу ӯҳдадориҳои оилавии худро иҷро намояд. Дар замонҳои пеш маҳз мардон кори ҷисмонии вазнинро иҷро намуда, масъулияти таъминоти моддию барои хушбахтии оила бар душ доштанд. Ин давра бошад, моҳиятан нақшу ӯҳдадориҳои зану шавҳар тағйир ёфтаанд. Яке аз шартҳои асосии устувории оила аз он вобаста аст, ки бояд ҳам зан ва ҳам мард нақшу ӯҳдадориҳои оилавии худро, ки ҷамъият ба онҳо вобаста кардааст, дуруст иҷро намоянд. Мушоҳидаҳои имрӯза аз он далолат мекунанд, ки ҷавонон пеш аз барпонамоии ҳаёти оилавӣ донишҳои махсуси ҳуқуқӣ, психологӣ, тиббӣ ва иқтисодиро надоранд. Ин боиси он мегардад, ки онҳо дар иҷрои накшу ӯҳдадориҳои оилавии худ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Аксарияти ҷавондухтарони имрӯза маҳорати хӯрокпазӣ, ҷомашӯӣ, рӯбучини хонаро надоранд. Аз ин лиҳоз, дуруст ба роҳ мондани тарбияи хоҷагидорию хонаводагии ҷавонон низ бояд яке аз мақсадҳои асосии калонсолон бошад. Калонсолон ӯҳдадор ҳастанд, ки ҷавононро пеш аз барпонамоии оила омода созанд. Дар чунин ӯҳдадориҳо калонсолонро зарураст, ки аз ҳама ҷиҳат мувофиқатнамоӣ, алалхусус мувофиқати психологиро ба назар гиранд. Омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ дар худ тарбияи иҷтимоӣ -ахлоқӣ, психологӣ, педагогӣ ва ҷинсиро дар бар мегирад.

Тарбияи иҷтимоӣ - ахлоқӣ камолоти иҷтимоии шахсро (маълумоти миёнаи ҳатмӣ, маълумот, касб, дараҷаи шуури маънавӣ, синну сол) мустақилияти иқтисодӣ ва саломатиро ифода мекунанд. Яке аз шароитҳои асоситарини омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ шуури маънавии инкишофёфтаи ҷавонон ҳисоб

меёбад. Шуури маънавии инкишофёфта дар дарк намудани моҳияти иҷтимоии оила, интихоби шарик ҳаётӣ, ҳисси масъулият барои оила барпо намудан, дар эҳтироми баланд ба ҳамсари ояндаи худ, калонсолон ва дигар аъзоёни оила, тарзи муошират бо онҳо кӯмак мерасонад.

Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзаи ҷомеа омодагии ахлоқи -маънавии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби ҷуфти муофиқ ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёти солим ва рафти инкишофи худи инсонҳо вобаста аст. Оила ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоие, ки дар асоси никоҳ, ба вуҷуд омадааст ва аъзоёни он бо намояндагии олоти рӯзгор, ӯҳдадориҳои маънавию ҳуқуқӣ, ёрии ҳамдигар ва ҳиссиёти махсуси ишқ бо ҳамдигар ҳамбастаанд ва талабот ба ҳамдигар зоҳир мекунанд, маънидод кардан мумкин аст.

Риоя ва аз худ намудани он шарти зарури ба ҳисоб меравад.Чункӣ ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ҳеҷ вақт оид ба ин масъала бетараф нест. Барои омодаги гирифтан ва барпо намудани оилаи солим, интихоби ҷуфти мувофиқ ба инобат гирифтани характеру хусусиятҳои психологи асосшуда метавонад (ҳатман мувофиқ будани зану шавҳар, мувофиқ будани характеру хусусиятҳо). Иҷро нагардидани чунин ҳолатҳо ба вайроншавии оилаҳо оварда мерасонад ин аз он шаҳодат медиҳад , ки бештари онҳо бо сабаби ҳамаҷониба омода набудан ба ҳаёти оилавӣ аст.

Тақрибан ҳамаи синусол, (миёнсолӣ, баркамолӣ) аз ҷумла ҷавонон ҳаёти оилавии худро бо ду проблема алоқаманд менамоянд:

- кӣ ҳамсари беҳтарини ман шуда метаванад;
- оё муносибатҳои оилавии ман бо ин одам рост меояд ё не.

Аз ҳама бештар ин фикрҳо он одамонеро озор медиҳанд, ки на он қадар ҷавонанд, ё ин ки дар гузашта таҷрибаи ҳаёти оилавии бемуваффақиятро аз сар гузаронидаанд. Аз ин гуфтаҳо чунин бар меояд, ки ба назар гирифтани характеру хусусиятҳои психологӣ ва мувофиқатнамоӣ дар байни ҳамсарон дар ташкили оилаи солиму устувор зарур ва ҳатмист.

Ҳамин тариқ, омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва ташкили оилаи устувору солим на танҳо аз ҷиҳати мувофиқати психологӣ балки дар асоси таъсири ақидаҳои волидайн, ҳамсолон, омӯзгорон, воситаҳои ахбори умум ба вуҷуд омада дар ҷавон дарки хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ, инкишофёбии ҳиссиётҳои махсус, ташаккулёбии тасавурот, маҳорат ва маданияти хонаводагиро зиёд мегардонад.

## АДАБИЁТ


1. Алиев М.Т. Андешаҳои тарбиявии Имом Ғазолӣ. / М.Т. Алиев -Душанбе: Эҷод, 2008.
2. Ачгильдиева Е.Ф. Методические проблемы изучения стальности брака: / Е.Ф. Ачгильдиева // Автореф.ди.канд.экон.наук. - М.,1982. -18 с.
3. Волкова А.Н. На пароге семьи. / А.Н. Волкова, В.И. Штильбанс – СПб. 2003.
4. Гребенников И.В. Основы семейной жизни. / И.В. Гребенников -М., 1991.-С.112.
5. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. / М. Давлатов – Душанбе: Ирфон, 2014.
6. Интернет сайт. Allbest. ru /K.3 c 0 b 65635 b 3 ad 78 a 4 b 8/
7. Интернет сайт. Diplomba. ru/work.
8. Калмыков Е.С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни / Е.С. Калмыков // Вопроси психологии . 1983. №3.-С. 83.
9. Қодиров С. Психологияи иҷтимоӣ. / С. Қодиров, Давлатов М. - Душанбе: Сино, 2004.
10. Собчик Л.Н. Диагностика психологической совместимости. - СПб.: Речь, 2002. - 80 с.
11. Торохтии В.С. Психология социальной работы с семьей. / В.С. Торохтии -М., 1996. С.194.
12. Юнусова Н.М. Три подхода к исследованию психологической совместимости / Н.М. Юнусова //Вопроси психологии. №7 (45). - 2018. – С. 98.


## ХАРАКТЕРИСТИКА ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ СОВМЕСТИМОСТИ КАК ЭФФЕКТИВНЫЙ ФАКТОР ОРГАНИЗАЦИИ И РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ЖИЗНИ МОЛОДЫХ СЕМЬЕЙ


*Автор статьи рассматривает семью как стартовую основу общества и констатирует, что от нее во многом зависит человеческое развитие. Он объясняет, что семья - это социальный институт, который действует как регулятор жизни молодых людей. Семья, как и другие социальные институты, выполняет ряд уникальных функций.*

*Следует отметить, что в статье рождение и воспитание нового поколения, обеспечение человеческого счастья, взаимовыручка и взаимная моральная ответственность членов этой малой группы рассматриваются как важнейшие черты социальной психологии.*

*Другой вопрос, который автор рассматривает в своей статье, - это совместимость психологических характеристик при формировании молодых семей, поскольку одной из причин распада молодых семей сегодня является психологическая и социальная несовместимость.*

*Кроме того, автор статьи с научной точки зрения заявляет, что очень важна совместимость*

*психологических характеристик при формировании молодых семей. Ведь одна из причин распада семьи - психологическая и социальная несовместимость.*

*Более того, автор статьи научно обосновывает совместимость психологических характеристик и заявляет, что в семейной психологии под понятием психологической совместимости супругов понимается совместимость чувств, характеров и темпераментов, единства интересов, представлений, привычек и поведения. Психологическая совместимость супруга может существовать на основе духовного единства, эмоциональной и духовной связи между супругами.*

***Ключевые слова:*** *характеристика, совместимость, социальная, семья, поведение, формирование, роль, воспитание, попытка, видение, культура, супруг, качество, рефлексия, познание, жизнь, сознание.*

## CHARACTERISTIC OF PSYCHOLOGICAL COMPATIBILITY AS AN EFFECTIVE FACTOR OF ORGANIZATION AND DEVELOPMENT OF SOCIAL LIFE OF YOUNG FAMILIES

*The author of the article considers the family as a start basis of society and states that human development depends a lot on it. He explains that the family is a social institution that acts as a regulator of young people's lives. The family, like other social institutions, has a number of unique functions.*

*It should be noted that the article considers the birth and upbringing of a new generation, ensuring human happiness, mutual assistance and mutual moral responsibility among the members of this small group as the most important features of social psychology.*

*Another issue that the author addresses in his article is the compatibility of psychological characteristics in the formation of young families, as one of the reasons for the proliferation of young families today is the psychological and social incompatibility.*

*In addition, the author of the article scientifically expresses that the compatibility of psychological characteristics in shaping young families is very important. Since one of the reason of family breakdown is psychological and social incompatibility.*

*Moreover, the author of the article scientifically justifies compatibility of psychological characteristics and expresses that in family psychology, the concept of psychological compatibility of spouses refers to the compatibility of feelings, characters and temperaments, unity of interests, imaginations, habits and behaviors. Psychological compatibility of a spouse can be existed on the basis of spiritual unity, emotional and spiritual connection between spouses.*

***Keywords:*** *characteristic, compatibility, social, family, behavior, formation, role, upbringing, attempt, vision, culture, spouse, quality, reflection, cognition, life, consciousness.*

***Сведения об авторе:***

***Эмомназарова Мухабат*** *– старший преподаватель кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического уневристета имени Садриддина Айни, Адрес: проспект Рудаки 121, 734003 г. Душанбе тел: (+992) 938100261.*

***About the author:***

***Emomnazarova Mukhabat*** *– senior teacher of the general psychology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Address: 121 Rudaki avenue, 734003, Dushanbe city, Tel.: (+992) 93 8100261.*

## ИЛЛЮЗИЯИ БИНОӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***Ҷураева А.Д.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ашёю ҳодисоти олами воқеӣ дорои аломату хусусиятҳои гуногун мебошанд ва одам ин аломату хусусиятҳоро дар алоқамандии байниҳамдигарӣ эҳсос мекунад, зеро олам, олами ашёю ҳодисаҳо мебошад. Маҳз дар натиҷаи чунин якҷоякунӣ эҳсоси маҳдудшуда ба идроки яклухт табдил меёбад ва одам аз инъикоси аломату хосиятҳои алоҳида ба инъикоси образи яклухти ашёю ҳодисот мегузарад, ки ин ифодакунандаи идрок аст. Албатта, идрок низ чун дигар ҳодисаҳои психикӣ дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки моҳияти онро шарҳ медиҳад.Вобаста бо омилҳои гуногун баъзан дар одамон идроки хато ё вайроншудаи ашёю ходисоти олами воқеӣ ба вуҷуд меояд. Ин хусусияти идрокро *иллюзияи идрок* меноманд, ки дар ҳамаи намудҳои идрок дида мешавад [3.с,198]. Табиати иллюзия на танҳо бо сабабҳои субъективӣ, ба монанди мақсадгузорӣ, равия, муносибати эмотсионалӣ ва ғайра, балки бо омилҳои физиологӣ ва зуҳуротҳои муҳит (равшаннокӣ, ҷойгиршавӣ дар фазо ва ғайра) низ муайян карда мешавад.

Барои муайян намудани идрок дар хонандагон зарур аст, ки доир ба худи иллюзия ва синну соли онҳо маълумот дошта бошем. Пеш аз ҳама, вақте ки сухан доир ба иллюзияи биноӣ меравад, ҳаминро бояд қайд кард, ки иллюзияи биноӣ баъзан вақт дар шароити махсуси мушоҳидавӣ пайдо мегардад. Масалан: Мушоҳида бо як чашм, мушоҳида ба ҳаракати чашм, мушоҳида аз роғ (шикоф) ва ғайра. Ин гуна иллюзияҳо дар сурати набудани шароитҳои ғайриоддии мушоҳидавӣ нобуд мешаванд. Дуюм ин ки пахшкунандаи иллюзияҳои зиёди биноӣ аз (нигоҳ) чашм ҳақиқати оптикӣ ба вуҷуд намеоянд, балки аз мулоҳизаи хатои дидашуда пайдо мегарданд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт ,ки фиреб (хато) дар ин ҷо дар натиҷаи фаҳмиши дарки нақши биноӣ ба вуҷуд меояд. Ин гуна иллюзияҳо дар рафти тағир додани шароити мушоҳидавӣ нопадид мегарданд. Барои аз ҳамдигар фарқ кардани идроки дурус ва нодуруст, имконияти асосиро таҷриба ва фаолияти инсон медиҳад. Дар айни замон бошад иллюзияҳо ҳамчун ҳодисаҳои кам дучоршаванда шарҳ дода мешаванд.

Идроки биноӣ ҳама намуд ва шаклҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабиро бо олами беруна дарбар мегирад. Барои ҳамин идроки биноӣ қисми ҷудонашавандаи дилхоҳ фаъолияти хонандагони синни хурди мактабиро ташкил медиҳад, инчунин вай ба дилхоҳ шаклҳои кори таълимӣ - тарбиявӣ бо хонандагони синни хурди мактабӣ дохил мешавад. Албатта дар ҳар тарафҳои тарбияи умумӣ тарбияи биноӣ бояд дуруст ташкил карда шавад, бояд хусусиятҳо ва вазифаҳояшро аниқ ба инобат гирем. Масалан, дар соҳаи тарбияи эстетикӣ шаклгирии идроки биноиро аҳамияти хеле калонро дорад, зеро фаъолияти ихтироъкории хонандагони синни хурди мактабӣ, бо азхудкунии хусусиятҳо ва шаклҳо дар сохтан ва тасвири расмҳо аст [2, с.39].

Аз замонҳои пешин то ба имрӯз дар педагогика идроки биноӣ ҳамчун раванди махсус ва вазифаи алоҳидаи дидактика ҷудо карда шудааст. Дар баробари ин дар фаъолияти сермаҳсул ба монанди бозӣ, сурудхонӣ, расмкашӣ, нутқ, конструктсиясозӣ ва ғ, равандҳои биноӣ на он қадар ташаккул меёбад, чунки аз ҷониби омӯзгорон шакли вазифагузорӣ хато пешниҳод мегардад.

Ин маънои онро надорад, ки идроки биноӣ аз системаи умумии тарбия ҷудо мебошад, балки вай дар сурати ба ҳалли масъалаҳои сенсорӣ тарбиявӣ равона шуданаш, метавонад ҳамчун раванди махсус ташкилшуда амал кунад. Ташкил кардани идроки биноӣ дар дохили фаъолияти мазмунӣ дар хонандагони синни хурди мактабӣ фаъолияти ҷамъбастиро дорад.

Иллюзия ин нодуруст дарк кардани ҳақиқати обективӣ мебошад ва барои хонандагони синни хурди мактабӣ бошад нақши калидиро мебозад.Тадқиқи ин хусусияти идрок натанҳо дар раванди таълим, балки дар марҳилаҳои дигари синнусоли низ мавқеи махсусро соҳиб аст.

Дар расмхо иллюзияҳое тасвивр карда мешаванд, ки дорои вайроншави хатҳои рости параллелӣ ва шаклашон нодуруст менамудаги ба назар мерасанд. То ҳол сабабҳои иллюзияи биноӣо пурра аниқ карда нашуда бошанд ҳам, баъзе хусусиятҳои идрок ба монанди иллюзия ба назар мерасанд. Ин имконият медиҳад, ки таҷриба ва фаолияти ҳар як шахс барои аз ҳамдигар фарқ кардани идроки дуруст ва нодуруст боис гардад.Айни замон бошад иллюзияҳо ҳодисаҳои кам дучоршавандаанд ва худи идрок бошад иникоси дурусти ҳақиқати ихотакарда аст.

Дар соли аввали таҳсил дар хонандагони синни хурди мактабӣ,хусусан синфҳои якум ҳодисаҳои нодуруст идрок ва тасвир намудан мушоҳида карда мешавад.

Масалан: Баъзе хонандагони синфи якум навишти ҳарфи «Е» ва рақами «З»-ро фарқ карда наметавонанд. Дар натиҷаи фарқ кардани рақамҳо ё ҳарфҳо дар ҳалли мисолу калимаҳо ё ҷумлабандии он хато мекунанд. Баъзан вақт ҳангоми хондани калимаҳои кутоҳ саросема шуда онро чапа мехонанд. Ба ҷои «из» «зи» мехонанд ва ба ҷои «на» «ан» ва ғайра мехонанд, ки дар натиҷа мазмуни матн вайрон мегардад. Ин ҳама дар протсеси идрок дар нокифояги аз ҳамдигар ва фарқ карда натавонистан аст [4].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар раванди идрок низ фарқиятҳои инфиродӣ вуҷуд доранд. Фарқиятҳои инфиродӣ дар идрок хеле зиёданд. Фарқияти инфиродии идрок ва рушди он аз хусусиятҳои шахс низ вобастагӣ дорад. Системаи донишҳо, шавқу ҳавас, мақсадгузорӣ, муносибати эмотсионалӣ бо ашёю ҳодисоти идрокшаванда ба раванди идрок таъсир мерасонанд. Аммо вобаста ба фарқият ва умумиятҳо дар хусусият ва намудҳои идрок метавон намудхои муайяни ин фарқиятҳоро ошкор кард, ки на ба як фарди мушаххас, балки ба гурӯҳи одамон низ таалluқ доранд. Ба шумораи онҳо пеш аз ҳама фарқияти байни идроки кулл ва ҷузъ ё *таркибӣ* ва *таҳлилиро* бояд дохил кард. Типи кулл ё таркибии идрок бо он тавсиф дода мешавад, ки дар шахсони ба он тамоюлдошта таассуроти умумӣ доир ба ашё, мазмуни умумии идрок, хусусиятҳои ашёи идрокшаванда равшантар зоҳир мешаванд. Одамони ба ин намуд мутааллиқбуда ба ҷузъиёт ва пайдарпайиҳо камтар аҳамият медиҳанд. Аз ин лиҳоз бисёр ҷузъиёти ашёю ҳодисаҳо дарк нашуда мемонанд. Онҳо аз мазмуни ҷузъиёт ва қисмҳои алоҳида дида, бештар ба маънои куллии ашёю ҳодиса диққат медиҳанд. Барои дарки аниқи ҷузъиёт ба ин намуди одамон лозим меояд то дар назди худ вазифаҳои махсусро гузоранд, ки расидан ба ин мақсад барояшон душвор аст.

Яке аз хусусиятҳои дигари идрок, ки характери инфиродӣ дорад, бо онро хусусияти *тасвирӣ* ва *шарҳдиҳанда шарҳ дода мешавад.* Одамони ба намуди тасвирӣ дохилшаванда одатан бо чизи дида ва

шунидаашон маҳдуд мешаванд ва барои ошкор кардани моҳияти чизи идрокшуда кушиш намекунанд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи ашё ё ҳодисаи даркшаванда аз доираи диққати ин одамон дур мемонад. Одамони ба намуди шарҳдиҳанда дохилшуда бошанд, баръакс, танҳо бо чизи дида ва шунидаашон қаноатманд нашуда, доимо кӯшиш менамоянд, ки чизҳои дидаю шунидаашонро шарҳ диҳанд. Ин намуди одамон бештар бо намуди таркибии идрок мувофиқат мекунанд [ 3.с, 201].

Дар доираи таснифоти намудҳои инфиродии идрок идроки *объективӣ* ва *субъективиро* низ ҷудо мекунанд. Ба намуди объективӣ мувофиқати қатъӣ бо ҳодисоти дар воқеъ рӯйдиҳанда хос аст. Одамони ба намуди субъективӣ тааллуқдошта бошанд, аз доираи ҳодисоти воқеӣ баромада, бисёр чизҳоро аз худ илова мекунанд. Идроки онҳо ба муносибати субъективиашон бо чизи даркшаванда тобеъ аст. Ин одамон дар бораи ягон ҳодиса накл карда, на воқеаи аслӣ, балки таассуроти субъективии худро арз менамоянд. Онҳо бештар дар бораи ҳиссиёти азсаргузаронидаашон ҳангоми рӯй додани ҳодиса сухан меронанд.

Дар байни фарқиятҳои инфиродии идрок тафовут дар мушоҳидакорӣ аҳамият ва мавқеи махсусро касб намудааст. *Мушохудакорӣ* - ин маҳорати дар ашё ва ҳодисот дарёфт кардани чизҳое мебошад, ки кам дида мешаванд ва худ аз худ ба чашм намеафтанд. Мушоҳидакорӣ на дар ҳамаи одамон ва на дар ҳамон як дараҷа дида мешавад. Фарқият дар мушоҳидакорӣ пеш аз ҳама аз хусусиятҳои фардии шахс вобастагӣ дорад.

Дар доираи муҳокимаи масъалаи мушоҳидакорӣ бояд ёдовар шуд, ки идрокро аз рӯи дараҷаи мақсаднокӣ низ ба намудҳо ҷудо мекунанд. Чӣ хеле дар боло қайд кардем, идроки мақсаднок (ихтиёрӣ) ва бемақсадро (беихтиерӣ) фарқ мекунанд. Идроки бемақсад асосан аз шароитҳои муҳити беруна вобастагӣ дорад. Дар идроки мақсаднок бошад, мақсади дарк намудани ашё ё ҳодиса дар аввал гузошта мешавад. Идроки мақсаднок метавонад қисми таркибии ягон фаъолият бошад ва дар рафти иҷрои ин фаъолият амалӣ карда мешавад. Баъзан идрок метавонад, ҳамчун фаъолияти мутлақо мустақил баромад кунад. Идрок ҳамчун фаъолияти мустақил дар мушоҳида равшан зоҳир мешавад, ки дар идроки мақсаднок, банақшагирифташуда ва то андозае давомдор таҷассум меёбад ва мақсади он назорат кардани ҷараёни ягон ҳодиса ё тағйирот аст. Аз ин лиҳоз, мушоҳида - ин шакли фаъоли маърифати ҳиссии воқеият аз тарафи одам аст ва мушоҳидакорӣ бошад, ҳамчун тавсифи идроки фаъол баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар рафти мушоҳида нақши фаъолнокӣ хеле калон аст. Он ҳам дар фаъолияти фикрӣ, ки мушоҳидаро роҳбаладӣ мекунад ва ҳам дар фаъолияти ҳаракатӣ зоҳир мешавад. Барои самаранокии мушоҳида банақшагирӣ ва системанокии он аҳамияти калон дорад. Мушоҳидаи психологи ба омӯзиши васеъ ва хаматарафаи ашё равона шуда, доимо аз рӯи нақшаи аниқ, системаи муайян, бо муоинаи ҷузъиёти ашё бо пайиҳамии он равона карда шудааст.

Мавриди қайд аст, ки мушоҳидакорӣ ҳамчун идрок хусусияти модарзодиро надорад. Тифли навзод дорой қобилияти дарк кардани олами иҳотакардаро дар шакли тасвири якулухти ашёҳо надорад. Қобилияти дарк намудани ашёҳо дар кӯдак минбаъд, каме дертар пайдо мешавад. Бешубҳа, дар кӯдак ба вуҷуд омадани раванди манипулятсияро бо ашёҳо, ки ба давраи тифлӣ рост меояд, пайдоиши идрок шуморидан мумкин аст. Дар панҷ - шашмоҳагӣ дар кӯдак зиёдшавии ҷудокунии ҷузъиёт дар ашёҳо ба чашм мерасад. Ин зуҳурот на анҷом, балки оғози рушди раванди идрок дар кӯдак аст. Ҳангоми гузариш аз синни томактабӣ ба синни мактаби дар зери таъсири фаъолияти бозӣ намудҳои мураккаби тахлил ва таркиби биноӣ шакл мегиранд. Маҳз амали фикрии таҳлил, яъне фикран ба қисмҳои алоҳида ҷудо намудани ашёҳо дар доираи биной ва таркиб намудани онҳо ва дар ҳамин асос дарк кардани моҳияти ашё ба ин давраи ҳаёт рост меояд [ 2.с,33-38].

Идрок дар давраи мактабӣ рушд меёбад ва якчанд марҳиларо дар бар мегирад. Марҳиллаи якум бо шаклгирии образи мувофиқи ашё дар раванди манипулятсия бо ин ашё алокаманд аст. Кӯдакон дар марҳиллаи навбатӣ бо хусусиятҳои фазогии ашёҳо бо ёрии ҳаракати чашм ва дастон шинос мешавад. Кӯдакон дар марҳиллаҳои минбаъда қобилияти тез ва бидуни ҳама гуна ҳаракатҳои беруна фаҳмидани хусусиятҳои муайяни ашёҳои идрокшаванда ва дар асоси ин хусусиятҳо аз якдигар фарқ кардани онҳоро аз худ мекунанд. Дар ин марҳиллаҳо аллакай иштироки фаъолияти ҳаракатӣ дар раванди идрок кам мешавад. Мавриди қайд аст, ки дар рушди идрок намудҳои гуногуни фаъолият, аз қабили фаъолияти бозӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ нақши калон доранд. Агар дар давраи кӯдакӣ ба инкишофи идрок фаъолияти бозй мусоидат кунад, пас идрок дар давраи калонсолӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ инкишоф меёбад. Фарқияти асосии идроки воқеият дар давраи кӯдакӣ аз давраи калонсолӣ дар он аст, ки дар давраи кӯдакӣ ҳангоми идроки ашёю ҳодисаҳо кӯдакон бештар ба хатогиҳо роҳ медиҳанд ва дар давраи калонсолй бошад, ин хатогиҳо камтаранд. Муҳимтарин сабаби кам шудани хатогиҳоро дар протсесси идрок дар давраи калонсолӣ мунтазам ҷамъшавии таҷрибаи ҳаётӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Мавриди қайд аст, ки дар синни калони мактабӣ идроки бачаҳо аз идроки калонсолон кариб фарк, намекунад.

Барои осонтар фаҳмонидани ин масъала якчанд мисол меоварем. Мо ҳангоми дар бозор интихоб намудани ягон либос дигар либосҳоро низ идрок мекунем, аммо ба сифати предмети идрок он либосе

баромад мекунад, ки барои мо дар лаҳзаи додашуда зарур аст. Дигар либосҳо дар ин ҳолат заминаи идрок мебошанд. Ин ҳолат дар дигар намудҳои идрок низ мушоҳида мешавад. Масалан, ҳангоми дар ҷойи серодам бо ягон нафар гуфтугӯ кардан, мо дар баробари суханони ҳамсӯҳбат овози дигар одамонро низ мешунавем. Аммо суханони ҳамсӯҳбатро ҳамчун предмети идрок хубтар дарк мекунем, овози дигар одамон бошад, норавшантар идрок мегардад, зеро вазифаи заминаи идрокро иҷро мекунанд[5].

Заминаи идрокро аввалин маротиба психологи даниягӣ Э. Рубин мавриди омӯзиш қарор додааст. Мавриди қайд аст, ки муносибати байни предмет ва замина дар идрок хусусияти динамики дорад.Чӣ қадаре, ки предмет ва замина аз якдигар фарқ дошта бошанд, ҷудо кардани онҳо ҳамон қадар осон мешавад. Рафти ҷудо кардани предметро аз замина омилҳои зерин осон мегардонанд:

- ✓ донистани он, ки чиро ёфтан зарур аст, махсусан агар он образи мушаххаси ашё бошад;
- ✓ имконияти аз ҳар тараф назар кардан ба ашё ё дар даст гириф-тани он, яъне манипулятсия бо ашё[11,с.283 ].

Ҳангоми идрок намудани ашё на ҳамаи қисмҳои он идрок карда мешаванд, аммо новобаста аз ин мо ашёро шинохта мегирем. Масалан, дар расми 13, ки дар он ашёҳо ба таври схематики тасвир ёфтаанд, мо ашёҳои тасвирёфтаро шинохта мегирем. Ин ҳодиса барои он рӯй медиҳад, ки ҳар як ашё дорои хусусияти махсуси танҳо ба худи он тааллуқдошта мебошад. Мавҷуд набудани маҳз ҳамин хусусият ё аз мадди назар дур мондани он барои шинохтани ашё халал мерасонад. Ин ҳолат на танҳо ба расмҳо, балки ба дигар зуҳурот низ хос аст. Мисол, як калимаеро меоварем, ки дар он ҳарфҳои алоҳида партофта шудаанд: «.а..ни.т». Дарҳол шинохтани ин калима хеле душвор аст, зеро дар он ҳарфҳое партофта шудаанд, ки хусусияти асосӣ доранд. Акнун ин калимаро дар шакле моварем, ки дар он ҳарфҳои хусусияти асосидошта мавҷуд буда, дигар ҳарфҳо партофта шудаанд: «ма..н.ят». Албатта, шакли дурусти ин калимаро акнун ҳосил карда осонтар аст.



**Расми 13.** *Нақши қисм дар идроки бутун*

Мо таъсири қисмҳои алоҳидаро ба идроки яклухт дида баромадем. Акнун дида мебароем, ки худи образи яклухт ба идроки ҷузъиёт ё қисмҳои алоҳида чӣ хел таъсир мерасонад. Ин таъсирот дар он ифода меёбад, ки мо образи яклухтро идрок карда, дар он мавҷуд набудани баъзе қисмҳои алоҳидаро дарк намекунем, ё баръакс, баъзе қисмҳое дарк карда мешаванд, ки ба ашёи мазкур тааллуқ надоранд. Дар ин ҳолат баъзан ҷузъиёти вайроншудаи ашё низ дарк карда намешавад. Масалан, мо ҳангоми хондани ягон матн баъзан чунин хатогиҳои ҷузъиро, ба монанди мавҷуд набудани як ҳарф, иваз шудани ҷойи ду ҳарф, ё ягон ҳарфи зиёдатӣ дарк намекунем. Ин ҳодиса бо он шарҳ дода мешавад, ки ҳангоми мавҷуд будани малакаи баланди хондан калима дар шакли яклухт идрок карда мешавад ва ин ба идроки ҷузъиёти онтаъсир расонида, идроки онҳоро камаҳамияттар мегардонад.

Сабабҳои иллюзия гуногунанд онҳо аз таъсиррасонии анализаторҳо вобастагӣ доранд. Хусусиятҳои идрокро иникос мекунанд, ба таҷрибаи гузаштаи одам алоқаманданд. Мо медонем,ки як чанд гуруҳи иллюзияҳо мавҷуданд.Сабабҳои ба вуҷуд омадани иллюзия идроки хато мебошад. Агар қисми идрокшаванда дар байни ҷисмҳои ҳамноми аз худ калон ва аз худ хурд дар як лаҳзаи вақт идрок карда шавад,онгоҳ хатои идрок руй медиҳад,ки онро мо дар иллюзияи татқиқ кардаи яквақтаи биноии масофа, ки ба номи иллюзияи Узнадзе машҳур аст мушоҳида карда метавонем.Сабаби ба вуҷуд омадани иллюзия нисбати ҷойгиршавии хатҳои рости паралел мебошад, яъне ҷуфти нуктаҳои идрокшаванда дар байни хатҳои рости паралел ҳар як хел ҷойгир шуда, гуногун мешаванд. Ҷуфти нуқтаҳои дар байни хатҳо ва ҷуфти нуқтаҳои дар байни нуқтаҳо паралел аз ҳамдигар дур ҷойгир назар ба ҷуфти нуктаи дар байни хатҳои паралели ба ҳам наздик ҷойгир шуда хурдтар мешавад. Дар хулосаи

худ чунин гуфтаниям, ки иллюзия на танҳо дар як инсон балки дар тамоми рӯи замин дида мешавад ва метавон гуфт, ки идроки нодуруст ва хато иллюзия номида мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Артамонов И.Д. Иллюзии зрения [Текст] И.Д. Артамонов . М., 1961
2. Григорьева, Л.П. Пластичность зрительной системы и обучение, Н.Н. Зислина, В.А. Толстова // Физиология человека[Текст] Л.П. Григорьева – 2002. – Т. 22. – № 1. – С. 33 – 38.
3. Давлатов М. Психология, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ /Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. М.- Душанбе, 2010, Собириён. 333 с.
4. Демидов В. Как мы видим то, что видим. [Текст] В. Демидов. Изд. «Знание», М.,1987
5. Жукова, Е. А. Острота зрения, зрительное восприятие и факторы, влияющие на них у младших школьников [Текст] Е.А. Жукова. Диссертация – М.: Киров. 2006 – 189 с.
6. Метиева, Л. А., Удалова Э. Я. Развитие сенсорной сферы младших школьников[Электронный ресурс] URL:http://www.prosv.ru/ebooks/
7. Монтессори, М. «Помоги мне это сделать самому»// Составители М. В.
8. Немов, Р.С. Психология. Учеб. для студентов высш. пед. учеб. заведений. [Текст] Р.С.Немов / В 3 кн. Кн.1. Общие основы психологии. – 2-е изд. – М.: Просвещение: ВЛАДОС, 2002. – с.181-190
9. Пиаже, Ж. Речь и мышление младшего школьника [Текст] Ж. Пиаже. – М.: Владос, 2004. – 197 с.
10. Рок И. Введение в зрительное восприятие: Книга 1.. Перевод с англ./Под редакциией Б.М.Величковского,В.П.Зинченко[ Текст] И.Рок М., « Педагогика»,1980
11. Рубин Э.Несуществование внимание[Текст] Э.Рубин.-М., // Психология внимания/ред.Ю.Б.Гипенрейтер,В.Я.Романов.-Издание 2-е,переработанное и дополненное.-Москва: Астрель,2008 –С.329


## ЗРИТЕЛЬНАЯ ИЛЛЮЗИЯ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЛАДШЫХ ШКОЛЬНИКОВ


*В данной статье рассматривается проблема иллюзии и ее влияние на образовательной деятельности младших школьников. На основе исследований современных ученых автор попытался проанализировать концепцию зрительной иллюзии и ее влияние на возрастные характеристики младшего школьного возраста, а также объяснить различные типы воздействия иллюзий на процесс обучения у школьников младшего возраста. Он также попытался в какой то мере определить природу иллюзии по субъективным причинам и проявлениям среды школьников, на основании своего исследования разделил индивидуальные характеристики иллюзии на субъективные и объективные типы. По мнению автора, на человека влияют не только субъективные причины, но и физиологические факторы, явления окружающей среды. Он также считает, что для выявления иллюзий у школьников необходимо учитывать их возраст, по его мнению, наблюдение также является важным инструментом для определения иллюзий. Потому что сама иллюзия - это восприятие ошибки, и младшие школьники, особенно в 1 и 2 классах, с большей вероятностью будут подвержены этой иллюзии. Также автор большое внимание уделяет иллюзии зрения в ходе своего исследования и делает ее целью своего исследования. В своей статье он описал, как младшие школьники выражают иллюзии через картинки и недопонимание. Объясняет ряд факторов, таких как образ восприятия, манипулирование объектами и основы восприятия у младших школьников.*

*Таким образом, по мнению автора, учителям было бы хорошо учитывать процесс восприятия ученика и его иллюзии в учебном процессе, особенно по математике и родному языку.*



***Ключевые слова:*** *иллюзия, восприятие, школьники, зрительная иллюзия, влияние, субъективные причины, объективные причины, наблюдение, влияющие факторы, типы иллюзии.*


## VISUAL ILLUSION AND ITS IMPACT ON THE ACTIVITIES OF YOUNG SCHOOLCHILDREN


*This article examines the problem of illusion and its impact on the educational activities of younger schoolchildren. Based on the research of modern scientists, the author tried to analyze the concept of visual illusion and its impact on the age characteristics of primary school age, as well as explain the various types of effects of illusions on the learning process in young schoolchildren. He also tried to determine to some extent the nature of the illusion for subjective reasons and manifestations of the environment of schoolchildren, based on his research, he divided the individual characteristics of the illusion into subjective and objective types. According to the author, not only subjective causes affect a person, but also physiological factors, environmental phenomena. He also believes that in order to identify illusions among schoolchildren, it is necessary to take into account their age, in his opinion, observation is also an important tool for determining illusions. Because the illusion itself is a perception of error, and younger students, especially in grades 1 and 2, are more likely to be exposed to this illusion. The author also pays great attention to the illusion of vision during his research and makes it the goal of his research. In his article, he described how younger students*

*express illusions through pictures and misunderstandings. Explains a number of factors, such as the image of perception, manipulation of objects and the basics of perception in younger schoolchildren.*

*Thus, according to the author, it would be good for teachers to take into account the process of perception of the student and his illusions in the educational process, especially in mathematics and the mother tongue.*

***Keywords**: illusion, perception, schoolchildren, visual illusion, influence, subjective causes, objective causes, observation, influencing factors, types of illusion.*

***Сведение об авторе:***

***Джураева Азиза Давроновна** - докторант (PhD) кафедры психологии факультета философии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17).. Juraevaaziza95@gmail.com, тел: (+992) 917678508*

***About the author:***

***Jurayeva Aziza Davronovna** - the doctoral candidate of PhD of department of psychology of faculty of philosophy of the Tajik national university (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Juraevaaziza95@gmail.com, тел: (+992) 917678508*

## К ВОПРОСУ ОБ ОПРЕДЕЛЕНИИ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ/НЕЗДОРОВЬЯ ПЕДАГОГА: ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ И КРИТЕРИИ

***Курбонов Н.Х.***

*Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни*

Существует связь между трудоспособностью и здоровьем работника, обусловленная несколькими факторами, такими как социально-демографические факторы, образ жизни, рабочая нагрузка и само биологическое старение педагога в процессе его работы. Функциональные способности учителей могут быть связаны с психосоциальными проблемами, стрессом и повреждениями опорно-двигательного аппарата. Хотя каждая профессия может иметь свои специфические факторы риска, связанные со здоровьем или стрессом на рабочем месте, эти факторы можно разделить на две общие аспекты: требования к рабочим местам и ресурсы рабочих мест.

Требования к работе - это такие физические, психологические, социальные или организационные аспекты работы, которые требуют физических и/или психологических усилий и, следовательно, связаны с физиологическими и/или психологическими затратами. Ресурсы работы - это такие физические, психологические, социальные или организационные аспекты работы, которые функционально имеют отношение к достижению целей работы, снижению требований к работе и связанными с ней физиологическими и психологическими затратами, а также стимулированию личного роста и развития. В документе ВОЗ пишется, что здоровье – это не только отсутствие всяких болезней, а также «состояние полного физического, психологического и социального благополучия, а не только отсутствие болезней». Далее с обсуждением вопроса о здоровом рабочем месте, в данном документе отмечено: «Здоровое место работы – это место, где работники и менеджеры постоянно сотрудничают в совершенствовании охраны и укрепления здоровья, безопасности и благополучия всех работающих, способствуют совершенствованию рабочего места в процессе решения основных проблем…, в физической производственной среде…, в психосоциальной производственной среде…, на рабочем месте» [2, с.120].

Требования к работе и образовательным рабочим ресурсам определяются двумя различными процессами: с одной стороны, это энергичный процесс, когда механизм высокого уровня, регулирующий поведение при выполнении задач, возникающих в результате предшествующих умственных и/или физических усилий, становится настолько обременительным, что человек не в состоянии адекватно удовлетворить требования, предъявляемые к работе; или человек способен удовлетворить эти требования только за счет увеличения умственных усилий и умственного сопротивления. Эта дефиниция, главным образом, подразумевает, что усталость сама по себе является не отрицательным следствием, а скорее физиологической адаптацией или механизмом безопасности человека, сталкивающегося с риском чрезмерного напряжения или истощения. Трудозатраты на работу связаны с физиологическими и психологическими издержками, являются обратимыми: после перерыва психобиологическая система вернется к базовому уровню (выздоровлению). Неоднократное недостаточное выздоровление от связанной с работой усталости приводит к возникновению неблагоприятного порочного круга, в котором в начале каждого нового рабочего периода необходимо прилагать дополнительные усилия, чтобы восстановить равновесие в неоптимальном психофизиологическом состоянии и предотвратить срыв работоспособности. Поэтому, нарушение работоспособности и эмоционального развития педагога, обусловленного как биологическими, так и социальными факторами, должно быть регулироваться. Для этого, на взгляд М.А. Мокаевой, педагогу нужно создавать такие условия, в которых он размышлял бы над своем психологическом здоровье и проявлять желание его улучшить. Далее автор пишет: «А всем педагогам… следует помнить, что

важное значение в сохранении и развитии психологического здоровья имеют такие психоаналитические качества, как самоконтроль, самооценка, а также стрессоустойчивые качества, физическая тренированность, самовнушаемость, компетентность, профессионализм, умение переключаться и управлять своими эмоциями, самообладание как показатель социальной и эмоциональной зрелости личности, которые и требуется формировать и развивать в себе» [6, с.40].

Обобщая всего этого, можно предположить, что в ситуации преподавания-обучения на успеваемость учащихся, скорее всего, будут влиять несколько факторов. Среди этих факторов можно выделить те, которые относятся к школьникам (индивидуальные факторы), те, которые относятся к преподавателям (педагогические факторы), те, которые относятся к учебному заведению (институциональные факторы), те, которые относятся к социальному происхождению проблемы здоровья (социальные факторы), те, которые относятся к политике (политические факторы) и др.

Что касается индивидуального фактора психологической и интеллектуальной подготовки педагога, то необходимо констатировать факт, что действительно, учитывая сложность профессии, учителю трудно быть самим собой. Учитель как личность задает профессиональный проект, движется в направлении интеграционной динамики и, таким образом, соглашается поставить под сомнение свою практику, выражая свою мотивацию с точки зрения потребностей, а не недостатков. Его личность связана с индивидуальными различиями и определяет то, как человек будет действовать, думать и чувствовать. Будучи относительно стабильной и устойчивой организацией характера, темперамента, тела и интеллекта человека, личность является главным определяющим фактором адаптации человека к окружающей среде. Хотя личность является одним из наиболее всеобъемлющих понятий, исследователи и психологи пришли к консенсусу по основным параметрам личности и разработали хорошо принятую структуру личности: ее можно охарактеризовать иерархической системой, которая предполагает наличие пяти основных и универсальных факторов личности, также известных как «Большая пятерка» («the Big Five»). Эти факторы, обобщенные в аббревиатуре OCEAN, включают – открытость новому опыту (**O**penness to experience), сознательность, надёжность, саморегуляция (**C**onscientiousness), экстраверсию, вовлеченность во внешний мир (**E**xtraversion), доброжелательность (**A**greeableness) и невротизм, негативная эмоциональность (**N**euroticism) [13, с.56-64]. Из числа этих исследователей, О.П. Джон и С. Шривастава утверждали, что «таксономия Большой пятерки не заменила все предыдущие системы о личностном факторе», напротив, она может отражать различные системы описания личности в общих рамках, поэтому она играет интегративную роль [14, с.107].

Не вдаваясь в подробном анализе этого вопроса, позволим себе обзорно рассмотреть «Большую пятерку» или пятифакторную модель личности в анализе, произведенном белорусскими психологами Я.Ю Воронковой, О.М. Радюком и И.В. Басинской. Прежде всего, они отмечают, что каждые главные вышеуказанные факторы включают в себя факторы низшего порядка – субфакторы, или грани, как более конкретные черты. Характеризируя эти модели, эти авторы пишут, что фактор открытости новому опыту «показывает, насколько человек заинтересован в расширении собственных горизонтов, узнавании нового, знакомстве с новыми людьми, посещении новых мест»; фактор сознательности или саморегуляции «показывает, насколько добросовестно человек выполняет свои обязанности, его целеустремленность, организованность, мотивированность»; фактор экстраверсия или вовлеченности во внешний мир «показывает, любит ли человек быть среди людей, насколько он полон энергией и энтузиазмом, положительными эмоциями»; фактор доброжелательности или привязанности «показывает, насколько гармонично человек существует в социуме, противопоставляет просоциальную и коллективную ориентацию эгоцентризму»; фактор негативной эмоциональности или нейротизм «измеряет, насколько человек эмоционально стабилен или нестабилен» [1, с.40-43].

Каждый фактор из «Большой пятёрки» представляет собой широкий набор взаимосвязанных поведенческих характеристик. Например, экстраверсия представляет индивидуальные различия в социальной вовлеченности, самоуверенности в себе и уровне активности. Высоко экстравертные индивидуумы получают удовольствие от общения с другими людьми, комфортно выражают себя в групповых ситуациях и часто испытывают положительные эмоции, такие как энтузиазм и возбуждение; напротив, интровертные индивидуумы склонны к социальной и эмоциональной сдержанности. Доброжелательные люди испытывают эмоциональную заботу о благополучии других людей, относятся к другим людям с уважением к их личным правам и интересам, и в целом позитивно относятся к другим людям; недоброжелательные люди, как правило, менее уважительно относятся к другим людям и к социальным нормам вежливости. Фактор сознательности представляет собой различия в организации, производительности и ответственности. Высоко сознательные люди предпочитают порядок и структуру, упорно трудятся для достижения своих целей и привержены выполнению своих обязанностей и обязательств, в то время как неосознанные люди комфортно себя чувствуют в беспорядках и менее мотивированы к выполнению задач. Нейротизм (на который иногда ссылаются как на социально-желательный полюс - эмоциональная стабильность) улавливает различия

в частоте и интенсивности негативных эмоций. Человек с высоким уровнем невроза склонен испытывать беспокойство, печаль и перепады настроения, тогда как эмоционально стабильные люди склонны сохранять спокойствие и устойчивость даже в трудных обстоятельствах. Наконец, открытость к опыту (иногда называемая интеллектом) представляет собой различия в интеллектуальном любопытстве, эстетической чувствительности и воображении. Более открытые люди наслаждаются мышлением и обучением, чувствительны к искусству и красоте, генерируют оригинальные идеи, в то время как близкие люди, как правило, имеют узкий круг интеллектуальных и творческих интересов. Кроме того, добросовестные люди, как правило, живут дольше, что отражает их склонность к здоровому поведению (например, к занятиям спортом, поддержанию здорового питания) и избеганию рискованного поведения (например, курение, злоупотребление алкоголем и наркотиками, преступное поведение). Они также чаще придерживаются консервативных политических взглядов и религиозных убеждений.

Масалан, вақте талабае қаламашро фаромӯш карда бошад, ӯ ба ҳамсинфонаш муроҷиат намекунад, ки ба ӯ қалам диҳанд, балки одатан хомӯш мешинад ва баъзан бо умеди он, ки шояд омузгор ҳоли ногувори ӯро мебинад, гиря мекунад. Омузгор аз вазъият бохабар шуда, аз талабаҳои синф мепурсад, ки оё ягон нафар қалами зиёдатӣ дорад. Талабае, ки қалами зиёдатӣ дорад, онро на ба ҳамсинфаш, балки ба омузгор медиҳад ва омузгор қаламро ба талабаи беқалам медиҳад. Аз ин мисол бармеояд, ки дар рӯзҳои аввал ҳар як талаба дар синф «худ ба худ» аст. Мавқеи талабаеро, ки шояд худаш онро дарк намекунад, чунин ифода кардан мумкин аст: «Ман ва омузгори ман». Оҳиста-оҳиста омузгор ба талабаҳо меомӯзонад, ки ба ҳамдигар ёрӣ расонанд ва бо якдигар алоқаи бевосита дошта бошанд, яъне омузгор аллакай ашёи ба талаба даркориро намегирад, балки таклиф мекунад, ки ёрирасони ҳамдигар бошанд. Тадриҷан талабаҳо бештар дарк мекунанд, ки онҳо на талабаҳои оддӣ, балки хонандагони синфи якум ва шогирдонанд. Акнун мавқеашонро чунин баён мекунанд: «Мо ва омузгорони мо». Онҳо бо синфи худ ифтихор карда, кӯшиш мекунанд, дар мусобиқаҳои мактаб ҷойҳои намоёнро ишғол намоянд. Ҳамин тавр, аввалин хурсандии коллективӣ пайдо мешавад.

Ташкили сохтори фаъоли коллектив дар ибтидои ташаккули он аҳамияти калон дорад. Андозаи мувофиқи коллективи ибтидоӣ панҷ ё ҳафт нафар ҳамсинфонро дар бар мегирад, ки бо ҳамфикрии умумӣ муттаҳид шудаанд. Яъне гурӯҳ бо номи муайян масалан, «Моҳтобак», «Донояк», «Гунҷишкак» ва ғайра аз рӯи таркиб чунин коллектив ба шумор меравад. Дар он кӯдакон ба осонӣ метавонанд бо ҳамдигар дӯст шуда, алоқаҳои шахсӣ дошта бошанд ва кори умумии коллективиро иҷро кунанд.

Мушоҳидаи муносибатҳои байнишахсӣ ва таъсири муташаккил ба онҳо на танҳо дар рӯзҳои аввали мактабхонӣ, балки мунтазам сурат мегирад. Омӯзгор бояд донад, ки кадом талаба дар синф обрӯю эътибори баланд дорад, кӯдакон бештар ба кадом талаба майл доранд ва кадом талаба аз доираи муносибатҳои байнишахсӣ берун мондааст. Бо ин мақсад дар чоряки дуюм яке аз вариантҳои озмоиши сотсиометрии «Варақаи табрикотӣ"-ро (аз рӯи методикаи И.Л. Коломинский) гузаронидан мумкин аст. Ба кӯдакон се варақчаи табрикотӣ бо расмҳои гуногун дода мешавад. Кӯдакон якнафарӣ ба синф даромада, варақчаҳои худро дар мизи талабаҳое мегузоранд, ки онҳоро табрик кардан мехоҳанд. Варақчаи якум барои табрик дар навбати якум, варақчаи дуюм барои табрик дар навбати дуюм, варақчаи сеюм барои табрик дар навбати сеюм. Талаба варақчаҳои худро ҷо ба ҷо гузошта, аз синф мебарояд ва талабаи дигар ба синф медарояд, ҳамин тавр, ҳамаи талабаҳо ин супоришро бонавбат иҷро мекунанд. Омузгор мебинад, ки варақчаҳо нобаробар тақсим карда мешаванд: ба баъзеҳо варақачаҳои зиёд насиб гашту дигарон бенасиб монданд. Ҷузъиёти хурди методика: омузгор дар рӯи мизи кӯдаконе, ки варақча надоранд, ноаён варақачаҳои эҳтиётии худро мегузорад.

Ташкили муносибатҳои байнишахсӣ дар синфи 1 аз ҷобаҷогузории ҷойи нишаст оғоз меёбад, ки дар ин кор омузгор нақши назаррас дорад. Омузгор омилҳои гуногунро ба назар гирифта, кӯдаконро ҷо ба ҷо карда метавонад: талабаи сустхон ҳаммизи талабаи аълохон, духтарак ҳаммизи писарак, талабаи хуб рушдёфта ҳаммизи талабаи сустинкишофёфта. Омили зеринро ҳатманбояд ба назар гирифт: ҳаммиз набояд барои кӯдак нафратовар бошад, ӯ бояд рафиқе бошад, ки ба ӯ бовар ва кӯмак кардан мумкин асту ҳамнишинӣ бо ӯ писанд аст.

Ба муносибатҳои байнишахсӣ муносибатҳои таълимӣ пайваст мешаванд. Вале талабаи синфи як на ҳамеша супоришҳои ҷамъиятиро бо майли коллективизм иҷро мекунад; бисёр вақт кӯшиш мекунад худро нишон дода, аз омузгор таҳсину офарин шунавад. Яъне аксар вақт супоришро аз таҳти дил барои омузгор иҷро мекунад, на барои ҳамсабақонаш. Аз ин рӯ, ба кори иҷрошуда бояд худи кӯдакон бо ёрии омузгор баҳо гузоранд. Илова ба ин, иваз кардани супоришҳои ҷамъиятӣ, ҷойивазкунии талабаҳои фаъол ва монанди ин на танҳо барои муайян намудани кӯдакони худпараст, балки дар рӯҳияи коллективизми асил тарбия кардани онҳо ҳам мусоидат мекунад. Масъалаи тарбияи мустақилият бо масъалаҳои ташаккули муносибатҳои таълимӣ ва масъулият барои супоришҳои ҷамъиятӣ алоқаи зич дошта, чунин тарзи ташкили фаъолияти кӯдаконро талаб мекунад, ки муваффақият ва самаранокии онро таъмин карда тавонад. Илова ба ин, кӯдакон бе роҳнамоӣ ва

назорати бевоситаи омузгор кор мекунанд. Кӯдаконро ба мустақил будан омода намуда, дар коллектив бе ёрдами калонсолон амал карданро ба онҳо омӯзонидан лозим аст. Омузгор кори мустақилонаро ташкил карда, муваффақияти онро таъмин карда метавонад, агар шартҳои зеринро риоя намояд:

-мазмуни фаъолият бояд ба талабаҳо фаҳмо бошад; онҳо дар байни худ тақсим кардани вазифаю нақшҳоро ёд гиранд ё қаблан омӯхта бошанд;

-кор бояд аз тарафи гурӯҳи иборат аз 5-6 нафар иҷро карда шавад, яъне аз тарафи кӯдаконе, ки бо ҳамдигар дӯстанд, ба якдигар таваҷҷуҳ доранд ва мехоҳанд, ки якҷоя дар як коллектив кор кунанд;

-мазмуни фаъолият бояд диққатҷалбкунанда бошад.

Шартҳои зикршуда муваффақияти кори мустақилонаи кӯдаконро дар марҳилаҳои аввали он муайян намуда, тадриҷан вақте кӯдакон ба мустақилона кор кардан одат мекунанд, онҳо аз иҷрои нақше, ки дар аввал онро иҷро мекарданд, даст мекашанд. На ҳамеша кори кӯдакон бомуваффиқият аст, онҳо ёрдам мепурсанд, баъзан бо ҳамдигар ҷанҷол мекунанд. Ба онҳо барои ташкили кори дӯстонаи коллективӣ, ҳаллу фасли нофаҳмиҳо ва қаҳрӣ нашудан кӯмак лозим аст. Тарбияи мустақилияти коллектив аз омузгор мушоҳидакорӣ ва маҳорати зиёдро талаб мекунад.

Дар ҳаёти ҳаррӯза кӯдакон ҳангоми иҷрои корҳои гуногун бо амалу рафтори гуногуни ҳамсолони худ дучор меоянд, ки дар он амалу рафтор сифатҳои хубу бади кӯдакон намоён мешаванд. Кӯдакон бо ҳамсолон ҷиддӣ муносибат кардан, дидани камбудиҳои онҳо ва ёфтани роҳҳои ёрирасонӣ ба онҳоро момӯзанд. Дар ин ҳолат омузгор бояд барои ташкили коллективи муттаҳид, муташаккил ва солим кӯшиш намояд. Тобишу услуби умумии муносибатҳои дӯстона дар дохили коллектив, муайян намудани мавқеи ҳар як кӯдак дар системаи муносибатҳои вобастагии масъулиятнок ба муносибатҳои байнишахсӣ дар синф таъсир мерасонад.

Талабаҳое, ки аз ҳамаи фанҳо баҳоҳои хубу аъло доранд, фикру андешаашон неку самимӣ аст, ҳамеша ба дигарон ёрдам медиҳанд, кори некро шиори хуб медонанд; баъзан ашёи таълимии худро ба талабаи ниёздошта медиҳанд, ҳарчанд худашон он ашёи лозима мемонанд; дар танаффусҳо бе хотиррасон шудан ба назди талабаҳои «номувофиқ» мераванд, баъди дарсҳо ба онҳо барои иҷрои супоришҳо ёрдам медиҳанд ва ҳатто онҳоро то хона гусел мекунанд. Яъне, дар синфи як амалҳои зерин бештар диққатҷалбкунандаанд: рафтори намунавӣ, хониши хуб, намуди зоҳирии тозаю озода, муносибати хайрхоҳона ба ҳамсинфон.

Маълум аст, ки талабаҳои синфи як ба кӯдакони сустхон, беинтизом, танбал ва намуди зоҳирияшон чиркин ҳусни таваҷҷуҳ надоранд. Кӯдаконе, ки дар синф мавқеи номувофиқ доранд, дар хониш ба душвориҳо дучор меоянд: ҳарфҳоро азёд намекунанд, хондану навишта наметавонанд, бисёр вақт ба талабаҳои синф халал расонида, дар дарсҳо ғавғо мебардоранд ва ҳамсинфонро meранҷонанд.

Барои ташкили муносибатҳои муътадили кӯдакон дар синфи як, хусусан дар моҳҳои аввали хониш, алоқаи зичи омузгори синфи як бо волидон ба таври назаррас мусоидат мекунад. Одатан муносибатҳои боварибахш дар байни волидон ва мураббиёни боғчаи кӯдакон мавҷуданд: «Шумо бо ӯ ҷиддитар муносибат кунед»; «Нозу эркагияш бисёр шудаст»; «Илтимос, нигоҳ кунед, ки ӯро кӯдакони дигар наранҷонанд». Чунин муносибатҳо дар мактаб ҳам бояд бошанд, хусусан дар давраи аввали соли таҳсил.

Дар рафти соли таҳсил 2-3 вохӯриву маҷлисҳои падарону модарон комилан нокифоя аст, яъне волидони талабаҳои синфи як бояд зуд-зуд ба мактаб оянд, то дар омӯзиши харктеру хислату хуи фарзанди худ ба омузгор кӯмак расонанд.

Ҳамин тавр, таҳлили мушаххаси психологии муносибатҳо дар байни талабаҳои синф омӯзиши ҳолати муносибатҳои гуногунеро, ки дар байни онҳо дар ҷараёни муоширати дурудароз пайдо мешаванд, пешбинӣ менамояд.

Дар системаи муносибатҳо дар психологияи иҷтимоӣ муносибатҳои корӣ ва шахсӣ (байнишахсӣ)-ро ҷудо мекунанд. Дар муносибатҳои корӣ одамонро иҷрои вазифаҳои муайяни ҷамъиятӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ муттаҳид мекунад. Муносибатҳои байнишахсӣ дар муносибатҳои дӯстона, ки аз рӯи хусусият, устуворӣ ва аҳамиятнокӣ барои инсон гуногунанд, асос меёбанд. Муносибатҳои байнишахсӣ ба системаи муносибатҳои корӣ бо риштаҳои диданашавандаи вобастагӣ ва таваҷҷуҳу нафрат пайваст шуда, ба ҳаёти коллектив таъсири қавӣ мерасонанд.

Муносибатҳои дӯстона барои ташаккули дӯстӣ дар коллектив танҳо ҳамчун асос хизмат мекунанд. Таваҷҷуҳ ва вобастагӣ ҳамеша ва дар ҳама ҷо муайянкунанда шуда наметавонанд. Ба кӯдакон якҷоя ва ҳамроҳи ҳама кор ва бозӣ карданро ёд додан лозим аст, бо ин мақсад кӯдаконро барои иҷрои кори якҷоя дар шаклҳои комилан гуногун муттаҳид кардан мумкин аст. Кӯдакон дӯстона кор мекунанд, агар онҳоро супориши шавқовар муттаҳид намояд, ҳамаи ин ба андозаи зиёд муваффақияти кори коллективиро муайян намуда, дар навбати худ, ба бедор кардани алоқаҳои дӯстона мусоидат мекунад.

Набояд фаромӯш кард, ки кӯдак аз ҷиҳати психологӣ ба таълими мактабӣ омода аст, агар:

-майлу хоҳиши мустаҳками донишомӯзӣ ва маҳорату малакаи таълимӣ дошта бошад;

-қобилияти азхудкунӣ дар вай инкишоф ёфта бошад;

-дар коллектив муошират ва фаъолият намуда тавонад;

-ба рафтори худ дуруст баҳо дода, худро идора карда тавонад;

-бо ҳамсолон, муаллимон ва шахсони наздик рафтор ва муошрати муносибати хуб барқарор карда тавонад;

-барои худомӯзӣ тайёр бошад.[1, с.49]

Ҳамин тавр, ҳолатҳои зикршударо ба назар гирифта, омӯзгор дар синф тартиби муайяни муносибатҳои байнишахсӣ ва таълимиву тарбиявиро ташкил карда метавонад.

**АДАБИЁТ**


1. Виготский Л.С. ва масъалаҳои таълиму тарбия / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-назариявӣ. / Л.С. Виготский - Душанбе, 2009. - 96 с.
2. Г.А.Цукерман. Зачем детям учится вместе? / Г.А.Цукерман //Издательства «Знание». Москва, 1985.
3. Котибова Ш. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Нақши зан дар инкишофи илм ва таҳсилот». / Ш. Котибова ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Душанбе, 2014. .271 с.
4. Обидова М.И. Психологияи бачагона. // Дастури таълимӣ-методӣ. ДДОТ ба номи САйнӣ. / М.И. Обидова Душанбе, 2017. 193 с.
5. Ҷалолова Г. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Раванди муосири таълиму тарбия дар таҳсилоти томактабӣ ва фарогир: назария ва амалия». / Г.Ҷалолова -Душанбе, 2017. - 308 с.
6. Ёраҳмадов А.С. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Раванди муосири таълиму тарбия дар таҳсилоти томактабӣ ва фарогир: назария ва амалия»./ А.С. Ёраҳмадов -Душанбе, 2017. 308 с.


## ПОДГОТОВКА К ШКОЛЕ - РЕЗУЛЬТАТ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНЫХ ДЕТЕЙ


С целью формирования личности первоклассников и управления развитием коллектива учителю необходимо знать систему деловых и межличностных отношений в классе. Как известно, межличностные отношения в классном коллективе, особенно в первом классе – один из важнейших факторов состояния благополучия класса. Знание межличностных отношений необходимы для правильной организации воспитательных работ, выработки правильных педагогических подходов к детям, правильного выбора активистов класса, распределение детей по группам; воспитания у детей коллективистических отношений и др. Преподаватель, не зная межличностных отношений между детьми в классе не сможет даже правильно рассадить детей по партам и нельзя забывать, что прежде всего положение ученика в классе может быть благоприятным, тогда когда он чувствует себя принятым в группу, чувствует симпатию со стороны товарищей и сам им симпатизирует. Такую психологическую ситуацию ученик переживает как чувство единства с группой, при неблагоприятном положении возникает состояние психологической изоляции, что отрицательно сказывается на формировании личности.



***Ключевые слова:*** *психологическое развитие, воспитание, обучение, первоклассник, межличностные отношения, детская психология.*


## PREPARATION FOR SCHOOL IS A RESULT OF PSYCHOLOGICAL DEVELOPMENT OF PRESCHOOL CHILDREN


*In order to form the personality of first graders and manage the development of the team, the teacher needs to know the system of business and interpersonal relations in the classroom. As you know, interpersonal relationships in the classroom, especially in the first grade, is one of the most important factors in the well-being of the class. Knowledge of interpersonal relations is necessary for the correct organization of educational work, the development of correct pedagogical approaches to children, the correct choice of class activists, the distribution of children into groups; educating children of collectivistic relations, etc. A teacher, not knowing the interpersonal relations between children in the class, will not even be able to properly seat the children on the desks and one must not forget that, first of all, the position of the student in the class can be favorable when he feels accepted into the group, feels sympathy from his comrades and himself sympathizes with them. The student experiences such a psychological situation as a feeling of unity with the group; in an unfavorable situation, a state of psychological isolation arises, which negatively affects the formation of the personality.*



***Key words:*** *psychological development, education, training, first grader, interpersonal relationships, child psychology.*



***Сведения об авторе:***

***Маджидов Парвизджон Имомназарович*** *- докторант (PhD) кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, E-mail: majidov_p@mail.ru*

***About the author:***

***Majidov Parvizjon Imomnazarovich*** *- doctoral student (PhD) of the Department of General Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: majidov_p@mail.ru*

УДК 303

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИТ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ БАРОИ ОМОДАСОЗИИ ХОНАНДАГОН БА ОЛИМПИАДАҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

***Бобизода Ғ.М., Раҷабова Б.В., Гулов Т.Ё.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Модернизатсияи соҳаи маориф имрӯз ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ ба раванди таълим мебошад. Ин маънои онро дорад, ки на танҳо таълими босифати хонандагон, балки дар маҷмӯъ, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, барои ҳалли масъалаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон зарур аст. Муаллим вазифадор аст, ки на танҳо дониш диҳад, балки барои инкишофи ҳамаи хонандагон шароит фароҳам оварад. Салоҳияти муаллим дар соҳаи химия аз он иборат аст, ки ӯ бояд на танҳо дониш дошта бошад, балки малакаи гузаронидани таҷриба, софдилона муносибат кардан ба меҳнат, таълим додани хонандагон ва дигар соҳаҳои фаъолиятро низ дошта бошад. Инкишофи системаи амалиёти универсалии таълим дар хонандагон асоси раванди таълим мебошад. Азхудкунии амалҳои универсалии таълимӣ аз ҷониби хонандагон барои мустақилона аз бар намудани илму дониш, малака ва таҷрибаҳои нав, аз ҷумла раванди азхудкунӣ имконият фароҳам меорад.

Салоҳияти хонандагон натиҷаи кори пуршиддати омӯзгор бо хонандагон дар тамоми давраи таълим буда, азхуд кардани салоҳиятҳои асосӣ, дониш дар ин ё он соҳа, муносибати таҳаммулпазиронаи хонандагон ба ҳамдигар, яъне ҳамаи он чизест, ки хонанда дар фаъолияти худ ба даст меоварад.

Ҳоло ҷомеа ба насле ниёз дорад, ки ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ зуд мутобиқ шавад, мушкилоти ба миёномадаро бидуни мушкилот ҳал кунад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи имрӯзаи таълим аз ҳама муҳимтар аз он аст, ки хонандагон бояд малакаҳои зуд ҳалли масъалаҳои амалӣ дошта бошанд, ҷузъи ҷомеа бошанд, яъне салоҳиятҳо ташаккул дода шаванд. Идеяи таълими салоҳиятнокӣ вокуниши системаи маориф ба талаботи нави ҷаҳонӣ гардид. Дар натиҷа, дар соҳаи маориф ҷойгузини парадигмаи дониш бо парадигмаи салоҳиятдорро мушоҳида кардан мумкин аст.

Барои ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ дар хонандагон, ҳангоми банақшагирии дарс, ба инобат гирифтани дониш, малака ва қобилияти хонандагон тавре ба назар гирифтан хеле муҳим аст, ки онҳо ба малакаи ҷустуҷӯи мустақилона, ҳалли ҳолатҳои гуногун мусоидат кунанд. Ҷустуҷӯи мустақилонаи хонандагон ба дониши худ эътимод мебахшад, фаъолияти маърифатӣ инкишоф меёбад, ки ба ташаккули маҳорат аз рӯи фан мусоидат мекунад.

Дар гузориши ЮНЕСКО ҳадафҳои таҳсилоти муосир ба таври зайл ифода шудаанд: мактаб бояд «донишро омӯзад», «зиндагӣ омӯзад», «якҷоя зиндагӣ карданро омӯзад», «кор кардан ва пул кор карданро омӯзонад». Барои мавҷудияти бомуваффақият дар ҷаҳони муосир шахс бояд фаъолияти худро тарҳрезӣ кунад, ҳадафҳо ва вазифаҳои заруриро ба миён гузорад, ба нақша гирад, пешгӯӣ кунад [1, с.24]. Мо на танҳо ҳал карда тавонистани масъалаҳо ва муодилаҳои мураккабро муҳим мешуморем, балки барои ҳар як талаба азхуд намудани роҳҳои бартараф намудани масъалаҳо, дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои ҳосилкардаи худ низ аҳамияти калон дорад.Саволҳое, ки хонандагонро дар раванди таълим медиҳанд, дар рушди дониши хонандагон нақши калон доранд. Масалан, агар талабагон дар рафти таълим савол доданро бас кунанд, гуфтан мумкин аст, ки маънои омӯзиш дар маҷмӯъ гум шудааст. Дарс ҳамкории байни талаба ва муаллим мебошад, ки бо фаъолиятҳо ба ташаккули шахсияти ҳамаҷонибаи талаба нигаронида шудааст.

Мазмуни сифатан нави таълим имрӯз аз муаллим талаб мекунад, ки кори муаллимро бо мазмуни комилан нав пур кунад. Салоҳияти хонандагон бо намудҳои гуногуни фаъолият (дониши хусусияти системавӣ, малакаҳои ташкилӣ, муошират ва ғайра) пурра карда мешавад. Ҳамин тариқ, самти консептуалии таълими муосир татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар раванди таълим мебошад [2, с.12].

Салоҳиятҳои асосӣ ин вазифаҳои дастгирӣ ба монанди байнисоҳавӣ ва фаннӣ мебошанд. Муносибати салоҳиятнокӣ универсалӣ буда, татбиқи он метавонад дар ҳама фанҳои курси мактабӣ амалӣ карда шавад. Агар аз нуқтаи назари равиши салоҳиятнокӣ ба назар гирем, пас ин ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон аст, ки ба самти амалии раванди таълим, ташаккули малакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла рушди салоҳият дар соҳаи маърифат зарур аст.Стандарти давлатии таҳсилот имкон медиҳад, ки фаъолияти омӯзгор дар синф ба куллӣ тағйир дода, фаъолияти талаба ва мутаносибан сифати тайёрии ӯ тағйир дода шавад [3, с.17]. Мақсади омӯзгор дар марҳилаи ҳозираи таълим на танҳо ба хонандагон додани дониши муайян, балки аз ҳама муҳимаш он аст, ки ба онҳо фикр кардан, мустақилона қарор қабул кардан, ҳалли масъалаҳои ба миён омадаро, ҳимоя карда тавонистанро омӯзонад. [4, с.14]. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои ҷорӣ намудани усули самарабахш муайян карда шудаанд.

1) Азхудкунии сохтори фаъолият аз нуқтаи назари салоҳият.

2) Мундариҷаи фанниро тафриқа дода, инкишофи зинаҳои ибтидоӣ ва такмили ихтисосро таъмин мекунад.

3) Таҳия ва интихоб кардани воситаҳо, усулҳо методҳо истифодаи технологияҳои таълим, ки муносибати босалоҳиятона мебошад.

4) Таъсиси системаи мониторинги объективии донишмандон

Муносибати ба фаъолият асосёфтаро ба таълим таъмин мекунанд. Раванди тафриқа ва инфиродии таълим бо назардошти шавқу завқ, майл ва қобилияти кӯдакон барои инкишофи максималии хонандагон мутобиқи завқи маърифатӣ ва касбии онҳо шароит фароҳам меорад [5, с.21].

Маҳорат тавассути системаи равиши фаъолият ташаккул меёбад (ин усули муассир аст, зерохонанда фаҳмидани он, ки чӣ тавр бомуваффақият кор карда истодаашро меомӯзад), аммо шумо метавонед малакаҳоро бидуни таҳияи як қатор амалҳо ташаккул диҳед - ин имконпазир аст , вале кам самара мебахшад, зеро дар ин сурат хонанда он чиро, ки омӯхтааст, камтар мефаҳмад. Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон (иҷтимоӣ, коммуникативӣ, иттилоотӣ ва ғ.) нигаронида шудааст [6, с.15]. Раванди аз ҳама самараноки таълим дар он сурат хоҳад буд, ки хонанда ба омӯзиш ҳавасманд бошад. Шавқу рағбатро ба омӯзиш дар охирин тавассути гузоштани мушкилот бедор кардан мумкин аст. Ҳалли вазъиятҳои мушкилот ба рушди малакаҳои тадқиқотӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, корҳое, ки дар синфхона бо ин роҳ анҷом дода мешаванд, имкон медиҳад, ки хонандагон фаъолияти худро ба нақша гиранд ва ба ҳадафҳои худ бирасанд. Мушоҳидаи малакаҳои таълимӣ ва маърифатии мо дар дарси химия нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна 35% мактаббачагон дорои малакаи ташкилотчигӣ, ба нақша гирифтани фаъолият ва ноил шудан ба ҳадафҳои худ («стратегҳо»), 43% онҳо тарзи банақшагирии фаъолияти худро медонанд, вале аз таҷрибаи муайяне иборатанд. душвориҳо дар роҳи расидан ба мақсадҳои худ («мутафаккирон»), 18% - пайравон «иҷрокунанда» мебошанд [7, с.24].

Дар раванди татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар таълими химия мо усулҳои фаъоли таълимро истифода мебарем, ки ба рушди фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд. Зиёда аз 100 усулҳои фаъоли таълим вуҷуд доранд, ки мо барои истифода дар синф ва умуман дар таълим истифода бурда , месанҷем ва интихоб мекунем [8, с.20]. Аз ин рӯ, усулҳои фаъоли таълим дар баробари технологияи модератсия дар чорабиниҳои хонандагони мактабҳо, масалан, «Дунёи аз ҷиҳати экологӣ тоза», «Замини ман» ва ғайра истифода мешаванд ва хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд ҳамчун модератор баромад кунанд, ки ин рушди ҳам салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ мусоидат мекунад. Лаҳзаи калидӣ дар дарсҳо бо равиши салоҳият ин инъикоси аст. [9, с.59]. Ҳамин тариқ, хонандагон тавассути самти амалӣ дар омӯзиш малакаҳои худтанзимкуниро инкишоф медиҳанд. Ҳавасмандӣ ба омӯзиш қаноатмандии сатҳи маърифатро нисбат ба муҳити атроф дар маҷмӯъ ташвиқ мекунад. Фаъолияти омӯзгору хонандагон мусоид шуда, дар таълим натиҷаҳои мусбат мебахшад. Дар раванди таълим шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти маърифатиро (инфиродӣ, гурӯҳӣ) истифода бурдан лозим аст. Ғайр аз ин, барои инкишофи қобилияти эҷодӣ, шавқу завқи маърифатии хонандагон хусусиятҳои фардии онҳоро ба инобат гирифтан лозим аст [10, с.19]. Дар натиҷаи ба назар гирифтани талаботи таълими талабагон мо зарур мешуморем:

1) омода намудани мактаббачагон ба олимпиадаҳои фаннӣ дар сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

2) инкишоф додани шавқу рағбат ба ин фан;

3) ҳавасмандии мусбати хонандагон.

Воситаи асосии ба роҳ мондани равиши салоҳиятнокӣ дар таълими химия технологияҳои нави таълимӣ мебошад. Истифодаи ин бо он асоснок карда мешавад, ки ТИК (технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, технологияи фаъолияти лоиҳавӣ), технологияи фаъолияти лоиҳавӣ ва ғайра бо сохтори равиши салоҳиятнокӣ дар таълим мувофиқат мекунад ва барои фаъолияти хонандагон имконият медиҳад. Омӯзгорон дар фаъолияти худ аксар вақт аз вазъияти проблемавии омӯзиш истифода мебаранд, ки он ба таҷриба (намоиш) асос ёфтааст. Омӯзгорон бештар аз технологияи таълими проблемавӣ дар марҳилаҳои ҳавасмандкунӣ ва фаъолияти мустақилонаи истеҳсолии хонандагон истифода мебаранд.Ин марҳила аксар вақт дар дарсҳои химия истифода мешавад. Вазифаи асосии ин таҷриба ташаккул додани қонуниятҳои асосӣ, мафҳумҳо, назарияи инкишофи тафаккур, малака ва маҳорати озмоиш дар хонандагон мебошад; таҷрибаҳо гузаронад, натиҷаҳои таҷрибаро таҳлил кунад, хулоса барорад. Унсурҳои технологияи тафриқаи сатҳҳо дар марҳилаи ҳавасмандгардонӣ истифода мешаванд, ки хонандагон имкон доранд, ки мутобиқи сатҳи мазмун (асосӣ, мукаммал) ва қобилияти худ мустақилона мақсад муқаррар намоянд. Мутобиқан, назорати сатҳи азхудкунии дониш ва усулҳои амал, инчунин вазифаҳои бисёрсатҳӣ вуҷуд дорад.

Бо ташаккул ва инкишоф додани малакаҳои хонандагон, мо ба онҳо таълим медиҳем, ки фаъолияти худро барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас тарҳрезӣ кунанд. Ба талабагон

омӯзондани асосҳои усулҳои тадқиқотӣ дар синфҳои 8-9 дар вақти кори лабораторӣ гузаронда мешавад. Мо боварӣ дорем, ки арзёбии хонандагон дар ташаккули ҳавасмандии омӯзиш нақши муҳим мебозад. Арзёбӣ омили ҳавасмандкунандаи рушди худшиносӣ ва такмили худ мебошад. Дар марҳилаи имрӯзаи таҳсилоти муосир омӯзгорон бештар аз техникаи худбаҳогузории хонандагон истифода мебаранд. Ҳангоми кор дар татбиқи равиши салоҳиятнокӣ на танҳо сохтори методии дарсро фаҳмидан мумкин аст, балки аз имкони омӯхтани мундариҷаи курси химияи мактабӣ, ки ба ташаккули салоҳияти хонанда нигаронида шудааст, истифода бурдан мумкин аст. Мушкилоти ниҳоии татбиқи равиши самаранокӣ ин аз системаи муттаҳидшудаи мониторинги дониш ва усулҳои кор иборат аст. Истифодаи равиши ба салоҳият асосёфта дар раванди таълими химия ба ташаккули на танҳо салоҳиятҳои асосӣ, балки аз фаннӣ низ мусоидат мекунад. Бинобар ин, дар раванди таълими химия дар мактаб равиши салоҳиятнокро татбиқ намуда, сохтори фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро дар синф, яъне мақсад гузоштан, кори мустақилонаи хонандагон, инчунин ба нақша гирифтан зарур аст. То чӣ андоза самарабахш будани ин дарс аз натиҷаи дониши дар давоми соли таҳсил гирифтаи талабагон маълум мешавад. Омӯзгорон дар фаъолияти касбии худ ба чунин мушкилот дучор мешаванд: ташаккули гуногуни хонандагон дар синф, зарурати рушди ҳар кадоме, ки боиси як ғарази муайян нисбат ба хонандагони дорои қобилияти пасти таълимӣ ва ҳавасмандии паст мегардад, мебошад.

Ҳамин тариқ, муваффақияти таҳсилоти муосир дар татбиқи талаботи Стандарти давлатии таълим (Стандарти давлатии таълим) мебошад. Муаллим дар айни замон бояд фаъолияти худро ба нақша гирад ва пешгӯӣ кунад, то хонандагон на танҳо дониши фаннӣ гиранд, балки сифатҳои шахсии талабагон, зуҳури мавқеи фаъоли ҳаётӣ онҳоро ба инобат гирад.


**АДАБИЁТ**

1. Дендебер С.В. Технологияҳои муосир дар раванди таълими химия: таълими рушдёбанда, омӯзиши мушкилот ва ғ. / С.В. Дендебер, О.В. Ключникова - М.: Бустард, 2008.
2. Зимняя, И.А. Салоҳиятҳои асосӣ – парадигмаи нави натиҷаи таълим / И.А. Зимняя // Таҳсилоти олии имрӯза. - 2003. - № 5. - С. 34-42.
3. Равиши салоҳиятнокӣ дар таҳсилоти педагогӣ: китоби дарсӣ / ред. В.А. Козырев, Н.Ф. Радионова, А.П. Тряпицина .. СПб.: Нашриёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Русия им. А.И. Герцен, 2005, 392 с.
4. Романова О.В. Ташаккули салоҳияти касбии муаллими химия дар шароити иттилоотикунонии маориф. / О.В. Романова-Ростов н/а.: IPO SFU, 2011.-153 с.
5. Сергеев И.С. Муносибати салоҳиятнокӣ дар синф ва дар корҳои беруназсинфӣ чӣ гуна татбиқ карда мешавад / И.С. Сергеев, В.И. Блинов - Москва. Нашриёти «Аркти». 2007.
6. Кулневич С.В., Лакоценина Т.П. Дарси замонавӣ. Қисми III. / С.В. Кулневич, Т.П. Лакоценина // Дарсҳои мушкилот. М.: Муаллим, 2006.
7. Основина В.А. Тарҳрезӣ ва ташкили раванди таълим дар асоси фаъолият / В.А. Основина - Ульяновск. 2008.
8. Тяглова Е.В. Фаъолияти илмии донишҷӯён аз фанни химия. / Е.В. Тяглова // Методология, техника, амалия - Москва «Глобус», 2007.
9. Хуторской А.В. Салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун ҷузъи таҳсилоти ба шахсият нигаронидашуда / А.В. Хуторской - Маорифи халқ. - 2003. - № 2. - С. 58-64.
10. Шаталов М.А. Омӯзиши химия. Ҳалли масъалаҳои омӯзиши интегралӣ. / М.А. Шаталов, Н.Е. Кузнецова // Маҷмӯаи асбобҳо. синфхои 8-9. Китобхонаи муаллимон. Мбалки сифатҳои шахсии талабагон, зуҳури мавқеи фаъоли ҳаётӣ онхоро ба инобат гирад.


## РАЗРЕШЕННЫЙ ПОДХОД К ХИМИЧЕСКОМУ ОБРАЗОВАНИЮ ДЛЯ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ К РЕСПУБЛИКАНСКОЙ И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОЛИМПИАДЕ


*В статье рассматривается ряд условий организации эффективного процесса обучения химии, раскрывается понятие «компетентности подход», описываются критерии оценки деятельности учителя, работающий по государственному образовательному стандарту.*

*Основная задача ГОСО (государственного образовательного стандарта общего образования) является развитие личности учащихся, и он носит деятельности характер. Данная задача требует перехода к новой системе образования, что в свою очередь определяет и деятельность учителя.*

*Компетентности подход в образовании, в отличие от концепции «обучения знанию» предполагает развитие у учащихся умений, позволяющих им действовать в новых ситуациях, для чего невозможно заранее разработать соответствующие им средства и методы обучения. Они должны быть найдены в процессе решения таких задач и достижения желаемых результатов.*



***Ключевые слова:*** *компетентности подход, государственный образовательный стандарт, школьники, образование.*

## PREPARATION OF STUDENTS FOR THE OLYMPIAD WITH A COMPETENCE IN THE SCHOOL CHEMISTRY COURSE

*The article considers a number of conditions for the organization of an effective process of teaching chemistry, reveals the concept of «competence approach», describes the criteria for evaluating the activities of a teacher working according to the state educational standard.*

*The main task of the SES (state educational standard of general education) is the development of the personality of students, and it is of an activity nature. This task requires a transition to a new system of education, which in turn determines the activity of the teacher.The competence-based approach in education, in contrast to the concept of «learning knowledge», involves the development of students ' skills that allow them to act in new situations, for which it is impossible to develop*

*appropriate teaching tools and methods in advance. They must be found in the process of solving such problems and achieving the desired results.*

***Keywords:*** *competence-based approach, state educational standard, schoolchildren, education.*

***Сведения об авторах:***

***Бобизода Гуломкодир Мукаммол*** *– доктор биологических наук, доктор фармацевтических наук, профессор кафедры органической и биологической химии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, президент Академии образования Республики Таджикистан Адрес: Республика Таджикистан, 734024 Душанбе, ул. Айни, 45. E-mail:: bobievgm@rumbler.ru Тел: (+992) 911248222*

***Раджабова Бибигул Вохидовна*** *– старший преподователь кафедры методики и преподавания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, Тел: (+992) 904152541*

***Гулов Тоир Ёрович*** *– кандитат химических наук, дотцент, заведуш кафедры органической и биологической химии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни*

***About authors:***

***Bobizoda Gulomkodir Mukammol*** *- Doctor of Biological Sciences, Doctor of Pharmaceutical Sciences, Professor of the Department of Organic and Biological Chemistry of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, President of the Academy of Education of the Republic of Tajikistan Address: Republic of Tajikistan, 734024 Dushanbe, st. Aini, 45. E-mail: bobievgm@rumbler.ru Phone: (+992) 911248222*

***Rajabova Bibigul Vohidovna*** *- senior lecturer of the Department of Methodology and Teaching of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Phone: (+992) 904152541*

***Gulov Toir Yorovich*** *- Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor, Department of Organic and Biological Chemistry of the Tajik State Pedagogical University. C. Aini*

**УДК 37.091.3:004**

## ТАТБИҚИ ВОСИТАҲОИ ВИЗУАЛӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ГРАФИКИИ ЗАБОНИ PYTHON БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Арабов М.Қ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

***Умарзода Ш.***

*Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Дар замони таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва информатизатсиякунии ҷомеа яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳар як давлат - ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботи (ТИИ)-и муосир дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар раванди таълим ҷорӣ намудани ТИИ-и муосир яке аз бахшҳои ин сиёсат мебошад. Дар курси асосии информатика дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мафҳумҳои асосии иттилоот, системаҳои ҳисоб, роҳҳои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоот, инчунин асосҳои барноманависӣ омӯзонда мешавад. Бинобар ин, дар замони муосир ҷорӣ намудани воситаҳои визуалӣ ки имконияти таҳия намудани барномаҳои гуногуни компютериро аз замимаҳои системаҳои омилӣ то бозиҳои кучаки компютерӣ фароҳам меоранд, метавон иқдоми саривақтӣ ва зарурӣ донист. Хонанда бо омӯхтани воситаҳои визуалӣ метавонад ба объектҳои зиёд шинос шуда, тавассути онҳо барнома таҳия кунад. Дар натиҷа ба асосҳои барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда (БОН) ошноӣ пайдо мекунад.

Олимони зиёде бо назардошти тараққиёти кайҳонии ТИИ омӯзиши БОН-ро дар МТМУ тавсия доданд[1-7]. Ба сифати намуна, метавон олимони зиеринро мисол овард: Андросов Е.Г., Иванова Д.С., Петрова Ю.А., Петрова А.Н., Петухова А.Ю., Сидорова В.А., Нефедова В.Ю. ва ғайра.

Тавре ки маълум аст, информатика фанни рӯз буда, ҳар соат ва ҳар дақиқа дар ҳолати рушду густариш қарор дорад. Бинобар ин, фанни мазкур соҳаҳои гуногунро дар бар гирифта, аз як тараф, фанни шавқовар ва аз тарафи дигар, фанни душвор ба ҳисоб меравад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ миқдори соатҳои ҷудошуда барои хуб омӯхтани имкониятҳои фанни мазкур кифоягӣ намекунанд. Пас, ташкил намудани омӯзишҳои иловагӣ (аз рӯи самт) метавонанд маданият ва фарҳанги иттилоотии хонандагонро баланд бардошта, имкониятҳои зиёде техникиро дар ихтиёри онҳо қарор диҳад. Аз нуқтаи назари психология аксари хонандагон мехоҳанд, аз худ рафторҳои фавқулоддаро нишон дода, байни дигар хонандагон маъруфиятро ба даст оваранд. Маҳз воситаҳои визуалӣ имконият медиҳанд, ки хонанда барнома ва бозиҳои гуногун сохта, дар байни ҳамсолонаш як мусобиқаи омӯзиширо ба роҳ монад.

Қайд кардан ба марид аст, ки дар нақшаи таълимии фанни информатика БОН тамоман мавҷуд намебошад. Ин вазъият на танҳо барои муассисаҳои таҳсилти миёнаи мактабҳои кишвари мо хос аст, балки дар Федератсияи Россия низ ин вазъият мушоҳида мешаванд. Дар ин бора олимони рус ба монанди Шафрин Ю.А., Макарова Н.В. ва ғайра корҳои илмиву методӣ ба анҷом расониданд. Яке аз роҳҳои оптималии тадриси фанни мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид намудани он дар нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчун компоненти системаи иловагӣ ба ҳисоб меравад. Ақидаи ворид намудани системаи иловагиро олимони рус ба монандӣ: С.А. Герасименко, Е.В. Ермилина, Г.В. Зинозина ва ғайра пуштибонӣ намуданд.

Пас аз омӯхтани асосҳои барноманависӣ хонандагон метавонанад ба таври сода БОН – ро омӯзанд. Илова бар ин, метавон бо доштани дониши на он қадар зиёди алгоритмӣ асосҳои БОН-ро ба хонанда дарс дод. Яке аз паҳлӯҳои асосии омӯзондани воситаҳои визуалӣ интихоби забони мувофиқ аст, то хонанда тавонад ба роҳатӣ барномаҳои дилхоҳашро дар он таҳия кунад. Дар айни ҳол бисёр аз мутахассисон забони C#-ро маслиҳат медиҳанд. Азбаски забони мазкур дар ҳама гуна компютерҳои дорои характеристикаи пасттар наметавонад нағзкор кунад, бинобар ин, истифодаи забони Python[8-10] айни муддаост. Забони мазкур дар аксари мактабҳои давлатҳои пешрафта, аз синфи 7-8 сар карда, дарс дода мешавад. Дар диди аввал омӯзондани муҳити визуалии забони мазкур душвортар ба назар расад ҳам, хонанда метавонад дар як муддати кӯтоҳ ба он одат карда, барномаҳои дилхоҳашро созад. Яке аз хусусиятҳои асосии забони мазкур бепул будани он аст. Илова бар ин, маълумотҳои зиёдеро метавон оиди омӯхтани ин забон ба даст овард. Паҳлуи камбудии ин забон, ва тамоми забонҳои барноманависӣ кам будани (умуман мавҷуд набудани) маводҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ аст. Ин масъала низ солҳои наздик ҳалли худро хоҳад ёфт, муҳим ағоз кардан аст.

Масъалаи дигари ҷорӣ кардани барноманависӣ дар муҳити визуалӣ наҳви ташкили дарс ба ҳисоб меравад. Барои дар сатҳи хуб ташкил намудани дарс бояд аз усули нави таълими фаъол истифода намуда, интихоби барнома ва роҳҳи ҳалли онро ба хонандагони лаёқатманд вогузор кард. Масалан, баъзе хонандагони фаъол ғояҳои зиёди инноватсионӣ дошта, баҳри амалӣ намудани онҳо ба пуштибонӣ ниёз доранд. Ин навъ хонандагон метавонанд, лоиҳаҳои гуногун таҳия карда, дар озмӯнҳои мувофиқ иштирок намуда, обрӯву эътибори хеш ва мактабро дар байни дгар хоандагон ва мактабҳо баланд бардошт. Илова бар ин, тақсим намудани хонандагон ба гурӯҳҳо ва гузоштани масъала байни гурӯҳҳо низ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин ҷо, ибтидо хонандагон кор дар коллективро омӯхта, ҳар гурӯҳ кӯшиш мекунад, ки нисбати гурӯҳи дигар тезтар ва бо шакли беҳтар барномаашро таҳия кунад. Ба ғайр аз ин, агар дар муасиса озмунҳои лоиҳаи беҳтарин тез-тез ташкил карда, муаллифи лоиҳаҳои беҳтарин дар сомона мактаб (агар мавҷуд бошад) ва лавҳаҳои ифтихорӣ ҷой диҳад, хонандагон ҳавасманд гардида, кӯшиш мекунанд, ки лоиҳаҳои беҳтарро таҳия кунад. Илова бар ин, ин амал боиси ҳавасманд гардидани хонандагони дигар мегардад. Дар натиҷа, хонандагон беҳудагардӣ ва ҷангу хархаширо, ки, мутаасифона, солҳои охир дар байни онҳо мушоҳида мешавад, кам намуда, кӯшиш мекунанд, ки тавассути лоиҳаҳои гуногун байни ҳамсабақон обрӯ ва эътибор пайдо кунанд.

Мавриди зикр аст, ки тавассути забони Python метавон барнома барои телефонҳои мобилӣ, сомонаҳо ва ғайра низ таҳия намуд. Баъзе хонандагони фаъол бо шинос шудан ба воситаҳои визуалии забони мазкур кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои гуногун барои телефонҳои мобилӣ низ таҳия кунанд. Бо таҳия намудани чунин барномаҳо хонанда метавонанд, дар байни дигар хонандагон худашро ҳамчун донандаи технологияи муосир муаррифӣ намуда, ҳатто барномаашро дар магазинҳои электронии монанди playMarket гузошта, фоида ба даст биёрад. Дар замони таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодӣ ин амал диққати хонандагони дигарро ба омӯхтани технологияҳои муосир ҷалб хоҳад кард. Маълум аст, ки ҳама хонандагон дар оянда нияти барноманавис шуданро надоранд, аммо онҳо каме ҳам бошад, аз технологияҳои муосир баҳраманд мегарданд. Дар ин замина, хонандагоне, ки дар ҳақиқат мехоҳанд оянда барноманавис шаванд, ҷаҳонбинии техникии онҳо инкишоф ёфта, таҷрибаи истифодаи технологияи муосирро ба даст меоранд. Дар натиҷа, ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои олӣ ояндаи худро хуб ҳис намуда, дар соҳаи интихобкардааш мутахассиси ба бозори меҳнат ҷавобгӯ ба воя мерасанд.

Ба сифати намуна, якчанд намунаи барномаҳои сатҳи гуногунро меорем.

**Мисоли 1**. Сохтани равзанаи визуалӣ.

Барои сохтани равзанаи визуалӣ ё Form объекти класси Tk-ро сохта, сипас якчанд хосиятҳои онро иваз мекунем.

```
from tkinter import *
root = Tk()
root.title("Барномаи визуалӣ дар забони Python»)
root.geometry("400 x 300+300+250»)
root.mainloop()
```

Ҳангоми иҷроиш шакли зерин пайдо мешавад.




**Мисоли 2**. Ду адад дода шудааст. Барномаи ёфтани суммаи онҳо таҳия карда шавад.

```
from tkinter import *

def addNumbers():
res=int(e 1.get())+int(e 2.get())
myText.set(res)

master = Tk()
master.title("Суммаи ду адад»)
myText=StringVar();
Label(master, text="First").grid(row=0, sticky=W)
Label(master, text="Second").grid(row=1, sticky=W)
Label(master, text="Result:").grid(row=3, sticky=W)
result=Label(master, text=»», textvariable=myText).grid(row=3,column=1, sticky=W)

e 1 = Entry(master)
e 2 = Entry(master)

e 1.grid(row=0, column=1)
e 2.grid(row=1, column=1)

b = Button(master, text="Calculate», command=addNumbers)
b.grid(row=0, column=2,columnspan=2, rowspan=2,sticky=W+E+N+S, padx=5, pady=5)

mainloop()
```

Натиҷа:




**Мисоли 3.** Барномаи ҷадвали дарсии электронӣ таҳия карда шавад.

```
from tkinter import *
languages = [(«Душанбе», 1), («Сешанбе», 2), («Чоршанбе», 3), («Панҷшанбе», 4), («Ҷумъа», 5), («Шанбе», 6), («Якшанбе», 7)]

def select():
l = language.get()
if l == 1:
sel.config(text="1)З. тоҷикӣ \n 2)Информатика \n 3)Таърих»)
elif l == 2:
sel.config(text="1)Математика \n 2)Биология \n 3)Варзиш»)
elif l == 3:
```

```
sel.config(text="1)З. англисӣ \n 2)Информатика \n 3)Ҳуқуқ «)
elif l == 4:
sel.config(text="1)З. русӣ \n 2)Химия \n 3)Физика»)
elif l == 5:
sel.config(text="1)Математика \n 2)Химия \n 3)Биология»)
elif l == 6:
sel.config(text="1)Варзиш \n 2)Информатика \n 3)Таърих»)
elif l == 7:
sel.config(text="Истироҳати хуш»)

root = Tk()
root.title("Ҷадвали дарсӣ дар Python»)
root.geometry("360 x 360»)

header = Label(text="Рӯзро интихоб кунед», padx=15, pady=10)
header.grid(row=0, column=0, sticky=W)

language = IntVar()

row = 1
for txt, val in languages:
Radiobutton(text=txt, value=val, variable=language, padx=15, pady=10, command=select)\
.grid(row=row, sticky=W)
row += 1

sel = Label(padx=15, pady=10)
sel.grid(row=1,column=1, sticky=W)

root.mainloop()
```

Натиҷа:




Ба ҳамин монанд, метавон барномаҳои дигарро низ таҳия кард. Барои таҳия кардан метавон аз GUI-ҳои тайёр низ истифода карда, компонентҳоро на ба таври код (тавре ки дар ин ҷо оварда шудааст), балки тавассути конструктор таҳия кард.

Илова бар ин, метавон тавассути Python бозиҳои компютерӣ низ таҳия кард. Яке аз бозиҳои маъмул, ки дар телефонҳои тамғаи Nokia мавҷуд буд, бозии мор ба ҳисоб меравад. Ҳоло коди барномаи мазкурро дар забони Python меорем.

```
import pygame
import time
import random

pygame.init()

white = (255, 255, 255)
yellow = (255, 255, 102)
black = (0, 0, 0)
red = (213, 50, 80)
green = (0, 255, 0)
blue = (50, 153, 213)

dis_width = 600
```

```
dis_height = 400

dis = pygame.display.set_mode((dis_width, dis_height))
pygame.display.set_caption('Бозии морча»)

clock = pygame.time.Clock()

snake_block = 10
snake_speed = 15

font_style = pygame.font.SysFont("bahnschrift», 25)
score_font = pygame.font.SysFont("comicsansms», 35)
def Your_score(score):
value = score_font.render("Суръати Шумо: " + str(score), True, yellow)
dis.blit(value, [0, 0])
def our_snake(snake_block, snake_list):
for x in snake_list:
pygame.draw.rect(dis, black, [x[0], x[1], snake_block, snake_block])
def message(msg, color):
mesg = font_style.render(msg, True, color)
dis.blit(mesg, [dis_width / 6, dis_height / 3])
def gameLoop():
game_over = False
game_close = False
x 1 = dis_width / 2
y 1 = dis_height / 2
x 1_change = 0
y 1_change = 0
snake_List = []
Length_of_snake = 1
foodx = round(random.randrange(0, dis_width - snake_block) / 10.0) * 10.0
foody = round(random.randrange(0, dis_height - snake_block) / 10.0) * 10.0
while not game_over:
while game_close == True:
dis.fill(blue)
message("Барои давом додан тугмачаи C ва барои баромадан тугачаи Q-ро пахш кунед», red)
Your_score(Length_of_snake - 1)
pygame.display.update()
for event in pygame.event.get():
if event.type == pygame.KEYDOWN:
if event.key == pygame.K_q:
game_over = True
game_close = False
if event.key == pygame.K_c:
gameLoop()
for event in pygame.event.get():
if event.type == pygame.QUIT:
game_over = True
if event.type == pygame.KEYDOWN:
if event.key == pygame.K_LEFT:
x 1_change = -snake_block
y 1_change = 0
elif event.key == pygame.K_RIGHT:
x 1_change = snake_block
y 1_change = 0
elif event.key == pygame.K_UP:
y 1_change = -snake_block
x 1_change = 0
elif event.key == pygame.K_DOWN:
y 1_change = snake_block
x 1_change = 0
if x 1 >= dis_width or x 1 < 0 or y 1 >= dis_height or y 1 < 0:
```

```
game_close = True
x 1 += x 1_change
y 1 += y 1_change
dis.fill(blue)
pygame.draw.rect(dis, green, [foodx, foody, snake_block, snake_block])
snake_Head = []
snake_Head.append(x 1)
snake_Head.append(y 1)
snake_List.append(snake_Head)
if len(snake_List) > Length_of_snake:
del snake_List[0]
for x in snake_List[:-1]:
if x == snake_Head:
game_close = True
our_snake(snake_block, snake_List)
Your_score(Length_of_snake - 1)
pygame.display.update()
if x 1 == foodx and y 1 == foody:
foodx = round(random.randrange(0, dis_width - snake_block) / 10.0) * 10.0
foody = round(random.randrange(0, dis_height - snake_block) / 10.0) * 10.0
Length_of_snake += 1
clock.tick(snake_speed)
pygame.quit()
quit()
gameLoop()
```

Ҳангоми иҷроиши ин барнома натиҷаи зерин ба даст меояд:




Тавре ки дида мешавад, дар ин ҷо бо коди на он қадар калон хонанда метавонад бозии дилхоҳашро созад. Дар ин ҷо аз китобхонаи pygame истифода карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми ба хонандагон омӯзондани воситаҳои визуалӣ, хонандагон ба БОН ошно гашта, даричаи аз олами техникӣ ба рӯи худ боз мекунанд. Дар натиҷа, барои дар оянда мутахассиси дилхоҳ соҳа шудан худро омода менамоянд. Дар замони ҳозира, аксари олимон ба он назаранд, ки дар чанд соли дигар донистани барноманависӣ монанди донистани забонҳои хориҷӣ ҳангоми ба кор оғоз кардан пурсида мешавад. Дар бозори меҳнат новобаста аз соҳае, ки коргар дар он кор мекунад, донистани барноманависӣ онро рақобатпазир мегардонад.

**АДАБИЁТ**

1. Малеев В.В. Общая методика преподавания информатики: учеб. пособие/В.В. Малеев. - Воронеж: ВГПУ, 2005. - 271 с.

2. Боброва И.И. Технологии создания и внедрения интерактивных методических средств обучения в образовательный процесс [Текст] / И.И. Боброва//Вестник компьютерных и информационных технологий. М.- 2010. № 6. С. 48-52.

3. Герасименко С.А. Дополнительное образование школьников в области информатики/ С.А. Герасименко //Вестник Оренбургского государственного университета. – 2004. – № 7. – С. 4954.

4. Ермолаева М.Г. Современный урок: анализ, тенденции, возможности: Учебно-методическое пособие/М.Г. Ермолаева. – СПб.: КАРО, 2008.

5. Кошева, Д.П. Информационные технологии визуализации учебной информации / Д.П. Кошева, Н.В. Дербак // Педагогическое образование на Алтае. – 2016. – № 1. – С. 5056.
6. Петухов А.Ю. Формирование информационной компетентности школьников в системе дополнительного образования на примере учебного модуля курса «Программирование»: автореф. дисс… канд. пед. наук/ А.Ю. Петухов. – Бийск, 2006.
7. Щетинский Ю.А. Управление развитием про
8. https://www.python.org/


## ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ВИЗУАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ И ГРАФИЧЕСКИХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ ЯЗЫКА PYTHON ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА ШКОЛЬНИКОВ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ


*В статье обсуждается разработка наглядных пособий и графических возможностей языка программирования Python для улучшения интеллектуальных способностей учащихся старших классов средних общеобразовательных школ (СОШ). Как известно, курс информатики в школе основное внимание уделяется интеллектуальному и алгоритмическому развитию учащихся. Из-за небольшого количества часов учителя не могут обсуждать наглядные пособия и графические возможности. Поэтому учащиеся 9-11 классов могут, в качестве дополнительного обучения, изучить эту часть программирования.*



***Ключевые слова.*** *Информатика, программирование, визуальные среды, графические возможности, программа, алгоритм, функция, компонент, свойства, метод.*



***Сведения об авторах:***

***Арабов Муллошараф Курбонович** - Кандидат физико-математических наук, Российско-Таджикский славянский университет, доцент кафедры информатики и информационных систем, адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30. Тел: (+992) 907380099, E-mail: cool.araby@mail.ru*

***Умарзода Шарифмуроди Умар** - старший преподаватель Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, старший преподаватель кафедры информативный технологи, адрес: 734003, Republic of Tajikistan, г. Душанбе, проспекть Рудаки 121. Тел: (+992) 931693133, E-mail: sharifmurod_6161@mail.ru*

***About the authors:***

***Arabov Mullosharaf Kurbanovich** - Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Russian-Tajik Slavic University, Associate Professor, Department of Informatics and Information Systems, address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, st. Mirzo Tursunzoda, 30. Phone: (+992) 907380099, E-mail: cool.araby@mail.ru*

***Umarzoda Sharifmurodi Umar**- Senior Lecturer of Department of Informative Technologies of the Tajik State Pedagogical University named after Senior S. Aini, address: 734003, Republic of Tajikistan, Avenue. Rudaki, 121. Phone: (+992) 931693133, E-mail: sharifmurod_6161@mail.ru*


## АСОСҲОИ ДИДАКТИКӢ-МЕТОДИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗИМНИ БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА БО ИСТИФОДАИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯИ СИНФҲОИ 5-9


***Хидиров Ғ., Бандаев С., Баротзода К.А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*


Яке аз масъалаҳое, ки имрӯзҳо дар мадди назари аҳли маорифи мамлакат қарор дорад, шарҳу тавзеҳи истилоҳи «салоҳиятнокӣ», мазмуну мундариҷаи он ба шумор меравад ва ин баҳс қобили таваҷҷуҳ аст, зеро таҳсилоти муосир пур аз ғояҳои навини методу тарзҳои гуногуни таълим буда, татбиқи онҳо рушду нумӯи соҳаро таъмин менамояд.

Маҷмӯан, салоҳиятнокии таҳсилотӣ ифодакунандаи таносуби матлуб байни донистан ва тавонистан, маҷмӯи талаботи ба тайёрии таҳсилотии хонанда, ба донишандӯзӣ, малака, маҳорат, таҷрибадории ӯ пешниҳодшаванда мебошад.

Моҳияти салоҳиятҳои асосиро иҷтимоишавии шахс ташкил медиҳад. Инҳо маҷмӯи қобилиятҳое мебошанд, дар тамоми фанҳо ташаккул дода мешаванд ва нақши тарбиятгарии омӯзгор дар ин маврид муҳим аст, агар омӯзгор салоҳиятнок набошад, ҳоҷати сухан дар бораи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ нест.

Донистан ё дониш дар таълими босалоҳият ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад. Салоҳиятро таълим намедиҳанд, балки салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад. Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

Бояд қайд кард, ки низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба

худ хос дорад. Ин хусусиятҳо дар муносибати хонанда ба таълим, нақши омӯзгор дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигар таҷассум меёбад. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахсияти мустақил, озодандеш ва маърифатнок замина гузорад. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими ба дониш асосёфта (анъанавӣ), низоми нав иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ ва давомнокии номуайянро талаб мекунад.

Зимни истифодаи дарсҳо бо усули салоҳиятнокӣ, омӯзгор ба хонандагон оид ба мавзӯъ лексияи хурдро ташкил намуда, азхудкунии мавзӯъро бо истифодаи корҳои мустақилона ба роҳ мемонад.

Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онҳо зиёд гардида, мустақилона кор карданро ёд мегиранд ва боиси тадбиқи салоҳиятнокӣ мегардад. Донишандӯзӣ аз хонандагон иҷрои кори мустақилонаро бо китоби дарсӣ, расмҳо, нақшаҳо, тестҳо, корҳои лабораторӣ, маводҳои табиӣ. маҳфилҳои фаннӣ, корҳои беруназсинфӣ, омӯхтани адабиёти илмӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як хонанда ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онҳо зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз хонандагон иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Зимни иҷро намудани корҳои мустақилона хонандагон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбад.

Қайд намуд, ки кори мустақилонаи хонанда бо истифодаи салоҳиятнокӣ фаъолияте мебошад, ки бе ёрии устод назорат карда мешавад ва дар он дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда таҷассум меёбад.

Набудани маводи таълимӣ сифати гузаронидани машғулиятҳои мустақилонаро паст мегардонад ва равиши кори устодро ба душвориҳо дучор менамояд.

Бинобар ин зарур аст, ки барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои мустақилона бояд омӯзгорон ба хонандагон маводи ёрирасонӣ таълимиро пешкаш намоянд. Ба маводи таълимии ёрирасон саволҳои тестӣ, ҷадвал, графику диаграммаҳо дохил мешаванд, ки ин маводҳо самаранокии машғулиятҳои мустақилонаро бо роҳбарии омӯзгор таъмин менамоянд.

Дар машғулиятҳои мустақилона хонандагон малакаи мустақилона аз худ намудани донишҳоро пайдо мекунанд. Кори мустақилона хонандагонро асосан ба ҷустуҷӯи донишҳои нав ва иловагӣ ҳидоят месозад.[1.2.3].

Корҳои мустақилона дар лаҳзаҳои дарс бо усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд, ки хонандагон онро аз рӯи супоришҳо ва бо роҳбарии муаллим иҷро мекунанд. Ташкил кардани корҳои мустақилона дар синф ба донишу таҷриба ва истеъдоди баланди омӯзгори биология вобастагии калон дорад. Зимни иҷрои корҳои мустақилона тамоми хонандагони синф ҷалб карда мешаванд.

Корҳои мустақилона дар дарсҳои лабораторӣ, амалӣ ва лаҳзаҳои гуногуни дарсҳои биология бо усулҳои гуногун ташкил карда мешавад, ки хонандагон он супоришҳоро бо роҳбарии муаллим иҷро мекунанд. Ба роҳ мондани корҳои мустақилона дар синф аз фанни биология ба савияи донишу таҷриба ва истеъдоди баланди омӯзгор вобастагии калон дорад. Инчунин зимни корҳои мустақилона синну соли хонандагон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Омӯзгор метавонад, ки дар дарсҳои лабораторӣ, дарсҳои ҷамъбастӣ ва лаҳзаҳои гуногуни дарс бо хонандагон дар синф ё беруназсинфӣ корҳои мустақилонаро бо истифода аз салоҳиятнокӣ ба роҳ монад.

Омӯзгор барои мустаҳкам намудани маводи нав метавонад аз расмҳои схематикии рустаниҳо ва ҳайвонот истифода барад. Ӯ дар дарсҳои ҷамъбастӣ ва мустаҳкамкунии мавзуъ ба ҳар як хонанда расмҳои дар варақа пешакӣ кашидаро пешкаш менамояд, ки дар он узвҳо бо рақамҳо дарҷ ёфтаанд. Хонандагон аз рӯи рақамҳои расм номи узвҳоро ёфта, вазифаҳои онҳоро муайян мекунанд ва ба дафтарашон менависанд. Омӯзгор дафтари онҳоро санҷида, аз рӯи натиҷаи кор ба онҳо баҳогузорӣ менамояд.

Корҳои мустақилона дар се шакл: фардӣ; дукаса ва чоркаса ва гурӯҳӣ ба роҳ монда мешавад.

Корҳои мустақилонаи хонандагонро дар рафти омӯзиши мавзӯи нав ва зимни мустаҳкамкунии дарс ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳолати якум характери тадқиқотӣ дорад. Масалан, муаллим дар бораи сохти скелети қурбоққа ва вазифаҳои вай маълумот дода, хонандагон мустақилона аз рӯи скелети қурбоққа қисмҳои алоҳидаашро ёфта, онро бо скелети моҳӣ муқоиса мекунанд ва фарқияти онҳоро муайян намуда, расмҳои қисмҳои алоҳидаи скелетро дар дафтарашон мекашанд. Дар охир натиҷаикори мустақилонаи хонандагон аз тарафи муаллим ҷамъбаст карда мешавад, ки чунин аст:





| Кадом ҳайвонот аломатҳои номбурдаро доранд | моҳиён | обхокиҳо |
|---|---|---|
| 1.Узвҳои хатти паҳлӯгӣ | + | |
| 2.Сӯрохиҳои дарунӣ-хонаҳо | | + |
| 3.Скелети дарунӣ | + | + |
| 4.Сутунмӯҳраи боқувват | + | |
| 5.Скелет чунин устухонҳо дорад: шона, чамбари гардан, устухони обхӯрак, устухони тӯш | + | + |

Бо истифодаи маводҳои табиӣ кори мустақилонаи хонандагонро дар дарс ба роҳ мондан қулай аст. Кори мустақилона аз рӯи маводи табиӣ ҳиссиёти тадқиқотӣ, эстетикӣ ва инчунин муҳаббати хонандагонро нисбат ба табиат ва ҳайвоноти маҳали худ афзун мегардонад [7.8].

Баъди баёни маводи нав ба хонандагон кори мустақилона супоридан аз аҳамият холӣ нест. Супоришро 10-15 дақиқа бо тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронидан мумкин аст. Масалан, муаллим аввал дар бораи харчанг маълумоти умумӣ дода, сипас ба хонандагон чунин супоришҳо медиҳад:

1. Сохти берунии харчангро мушоҳида намуда, онро бо кирмҳо муқоиса кунед.
2. Сохти танаи харчанг чӣ гуна аст, буғумҳои алоҳидаи онро ёбед.
3. Микдори пойҳо ва мӯйлабҳои онро муайян кунед.
4. Узвҳои биноӣ ва ҳаракаткунандаи харчангро ёбед.
5. Пӯшиши танаи харчангро аз назар гузаронед.
6. Намуди берунии харчангро ба дафтаратон кашед.



Кори мустақилонаи хонандагонро баъди баёни типҳо ва синфҳои алоҳидаи ҳайвонот ташкил намудан аҳамиятнок аст. Масалан, пас аз таълими типи нармбаданҳо ба хонандагон чунин супоришҳо додан мумкин аст:

1. Гӯшмоҳии бедандонакро аз назар гузаронед.
2. Аз рӯи гӯшмоҳӣ ва сохт ба кадом синф мансуб будани онро маълум кунед.
3. Сохти гӯшмоҳӣ чӣ гуна аст, аз рӯи он синну соли бедандонакро муайян кунед.
4. Узвҳои ҳиссиёт ва ҳаракатро ёбед.



Муаллим барои мустаҳкам намудани маводи нав аз расмҳои схематикии ҳайвонот истифода бурда, корҳои мустақилонаро ба роҳ мемонад. Чунончи, вай ба тахтаи синф расми ҳайвони омӯхташавандаро кашида, узвҳои алоҳидаи онро бо рақамҳо ифода мекунад. Сипас, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ҳар кадом номи узвҳои бо рақамҳо нишон додашударо ёбанд, вазифаҳои онҳоро муайян кунанд ва ба дафтарашон нависанд. Мисол, аз рӯи расми сохти дохилии амёба дар дарс рақамҳоро ба узвҳои дохилӣ мувофиқат карда, ба муаллим пешкаш мекунанд. Муаллим натиҷаи кори онҳоро ҷамъбаст намуда, ба онҳо баҳо мегузорад.







**Сохти амёбаи муқаррарӣ Сохти инфузорияи патакча**

Дар корҳои мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъ, бобҳо ё типҳои калон супоришҳои ҷадвалҳо мураккаб мешаванд. Масалан, баъди омӯхтани типи ҳайвонҳои якҳуҷайрагӣ дар таблитса номҳои ҳамаи синфҳо навишта мешавад. Хонандагон онҳоро мустақилона муқоиса карда, ба хоначаҳои алоҳида ҷавоби хаттӣ менависанд. Ифодаи чунин хонандагонро водор мекунад, ки донишҳои гирифтаашонро ҷамъбаст кунанд, аз адабиёти иловагӣ ва китоби дарсӣ пурра истифода баранд. Муаллим метавонад кори мустақилонаи хонандагонро аз рӯи китоби дарсӣ ва дигар адабиёти иловагӣ низ ташкил намояд. Дар китобҳои дарсии нав вобаста ба омӯзиши салоҳиятнокӣ маводҳои зиёд барои кори мустақилона мавҷуд аст. Ба муаллимон зарур аст, ки аз ин маводҳои китоби дарсӣ дар равиши дарс фаъолона истифода баранд [7.8.14].

**Натиҷаи иҷроиши кори хонандагон дар муқоисаи ҳаётии соддатаринҳо чунин аст:**

| **Объекти омӯзиш** | **Амёбаи муқаррарӣ** | **Эвгленаи сабз** | **Инфузорияи патакча** |
|---|---|---|---|
| **Муҳити зист** | Обҳои ширин ва шӯр | Обҳои ширин ва шӯр | Обҳои ширин ва шӯр |
| **Сохти бадан** | Гирд ва ҳангоми ҳаракат тағйирёбанда | Дарозрӯя ва дар тарафи пеши ба-данаш қамчинак дорад | Дарозрӯя буда, ба патаки пойафзол монандӣ дорад. Бо мӯякҳо пӯшида аст. |
| **Ҳаракат** | Бо ёрии пойҳои қалбакӣ | Бо ёрии қамчинак ҳаракат мекунад | Бо ёрии мӯякҳои сатҳи бадан |
| **Мутаасиршавӣ** | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ |

Инчунин бо истифода аз салоҳиятнокӣ ба хонандагон кори мустақилонаро бо тарзи кори хаттӣ ташкил кардан мумкин аст, ки онҳо тарзи ғизогирӣ, шакли бадан ва ҳаракати соддатаринҳоро муқоиса намуда, дар ҷадвали зерин ҷой мекунанд.

| Соддатаринҳо | Ғизогирӣ | Берун шудани хӯроки ҳазмнашуда | Шакли бадан | Ҳаракат |
|---|---|---|---|---|
| Эвгленаи сабз | Моддаҳои ғайри органикӣ ва моддаҳои ҳалшудаи органикиро мехӯрад. | Аз ҳар қисми бадан | нисбатан доимӣ | Бо ёрии қамчинакҳо |
| Амёбаи мукарррӣ | Моддаҳои органикиро мехӯрад | Аз ҳар қисми бадан<br>Аз ҳар қисми бадан | ғайри доимӣ | Бо ёрии пойҳои қалбакӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Патакча | Моддаҳои органикиро мехӯрад | Аз ҷойи муайян | доимӣ | Бо ёрии мӯякҳо |

Кори мустақилонаи хонандагон, одатан аз сӯҳбати муаллим оғоз шуда, бо такрор ва мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда ба охир мерасад. Баъди баёни мавзӯи нав муаллим метавонад бобҳо ва саҳифаҳои алоҳидаи китобро барои кори мустақилона пешкаш намояд. Ин дониши гирифтаи хонандагонро мустаҳкам мекунад ва малакаи мустақилона меҳнат карданро ташаккул медиҳад.

Дар кори мустақилонаи хонандагон истифодаи саволу супоришҳо ва расмҳои схематикии китоб (сохти узвҳои дарунӣ ва берунӣ, узвҳои ҳозима, асаб гардиши хун ва ғайра) аҳамияти хеле калон дорад.

Масалан, зимни омӯзиши мавзӯи «Давраҳои инкишофи паҳнкирмҳои муфтхӯр» бо истифодаи расм хонандагон сикли инкишофи кирми ҷигармакро шарҳ медиҳанд.



Зимни омӯзиши мавзӯи «Скелети одам» бо истифода аз расм хонандагон оид ба сохти скелети косахонаи сар ва рӯйи одам маълумот медиҳанд.



Зимни омӯзиши мавзӯи «Системаи ҳозима» хонандагон оид ба қисмҳои системаи ҳозима маълумот медиҳанд.



Дар дарсҳои лабораторӣ ба роҳ мондани корҳои мустақилона хело қулай мебошад. Дар ин ҳолат хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, мавзӯи кори лабораторӣ пешниҳод мегардад. Баъди анҷоми кор гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ҷамъбаст намуда, ба омӯзгор пешниҳод менамоянд.

Масалан, кори мустақилонаро зимни омӯзиши як соат дарси лабораторӣ дар мавзӯи «Мушоҳидаҳо дар бораи сохт ва ҳаракати инфузорияи патакча» пешниҳод менамоем. Ҳонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, онҳоро ба равиши кор вобаста менамоем.

***Таҷҳизот:*** пробирка бо шираоби инфузорияи патакчадор, заррабин бо штатив, микроскоп, қатрачакон, пахта, шишаи предметӣ ва пӯшиш.

**Рафти амалиёт:**

1. Пробиркаро ба даст гирифта, нигоҳ кунед, ки оё инфузорияи патакчаро бо чашми одӣ дидан

мумкин аст ё не? Агар дида тавонед, мушоҳида кунед, ки дар кадом қисми пробирка миқдори онҳо зиёд мебошанд.

2. Дар болои шишаи предметӣ аз шираоби пробиркаи инфузориядор як қатра обро чаконед. Онро тавассути заррабин ё микроскоп бинед ва шуморед, ки дар ин қатраи об чанд адад инфузория мавҷуд аст. Муайян кунед, ки шакли бадани онҳо чи хел аст, чӣ гуна ҳаракат мекунанд, қисми пеши бадан аз қафои бадан чӣ тафовут дорад?

3. Ба қатраи оби инфузориядор якчанд нахи пахтаро гузоред, қатраи обро бо шишаи рӯйпӯш пӯшонед ва дар мизчаи микроскоп гузошта, тавассути калонкунаки хурд нигоҳ кунед. Бо ёрии расми китоб муайян кунед, ки тавассути калонкунаки хурд кадом органоидҳои инфузорияро дидан мумкин аст.

4. Инфузорияро тавассути калонкунаки калон дар зери микроскоп нигоҳ кунед. Шишаи предметро тарзе гузоред, ки як ё якчанд инфузория дар байни наххои пахта монад. Мушоҳида кунед, ки кадом узвҳои инфузорияро дидан мумкин аст?

5. Ҳамаи он чиро, ки дар зери микроскоп мебинед, расм кашед ва мушоҳидаҳои худро дар дафтаратон нависед.






Инчунин, зимни омӯзиши мавзӯъҳои дарси зоология дар дарсҳо бо истифодаи тестҳо ба хонандагон корҳои мустақилони ташкил кардан мумкин аст.

1. Инфузория бо кадом роҳ афзоиши ҷинсӣ мекунад?
А) копулятсия
Б) конюгатсия
В) шизогения
Г) оосиста

2. Дар Тоҷикистон чанд намуди нематоти муфтхӯри инсон мавҷуд аст?
А) 4
Б) 6
В) 8
Г) 10

3. Рӯйпӯши бадани бандпойҳо аз чӣ иборат аст?
А) скелет
Б) моддаи исфанҷӣ
В) хитин
Г) мушак

4. Афзоиши ҷинсии гидра дар кадом фасли сол оғоз меёбад?
А) тирамоҳ
Б) тобистон
В) баҳор
Г) зимистон

5. Қатори ҳашаротҳоро ба узвҳои даҳонӣ мувофиқат кунед:
1) халандаю маканда А) қатори нонхӯрак
2) хоянда В) қатори шабушк ва кайк
3) макандаю лесанда С) қатори пулакчаболҳо
4) маканда D) қатори пардаболҳо
5) хоянда

6. Мувофиқати ҳашаротҳоро ба қаторҳо муайян намоед:

А) қатори сахтболҳо 1) нимфалис антиопа
В) қатори пулакчаболҳо 2) саргинғелон
С) қатори пардаболҳо 3) малах
Д) қатори ростболҳо 4) орӯ
5) кӯрпашша

Иҷрои корҳои мустақилона дониши гирифтаи хонандагонро мустаҳкамтар, чуқуртар ва саҳеҳтар карда, ҳиссиёти кунҷковӣ, мушоҳидачигӣ ва таҳқиқии онҳоро ривоҷ медиҳад ва дар онҳо меҳнатдӯстӣ, эҷодкорӣ, ватандӯстӣ ва меҳру муҳаббат нисбат ба табиати худро тарбия менамояд. Дар иҷрои корҳои мустақилона хонандагон мустақилона меҳнат кардан, таҳқиқ намудан, эҷодкорӣ ва хулоса баровардaнро меомӯзанд[1.6.12].

Ташкил кардани корҳои мустақилона дар дарсҳо аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дошта, фаъолияти синфро ба дарс зиёд намуда, бекории хонандагонро пешгирӣ менамояд. Зимни корҳои мустақилона хонандагон воситаҳои аёнии табиӣ ва тасвириро меомӯзанд, варақчаҳои дидактикиро пур мекунанд ва маводҳои дар экскурсия ҷамъ овардашударо ба тартиб медароранд.

**АДАБИЁТ**


1. Балакирева Э.В. Организация самостоятельной работы студентов по педагогическим дисциплинам: / Э.В. Балакирева, Р.У. Богданова и др. // Учебно-методическое пособие для преподавателей высшей школы. Часть I. – СПб, 2008.
2. Барномаи таълими фанни биология дар синфҳои 5-11. Д., 2018.
3. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов. / А.С. Воронин // Учебно-методическое пособие для студентов. – Екатеринбург, 2005.
4. Верзилин Н.М. Общая методика преподавания биологии. // Н.М. Верзилин, В.М. Корсунская - М., 1976.
5. Зубайдов У.З., Баротзода К.А., Каримзода А., Шарипов М. Методикаи таълими биология. Душанбе, 2020
6. Зубайдов У.З. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён. / У.З. Зубайдов, С.Ш. Алимов - Душанбе, 2014
7. Маҳмадзиёев А. Зоология. / А. Маҳмадзиёев - Душанбе, 2013
8. Маҳмадзиёев А. Роҳнамои зоология барои синфи 7. / А. Маҳмадзиёев - Душанбе, 2019.
9. Иванова Р.Г. Самостоятельные работы по химии. / Р.Г. Иванова, Т.З. Савич, И.Н. Чертков– М.: «Просвещение», 1982.
10. Измайлова М.А. Организация внеаудиторной самостоятельной работы студентов. / М.А. Измайлова // Мет. пособие. – М.: «Дашков и К», 2008. – 64 с.
11. Рубочкин В.А. Методические рекомендации по самостоятельной работе студентов. В.А. Рубочкин – М., 1998.
12. Умаров У.С. Кори мустақилонаи донишҷӯён бо китоб дар низоми кредитии таҳсилот. / У.С. Умаров – Душанбе, 2013.
13. Усова А.А., Вологодская З.А. Самостоятельная работа учащихся по физике в средней школы. / А.А. Усова, З.А. Вологодская – М.: «Просвещение», 1981.
14. Корсунская В.М. и др. Уроки общей биологии. / В.М. Корсунская и др.- М., 1988.
15. Филатова Н.Ф., Луцкая Л.А. Уроки зоология. / Н.Ф. Филатова, Л.А. Луцкая - М., 1979.


## ДИДАКТИЧЕСКИЕ И МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К ВЕДЕНИЮ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ КОМПЕТЕНЦИЙ В ПРЕПОДАВАНИИ БИОЛОГИИ ДЛЯ 5-9 КЛАССОВ

*Следует отметить, что система компетентностного образования имеет свои особенности взаимоотношений и процесса обучения. Эти особенности отражаются в отношении ученика к обучению, роли учителя в учебном процессе, отношениях между учителем и учениками, учениками и учебными материалами, а также во взаимоотношениях между ними. Знание и применение этих качеств на практике позволяет учителю повысить уровень владения навыками и компетенциями, в то же время закладывая основу для формирования независимой, свободомыслящей и просвещенной личности. В системе обучения компетенциям процесс развития компетенций требует времени и комплексного подхода. В отличие от системы образования, основанной на знаниях (традиционной), новая система требует выполнения действий разной степени сложности и неопределенной продолжительности.*

*Грамотно используя уроки, преподаватель организует для учащихся небольшую лекцию по теме и осваивает тему самостоятельно.*

*Самостоятельная работа - это творческая и индивидуальная деятельность каждого учащегося в общеобразовательных учреждениях, повышающая их интерес к учебе, обучающая самостоятельной работе и ведущая к реализации компетенций. Студенты учатся самостоятельно работать с учебниками, чертежами, планами, тестами, лабораторными работами, природными*

*материалами. тематические клубы, внеклассные занятия, изучение научной и популярной литературы.*

***Ключевые слова**: ученик, компетенция, рисунок, схема, компетенция, самостоятельная работа, класс, группы, урок, животные, простейшие, черви.*

## DIDACTIC AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS TO CONDUCT INDEPENDENT WORK USING COMPETENCIES IN TEACHING BIOLOGY FOR GRADES 5-9

*It should be noted that the system of competence-based education has its own characteristics of relationships and the learning process. These features are reflected in the student's attitude to learning, the role of the teacher in the learning process, the relationship between teacher and students, students and teaching materials, as well as in the relationship between them. Knowledge and application of these qualities in practice allows the teacher to increase the level of skills and competencies, at the same time laying the foundation for the formation of an independent, free-thinking and enlightened personality. In the competence training system, the process of developing competencies takes time and an integrated approach. Unlike the knowledge-based (traditional) education system, the new system requires actions of varying degrees of complexity and indefinite duration.*

*Using the lessons competently, the teacher organizes a short lecture on the topic for the students and masters the topic on their own.*

*Independent work is the creative and individual activity of each student in educational institutions, which increases their interest in learning, teaches independent work and leads to the implementation of competencies. Students learn to work independently with textbooks, drawings, plans, tests, laboratory work, natural materials. thematic clubs, extracurricular activities, study of scientific and popular literature.*

***Key words**: student, competence, drawing, diagram, competence, independent work, class, groups, lesson, animals, protozoa, worms.*

***Сведения об авторах:***

***Хидиров Голиб** - асисстент кафедры общая биология и методика препадавание биологииТаджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 934060621.*

***Бандаев Сироджиддин** – доктор химический наук, профессор кафедры органическая химия Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 907747409.*

***Баротзода Камолиддин Ашур** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры общая биология и методика препадавание биологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 934050446.*

***About authors:***

***Khidirov Golib** - Assistant of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Phone: (+992) 934060621*

***Bandaev Sirojiddin** - Doctor of Chemical Sciences, Professor of the Department of Organic Chemistry Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Phone: (+992) 907747409.*

***Barotzoda Kamoliddin Ashur** – Candidate pedagogical sceinces Associate Professor of the Department of General Biology and Teaching Methodology Biologists of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Phone: (+992) 934050446.*

**УДК 574,6:477.63/64**

## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ БАРНОМАСОЗӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Мирзоев С.Ҳ., Саидзода И.М.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***Ҳайётов Қ.Э.***

*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт*

Забонҳои барномасозӣ ҳамчун як илми навин дар фаъолияти инсонӣ миёнаҳои асри гузашта, мавриди истифода қарор гирифтанд. Бояд гуфт, ки дар аввали пайдоиш барои МЭҲ-и наслҳои якум ба барномасозӣ машғул шудан, як масъалаи басо душвор ба ҳисоб мерафт. Бо рушд кардани технологияҳои компютерӣ, тасвирҳои навини забонҳои барномасозӣ рӯи кор омад ва боиси он шуд, ки шумораи бештари одамон ба барномасозӣ машғул шаванд.

Дар ҷамеаи имрӯза, талабот ба омӯзиши забонҳои барномасозӣ хеле зиёд шудааст. Бисёре аз

муҳассилини мактабҳо орзӯи барномасоз шуданро доранд, аз ин рӯ, мо зарӯр шуморидем, ки мавзӯи таҳқиқотӣ барои роҳнамоии муҳассилини сини мактабӣ таҳия карда шавад [7, 8].

Ҳар як шахсе, ки хоҳиши барномасоз шуданро дорад, бояд оиди методикаи омӯзишии забонҳои барномасозӣ маълумоти зарӯриро дошта бошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, забонҳои барномасозиро дар дохили фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 10-ум дарс мехонанд. Ин раванд ба муҳассилин имконият медиҳад, то аз асосҳои алгоритмсозӣ, барномасозӣ ва сабки объектгароӣ бохабар шаванд [3,].

Дар раванди тадриси дарси забонҳои барномасозӣ, хонанда бояд дарк намояд, ки:

1. Забонҳои барномасозӣ принсипҳои бунёдии ТИ ва идоракунии кори нармафзории компютер мебошанд. Бе донистани забонҳои барномасозӣ, фаҳмидани барномаҳои компютерӣ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, шиносоӣ бо забонҳои барномасозӣ яке аз вазифаҳои асосӣ дар таълими ТИ мебошад.

2. Ҳар як фанни таълимии тадрисшавандаи МТМУ барои иҷрои ҳидояти касбӣ мусоидат мекунад. Забонҳои барномасозӣ ҳам, як соҳаи фаъолияти касбӣ мебошанд, ки дар ҷаҳони муосир хеле бонуфуз буда, донистани онҳо хеле муҳим мебошад.

Барномасозӣ, яке аз бахшҳои илми информатика буда, он ба таҳияи нармафзорҳои компютерӣ сару кор дорад. Барномасозиро ҳамчун раванди таҳияи лоиҳа(проект), дар яке аз забонҳои барномасозӣ фаҳмидан мумкин аст. Барномасозонро ба якчанд гуруҳҳо ҷудо мекунанд: Web-барномасоз, барномасози системаҳои омилии дастгоҳҳои мобилӣ, барномасозони системавӣ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки дар айни замон якчанд парадигмаҳои барномасозӣ мавҷуд аст (paradeigma-мисол, намуна). Ҳамаи он ақидаҳо ва усулҳои хоси истифодабарии забонҳои барномасозӣ, мувофиқи тафаккури барномасозон амалӣ карда мешаванд. Байни ҳамаи намунаҳои забонҳои барномасозӣ, новобаста аз сатҳашон робитаи махсус вуҷуд дорад. Масалан, намунаҳои: мурофиавӣ(протседуравӣ), мантиқӣ, функсионалӣ ва ба объект нигаронидашуда [9].

**Барномасозии мурофиавӣ.** Як намуди универсалӣ ва маъмултарини барномасозӣ мебошад. Ин барномасозӣ забонҳои зеринро дар бар мегирад: Ассемблер, Basic, Фортран, Паскал ва ғайра.

**Барномасозии мантиқӣ.** Барномасозии мантиқӣ асосан бо забони Пролог муаррифӣ карда мешавад. Ин забон, дар асоси сохторҳои мантиқӣ фаъолият мекунад. Барномасозии мантиқӣ худ, як намунае мебошад, ки он ба исботи масъалаҳои мантиқии худкори компютер вобастагӣ дорад. Инчунин, як бахши математикаи дискретӣ мебошад, ва принсипҳои мантиқии маълумотро дар асоси далелҳо ва қоидаҳои додашуда, барасӣ мекунад.

**Барномасозии функсионалӣ.** Ин намуди барномасозӣ, ба тавсифи пешакии маълумотҳо бо дастурҳои возеҳ дар бораи он, ки натиҷа бояд чӣ гуна бошад, маълумот медиҳад. Дар ин ҳолат, бояд бо таври функсионалӣ вазифаи ҳар як амали иҷрошаванда баррасӣ карда шавад. Масалан, вазифаи чопгар, вазифаи таҳриргари матнӣ ва ғайра.

**Барномасозии ба объект нигаронидашуда.** Ин равиши барномасозӣ ба мо имкон медиҳад, ки барномасозиро бо таври содда нишон диҳем. Барномасозон вобаста ба лоиҳаҳои додашуда, забонҳои барномасозии ба объект нигаронидашудаи гуногунро истифода мебаранд. Масалан: Visual Basic, C ++, C# ва ғайра.

Дар раванди барномасозӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи омӯзгори фаннӣ, ин интихоби забони барномасозӣ аст. Чунки, забонҳои барномасозӣ рӯз аз рӯз нав шуда, имкониятҳои васеи кориро фароҳам меоранд ва омӯзиши забонҳои барномасозии кӯҳна қобили қабули ҳамагон нест. Аз ҷиҳати методӣ омӯзгоре, ки аз забонҳои барномасозӣ дарс мегӯяд, доимо бояд аз пайи ҷустуҷӯ ва омӯзиши забонҳои барномасозии навин бошад.

*Омӯзиши забонҳои барномасозӣ се қисматро дар бар мегирад:*

1. Омӯзиши алгоритмҳо ва усулҳои сохтани онҳо;
2. Омӯзиши забонҳои барномасозӣ ва тарзи дурсусти истифодаи онҳо;
3. Омӯзиши системаҳои барномасозии нармафзорӣ [5,12].

Ҳар фарде, ки ба омӯзиши барномасозӣ машғул аст, бояд аз ин се қисмати дар боло овардашуда огаҳӣ дошта бошад.

Аз нуқтаи назари методӣ, ҳангоми омӯзиши забонҳои барномасозӣ, ҳар як муҳассил, бояд пеш аз ҳама, алифбо, синтаксис ва тарзи дуруст таҳия намудани алгоритми роҳи ҳалли масъаларо донад.

Дар раванди омӯзиши забонҳои барномасозӣ омӯзгор вазифадор аст, ки оиди забони барномасозии тадрисшаванда, бо таври муфассал ва даққиқ ба муҳассилин маълумот диҳад. Аз ин лиҳоз, методикаи таълими барномасозӣ метавонад, пеш аз ҳама, аз тартиб додани намунаҳои барномаҳои оддӣ ва асосноккунии онҳо бо масъалаҳои амалӣ оғоз меёбад. Ҳар як хонанда, бояд дарк намояд, ки омӯзиши забонҳои барномасозӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои имрӯза муҳим аст. Барои расидан ба ҳадаф, ҳама вақт, масъалаҳоеро пешниҳод намудан лозим аст, ки онҳо омафаҳм ва актуалӣ бошанд. Аз нуқтаи назари методӣ, омӯзгор дар раванди тадриси дарси забонҳои барномасозӣ, пеш аз ҳама, масъалаи додашударо, бояд бо нишон додани аёниятҳо баён намуда, барои ҳалли он алгоритми

мувофиқро таҳия намояд. Пас аз ин, дар асоси алгоритми таҳияшуда, тавассути забони барномасозӣ, барнома созад [9].

**Мисоли 1.** Тавассути забони барномасозии C++, барномаи ҳисобкунии қимати функсияи $y = ax^3 + bx^5 + e^{cx}$ –ро созед.

Бояд қайд намоем, ки аз нуқтаи назари методӣ, омӯзгор вазифадор аст, пеш аз ҳама алгоритми роҳи ҳалли ёфтани қиматҳои функсияро ба хонандагон нишон дода, дар асоси он барномаро созад. Дар ин ҳолат моҳияти масъалаи додашуда, барои хонандагон фаҳмотар мегардад. Аз ин лиҳоз, мо барои ёфтани роҳи ҳалли масъалаи додашуда, ҳам алгоритм ва ҳам барномаи онро таҳия менамоем.

**Натиҷаҳои компютерӣ:**

**a)** ҳангоми a=2.5, b=3.1, c=1.3, x=0.25 будан, y=1.42612;

**b)** ҳангоми a=1.1, b=2.2, c=0,3, x=0.4 будан, y=1.22042.

Ҳангоми омӯзиши забонҳоии барномасозии сатҳи олӣ, омӯзгор бояд фавран ба сохтори забони тадрисшаванда таваҷҷуҳ намояд. Чунки, алгоритми роҳи ҳалли масъала, дар ҳама забонҳои барномасозӣ тавассути маҷмӯи фармонҳо, навишта мешавад ва ин фармонҳоро дуруст ба муҳассилин омӯзонидан лозим аст. Дар забонҳои барномасозӣ, мафҳуми «оператор» барои ифодаи фармонҳо истифода мешавад.

| **Алгоритм** | **Барнома** |
|---|---|
| 1. Ибтидо; | #pragma hdrstop |
| 2. Дохилкунии қиматҳои a,b,c,x; | { double a,b,c,x,y; |
| 3. Ҳисобкунии $y = ax^3 + bx^5 + e^{cx}$; | cin>>a>>b>>c>>x; |
| 4. Чопи қимати y; | y=a*pow(x,3)+b*pow(x,5)+exp(c*x); |
| 5. Интиҳо. | cout<<"y="<<y; |
| | getch(); |
| | return 0; } |

**Мисоли 2.** Қимати функсияи

$$y = \begin{cases} ax + b, \text{агар } x > 0 \\ e^{bx} + a, \text{агар } x = 0 \\ a^x + 12, \text{агар } x < 0 \end{cases}$$ –ро

бо истифода аз оператори шартӣ, дар забони барномасозии C++ ҳисоб кунед.

Дар ин ҳолат ҳам, аввал алгоритми роҳи ҳалли ёфтани қиматҳои функсияи додашударо тартиб дода, дар асоси он барнома месозем.

| **Алгоритм** | **Барнома** |
|---|---|
| 1. Ибтидо; | #pragma hdrstop |
| 2. Дохилкунии қиматҳои a,b,x; | {double a,b,x,y; |
| 3. Агар x>0 он гоҳ 4 вагарна 5 | cin>>a>>b>>x; |
| 4. Ҳисобкунии $y = ax + b$; | if (x>0) { |
| 5. Агар x=0 он гоҳ 6 вагарна 7 | y=a*x+b; } |
| 6. Ҳисобкунии $y = e^{bx} + a$; | if (x==0) { |
| 7. Ҳисобкунии $y = a^x + 12$; | y=exp(b*x)+a; } |
| 8. Чопи қимати y; | if (x<0) { |
| 9. Интиҳо. | y=pow(a,x)+12; } |
| | cout<<"y="<<y; |
| | getch(); |
| | return 0; } |

**Натиҷаҳои компютерӣ:**

**a)** ҳангоми a=0.25, b=0.12, x=1.3 будан, y=0.445;

**b)** ҳангоми a=0.25, b=0.12, x=0 будан, y=1.25;

**c)** ҳангоми a=0.25, b=0.12, x=-1 будан, y=16.

Аз натиҷаҳои ҳосилшуда бар меояд, ки барномаи таҳияшуда дуруст буда, барои ҳама қиматҳои имконпазири x натиҷаҳои дилхоҳро гирифтан мумкин имконпазир аст.

Бояд қад намуд, ки аз нуқтаи назари методӣ, омӯзгор дар раванди тадриси дарс, ҳангоми таҳияи барномаи компютерӣ вазифадор аст, то ҳангоми гирифтани натиҷаҳо барои қиматҳои x>0, x=0 ва x<0 натиҷаи барномаи сохтаашро санҷад.

Тавре, ки дар боло қайд намудем, дар раванди омӯзиши забонҳои барномасозӣ, пеш аз ҳама ба алгоритми роҳи ҳалли масъалаи додашуда, диққати аввалиндараҷа додан лозим аст. Омӯзиши алгоритм ва забонҳои барномасозиро, аз рӯи ду ҳолатҳо ба роҳ мондан мумкин аст:

✓ ***ҳолати якум*** – дар қисмати аввал омӯзиши алгоритмҳо, блок-схемаҳо ва забонҳои алгоритмӣ ба роҳ монда мешаванд. Пас аз ин забонҳои барномасозӣ, синтаксис, семантика роҳҳои оддитарини

таҳияи барномаҳо омӯзонида мешавад.

✓ **ҳолати дуюм -** ҳам омӯзиши алгоритмҳо ва ҳам забонҳои барномасозӣ, дар як вақт бо таври мувозӣ ба роҳ монда мешаванд [8].

Аз нуқтаи назари методӣ, ҳолати дуюм, яке аз ҳолатҳои беҳатин ба ҳисоб меравад, чунки ин ҳолат имконият медиҳад, то омӯзиши назариявии алгоритмҳо ва забонҳои барномасозӣ бо ҳам талъам гашта, дар раванди амалии ҳалли масъалаҳо татбиқ шаванд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки хонандагон дар назди компютер нишаста, дурустии алгоритми роҳи ҳалли масъаларо бо барномаҳои тартибдодаашон муқоиса намоянд.

Ҳангоми барномасозӣ, дар раванди таҳияи лоиҳаҳо, якчанд ҳолатҳое ҷой доранд, ки бояд ҳар як барномасоз онҳоро риоя намояд:

✓ ҳолати таҳрири коди барнома;
✓ тарзи дуруст тартиб додани лоиҳаи матни барнома;
✓ ҳолати иҷроиш ва санҷиш;
✓ ҳолати кор бо парвандаҳо;
✓ ҳолати ёрирасон (кӯмакрасон);
✓ ҳолати ислоҳи хатогиҳои барнома [12].

Дар раванди таҳияи барномаҳо, омӯзгор бояд, ба раванди кодгузорӣ ва дигар ҷузъҳои ёрирасони барнома, диққати махсус дода, тарзи дурусти барномасозӣ, муайян намудани хатогиҳо ва тарзи дуруст ислоҳ намудани хатогиҳои ҷойдоштаро ба муҳассилин омӯзонад.

Барои арзёбӣ ва дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур, мо ду ҳолатҳои дар боло овардашударо, дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №26-и деҳаи Ялдамичи ноҳияи Рашт, ки яке аз мактабҳои пойгоҳи озмоишии мо ба ҳисоб меравад, барои хонандагони синфҳои 10 А ва 10 Б мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Мувофиқи барномаи таълимӣ, фанни технологияи иттилоотиро дар синфи 10-ум дар ҳаҷми 68 соат, ҳафтае 2 соат, дарс мехонанд [3]. Дар раванди таҳқиқот мо танҳо 12-соати дарсиро, дар мудати 6-ҳафта, ки дар он забони барномасозии C++ ба хонандагон омӯзонида мешавад таҳлил намудем.

Дар қисмати аввал мо синфи 10 Б-ро, ки дар он 27-нафар хонанда таҳсил мекунад, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар ин синф, раванди дарсро бо таври озмоишӣ аз руи ҳолати якум ба роҳ мемонем, яъне дар қисмати аввал омӯзиши алгоритмҳо, блок-схемаҳо ва забонҳои алгоритмӣ ба роҳ монда шуда, пас аз он забонҳои барномасозӣ омӯзонида мешавад. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар расми 1 оварда шудаанд.




| | Ҳафтаи 1 | Ҳафтаи 2 | Ҳафтаи 3 | Ҳафтаи 4 | Ҳафтаи 5 | Ҳафтаи 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Баҳои 5 | 2 | 4 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| Баҳои 4 | 8 | 5 | 7 | 11 | 9 | 10 |
| Баҳои 3 | 10 | 17 | 15 | 12 | 13 | 11 |
| Баҳои 2 | 7 | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| Азхудкунии умумии фан | 3,19 | 3,52 | 3,41 | 3,48 | 3,37 | 3,48 |

**Расми 1- Натиҷаи таҷрибагузарониҳо дар синфи 10 Б.**
**Figure 1- Results of experiments in class 10 B**

Аз натиҷаҳои диаграммаи расми 1 аён аст, ки гарчанде дар ҳафтаҳои озмоишии якум миёнаи азхудкунии умумии фани таълимӣ 3,19 бошад ҳам, дар ҳафтаи шашум ин нишондод ба 3,48 баробар шудааст, ки ин натиҷаи назаррас ба ҳисоб намеравад.

Дар қисмати дуюм, мо синфи 10 А-ро, ки дар он 26-нафар хонанда таҳсил мекунад, мавриди таҳлил *қарор* додем. Дар ин синф раванди дарсро бо таври озмоишӣ аз руи ҳолати дуюм ба роҳ мондем, яъне ҳам омӯзиши алгоритмҳо ва ҳам забонҳои барномасозӣ, дар як вақт бо таври мувозӣ ба роҳ монда шуд. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар расми 2 оварда шудаанд.




**Расми 2- Натиҷаи таҷрибагузорониҳо дар синфи 10 А.**

**Figure 2- Results of experiments in class 10 A.**

Аз натиҷаҳои диаграммаи расми 2 аён аст, ки гарчанде дар ҳафтаҳои озмоишии якум ва дуюм натиҷаи миёнаи азхудкунии умумии фани таълимӣ 3,35-3,42 бошад ҳам, дар ҳафтаҳои панҷӯм ва шашӯм ин нишондод ба 3,88 баробар шудааст, ки ин натиҷаи хеле хуб ба ҳисоб меравад.

Аз натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда бар меояд, ки ҳолати дуюм нисбат ба ҳолати якум беҳтар буда, ин ҳолат имконият медиҳад, то салоҳиятнокии дониши хонандагонро баланд бардорем. Натиҷаи диаграммавии ҳарду ҳолати ҷойдошта дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3- Натиҷаи умумии таҷрибагузорониҳо дар синфҳои 10 А ва 10 Б.**

**Figure 3- General results of experiments in classes 10 A and 10 B.**

Аз натиҷаҳои диаграммавӣ аён аст, ки салоҳиятнокии дониши хонандагони синфи 10 А нисбат ба синфи 10 Б бо қадри кофӣ фарқкунанда аст. Аз ин лиҳоз, зарӯр мешуморем, ки дар раванди тадриси дарсҳои ТИ, дар мавзӯъҳое, ки ба барномасозӣ мансубанд, аз ҳолати дуюм истифода намудан мувофиқи мақсад аст, чунки ин ҳолат салоҳиятнокии дониши хонандагонро баланд мебардорад.

## АДАБИЁТ


1. Богомолова Е.В. Программа курса «Теория и методика обучения информатике на начальной ступени»/ Богомолова Е.В // Информатика и образование. 2007. № 1. -С. 86–99.
2. Заварыкин В.М. Методика преподавания информатики и вычислительной техники/ В.М. Заварыкин, В.Г. Житомирский, М.П. Лапчик // М.: Минпрос. 1999.
3. Комилиён Ф.С. Барномаи таълимии фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-11-ӯми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Комилиён Ф.С., // Матбааи ВМИ ҶТ, Душанбе, 2018.-С.64.
4. Кужелева Г.А. Методика преподавания информатики [Текст] / Кужелева Г.А. // Учеб. пособие. Илекс. 2013.-С.30.
5. Кузнецов А.А. Основные направления совершенствования методической подготовки учителей информатики в педвузах/ Кузнецов А.А. // ИНФО. – 1997. №6.
6. Лапчик М.П. Методика преподавания информатики/ Лапчик М.П. // Учеб. пособие.: Академия .- 2003 .
7. Саидов И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ [Матн] / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ 2021. №4. -С. 220-227.
8. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ [Матн] / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29), Душанбе, 2020. -С. 161-166.

9. Саидов И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон [Матн] / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим. 2021. №1,(33). -С. 60-64.

10. Саидов И.М. Хизматрасониҳои технологияҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди таҳсилоти фосилавӣ [Матн] / Саидов И.М.Ҳайётов Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. №4(4). Душанбе, 2020. С. 160-164.

11. Симонович С.В. Общая информатика [Текст] /Симонович С.В., Евсеев Г.А.// Учебное пособие для средней школы. – М.: АСТ–ПРЕСС: Инфорком–Пресс, 1998.

12. Симонович С.В. Специальная информатика/ Симонович С.В., Евсеев Г.А., Алексеев А.Г// Учебное пособие. – М.: АСТ–ПРЕСС: Инфорком–Пресс, 1998. – С. 480 .

13. Угринович Н.Д. Преподавание курса «Информатика и ИКТ» в основной и старшей школе/ Угринович Н.Д. // Методическое пособие, – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2005. -С.182 .

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ЯЗЫКОВ ПРОГРАММИРОВАНИЯ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

*В данной статье изучена методика предподования языков программирования в общеобразовательных учереждениях. Языки программирования были использованы как новая наука в человеческой деятельности в середине прошлого века.*

*В современном обществе значительно возросла потребность в изучении языков программирования. Многие старшеклассники мечтают стать программистами, поэтому мы сочли необходимым разработать тему исследования, чтобы направлять учеников школьного возраста.*

*Чтобы оценить и реализовать эту задачу, мы проанализировали средню школу №26 село Ялдамич Раштского района, учащихся 10 А и 10 Б классов.*

*В результате анализа мы обнаружили, уровень знаний учащихся 10 А класса существенно отличается от 10 Б класса. Следовательно, отметим что для повышения компетентности знания учащихся необходимо использовать второй случай о котором идёт речь в статье.*

***Ключевые слова:*** *компетенция, программирование, компьютер, учитель, урок, алгоритм, читатель, опыт.*

## METHODOLOGY FOR TEACHING PROGRAMMING LANGUAGES IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

*This article explores the technique of pre-training programming languages in educational institutions. Programming languages were used as a new science in human activity in the middle of the last century.*

*In modern society, the need to learn programming languages has increased significantly. Many high school students dream of becoming programmers, so we felt it necessary to develop a research topic to guide school-age students.*

*To evaluate and implement this task, we analyzed secondary school No. 26 in the village of Yaldamich, Rasht district, students in grades 10 A and 10 B.*

*As a result of the analysis, we found that the level of knowledge of students in grade 10 A differs significantly from grade 10 B. Therefore, we note that in order to increase the competence of students» knowledge, it is necessary to use the second case, which is discussed in the article.*

***Key words:*** *competence, programming, computer, teacher, lesson, algorithm, reader, experience.*

***Сведения об авторах:***

***Мирзоев Сайъло Хабибуллоевич*** *– доктор технических наук, профессор кафедры информатики Таджикского национального университета. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,Таджикского национального университета , Тел: (+992) 985072787, E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru.*

***Саидзода Исроил Махмад*** *– кандидат техничеких наук, доцент кафедры информатики Таджикского национального университета 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТНУ, Тел: (+992) 904485555,* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru.*

***Хайётов Курбонали Эмомудинович****-старший преподователь кафедры информатика-программист Педагогического института в Раштскому районе, Республика Таджикистан,р. Рашт улица Э. Мухиддинов 63. Тел.: (+992) 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru.*

***About authors:***

***Mirzoev Saylo Habibulloevich*** *- Doctor of Technical Sciences, Professor of the Department of Informatics of the Tajik national university 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: 985072787, E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru.*

***Saidzoda Isroil Mahmad*** *- dotsent of the Department of Informatics, Tajik national university 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: (+992) 904485555,E-mail:*

*isroil-84@list.ru.*
***Hayotov Kurbonali Emomudinovich****- senior teacher of the department Informatic-programmist, TPI in Rasht district, Republic of Tajikistan, E. Muhiddin strit 63, Tel: (+992) 988983394,E-mail: rasht_94-94@mail.ru.*

## ПРЕИМУЩЕСТВА СОЗДАНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ ПО ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЗАНЯТИЯХ

***Латипов С.О.***
*Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни*

В стремительно растущую эпоху будущее нашей страны тесно связано с молодежью в обучении в высших учебных заведениях. И поэтому инструктируя физически и умственно зрелые и вполне заслуженные студенты стали одной из важнейших проблем сегодняшнего периода.

В настоящее время создание дидактических материалов необходимо не только для ИТ-классов, но они имеют отличную влияние на повышение эффективности в других классах, поскольку они обеспечивают эти классы живыми атмосферу с помощью аудио, видео и анимации и поэтому они считаются быть основным средством ускорения учебного процесса.

Среди таджикских ученых Каримов Илхом Исмоилович, Рахимов Азамат Сухробович, Мирзоев Абдулазиз Раджабович, Каримов Илхом Исмоилович и Рахмонов Зоир Файзалиевич провели глубокие исследования для создания электронных приложений на основе информационных технологий, их использования в образовании и вопросы перспективы развития были обсуждены в исследованиях Усмоновой Махина Рустамовны, Рафиева Сафархон Аюбовича и других. Порядок создания и реализации электронной литературы в нашей стране представлена в Концепции создания нового поколения Учебников для системы непрерывного образования. При исследовании структуры электронных учебников, Раджабов Бахрулло Файзалиевич и Гараева Альфия Кахировна создали свою методику с технологией определения стоимости электронных учебников.

Под мультимедийными дидактическими материалами понимаются электронные учебники с живым звуком, наглядными и мультимедийные возможности. Другими словами, мультимедийные дидактические средства - это электронный учебник, который расширяет доступ к информации и образовательным ресурсам через мультимедиа технологии.

Качество каждого из уроков определяется подходом преподавателя к предмету, его умение и способность донести свой контент до студентов. В то же время компьютеризация учебных заведений поднялась на более высокий уровень, а внедрение новых информационных технологий на базе компьютеров. В переходный период для информационного общества важно, чтобы квалифицированный персонал мог использовать любые передовые уровень владения компьютером, телекоммуникациями и другими средствами связи. Таким образом, эффективное использование информационных технологий в качестве образования в высшей школе - это хороший способ обучить наших потенциальных специалистов текущему и будущему уровню.

Современные компьютерные классы обеспечены удовлетворительно и качественно, компьютеры, проекционные, аудио и видео функции, которые помогают повысить эффективность обработать. [2, с.84]

У нас есть масса информации о данных, полученных в системе образования, которая основана на знании информационных технологий.

Телекоммуникационные технологии – это основа преподавания педагогической информации в области информатики, которая является

основой профессиональной ответственности мировых экспертов. Если это результат качественного подхода к качеству информационных технологий, не исключено, что качество законопроекта - это самое простое время, чтобы уметь формулировать в курсе новые качественные тома.

Компьютеры, которые являются главным достижением человеческого интеллекта, также выполняют определенные задачи по совершенствованию учебного процесса. В наши дни самые простые и сложные явление моделируется с помощью компьютера, представляет собой вычислительный эксперимент в исследованиях, то есть принимая учитывать усиленные аспекты вычислений с помощью современных средств массовой информации, когда это невозможно наблюдать за деятельностью исследователя, что позволяет анализировать результаты и

обеспечить его актуальность. Важнее всего то, что он хорошо работает с испытуемым.

В целом сочетание теории и практики в процессе обучения является основным обоснованием ярких результатов.

Содержание знаний и навыков, необходимых современным специалистам, постоянно меняется и увеличивается.

Будущие специалисты должны обладать системой знаний и навыков, которые позволит им эффективно использовать компьютерные технологии в будущей профессиональной деятельности.

Изучение компьютера как объекта в процессе обучения может быть разработкой и диагностикой содержания обучения, преподавания и обучения. То есть есть два способа использовать компьютерную технологию в процессе обучения.

Во-первых, изучение знаний и навыков приводит к осознанию возможностей компьютерных технологий, и умение использовать их при решении различных задач.

Во втором - компьютерные технологии служат мощным инструментом повышения эффективности учебного процесса.

Подготовка студентов к использованию компьютерных технологий в их будущей профессиональной деятельности важнее эффективен при следующих условиях:

1. Наличие системы формирования знаний, навыков и квалификации в области использования компьютерных технологий в своей будущей профессиональной деятельности и обеспечения их профессиональной готовности соответствующий современному обществу;

2. Наличие соответствующей методической поддержки и материально-технической базы обучения, которые позволяют студентам развивать необходимые знания, навыки и квалификацию.

Современное состояние проблем теории и практики высшей педагогики, такие как наличие компьютерных технологий в обучении и их роль в учебном процессе, поможет определить степень владения аспирантами компьютерными технологиями.

«Умение преподавателя использовать компьютерные технологии в учебном процессе, а также в обучении в классе и анализ результатов работы помогут преподавателю достаточный объем знаний и навыков использования компьютерных технологий.» [3, с.117]

Реализация с разработанной программой заданий сокращает время, затрачиваемое на объяснение новую тему и, как следствие, позволит активизировать учебный процесс, позволяя студентам уделить больше времени этому предмету и изучить его глубже. С другой стороны, преподаватель может помочь студентам овладеть знаниями и приобретением навыков и квалификацию.

Ключевым вопросом в использовании компьютерных технологий является расширение интеллектуальных возможностей людей.

В настоящее время концепция обучения меняется: получение знаний - это возможность получить доступ к информации и воспользоваться компьютерными навыками.

Использование компьютерных технологий в процессе обучения – это закономерное явление. Только эффективность их использования в образовании связана с четкой картиной замещения сложных взаимоотношений в системе взаимодействия преподаватель-студент. Компьютерные технологии меняют цель и содержание обучения, появляются новые методы обучения и организационные формы.

Содержание обучения варьируется по нескольким направлениям: включение предметов в области компьютерных технологий, обеспечивающие получение студентами профессионального и общего образования:

- расширение использование компьютерных технологий в различных сферах человеческой деятельности;
- влияние компьютерных технологий в учебном процессе увеличивается;
- разработка новой модели обучения членов компьютеризированного общества и т. д.

Студенты, прошедшие повышение квалификации, смогут получить необходимые знания и навыки работы на компьютерных технологий на гораздо более высоком уровне, чем в традиционном обучении.

Использование компьютерных технологий в обучении дает двусторонний эффект:

1. Создание новых методов обучения приведет к изменениям в организационных и методологических форм.

2. Студенты будут иметь навыки использования передовых компьютерных технологий в школьном классе.

Педагогические законы, составляющие основу профессиональной подготовки будущего учителя, являются следующимы:

- актуальность целей, контекст информатизации образования, стиль и содержание обучения, зависимость от системы обучения качества знаний и

навыки использования компьютерных технологий и личностные характеристики студента;

- компьютерные технологии - это, прежде всего, инструмент для расширения, углубление и повышение будущей профессиональной деятельности специалиста;

- обеспечение соответствующей и проверенной системы обучения и дидактических инструментов для обеспечения необходимого уровня подготовки потенциальных учителей к использованию компьютерных технологий во время изучения;

- формирование необходимых навыков и умений для использования компьютерных технологий в будущем профессиональном деятельности студентов высших учебных заведений.

Таким образом, одним из ключевых направлений процесса информатизации общества является информатизация образования. Информатизация образования широко рассматривается как методология для сферы образования, а также эффективного использования и модернизации новой информации технологических инструментов, направленных на психологическое и педагогическое использование целей обучения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Арипов М.М., Юлдашев З.Х., Юлдашев Ю.Ю. Информация о непрерывном образовании в информатика / М.М. Арипов, З.Х. Юлдашев, Ю.Ю. Юлдашев // Информационные технологии в образовании: Материалы Республиканской научно-практической конференции. - Москва: ЛГПУ, 2010, - Б. 19 - 20.
2. Буряк В.К. Дидактические основы самостоятельной работы учащихся с учебником в процессе обучения. / В.К. Буряк // Дисс. канд. пед. наук. Казан, 2013.
3. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе. / Х. Буйдаков - Душанбе: Маориф, 1998. - 428 с.
4. Кузьмина З.В. Психологияи умуми. / З.В. Кузьмина – Душанбе, 1988
5. Мусаев П. Функции учебной программы и вопросы интеграции / П. Мусаев // Учебная программа на базе DTS: Проблемы, исследования, решения. Материалы семинара. – Казань, 2012. - Б. 34 - 37.
6. Тайлаков Н.И. Проблемы обучения информатике в непрерывном образовании / Н.И. Тайлаков // Актуальные проблемы совершенствования непрерывного образовательного процесса: Материалы Республиканской научно-практической конференции. -Душанбе: Ирфон, 11-12 мая 2014 г. - Б. 34 - 36.
7. Теплов Б.М. Исследование индивидуально-психологических различий //Москва, НО, 2007, № 1. - 314 с.
8. Филатов О.К. Основные образования информатизации современного технологического обучения / О.К. Филатов // Информатика и образование. 1999. - №2 – Минск, С. 2-4.

## ПРЕИМУЩЕСТВА СОЗДАНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ ПО ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЗАНЯТИЯХ

*В данной статье рассматриваются вопросы создания дидактических материалов с использованием компьютерных технологий.*

*Телекоммуникационные технологии – это основа преподавания педагогической информации в области информатики, которая является*

*основой профессиональной ответственности мировых экспертов. Если это результат качественного подхода к качеству информационных технологий, не исключено, что качество законопроекта - это самое простое время, чтобы уметь формулировать в курсе новые качественные тома.*

*Компьютеры, которые являются главным достижением человеческого интеллекта, также выполняют определенные задачи по совершенствованию учебного процесса. В наши дни самые простые и сложные явление моделируется с помощью компьютера, представляет собой вычислительный эксперимент в исследованиях, то есть принимая учитывать усиленные аспекты вычислений с помощью современных средств массовой информации, когда это невозможно наблюдать за деятельностью исследователя, что позволяет анализировать результаты и*

*обеспечить его актуальность. Важнее всего то, что он хорошо работает с испытуемым.*

*Автор приводит убедительные доказательства того, что дидактические материалы являются основными факторами повышения эффективности учебного процесса.*

***Ключевые слова:*** *IT, дидактические материалы, мультимедиа, фотоматериалы, ТВ-коммуникация, технология, мультимедийные файлы.*

## ADVANTAGES OF CREATING DIDACTICAL MATERIALS ON THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE LESSONS

*This article discusses the issues of creating didactic materials for using computer technology.*

*Telecommunication technologies are the basis for teaching pedagogical information in the field of informatics, which is the basis of the professional responsibility of world experts. If this is the result of a qualitative approach to the quality of information technology, it is possible that the quality of a draft law is the easiest time to be able to formulate new high-quality volumes in the course.*

*Обучение воспроизведению монологической речи должно осуществляться на основе текстов по специальности, так как в них характерны стилеобразующие черты собственно научной речи и закономерность строения текста. Для восприятия и воспроизведения научного текста представляются важными такие категории текста как членимость и связность. В этой связи особое внимание студентов следует обращать на связность текста и его членимость на микротексты.*

***Ключевые слова:*** *монолог, необходимые, материал, тема, текст, средства связи, содержание, мысль, предложение, условия, примеры, структура, специальность*

## ORGANIZATION OF WORK ON THE DEVELOPMENT AND IMPROVEMENT OF PROFESSIONALLY DIRECTED RUSSIAN MONOLOGUE SPEECH HISTORY STUDENTS

*This article is devoted to the problem of improving and developing monologue speech on the material of texts, which should be organized in such a way that students acquire the necessary speech skills and abilities to build a monologue statement on certain topics.*

*The effectiveness of any utterance depends not only on how grammatically correct the speaker was able to express his thought. It is necessary to choose the right means of communication in order to present the content in the correct logical sequence, to combine individual thoughts into a single coherent text.*

*To build your own monologue statement, you must possess the necessary well-known speech and language skills and abilities that help to understand the semantic and structural dependence between individual sentences, parts of the text, as well as selectively use linguistic means in a particular speech situation. The author of the article proves his idea with examples.*

*The author believes that a special text should form the basis of teaching oral monogic speech to students of non-linguistic faculties, which will provide a practical orientation in teaching Tajik students the Russian language. The texts selected for classes in the Russian language should be selected only for one specific specialty.*

*They should be selected from stable textbooks, from popular science publications and should reflect all functional and semantic types of text organization presented in a scientific style. Texts should be available in terms of language and be quite extended, semantic complete segments that retain all the characteristics of the compositional and semantic structure of the original text.*

*Teaching the reproduction of monologue speech should be carried out on the basis of texts in the specialty, since they are characterized by the style-forming features of scientific speech itself and the regularity of the structure of the text. For the perception and reproduction of a scientific text, such categories of text as articulation and coherence seem to be important. In this regard, students should pay special attention to the coherence of the text and its segmentation into microtexts.*

***Keywords:*** *monologue, necessary, material, topic, text, means of communication, content, thought, proposal, conditions, examples, structure, specialty*

***Сведения об авторе:***

***Файзуллоева Ф.М.*** *– Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедрой русского языка.*

***About the author:***

***Fayzulloeva F.M.*** *- Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, PhD on pedagogical sciences, associate professor, head of the university-wide Chair of Russian language*

ТКБ(БКК)
Я 721.1+74
Б-92

# РОҲУ УСУЛҲОИ ОМӮЗОНИДАНИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Буриев Ф.К.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Таълими математика ба воситаи масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзонида мешавад. Кӯдак аз рӯзи аввали машғулиятҳо дар мактаб ва ҳатто дар давраи боғча бо масъалаҳо вомехӯрад. Аз ибтидо ва то интиҳои таълим дар мактаб масъалаҳоиматнии математикӣ ба хонандагони хурдсол имкон медиҳад, ки мафҳумҳои математикиро дуруст аз худ намоянд, тарафҳои алоқамандии онҳоро аз муҳити иҳотана- мудаашон дарёбанд, ва билохира ба ӯ имконияти татбиқи маводҳои назариявии азхудкардаашонро медиҳад. Дар навбати худ ҳал намудани масъалаҳои матнии математикӣ ба инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагони хурдсол мусоидати ниҳоят назаррас дорад.

Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ яке аз проблемаҳои муҳим гуфтан мумкин аст - ин чӣ тавр ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзонидани роҳи ёфтани ҳалли масъалаҳои матнӣ ба шумор меравад. Ҳаминро гуфтан ба маврид аст, ки ин дар методикаи таълими математика масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар роҳи ҳал намудани ин проблема дар адабиётҳои илмӣ- методӣ амалиётҳои амалии сабук намудани ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳои математикӣ пешниҳод гардидаанд.

Мафҳуми масъалаи матнӣ - ин иншои ягон вазъият бо забони табиии арзёбии миқдори ягон компоненти ин вазъиятро талабкунанда мебошад, ки муайянкунии муносибатро дар байни компонентҳои он ва намуди ин муносибатро муайян менамояд [2, с.134-136].

Ҳалли масъалаи матнӣ - ин кори ғайримуқаррарие мебошад, ки меҳнати фикриро талаб менамояд. Барои ба иҷрои ягон кор оғоз кардан, пеш аз ҳама роҳҳои ҳалли онро бояд хуб омӯхт, бо чӣ гуна асбобҳо кор карданро донистан зарур мебошад.

Масъалаи матнии математикӣ, ин нақли алоқаманди мухтасарест, ки дар онҳо қиматҳои баъзе бузургиҳои дохил карда шуда, талаб мекунад, ки қиматҳои номаълуми дигарро бо додашудаҳои ба он алоқаманд ва ё бо онҳо дар алоқамандӣ мувофиқи дар шарт додашуда мебошад.

Ихтёрӣ масъалаҳои матнӣ аз ду қисм: шарт ва талабот иборат аст.

Дар шарт маълумот дар бораи объектҳо ва бузургиҳое дода мешавад, ки маълум ва номаълуми ин бузургиҳо ва алоқамандии онҳо сухан меравад.

Талаботи масъала - ин нишондодест, ки онро бояд ёфт. Дар баъзе мавридҳо масъала тавре баён карда мешавад, ки қисми шарт ва ё шарт бо талаботи масъала дар як ҷумла ифода гардидааст.

Дар ҳаёти воқеӣ бо масъалаҳои гуногун вомехӯрем, ки дар шарти ин масъалаҳо додашудаҳои нолозим ва ё барзиёде, ки барои ёфтани но- маълумии он даркор нест вомехӯранд.

Мафҳуми масъала – дар барномаи синфҳои ибтидоӣ, яке аз мавзӯи асосии таълими математика ба ҳисоб рафта, ҷои махсусро ишғол менамояд.

Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ талаб менамояд, ки ҳангоми таълими математика бояд ҳамаи хонандагон мустақилона роҳ ва усулҳои ҳалли масъалаҳои пешниҳодшударо ёд гиранд. Ин на танҳо барои фаҳмонидани хусусиятҳои шахсӣ ва роҳҳои ҳалли намудҳои гуногуни масъалаҳо, балки барои инкишофи хаёли эҷодии хонандагон, васеъ шудани дониши онҳо, мустаҳкам намудани робитаи таълим ба ҳаётро низ мусоидат мекунад.

Яке аз фанҳои муҳим дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ – ин таълими фанни математика ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ба мо лозим меояд, ки ба таълими самараноки ин фан чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва чӣ дар донишгоҳу донишкадаю коллеҷҳои омӯзгорӣ аҳамият диҳем. Бе донишҳои мушаххаси математикӣ фаҳмиш ва истифодаи технологияи ҳозиразамон имконнопазираст.

Моҳияти омӯзиши математика дар он аст, ки мавзӯи омӯзиши он яке аз сохторҳои асосии ҳастӣ буда, шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдориро таҳлилу тадқиқ менамояд. Он аз таҷрибаи инсон, то мурак-кабтарин сохторҳоеро дар бар мегирад, ки ба ғояҳои илмию технологии нави муосир вобастаанд.

Таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тайёрии амиқи математикӣ, пеш аз ҳама донистани асосҳои математикаи мактабӣ, курси ибтидоии математика, назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ ва интихоби тарзу усулҳои нави касбиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зарур меояд, ки ба методҳои муайяншудаи таълими математика бо назари тозае нигаранд ва дар баробари ин диққаташонро бо методҳои нисбатан нави таълимӣ ин ё он мавзӯъ равона созанд.

Ҳаёти инсонро беистифодаи мафҳумҳои математикӣ тасаввур кар- дан ғайриимкон аст. Худ аз худ ба атроф нигарем ҳама чиз ба мате-матика вобастагӣ дорад. Ūаёт ва фаъолияти инсон аз масъалаҳои гуно- гун иборат аст. Зеро ки фаъолияти ҳар як шахс бешуморанд ва бисёр ҳалли

масъаларо талаб мекунанд. Бинобар ин хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳанӯз аз давраи кӯдакӣ барои иҷро намудани супоришҳои ҳаёт мусаллаҳ мебошанд, ки инро омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нағз медонанд.

Дар ҷараёни кор бо масъалаҳо хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо супориши омӯзгор бо тартиб додани масъалаҳо низ машқ менамоянд. Маводҳои ададӣ ва воқеӣ аз атрофи кӯдаконро иҳота намуда гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар китоби «Методика начального обучения метематике», ки дар зери таҳрири Л.Н. Скаткин нашр шудааст, оид ба ҳал ва намудҳои масъ- алаҳо чунин фикру мулоҳизаҳо баён гардидааст: ҳаллли масъала им-конидт медиҳад, ки математикаро бо ҳаёт зич алоқаманд намоем. Муал- лиф оид ба инкишоф ва дарккардани хонандагон пешкаш менамояд, ки масъалаҳоро аз ҳаёт гирифта ҳал намоянд. Дар ҳақиқат, дар китоб барои намуна масъалаҳое гирд оварда шудаанд, ки онҳо меҳнати калонсолон, ҳамсолон, муваффақиятҳои фан ва техникаи солҳои ҳокимияти Шӯрави- ро дар бар мегиранд. Он масъалаҳое, ки оид ба бузургиҳои арзиш, нарх, миқдор дода шудаанд, ба замони давраи мо алалхусус, солҳои охир мувофиқ мебошанд.

Дар дастури методии «Решение математических задач в 1-3 классах», ки ба Свечников А.А. тааллуқ дорад, басо фикрҳои ҷолиби диққат гуфта шудааст. Муаллиф ба таҷрибаи муаллимони пешқадам такя карда, кӯшиш кардааст, ки методҳои фаъоли ҳалли масъалаҳоро на қориёна балки онро бошуурона аз худ намоянд. Муаллиф дар дастури худ ҳал намудани масъалаҳоро бо истифодаи ҷадвалу схемаҳо ва роҳҳои гуногун шарҳ додааст.

Дар китоби М.А. Бантова «Методика преподования математики в начальных классах» дар хусуси ҳалли масъалаҳои содаю таркибӣ, намуд- ҳои он фикру ақидаҳояшонро баён кардааст. Муаллиф масъалаҳои содаро ба се гурӯҳи калони асоси ҷудо менамояд, ки дар навбати худ онҳо ба зергурӯҳҳо тақсим шудаанд: а) Масъалаҳое, ки маънои мушах- хасгардонии амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурӯҳ 5 намуди масъала дохил мешавад. б) Масъалаҳо оид ба вобастагии компонент ва натиҷаи амал, ба ин гурӯҳ 8 намуди масъала дохил мешавад. в) Муқоисаи фарқи ду адад нисбати ду адад, ё масъалаҳое, ки мафҳуми нави амалҳои ариф- метикиро маънидод мекунанд. Ба ин гурӯҳ 12 намуди масъалаи сода дохил мешавад, ки дар навбати худ ба 2 гурӯҳ ҷудо мешавад:

1). 6-то масъалаи роста.

2). 6-то масъалаи баръакс.

Муаллиф бо мақсади инкишоф додан ва фаъолгардонидани дониш- азхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ роҳу усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матниро шарҳ додааст. Инчунин дар қисмати ҳалли масъалаи таркибӣ ҷадвал ва нақшаҳо, усулҳои истифодаи он дар ҷараёни ҳалли масъала баён шудааст, китоб барои ҳар як донишҷӯ, методистону омӯзгрони ҷавон ягона дастурест, ки ба забони русӣ нашр шудааст.

Дар китоби Стрекозин Н.Я и др. «Актуальные проблемы началь-ного обучения» оид ба ҳалли масъалаҳо суханони басо ҷолиб ҷой дорад. Ӯ қайд намудааст, ки хонандагон дониши гирифтаи худро бо мафҳумҳои ҳаёти ҳаррӯза тақозо намоянд, то ки илму амал дар онҳо баробар инкишоф ёбад. Ӯ аз назария ба амалия гузаштан ва баръаксро яке аз омилҳои инкишофёбии мактаббачагон номидааст. Истифодаи ин дастур дар фаъолияти ҳар як омӯзгор мавқеи бузург дорад. Чунки муаллиф дар он масъалаҳои ҳалталабе, ки имрӯз дар назди тарбиятгарон истодаанд нишон дода, роҳ, усул ва бо кадом воситаҳои самарабахш бартараф кардани онҳоро муайян кардааст.

Таълимоти С.Н. Лысенкова, ки дар китоби худ бо номи «Когда легко учиться» оварда шудааст. Муаллиф пешкаш менамояд, ки дар вақти ҳал кардани ин ё он намуди масъала аз схемаҳои такягоҳе, ки дар бораи дуруст дарк кардани шарҳи масъала ва бо мақсади инкишофи тафаккури нутқи онҳо усулҳои шарҳдиҳиро барои истифода бурдан, тавсия менамояд. Инчунин вай ба тартиб додани шарти мухтасар, кӯтоҳ навиштани шарти масъала диққат додааст.

Аз давраҳои аввали омӯзиши фанни математика аз масъала исти- фода намуда, дар зеҳни хонандагон шакли рақамҳо, тарзи ҳосилшавии онҳо, таркиби ададҳоро ҷой медиҳем.

Масъала мафҳумест, ки ҳар як хонандаро ба фикр кардан водор ме- созад. Дар инкишофи таффакур, идрок, диққат ва дониши хонандагон мусоидат менамояд.

Масъалаи арифметикӣ, пеш аз ҳама, муносибати объект бо амалҳои арифметикиро ифода менамояд.

Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ омӯзиши масъалаҳо, аз ҷумла масъалаи сода аз ҳудуди 10 сар карда омӯзонида мешавад.

Ҳоло бо намуди масъалаҳо дар синфҳои ибтидоӣ шинос мешавем:




Масъалаҳо ҳам як намуди машқ мебошанд, мазмуни математикии онҳо ба воситаи матн ифода меёбад. Ба сифати як намуди муҳими машқ- ҳои математикӣ қабул намудани масъалаҳои математикӣ боиси он ме- гардад, ки масъалаҳо дар таълими математика мавқеи мустақил пайдо мекунанд ва ҳамчун воситаи ёридиҳанда ҳангоми таълими ҳамаи мавзӯъ- ҳо мемонанд. Вобаста ба мақсади ҳар лаҳзаи таълим ба сифати машқ ҳамин хел масъалаҳои матниро интихоб намудан мумкин аст, ки бо ёрии онҳо вазифаи гузошташудаи таълимӣ иҷро мешавад. Бинобар ин, ҷамъи масъалаҳои мушаххас дорандаи ҳамон вазифае мебошанд, ки таълими математика дар худ дорад, яъне мо вазифаҳои таълими математикиро бо ёрии масъалаҳо иҷро мекунем.

Ҳамин тавр, масъалаҳои матнии математикӣ аҳамияти калони педогогӣ доранд: мо бо ёрии онҳо системаи донишҳои математикӣ ва маҳорату малакаҳои заруриро ташаккул медиҳем, хонандагони синфҳои ибтидоиро ба фаҳмиши қонунҳои табиат ва татбиқи онҳоро ме- фаҳмонем, тадриҷан мазмуни донишҳоро васеъ мегардонем, малакаи мустақилона маълумотгириро меомӯзонем.

Мафҳуми масъалаҳо инчунин воситаи муҳими ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон мебошанд, ки дар онҳо хусусиятҳои мусбати ахлоқӣ ҳосил мегардад, шавқу ҳавас ва мустақилии онҳоро ба вучуд меоваранд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ таҳлилу ҷамъбасткунӣ, муҳокима ва хулосабарориро ёд мегиранд, ба низом даровардану ба ҳамдигар пайвастани далелу донишҳои алоҳидаро машқ мекунанд, тарзи математикии таҳқиқи ҳодисаҳои ҳақиқат ва воситаи инкишофёбии тафаккури математикии хонандагон бо ёрии масъалаҳо омӯзонида мешавад [7, с. 42-43].

Масъалаҳои матнӣ барои ҳалли худ татбиқи ин ё он амалро метала- банд ва миқдори амалҳои барои ҳалли масъалаҳои сода зарур буда яке аз характеристикаҳои муҳими масъалаҳои матнӣ мебошад.

Ҳал кардани масъалаҳо аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Он ба инкишофи тафаккур, нутқ, тасаввур, диққат ва хотираи хонандагон ёрӣ мерасонад. Дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳо мафҳум дар бораи робитаи байни бузургиҳо ташаккул ёфта, малакаҳои ҳисоб- кунӣ такмил меёбанд.

Ҳал кардани масъалаҳои матнӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мақсаднокӣ, суботкорӣ, сарфакорона интихоб намудани воситаҳо барои ба мақсад ноил шудан, бо нақша кор кардан, амалиёти худро асоснок ва таҳлил карданро меомӯзонад.

Масъалаҳои арифметикӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: масъ- алаҳои сода, ки барои ҳал кардани онҳо якто амал талаб карда мешавад ва масъалаҳои таркибӣ, ки бо ду ва зиёда амалҳо ҳал карда мешавад.

Таркиб ва матни масъала аз ададҳи маълум ва аз ададҳи ноъмалум, шарт ва савол иборат мебошад. Ҳангоми ҳал кардани масъала ба чунин шартҳо риоя карда мешавад: ифоданок хондани матни масъала; муайян намудани фикри асосӣ, яъне сухан дар бораи чӣ меравад; шарти мухтасари масъала; тасвир намудани нақша ё схемаи масъала; санҷиши ҳалли масъала; шаклдигаркунии масъала.

***Ифоданок хондани матни масъала*** - хондани матни масъала аз хондани ҳикоя фарқ мекунад. Ададҳо назар ба калимаҳо дигар хел хонда мешаванд. Чунки ҳар як адад комбинатсияи махсуси аломат - рақамҳо мебошад, дар як вақт аломат - рақамҳо мебошад, дар як вақт аломат – ҳарфҳо ҳамчун дар калимаҳо дар комбинатсияи муайян дучор мешаванд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар вақти ба ададҳои матни масъала дучор шудан маҷбур мешаванд, суръати хониши худро суст кунанд. Хондани масъала аз хонандагон малакаи махсусро талаб мекунад. Ба хонандагон фаҳмондан зарур аст, ки фақат дар вақти дуруст фаҳмо ва ифоданок хондан масъаларо хубтар фаҳмидан мумкин аст.

***Муайян намудани фикри асосӣ, яъне сухан дар бораи чӣ меравад*** –нақлкунии шарти масъала барои аз худ кардани он аҳамияти муҳим дорад. Аксар вақт ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо ошкор

карда меша- вад, ки хонандае шарти масъаларо дуруст дарк карда наметавонад ва доир ба масъала дар бораи чӣ сухан рафтанашро ба худ тасаввур карда наметавонад. Дар натиҷа хонанда ба шарти масъала кам сарфаҳм рафта, мазмуни онро намефаҳмад. Ин бошад ба нодуруст иҷро шудани масъала сабаб мешавад.

Дар таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо як қатор усулҳои методӣ истифода бурда меша- ванд:

1) Барои он ки хонандагон масъаларо дуруст фаҳманд, омӯзгор ба онҳо чунин супориш медиҳад: тасаввур кунед, ки шумо дар он иштирок доред ва оид ба масъала дар бораи чӣ сухан меравад.

***Масъала:*** Дар боғи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 хонандагони синфи сеюм 16 бех ниҳоли зардолу ва хонандагони синфи чорум 18 бех ниҳоли себро шинонданд. Ҳамагӣ онҳо чанд бех ниҳол шинонданд?

2) Бо мақсади он ки хонандагон масъаларо фаҳманд, баъзан муво- фиқи мақсад аст, ки шартро ба таври зинда тасвир карда, баъд аз он ки дар ягон шахс ифода меёбад.

***Масъала:*** Дилбар 450 дирам пул дошт. Ӯ ба 240 дирам дафтар харид. Баъди харид чанд дирам пули Дилбар боқӣ монд?

3) Ба ҷои мухтасар баён кардани шарт омӯзгор онро чунон пурратар гуфта медиҳад, ки хонандагон муҳимияти асосие ки масъала аз он гирифта шудааст, бо осонӣ тасаввур карда тавонанд ва масъала барои онҳо фаҳмотар шавад.

**Масъала:** Дар мағоза 950 кг себу нок буд. То бегоҳӣ 720 кг-и онро фурӯхтанд. Дар мағоза чанд кг себу нок монд?

4) Барои он ки хонандагон дар кадом ҳалатҳо масъалаҳои ба гузаш- та монандро дар кадом маврид ҳал кардан лозим буданашро фаҳманд. Омӯзгор баъди такрор кардани шарт ба хонандагон суҳбати мувофиқ мегузаронад.

**Масъала:** Ду писарбача дар якҷоягӣ 180 кг пахта чинданд. Писар- бачаи якум 86 кг пахта чинд. Писарбачаи дуюм чанд кг пахта чинда буд?

5) Барои хубтар аз худ кардани шарти масъала ва дар натиҷаи ин, барои хубтар фаҳмидани *роҳу усулҳои* ҳалли он истифода бурдани асбобҳои аёнӣ мадад мерасонанд.

**Масъала:** Писарбача аз зери як дарахти себ 20 дона ва аз зери дарах- ти дигар 3 маротиба зиёд себ ҷамъ кард. Ӯ ҳамагӣ чандто себ ҷамъ кард?

***Шарти мухтасари масъала*** - ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо аз хонандагон навишти шарти мухтасари масъала талаб карда мешавад. Навишти саволҳо нисбат ба навишти амалҳо бошууруна ҳал кардани масъаларо таъмин мекунад.

**Масъала:** Ба китобхонаи литсей 80 то китоби забони модарӣ ва 2 маротиба зиёд китоби математика оварданд. Ҳамагӣ ба китобхонаи литсей чанд китоб оварданд?

Шарти мухтасари масъала чунин навишта меш

Забони модарӣ - 80- то ←┐
Математика - 2 маротиба зиёд ─┘
Ҳамагӣ - ?

Ҳал: $80 \times 2 = 160$; $80 + 160 = 240$. Ҷавоб: 240- то китоб.

***Тасвир намудани нақша ё схемаи масъала*** - хонанда дар вақти навиштани шарти масъала мазмуни онро чуқур фикр мекунад ва қимати далелҳои ададию вобастагии байни онҳоро беҳтар дарк мекунад.

**Масъала:** Се гурӯҳи хонандагон барои боғи литсей 240-то ниҳол оварданд. Гурӯҳи якум 35-то, гурӯҳи дуюм назар ба гурӯҳи якум 3 маро- тиба зиёд ниҳол оварданд. Гурӯҳи сеюм чандто ниҳол овард?

Аз ин шарт далелҳои ададиро навишта, ба таври схема чунин ҷойгир кардан мумкин аст:

I – 3
3 гурӯҳ – 240- то ←┐
II – 2 маротиба зиёд ─┘
III – ?

***Санҷиши ҳалли масъала*** - санҷиши ҳалли масъалаҳо барои мустаҳ- камтар дарк кардани он ва беҳтар фаҳмидани вобастагиҳои байни ададҳои маълум ва матлуб мадад мерасонад. Аҳамияти асосии санҷиш аз он иборат аст, ки он ба хонандагон мустақилиятнокии зиёдро фароҳам меоварад. Ҳангоми санҷидани ҳалли масъала фақат як амал талаб карда мешавад.

**Масъала:** Аз се майдон 2870 кг картошка гирифта шуд. Аз майдони якум 648 кг, аз дуюмаш назар ба майдони якум 124 кг зиёд картошка гирифта шуд. Аз майдони сеюм чанд кг картошка гирифта шуд?

***Шаклдигаркунии масъала*** - баъди он ки хонандагон роҳу усулҳои ҳал кардани масъалаҳоро аз худ мекунанд, инчунин намуди тағйирдодани масъаларо низ меомӯзанд. Шаклдигаркунии масъала асосан аз 2 қисм иборат аст: а) бо шакли нав баён кардани савол; б) мураккаб кардани шарт бо

далелҳои иловагӣ.

**Масъала:** Моҳигир бо шаст 8 ширмоҳӣ ва 6 то зиёд гулмоҳӣ дошт. Вай ҳамагӣ чанд моҳӣ дошт?

Ҳал: 1) 8 + 6 = 14; 2) 14 + 8 = 22. Ҷавоб: 22 моҳӣ.

Ба шакли масъала тағйирот дароварда, чунин менависем: Моҳигир ҳамагӣ 22 моҳӣдошт. Аз ин 14-тои он гулмоҳӣ буд. Миқдори ширмоҳи-ро ёбед? Ҳал: 22 – 14 =8.Ҷавоб: 8 ширмоҳӣ.

Дар таълими математика 25 намуди масъалаҳо мавҷуд аст, ки аз он 12 тояш оид ба амали ҷамъ ва тарҳ, 13 тояш оид ба амали зарб ва тақсим мебошад.Тарзҳои ҳалли масъала ба 4 қисм ҷудо мешавад: 1) амалии намоишдиҳӣ; 2) арифметикӣ; 3) алгебравӣ; 4) графикӣ.

Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ғайр аз масъалаи сода ва таркибӣ, масъалаҳои сегона доир ба мавзӯи «суръат, вақт, масофа» ва «нарх, миқдор, арзиш» низ омӯзонида мешавад.

***Таъриф:*** Масъалаи сегона гуфта чунин масъаларо меноманд, ки он аз се мафҳуми асосӣ иборат аст.

Масъалаҳои сегона дар синфҳои ибтидоӣ бо чунин мафҳумҳо: «нарх, миқдор, арзиш» ва «суръат, вақт, масофа» таълим дода мешавад.

Бинобар он, дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ омӯзони- дани масъалаҳои мунтаносибӣ, ҳамагӣ шашто ҳастанд, аз ҷумла: доир ба «нарх, миқдор, арзиш» якто масъалаи мутаносиби роста ва дуто масъ алаи мутаносиби чаппа ва ба «суръат, вақт, масофа» якто масъалаи мутаносиби роста ва дуто масъалаи мутаносиби чаппа таълим дода ме- шавад [15, с.126].

***Масъала:*** Мошини сабукрав бо суръати 70 км/ст дар давоми 4 соат дар роҳ буд. Вай дар ин вақт чанд км масофаро тай мекунад?

Шарти кӯтоҳ:
$v$=60 км/соат
<u>t = 4 соат</u>
$S$=?

Ҳал: $V=S:t \Rightarrow S = V \cdot t$ = 70 км/соат × 4 соат = 280 км.Ҷавоб: 280 км.

Ба масъалаи додашуда масъалаи мутаносиби чаппаро менависим:

Мошини сабукрав 280 км масофаро дар давоми 4 соат тай кард. Суръати мошинро ёбед?

Шарти кӯтоҳ:
$S$=120 км
<u>t = 2 соат</u>
$V$-?

Ҳал: $V = S:t$ = 120 км : 2 соат = 60 км/соат. Ҷавоб: 60 км/соат.

Масъалаҳои баръакс: 1). Қодир 45 дона чормағз, Комил 65 дона чормағз шикаст. Ҳамагӣ онҳо чанд дона чормағз шикастанд?

Барои тартиб додани масъалаи баръакс масъалаи додашударо масъ- алаи роста қабул карда, пас аз рӯи он масъалаҳои баръакс тартиб додан мумкин аст.

<u>Шарти кӯтоҳ:</u>
Қодир – 55 дона
Комил – 75 дона
Ҳамагӣ – ?

Ҳал: 55+75=130 дона. Ҷавоб: 130 дона чормағз.

1) Қодир ва Комил 130 дона чормағз шикастанд. Қодир 55 дона чормағз шикаст. Комил чанд дона чормағз шикаст?

<u>Шарти кӯтоҳ:</u>
Ҳамагӣ – 130 дона
Қодир – 55 дона
Комил - ?

Ҳал: 130 -55=75 дона. Ҷавоб: 75 дона чормағз.

3). Қодир ва Комил 130 дона чормағз шикастанд. Комил 75 дона чормағз шикаст. Қодир чанд дона чормағз шикаст?

Ҳамагӣ – 130 дона
Комил – 75 дона
Қодир - ?

Ҳал: 130 – 75 = 55 дона. Ҷавоб: 55 дона чормағз.

Масъалаи дуюм ва сеюм аз масъалаи якум ҳосил шудааст. Аз ин сабаб, ду масъалаи охирин нисбат ба масъалаи додашуда масъалаҳои баръакс номида мешаванд.

Дар раванди ҳал намудани масъалаҳои матнӣ хонандагон мазмуни аслии амалҳои арифметикиро аз худ менамоянд, бо ишораҳо барои навишти амалҳо шинос мешаванд. Чунин масъалаҳо мувофиқи барномаи таълимӣ барои ҳар як синф пешбинӣ карда шудаанд. Мактаббачагон, аз ибтидо зарурияти

ҳар дафъа таҳлил намудан, муқаррар намудани алоқа- мандии додашудаҳо ва номаълумҳои масъаларо пеш аз интихоби ин ё он амал барои ҳал намуданро меомӯзанд [5, с.234-236].

Масъалаҳои матнӣ маводи ғанитаринест, ки бо воситаи онҳо вазифаи муҳимтарини математика - инкишофи фикрронӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон амалӣ карда мешаванд.

Дар баробари масъалаҳои сода, аз синфи дуюм сар карда, масъ- алаҳои таркибӣ дохил карда мешаванд, ки дар синфҳои се ва чор ин душворӣ афзудан мегиранд. Зарур аст, ки ҳамаи кӯдакон мустақилона роҳи ҳалро ёфта ва истифодаи муносибати умумиро ба ҳал намудани масъалаҳо омӯзанд. Хонандагон таҳлил намудани мундариҷаи масъ алаҳоро омӯхта, амиқ дар масъала чӣ маълум аст ва чӣ номаълум аст ҷудо карданро меомӯзанд. Барои ба саволи масъала ҷавоб гуфтан тартиби иҷрои амалҳои арифметикиро бо кадом тартиб иҷро карданро низ аз худ менамоянд. Беҳтар мебуд, ки кӯдакон доир ба роҳу усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ маълумот дошта бошанду аз ҳама муносибашро интихоб карда тавонанд.

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки масъалаҳалкунӣ ҳама вақт аз савол оғоз меёбад, ки он инъикоси проблема ва мушкилоти воқеъӣ дар шуури инсон мебошад. Дар амалияи кори синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳ- силоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо хонандагон аз омӯзгор асосан масъалаҳои тайёрро дастрас менамоянд. Чӣ тавре, ки таҳқиқоти мо нишон дод омӯзгорон низ на худашон масъала тартиб медиҳанду на ба хонандагон супориш медиданд, ки масъала тартиб диҳанд. Ҳол он ки дар раванди омӯзиши математика, ҳангоми аз тарафи хонандагон муста- қилона ҷӯстани ҷавоб ва саволҳои пайдошуда, шаклҳои гуногуни вазъият- ҳои проблемавии математикӣ пайдо мешаванд, ки ҳамаи онҳоро барои тартиб додани масъалаҳои матнии математикӣ истифода намудан мумкин аст. Дар ин маврид масъала объекти омӯзишу таҳлил ба ҳисоб меравад ва хонандагон ба моҳияти масъала сарфаҳм рафта, тафаккури математикии худро ташаккул медиҳанд ва дар раванди ҳал намудани масъалаҳои матнӣ хонандагон донишҳои нави математикӣ гирифта, ба амалиёти амалӣ тайёр мешаванд. Масъалаҳалкунӣ боиси инкишофи қобилияти мантиқӣ ва фикрии онҳо мегардад. Ба инкишофи шахсияти хонандагон низ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки доир ба масъалаҳои матнӣ маълумоти кофӣ дошта бошад ва як масъаларо бо якчанд роҳу усул ҳал намуданро уҳда карда тавонад.

**АДАБИЁТ**


1. Атохонов Р. Масъалаҳои содда дар синфҳои ибтидоӣ. / Р. Атохонов -Душанбе: 1986.-68 с.
2. Бантова М.А. Методика преподования математики в начальных классах. М.А. Бантова и др.-М.: 1987.-335 с.
3. Бегимов Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Наҷмиддинов-Душанбе: 2020. -233 с.

Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, Т.Б. Раҷабов, И.Д. Сайёдов – Душанбе: 2013. – 98 с.

4. Белошистая А.В. Методика обучения математике в начальной школе. / А.В. Белошистая // Курс лекций. -М.: 2007. – 455 с.
5. Бурҳонов Қ.Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Қ.Т. Бурҳонов – Хуҷанд: 2015. - 159 с.
6. Бурҳонов Қ.Т. Маҷмӯаи мисолу масъалаҳо доир ба математика. Қисми 1. / Қ.Т. Бурҳонов – -Душанбе: 1990. - 84 с.
7. Иззатуллоев К. Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ. / К. Иззатуллоев, А. Пирназаров, Т. Давлатов, Д. Муродова // (Дастури таълимӣ-методӣ). –Душанбе: 2016. – 167 с.
8. Истомина Н.Б. Методика преподавания математики в начальных классах. / Н.Б. Истомина -М.: МГЗПИ. 1996. -136 с.
9. Л.Н. Скаткин. Методика начального обучения метематике. / Л.Н. Скаткин. – М.: -1972. - 320 с.
10. Лысенкова С.Н. Когда легко учиться. / Л.Н. Скаткин. – М.: 2014. -52 с.
11. Ҷумаев К.Қ. Асосҳои математикаи элементарӣ ва маҷмӯаи мисолу масъалаҳо. / К.Қ. Ҷумаев, Р.Э. Азизов, Ҳ.М. Ҳафизов – Душанбе: 2007. -424 с.
12. М.А. Бантова. Методика преподавания мате-матики в начальных классах. / М.А. Бантова., Г.В. Бельтюкова. -М.: 1984. – 335 с.
13. М.И. Моро., А.М. Пышкало. Методика преподавания мате-матики в начальных классах. / М.И. Моро., А.М. -М.: 1978. – 336 с.
14. Свечников А.А. Решение математических задач в 1-3 классах. / А.А. Свечников 1976. М.: – 160 с
15. Стрекозин Н.Я и др. Актуальные проблемы начального обучения. / Н.Я Стрекозин – М.: 1976. – 207 с.


## СПОСОБЫ И МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ТЕКСТОВЫМ ЗАДАЧАМ В ПРОЦЕССЕ УРОКА МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ


*В статье анализируются способы и методы обучения решению текс- товых задач в процессе обучения математике младших школьников. При обучении математике в начальных классах способы и средства решения текстовых задач должны быть целенаправленными.*

*На наш взгляд, одним из способов повышения качества и эффектив- ности обучения математике в начальной школе является развитие научного мышления и творческих способностей младших*

*школьников к решению текстовых задач в ходе уроков математики.*

*Решение текстовой задачи - необычный способ, то есть требует инте- ллектуальной работы. Следовательно, чтобы начать что-то делать, сначала нужно научиться это делать и как это делать. Решение текстовых задач играет важную роль в математике начальной школы. Умение решать задачи - один из показателей уровня математического развития, полноты учебных материалов.*

*Математику в основном любят те ученики, которые умеют решать задачи. Поэтому, обучая учеников умело решать задачи, их интерес к изучению математики положительно влияет на их интеллектуальное и речевое развитие.*

*Сознательное овладение математическими знаниями учащихся раз- вивает их математическое мышление. Вооруженный практикой мышления, он позволяет им успешно приобретать новые знания.*

*Наряду с использованием текстовых задач в обучении математике в начальной школе выделяются группы различных задач в обучении арифметическим операциям, порядку и методам их решения. Использование этих вопросов учителями начальной школы повышает уровень знаний учащихся и приводит к лучшему развитию навыков преподавания математики в начальной школе.*

***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, знания, умения, ученики начальных классов, учителя начальных классов, математическая программа начальных классов, обучение математике в начальной школе, проблемные концепции, типы задач, текстовые задачи, решение текстовых задач, взаимо- связи обучения.*

## METHODS AND METHODS OF LEARNING TEXT PROBLEMS IN THE PROCESS OF THE LESSON OF MATH IN THE ELEMENTARY CLASSES

*The article analyzes the ways and methods of teaching the solution of word problems in the process of teaching mathematics to junior schoolchildren. When teaching mathematics in primary grades, the methods and means of solving word problems should be purposeful.*

*In our opinion, one of the ways to improve the quality and efficiency of teaching mathematics in elementary school is to develop scientific thinking and the creative abilities of younger students to solve word problems during mathematics lessons.*

*Solving a word problem is an unusual way, that is, it requires intellectual work. Therefore, in order to start doing something, you first need to learn how to do it and how to do it.*

*Word problem solving plays an important role in elementary school mathematics. The ability to solve problems is one of the indicators of the level of mathematical development, the completeness of educational materials.*

*Mathematics is mainly loved by those students who know how to solve problems. Therefore, teaching students to skillfully solve problems, their interest in the study of mathematics has a positive effect on their intellectual and speech development.*

*Conscious mastery of students» mathematical knowledge develops their mathematical thinking. Armed with the practice of thinking, it enables them to successfully acquire new knowledge.*

*Along with the use of word problems in teaching mathematics in elementary school, groups of various problems in teaching arithmetic operations, the order and methods of their solution are distinguished. Primary teachers» use of these questions increases student learning and leads to better mathematics teaching skills in primary schools.*

***Key words:*** *education, upbringing, knowledge, skills, primary school students, primary school teachers, primary school math program, teaching mathematics in primary school, problem concepts, problem types, word problems, word problem solving, learning relationships.*

***Сведения об авторе:***

***Буриев Фирдавс Комиджонович*** *– старший преподаватель кафедры методика начального образования Таджикский государственный педа гогический университет имени Садриддина Айни. г. Душанбе, проспект Рудаки. Телефон: ( +992) 904132606. E-mail: firdavs.buriev.List.ru*

***Aboutthe authors:***

***Buriev Firdavs Komildjonovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: (+992) 904132606. E-mail: firdavs.buriev.List.ru*

# АСОСНОККУНИИ РОБИТАИ БАЙНИФАННИИ ФАНҲОИ «ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ» ВА «МАТЕМАТИКА» ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

***Саидов А.Қ.***
*Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Айни замон аксарияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои фаннӣ аз воситаи технологияҳои иттилоотӣ ва муллтимедӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Таҷрибаи давлатҳое, ки сатҳу сифати таълимашон рушд кардааст, нишон медиҳанд, ки онҳо бештар барои гузаронидани машғулиятҳо аз технологияҳои муллтимедӣ ва иттилоотии муосир васеъ истифода мекардаанд. Зеро дар натиҷаи истифодаи техника ва технологияи иттилоотву муллтимедӣ ҳавасмандии хонандагон ба машғулиятҳо зиёд гардида, қобилиянокии тафаккури зеҳнии онҳо инкишоф меёбад. Аз тарафи дигар сарфакории вақти омӯзгор дар раванди машғулият идора карда мешавад [1, с. 22].

Инчунин ба назар мерасад, ки дар ояндаи наздик барои рушди сатҳу сифати таълим татбиқи технологияи иттилоотии компютерӣ фанҳои гуногунро ба худ муттаҳид месозад. Зеро аксарияти мисолу масъалаҳои иқтисодӣ, физикӣ, математикӣ ва муҳандисӣ бо барномаҳои компютерӣ мутобиқ гардонида шудаанд, ки онҳоро дар раванди таълим истифода кардан мумкин аст. Ин муттаҳидшавии фанҳоро робитаи байнифаннӣ номидан мумкин аст.

Робитаҳои байнифаннӣ дар таълим ҳамчун омили рушди ҳамаҷониба таъсирбахшанда ба ҷамъбаҳои маърифатӣ ва ахлоқии шахсият амал мекунад. Дар доираи раванди таълим, робитаи байнифаннӣ ба татбиқи тамоми принсипҳои дидактикӣ мусоидат намуда, ҳамкории онҳоро тақвият мебахшанд: *ташаккули раванди донишҳои илмӣ, малака, маҳорат ва шавқу рағбати маърифатӣ, эътиқоди ҷаҳонбинии мутахассисони оянда шуда метавонад.*

Машғулиятҳои байнифанӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки маводҳоро аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ дастрас намуда, амиқ омӯзанд ва ба омӯзгор татбиқи донишҳои амалӣ ва назариявии бадастовардаро нишон диҳанд.

Ҷиҳати истифодаи фаъолонаи робитаҳои байнифаннӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, технологияи иттилоотии компютерӣ ва омӯзиши фанни «Информатика» нақши бебаҳо дорад. Фанни информатика ё ба истилоҳи дигар технологоияи иттилоотӣ ҳамчун як фанни таълимӣ ба як василае табдил меёбад, ки дар тамоми соҳаҳои муассисаи таълимӣ васеъ истифода мешавад [1, с.45-46].

Ҳангоми гузаронидани машғулият бо донишҷӯён, ба онҳо на танҳо истифодаи компютерҳоро омӯхтан, балки тасаввуроти онҳоро дар бораи системаи кории компютер ошно сохтан зарур аст. Таълими донишҷӯён бояд дар асоси мисолҳое, ки аз фаъолияти воқеии касбӣ ва инчунин, тарзи ҳалли масъалаҳои математикӣ гирифта шудаанд, асос ёбад. Дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ зарур аст, ки роҳҳои автоматӣ ҳал намудани мисолу масъалаҳои иқтисодӣ, физикӣ, математикӣ ва муҳандисӣ тариқи компютер нишон дода шавад.

Дар заминаи тайёр намудани мутахассиси касбии оянда омӯзгорони муосирро зарур аст, ки ғайр аз малакаи педагогиву писихологии хеш боз аз технологияҳои иттилоотӣ ва муллтимедӣ истифода карда тавонанд. Инчунин моҳияти тафаккури педагогиро ҳамчун як хусусияти фаъоли шахсияти омӯзгор бо як қатор ҳолатҳое, ки барои раванди таълим дар муассисаҳои олӣ хосанд, чунин муайян намоянд:

– маърифати тафаккури педагогии омӯзгорӣ, усули хоси таълимдиҳии бисёрҷанба ва доимо тағирёбандаро бо раванди таълим якҷоя намудан;

– самти педагогика, ки назарияи таълим ва тарбияро инкишоф медиҳад, пурра омӯзонад. Аёниятҳои дидактикавӣ, қонунҳову принсипҳои таълим ва ҳадафҳои онро, ки қадамҳои асосҳои аввалини илмии таълим мебошад, усул, шакл ва воситаҳои таълимро низ самаранок истифода намояд;

– барномаҳои компютерии муосирро доир ба самти педагогии равияҳои гуногун дар сатҳи баланд иҷро намудан;

– вобаста ба фаҳмиш ва тасаввуроти ҳар як донишҷӯ аз ҳаёти воқеӣ мисолҳо оварда тафаккури зеҳнии онҳоро бедор намудан;

– тафаккури педагогии омӯзгориро ҳаматарафа донад, зеро он ба маҷмӯи мураккаби амалҳои рӯҳӣ барои пешгӯӣ, ташхис, тарҳрезӣ, татбиқ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада асос ёфтааст, қавитар гардонад.

Хусусияти тафаккури педагогиро дар равобити байнифаннӣ хусусияти фаъолияти касбии омӯзгор ва шароити ҷараёни таълим муайян мекунад [2, саҳ 20-21].

Ҳалли вазифаҳои педагогӣ, ки «воҳиди асосии функсионалии фаъолияти тафаккури омӯзгор» мебошанд, (Ю.Н. Кулюткин, Э.К. Осипова, В.В. Сериков, Г.С. Сухобская), дар мақолаҳои худ омӯзгорро доимо аз фаъолияти «асосӣ» берун мебароранд, зеро омӯзгор на танҳо пешниҳоди ин ё он маводи таълимиро меҷӯяд, балки мекӯшад, ки ба хонандагон аз ҷиҳати тафаккури воқеӣ таъсири

маънавӣ расонад.

Азбаски дар асосноккунии равобити байнифаннӣ аз донишҳои системаҳои гуногуни фаннии донишҷӯён истифода мебаранд, пас, алоқаҳо аз як тараф, байни унсурҳои гуногуни сохтории донишҳои иқтисодӣ, физикӣ, математикӣ, химиявӣ, биологӣ ва аз тарафи дигар, байни унсурҳои гуногуни сохтории донишҳои фанни технологияи иттилоотӣ муқаррар карда мешавад. Бинибар ин, меъёр ба донишҷӯён муайянсозии маҳорати муқарраркунии алоқаҳои баёнифаннӣ пурра иҷро кардани амалиёти мантиқӣ аз рӯйи мафҳумҳо дар асоси равобити байнифаннӣ мебошад [3, с. 27].

Ҳамин тариқ, низоми рушди фаъолияти тафаккури фаҳмиши донишҷӯён ташаккул меёбад, ғайр аз равобити байнифании математикӣ ва озмоиши компютерӣ ба омодасозии донишҷӯён ба ҷамъияти иттилоотӣ мусоидат менамояд, зеро ин сарфаҳмравии системанокро дар анбӯҳи иттилоот, дарк намудан ҳалли масъалаҳои математикӣ тариқи компютерро меомӯзонад. Дар ин замина омӯзгорони фанҳои математика ва технологияи иттилоотиро зарур аст, ки машғулиятҳои фанниро чунин ба роҳ монанд:

– аз технологияҳои муллтимедӣ (компютер, тахтаи электронӣ, проекторҳо ва ғайра) самаранок истифода намоянд;

– оиди мавзуҳои алоҳида ба ҳар як донишҷӯ вазифагузорӣ намуда, мақсадгузорӣ ва сохтани алгритмро ҷой диҳанд;

– барномаҳои компютерии автоматигардонидашудаи самти математика ва технологияи иттилоотиро истифода намоянд;

– натиҷаи ҳалли масъалаҳои математикии барномаҳои компютерӣ баровардаро шарҳ дода муқоиса намоянд.

Иловатан омӯзгори фаннӣ ба хонандагон технологияи ҳалли мисолу масъалаҳои намунавиро дар барномаҳои компютерӣ бо истифода аз баъзе функсияҳои он нишон дода, моҳияти онро омӯзонад. Мувофиқи мақсад мебуд, агар омӯзгори фаннӣ ҳалли мисолу масъалаҳои математикии ба замони муосир мувофиқ бударо ба хонандагон нишон диҳад [4, с.233].

Ҳаминтариқ равобити байнифаннӣ ҷиҳати васеътар сарфаҳм рафтани моҳияти ҳалли мисолу масъалаҳои математи

1. *Комилов Ф.С.* Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст] / Комилов Ф.С., Рахмонов З.Ф. // Ирфон г. Душанбе-2012,-174 с.

2. Мышление учителя: личностные механизмы и понятийный аппарат // Под ред. *Ю.Н. Кулюткина Г.С. Сухобской М.*: Педагогика. 1990. 104 с.

3. *Осипова Е.К.* Структура педагогического мышления учителя //Вопросы психологии. 1987. № 5. – С. 144 – 146.

4. *Назаров А.П.* Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ. Душанбе – 2019. 462 с.

5. *Файзализода Б.Ф.* Робитаи байнифаннӣ чун салоҳиятнокии калидӣ зимни омӯзиши амсиласозии математикӣ дар курси технологияи иттилоотӣ [Матн] / Файзализода Б.Ф., Саидов А.Қ., Тиллоев Ш.Ҳ. // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд, 2020. №4. – С. 168-173.

## ОСНОВАНИЕ МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫХ СВЯЗИ «ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ» И «МАТЕМАТИКА» В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ ВУЗОВ

*Данная научная статья посвящена обоснованию междисциплинарных отношений между дисциплинами информационных технологий и математики в процессе изучения в ВУЗах. Следует отметить, что в эпоху развития современных технологий нам необходимо интегрировать предмет информационных технологий с другими дисциплинами. Без использования мультимедийных программ, видеопроекторов и электронных досок невозможно улучшить современные методы обучения. При использовании информационного и мультимедийного оборудования и технологий интерес студентов к урокам возрастает. Поскольку большинство примеров, экономических, физических, математических и инженерных задач адаптированы к компьютерным программам, их можно использовать в процессе обучения, который можно назвать междисциплинарной интеграцией.*

***Ключевые слова**: компьютерные программы, информационные технологии, мультимедиа, междисциплинарное общение, дидактические принципы, информатика, университеты, математика, современные технологии, различные системы, математические, физические, экономические, химические, инженерные проблемы.*

## FOUNDATION OF INTERDISCIPLINARY RELATIONS «INFORMATION TECHNOLOGIES» AND «MATHEMATICS» IN THE EDUCATIONAL PROCESS OF UNIVERSITIES

*This scientific article is devoted to the substantiation of interdisciplinary relations between the disciplines of information technology and mathematics in the studying process in Higher Education Institution. It should be noted that in the era of modern technology development, we need to integrate the subject of information technology with other disciplines. Without using of multimedia programs, video projectors and whiteboards, modern teaching methods cannot be improved. In the case of using information and multimedia equipment and*

*technologies, students» interest increases about lessons. Most of the examples for economic, physical, mathematical and engineering problems are adapted to computer programs, they can be used in a learning process that may called interdisciplinary integration.*

***Key words:*** *computer programs, information technology, multimedia, interdisciplinary relation, didactic principles, computer science, universities, mathematics, modern technologies, various systems, mathematical, physical, economic, chemical, engineering problems.*

***Сведения об авторе:***

***Саидов Асомиддин Курбонович*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми. Академия образования Таджикистана. Тел .: (+992) 929267432, E-mail: asomiddin 08@mail.ru*

***About the authors:***

***Saidov Asomiddin Kurbonovich*** *– Post-graduate student of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi. Academy of Education of Tajikistan. Tel.: (+992) 929267432, E-mail: asomiddin 08@mail.ru*

**ТДУ 512 (075.3)**
**ТКБ**
**Я 73 22. 14**
**F-85**

## МАСЪАЛАҲОИ ИНКИШОФДИҲАНДА ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМИ АЛГЕБРАИ СИНФИ 7

***Ғуломов И.Н.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*
***Шомуродова Б.Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Маълум аст, ки таълим воситаи асосии тарбия ҳисоб мешавад. Дар таълим бошад методҳои зиёд ба воситаи ҳалли масъалаҳои мухталиф амалӣ мегарданд. «…Ҳалли масъалаҳо бошад ҳамчун воситаи таълим баромад мекунанд » [4; с.190]. Мо ба мафҳуми масъала ва сохти он эътибор надода нишон медиҳем, ки дар адабиёти методи оид ба математика кадом намуди масъалаҳо ҷудо карда шудааст. Дар адабиёти педагогӣ асосан се намуди масъала: 1) масъалаҳо доир ба ҳисоббарорӣ; 2) оид ба сохтан ва 3) роҷеъ ба исбот дучор меояд. [2],[3].

Педагог ва психологи намоёни аҳди шӯравӣ Л.М.Фридман масъалаҳоро аз рӯи хусусияти талаботи масъала ба чор гурӯҳ: 1)масъалаҳо оид ба ёфтани номаълум; 2) масъалаҳо ба табдилдиҳиҳои объекти дода шуда; 3) масъалаҳо доир ба сохтани ягон объекти ва 4) масъалаҳо ба исбот – ҷудо намудааст [3].

Аммо, қайд бояд кард, ки дар ин гурӯҳбандӣ **масъалаҳои инкишофдиҳанда,** ки ба **мушоҳида, муқоиса** ва **аналогия** асос меёбанд, ворид нашудаанд. Дар ҳалли ҳаргуна масъала зарраи хурди кашфиёт маҳфӯз аст, бинобар ин дар он ҷой барои фарз (тахмин) ва хулосабарории ҳақиқат монанд бояд бошад.

Чӣ тавре ки муаллифони «Методикаи таълими математика дар мактаби миёна» «навиштаанд масъалаҳои математикии анъанавии мактабӣ ҳаминтавранд, ки барои ҳалли худ дониш, малака ва маҳоратро аз рӯи материали хурди барномавӣ талаб мекунанд. Бинобар ин, мавқеъ ва аҳамияти онҳо дар давоми ҳамон фосилаи вақт, ки барои омухтанашон ҷудо карда шудааст, ба итмом мерасонд»[2;с.164]. Аз ин тасдиқ бармеояд, ки ингуна масъалахо воситаи ёридиҳанда барои шарҳи материали назариявӣ ҳисоб мешаванд.

Масъалаҳои инкишофдиҳанда барои дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои кори мустақилона ва инкишофи тарзхои фаъолияти фикри (таҳлил (анализ), синтез, махсусгардонӣ, умумикунонӣ ва ғ.) равона гардидаанд.

Акнун доир ба чанд мавзӯи «Алгебра. Синфи 7» (А.Шарифзода, Б.Алиев. - Душанбе: Сарпараст ,2002 ) ингуна масъалахоро тартиб медиҳем.

Мавзӯи – « **Графики функсияҳо** ва **соҳаи муайянии онҳо**».

1.Нобаробарии холӣ гузоштаро пур кунед.

| | |
|---|---|
| $Y = \frac{1}{x}$ | X≠0 |
| $Y = \frac{4}{x(X-1)}$ | ? |

Мавзӯъ: **Ифодаҳо, муодилаи хаттии дуномаълума ва графики он.**

Ифодаҳо, адад ё ин ки расми холӣ бударо нависед.

2.

| | | |
|---|---|---|
| $5a - 3b$ | $a + b$ | $4a - 4b$ |
| $\frac{m}{m-p}$ | $\frac{p}{m+p}$ | ? |

3.

| | |
|---|---|
| 44 | 2*2*11 |
| $a^2 + (b-c)^2$ | ? |

4.

| | | |
|---|---|---|
| $2x^4b$ | $3x - 7 = 5$ | $16a^{16}b^4$ |
| $2a^7bc^3$ | $8 - 2x = 2$ | ? |

5.

| | |
|---|---|
| $4x + 3y = 25$ | $(1;7), (4;3)$ |
| $3x + 7\,y = 19$ | ? |

6.

$5y + 3x = 17$

$7x + 3y = 16$

$(\,x, y$ – ададҳои натуралӣ$)$



7. Ифодаҳо, адад ё ин ки расми холӣ бударо нависед.




**Ҳал.** Дар ин масъала се объект дода шудааст: ифодаҳо давраҳо ва чоркунча. Мушоҳида намуда хосиятҳо, муносибатҳои онҳоро муқаррар мекунем. Ифодаҳои якумро мушоҳида карда ба назар мерасад, ки дар байни даврвҳои ифода дошта амалҳои арифметикии тақсим ва зарби касрҳо истифода гардидааст. Пас аналогӣ хулоса мебарорем, ки давраи якум бо дуюм тақсим карда шуда, натиҷаи он ба давраи сеюм

зарб карда мешавад. Ва натиҷаи онҳо дар дохили чоркунҷа навишташудааст. Яъне: $\frac{3}{8}:2\frac{4}{5}*3\frac{7}{3}=\frac{5}{7}$ ба ҳамин тариқ амалҳо ва муносибатҳои байни онҳоро муайян намуда, натиҷа $\frac{5}{7}$ – ро ҳосил намудем:

Ҷавоб:




8. Қимати ифодаро ёбед.

| | | |
|---|---|---|
| $3a+2b$ | $a=1\frac{2}{3}$; $b=2\frac{1}{3}$ | $\frac{29}{3}$ |
| $\Delta a+\ \ b$ | $a=2\frac{А}{В}$; $b=1\frac{Б}{Г}$ | ? |

**Ҳал.** Дар ин масъала ифода, қимати ададии номаълумҳо ва натиҷаи онҳо дода шудааст. Қиматҳои $a$ ва $b$ - ро дар ифодаи якум гузошта, $\frac{29}{3}$ пайдо шудааст. Методӣ аналогияро истифода намуда, ифодаи дуюмро ҳал менамоем. Дар он шаклҳо ва ҳарфҳо оварда шудаанд. Аз рӯи мушоҳида ва муносибати байни ададҳо, шаклҳо ва ҳарфҳо ки секунҷаро адади 3 ва чоркунҷаро ададӣ 4- ифода намуда, ҳарфҳои А,Б,В,Г-ро аз рӯйи тартибошон бо рақами ҷойгиршавиашон ифода мекунем. Яъне А –ҳарфи аввали алифбои забони тоҷикӣ, Б – ҳарфи дуввум, В – ҳарфи сеюм ва Г – ҳарфи чоруми он мебошанд. Бинобар ҳамин А=1, Б=2, В=3, Г=4. Пас ифодаи дуюм ҳангоми қиматҳои тахмин кардаро гузоштан қимати 13-ро мегирад:

Ҷавоб:

| | | |
|---|---|---|
| $\Delta a+\ \ b$ | $a=2\frac{А}{В}$; $b=1\frac{Б}{Г}$ | 13 |

$$3a+4b=3*2\frac{1}{3}+4*1\frac{2}{4}=3*\frac{7}{3}+4*\frac{6}{4}=\frac{21}{3}+\frac{24}{4}=\frac{84+72}{12}=\frac{156}{12}=13$$

9. Ифодаро ҳисоб кунед.

| | |
|---|---|
| 80 | 4*4*5 |
| $4a^2-(2a+b)^2$ | ? |

**Ҳал.** Дар ин ифода мушоҳида намуда муайян мекунем, ки ду обект ҷой дарад. Ифодаи якумро ба зарб кунандаҳо ҷуда кардаанд. Вобаста ба хосиятҳои формулаҳои зарби мухтасар ифодаи дуюмро низ ба зарбкунандаҳо ҷудо мекунем, ки дар натиҷа ифодаи $-4ab-b^2$-ро ҳосил менамоем:

Ҷавоб:

| | |
|---|---|
| $4a^2-(2a+b)^2$ | $-4ab-b^2$ |

10. Муносибати ифодаҳои ададӣ ва тағйирёбадаро ёбед.

| | | |
|---|---|---|
| $5a^3bc^2$ | $4x-5=7$ | $125a^9b^3c^6$ |
| $7a^2b^2c^3$ | $5x+2=12$ | ? |

**Ҳал.** Донишҳои математикӣ имконияти пайбурдани се объектро дар ин масъала медиҳанд. Объектҳои якум ва сеюм ифода буда ва объекти дуюм муодилаи якномаълума мебошад. Савол ба миён меояд, ки объекти сеюм натиҷа чӣ тавр ҳосил гардидааст? Агар ба ин савол ҷавоб гардонида тавонем, онгоҳ масъалаи дуюмро ба воситаи аналогия ҳал намудан мумкин аст. Аввал муодиларо ҳал карда $x = 3$ - ро ҳосил намуда, ифодаи якумро ба ҳамин қимат ба дараҷа бардоштаанд. Пас агар ин амалро бо масъалаи дуюм иҷро намоем, онгоҳ $x = 2$-ро ҳосил менамоем. Агар ифодаи якумро ба ҳамин адад ба дараҷа бардорем онгоҳ чунин натиҷаро ба даст меорем:

**Ҷавоб:**

| | | |
|---|---|---|
| $5a^3bc^2$ | $4x - 5 = 7$ | $125a^9b^3c^6$ |
| $7a^2b^2c^3$ | $5x + 2 = 12$ | $49a^4b^4c^6$ |

11. Муносибати байни муодила ва расмҳоро барқарор кунед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| $x + 2 = 5$ | *** | ** | 3 |
| $2x - 4 = 6$ | ** | * | ? |

**Ҳал.** Дар ин масъала се объект як муодила, расм ва адади 3 дода шудааст. Агар методҳои аналогияро истифода кунем, дидан мумкин аст, ки расм дар ин масъала касри $\frac{3}{2}$ -ро ифода мекунад ва агар онро ба муодилаи масъалаи якум зарб зада -ро ёбем ба 3 баробар мешавад. Ин амалиётро дар масъалаи дуюм пай дар пай иҷро намуда, адади 5-ро ҳосил мекунем. Зеро дар ин масъала расм касри $\frac{2}{1}$ - ро ифода карда ба 2 баробар аст.

Ҷавоб:

| | | | |
|---|---|---|---|
| $2x - 4 = 6$ | ** | * | 5 |

12. Ҷойгиршавии амалҳо ва расмҳоро муайян намоед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| $\frac{x^2-y^2}{(x-y)}$ | $\frac{x^2+xy+y^2}{x^3+y^3}$ |  | 5 |
| $2\frac{a^2-b^2}{(a+b)^2}$ | $3\frac{(a+b)}{(a-b)}$ |  | ? |

**Ҳал.** Дар масъалаи овардашуда чор объект ҷой дорад, ду ифодаҳои касрӣ фигура ва адади 5. Ба воситаи мушоҳида метод ва мантикан фаъолият кардан пай бурдан мумкин аст, ки дар масъалаи якум байни касрҳо амалӣ зарб гузоштагшуда ҳисоб карда мешавад. Расм, ки панҷ шоха дорад ифодакунандаи адади 5 қабул карда мешавад. Дар натиҷаи зарби касрҳо адади як ҳосил шуда онро адади 5- и расм зарб карда натиҷаи 5-ро ҳосил менамоем. Ин амалҳоро бо масъалаи дуюм иҷро мекунем, аммо дар ин ҷо расм чоршоха аст ва он ба адади 4 баробар мегардад. Зарби касрҳои масъалаи дуюм ба 6 баробар гардида, агар онро ба 4- зарб кунем адади 24 ҳосил мегардад. Яъне:

Ҷавоб:

| | | | |
|---|---|---|---|
| $2\frac{a^2-b^2}{(a+b)^2}$ | $3\frac{(a+b)}{(a-b)}$ |  | 24 |

мегардад. Омӯзгор метавонад ҳангоми таҳияи тести ниҳоӣ барои санҷиши донишҷӯён ҷойгиршавии саволу масъалаҳоро дар паспорт тағйир диҳад, чунки вобаста ба мақсади тестгирӣ миқдори саволу масъалаҳо ва инчунин навъи саволу масъалҳои гуногунро метавонист дар тести ниҳоӣ истифода намуд.

Мақсади муаллифон дар он аст, ки ҳар як мутахассиси фанни таълимӣ барои арзёбии дониши донишҷӯён метавонад, бо мутолиа намудани мақолаи мазкур ба таҳия намудани саволу масъалаҳои тест шурӯъ намояд.

Матритсаи тесте, ки дар ҷавдали 10 пешниҳод мегардад, омӯзгорон метавонанд барои фаннҳои таълимии гуногун, таҳия кунанд ва дар фаъолияти педагогиашон дар МТОҚ истифода намоянд.

***Ҷадвали 10. Матритсаи тест аз фанни Забони немисӣ***

| № | Бобҳо | Дониш | Малака/ маҳорат | a, % |
|---|---|---|---|---|
| 1 | АНШХ | | | 56,5±2 |
| 2 | Фонетикаи амалӣ | | | 8,7±2 |
| 3 | Грамматикаи амалӣ | | | 23,9±2 |
| 4 | Назарияи грамматика | | | 6,6±2 |
| 5 | Назарияи фонетика | | | 4,3±2 |
| b,% | Ҳамагӣ | 60% | 40% | 100% |

Ишораи ±2 дар ҷадвали 10 онро ифода менамояд, ки ҳангоми таҳияи тести ниҳоӣ омӯзгор вобаста ба мақсади тезтгузаронӣ метавонад, миқдори саволу масъалаҳоро дар ин боб кам ва ё зиёд намояд.

Матритсаи тест аз фанни забни анлисӣ, ки муаллифон таҳия намуданд (ҷадвали 10), универсалӣ буда, онро метавонист барои таҳия намудани тести ниҳоӣ новобаста аз миқдори саволу масъалаҳо, истифода намуд [5, 6].


**АДАБИЁТ**

1. Чельшкова М. Б., Ковалева Г. С., Татур А. О., Хлебников В.А. Концепция аттестационного тестирования выпускников общеобразовательных учреждений на этапе перехода от школы к вузу // Проблемы качества, его нормирования и стандартов в образовании: Сб. науч. ст. – М.: ИЦ. – 1998.
2. Хусравбеков, Л.Д. Шерматов Д.С. Тест – как инструмент измерения в системе образования / В сб. науч. статей 61-й годич. с межд. участием. Вклад медицинских наук в практическое здравоохранение. – Душанбе. – 2013. – С.118-120.
3. Аванесов, В.С. Основы научной организации педагогического контроля в высшей школе / В.С. Аванесов // – Москва, 1989. – С. 96 -100.
2. 4.Bloom, B. S. Taxonomy of educational objectives, handbook 1: The cognitive domain / B.S. Bloom // – New York: McKay,1956.
3. 5.Ярославова Е. Н., Колова С. М., Дегтярёва Л. Т. Методические рекомендации для преподавателей по составлению контрольно-измерительных материалов (иностранный язык). – Челябинск: Изд-во ЮУрГУ. – 2004. – 44 с.
4. Crocker L., Algina J. Introduction to Classical and Modern Test Theory. Univ. of Florida. HBJCP, 1986.


## РАЗРАБОТКА КАЧЕСТВЕННОГО ИНСТРУМЕНТА ДЛЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО КОНТРОЛЯ ПО НЕМЕЦКОМУ ЯЗЫКУ


*В статье предлагается план разработки теста по немецкому языку, методика разработки тестовых заданий и конструирование педагогических тестов. Отмечены правильные постановки тестовых заданий, для дальнейшего их применения в качестве инструмента с целью оценивания знаний и умений учащихся ВУЗОВ. Отмечено, что знания и умения учащихся можно оценить лишь с помощью качественного инструмента измерения.*



***Ключевые слова:*** *разработчики, тестовые задания, качество теста, тестология, педагогические измерения, инструмент измерения, знание и умение.*


## DEVELOPMENT OF THE QUALITATIVE TOOL FOR PEDAGOGICAL MEASUREMENTS OF GERMAN LANGUAGE


*The article proposes a plan for developing a test of German language, a methodology for developing test items and the design of pedagogical tests. The correct formulations of test items are noted for their further use as a tool for assessing the knowledge and skills of students of High educational school. It is noted that the knowledge and skills of students can only be assessed using a high-quality measurement tool.*



***Key words:*** *developers, test items, test quality, testology, pedagogical measurements, measurement tool, knowledge and skill.*

***Сведение об авторах:***

***Хусравбекова Б.Д.*** *– заведуш кафедры немедского языка филологических факультета Хоругский государственного университета имени М. Назаршоев*

***Мамадасламов М.*** *– преподователь кафедры немедского языка филологических факультета Хоругский государственного университета имени М. Назаршоев*

***Хусравбеков Л.Д.*** *– асисстент кафедры Медико-биологическая физика Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибн Сино*

***About the authors:***

***Khusravbekova B.D.*** *- Head of the Department of the Nemesian Language of the Philological Faculty of Khorug State University named after M. Nazarshoev*

***Mamadaslamov M.*** *- Lecturer of the Department of the Nemessian Language of the Philological Faculty, Khorug State University named after M. Nazarshoev*

***Khusravbekov L.D.*** *- Assistant of the Department of Biomedical Physics, Avicenna Tajik State Medical University*

**ТДУ: 681.3:802.0**
**ТКБ: 73+81.2 Анг А-83**

## САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Асқарова У.Ҳ.***
*Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон*

Хушбахтона, баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар кишвари мо ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва азхудкунии онҳо диққати махсус равона шуда, барои омӯзандагон шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Дар замони ҷаҳонишавӣ омӯзиш ва азхудкунии яке аз забонҳои хориҷӣ аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки чанд соли охир таваҷҷуҳи ҷавонон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ афзудааст.

Имрӯз дар донишгоҳу донишкадаҳо, литсейю муассисаҳои касбӣ ва мактабҳои миёнаи кишвар забонҳои зиёд, аз қабили забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсузӣ, арабӣ, чинӣ, олмонӣ ва ғайра таълим дода мешаванд. Аз ин миён, омӯзиши забони англисӣ аҳамияти махсус дорад. Зеро ин забон яке аз забонҳои сергӯиштарин маҳсуб меёбад. Хушбахтона, имрӯз омӯзиши забони англисӣ дар Тоҷикистон босуръат пеш рафта истодааст, ба вижа дар чанд соли охир он дар кишвари азизамон вусъати тоза пайдо кардааст.

Дар шароити пешрафти босуботи илму технология ва ҳамкориҳои байналмилалӣ зарурати донистани забонҳо ва талабот ба мутахассисони забонҳои хориҷӣ, рӯз аз рӯз афзунтар мегардад. Ин пеш аз ҳама барои ҷавонон барои баланд бардоштани савияи дониш ва пайдо намудани малакаи корӣ омили асосӣ мебошад. Бинобар ин барои ташкилу такмил ва фароҳам овардани шароиту усулҳои нави омӯзиши забонҳои англисӣ дар мактабҳои олии кишварамон роҳи асосии ҳалли масъала ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мекунанд, ки дар кишвари мо дар баробари забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо низ ҳуқуқи фаъолияти баробар дода шудааст ва ин имкон медиҳад, ки онҳо низ аз бар карда шаванд. Ба ҳамин хотир масъалаи рушди омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. [2]

Дар асоси Барномаи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои такмил додани таълими забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» силсилаи чорабиниҳои судманд пайваста амалӣ мешаванд ва бад-ин васила сатҳи донишомӯзии таълимгирандагон афзуда, малакаи забондонии онҳо беҳтар мегардад. [3]

Яке аз омилҳои аслӣ дар ин самт бо китобҳои таълимӣ таъмин намудани мактабҳо мебошад. Бо ин мақсад Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи китобҳои дарсии забони англисиро дар рӯҳияи миллӣ ва бо назардошти соҳибистиқлолии кишвар таҳия ва чоп мекунад.

Бар замми ин савияи дониши омӯзгорӣ забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дар саводнок намудани донишҷӯён нақши муҳим мебозад ва ӯ тавассути дониши худ метавонад сифати таълимро боло бардошта, шавқи шогирдони худро ба омӯзиши забони англисӣ беҳтар намояд. Такмили салоҳияти касбии омӯзгори фанни забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба болоравии малакаҳои корӣ ва иштироки ҳар як донишҷӯ дар ҷараёни дарс нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон пеш аз ҳама омилҳои зеринро дар бар мегирад:

- доштани малака ва маҳорати таҳия ва татбиқи барномаи таълимӣ;

- истифодаи усулу технологияҳои муосири дарсдиҳӣ (воситаҳои аёнӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ оид ба усулҳои дарсомӯзӣ, намоиши сабти нақшаҳои таълимии ҳиссаҳои нутқ);

- ташаккули фаъолияти нутқи донишҷӯён ва таъмини фарҳанги нутқи онҳо (омода намудани мизҳои мудаввар бо ҳамкурсон аз дигар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, намоиши сабтҳои инкишофи нутқ ва ғайра);

- қобилияти ташкили дарсҳои озод, бедор намудани шавқмандии донишҷӯён ба забон;

- истифодаи донишҳои назариявӣ ва амалии забоншиносӣ (дар доираи баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯ).

Самаранокии ҷараёни таълими фанни забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ метавонад дар заминаи салоҳияти баланди касбӣ ва маҳорати омӯзгориро таъмин намояд. Салоҳияти касбии омӯзгори фанни забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сатҳи баланди дониши худро дар ҳалли масъалаҳои таълим ва муносибатҳои донишандӯзии донишҷӯён муайян мекунанд.

Моҳияти салоҳияти касбии омӯзгори забони англисӣ аз маҳорати баланди касбии ӯ сарчашма мегирад. Дар ин ҷода омӯзиши имло ва грамматикаи забони англисӣ асосӣ буда, омӯзгор ва донишҷӯ аз рӯи он кор мебаранд. Маҳз тавассути омӯзиш донишҷӯ дониш мегирад ва андешаи худро бо забони англисӣ мавриди назар баён карда метавонад.

Таълими имло ва грамматика барои азхуд намудани зуҳуроти грамматикии нутқ ҳамчун ҷузъи таркибии таълими забони хориҷӣ имконоти зарурӣ фароҳам меорад ва донишҷӯ дар навбати худ ба ин восита кӯшиш менамояд, ки имлоро ёд гирад, забони англисиро беҳтар омӯзад ва дар ҷараёни таълиму тарбия аз онҳо пурра истифода намояд. [1]

Дар ҷараёни таълим бошад омӯзгори забони англисӣ фаолияти қобилияти худро фаъолона истифода бурда, падидаҳои морфологӣ ва синтаксисиро барои расидан ба сатҳи баланди маҳорати нутқ равона карда, ташаккули малакаҳои грамматикӣ дар байни донишҷӯён муҳимтарини малакаҳои нутқ дар гуфтугӯ, гӯш кардан, хондан ва навиштанро бо меҳр меомӯзонад. Омӯзгори забони англисӣ бояд ҳадафи асосии худро дар таълими грамматикаи забони англисӣ ба донишҷӯён дуруст омӯзондани забони гуфтугӯ равона намуда, ҳангоми хондани матнҳо ва дуруст гӯш кардан ва фикри худро дуруст ифроз доштанро сайқал дода , донишандӯзии донишҷӯёнро дар равиши дарсҳо оҳиста-оҳиста ташаккул дода, заминаи саводомӯзиашро меафзояд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорони забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ хуб медонанд, ки маънои ҷумлаи «грамматика» санъати хондан ва навиштан буда, ҳангоми хондани матн рушди тафаккур ва тарбияи фикриву меҳнатдӯстии донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Аҳамияти омӯзиши грамматикаи забони англисӣ аз он иборат аст, ки тафаккури мантиқӣ, мушоҳида ва қобилияти таҳлили ҷумлаҳоро инкишоф медиҳад. Ба ибораи дигар, дар ҷараёни омӯзиши грамматика имкониятҳои қобилияту фаъолияти донишҷӯён дар якҷоягӣ бо донишҳои ҳосилшуда амалӣ мешаванд. Профессор П.Ҷ.Ҷамшедов дар таҳқиқотҳои худ ишора медиҳанд, ки «Грамматикаи забони англисӣ ҳадаф нест, он яке аз воситаҳои муҳимтарини азхудкунии забон, ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми намудҳои фаъолияти нутқ аст». [1]

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва донистани забони англисӣ дар замони муосир барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии кишвар хеле муҳим мебошад, зеро дар раванди минбаъдаи фаъолият он ҳамчун як воситаи муошират қариб дар ҳама зинаҳои камолот даркор мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҳама мактабҳои таҳсилоти олӣ ба воситаи компютер, тасвирҳои графикӣ, видеофайлҳои омӯзишӣ, аудиофайлҳо, китобҳои электронӣ мавҷуд мебошад, ки донишҷӯён дар муддати кӯтоҳ ҷиҳатҳои нозуки забонро аз худ мекунанд. Натиҷа он аст, ки иштироки донишҷӯён дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва берун аз он аз забони англисӣ сазовори ҷои аввал мегарданд. Ҳоло дар Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон шароити хуби дарсӣ, имконияти хуб ҷорӣ кардааст, ки ба шогирдон бо усулҳои замонавӣ ва нисбатан осон дар камтарин вақт забони англисиро омӯзонем.

Ҳамавақт диққати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои азхудкунии забонҳои хориҷӣ миёни ҷавонон бисёр назаррас аст. Ҳамин аст, ки Президенти маҳбубамон зимни ҳар вохӯрӣ бо ҷавонон таъкид мекунанд, ки ҷавонон бояд ҳатман донандаи хуби забонҳои хориҷӣ бошанду аққалан ду забони хориҷиро донанд.[2.]

Методҳои педагогии нав аз мо талаб мекунад, ки барои ҳарчи зудтар аз худ намудани забони англисӣ дар рафти омӯзиш аз технологияҳои информатсионӣ аз қабили, проектор, тахтаи электронӣ, воситаҳои ахбори матнии электронӣ, тасвирҳои аудиовидеоӣ, тасвирҳои графикӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода барем. Ҳамин аст, ки солҳои охир дар масъалаи истифодаи технологияҳои информатсионӣ дар соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ аҳамияти хоса дода мешавад. Истифодаи технологияҳои навин имкони бо методҳои муосир гузаронидани дарсҳоро бештар фароҳам меоварад. Шунидани ахбори аудиоӣ ё тамошои видеофайлҳо ба донишҷӯён барои зудтару васеътар омӯхтани

забони хориҷӣ мадад мерасонад. Албатта ин равандро ман ҳамчун омӯзгори забони хориҷӣ дар рафти дарс бараъло мушоҳида кардаам. Беҳуда ҳам бузургон нагуфтаанд: **«Забон донӣ - ҷаҳон донӣ».**

**АДАБИЁТ**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июл 2014, № 427 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2015-2020
2. Мужланова Е.С. Истифодаи презентатсияҳои компютерӣ дар дарсҳои забони англисӣ / Э.С. Мужланова, Э.И. Кисунко // ENGLISH.-2006.-№12.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [манбаи электронӣ]. URL: //http://www.president.tj/node/21975 (санаи истифодабарӣ 28.12.2019
4. Ҷамшедов, П. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ (Чопи дувум) / П. Ҷамшедов. Душанбе: Пайванд, 2008. – 978 с.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ УЧИТЕЛЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА


*В статье исследуются профессиональная компетентность преподавателей иностранных языков в высших учебных заведениях Таджикистана и некоторые особенности использования информационных и коммуникационных технологий при обучении иностранным языкам (особенно английскому). Поэтому для повышения уровня знаний преподаватель должен широко использовать современные технологии в учебном процессе. Следует отметить, что в условиях устойчивого развития науки и технологий и международного сотрудничества потребность в знании языков и потребность в специалистах по иностранным языкам растет день ото дня.*



***Ключевые слова:*** *современные методы и технологии обучения, профессиональная компетентность преподавателей иностранного языка, информационные и коммуникационные технологии, культура речи, наука, образование, навыки и умения.*


## PROFESSIONAL COMPETENCE OF A FOREIGN LANGUAGE TEACHER IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF TAJIKISTAN


*The article examines the professional competence of a foreign languages teacher in higher educational institutions of Tajikistan and some features of the use of information and communication technologies in the teaching of foreign languages (especially English). Therefore, in order to improve the level of knowledge, the teacher must widely use modern technologies in the teaching process. It should be noted that in the context of sustainable development of science and technology and international cooperation, the need for knowledge of languages and the demand for specialists in foreign languages is growing day by day.*



***Key words:*** *modern teaching methods and technologies, professional competence of a foreign languages teachers, information and communication technologies, speech culture, science, education, skills and abilities.*



***Сведение об авторе:***

***Аскарова Угилджон Хайдаровна*** *- ассистент кафедры языков НОУ «Медико-социальный институт Таджикистана» E-mail: askarova_77@bk.ru Тел: (+992) 555055677*

***About author:***

***Askarova Ugiljon Haydarovna*** *- assistant of the Department of Languages of the NGI «Medico - Social Institute of Tajikistan» E-mail: askarova_77@bk.ru, Тел: (+992) 555055677*



**ТДУ 372.851**


## ИСТИФОДАИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР КУРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


***Одилова М.М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*


Вазифаи таълимии курси ибтидоии математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани мафҳумҳои математикӣ ва дар онҳо маҳорату малакаи ҳал карда тавонистани масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математика мебошад. Аз ин лиҳоз, дарси ташаккули маҳорату малака ва татбиқи дониш дар амал аз элементҳои зерин таркиб меёбад: а) амиқ кардани мазмун ва мақсади масъала; б) намунаи иҷрои масъала; в) иҷрои масъала; г) ҷамъбасткунӣ; ғ) супориши вазифаи хонагӣ.

Курси математикаи синфҳои ибтидоӣ асосан бо системаи масъала- ҳои мақсаднок интихоб карда мешавад. Дар ин ҷо масъалаҳои матнии математикӣ мақому мароми бештарро мебозанд. Аз ин рӯ, масъалаи матнии математикӣ - ин иншои ягон вазъият бо забони табиӣ арзёбии миқдории ягон компоненти ин вазъиятро талабкунанда мебошад, ки муайянкунии муносибатро дар байни компонентҳо муайян менамояд.

Ҳалли масъалаи матнии математикӣ бошад, ин тарзи ғайримуқар- рарӣ мебошад, яъне роҳи фикриро талаб менамояд. Бинобар ин, барои ягон корро оғоз кардан, пеш аз ҳама ин корро бояд хуб омӯхта, бо чӣ гуна методҳо иҷро карданро донистан зарур аст.

Яке аз ин методҳо роҳҳои гуногуни амалигардонии якҷояшавии байнифаннӣ ба ҳисоб меравад. Барои он, ки аз рӯйи аломати фаннӣ ба аъзоҳо ҷудо намудани маълумотҳо ҳамчун манзараи расми яклухти олами атроф қабул карда шавад ҳам, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва ҳам берун аз он як қатор методҳоро кор карда баромадаанд [17, с. 234 ].

Ҳалли масъалаҳои матнӣ асоси фаъолияти таълими хонандагонро дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ташкил медиҳад ва барои аз- баркунии донишу татбиқи он, тақвият додани тафаккури фикрӣ ва ин- кишофи маҳорату малакаи амалии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусо- идат менамояд.

Барои ташкил кардани ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои иб- тидоӣ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пешакӣ онҳоро интихоб менамояд. Сохт ва навъҳои гуногуни масъалаҳо вобаста ба мақсади истифодабарӣ интихоб карда мешавад. Раванди ҳалли масъалаҳо бошад, вобаста ба навъи масъалаҳо аз марҳилаҳои зайл мураттаб мегардад: а) хониши шарти масъала ва муайян кардани ҳодисае, ки дар шарт инъикос ёфта- аст; б) навишти кӯтоҳи шарти масъала бо ишоратҳо, тасвир кардани расм, нақша, схема, ҷадвал; в) таҳлили мазмуни масъала бо мақсади муайян кардани моҳияти математикии он ва водор кардани хонандагони хурдсол барои ошкор кардани ҳодиса ва ё ин ки ҳолати ашёе, ки дар шарти масъала гузошта шудааст; г) методи ҳалли масъаларо муайян кардан; ғ) ёфтани ҳалли умумии масъала; д) таҳлили ҷавоби масъала ва хулосаҳое, ки аз ҳалли он бармеоянд.

Маълум аст, ки тартиб ва методҳои ҳалли масъалаҳои ба навъи масъалаҳои матнӣ ва мақсаду мавқеи истифодаи онҳо вобаста аст. Ҳалли масъалаҳои матнӣ ба мақсади ташаккул додани донишу маҳорату мала- каи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун дарси алоҳида ташкил ва гузаронида мешавад. Методҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳам барои назария ва ҳам барои амалияи фанни таълимӣ ниҳоят муҳим аст, зеро ин ба муаллими синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки ӯ имкониятҳои ҳам таълимӣ ва ҳам тарбиявии масъалаҳои матниро ба эътибор гирифта бо мақсад истифода намояд. Азбаски масъалаҳои матнӣ аз якдигар ҳам аз рӯйи мазмун ва ҳам аз рӯйи мақсадҳои дидактикӣ ба куллӣ фарқ ме- кунанд, онҳоро чунин тасниф намудан мумкин аст: а) аз рӯйи мазмун;

б) аз рӯйи ифодаи шарт; в) аз рӯйи методикаи ҳал. Аз ин лиҳоз, чунин таснифоти масъалаҳои матнӣ дар курси математикаи мактабӣ пурра ва то охир пайи ҳам шуморидан нашояд, чунки баъзан ҳамон як масъаларо вобаста ба аломатҳое, ки аз рӯи онҳо таснифот мегузаронанд, ба навъҳои гуногун шомил кардан мумкин аст [2, с.134 ].

Маълум аст, ки дар таълими курси ибтидоии математика барои ҳосил намудани мафҳумҳои математикӣ, муқаррар кардани хосиятҳо, ошкор сохтани робитаи байни компонентҳо ва ғайра, ки ба масъалаҳои матнӣ дар курси математикаи синфҳои ибтидоӣ мансубанд, дар аксар мавридҳо аз методҳои гуногуни таълимӣ истифода мебаранд. Бо ин мақсад омӯзгори синфҳои ибтидоӣ силсилаи масъалаҳои матнии махсус интихобшударо ҳал карда, хонандагони хурдсолро водор месозад, ки далелҳои дар шарти онҳо инъикосёфтаро муоина намуда, робитаи байнашонро ошкор карда, моҳияту хосият ва қонунияти математикиро фаҳманд ва натиҷаҳои зарурӣ бароранд. Аз ин рӯ, муайян намудани мавқеи масъалаҳои матнӣ дар системаи таълими математика аз масъала- ҳои хеле муҳим ба ҳисоб меравад [7, с.104 ].

Агар масъалаҳои матнӣ аз як тараф, барои пайдоиши маҳорату малакаҳои зарурӣ хизмат намояд, аз тарафи дигар, вай асосҳои назарияи математикаи синфҳои ибтидоиро ба вуҷуд оварда, барои ба амалия татбиқ намудани онҳо низ имконият фароҳам меоварад. Аз ин ҷост, ки дар таълими курси ибтидоии математика аз методҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳаматарафа истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Мувофиқи талаботи нави методикаи таълими ибтидоии матемтика мазмуни мисолҳо ва масъалаҳои матнӣ дар курси математикаи муассиса- ҳои таҳсилоти таълимӣ як қатор тағйирот ворид шудааст. Дар ҳар як масъалаҳои пешниҳодшуда, дар қатори мустаҳкамкунии маводи наза- риявии пештара, боз мушкилот гузошта шудааст. Масъалаҳои матнӣ бояд сабабгори фикркунии хонандагони хурдсол гардида, барои ҳосил намудани мафҳумҳои нав замина тайёр намояд. Он бояд боиси кашфи мустақилонаи қоидаву қонунҳои нав, вобастагиҳои байни бузургиҳо гашта, ба таълими ҳамгиро асоси боэътимод гузорад ва ниҳоят, мисолҳо, машқҳо ва масъалаҳои матнӣ бояд барои якҷоягии табиӣ раванди азхудкунии назария ва ба вуҷуд овардани маҳорату малакаҳои зарурии амалӣ бевосита хизмат карда тавонад. Ин талабот омӯзгорони синфҳои ибтидоиро вазифадор месозад, ки дар навбати аввал ҳар як мисол, машқ ва масъалаҳои матнии китобҳои дарсиро аз нуқтаи назари танқидиву эҷодӣ муоина намуда, ба кадом мақсад гирифта шудани онҳоро хубтар фаҳмида гиранд. Аз тарафи дигар, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд донанд, ки дар таълими курси ибтидоии математика афзоиши мавқеи назарияи мафҳуми маҷмӯъ ва амалҳо бо онҳо, мувофиқат ва амалҳо бо онҳо, элементҳои комбинаторика, тасдиқотҳои математикӣ ва сохти онҳо, баёнотҳо ва амалҳо бо онҳо, исботҳои

математикӣ ва алгоритмҳо, элементҳои мантиқи математикӣ, ададӣ натуралӣ ҳамчун натиҷаи чен- кунии бузургиҳо, системаи ҳисоб, тақсимшавии ададҳо, ададҳои ратси- оналӣ, вобастагиҳои байни бузургиҳо, истифодаи методҳои илмӣ-тах- қиқотӣ, индуксия, дедуксия, анализ, синтез ва ғайра ба сифати методи таълим истифода бурдани намудҳои гуногуни масъала нақши муҳимеро мебозад. Ба ин дурустар сарфаҳм рафта дар давраи ҳозира проблемаи аз системаи муайяни мисолҳо ва масъалаҳои матнӣ беҳтар истифода бурдан ва дуруст ҳал карданро донанд.

Мувофиқи барномаи нави таълими математика хонандагони синф- ҳои ибтидоӣ дар баробари рақамҳо, ҳарфҳоро низ истифода менамоянд, ки ин кор онҳоро барои дар шакли умумӣ ҳал намудани мисолу масъала- ҳои матнӣ тайёр менамояд.

Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ аҳамияти истифодаи маҳорат ва малака дар ҳалли масъалаҳои матнӣ ниҳоят бузург аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ хонандагони хурдсол донишҳои нав мегиранд ва ба фаъолияти амалӣ тайёрӣ мебинанд. Ҳалли масъалаҳои матнӣ ба инкишофи фикррониии мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, омӯзгор бояд, дар бораи ҳалли масъалаҳои матнӣ ва сохтори он тасаввуроти амиқ дошта бошад, онҳоро бо методҳои гуногун ҳал карда тавонад. Масъалаҳои матнии дилхоҳ аз ду қисм иборат аст: шарт ва талабот. Дар шарти масъалаҳои матнӣ маъ- лумот дар бораи объектҳо ва баъзе бузургиҳое, ки ин объектҳоро тавсиф менамояд, дар бораи қиматҳои маълум ва номаълуми ин бузургиҳо, муносибати байни онҳо маълумот дода мешавад [4 ].

Омӯзиши ҳал кардани масъалаҳои матнӣ ҷараёни хеле мушкил буда, муваффақиятнокии он аз дуруст интихоб кардани масъалаҳои матнӣ ва дар ҳамаи мавридҳои ҳал кардани онҳо (ҳангоми шинос шудан бо шарт, таҳлил, ҳал ва ғайра) дуруст гузоштани таълим вобаста мебошад.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ фақат дар ҳамон маврид масъала- ҳои матниро дуруст ҳал карда метавонанд, ки агар шарти онро дарк карда тавонанд. Бинобар он, пеш аз ҳал кардани масъалаҳои мураккаби матнӣ, онҳо бояд ба шарти масъала дуруст аҳамият диҳанд.

Ҳал кардани масъалаҳои матнӣ, ки яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, бо ҷоннокшавии машғулиятҳои математика, фаъолкунонии донишдӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ба инкишофи тафаккури онҳо ёрӣ расонида метавонад. Ин намуди масъалаҳо, асосан барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ фоиданок аст, ки онҳо ба фанни мате- матика шавқу ҳавас пайдо менамоянд. Дар ҷараёни таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вазифадор аст, ки барои ҳар як масъалаҳои омӯзонидашаванда воситаҳои дидактикиро ба тариқи васеъ истифода намояд, чунки дар таълими масъалаҳои матнӣ масъала- ҳои содаю таркибӣ заминаи асосӣ мегузорад.

Ба ақидаи мо, маҳорату малакаи ҳал карда тавонистани масъалаҳои матнии сатҳи дониши математики хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян менамояд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар вақти ҳалли масъ- алаҳои матнӣ таҳлилу ҷамъбасткунӣ, муҳокимаронӣ ва хулосабарориро меомӯзанд ва ба низом даровардану ба ҳамдигар пайвастани далелу донишҳои алоҳидаро машқ мекунанд. Масъалаҳои матнии математикӣ барои ҳалли худ татбиқи ин ё он амалро металабад ва миқдори амалҳо барои ҳалли масъалаҳои матнӣ зарур буда, яке аз тавсифоти асоси ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои матнӣ аҳамияти бузург дорад, бо ёрии онҳо системаи донишҳои математикӣ ва маҳорату малака ҳои заруриро ташаккул медиҳем.

Масъалаҳои матнии математикаи мактабиро асосан дар амалияи таълим проблемаи на он қадар калон мешуморанд, ки дар ҳолатҳои умумӣ бо ёрии муҳокимарониҳои мантиқӣ, амалҳои арифметикӣ дар асоси қоидаҳо, қонуниятҳо ва формулаҳо ҳал карда мешаванд [11, с. 54].

Истилоҳи «масъала» дар ҳаёт ва соҳаҳои мухталифи илму фан басо васеъ истифода карда мешавад. Бо ин истилоҳ мафҳумҳои хеле бисёр ва дар айни замон мухталиф низ ифода карда мешавад. Бинобар ин, то ҳол таърифи масъала вуҷуд надорад.

Дар мантиқ чунин ақида изҳор гардидааст, ки мувофиқи он тала- боти иҷрои ягон амалиёте, ки онро номбар менамоянд ё ин ки тасаввур кардани он имконпазир мебошад, масъала ном гирифтааст. Вале мо чунин талаботро супориш меномем. Масъалаҳоро аз куҷо мегиранд ва онҳо чӣ тавр пайдо мешаванд? Муқаррар гардидааст, ки манбаи асосии масъалаҳо вазъиятҳои проблемавӣ мебошанд. Дар зери мафҳуми вазъ- иятҳои проблемавӣ чунин вазъиятҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо ҳангоми ягон мушкилӣ садди роҳи иҷрои мақсади наздашгузош- таи шахсе ба вуҷуд меоянд. Ба ҳамин тариқ, вазъияти проблемавиро чунин шарҳ додан мумкин аст: он шахси амалкунанда (субъект), объект, амалиёти ӯ ва мушкилие, ки дар роҳи иҷрои мақсад меистад, таркиб меёбад.

Модоме ки субъект (одам) дар асной амалиёти худ ба вазъияти проблемавӣ дучор меояд, ӯ одатан барои аз он халосӣ ёфтан кӯшиш мекунад. Ба ин мақсад ӯ вазъияти мазкурро фикран таҳлил мекунад, қисмҳои таркибии онро ошкор месозад, алоқамандию муносибатҳои дар байни онҳо мавҷудбударо мӯқаррар намуда, хислат ва хусусиятҳои мушкилии бавуҷудомадаро дарк мекунад. Натиҷаҳои чунин таҳлилро ба воситаи матн ва ё ин ки бо ёрии нақшаю рақамҳо, ки ҳамаи онҳо қисмати ягон забон мебошанд, ифода месозад. Дар натиҷа баёни вазъияти проблемавӣ ҳосил мегардад, ки мо онро модели вазъияти мазкур меномем. Ана ҳамин модели вазъияти проблемавиро масъала номидан мумкин аст.

Ба ақидаи таҳқиқотчиён, малакаю маҳорати ҳал карда тавонистани масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ сатҳи дониши математикии хонандагони синфҳои ибтидоиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, тарзи якчанд ҳалли масъалаҳои матниро нишон медиҳем:

Масъалаи-1. Тлаба 5 дафтар ва баъд 7 дафтар харид. Ба ҳамаи харид 3 сомонию 60 дирам. Як дафтар чанд дирам арзиш дорад?

Ҳал: 1. 5+7=12 дафтар.

2. 360:12-30 дирам. Ҷавоб: 30 дирам.

Масъалаи-2. Ду хонанда якҷоя бо 70 дирам қалами ранга хариданд. Хонандаи якум 3 қалам ва хонандаи дуюм 4 қалам харид. Ҳар як хонанда ба чанд дирамӣ харид карданд?

Ҳал: 1. 3+4=7 қалами ранга ҳарду хонанда;

2. 70:7=10 дирам нархи як қалами ранга;

3. 10*3=30 дирам хариди хонандаи якум;

4. 10*4=40 дирам хариди хонандаи дуюм. Ҷавоб: 30 дирам ва 40 дирам.

Масъалаи-3. Ду баста матои навъи якхела хариданд. Дар ҳарду баста 10 метр матоъ ҳаст. Барои харидани бастаи якум 72 сомонӣ ва барои матои бастаи дуюм 48 сомонӣ доданд. Дар ҳар як баста чанд метрӣ матоъ буд?

Ҳал: 1. 72+48=120 сомонӣ арзиши ҳарду баста;

2. 120:10=12 сомонӣ нархи 1 м матоъ;

3. 72:12=6 м матоъ дар басти якум;

4. 48:12=4 м матоъ дар басти дуюм. Ҷавоб: 6 м ва 4 м.

Масъалаи-4 .Ба ду фабрикаи дӯзандагӣ 400 м атласро чунон тақсим намуданд, ки 6 ҳиссаи атласи фабрикаи дӯзандагии якум ба 4 ҳиссаи атласи фабрикаи дӯзандагии дуюм баробар аст. Ҳар як фабрика чанд метрӣ атлас гирифтааст?

Ҳал: 1. 6+4=10 ҳисса;

2. 400:10=40 метр дар ҳар як ҳисса;

3. 40*6=240 метр атлас барои фабрикаи дӯзандаи якум;

4. 40*4=160 метр атлас барои фабрикаи дӯзандаи дуюм.

Ҷавоб: 240 метр ва 160 метр.

Масъалаи-5. Ду баста матои навъи якхела хариданд. Дар бастаи якум 14 м матоъ ва дар бастаи дуюм 4 м матоъ буд. Барои бастаи якум назар ба бастаи дуюм 120 сомонӣ зиёд маблағ доданд. Ҳар як баста матоъ чанд сомонӣ арзиш доранд?

Ҳал: 1. 14-4=10 м матоъ дар бастаи якум назар ба дуюм зиёд буд.

2. 120:10=12 сомонӣ нархи 1 м матоъ;

3. 14*12=168 сомонӣ арзиши матои бастаи якум;

4. 4*12=48 сомонӣ арзиши матои бастаи дуюм.

Ҷавоб: 168 сомонӣ ва 48 сомонӣ.

Масъалаи-6. Хоҷагии ҷангалпарвар аз як майдон 680 сентнер писта ҷамъоварӣ кард, ки ин аз пистаи майдони дуюм ҷамъоварӣ карда 90 сентнер кам аст. Хоҷагии ҷангалпарвар аз ду майдон чӣ қадар писта ҷамъоварӣ кардааст?

Ҳал: 1. 680 сентнер – майдони якум;

2. 680+90=780 сентнер – майдони дуюм;

3. 680+780=1460 сентнер – ҳар ду майдон.

Ҷавоб: Хоҷагии ҷангалпарвар аз ду майдон 1460 сентнер писта ҷамъоварӣ кардааст.

Масъалаи-7: Периметри гулхонаи росткунҷашакл 320 сантиметр буда, дарозии он 90 сантиметр аст. Бари гулхонаро ёбед?

Ҳал: 90*2=180 см, ё ки Р= 320 см, а=90 см, в=?

320-180=140 см, Р=2(а+b) = 2 а+2 в,

140:2=70 см. 320 см=2*90 см+2 в,

320 см=180 см+2 в,

320 см-180 см=2 в,

140 см=2 в,

в=140 см:2,

в=70 см.

Ҷавоб: Бари гулхона 70 см будааст.

Масъалаи-8. Дар 3-қуттӣ 60 кг себ ҳаст. Дар қуттии якум нисбат ба дуюм 6 кг кам, дар қуттии сеюм бошад нисбат ба дуюм 12 кг кам аст. Дар қутии дуюм чӣ қадар себ ҳаст?

Ҳал: Миқдори себҳоро дар қуттии дуюм бо х (кг) ишорат ме- кунем. Бо х-6 ва х-12 мувофиқан миқдори себҳои дар қутии якум ва сеюм бударо ифода менамоем. Мувофиқи шарти масъала (х-6) +х+(х-12) = 60 мешавад. Аз ин ҷо 3 х-18 = 60; 3 х = 60 + 18; 3 х = 78; х = 78:3; х=26. Яъне 26 кг себ дар қутии дуюм будааст. Ҷавоб: Дар қуттии дуюм 26 кг себ ҳаст.

Масъалаи-9. Ба 90 сомонӣ чанд китоби нархаш 4 сомонӣ ва чанд китоби нархаш 6 сомонӣ харидан мумкин аст?

Ҳал: Барои ҳал кардани ин масъала миқдори китобҳои ҳар як намудро бо х ва у ишора намуда, муодилаи зеринро ҳосил мекунем. Яъне, 4 х+9 у=90. Муодилаи ҳосилшуда дорои ду адади номаълум мебошад. Аз ин ҷо яке аз ҷамъшавандаҳоро меёбем, ки 4 х=90-9 у мешавад. Агар х-ро аз ин ифода маълум кунем, дорои баробарии зерин мешавем. $x=\frac{90-9y}{4}$. Акнун қимати ифодаи 90-6 у-ро, ки дар он адади номаълум у бутун аст. Меёбем то ки он қимат ба адади 4 бебақия тақсим шавад. Пас у =1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, … қиматҳоро гузошта мебинем, ки ҳагоми у = 2 будан х = 18 ва у = 6 будан х=9 мешавад. Ҷавоб: 18 - китоби 4 сомонию 2 - китоби 9 сомонӣ ё ин ки 9 - китоби 4 сомонию 6 - китоби 9 сомонӣ харидан мумкин аст.

Масъалаи-10. Ориф корро дар 8 соат ва Салим ҳамин корро дар 10 соат иҷро карданд. Агар онҳо якҷоя ҳамин корро иҷро мекарданд, он гоҳ корро дар чанд соат тамом мекарданд?

Ҳал: Ҳамаи корро як ҳисса гуфта қабул мекунем. Бо у миқдори соате, ки онҳо якҷоя корро иҷро карда метавонанд, ишора мекунем. Ориф дар 1 соат $\frac{1}{8}$ ҳиссаи кор ва Салим $\frac{1}{10}$ ҳиссаи корро иҷро мекарданд. Яъне, онҳо дар у соат мувофиқан $\frac{1}{8}$ у ва $\frac{1}{10}$ у ҳиссаи корро иҷро карда метавонанд. Барои ёфтани қимати у баробарии зеринро ҳосил мекунем. $\frac{1}{8}y+\frac{1}{10}y=1$. Барои ҳал кардани ин муодила, аввал хурдтарин каратии умумии адади 8 ва 10-ро меёбем, ки он адад 40 аст. Пас 5 у+4 у=40-ро ҳосил мекунем, он гоҳ 9 у=40-ро пайдо мекунем. Аз ин ҷо у-ро меёбем: $y=\frac{40}{9}\approx 4,5$ соат $\approx$ 4 соату 50 дақиқа.

Ҷавоб: Онҳо якҷоя корро дар 4 соату 50 дақиқа тамом карданд.

Масъалаи-11. Духтарча 36 занбрӯғ, писарча бошад 28 занбурӯғ ёфт. Аз ҳамаи ин занбурӯғҳо 6 донааш хӯрданибоб набуд. Бачаҳо чандто зан- бурӯғи хӯрданибоб ёфтаанд?

Масъалаи 8. Дар як тӯп 32 метр матоъ буд. Аз ин тӯп ба як харидор 6 метр ва ба харидори дуюм 8 метр фурӯхтанд. Дар тӯп чанд метр матоъ монд?

Масъалаи 9. Дар совхоз дар як рӯз 1200 кг ангур ҷамъоварӣ наму- данд ва аз он 200 килограммашро барои худашон нигоҳ доштанд ва боқи мондаашро ба қуттиҳо 10 килограммӣ андохта ба шаҳр фирис тонданд. Ба шаҳр чанд қуттӣ ангур фиристоданд?

Масъалаи 10. Дар вақти ҳосилғундорӣ се бригадаи пионерон ба колхоз ёрӣ мерасониданд. Дар бригадаи якум 180 нафар пионер, дар бри- гадаи дуюм назар ба якум 20 нафар зиёдтар ва дар бригадаи сеюм назар ба дуюм 60 нафар камтар пионер буд. Ҳамагӣ чанд нафар пионер ба колхоз ёрӣ расонидаанд?

Масъалаи 11. Лётчик рӯзи якум 2000 км, рӯзи дуюм назар ба якум 800 км зиёд ва рӯзи сеюм назар ба рӯзи дуюм 200 км зиёд масофаро тай кард. Лётчик дар 3 рӯз чанд километр масофаро тай кардааст?

Масъалаи 12. Хонандагон дар ҳар қатор 12 ниҳолӣ - 4 қатор ниҳоли себ ва дар ҳар қатор 18 ниҳолӣ - 2 қатор ниҳоли олу шинонданд. Ҳамагӣ онҳо чанд ниҳол шинонданд?

Масъалаи 13. Дар ду қуттӣ 240 қалам буд. Агар миқдори қаламҳои қуттии якумро 2 маротиба кам намоем ва миқдори қаламҳои қуттии дуюмро 2 маротиба зиёд кунем, он гоҳ дар қуттӣ 280 қалам мешавад. Дар ҳар як қуттӣ чандтогӣ қалам мешавад?

Масъалаи 14. Суммаи се адад ба 80 баробар аст. Маълум аст, ки адади якум назар ба адади дуюм 20 воҳид кам буда, адади дуюм назар ба адади сеюм 4 маротиба зиёд аст. Ин ададҳоро ёбед?

Масъалаи 15. Як адад аз дигараш 8 воҳид зиёд буда, ҳосили зарби онҳо ба 16 баробар аст. Ин ададҳоро ёбед?

Масъалаи 16. Як адад аз дигараш 6 воҳид кам буда, ҳосили зарби онҳо ба 12 баробар аст. Ин ададҳоро ёбед?

Масъалаи 17. Хонандагон барои саёҳат ба ҷангал соати 10-и пагоҳӣ ба роҳ баромада, дар соати 3-и рӯз баргаштанд. Саёҳати талабагон чанд соат давом кард?

Масъалаи 18. Хонандагон барои саёҳат ба ҷангал соати 10-и пагоҳӣ ба роҳ баромада, баъд аз 5 соат баргаштанд. Хонандагон дар соати чанд баргаштанд?

Масъалаи 19. Хонандагон барои саёҳат ба ҷангал рафта, дар он ҷо 5 соат истоданд. Ба хона онҳо соати 3-и рӯз баргаштанд. Соати чанд хонандагон ба саёҳат баромаданд?

Масъалаи 20. Устохонаи мактаб барои дар 20 рӯз сохтани 100 миз супориш гирифт. Устохона рӯзе 5 мизи тайёр кард. Вай супоришро дар чанд рӯз тайёр кардааст?

Масъалаи 21. Шабакаи таъмири техникӣ мебоист 60 тракторро таъмир намояд. 10 рӯзи аввал вай рӯзе 3 тракторӣ ва баъдан рӯзе 4 трак- торӣ таъмир мекард. Ҳамаи тракторҳоро дар чанд рӯз таъмир карда аст?

Масъалаи 22. Аз рӯйи нақша соҳибкор ба давлат дар 20 рӯз 600 тонна пашм супориданаш лозим буд. Соҳибкор ҳар рӯз 30 тоннагӣ пашм месупорид. Ӯ нақшаи пашмсупориро дар чанд рӯз иҷро намуд?

Масъалаи 23. Аз рӯйи нақша соҳибкор бояд дар 10 рӯз, дар 400 гек- тар замин гандум мекорид. Соҳибкор дар 6 рӯзи аввал ҳар рӯз 30 гектор ва баъдтар рӯзе 40 гектар гандум корид. Соҳибкор аз мӯҳлат чанд рӯз пеш кишти гандумро тамом кард?

Масъалаи 24. Дар як тӯп 40 метр матоъ буд. Ҳаштяки онро фурӯх- танд. Дар тӯп чанд метр матоъ боқӣ монд?

Масъалаи 25.. Мағоза 200 килограмм конфети ҳар килограммаш 10 сомонӣ қабул кард. Дар охири рӯз дар мағоза аз ҳашт як ҳиссаи кон- фетҳо боқӣ монд. Мағоза ба чанд сомонӣ конфет фурӯхтааст? Ва ғайра.

Чӣ хеле ки мебинем яке аз омилҳои тавоноии ташаккули фикрию мантиқӣ ва мустақилона донишомӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ – ин тартиб додани маъалаҳои матнӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо ба хонанда- гони синфҳои ибтидоӣ омӯзондани масъалаҳои матниро яке аз роҳҳои ташаккули маҳорат ва малакаи баланд бардоштани самаранокии дарс ва сифати таълими фанни математика мешуморем. Яке аз талаботҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо ҳам маҳз аз ҳамин иборат аст.

Таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ аз омӯзгорон тайёрии хуби математикӣ, пеш аз ҳама донистани илми асосҳои назариявии мате- матика дар синфҳои ибтидоӣ ва интихоби тарзу усулҳои нави касбиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон лозим меояд, ки ба методҳои муқаррарии таълими математика бо назари тозае нигаранд ва дар баро- бари ин диққаташонро бо методҳои нисбатан нави таълимии ин ё он мавзӯъ равона созанд.

Баланд бардоштани сифати таълим асосан ба тайёрии методии омӯзгор вобаста аст, ки он бо донишҳои назариявӣ оид ба курси асосҳои назариявии математикаи синфҳои ибтидоӣ, ба донишҳои падагогӣ ва психологӣ доир ба ташкили раванди таълим қонуниятҳои азхудкунии маводи таълими такя мекунад. Дар айни ҳол муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равияҳои гуногун дошта, аз ҷумла литсейю гимназияҳо амал мекунанд, ки аз омӯзгор эҷодкорӣ ва аз рӯйи барномаю китобҳои нави дарсӣ кор карда тавонистанро талаб менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд дар ҷараёни таълим шахсияти хонандагони хурдсолро инкишоф дода, шавқу ҳаваси маърифатҷӯйиро таъмин намояд ва инчунин таҷ- рибаи бойи муошират ва ҳамкориро бо хонандагони хурдсол дошта бошад.

Ҳамин тавр, бо назардошти аҳамияти хеле зиёд, муҳим ва аз ҷиҳати таълимӣ-методӣ доманаи васеи истифодобарӣ доштани ин усули нави таълими математика мо кӯшиш намудем, ки то дараҷае бошад ҳам, проблемаи методикаи омӯзонидани ҳалли масъалаҳои матниро дар курси математикаи синфҳои ибтидоӣ ва мустақилона тартиб додани масъала- ҳои матнии математикӣ аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва методистон кор карда баромада шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Бантова М.А. Методика преподавания мате- матики в начальных классах. / М.А Бантова, Г.В. Бельтюкова -М.: 1984. - 335 с.
2. Бантова М.А. и др. Методика преподавания математики в началь- ных классах. / М.А Бантова – М.: 1989. – 450 с.
3. Бегимов Ҳ.Х. Маҷмӯи масъалаҳо аз математика. Ҳ.Х. Бегимов, К. Иззатуллоев, А. Пирназаров, Т. Раҷабов – Душанбе, 2020. -295 с.
4. Бегимов Ҳ.Х., Акбаров Д. Тарзи ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Газетаи омӯзгор. №51-52. 22.12.2006.
5. Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои мате- матикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, А. Разоқов, Д. Акбаров // Маърифати омӯзгор. 2007, №10, С. 45 – 49.
6. Бегимов Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Наҷмиддинов – Душанбе: 2020. -233 с.
7. Бочковская С.Т, Бронникова А.Д, Новоселов Ф.П, Отто Е.И, Попова Н.С, Циммерман М.М. Решение арифметических задач в началь- ной школе: Пособие для учителей 1-4 классов. Под. ред. А.С. Пчёлко. -М.: -Л.: 1949. -201 с.
8. Брадис В.М. Методика преподавания математики в средней шко -ле: Учебное пособие для пединститутов. /Под. ред. А.И. Маркушевича. –М.: 1954. -495 с.
9. Бурхонов Қ.Т, Рабиев С.М, Султонов Р.Н, Турдиева Ш.А. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ). –Хуҷанд: 2010. – 55 с.
10. Груденов Я.И. Психолого-педагогические основы обучения мате- матике. / Я.И. Груденов -М.: 1987.
11. Зайцев Г.Т. Теоретические основы обучения решению задач в начальных классах. / Г.Т. Зайцев - Л.: 1983. - 98 с.
12. Иззатуллоев К. (Дастури таълимӣ-методӣ). Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз мате- матика дар синфҳои ибтидоӣ. / К. Иззатуллоев А .Пирназаров, Т. Давлатов, Д. Муродова– Душанбе: 2017. -138 с .
13. Истомина Н.Б. Методика обучения математике в начальных классах: Истомина Учебное пособие для студентов средних педагогических учебных заведений и факультетов начальных классов. / Н.Б. Истомина -М.: 1998. -288 с.
14. Қ.У. Осимов, Л.М. Фридман. Методҳои ҳалли масъалаҳои мате- матикӣ. –Душанбе: 1987. -207 с.
15. Колягин Ю.М, Оганесян В.А. Учись решать задачу. -М.: 1980. -96 с.
16. Л.М. Фридман Қ.У. Осимов. Масъалаҳои арифметикӣ ва тарзи ҳалли он. –Душанбе: 1969. -185 с.

17. Нуралиева Г.В. Методика обучения математике в начальных классах: Учебное пособие для учащихся школьных отделений педагоги- ческих училищ. / Г.В. Нуралиева - Ставрополь: 1999. – 304 с.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ РЕШЕНИЮ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ В КУРСЕ МАТЕМАТИКЕ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

*В статье говорится об использовании обучения решению текстовых задач в процессе математического обучения начальных классов, подвер- гается анализу и истолкованию. Математическое обучение начальных классов должно быть объективным в процессе занятия.*

*Использование решения текстовых задач в преподавании мате- матики поможет повысить уровень знаний учащихся начальных классов перед логическим мышлением и вместе с ним оно является в тесном эмоциональном контакте, развитии способностей, знаний, умений и навыков учащихся.*

*Умение применять математические объяснения в жизни, умения решать текстовые вопросы, а также умения и навыки самостоятельного работы с основными задачами обучения входит в основную обязаность учителей начальных классов.*

*Позиция и значение решения текстовой проблемы в обучении и воспитании учащихся заключается в том, чтобы внимательно изучить их выбор и методы их разрешения и узнать, что делать учащимся при решении этой проблемы.*

*Изучение решений служит одним из основных методов усвоения математики для учащихся начальных классов.*

*Решение текстовых задач являеися как решение математических задач.*

*Воспитание свободного мышления и труд развивает самоочищаю- щуюся сетку и мозговой штурм. В процессе решения текстовых задач у учащихся начальных классов формируются навыки и умения модели- рования реальных объектов.*

*Таким образом, решение текстовых задач помогает учащимся начальных классов формировать общее мышление, чтобы углубить свою деятельность, грамотно овладеть образовательными знаниями, при- нимать во внимание каждый шаг деятельности, определять результат своей деятельности, самоконтроль и их формирование.*

***Ключевые слова:*** *образование, обучение, воспитание, анализ, зна- ния, навыки, умения, старшеклассники, математика начальных классов, учитель начальных классов, умения и навыки, решение текстовых задач, решение, формулы, использование математических методов, учебные заведения.*

## USE OF SKILLS AND SKILLS IN SOLVING TEXT PROBLEMS IN THE COURE OF MATHEMATICS OF PRIMARY CLASSES

*The article talks about the use of teaching to solve text problems in the process of mathematical teaching of primary classes, is analyzed and interpreted. Mathematical teaching of primary classes should be objective in the course of the lesson.*

*The use of solving text problems in teaching mathematics will help to increase the level of knowledge of primary school students before logical thinking and together with it it is in close emotional contact, the development of abilities, knowledge, skills and abilities of students.*

*The ability to apply mathematical explanations in life, the ability to solve textual questions, as well as the skills and skills of independent work with the main tasks of learning enters the main obligation of primary school teachers.*

*The position and importance of the decision of the text problem in training and education of students is to carefully examine their choice and methods of their permission and find out what to do with students in solving this problem.*

*The study of solutions is one of the main methods of assimilation of mathematics for students of primary classes.*

*Solving text objectives as a solution of mathematical problems.*

*Education of free thinking and labor develops self-cleaning mesh and brainstorming. In the process of solving text tasks, the skills and skills and skills of modeling real objects are formed.*

*Thus, the solution of text challenges helps students of primary classes to form general thinking to deepen their activities, competently master educational knowledge, take into account every step of activity, determine the result of its activities, self-control and their formation.*

***Keywords:*** *education, training, education, analysis, knowledge, skills, skills, high school students, elementary class mathematics, primary school teacher, skills and skills, solving textual tasks, solution, formulas, use of mathematical methods, educational institutions.*

***Сведения об авторе:***

***Одилова Мархабохон Мӯсохоновна** – Магистр второго курса факультета начального образования Таджикского государственного педагогичкеского университета имени Садриддина Айни. г. Душанбе, проспект Рудаки. Тел: (+992) 989110882.*

***About the author:***

***Odilova Marhabokhon Musokhonovna** - Master of the Second Course of the Faculty of Primary Education Tajik StatePedagogical University named after Sadriddin Aini. Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: (+992) 989110882.*

# К ВОПРОСУ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННОГО ПОДХОДА ПРИ ОБУЧЕНИИ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

***Муродов Р.Н.***

*Кулябский государственный университет им. А. Рудаки*

Социально-экономические интересы республики Таджикистан обязывает правительство страны выстроить такую экономическую политику, которая была бы конкурентоспособной в условиях тесного взаимовыгодного сотрудничества с другими странами мира. Одной из важных факторов соответствия этим требованиям становится наличие квалифицированных специалистов, способных быть конкурентными не только на территории страны, но и за её пределами. Достижение поставленной цели требует от правительства поиска новых подходов при подготовке квалифицированных специалистов соответствующими сегодняшнем реалиям.

Расширение экономических и культурных связей Таджикистана ставит перед высшими учебными заведениями страны новые задачи в процессе подготовки будущих квалифицированных специалистов в свете увеличения требований со стороны рынка труда. По словам Пугачева И.А. «Высшее образование в современном мире превращается из образовательной системы в отрасль экономики с многомиллиардными доходами, глобальную индустрию образования и повышения квалификации»-[9, с.270].

Поставленная задача требует поиска новых подходов в процессе подготовки студентов будущих специалистов и особую актуальность в такой ситуации приобретает использование в процессе обучения в ВУЗах страны профессионально-ориентированного подхода обучения русскому языку. Использование русского языка при подготовке квалифицированных специалистов способствует формированию коммуникативных навыков ведения профессионального общения в различных ситуациях. Давайте сначала постараемся уточнить понятие «профессионально-ориентированное обучение русскому языку». Само понятие «профессионально-ориентированное обучение русского языка» отличается от различных понятий, используемых в методике обучения русскому языку: «профессионально-ориентированное обучение», «обучение научному стилю», «обучение языку специальности», «обучение учебно-профессиональному и учебно-научному общению» тем, что оно значительно шире по объёму и не может быть сведено только к изучению языка специальности. Использование русского языка в «профессионально-ориентированном обучении» охватывает весь процесс обучения как инструмент получения студентами высшего образования, как средство получения специальности, как средство общения и гуманистического развития средствами русского языка. По словам Кореневой А.В. «Спецификой профессионально ориентированного обучения языку является то, что оно направляет педагогический процесс на конечный результат обучения студента в вузе – будущую профессию, которая в итоге станет сферой приложения всех получаемых знаний, умений, навыков, проверкой их действенности»-[5, с.95]. По мнению Образцова П.И. и Иванова С.Ю. «профессионально-ориентированное обучение - это обучение, основанное на учете потребностей студентов в изучении иностранного (русского) языка, диктуемого особенностями будущей профессии или специальности»-[7, с. 67].

При использовании профессионально-ориентированного подхода процесс образования превращается в процесс, когда одновременно с приобретением знаний, умений, навыков студенты получают опыт деятельности с целью достижения профессионально и социально значимых компетентностей

Как отмечает Пугачёв И.А. «Под профессионально-ориентированным обучением мы понимаем специально организованное обучение, основанное на учете профессиональных коммуникативных и лингвокультурных потребностей студентов в учебно-профессиональной, социокультурной, социально-бытовой и административно деловой сферах общения»-[9, с.35].

С каждым годом в условиях формирующего рынка труда со стороны общества и работодателя увеличиваются требования к специалисту, окончившему ВУЗ. Будущий специалист наряду с конкурентоспособностью должен быть профессионалом, личностью, умеющим нестандартно мыслить, стремящейся к саморазвитию. Также он должен обладать коммуникативной культурой,

1. Омода будани донишҷӯён барои таълими забони хориҷӣ дар мактабҳои тоҷикӣ дар руҳияи муколамаи миёни фарҳанги хеш ва бегона бо мақсади дар хонандагон ҳосил намудани таҳаммулпазирӣ ва инкишофи шавку завқ дар омӯзиши забони хориҷӣ.
2. Тибқи шиносоӣ бо фарҳанги бегона боз ҳам беҳтар аз худ намудани фарҳанги худӣ, васеъ намудани сатҳи дониши забонӣ ва интелектуалии (зеҳнии) донишҷӯён;
3. Дар донишҷӯён ҳосил намудани мароқ барои фаъолияти мутақобила бо намояндагони фарҳанги бегона, омода намудани онҳо ба чараёни муошират бо хориҷиён ва бой гардонидани фонди луғавии онҳо барои ба амал овардани муошират миёни хориҷиён.

Забони хориҷӣ ҳамчун барномаи дарсии муассисаҳои таълимӣ захираҳои зиёдро барои ба миён овардани фикрронии филологии таҳсилкунадагон нигоҳ медорад. Забон муҳимтарин падидаи иҷтимоӣ дар муҳити таълимию ҷомеа ба шумор рафта, воситаи муоширати миллӣ ва байналмиллалӣ, фаъолияти дохилӣ ва берунӣ, предмети омӯзишӣ, таълимӣ ва тадқиқотӣ мебошад. Кор бо матни таълимӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён заминаи донишҳои худро васеъ намоянд, ба онҳо кӯмак менамояд, то миқдори маълумотро муайян созанд, маводи лозимаро бигиранд, дараҷаи дониши худро васеъ намоянд, дар фаъолияти тадқиқотии хеш дар чараёни омӯзиш ҳавасманд гарданд [1, с.16].

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо ҷамъшавии маълумотҳои зиёд алоқамандии зиёд дорад ва ин фарҳанги меҳнати фикриро ташаккул медиҳад. Таҳсилкунандагон аз маҷмӯи маводҳои дарсӣ, лавозимот, луғатҳо, дастгоҳҳои овозсабткунанда ва телевизионӣ истифода бурда, дар синфхонаҳои компютерӣ кор мекунанд. Дар чараёни омӯзиши забони хориҷӣ зарурати пайваста ҷамъкунии маводҳои дарсӣ, доштани луғати худӣ, гирифтани маълумот барои мушкилот ва мавзӯи баррасишаванда, тартиб додани феҳристи далел ва маълумотҳо барои мавзуъҳои махсус, дар шакли кӯтоҳ ҳамчун конспект сабт кардан, аз мушоҳидаҳои худ сохтан ва истифода бурдани рӯзнома, ҷамъоварии ҷузъдонҳои тасвирӣ ва ғайраҳо хеле муфид мебошад. Дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ шартҳои барои инкишофи робитаҳои байнишахсӣ дар муносибати шогирдон ҷой дошта метавонад. Дуруст ба роҳ мондани муошират нишонаи фарҳанги индивидуалии ҳар як фард ба шумор меравад.

Маҳорати муносибати байниҳамдигарӣ метавонад дар дарсҳои забони хориҷӣ ташкил карда шавад, агар ин дарсҳо ҳамчун марҳилаи муттасил (иштироки баробари ҳамаи гурӯҳҳо ҳангоми гӯш кардан, сухан гуфтан) буда, ҳамкории байни онҳоро таъмин кунад [6, с.51].

Дар муошрати нутқии ташкилшуда, маҳорати шунавоӣ ҳамчун шарти такмилдиҳии муносибатҳои байниҳамдигарӣ инкишоф меёбад. Функсияҳои нутқи хабаррасонӣ, шарҳдиҳӣ, тафсиркунӣ, посухдиҳӣ, далелёбӣ, изҳори муносибат, иловакунӣ, маслиҳатдиҳӣ, тахминкунӣ ва ғайра омӯхта мешавад. Дар машқҳои махсус ташкилкарда суръати нуқт ва гуфтор, оҳангу овоз, лаҳн, қиёфасозӣ, ҳолат ва имову ишора, ҷобаҷокунии иштирокчиён дар чараёни муошират машқ карда мешавад. Ҳамчунин гузаронидани машқҳои иҷтимоӣ - психологӣ, ки дар дарсҳои забони олмонӣ васеъ паҳн шудаст, хело муҳим мебошад [2, с.67].

Дар чараёни иҷроиши ин машқҳо тарбияи таваҷҷӯҳи онҳо нисбат ба якдигар, эҳтироми якдигар, кӯшишҳои дастаҷамъонаи онҳо, дастгирии якдигар ва ҳамчунин аз худ кардани этикет ба миён меояд. Омӯзиши забони олмонӣ ба эътирофи арзишҳои умумибашарӣ мусоидат мекунад. Дар баробари омӯхтани забон ва аз худ кардани зиндагии мардумони дигар кашварҳо донишҷӯён маълумоти гирифтаашонро бо зиндагии мардумони кишвари худашон муқоиса мекунанд. Бо шарофати чунин

муқоисакунӣ онҳо дидани муваффақиятҳои кишвари худ ва проблемаҳои онро меомӯзанд, дастовардҳои иҷтимоиро эҳтиром мекунанд, ба урфу одат ва анъанаҳои миллати худ қадр мегузоранд. Ҳисси миллӣ метавонад донишҷӯёнро ба он водор намояд, ки онҳо бо меҳмонҳои хориҷӣ тавонанд дар бораи ватани худ, таърихи он, доир ба география, дастовардҳои илмӣ, оид ба санъату эҷодиёт ва урфу одати мардуми кишвари хеш нақл кунанд.

Тарбия кардани ҳиссиёти миллӣ ҳамчунин бо зиёд шудани таваҷҷӯҳи донишҷӯён нисбат ба забони модарии хеш ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ алоқамандӣ дорад. Дар машғулиятҳои забони хориҷӣ имконият барои муқоисаи байни забонҳо, кӯшиши инкишоф додани нутқ бо забони хориҷӣ, тарбияи эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ ва дигар забонҳо, ки ба онҳо дарс дода мешавад, ба миён меояд [3, с.19].

Ба ҳамин муносибат мувофиқи матлаб дониста мешавад, ки омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ бояд ба чунин хусусиятҳо соҳиб бошад:

1. Дониши кофӣ аз забони модарӣ ва забони хориҷӣ барои таълими забони хориҷӣ дар муассиса;
2. Шахсияте, ки арзишҳои фарҳанги худӣ ва бегонаро аз худ кардааст ва дорои маҳорати истифодаи ин донишҳо дар раванди таълими забони хориҷӣ дар дарс мебошад;
3. Донистани асосҳои педагогикаи этникӣ ва психологияи этникӣ ва маҳорати истифодаи ин донишҳо дар муассиса;
4. Маҳорати истифодаи маводҳои миллию фарҳангӣ дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ, корҳои берун аз синфӣ аз забонҳои хориҷӣ ва дар раванди корҳои таълимию методӣ.

Ҳамин тариқ хусусияти ҳар як халқ, гуногунии тафаккури он ва муносибати вай ба муҳити атроф таҷассуми худро дар забон пайдо мекунад. Аз ин рӯ забон татбиқкунандаи хусусиятҳои фарҳангӣ мебошад. Дар фаъолияти мутақобила бо фарҳанги бегона фарҳанги худии донишҷӯ низ ташаккул меёбад. Бинобар ин инкишофи муошират, баланд гардидани завқ барои расидан ба боигариҳои интелектуалии инсонӣ забони хориҷиро на танҳо ҳамчун фанни таълимӣ мароқангез мегардонад, балки имконият медиҳад, ки он ҳамчун воситаи зарурӣ барои рушду нумӯи муколамаи байни фарҳангҳо мусоидат намояд.

Барои баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён ба роҳ мондани воситаҳои фаъолгардонии онҳо зарур мегардад. Фаолиятмандии донишҷӯён барои бедор кардани ҳисси худшиносӣ дар ниҳоди донишҷӯён, фаъолшавии муносибати шогирдон нисбати азхудкунии дониш мусоидат менамояд.

Дар ин маврид ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷӯ муфид мебошад. Он имконият медиҳад, ки мустақилияти таҳсилкунанда дар фаъолияти дарсӣ ва берун аз дарсӣ таъмин карда шавад. Дар натиҷаи чунин ба роҳ мондани кор нисбати воситаҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ хислатҳои индивидуалӣ ва дастаҷамъонаи донишҷӯёни зинаи аввал афзоиш меёбад. [7, с.47].

Маълум аст, ки дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ механизмҳои инкишофи нутқи забонӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми гуфтор, мусоҳиба, хониш ва шаклҳои хаттии нутқ дар машғулиятҳои синфӣ ва беруназдарсӣ маҳорати суханронӣ, қобилияти фикррони, хотираи фаъол, қабули нуқти даҳонӣ ва ҷавоб гардонидан ба фикри баёншуда ташаккул меёбанд. Инкишофи ин механизмҳо ба мукаммал гардидани функсияҳои нутқи забонӣ таъсири мусбӣ расонида, ба машқи иловагии майнаи сар бевосита кӯмак менамояд. Дар натиҷаи ин ҷараёни функсияҳои шунавоӣ ва нуқтӣ такмил ёфта, он барои талаффузи бурро ва гуфтори равон мусоидат менамояд.

Таъсири забони хориҷӣ барои ташаккули маҳорати гуфтори донишҷӯён дар он аст, ки бо кор кардан аз болои нуқт бо забони хориҷӣ барои ба миён омадани фикррониии мантиқӣ мусоидат намояд. Дарси муосири забони хориҷӣ нақшҳои гуногунро дар муошироти донишҷӯён, истифодаи васеъи мусоҳибавии дарк дар шакли муҳокимаи проблема, истифодаи маводҳои зарурӣ, тасвир, расм, кино ва маводҳои телевизиониро дар бар мегирад. Ин шакли дарсомузӣ тахаюлоти донишҷӯёни зинаи аввали таълими забонҳои хориҷиро инкишоф медиҳад.

Забони хориҷӣ ҳамчун барномаи дарсии муассисавӣ захираҳои зиёдро барои ба миён овардани фикррониии филологии шогирдон нигоҳ медорад. Забон муҳимтарин падидаи иҷтимоӣ дар муҳити мактаб ба шумор рафта, воситаи муошироти миллӣ ва байналмиллалӣ, фаъолияти дохилӣ ва берунӣ, предмети омӯзишӣ, таълимӣ ва тадқиқотӣ мебошад.

Дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ шартҳои барои инкишофи робитаҳои байнишахсӣ дар муносибати донишҷӯён ҷой дошта метавонад. Дуруст ба роҳ мондани муошират нишонаи фарҳанги индивидуалии ҳар як фард ба шумор меравад.

Маҳорати муносибати байниҳамдигарӣ метавонад дар дарсҳои забон хориҷӣ ташкил карда шавад, агар ин дарсҳо ҳамчун марҳилаи муттасил (иштироки баробари ҳамаи гурӯҳҳо ҳангоми гӯш кардан, сухан гуфтан) буда, ҳамкории байни онҳоро таъмин кунад [6, с.51]. Дар машқҳои махсус ташкилкарда суръати нуқт ва гуфтор, оҳангу овоз, лаҳн, қиёфасозӣ, ҳолат ва имову ишова, ҷобаҷокунии иштирокчиён дар ҷараёни муошират машқ карда мешавад. [2, с.67].

Дар ҷараёни иҷроиши ин машқҳо тарбияи таваҷҷӯҳи онҳо нисбат ба якдигар, эҳтироми якдигар, кӯшишҳои дастаҷамъонаи онҳо, дастгирии якдигар ва ҳамчунин аз худ кардани этикет ба миён меояд.

**АДАБИЁТ**


1. Бим И.Л. Некоторые актуальные проблемы современного обучения иностранным языкам. / И.Л. Бим - ИЯШ, № 4, 2001 – 5 с.
2. Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход: Метод. пособие [Текст] / А.А. Вербицкий. М: Высшая школа, 1991.-207 с.
3. Гальскова, Н.Д. Теория обучения иностранным языкам: Лингводидактика и методика: / Н.Д. Гальскова, Н.И. Гез // Учебн. пособие. М., 2004.
4. Зимняя, И.А. Общая культура и социально-профессиональная компетентность человека / И.А. Зимняя // Высш. образование сегодня: Реформы, нововведения, опыт. журнал. - 2005. - N 11. - С. 14-20.
5. Карпов И.В. О взаимосвязи психологии и методики преподования иностранных языков. / И.В. Карпов - Иностранные языки в школе. 1950 - №6.
6. Методика обучения иностранным языкам в средней школе: Учебник / Н.И. Гез, М.В. Ляховицкий, А.А. Миролюбов и др. - М.: Высшая школа, 1982.
7. Шатилов С.Ф. Методика обучения немеҷкомӯ языку в средней школе. / С.Ф. Шатилов - М., 1986.
8. Сайфуллоев Х.Г. Причины интолерантности подростков и пути разрешения конфликтной ситуации в многоязычном классе. / Х.Г. Сайфуллоев // Актуальные проблемы изучения и преподавания иностранных языков (Материалы межвузовской конференции РТСУ), 25 февраля 2010 г. – Душанбе, 2010.
9. Формановская, Н.И. Вежливость и толерантность как коммуникативные механизмы снижения речевой агрессии / Н.И. Формановская // Агрессия в языке и речи: сборник статей. – М., 2004. – С. 207-218.


## ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИ КУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ В ОБУЧЕНИЕ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА


*В данной статье речь идет о поли культурной компетенции студентов. В настоящее время поли культурное общение считается интеграционным процессом и знания иностранного языка означает не только уважение к другим народам, но через иностранный язык открывается путь к общению между лицами и повышается профессиональный уровень учащихся. Сведения о поли культурной, интеграции культур, изучение иностранных языков у культурных государств, история и нынешняя жизнь. Данные ученые предлагают составные части целевого обучения в которых особое место занимает изучение иностранной культуры. В этом направлении учащимся предлагается обучению определенный список иностранной культуры с социальными и лингвистико-познавательской страноизучающей методикой. В данной проблеме улучшаются профессионализм преподавателя иностранных языков. В связи с этим культурные знания преподователя должен быть на высоком уровне. Актуальность общения в обучении в среде многоязычия зависит от современного социального языкового прцесса. В условиях современного развития общества, требование по отношению к знанию иностранного языка и мировой культуре будущих учителей увеличивается в ходе изучения иностранного языка.*



***Ключевые слова:*** *Интеграциональные процессы, лексичечкие единицы, поликультурные компетенции, этническая педагогика, культурная интеграции, гуманизация обучение, сотсиокультурний, культурная дискуссия, лингвистика.*


## SHAPING HAVE EATEN CULTURAL COMPETENCIES OF THE STUDENT IN LEARNING THE FOREIGN LANGUAGE


*In given article goes about are cultural competencies student. At present have are cultural contact is considered integration process and know ledges of the foreign language means not only respect to other folk, but through foreign language is opened way to contact between. This article is noted about the bilingual and fusion of cultures, learning foreign languages from the culture of country, history and its dayly life. The named sciences gave the structural parties of education of foreign cultural is also takes the first and main place. In this case the pupils art tought with cerfain quantity of main tenance of foreign culture with scocial peculiarity, linguistic and regional geography. It this malter the dignity of the teacher of foreign language to raises a lot.That why her preparation must be at the high degree. The actual of education speaking in many linguistic situation depend on of social period of modern world. In the modern develop of society the need of foreign language and the cultural world of future teachers became more in period of teaching foreign language.*



***Keys words****. interegration, the term of communication, cultural, words, develop, in this period, integration, process, lexical units, ate cultural competencies, ethnic pedagogical.*



***Сведение об авторе:***

***Шамсиддини Раджабали*** *– (Phd) докторант второго курса кафедры методика*

*преподавания иностранных языков (немецкий и французский) факультет романо – германских языков Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (+992) 989055199 Email: shamsiddinirajabali@gmail.com*
***About the author:***
***Shamsiddini Rajabali** – Phd doctoral student of the second course of the department methodology of teaching foreign languages (german and french), faculty romano-german, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: (+992) 989055199 Email: shamsiddinirajabali@gmail.com*

# ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ В РУССКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ-НОСИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

***Одинаева М.Т.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*

Таджикский язык относится к индоевропейской языковой семье, к иранской группе. Сегодня таджикский язык входит в группу новоиранских языков.

Структура языка характеризуется специфическими особенностями на уровне всей системы. Дадим самую общую характеристику этих свойств по работе Б.В. Миллер[1].

*Фонетическая система*. В таджикском языке 6 гласных и 24 согласных звука. Имеются звуки, отсутствующие в русском языке.

*Лексико-семантическая система*. Словарный фонд таджикского языка включает большое количество лексем персидского и арабского происхождения.

*Грамматический строй*. В целом грамматический строй таджикского языка флективно-аналитический. Именные части речи в современном таджикском языке утратили развитую систему словоизменения. В именной парадигме имеет место только противопоставление прямой (исходной) и косвенной форм, которые сопровождаются служебными словами – предлогами и послелогами (агглютинативные формы). Грамматическое значение слова выражается аналитическим способом.

В таджикском языке отсутствуют самостоятельные категории рода и падежа. Падежные значения передаются синтаксически. Распространенным способом грамматической связи является изафет – сочетание определяемого слова с постпозитивным определением при помощи аффикса, восходящего этимологически к местоимению *который*. Например: *китоб-и хуб*, где *китоб* – «книга», *и* – аффикс, *хуб* – «хороший» - *хорошая книга*.

В современном таджикском языке достаточно сложная система глагольных форм. Грамматическое значение глаголов передается с помощью сложных аналитических форм. Временные грамматические значения тесно связаны с видовыми грамматическими значениями. Сами категории времени и вида также передаются сложными аналитическими формами.

Например: *читать – читает – читал – будет читать*.

тадж. *хондан – у мехонад – хонда - мехонад.*

В синтаксисе наблюдается фиксированный порядок слов и тенденция к эргативности в разных вариантах[2].

В таджикском языке 5 наклонений глагола – изъявительное, повелительное, сослагательное, предположительное и особая форма наклонения – неочевидное (аудитивное), на фоне которого выделяются формы перфекта. Последние два отсутствуют в русском языке.

Приведем в нижеследующей таблице 1 различия в грамматическом строе таджикского и русского языка в сравнении, это то, на что следует обратить внимание преподавателю на занятиях русского языка.

**Таблица 1.**

| № п/п | Русский язык | Таджикский язык |
|---|---|---|
| 1. | Есть категория рода у именных частей речи. Для имени прилагательного родовые формы зависят от существительного, с которым оно согласуется. | Нет категории рода. |
| 2. | Есть категория падежа. Падежные окончания указывают на грамматическое значение именных частей речи.<br>Падежные формы могут использоваться с предлогами и без них.<br>Некоторые падежные парадигмы включают омонимичные падежные окончания. | Нет категории падежа.<br>Грамматическое значение именных частей речи выражается аналитически. Имеет место противопоставление прямой (исходной) и косвенной формы имен, которые образуются с помощью служебных слов. |
| 3. | У русского глагола есть категория наклонения. | В таджикском языке у глагола есть категория наклонения. |

| | | |
|---|---|---|
| | В русском языке три формы наклонения – изъявительное, сослагательное, повелительное, которые могут употребляться в исконном и переносном значениях. | Таджикский глагол образует пять форм наклонения – изъявительное, повелительное, сослагательное, предположительное и аудитивное. Формы наклонения образуются аналитически. |
| 4. | В русском языке у глагола есть категория времени. У глагола три временные формы – настоящего, прошедшего и будущего. Образование формы настоящего и будущего (простого или сложного) зависит от вида глагола. | В таджикском языке есть категория времени у глагола. Временные формы чаще используются в своем исходном значении. |
| 5. | В русском языке есть категория вида. Кроме вида, глагол характеризуется способами глагольного действия. | В таджикском языке категории времени и вида глагола представляют сложный структурно-семантический комплекс, грамматические значения времени и вида глагола тесно связаны между собой. |
| 6. | В русском языке способы грамматической связи слов в словосочетании – согласование, управление и примыкание. | В таджикском языке есть особая форма связи – изафет, то есть сочетание определяемого с постпозитивным определением с помощью служебных слов. Изафет отсутствует в русском языке. |
| 7. | В русском предложении свободный порядок слов. | В таджикском языке фиксированный порядок слов, с тенденцией эргативности (выражению пассивного залога). |

Как видно из таблицы, различия между русской и таджикской грамматиками характеризуются, во-первых, отсутствием отдельных категорий и грамматических явлений в отдельном языке, во-вторых, более разветвленной системой грамматических форм разных частей речи, в-третьих, выполнением разных функций отдельными грамматическими формами в русской и таджикской речи.

Преподаватель, работая с таджикскими студентами, должен подбирать такую систему упражнений по усвоению грамматических категорий русского языка, которая поможет студентам избежать влияния родного языка в воспроизведении русской речи, учитывая грамматические особенности изучаемого языка.

В зависимости от того, какие трудности испытывает таджикские студенты при усвоении русского языка, возникают различные виды интерферентного влияния родного языка на изучаемый язык. Соответственно, на занятиях русского языка следует давать студентам такие виды заданий и упражнений, которые помогут им получить навыки правильной русской речи. Рассмотрим виды интерференции и сформулируем методические рекомендации преподавателям для работы по устранению интерференции в русской речи таджикских студентов.

С точки зрения источника интерференции выделяются следующие ее типы:

1. **интерференция, осуществляемая со стороны родного (доминирующего) языка в направлении иностранного**;

2. **вторичная интерференция** - интерференция со стороны иностранного языка, изучавшегося первым;

3. **внутриязыковая,** или **смешанная интерференция** - взаимодействие навыков внутри изучаемого иностранного языка. В основе внутриязыковой интерференции лежит тот факт, что «новые, впервые формирующиеся навыки пользования материалом и механизмами иностранного языка стихийно сопоставляются в сознании говорящего и деформируются под влиянием ранее сформированных навыков[3, с.157-162] " [Чойбонова, 2009: 160]. Внутриязыковая интерференция обычно проявляется в генерализации правил и гиперкоррекции;

4. **обратная интерференция**, или **интеркаляция** - интерференция (обычно контролируемая) со стороны иностранного языка на родной[4, с.27-233] [Кузьмина, 2009: 228].

Интерференция - это не всегда прямое вмешательство элементов одного языка в другой, иногда последствием интерференции является просто обеднение речи говорящего на иностранном языке. Чаще всего это происходит из-за неупотребления определенных форм или конструкций, которые отсутствуют в его родном языке, но присутствуют в изучаемом. Такой тип интерференции называется **скрытой,** или **косвенной интерференцией**. Интерференция, в результате которой происходит нарушение системы и нормы неродного языка называется **явной,** или **прямой[5, с.24]**.

Результатом языковой интерференции нередко является нарушение взаимопонимания между людьми в процессе их речевого общения, однако интерференция может вызывать не только отрицательные, но положительные эффекты. Такая интерференция называется **положительным переносом**, или **транспозицией**. Она обусловлена тем, что во время порождения или восприятия текста на неродном языке в сознании коммуниканта реализуются универсальные, общетипологические свойства языков, которые не оказывают отрицательного влияния на результат. Положительный перенос может проявляться на следующих уровнях:

1. на уровне речемыслительной деятельности: чем большим количеством языков человек владеет, тем более развиты его речемыслительные механизмы;

2. на уровне языка: сходные лингвистические явления переносятся на иностранный язык и облегчают тем самым его усвоение;

3. на уровне учебных умений, которыми учащийся овладел при изучении родного и первого иностранного языков;

4. на уровне социокультурных знаний (особенно при изучении второго иностранного языка и наличии близости западноевропейских культур[6, с.11-20].

Изучение интерференции с точки зрения ее коммуникативного эффекта представляется чрезвычайно важным - оно позволяет предвидеть ошибки и облегчить задачу их исправления. Так, в основе одной из классификаций интерференции лежит степень понимания речи билингва (в широком понимании этого слова) носителем языка. С этой точки зрения выделяется следующие типы интерференции:

1. **интерференция, затрудняющая понимание** (в этом случае, понимание общего речевого намерения говорящего сохраняется);

2. **интерференция, нарушающая понимание** (понимание и общее намерение говорящего неравнозначны);

3. **интерференция, препятствующая пониманию** (полное непонимание)[7].

Интерференцию следует отличать от таких явлений, как переключение кодов, конвергенция, смешанный язык.

Переключение кодов - это переход говорящего в процессе речевого общения с одного языка на другой. В отличие от интерференции, при переключении кодов происходит не изменение одного языка под влиянием другого, а полная смена языка. Переключение кодов может быть вызвано сменой адресата, изменением роли говорящего или сменой темы общения[8, с.28] [Багана, Хапилина, 2010: 97].

Конвергенция - возникновение у нескольких языков общих свойств, сближение этих языков вследствие длительных языковых контактов. Некоторые современные лингвисты трактуют конвергенцию как частный случай интерференции - «сближение планов содержания языковых знаков двух языков при сохранении их материальных различий[9].

Смешанный язык - это язык, возникший в результате негенетического сближения двух языков и составленный из различных частей этих языков. При этом лексика обычно заимствована из одного языка, а большая часть грамматики - из другого. Смешанный язык отличается от пиджина (**Пи́джин** (англ. **pidgin**) — упрощённый язык, который развивается как средство общения между двумя или более группами, не имеющими общего языка) тем, что его появление вызвано не наличием языкового барьера, а стремлением определенной национальной группы к самоидентификации.

Таким образом, многообразие определений термина «интерференция», множество его различных типологических классификаций говорит о том, что **лингвистическая интерференция** - явление многоплановое и еще не до конца изученное. Полное описание явления интерференции возможно только тогда, когда учитываются не только лингвистические, но экстралингвистические факторы.

Следует обратить внимание на явление интерференции при произношении твердых и мягких согласных в слове:

Согласные звуки за исключением **ж**, **ш**, **ч»**, **щ** и **ц** могут быть твердыми и мягкими. Например: *брат – брать.*

После мягкого согласного, стоящего перед гласным, обозначается буквами **е**, **ё**, **ю**, **я**, **и**, например: *на коне, конем, коню, коня.*

Для устранения явления интерференции можно предложить следующие упражнения:

1. Правильно произнесите твердые и мягкие согласные.

*Говорить, болеть, тетрадь, молоть, путь, садись, весь, грязь, крась,*

*брось, боюсь, страшусь;*

*Накипь, надень, вынь, конь, шампунь;*

*Сибирь, верь, январь, лазурь;*

*Москвич, речь, мяч, врач, ночь, ключ, могуч;*

*Семь, девять, наземь.*

2. Прочтите и сравните произношение.

*Плати́ – пло́ты, Ди́ма – ды́ма, носи́ – носы́, вози́ – возы́, ми́ло – мы́ло, би́ли – бы́ли, заби́ть – забы́ть, вали́ – валы́, води́ – воды́.*

3. Научитесь правильно читать данные выражения. Выучите их.

*1. Без наук, как без рук.*

*2. Терпенье и труд всё перетрут.*

*3. Глупый осудит, умный рассудит.*

*4. Проголодаешься – хлеба достать догадаешься.*

*5. Язык иглы острее.*

4. Изменить слова по образцам. Подчеркните мягкие согласные. Со словами каждой группы составьте по два предложения.

I 1) Веточка – ветвь, кисточка, косточка.

2) Болеть – болезнь, жить, казнить, грустить.

II 1) Гвозди – гвоздь, черви, области, повести, новости.

2) Песни – песня, басни, земли, пули, вишни.

5. Перепишите, заменяя множественное число единственным. Укажите, в каких словах на конце стоят мягкие согласные, а в каких твердые.

Образец: *бинокли – бинокль, календари – календарь.*

*Вокзалы, секретари, медведи, гвозди, экзамены, болезни, заводы, базары, кони.*

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Багана Ж., Хапилина Е.В. Контактная лингвистика. / Ж. Багана, Е.В. Хапилина М. : Изд-во БелГУ, 2007. – С.138 -28.
2. БЭС. Языкознание. М., 1998
3. Вишневская Г.М. Интерференция и акцент. АКД. / Г.М. Вишневская - Иваново, 1985.
4. Ковылина, Л.Н. Синтаксическая интерференция и способы ее изучения. АКД. / Л.Н. Ковылина - Алма-ата. 1991.-24 с.
5. Кузьмина С.Е. Проявления «обратной» интерференции в речи билингва (на материале русского и английского языков. Вестник Нижегородского государственного лингвистического университета им. Н.А. Добролюбова. Вып. 4. Лингвистика и межкультурная коммуникация. –Нижний Новгород: НГЛУ им. Н.А. Добролюбова, 2009. –С.27–233.
6. Миллер Б.В. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь. / Б.В. Миллер М., 1954.
7. Павлова, Л.П. О фонетических критериях при определении места слоговой границы / Л.П. Павлова // Русский язык за рубежом, 1987. № 4. С. 11-20.
8. Чойбонова Б.М. Влияние межъязыковой и внутриязыковой интерференций на формирование ошибок в речи обучаемых. / Б.М. Чойбонова // Вестник Бурятского госуниверситета. Улан-Удэ. 2009. №11. С. 157-162


## ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ В РУССКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ-НОСИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА


*В статье выявляются причины возникновения интерференции русской речи студентов-носителей таджикского языка. Изучение интерференции с точки зрения ее коммуникативного эффекта представляется чрезвычайно важным - оно позволяет предвидеть ошибки и облегчить задачу их исправления. Так, в основе одной из классификаций интерференции лежит степень понимания речи билингва (в широком понимании этого слова) носителем языка. С этой точки зрения выделяется различные типы интерференции.*



***Ключевые слова:*** *интерференция, русский язык, студент, носитель таджикского языка, тип, вид, фонетическая, синтаксическая, грамматическая, система.*


## REASONS OF INTERFERENCE IN THE RUSSIAN SPEECH OF STUDENTS-NAVIGATION OF THE TAJIK LANGUAGE


*The article identifies the reasons for the emergence of the interference of Russian speech among students who are native speakers of the Tajik language. The study of interference from the point of view of its communicative effect seems to be extremely important - it allows you to anticipate errors and facilitate the task of correcting them. So, one of the classifications of interference is based on the degree of understanding of the speech of a bilingual (in the broad sense of this word) by a native speaker. From this point of view, various types of interference are distinguished.*



***Key words:*** *interference, Russian, student, native speaker of Tajik, type, kind, phonetic, syntactic, grammatical, system.*



***Сведения об авторе:***

***Одинаева Мафтуна Толибовна*** *- ассистент межфакультетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел. (+992) 900992828 E-mail: maftuna.odinaeva @bk.ru*

***About the author:***

***Odinaeva Maftuna Tolibovna*** *- Assistant at the Interfaculty Department of the Russian Language of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel. (+992) 900992828 E-mail: maftuna.odinaeva @bk.ru*

**УДК 81-13**

# ИСТИФОДАИ ТАХТАИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МОТ

***Раҳматова М.М.***

*Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ*

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ донистани забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ аз ҳарвақта дида муҳим мегардад. Раванди таълими забони модарӣ дар тағйироти доимӣ қарор дорад, бар ивази равишҳои анъанавӣ воситаҳо, методикаҳо ва технологияҳои нав меоянд, ки самаранокии раванди таълим ва ҳавасмандии омӯзишро таъмин мекунанд [1].

Донишҷӯёни муосирро чӣ тавр ҳавасманд гардонидан мумкин аст? Насли имрӯзаи донишҷӯён аз донишҷӯёни пештара бо он фарқ мекунад, ки ин насл дар давраи иттилоотонӣ ва технологияҳои рақамӣ ба воя расидааст. Онҳо китобҳои чопшударо намехонанд ва захираҳои омӯзишии шабакаи интернет ва китобҳои электрониро афзалтар медонанд. Барои ҳавасмандагардонии чунин донишҷӯён усулҳои анъанавии ба додани маҷмӯи дониш равонашуда кофӣ нест. Равиши фаъоли амалӣ зарур аст, ки амсиласозии вазъиятҳои ҳаётиро пешбинӣ мекунад ва дар донишҷӯён инкишоф додани майли худомӯзӣ ва худшиносии инфиродӣ, ҳавасмандӣ ба фаъолияти омӯзишӣ, низоми муносибатҳои байнишахсият, салоҳиятҳои иҷтимоӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва ғ. имкон медиҳад. Нигоҳ доштани таваҷҷӯҳи донишҷӯёне, ки ба фазои иттилоотӣ ва воқеияти виртуалӣ одат кардаанд, танҳо тариқи воситаҳои электроние, ки онҳо дар ҳаёти рӯзмарра истифода мекунанд, имконпазир аст.

Яке аз чунин воситаҳо, ки бо дараҷаи таъсир бо компутерҳои инфиродӣ, планшетҳо, замимаҳо барои бозӣ баробаранд, тахтаи интерактивӣ мебошад. Ин лавҳи ҳассос мебошад, ки қисми асосии он ҳатман бакомпутери инфиродӣ чунон пайваст мешавад, ки проектор тасвирро аз тахта ба монитор равон кунад. Сатҳи тахта хеле ҳассос аст ва истифодаи қалам (ва ҳатто ангушт)-ро барои дар рӯи он расм кашидан ва навиштан имкон медиҳад. Барои идоракунии компутер на муш ва клавиатура лозим нест. Ҳангоми зарурат, агар дар гурӯҳ донишҷӯёни босираашон суст мавҷуд бошанд, бо як ҳаракати даст метавон андозаи унсури дилхоҳро дар тахта калон кард.

Кор бо тахтаи интерактивӣ сатҳи қабули маводро аз ҳисоби мувофиқати шаклҳои интиқоли маълумот - визуалӣ, овозӣ ва эҳсосӣ баланд менамояд.

Тарҳрезии дарс, кидар якҷоягӣ ба омехтасозии пасманзар, ҷисмҳои аудио ва видеотасвир ба як чизи бутун, нақши муҳимро мебозад. Маълум аст, ки ҳар як донишҷӯ дар омӯхтани забонҳои хориҷӣ майлу завқ ва шеваи ба худ хосро дорад. Аз тадқиқотҳои равоншиносон маълум мегардад, ки ҳар қадаре, ки низоми асаб ба раванди таълим ҷалб гарданд, ҳамон қадар маълумоти гирифта беҳтар такрор карда мешавад. Ин мувофиқати мураккаб ба донишҷӯ таъсири ҷиддӣ мерасонад ва робитаҳои эҳсосӣ (тасаввуроти хаёлӣ) дорад, ки ба беҳтар аз худ кардани мавод мусоидат мекунад. Тасаввурот - ҳамраҳи табии афкори мост. Майнаи инсон чунон сохта шудааст, ки иттилоот ба таври худкор ба ҳам пайваст мешавад [2].

Тавассути тахтаи интерактивӣ донишҷӯён худро дар муҳити муқаррарии худ эҳсос мекунанд, ки барои ҳавасмандгардонии онҳо барои изҳори афкор ё шарҳ додани чизи шунидаашон ба монанди он, ки чӣ тавр дар шабакаҳои иҷтимоӣ инро иҷро мекунанд, имкон медиҳад.

Новобаста аз он, ки онҳо аз синни кӯдакӣ кайҳо ба воя расидаанд, диққати донишҷӯёнро омӯзиш дар шакли бозӣ ва навовариҳои гуногуни техника ҷалб мекунанд. Зиёда аз ин тахтаи интерактивӣ метавонад ба донишҷӯёне, ки фанни азхудшавандаро чандон хуб намедонанд, аммо бо компутер хуб кор карда метавонанд, раддабандии худро байни ҳамсабақон баланд кунанд.

Мутаассифона, аксари омӯзгорон тахтаи интерактивиро танҳо барои намоиш додани муаррифӣ (презентатсия) истифода мекунанд. Ин гуна равиш ғайрисамаранок аст, зеро дар таъминоти барномавии ҳама гуна тахтаи интерактивӣ захираи бойи вазифаҳое мавҷуд аст, ки тавассути онҳо бо объектҳои дилхоҳ дар тахта кор кардан мумкин аст: гурӯҳбандӣ, ҷойивазкунӣ, пинҳон кардан ва ғ. Барои омӯзгор тахтаи интерактивӣ шумораи беканори имконияти баланд намудани ҳавасмандии донишҷӯён барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ пешниҳод мекунад.

Тахтаи интерактивӣ барои амалӣ кардани принсипҳои фаъолнокии иртиботӣ, робитаи мутақобила, фаъолнокӣ, аёният, муназзамӣ ва дастрасии пешниҳоди мавод, робитаҳои байнифаннӣ, равиши фаъол нисбати омӯзиш, инчунин истифодаи реҷаҳои гуногуни кор (инфиродӣ, ҷуфт, гурӯҳӣ) кӯмак мекунад.

Амалия нишон медиҳад, ки донишҷӯёни МОТ техникӣ чунин хусусиятҳои шахсият, чун худдорӣ, бечуръатӣ, набудани иқдомкорӣ ва дамдуздӣ хос аст, ки ин дар машғулиятҳои забони тоҷикӣ монеъ мешавад. Масалан, машқҳо аз қабили, тамрини нутқ, бозиҳои нақшдор, диалогҳо ханда, шарму хиҷолати онҳоро меорад, онҳо аз тамасхур, танқид ва нокомӣ метарсанд.

Ҷалби тахтаи интерактивӣ ба паст кардани шиддати аз ҳад баланд ва ташкил кардани иқлими психологии мусоид дар машғулият кӯмак мекунад.

Маълум аст, ки тавассути тахтаи интерактивӣ амалҳои зеринро иҷро кардан мумкин аст:

нишон додани маълумлоти визуалӣ (графикҳо, диаграммаҳо, нусхабардории расмҳо, тасвирҳо, аксҳо, ҷадвалҳо, нақшаҳо);

веб-сомонаҳо, видеофилмҳо, китобҳо ва луғатҳои электронӣ, барномаҳо, тестҳо, муаррифии Power Point, ки аз ҷониби ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯён таҳия шудаанд;

иҷро кардани навиштаҷот ва ишораҳо ба тасвирҳои дар тахта ба намоиш гузошташуда;

сохтани нақшаҳо, расмҳо, ҷадвалҳо бевосита дар рафти машғулият;

ҷойивазкунии тасвирҳо ба ҳудуди дилхоҳи тахтаи интерактивӣ, баровардани якчанд тасвир барои муқоисаи онҳо;

дар тахта намоиш додани саволҳои қаблан омодашудаи назоратӣ;

фавран ворид намудани тағйирот ба маводҳои методӣ ва конспекти машғулият дар рафти машғулият вобаста ба ҳолатҳои мавҷуда.

Тариқи амали «Сатр» як қисми лавҳро пинҳон карда, назорат ва худназоратро ташкил кардан мумкин аст. Байни вазифаҳои муҳими дигари тахтаи интерактивӣ вазифаҳо аз қабили шинохтани хат, калон кардани андозаи порча (оинаи булур), ишораҷӯби лазерӣ, ки ба воситаи он диққати донишҷӯёнро ба вариантҳои гуногуни муҳим ҷалб кардан мумкин аст.

Барои омӯзгорони фанни забон вариантҳои гуногуни истифодаи тахта мавҷуданд. Маводҳои аллакай омодашуда мавҷуданд, ки махсус барои таълим бо тахтаи интерактивӣ таъин шудаанд, инчунин барномаҳое, ки ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки худашон машқҳои гуногун, инчунин барномаҳои муаллифиро таҳия намоянд.

Кор бо тахтаи интерактивӣ пуррагӣ, пайдарҳамӣ ва мувофиқати пешниҳоди мантиқии маводро ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои забони ва такмили малакаву маҳорати длонишҷӯён таъмин менамояд [3]. Қайд кардан зарур аст, ки тахтаи интерактивӣ метавонад дар марҳилаҳои гуногуни машғулият ва ҳангоми таълими ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқӣ истифода гардад: ҳангоми тамрини фонетикӣ, барои ворид кардан ва коркарди маводи лексикӣ ва грамматикӣ, назорат ва худназорати малакаву маҳорати хониш, иншо, қироат ва албатта, нутқ.

Тавассути тахтаи интерактивӣ озмоиши ҷанбаи дилхоҳи забони хориҷӣ, ҳисоби раддабандии донишҷӯён, динамикаи дараҷаи донишомӯзии онҳоро ташкил кардан мумкин аст.

Ҳангоми кор аз болои малакаи гӯш кардани нутқ метавонанд усулҳои «Хатогиҳоро дар муколамаи ҳамсабақони худ дарёфт намоед», «Варианти дурустро аз вариантҳои хондашуда интихоб намоед», «Фосилаҳоро дар матн пур кунед» ва ғ.

Ҳангоми машқи маводи грамматикӣ ва лексикӣ якҷоя бо донишҷӯён нақша ё ҷадвалро бо истифода аз рангҳои гуногун барои ҷалби диққати донишҷӯён ба ин ё он ҷанба тартиб додан мумкин аст. Масалан, ҳангоми машқи ҷумлаҳои саволӣ истифодаи қаламҳои гуногунранг барои диққат додан ба тартиби калимаҳо, ҷойгиршавӣ ва шакли феълҳои ёрирасон кӯмак мекунад. Ҳангоми машқи лексика дар мавзӯъҳои гуногун бозии анаграммаро истифода кардан мумкин аст. Дар ин машқ ҳарфҳое, ки калимаро ташкил мекунанд, омехта карда шудаанд ва донишҷӯён бояд онҳоро бо тартиби муайян ҷо ба ҷо кунанд. Дар рафти машқи мазкур донишҷӯён на танҳо худи калима, балки тарзи дурусти навишти онро ба хотир мегиранд.

Супоришҳое, ки дар онҳо дарёфт кардани ҷуфти калимаҳо (муродифҳо, калимаҳои муқобилмаъно, калимаҳо бо пешояндҳо ва ғ.), кушодани муаммо ё кроссворд талаб мешавад, таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро ҷалб мекунад. Тарзҳои аз ҳама самарабахши кор бо лексика ва грамматика «Хатогиро пайдо кунед», «Матн бо фосилаҳо», «Тақсим шудан ба гурӯҳҳо», «Пур кардани фосилаҳо», «Сохтани нақшаҳо», «Бозиҳои лингвистӣ» ва ғ. мебошад.

Ҳангоми омӯзиши қироат ва хат истифодаи усулҳои «Муқаррар кардани мувофиқат», «Барқарорсозии матни вайроншуда», «Матн бо фосилаҳо», «Ҷудо кардани маълумоти зарурӣ», «Пур кардани фосилаҳо», «Ҷойгиршавии қисмҳои матн бо тартиби дуруст», «Дуруст/нодуруст», «Интихоби сарлавҳа ба матн», “ Иваз кардани калимаҳои ҷудошуда бо муродифҳо» ва ғ. истифода кардан мумкин аст.

Қайд кардан муҳим аст, ки ҳангоми кор бо матн аз луғатҳо ва маълумотномаҳо истифода кардан мумкин аст. Тавассути тахтаи интерактивӣ донишҷӯёнро бо тарзи дурусти тартиб додан ва сохтори мактубнависӣ, резюме, намунаи тақриз ва ғ. нишон додан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзонидани нутқ супоришҳо аз қабили «Муқаррар кардани мувофиқат», «Таносуби ҷумлаҳо дар муколама», «Ҷумлаи нотамом» арзиши муҳими иртиботӣ доранд [4].

Як қатор намунаҳои истифодаи тахтаи интерактивӣ дар машғулиятҳои МОТ меорем. Ҳангоми кор бо мавзӯи «Шаҳри ман» донишҷӯён метавонанд ҷойҳои ҷолибу таърихии шаҳрро бевосита дар тахтаи интерактивӣ ишора карда метавонанд, ки пас аз он тартиб додани хатсайрҳои нисбатан муносибро барои экскурсияҳо тартиб додан имкон дорад. Натиҷаи ҳосилшударо дар хотира сабт кардан мумкин аст ва кор бо харита метавонад дар машғулияти минбаъда истифода шавад.

Ҳангоми муҳокимаи автобиографияи олимон ва ихтироъкорон ба лавҳ акси ҷоизадорони Нобелро овардан мумкин аст, ихтироъро бо насаби ихтироъкор ва санаи иътироъ мувофиқ карда, тасвир кардан мумкин аст.

Барои тартиб додани нутқи шифоҳӣ оиди мавзӯъҳои «Ҳаёти донишҷӯёни донишгоҳи мо», «Масъалаҳои экологии шаҳр ва кишвар», «Тозагӣ - гарави саломатӣ» нақшаҳои махсусро истифода кардан мумкин аст, ки барои ба хотир овардани лексикаи мувофиқ ва корро шавқовар гардонидан истифода мекунанд.

Кор бо тахтаҳои интерактивӣ барои инкишофи иқтидори эҷодии донишҷӯён ва малакаҳои кори даставӣ мусоидат мекунанд. Тавассути он «зарбаи зеҳнӣ», «мизи мудаввар», микроконфронс, тренинг ва намоиши презентатсияҳо Power Point-ро ташкил кардан мумкин аст. Туфайли имкониятҳои тахта донишҷӯён метавонанд натиҷаҳои лоиҳаҳои гурӯҳиро дар шакли зиндаи интерактив пешниҳод кунанд. Одатан, донишҷӯён бо маълумоте, ки дар речаи муқаррарӣ ба онҳо дилгиркунанда мебошад, эҷодкорона кор мекунанд. Барои ҷалби ҳамаи донишҷӯён ба кори фаъолона ба онҳо қоидаҳои умумии корро дар гурӯҳҳо (ҷуфтҳо) хотиррасон кардан зарур аст:

нисбати ҳамсабақон софдил бошед, баробар ба қувваи худ кор кунед;

ҳар як узви гурӯҳро бодиққат гӯш кунед;

сухани шахсони маърузакунандаро набуред;

мухтасар, фаҳмо сухан кунед, то ки ҳама имкони гуфтанро дошта бошанд;

ҳамдигарро дастгирӣ намоед, нонобаста ба ихтилофҳои зеҳнӣ;

ҳангоми рад кардани ғояи пешниҳодшуда, инро боадабона кунед, пешниҳоди ғояи алтернативиро аз хотир набароред;

аз номи гурӯҳ баромад кардан шараф аст, зеро шумо намояндаи ваколатдори гурӯҳ мебошед.

Инчунин шинос кардани донишҷӯён бо талаботҳои баҳодиҳии маърӯзаҳои онҳо: аҳамияти мавзӯъ, мутобиқати мундарича ба мавзӯи пешниҳодкарда, сохтори маърӯза, вижагиҳои пешниҳоди мавод, услуби мурочиат ба шунавандагон, саводнокии шифоҳӣ ва хаттӣ, риояи тартиби вақт, малакаи ҷавоб додан ба саволҳо ва ғ. муҳим аст.

Намудҳои зикршудаи корҳо барои инкишофи малакаҳои иртиботӣ, маҳорати ҳалли муштараки масъала, ташаккул додани таҳаммул нисбати афкори дигарон ва ағ. мусоидат мекунанд. Равоншиносон аҳамияти таълимро дар ҳамкорӣ қайд мекунанд, зеро ҳангоми ҳамкорӣ ва машварат, донишҷӯён таҷрибаи калони омӯзонидани ҳамдигарро мегиранд, ки ин яке аз усулҳои самараноки азхудкунӣ ва ба хотир гирифтани маводи таълимӣ мебошад.

Натиҷаҳои пурсиши донишҷӯён оиди таъсири тахтаи интерактивӣ ба самаранокии раванди таълим дар машғулияти забони тоҷикӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки воситаи мазкур дар онҳо як қатор эҳсосоти мусбиро ба вуҷуд меорад.

Доничшӯён афзалиятҳои зерини тахтаи интерактивиро қайд мекунанд:

сарфаи вақт;

баланд шудани ҳавасмандӣ;

инкишофи тахайюл ва иқтидори эҷодкорӣ;

инкишофи ҳисси боварӣ ба худ;

беҳтар шудани суръати омӯзиш;

азхудкунии беҳтари мавод;

бахотиргирии беихтиёри мавод;

танзими мавод, ҷудо кардани ҷиҳатҳои асосӣ ва дуюмдараҷа;

ҷалби ҳамаи донишҷӯён ба раванди таълим;

баланд шудани сатҳи давомот дар машғулият;

кор дар речаи дархат (онлайн)

мавҷуд набудани латта ва бӯр;

аз ҷиҳати экологӣ хуб будан (аз байни рафтани зарурати навиштани конспект, чоп ва нусхабардорӣ кардани маводҳо, мутаносибан сарфа кардани қоғаз, ки ба ҳифзи муҳити атроф саҳми худро ворид мекунад);

Норасоиҳо қайд шуданд:

пастшавии сатҳи босира;

хасташавӣ;

мушкил будани танзими тахта;

нуқсонҳо дар тасвир ҳангоми истифода;

имконияти корношиямии техникӣ;

арзиши баланд.

Ғайр аз он, омодакунии машғулият бо истифодаи тахтаи интерактивӣ - раванди душвор аст, ки кори иловагии ҷиддиро оиди ташаккул додани мавод дар шакли электронӣ пешбинӣ мекунад.

Инчунин яке аз мушкилиҳои истифодаи дастгоҳи мазкур аз ҷониби омӯзгорон бо зарурати ҳамқадами замон будан ва малакаҳои худро дар кор бо компутерҳои торафт пешрафта мунтазам такмил додан мебошад. На ҳар як омӯзгор омода аст вақти шахсии худро барои тағйир додани дастурҳои методии таҳияшуда сарф намояд.

Ҳамин тариқ, истифодаи тахтаи интерактивӣ дар машғулият хеле самараи калон меорад. Тахтаи интерактивӣ раванди таълими забони тоҷикиро нисбатан босуръат мегардонад ва дар машғулият бо як дастури таълимӣ маҳдуд нашудан ва ҷалб кардани захираҳои сершуморро имкон медиҳад. Машғулиятҳо нисбатан шавқовар ва ҷолиб мегарданд, ба раванди таълимӣ аз ҳисоби истифодаи воситаҳои аз ҳама муосири таълим гуногунӣ ворид мешавад.

Туфайли даст кашидан аз мел ва маркерҳо раванди таълим нисбатан қулай мегардад. Аёният ва имконияти муқоиса, мувофиқ кардан, сохтан, чен кардан дар шакли воқеӣ пешниҳод мешавад. Агар замимаҳои мутобиқ интихоб шаванд, тахтаи интерактивиро ба сифати воситаи истироҳат низ истифода кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, истифодаи тахтаи интерактивӣ танҳо бо доираи машғулият маҳдуд намешавад. Тавассути он чорабиниҳои дигари беруназсинфиро гузаронидан мумкин аст: викторинаҳои кишваршиносӣ, брейн-ринг, озмуни ровиён, намоиши наворҳои тарбиявӣ ва ғ. Истифодаи ҳамаи барномаҳои таълимӣ имконияти ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯёнро на танҳо дар машғулият, балки дар хона ҳам васеъ мегардонад.

Дар хулоса қайд менамоем, ки истифодаи тахтаи интерактивӣ ба тарзи қабули маълумоти аз ҷониби донишҷӯёни насли нав, ки ба намуди визуалӣ ва ҳавасмандии азназаргузаронии маълумот ниёз доранд, мувофиқат мекунад. Тибқи тадқиқотҳои олимон, одамон танҳо 20% маълумоте, ки мебинанд, 30% - чизе, ки мешунаванд, 50% он чизе, ки мебинанду мешунаванд ва 80% он чизе, ки якҷоя мебинанду мешунаванд, ба хотир мегиранд. Дар асоси маълумоти мазкур гуфтан мумкин аст, ки истифодаи тахтаи интерактивӣ метавонад сифати дониши донишҷӯёнро дучанду сечанд гардонад [5].

Ғайр аз ин тахтаи интерактивӣ - ин воситае мебошад, ки на танҳо кори омӯзгорро осон мекунад, балки низоми омодакунии кадрҳои соҳибихтисосро ба сатҳи куллан нав мебароранд. Маҳз тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар омӯзгор нақши куллан нав ташаккул меёбад, самаранокии омӯзиш ягон бешубҳа баланд мешавад [6].

Аммо фаромӯш набояд сохт, ки тахтаи инетрактивӣ - воситаи мӯъҷизаноке нест, ки ҳамаи мушкилотро дар як лаҳза ҳаллу фасл мекунад. Тахта наметавонад комилан омӯзгорро иваз кунад. Ҳама гуна машғулият бо истифодаи тахтаи интерактивӣ бояд нақшаи аниқ ва сохтор дошта бошад, ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои муайян расонад. Дар натиҷа маҳз аз кӯшиш ва тахайюли омӯзгор вобаста аст, ки то кадом андоза ҳамаи имкониятҳои дастгоҳи мазкур пурра ба кор андохта мешавандю

## АДАБИЁТ


1. Мачнева Л.Ф., Мороз В.В. Истифодаи тахтаи инетрактивӣ дар таълими забони хориҷӣ // Масъалаҳои мубрами татбиқи стандартҳои таълими насли нав дар шароити донишгоҳҳо: маводҳои Конфронси умумируссиягии илмӣ-амалӣ - Оренбург: ОГУ, 2011. - С.702-705. бо забони русӣ.
2. Перунова А.В. Тахтаи интерактивӣ чун воситаи баланд намудани ҳавасмандагардонӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ [Захираи электронӣ] // Тадқиқотҳои гуманитарии илмӣ Гума. - 2014. - № 10. - URL: http://human.snauka.ru/ 2014/10/8040 (санаи мурочиат: 24.09.2015).
3. Калитин С.В. Тахтаи интерактивӣ. Таҷрибаи истифодаи самаранок дар мактабҳо, коллеҷҳо ва мот . СилсилаКурси элективӣ. Таълими профилӣ. - М.: СОЛОН-Пресс, 2013. - 192 с. бо забони русӣ

4. Зубрилина И.В. Истифодаи тахтаи интерактивӣ дар дасрҳои забони хориҷӣ [Захираи электронӣ] // Сомонаи ҳахсии омӯзгори забони англисӣ Зубрилина И.В.. - URL: http://inesszubrilina.ucoz.ru/index/ispolzovanie_interaktivnoj_doski/0-5 (санаи мурочиат: 06.06.2015).
5. Каримова Я.Г. Усулҳои инноватсионии таълим тавассути истифодаи тахтаи интерактивӣ ва флипчартҳо чун воситаи ҳавасмандагардонии хонандагон // Педагогикаи эҷодкорона. - 2011. - № 3. - С. 94-99. бо забони русӣ
6. Янченко М.С., Ермолаева В.В. Истифодаи тахтаҳои интерактивӣ// Олими ҷавон. - 2014. - № 5. - С. 26-29. бо забони русӣ
7. Истифодаи таҷҳизоти интерактивӣ дар раванди таълим: Маҷмӯи маводҳои методӣ/Тарт. Т.В.Лазикина. –СПб.: ГОУ ДПО ЦПКС «Региональный центр оценки качества образования и информационных технологий». 2007. -100 с. бо забони русӣ
8. Тахтаҳои интерактивии электронии SmartBoard –технологияҳои нав дар таълим. -/ http://www.smartboard.ru/. бо забони русӣ

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНОЙ ДОСКИ НА ИНОСТРАННОМ ЯЗЫКЕ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ

*Статья посвящена проблеме обучения иностранному языку с помощью интерактивных досок в контексте модернизации образования. В нем дается краткий обзор некоторых методов использования досок в классах иностранного языка в высшей школе, направленных на повышение мотивации студентов и более эффективное изучение языка.*
***Ключевые слова:*** *интерактивная доска, информационные технологии, визуализация, мотивация, сотрудничество, самообразование.*

## THE USE OF INTERACTIVE WHITEBOARDS IN HIGHER SCHOOL FOREIGN LANGUAGE CLASSROOMS

*The article is devoted to the problem of foreign language teaching by means of interactive whiteboards in the context of education modernization. It gives a brief review of some methods of using whiteboards in higher school foreign language classrooms aimed at increasing students» motivation and more efficient language learning.*
***Keywords:*** *interactive whiteboard, information technologies, visualization, motivation, collaboration, self-education.*

***Сведение об авторе:***

***Рахматова Муаттар Мукимовна** - кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры государственного языка и социологии Политехнического института Таджикского технического университета им. М.С. Осими E-mail: rahmatova1972@mail.ru*

***About the author***

***Rahmatova Muattar Mukimovna** - Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Department of State Language and Sociology, Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after MS Osimi E-mail: rahmatova1972@mail.ru*

## МАКТАБҲОИ ОЛӢ ВА ПРОБЛЕМАИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

***Одинаев К.Б.***

*Донишоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Масъалаи ташкил ва ба роҳ мондани таълими интерактивӣ имрӯзҳо дар ҷаҳони муосир хеле рӯзмарра ва муҳиму арзишманд аст.

Чуноне ки муҳаққиқон Л.А.Гаффорова ва Ф.Т.Солиева зикр кардаанд, «Забони аглисӣ забони байналмиллалӣ ҳисоб мешавад, ки барои ҳар як мутахассис дар вазифаҳои минбаъдаи он заурур мебошад» [1, с.5-6].

Корҳои беруназсинфӣ аз биология яке аз шаклҳои мустақилона иштирок кардани хонандагон дар машғулиятҳои беруназдарсӣ мебошад, ки он бо роҳбарии муаллим, барои васеъ ва чуқуртар аз худ намудани дониши хонандагон илова ба барномаи таълимии биология ташкил карда мешавад. Корҳои беруназсинфӣ аз биология беруназдарс ташкил карда шуда, барои иҷрои он бештар хонандагоне ҷалб карда мешаванд, ки ба омӯзиши биология шавқу рағбати зиёде доранд.

Муваффақияти кори ҳар як омӯзгор ҳамон вақт бештар ба назар мерасад, ки вай ҳангоми омӯзонидани фанҳо ба вақти муқарарии пешниҳодшудаи соатҳо маҳдуд нашуда ба хонандагон мунтазам корҳои иловагӣ барад, онҳоро ба корҳои беруназсинфӣ бисёртар ҷалб намояд. Ба ин восита хонандагон донишҳои назариявии худро зимни гузаронидани таҷрибаҳо, корҳои амалӣ, экскурсияҳо, шабнишиниҳо, слёту олимпиадаҳо ва гайра ба амал пайваста, қавитар мегардонанд. Зимни истифодаи корҳои беруназсинфӣ дар хонандагон шакли мустақилона иҷронамудани супоришҳо, ҷустуҷӯю эҷодкорӣ пайдо мегардад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни биология дар қатори гузаронидани экскурсияҳо, конференсияю шабнишиниҳо, слёту олимпиадаҳо ва дигар тадбирҳо ҳарсол идҳои мавсимиро, аз қабили «Иди гулҳо», «Иди Меҳргон», «Иди Сада»-ро батантана қайд карда мешавад [1. 3. 6 ].

Ҳоло дар зер тарзи гузаронидани «Иди гулҳо» пешниҳод мегардад. Ҷашнгирии иди гулҳо басо рамзӣ буда, яке аз анъанаҳои қадимаи халқӣ ба ҳисоб меравад. Гулҳои рангоранг зебу зинати табиати диёри мо буда, бӯи хушионҳо ҳавои моро муаттар месозанд ва ҳар як тӯю маърака, ҷамъомаду маросимҳо бо гулу гулдастаҳо ороиш меёбанд. Маҳфили «Гулпарварон», дар муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ дар кори муҳофизати табиат, парвариш ва зиёд намудани намудҳои навъ ба навъи гулҳо оро додани гирду атрофи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муҳим мебозанд.

Иди гулҳоро асосан дар фасли баҳор қайд кардан бомаврид аст. Мақсади асосии гузаронидани ин чорабинӣ аз он иборат аст, ки хонандагонро ба ҳаёти гулҳои зебо, аз тухм рӯёнидан, кӯчат кардан ва парвариши онҳо дар хона, гирду атрофи муассиса ва дигар ҷойҳо ва истифодабарии гулҳо шинос намуда, дар онҳо ҳисси гулпарварӣ, муҳофизати онҳо, ҳисси табиатдустию зебопарастиро бедор намуда, завқи эстетикии онҳоро афзун гардонем.

Нақшаи гузаронидани «Иди гулҳо»

Ороиши ҷои гузаронидани чорабинӣ.

Баровардани газетаи деворӣ ва албомҳо.

Тайёр намудани нақша ва нишонҳои сарисинагӣ (аз матоъ ё қоғаз).

Тартиб додани саволҳои викторина ва интихоб намудани чистонҳо.

Тайёр намудани гербария, тухми гулҳо ва дигар рустаниҳои ороишӣ.

Муҳайё намудани таҷҳизот барои гузаронидани конкурси «Гулдастаи беҳтарин».

Тайёр намудани нақшаи консертии дастаи ҳаваскорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ҷамъбасти натиҷаи чорабинӣ ва муайян намудани ғолибон, супоридани мукофотҳо

Мувофиқи нақшаи тартиб додашуда, пешакӣ дар байни хонандагон конкурси шеъру суруд ва чистонҳои беҳтаринро дар васфи зебогии табиат, гулу гулзор ва дигар рустаниҳои ороишӣ, доруворӣ эълон карда мегузаронанд. Шеърҳо ва чистонҳои беҳтаринро интихоб намуда, бо ёрии рассомони ҷавон барои нишони сарисинагӣ расми ҳамон гул ё рустаниеро, ки дар васфи он шеъру суруд ва чистонҳо хонда мешаванд, дар матоъ ё қоғаз аз рӯи як андоза тасвир мекунанд. Аъзоёни маҳфил дар рӯзи ид либоси идона пӯшида, нишонаҳоро дар сари синаи либос мечаспонанд. Пеш аз оғози чорабинӣ толорро бо шиору плакатҳо, газетаҳои деворӣ, фотомантажҳо, диаграммаю стендҳо, шеърҳо ва суханони бузургон дар васфи зебогии табиат ва гулҳо, гербарияи гулҳо ва рустаниҳои шифобахш, коллексияи онҳо, гулдастаҳои тару тоза, гулҳои хонагӣ дар тубакҳо, беҳтарин гулдӯзию кашидадузиҳо ва монанди инҳо ба таври диққатҷалбкунанда оро медиҳанд.

Зимни кушодашавии иди гулҳо аввал дар иҷрои яке аз аъзоёни хушовози ҳаваскорон шеъри «Гулпарвар шавед»-и Шоҳмузаффар Ёдгорӣ бо оҳанги М.Миров танинандоз мегардад:

*То нафас боқист, гулпарвар шавед,*
*Хушдилу хушрӯву барнотар шавед.*
*Ҳар саҳар дар шабнами гулҳои тар,*
*Рӯй молида саропо тар шавед.*
*Чун падарҳо дар қадамҳои диёр,*
*Ҳар қадам аз хеш монед ёдгор.*
*Ҳар баҳорон ин замин гул кардааст,*
*Ин замин дидаст моро ҳар баҳор.*
*Ҳар дарахташ шаҳсутуни хонаест,*
*Ҳар қадам хокаш сари бегонаест.*
*Кӯҳсору як кафи хоке, ки ҳаст,*
*Саргузаште дораду афсонаест.*
*Ҳар саҳар аз бӯи гул дигар шавед,*
*Хушдилу хушрӯву барнотар шавед*
*Дар қадамгоҳи азизони диёр,*
*То нафас боқист, гулпарвар шавед.*

Бо тамом шудани суруд баранда чорабиниро ботантана эълон мекунад. Хонандаи якум бо маърӯза баромад карда, оид ба тарзи рӯёндан, кӯчат кардану парвариши гулҳои хонагӣ, ороишӣ, аҳамияти онҳо дар табиат, ҳаёти одам, роҳҳои муҳофизат ва зиёд кардани онҳо маълумот медиҳад. Якчанд хонандагон баромад намуда, оид ба гулҳои маълуму машҳуру машриқу Мағриб-наргис, бунафша, заъфарон, хайрӣ садбарг, бойчечак, сияҳгӯш, нилуфар мухтасар маълумот дода, қайд мекунад, ки аз фаъолияти нодурусти баъзе одамон аксарияти ин намудҳо кам шуда, то ба дараҷаи нестшавӣ расидан ва ба китоби Сурхи байналмиллалӣ ва ҷумҳурӣ дохил карда шудаанд.

Сипас гурӯҳи хонандагон дар даст гулдастаҳои гуногун ба саҳна баромада, дар васфи гулҳо шеърхонӣ мекунанд:

*Хонандаи 1. Шеъри халқӣ. Бойчечак*
*Бойчечаку бойчечак,*
*Гули хушрӯй, бойчечак.*
*Бойчечак, бойчечак*
*Бойчечак омад пучак,*
*Тамошо кун келинчак.*
*Будам хумори баҳор.*
*Бойчечак, бойчечак*
*Гули баҳор бойчечак,*
*Муждаи кор бойчечак,*
*Бойчечак, бойчечак*
*Хонандаи 2. Шеъри Н.Назарӣ. Гулбор*

*Бойчечак, бойчечак.*
*Бойчечаки ҳисорӣ,*
*Танга тилло ҷуворӣ.*
*Бойчечак, бойчечак,*
*Бойчечак калон шудаст.*
*Пешопеш равон шудаст,*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Эй холаи хонадор.*
*Ҳарчи мехоҳӣ барор.*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона ғур-ғур,*
*Хонаи мо ба нон пур*
*Бойчечак, бойчечак.*
*Таги остона дутор,*
*Хонандаи 3. Шеъри Қ.Ҳадиса.Гули гандум*
*Гули гандум, гули гандум,*
*Гулу раънои хуршедӣ,*
*Ба мисли қатраи шабнам,*
*Ба мисли бахту умедӣ.*
*Гули гандум, гули хуршед,*
*Гули гандум сафои дил.*
*Зи ту бошад вуҷуди мо,*
*Зи ту бошад бақои дил.*
*Гули гандум, гули гандум,*
*Туӣ лабхандаи парвин.*
*Туӣ гулчин, туи гулчин.*
*Миёни хандаҳои гул,*
*Туӣ танҳо, туӣ танҳо*
*Ту охир дидаи бозӣ,*
*Ту ҷони ҷонӣ одамҳо.*
*Гули раънои хуршедӣ,*
*Гули гандум, гули гандум.*
*Ба мисли бахти инсонӣ,*
*Ба нури чун рухи мардум.*

*Чу хуршеди саҳар ҳастӣ, сияҳгӯш,*
*Ба чашмам ҷилвагар ҳастӣ сияҳгӯш,*
*Зи ту дил равшану хотир мунаввар,*
*Ту ҳусни шеъри тар ҳастӣ, сияҳгӯш.*
*Ту зеби гӯшу зеби мӯй, наргис,*
*Ту боронхурдаю хушбӯ, наргис,*
*Ба монанди гули оташ дурахшон,*
*Гули гулҳо, гули дилҷӯ, наргис.*
*Ту пайғоми баҳорони шукуфта,*
*Зиёни чашми инсонӣ, шукуфта.*
*Барои ҳосили аъло, асосӣ,*
*Ту зеби хони меҳмонӣ, шукуфта.*
*Хонандаи 4. Шеъри У.Раҷаб.Гули гулҳо*
*Аз ёна гул овардем,*
*Ду дона гул овардем,*
*Баҳри қабул овардем,*
*Гули гулҳо сияҳгӯш.*
*Гули баҳор омада,*
*Муждаи кор омада,*
*Баҳри нисор омада,*
*Гули гулҳо сияҳгӯш.*
*Холаҷони хонадор,*
*Моро накун интизор,*
*Ҳадъяи худро барор*
*Гули гулҳо сияҳгӯш.*
*Гули гулҳо қатор аст,*
*Ранги чашми хумор аст,*
*Дар пуштаҳо баҳор аст,*
*Гули гулро сияҳгӯш.*
*Хонандаи 5. Шеъри халқӣ.Бунафша*
*Дидам, ки бунафша дар лаби ҷӯбор аст,*
*Дар гирди бунафша сабзаи бисёр аст,*
*Монанди бунафша гул набошад ба ҷаҳон,*
*Асли насаби бунафша аз кӯҳсор аст.*

Гурӯҳи дигари хонандагон ба навбат аз ашъори шоир Саид Абдулло шеърҳои зеринро мехонанд:

*Гули тоҷи хурус*
*Гули тоҷик хурӯс аст офтобӣ.*
*Ба дарди худ аз он дармон биёбӣ.*
*Ба захми пӯст марҳам мешавад он,*
*Чу резӣ аз ҷабини хеш обе.*
*Себаргаи сурх*
*Себаргаи сурхи маргзорон,*
*Сарсабз бувад ба оби борон.*
*Шуши кас аз он давом биёбад,*
*Дар домани сабзи кӯҳсорон.*
*Тугмагул*
*Гиёҳи буттадори марғзор аст,*
*Гулаш нилию гирди беғубор аст.*
*Ба ҷумла дардҳо дармони беҳин,*
*Зи бемorони шуш балғамбарор аст.*
*Лола*
*Лола рӯяд дар бари кӯҳи диёр,*
*Дар фазои теппа, байни марғзор,*
*Мебарад ӯ ларзаи табро аз тан,*
*Аз вуҷуди кас ҳамеронад ғубор.*

*Гули санҷид*
*Аз гули санҷид ҳар шому саҳар,*
*Бар тани пурдардат меояд асар.*
*Мешукофонад ҷароҳатҳои тан.*
*Мадиҳад сарбор дарди шушу сар.*
*Савсан*
*Савсани озод дар дашту даман,*
*Менамояд мисли мавҷе дар чаман,*
*Бар тани пирон ҷавонӣ медиҳад,*
*Бар ҷавонӣ қуввате орад ба тан.*
*Гули хайрӣ*
*Гули хайри гули овозадор аст,*
*Гули аз гулистони кӯҳсор аст,*
*Даво бошад ба дарди меъдавушуш.*
*Гулу гулпояҳояш дорувор аст.*
*Коснӣ-чатрқоқу*
*Гиёҳи сабзу хуррам ширадор аст,*
*Саросар то ба реша дорувор аст,*
*Ба дарди пӯсту шуш аст дармон,*
*Ба позаҳре барои заҳри мор аст.*

Баъди мушоира дар иҷрои дастаи ҳаваскорон шеъри А.Шукӯҳӣ, «Сабр кун, эй гули бодом» бо оҳанги ҳофизи хушовоз С. Билолов садо медиҳад.

*Боди ҷонбахш намуд аз ин сӯй гузар,*
*Сабр кун, эй гули бодом, ду-се рӯзи дигар*
*То зимистон надиҳад боз фиребат ногаҳ,*
*Макушо мугчаю лабханд макун мисли саҳар.*
*Ёд дорам, ки ту ҳар сол ба сад ҷушу хурӯш,*
*Нештар аз ҳама гул мезани андар бару гӯш.*
*Дида ин хусну ҷамоли ту зимистон аз роҳ,*
*Гашта меомаду мекард чу деве оғӯш.*
*Бӯсаи сард зи рӯи ту малоҳат мебурд,*
*Аз танат шираю аз қалб ҳарорат мебурд.*
*То ниҳолон ба ту бар бесамари таъна score зананд,*
*Гули умеди туро, дузд ба ғорат мебурд*
*Сабр кун, эй гули бодом, ду-се рӯзи дигар*
*Бар зимистон бикунад то ки баҳори ту зафар,*
*Пас бикун тӯи арӯсии худатро барпо*
*То шавӣ ҳамчу ниҳолони дигар боровар.*

Сипас ду гурӯҳ (4-нафарӣ) ба саҳна баромада, ба навбат чистонгӯӣ ва чистонёбӣ мекунанд.

*Гурӯҳи 1*
*Аз ин ҷо то Рӯшон*
*Кокул парешон.*
*(гули печак)*
*Гар даҳонаш во шавад,*
*Бӯи хуше пайдо шавад.*
*(гул)*
*Боғи боғҳои мо*
*Даври боғҳои мо,*
*Андар табақу чинӣ,*
*Пеши бобои мо.*
*(гули садбарг)*
*Чист чун бодиринг сурати ӯ*
*Пои ток асту нест сар ӯро.*
*Дили ӯ пур зи хун бувад доим,*
*Ҷомаи сабз чун ба бар ӯро*
*Лаби худро бар ханда бикшояд,*
*Пора- пора шавад, ҷигар ӯро.*
*(гули лола)*
*Худаш рустанӣ, аммо*
*Дар сараш дорад кулоҳ,*
*Турфа кулоҳ, ки онро,*
*Хӯранд аскар бачаҳо.*
*(офтобпараст)*

Пас аз ба анҷом расидани чистонёбӣ аз тарафи ҳаваскорон рақси «Гули лола» иҷро карда мешавад.

Баранда аз ҳисоби хонандагони синфи 6-ум ду гурӯҳро барои саволу ҷавоби викторина қувваозмой намудан даъват менамояд.

Кадом гулро қосиди баҳор меноманд ва барои чӣ?
*(бойчечак, ки аввалин шуда моҳи феврал гул мекунад)*
Кадом гулҳо хосияти шифобахшӣ доранд?
*(хайрӣ, зарафшон, коснӣ, тоҷхурӯс, ёс ва ғайра)*
Кадом навъҳои гули садбаргро медонед?
*(пиккадили, субҳи москва, гирона, Алёнушка, оклахома ва ғ.)*
Гули кадом рустанӣ як рӯз умр мебинад?
*(суббор)*
5. Дар афсонаҳои халқӣ бо номи қаҳ-қаҳ гулеро тасвир мекунанд. Гӯед, ки ин гул кадом аст*? (Гули қоқу)*
6. Формулаи гули зерин ба кадом оилаи рустаниҳо мансуб аст?
$К_5Г_5Гб_5Т_1$ (*оилаи авранҷиҳо)*
7. Оё шумо медонед, ки номи гули наргис аз куҷо пайдо шудааст?
*(Наргис шахси аз ҳусну зебоии худ бехабар дар об пайкари худро дида, мафтуни зебоғии худ мегардад. Хулоса то охири умри худ аз тамошои ҷамолаш сер нашуда, ҳалок мегардад. Гуле, ки дар мадфани ӯ мерӯяд, онро Наргис номидаанд).*
8. Дар болои барги кадом гул кӯдак баҳузур нишаста шино карда метавонад?
*(Нилуфар, ки калонии баргаш аз 10 то 30сантиметрро ташкил медиҳад)*
9. Дар кадом мамлакат барги гули қоқуро ба ҷои барги тут ба кирмаки пилла медиҳанд. (*Дар Руминия)*
10. Номи якчанд гули хонагиро номбар кунед?
(*субор, сарахс, гули садсола, герангул, традескандиян, лоҷувар)*
11. Кадом гулҳоро дар савхозҳои махсус парвариш мекунанд?
*(Лолаи калон, геран, садбарг)*
12. Кадом гулҳоро японҳо дар герби давлатиашон тасвир кардаанд?
*(гули довудӣ)*
13. Кадом гулро гули мусиқадӯст меноманд ва Ватани он куҷост?
*(Ин гули агава ном дошта, ватанаш Америка мебошад)*
14. Барои чӣ гули синерарияро гули бахил меноманд?
*(Барои он, ки рустаниҳои гирду атрофии худро ҳатман мекушад)*
15.Барои чӣ яке аз гулҳоро одамгул меноманд?

*(Чунки мисли одам чашму абру, бинӣ ва даҳон дорад)*

16. Барои чӣ яке аз гулҳоро сагчагул меноманд?

*(Барои он, ки агар аз гули он канда, ба даст зер кунед, садое мебарояд, ки аккоси сагбачаро ба хотир меорад)*

Баъд аз ҳисоби духтарон ду даста ташкил карда, конкурси «Гулдастон» гузаронида мешавад. Дар навбати якум дастаҳо аз рӯи коллексияҳо, тухмҳо номи гулро муайян менамоянд. Дар давраи дуюм онҳо аз гулҳои сунъӣ ва гулҳои тару тозаи мавҷуда гулдастаи беҳтарин тайёр намуда, толори идонаро оро медиҳанд.

Дар охир бозии лотереяи шавқовар гузаронида мешавад. Дар варақчаҳои лоторея номи яке аз гулҳои дар намоиш ё барои ороиш гузоштаашударо навишта ба халтача меандозанд. Хонандагон як-як омада, лотореяҳоро мегиранд ва онҳоро кушода, ҳамон гулро ёфта дар бораи он маълумот медиҳанд.

Бо ҳамин тариқ аз тарафи аъзоёни ҳакамон ҳамаи баромадҳо ҷамъбаст карда шуда, голибон муайян карда мешаванд ва навбат ба ҳунарнамоии дастаи ҳаваскорон дода мешавад. Онҳо дар аввал саҳначаеро бо номи «Гулфурӯш» пешкаши иштирокчиён мегардонад, ки дар он рафтори нодурусти баъзе шахсоне, ки гулистону чаманзорҳоро хароб месозанд, гул ва дигар рустаниҳои давогии шифобахшро решакан карда мефурушанд, сахт ба зери танқид мегиранд. Барномаи махсус тайёр кардаи ҳаваскорон хотири иштирокчиёнро шод мегардонанд.

Ташкил карда гузаронидани чунин чорабиниҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо ба тарбияи эстетикии хонандагон таъсири мусбат мерасонад, инчунин донишҳои онҳоро оид ба олами рустаниҳо бойтар гардонда, завқи онҳоро ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ба кабудизор ва ободу зебо гардонидани атрофи муассиса, хона, маҳалли худ афзунтар мегардонанд ва ҳисси муҳофизат ва ҳарчи афзунгардонидани сарватҳои бебаҳои табиатро дар онҳо меафзояд.


**АДАБИЁТ**

Вульфов Б.З., Поташник М.М. Организатор внеклассной и внешкольной работы. / Вульфов - Содержание и методика деятельности.-Москва: Просвещение, 1983.-165 с.

Зверев И.Д.Воспитание учащихся в процессе обучение биологии. / И.Д. Зверев, А.Н. Мягков, Е.П. Бруновт -М.: Просвещение, 1984.-156 с.

Зверев И.Д. Общая методика преподования биологии. / И.Д. Зверев, А.Н. Мягков, Е.П.-Москва: Просвещение, 1985.-178 с.

Корчагина В.А. Ботаника (китоби дарсии синфи V-VI). / В.А. Корчагина «Маориф», -1980.-176 с.

Кузнецова В.И. Уроки ботаники. / В.И. Кузнецова -Москва: Просвещение, 1985.-165 с.

Методика обучения ботаники / Под ред. Подальков Н.В., Федорова В.Н., .Шапошников Н.И., Кудрявцева Е.М., Шубкина Л.С. -М.:

Просвещение,1977.-197 с.

Султонов С.С., Давлатзода С., Баротзода К.А. ва ғайраҳо. Ботаника. Китоби дарсӣ барои синфҳои 5-6. Душанбе: нашриёти «Сарпараст», 2019.-127 с.

Трайтак Д.И. Как сделать интересной внеклассную работу по биологии. / Д.И. Трайтак -Москва: Провещение, 1989.-123 с.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВНЕКЛАССНЫХ ЗАНЯТИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ БИОЛОГИИ

*Внеучебная деятельность является неотъемлемой частью воспитательной работы общеобразовательного учреждения и способствует развитию и совершенствованию знаний, навыков, умений, развитию самостоятельности и заинтересованности учащихся. Внеучебныезанятия создают основу для полноценного развития учащихся и их подготовки к жизни.*

*Внеучебные занятия по биологии являются одной из форм самостоятельного участия студентов во внеклассных мероприятиях, которые организуются под руководством учителя в дополнение к учебной программе биологии для расширения и углубления знаний учащихся. Внеклассные занятия по биологии организуются для привлечения большего числа студентов, заинтересованных в изучении биологии.*

*Успех работы любого учителя является наибольшим, когда он или она не ограничивается обычным количеством часов преподавания, а регулярно проводит дополнительную работу для учащихся и больше привлекает их к внеклассной деятельности. Таким образом студенты укрепляют свои теоретические знания посредством экспериментов, практических занятий, экскурсий, вечеринок, встреч, конкурсов и т. д.*

*Учащихся находят форму самостоятельного выполнения заданий, исследований и творчества. Этому вопросу необходимо уделять особое внимание на уроках биологии. В общеобразовательных школах, помимо экскурсий, конференций, вечеринок, встреч, олимпиад и других мероприятий,*

*ежегодно отмечают сезонные праздники, такие как «Праздник Цветы», «Параздник Мехргон», «Праздник Сада».*

***Ключевые слова:*** *внеклассная работа, уроки, праздники, вечеринки, средней общеобразовательные школы, учащиеся.*

## USING EXTRACURRICULAR ACTIVITIES IN BIOLOGY TEACHING

*Extracurricular activities are an integral part of the educational work of a general educational institution and contribute to the development and improvement of knowledge, skills, abilities, the development of independence and interest of students. Extracurricular activities create the basis for the full development of students and their preparation for life.*

*Extracurricular biology classes are a form of student self-participation in extracurricular activities that are organized under teacher guidance to complement the biology curriculum to expand and deepen student knowledge. Extracurricular activities in biology are organized to attract more students interested in studying biology.*

*The success of any teacher's work is greatest when he or she is not limited to the usual number of teaching hours, but regularly does additional work for students and involves them more in extracurricular activities. In this way, students strengthen their theoretical knowledge through experiments, hands-on exercises, excursions, parties, meetings, competitions, etc.*

*Students find a form of self-directed assignment, research and creativity. This issue needs to be given special attention in biology lessons. In secondary schools, in addition to excursions, conferences, parties, meetings, Olympiads and other events, they annually celebrate seasonal holidays, such as the «Holiday of Flowers», «Parazdnik Mehrgon», «Holiday of the Garden».*

***Key words:*** *extracurricular activities, lessons, holidays, parties, secondary schools, students.*

***Сведения об авторе:***

***Ёрмадов Парвиз*** *– асисстент кафедры Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 985535381.*

***About authors:***

***Yermadov Parviz*** *- assistant, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 985535381.*

**ББК 83.3 (0) 8**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

***Абдухолиқова З.И.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Проблемаҳои глобалии замони муосир барои ҳаёти инсон ва дар маҷмӯъ кулли мавҷудоти зинда хатари ҷиддӣ эҷод намудааст, ки он зарурати таълиму тарбияи экологиро аз зинаи ибтидоии таҳсилот ва ҳатто марҳилаи томактабӣ ба миён овардааст. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаматарафаи ба эътидол овардани робитаи ҷомеаи инсонӣ ва табиат боиси зарурияти ташаккулдиҳии фарҳанги экологӣ ҳамчун маданияти умумиинсонӣ дар назария ва амалияи таҳсилоти миёнаи умумӣ гардидааст.

Аслан, масъалаи муносибатҳои инсон ва табиат нав набуда яке аз масъалаҳои асосии адабиёти классикии халқи тоҷик ва педагогикаи миллии мо будааст. Вале аз мавқеи ақидавии педагогӣ психологӣ бо таври умум дар педагогикаи ҷаҳонӣ аз миёнаҳои асри XX пайдо шудааст.

Дар асоси таҳлили консепсияи таҳсилоти экологӣ, ки олимони ватанӣ ва хориҷаи наздику дур таҳия намудаанд, ба хулосае омадан мумкин аст,ки таҳсилоти экологӣ ин раванди маърифатӣ мебошад. Зеро он дар доираи як фанни таълимӣ махдуд нашуда, тамоми фанҳои талимии низоми таҳсилот бояд экологизатсия карда шаванд.

Барои дарк ва баррасии дурусти ин масъала бояд пеш аз ҳама моҳияти экологизатсия кунонии тамоми низоми таҳсилотро баррасӣ намоем.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи экологӣ аз масъалаҳои умдатарини ҷаҳони имрӯза д16ар асри XX1 шуморида шуда дар таҳти мафҳуми «ҳифзи муҳити зист», пеш аз ҳама, ҳимояи генофонди миллатро дар назар дорад [6, 9]..

Дар банди чоруми Косепсияи милли таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад омадааст: «Таҳсилот падидаи иҷтимоиест, ки ба иқтисодиёт, фарҳанг, тараққиёти илму техника, ҳифзи муҳити зист (экология), истеҳсолот ва сиёсат робитаи ногусастанӣ дорад ва як қисми ҷудонопазири шуури ҷомеа мебошад» [7, 3]..

Яъне таълиму тарбияи экологӣ, яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи мазмуни таҳсилот ва шуури ҷомеа шуморида шудааст.

Дар стандарти фаҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, яке аз вазифаҳои асосии таълими табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин дар кӯдакон ҳосил кардани тассавуротҳои дар бораи «... олами атроф, унсурҳои ибтидоии ҷаҳонфаҳмӣ, ҳисси зебоиписандӣ, ахлоқӣ, экологӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҷисмонию ҳифзи саломати...» ба шумор меравад [7, 66].

Тибқи талаботҳои стандарт хонандаи синфҳои ибтидоӣ бояд «...ба масъалаи риояи қоидаҳои экологӣ аҳамият дода, бо таъсири фаъолияти инсон тағйирёбии табиатро дарк намояд.» [7, 66].

Ҳамзамон дар стандарт қайд гардидааст, ки хонандаи синфи сеюм бояд «мафҳуми «экология»-ро шарҳ дода, сабабҳои ифлос шудани табиати заминро» гуфта тавонад.» [7, 71]..

Дар стандарт қайд гардидааст, ки хонандаи синфи 4-ум бояд «тавассути иҷрои тадбирҳои гуногун табиати атрофро қадр ва ҳифз намуда, амалҳои дигаронро нисбат ба табиат таҳлил ва арзёбӣ карда тавонад» ва салоҳиятҳои зеррини экологиро ҳосил карда бошад:

«- оид ба тағйироти иқлим дар маҳалли зисташон маълумот ҷамъ оварда метавонад;

- ба вазъи экологии сайёра бо суханони худ баҳо дода метавонад; ташкилоту ҷамъиятҳои ҳифзи табиатро номбар кунад ва саҳми онҳоро дар тозагии муҳити атроф гӯяд;

- мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистонро номбар мекунад ва аҳамияти онҳоро дар ҳифзи наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон мегӯяд;

- мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистонро аз харита нишон диҳад ва ба харитаи тарҳӣ мегузаронад;

- саҳми мактаббачаҳоро дар тоза нигоҳ доштани муҳит мегӯяд ва дар ҳаёт ба тозагии муҳити зист риоя мекунад». [73]..

Мушкилии таълиму тарбияи экологии хонандагони хурдсол корҳои таҳқиқотчиёни барҷастаи тоҷик М. Лутфуллоев, К. Б. Қодиров, Т. С. Сатторов, Х.Раҳимов, А.Нуров, З. Ш.Қурбонова мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта аст.

Тӯли 30 соли истиқлолияти миллӣ аз ҷониби олимони ватанӣ доир ба мушкилоти экологӣ ва ташаккулдиҳии салоҳияҳои экологии хонандагон А. С. Саидов, А. Абдулваҳҳобов, А. Давлатов китобу рисолаҳои махсуси соҳавӣ таълиф гардидааст.

М. М. Досаков ва Ш. Р. Каримова рисолаҳои илмиеро барои дарёфти унвони номзади илми педдагогика дар самти ташаккулдиҳии маърифати экологии хонандагон дар мактабҳои миллӣ тайёр намудаанд.

Дар низоми таҳсилот ҷанбаъҳои таълимию тарбиявӣ бо якдигар алоқаманд буда, такмилдиҳандаи якдигар ба шумор мераванд. Дар синфҳои ибтидоӣ бошад, аксар вақт раванди тарбия нисбати таълим бартарӣ пайдо мекунад. Зеро дар ин марҳилаи онтогенез иҷтимоишавии кӯдак босуръат ба амал омада ӯ худро яке аз ҷузъиёти ҷомеа ва азҷумла табиат ҳис карда, муносибатҳои худро ба танзим медаровардагӣ мешавад.

Ш. Р. Каримова қайд менамояд, ки ташаккулёбии тафаккури экологӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бевосита бо тарбияи экологии шахсият алоқаманд мебошад [5].

М. М. Досаков ташаккули тафаккури экологии хонандагонро раванди мураккаб дониста, онро дар фаъолиятҳои ҳамгирои синфӣ, беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба ақидаи ӯ дар тарбияи экологии хонандагон истифодаи маводҳои кишваршиносӣ самаранок буда метавонад. [3].

Ҷиҳати тарбиявии маълумоти экологӣ бояд дар заминаи донишҳои илмӣ махсусан психологӣ такя кунад, то ин ки шахсияти дорои саводи экологӣ ва муносибатҳои масъулиятшиносонаро тарбия намояд.

Маълумоти экологӣ ҳамчун раванди таҳсилоти умумӣ дар худ ягонагии маърифатӣ ва меъёрии ҷузъи фарҳанги инсониро таҷассум намуда, имкониятҳои бузурги иҷтимоишавии шахсият ва гуманизатсияи ҷамъиятро дар бар мегирад. Истилоҳоти «маълумоти экологӣ» ва «таълими экологӣ» дар аксар адабиёти соҳавӣ ҳамгуна шарҳ дода шудааст.

Ба ақидаи В.А. Горохов ва А.Н. Чилингаров маълумоти экологӣ ин раванди аз худкунии донишҳои бонизоми экологӣ, ҳосилшавии малакаҳои амалии экологӣ мебошад. Роҳҳои асосии азхудкунии донишҳои экологӣ ин гирифтани таълим дар муассисаҳои махсуси экологӣ, муассисаҳои такмили ихтисос ва дигар муассисаҳои соҳавӣ, ташаккулёбии ҷаҳонбинии махсус, рафтори махсуси инсон, ҳосилшавии ниёзҳои фаъолона ҳифз намудани табиат ва зиёд гардонидани сарватҳои он мебошад. [2, 117].

С.Н. Глазачев чунин меҳисобад, ки- «маълумоти экологӣ ин ҷузъи таҳсилоти умумӣ буда, ба азхудкунии асосҳои илмии қонунҳои таъсироти муқобилаи табиат ва ҷамият”нигаронида шудааст. [1, 4].

Н.М.Мамедов онро ҳамчун «раванди омӯзиши бефосилаи ба азхудкунии бонизоми донишҳо оид ба муҳити атроф ва маҳорату малакаҳои ба ҳифзи он нигаронидашуда» ба қалам додааст. [10,173]

А. Нуров ва Ф. Ниёзов таълими экологиро ҳамчун раванди ташаккулёбии шуури экологӣ, оид ба паҳлӯҳои гуногуни ягонагии олами моддӣ, қонуниятҳои ҳифзи диалектикии ягонагии ҷамъият ва табиат» ҳисобидааст.[13; 14].

Гурӯҳи дигари олимон, маълумоти экологиро аз нуқтаи назари тарбиявӣ маънидод кардаанд. Мисол, И.Д.Зверев чунин меҳисобад, ки маълумоти экологӣ ин «раванде мебошад, ки дар он муносибати масъулиятнокона ба табиат мақсаднокона ташаккул дода мешавад» [4, 96].

И.Т. Суравегина онро ҳамчун «Раванди бефосилаи тарбия ва инкишофи шахсият, меъёрҳои ахлоқӣ –этикӣ ва рафтори зебопарастӣ, таъминкунандаи масъулияти шахсӣ ба ҳолат ва беҳдошти муҳити атроф» баҳо додааст. [18,280].

А.Н.Захлебний раванди таълими экологиро, ҳамчун «Раванди ташаккулёбии ниёзҳои мақсаднокона экологӣ нисбати муҳити зист, эҳтиёт кардани он аз ифлосшавӣ ва вайроншавӣ» муайян намудааст. [4,с.141].

А.В.Леонтович чунин меҳисобид, ки дар таҳти мафҳуми маълумоти экологӣ бояд «пеш аз ҳама таълими классикии курси экологияро, ҳамчун илм дар бораи ҳамбастагии ҷузъиёти табиат, баъдан дар хонандагон ҳосилкунии тасаввуротҳо оид ба ягонагии олам дар заминаи хулосабарориҳои асосии экологӣ, ки ба хонандагон имкон медиҳанд то дар масъалаҳои ҳифзи табиат, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи шахсияташон мавқеи худро пайдо намоянд», фаҳмид.

Яъне дар натиҷаи таълими экологӣ фаъолиятҳои амалие ташаккул меёбанд, ки дар заминаи гуфташудаҳои боло ба амал омада ба фаъолияти ҷамъиятиашон табдил меёбанд.» [8,149].

Дар натиҷаи хулосабарории ақидаҳои зикргардида, мо ба хулосае омедем, ки маълумоти экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ - ин раванди бефосилаи махсус ташкилгардидаи таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдак мебошад, ки ба ташаккулёбии донишҳои бонизоми илмию амалии ҳифзи табиат ва экологияи муҳити зист, ҳосилшавии маҳорату малакаҳо дар фаъолияти экологӣ ва ҳосилшавии асосҳои фарҳанги экологӣ, дар заминаи консепсияи инкишофи устувор ва ҷаҳонбинии экологӣ-гуманитарӣ нигаронида шудааст.

Бояд зикр намоем, ки мафҳумҳои «маълумоти экологӣ» ва «экологиякунонии низоми таҳсилот”-ро аз якдигар фарқ намуд, зеро гарчанде бо ҳам алоқаманд бошанд, ҳам равандҳои гуногунро дар бар мегиранд.

Чуноне, ки Н.Д. Андреева, И.Д. Зверева, Н.М. Мамедов, Н.П. Несговорова, И.Т. Суравегина ва диг. қайд кардаанд, маълумоти экологӣ-ин раванди бефосилаи таълим, тарбия ва инкишофи шахсият мебошанд, ки ба ташаккулёбии системаи донишу маҳоратҳои илмию амалӣ, меъёрҳои рафтор ва фаъолияти арзишмианд нигаронида шудаанд, ки танзимкунандаи муносибати масъулиятнокона ва ғамхорона нисбат ба муҳити иҷтимоӣ-табиӣ мебошанд.

Ҳамзамон Н.М. Семчук ва диг. қайд менамоянд, ки экологиякунонии низоми таҳсилот ин татбиқи раванди воридшавии ғояҳо, мафҳумҳо, истилоҳот ва муносибатҳои экологӣ ба дигар фанҳои таълимӣ мебошад. Экологиякунонии мазмуни таҳсилоти ибтидоиро Н.Н. Моисеев, ҳамчун «муносибати ифшокунандаи донишҳо дар бораи объектҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, ки имкон медиҳанд то дар системаи «инсон-табиат-ҷамъият» алоқамандиҳоро муайян ва дарк намоянд; роҳҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиатро бо мақсади ташаккулдиҳии муносибатҳои сифатан нави байни инсону ҷамъият ва табиат кашф менамоянд» қайд намудааст. [11,с.192].

Ғайр аз ин дар адабиётҳои илмӣ мафҳуми «таҳсилоти экологиякунонидашударо”-ро вохӯрдан мумкин аст. Таҳсилоти экологиякунонидашударо Семчук Н.М. ҳамчун, истифодаи муносибати экологӣ дар соҳаҳои таҳсилот номидааст, ки ба ҳалли масъалаҳои экологӣ нигаронида шудаанд. Таҳсилоти экологиякунонидашуда - ин раванди воридшавии ғояҳо, мафҳумҳо, қоидаҳо ва муносибатҳои экологӣ ба дигар фанҳо мебошад [17].

Ба бӯҳрони глобалии экологӣ гирифторшавии ҷаҳони мутамаддин, зарурияти ба низоми таҳсилот воридсозии маълумоти экологиро ба миён овардааст.

Дар ҳуҷҷатҳои Конференсияи байниҳукуматии оид ба масълаҳои маълумоти экологӣ, ки соли 1977 дар Тифлис шуда гузашт қайд гардидааст, ки маълумоти экологӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилоти умумӣ гардад. Зикр гардидааст, ки бо вориднамоии мавзуъҳои экологӣ дар тамоми фанҳои таълимӣ «тарбия ба мақоми гумкардаи этикии худ бармегардад». Ин аз қадамҳои аввалини экологиякунонии раванди таҳсилот ба шумор меравад [15, 173].

Дар маводҳои конференсияи Тифлис хусусиятҳои зерини маълумоти экологӣ нишон дода шудааст:

1). Маълумоти экологӣ як навъ фанни алоҳида набуда, балки маҷмӯи донишу тассавуротҳое мебошад, ки ба барномаҳои мавҷудаи таълимӣ ворид карда мешавад. Маълумоти экологиро бо тамоми фанҳои таълимӣ алоқаманд гардонидан зарур аст. Он амалан дар худ парадигмаи нави таълимиро таҷассум менамояд;

2). Маълумоти экологӣ бояд фаъолиятҳои амалиеро дар бар гирад, ки бо амалҳои конкретии ба беҳдошти муҳити зист нигаронидашуда ҳамгиро бошанд.

3). Маълумоти экологӣ бояд тамоми тӯли ҳаёти инсон, аз таҳсилоти томактабӣ сар карда то таҳсилоти баъди донишгоҳиро дар бар гирад;

4). Маълумоти экологӣ бояд маълумоти ба оянда нигаронидашуда бошад, яъне ба ниёзҳои ҷамъиятии фардо ҷавобгӯй бошад.

5). Маълумоти экологӣ бояд ҷанбаъҳои глобалӣ, регионалӣ ва локалиро дар бар гирад, яъне дар рафти таҳсилоти экологӣ шароитҳои экологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии минтақаро ба назар гирифтан зарур аст ҳол он, ки маълумотҳои экологии ба раванди таҳсилот воридшуда танҳо ба проблеммаҳои умумии глобалии экологӣ нигаронидашуда ҷанбаъҳои маҳалию минтақавӣ паси парда мемонад.

Усулҳои вориднамоии маълумотҳои экологӣ ба раванди таълиму тарбия ва татбиқи онҳо аз масъалаҳои мубрами ҳалталаби замон ба шумор мерафт, зеро солҳои 70-80-уми асри XX миқдори фанҳои таълимӣ миқдоран зиёд гардида боиси ба миён омадани системаи таълими ҳамгиро гардид. Аз ин рӯ,тибқи машварати симпозиум ду роҳи воридномаи маълумотҳои экологӣ ба мазмуни таҳсилот тавсия дода шуд.

Роҳи якум, вориднамоии масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро ба фанҳои анъанавии таълимӣ дар бар мегирифт. Он ба дарёфти роҳҳои вориднамои масъалаҳои экологӣ дар доираи фанҳои анъанавии таълимӣ ва ҳамчун барқарорсозандаи алокамандии байнифаннӣ дар рафти омӯзиши масъалаҳои экологӣ нигаронида шуда буд.

Роҳи дуюм, ин ба нақшаи таълимӣ вориднамоии фанни махсуси мазмунаш экологиро дар бар мегирифт. Вале ҳадафи ҳар ду роҳи пешниҳодгардидаи конференсияи Тифлис, ба хонандагон имкониятҳои зеринро медод:

бо таври комплексӣ азхуднамоии проблемаҳои муҳити зист;

азхудкунии донишҳои илмӣ оид ба муҳити зист;

масъулиятнокона иштирок кардан дар фаъолиятҳои ҳифзи табиат.

Ҳамин тавр дар низом ва сохтори таҳсилот равияи экосентризм ба миён омад, ки дар ташаккул ва такмил додани назария ва амалияи маълумоти экологии хонандагон имкониятҳои бузургеро кушода, барои гузоштани мақсад, таҳияи мазмун ва методҳои таҳқиқотии фан шароити мусоидро фароҳам овард. Равияи экосентризм дар заминаи принсипҳои ягонагӣ ва системанокии таълим имкон медиҳад, ки маълумоти экологӣ шарҳ дода шуда таҳлил гарданд ва ҳамчун системаи том такмил ёфта (мақсад-вазифа-принсип-мазмун-методҳо-шаклҳо), ки ин аз шароити мусоиди татбиқ гарданд.

Омӯзиши маводҳои конференсияи зикргардида ва адабиётҳои соҳавӣ моро ба хулосае овард, ки дар натиҷаи гирифтани маълумоти экологӣ дар хонандагон имкониятҳои зерин фароҳам меоянд:

- аз зарурияти ҳифзи муҳити зист огоҳ мегарданд:

- тасаввуротҳои худро дар бораи аз ҳолати муҳити зист вобаста будани некӯахволии инсон ва имкониятҳои худбарқароркунии табиат зиёд менамоянд;

- ба ояндаи худ некбинона нигариста маҳорату малакаҳои заруриро барои расидан ба он ҳосил менамоянд:

-механизмҳои биофизикӣ ва иқтисодию иҷтимоии таъминкунандаи баро барвазнии экологиро дар саёраи Замин кашф менамоянд;

-дорои таҷрибаи амалии экологии ҳаётиашон гарданд;

-ба арзишҳое соҳиб мешаванд, ки хоси шаҳрвандони худогоҳ ва масъулиятнок мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳар як фани дар синфҳои ибтидоӣ омӯхташаванда дар ташаккули фарҳангӣ экологӣ бояд ҳиссагузор бошад. Ин аз таҳияи мазмун ва мундариҷаи фани таълимӣ ва мавзӯи тадрисшаванда вобаста мебошад.

Дар натиҷаи таълиму тарбияи экологӣ дар хонандагон рафтори экологӣ ҳосил мешавад.

Заминаи асосии ташаккули рафтору муносибати эҳтиёткорона нисбати табиат ва фарҳанги экологии хонандагони хурдсолро мазмуни фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ташкил менамояд.

Яке аз воситаи асосии амалисозии ташаккули тафакур ва фарҳанги экалогии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин ҳалли масъалаҳои мазмуни экологӣ дошта мебошад. Акнун якчанд ин гунна масъалаҳоро пешкаш менамоям.

Масъала барои синфи 3.

Масъалаи 1. Дар табиат ва муҳити зист садоро бо вохиди Детсибелл чен мекунанд. Ҳади баландтарини садое, ки ба саломатии ин безарар аст 50 Детсибелл мебошад. Садои болғаи оҳангарӣ - 105 детсибелл, садои мошини рохгузар - 90 детсибелл), шавқуни кӯдакон дар танаффус - 75 детсибеллро ташкил медиҳад ? Муайян кунед, ки ин садоҳо нисбати садои муътадил чи қадар баландтаранд.

Хал:

1) 105-50=55 (детсибелл)

2) 90-50=40 (детсибелл)

3) 75-50=25 (детсибелл)

Ҷавоб: 55, 40, ва 25 детсибеллро ташкил медиҳад.

Дар синфи чорумум бошад, дар баробари гузаштани мавзӯъи «Ифлосшавии оби бахру уқёнусҳо» аз фанни табиатшиносӣ дар дарси математика ҳалли мустақилонаи масъалаи зерринро супориш додан мумкин аст.

Масъала: 1-тонна нафти ба баҳр рехта 12 гектар масоҳати сатҳи баҳрро ифлос мекунад. Тибқи маълумотҳои ҷамъиятҳои экологӣ ҳар сол 8-миллион тонна нафт аз наклиётҳои бахрӣ, чоҳҳои зериобӣ ва дигар садамаҳо ба укёнус партофта мешавад. Агар ин раванд 3 сол давом кунад чи қадар масоҳати сатҳи баҳру укёнусҳо бо нафт олуда мешавад?

Хал:

Агар 1 тонна нафт 12 гектарро ифлос кунад, пас 1000000 тонна сатҳи 12000000 гектари сатҳи уқёнусро ифлос мекунад:

$$12 * 1000000 = 12000000.$$

Агар дар тӯли як сол 8000000 тонна нафт хориҷ гардад, пас дар тӯли се сол он

$$8000000 * 3 = 24000000$$

тоннаро ташкил медиҳад.

Онгоҳ

$$12000000 * 24000000=288000000$$

Яъне дар се сол 288000000 гектар сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ бо нефт олуда мегардад.

Ва ё баробари гузаштани мавзӯъи «Хок. Хокҳосилшавӣ дар табиат», бо таври ҳамгиро дар дарсҳои табиатшиносӣ, математика ва ё дигар машғулиятҳои беруназдарсию маҳфилҳо масъалаи зерринро супориш додан мумкин аст.

Масъала: Дар ҳолати табиӣ қабати 1 сантимметраи ҳосилхезӣ хок дар давоми 400 сол ҳосил мешавад. Барои сабзиши мӯътадили растаниҳо қабати 20 сантимметраи хок зарур аст. Барои ҳосилшавии 20 см хоки ҳосилхез чанд сол зарур аст.

Барои ҳалли масъалаи мазкур аввал муодила тартиб медиҳем:

$$400 = 1$$

$$X = 200$$

$$X = 400 * 20 : 1$$

$$X = 8000 \text{ сол.}$$

Яъне барои ҳосилшавии қабати хоке, ки барои сабзиши мӯътадили растаниҳо зарур аст(20 см.) 8000 сол лозим меояд. Пас бачаҳо хокро бояд хифз намоем.

Ҳамзамон дар рафти гузаштани мавзӯъҳои «Гидросфера», «Обҳои баҳру уқёнусҳо», «Хосиятҳои об» ва ғ. дар дарсҳои табиатшиносӣ бо таври ҳамгиро бо дарси математика масъалаи зерринро супоридан ба маврид мебошад.

Масъала: Маълум аст, ки оби бахр барои нӯшидан ва растаниҳоро обёрӣ кардан истифода карда намешавад. Аммо дастгоҳҳое мавҷуд аст, ки оби шӯри баҳрро ба оби ошомиданӣ табдил медиҳанд. Масалан, дар шаҳри Шевченко, дар нимҷазираи Мангишлаки Қазоқистон дастгоҳе мавҷуд аст, ки дар як шабонарӯз 1200 тонна оби шӯрро ба оби ошомиданӣ табдил медиҳад.

Бо истифодаи ин дастгоҳ дар як моҳ кадом миқдори оби шӯрро ба оби ошомиданӣ табдил додан мумкин аст.

Ҳал:

Агар як моҳ 28 руз бошад, онгоҳ

$$1200*28=33.600 \text{ тонна}$$

Агар як моҳ 28 руз бошад, онгоҳ

$$1200*29=34.800 \text{ тонна}$$

Агар як моҳ 28 руз бошад, онгоҳ

$$1200*30=36.000 \text{ тонна}$$

Агар як моҳ 28 руз бошад, онгоҳ

$$1200*31=37.200 \text{ тонна}$$

Хулоса фарҳанги экологӣ категорияест, ки наметавонад берун аз раванди таълиму тарбия, бо таври ғаризавӣ(инстинктӣ) ташаккул ёбад. Онро ҳадафмандона, дар рафти фаъолиятҳои махсус тарҳрезӣ гардидаи таълимӣ-тарбиявӣ ҳосил кунонидан мумкин аст. Яке аз ин воситаҳо дар синфҳои ибтидоӣ ба мазмуни фанҳо ворид гардонидани масъалаҳои характери экологӣ дошта мебошад. Фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ, низ дар ин раванд истисно набуда, балки имкониятҳои фаровони таълмӣ-тарбиявии экологиро дорад. Бинобар ин вориднамоии чунин масъалаҳо ба мазмуни фанни математика самаранокии таълимро баланд бардошта ба ташаккулёбии фарҳанги экологӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии низоми таҳсилоти муосир ба шумор меравад мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Глазачев С.Н. Постулаты экологического образование: концепции и технологии. Сборник научных трудов. / Глазачев -Волгоград: «Перемена», 1994.С.4.

2. Горохов В.А. Образованые в области охраны окружающей среды. Методическое пособие. / В.А.Горохов, А.Н. Чилингаров - Л.: Гидро метеоиздат, 1987.-117с.

3. Досаков М. М. Роль и место краеведческих материалов в формировании эколого-природоохранной деятельности учащихся при при изучении экологии . Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон №3/2(198), с. 234-238].

4. Зверев И.Д., Суравегина И.Т., Захлебный А.Н., Симонова-Салеева Л.П., Кучер Т.В.Концепция общего школьного экологического образования // Экологическое образование в России: теоретические аспекты.-М.: Тобол, 1997.- С.37-47

5. Каримова Ш. Р. Гуманистическая сущность эколого-природоохранной внеклассной деятельности и её роль в формировании нравственных убеждений младших школьников. // Автореферат диссертации иа соискание учёной степени кандидата педагогических наук курган-тюбе - 2012].

6. Консепсияи миллии тарбия дар ҷумҳурии тоҷикистон. аз 3.03. 2006

7. Концепция национального образования Республики Таджикистан. Вестник МО РТ. Душанбе: «Шарки озод», 2003, с.66.

8. Леонтович А.В. Некоторые принципы сотрудничества московских образователных учреждений с особо охраняемыми природными территориями // Школьные технологии.1999. №1-2.-С.148-149.

9.Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо/ Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. // муҳ. С. Камолзода; АТТ. - Душанбе, 2017. - 86 с.

10. Мамедов Н.М. Основания экологического образования // Философия экологического образования. Под общей ред. Лисеева И.К.-М.: прогресс-Традиция, 2001.-173с.

11. Моисеев Н.Н. Экология и образование. / Н.Н.Моисеев -М.: Изд-во «Юнисам",1996.-192с.

12. Муносибати босалоҳият дар таълим (дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Ш. Исрофилниё, Д. Имомназаров, А. Байзоев. – Душанбе, 2017. –74 с.

13. Ниёзов Ф. ва диг. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. / Ф. Ниёзов - Душанбе – 2016 – 141 с.

14. Нуров А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ / А. Нуров – Душанбе: 2021. - 222с.

15. Охрана окружающей среды: проблема. просвещения. Материалы симпозиума в Белграде (1975) и конференции в Тиблиси (1977) / Под. ред. А. Г. Воронкова.-М.: Прогресс,-2005

16. Салеева Л.П. Формирование бережного отношения младших школьников к природе: / Л.П. Салеева //Автореф. дис. ... канд. пед. наук.-М., 1978.-22с.

17. Семчук Н.М. Теоретические основы реализации воспитательного компонента биологического образования: //Монография./ Н.М. Семчук -Астрахань: Изд-во Астраханского гос. пед.ун-та, 2002.-181с.

18. Суравегина И.Т. Общеобразовательные цели экологии в контексте концепции устойчивого развития / Экологическое образование: проблемы и перспективы: Межвузовский сборник научных трудов./ И.Т. Суравегина -Нижний Новгород, 1998.-208с.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ

*В статье рассматриваются проблемы необходимости экологического образования на начальном школе и даже начиная с дошкольного возраста.*

*Было отмечено, что проблема взаимоотношений человека и природы в педагогике не нова и является одной из главных в классической литературе таджикского народа и нашей национальной педагогике.*

*Автор подчёркивает, что воспитательный аспект экологического образования должен основываться на педагогических и психологических знаниях, чтобы развить экологическую грамотность и ответственного личности человека.*

*Следует отметить, что каждый предмет, изучаемый в начальной школе, должен способствовать формированию экологической культуры. Это зависит от содержания изучаемого предмета.*

*Мы предполагаем, что математика начальной школы не является исключением в этом процессе, он имеет большой экологический образовательный потенциал.*

*Поэтому введение вопросов экологического содержания в математики повышает эффективность экологического обучения и способствует формированию экологической культуры у младших школьников.*

***Ключевые слова:*** *экологическая культура, экологизатция образования, экологическое воспитание, природа, защита природы, ответственность, экологической познание, математика, учащиеся начальных классов, межпредметные связи, формирования личности.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF ECOLOGICAL CULTURE OF YOUNGER SCHOOLS IN THE PROCESS OF LEARNING MATHEMATICS

*The article discusses the problems of the need for environmental education at primary school and even starting from preschool age.*

*It was noted that the problem of the relationship between man and nature in pedagogy is not new and is one of the main problems in the classical literature of the Tajik people and our national pedagogy.*

*The author emphasizes that the educational aspect of environmental education should be based on pedagogical and psychological knowledge in order to develop environmental literacy and a responsible person.*

*It should be noted that every subject studied in primary school should contribute to the formation of an ecological culture. It depends on the content of the subject being studied.*

*We assume that elementary school mathematics is no exception in this process; it has great environmental educational potential.*

*Therefore, the introduction of environmental issues in mathematics increases the efficiency of environmental education and contributes to the formation of environmental culture in younger students.*

***Keywords:*** *ecological culture, ecologization of education, ecological education, nature, protection of nature, responsibility, ecological knowledge, mathematics, primary school students, intersubject connections, personality formation.*

***Сведение об авторе:***

***Абдухоликова Зиёда Илхомджоновна*** *– соискатель кафедры экспериментальной физики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни: Тел: (+992) 918292555*

***About the author****:*

***Abdukholikova Ziyoda Ilhomdzhonovna*** *- Applicant for the Department of Experimental Physics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini: Tel: (+992) 918292555*

## УСУЛҲОИ МУСАВВИРӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Қурбонова Ф.Ҷ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Мусаввирӣ ё расмкашӣ ин як санъат берун аз анъанаҳои мавҷудбуда ба шумор меравад. Ин намуди санъат дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Расмкашӣ ҳамчун як амали эҷодӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки озодона амал кунад, эҳсосот ва таҷрибаи худро баён кунад

Кӯдакон аз хурдсолӣ муҳити атрофашонро мушоҳида менамоянд. Аз ҳамин сабаб онҳо ҳаракат мекунанд, ки олами атрофро бо таври ба хос ҳис намоянд.

Санъати мусаввирӣ дар ташаккули инкишофи физиологии кӯдакон ҷои махсусро ишғол менамояд:

а) расмкашӣ барои инкишофи муҳарики дастони бачагон.

б) кашидани расми ҷисмҳои фазоӣ дар коғази ҳамвор, ташаккули фаъолияти биноӣ ва мушоҳидавӣ.

в) диққатнокӣ ва тоқатнокӣ.

г) инкишофи малака ва маҳорат, мушоҳидакорӣ, тарбияи эстетикӣ.

д) бар замми ҳамаи ин, ҳангоми иҷроиши чунин машғулиятҳо дар бачаҳо хосияти худидоракунӣ ва назоратчигӣ пайдо мегардад.

Дар инкишофи кӯдак нақши асосиро муҳити пешбаранда мебозад. Ҳангоми ташкил намудани муҳити таълимии инкишофдиҳанда ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки мақсади асосӣ инкишофи эҷодии ҳар як кӯдак вобаста ба синну соли он ба роҳ монда шавад. Барои инкишофи эҷодии кӯдакон чӣ қадар дар хона, чӣ дар гурӯҳ ашёи зиёди диққатҷалбкунанда (шона, чуткаи дандоншӯи, мошинча, қандилҳо, сарпӯшҳои гуногуни зарфҳо ва ғайра) иҳота менамояд ё ин ки ҳангоми сайругашт олами аҷоиби наботот, баргҳои гуногун, сангчаҳо, меваю ҳашаротҳои ҳархела ва ғайра. Ҳамаи ин намунаҳо барои фаъолияти эҷодии кӯдакон кумаки бениҳоят калон дар оянда мерасонад.

Н.П. Сакулина фаъолияти мусаввирии кӯдакро ҳамчун қобилияти тасвир кардан, яъне қобилияти дуруст инъикос намудани ашёро ифода мекунад, ин қобилияти ифодакунандаи нишондиҳандаи эҷодиёти кӯдакон мебошад [3, с.].

Ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои эҷодӣ бо кӯдакон мураббия ва ё волидон озодии эҷодиро таъмин намоянд, шароити мусоидро барои инъикос намудан муҳаё созанд. Кӯдак мустақилона, озодона бояд бо роҳбарии онҳо ба расмкашӣ шурӯъ намоянд. Онҳо мустақилона мавзӯи тасвирро интихоб менамоянд, дар чунин машғулиятҳо қоидаҳои махсуси таълимӣ вуҷуд надорад. Кӯдакон озодона мувофиқи лаёқати худ рангҳоро интихоб менамоянд, ки ҳиссиёти фаромӯшнашавандаро эҳсос менамоянд.

Муҳаққиқони санъати кӯдакон Э.А. Флерина, Н.П. Сакулина, П.С. Комарова, Т.Г. Казакова, Н.Б.

Халезова ва дигарон рангро дар санъати тасвирӣ воситаи муҳими ифодакунандаи ғояи асари бадеӣ мешуморанд [3].

Баргузории машғулиятҳои расмкашӣ дар кӯдакон ба чунин хусусиятҳои ташаккулёбии онҳо таъсир мерасонад:

-тарсу ваҳм аз кӯдакон дур мешавад;

-боварӣ ба худ зиёд мегардад;

-озодона баён намудани тасаввуроташро пайдо мекунад;

- шиносои бо маводҳои гуногун шавқи ӯро бештар менамояд;

-инкишофи ҳаракати панҷа ва ангуштони кӯдакон беҳтар мешаванд;

-ташаккули қобилияти эҷодкории кӯдаконро зиёд мекунад.

Муваффақияти омӯзиши расмкашӣ дар кӯдакони томактабӣ аз он вобастагӣ дорад, ки мураббӣ ҳангоми гузаронидани машғулият аз кадом усулҳо истифода мебарад ва бо кадом роҳ мафҳумҳои муайяни расмкаширо мефаҳмонанд.

Барои боз ҳам шавқовар ва диққатҷалбкунанда намудани машғу-лиятҳо аз усулҳои ғайрианъанавии зерин истифода намудан ба фоидаи кор аст [2].

**1.Бо кӯдакони хурди синнусоли томактабӣ:**

а) расмкашӣ бо чиликон;

б) расмкашӣ бо панҷаи даст;

в) расмкашии қолабӣ.

**2.Бо кӯдакони синнусоли миёнаи томактабӣ (машғулятро каме мурак-кабтар менамоем):**

а) расмкашӣ бо мӯйқалам;

б) расмкашӣ ба воситаи паралон;

в) расмкашӣ ба воситаи тамғаҳо;

г) расмкашӣ бо шамъ;

д) расмкашӣ бо истифодаи баргҳои гуногуни дарахтон;

е) расмкашӣ бо панҷаи даст;

ж) расмкашӣ бо пилтачӯбакҳои пахтагин;

з) расмкашӣ бо риштаҳои ранга.

**3.Бо кӯдакони синнусоли калони томактабӣ:**

а) расмкашӣ бо қум;

б) расмкашӣ бо коғази ғиҷимкардашуда;

в) расмкашӣ аз рӯи қолаб;

г) расмкашӣ бо пластилин;

д) расмкашӣ ба воситаи доғҳои чакидаи рангҳои гуногун.

Дар рафти омӯзиш ва таҳлили як қатор адабиётҳои илмӣ усулҳои гуногуни мусаввириро муайян намудем;

**1. Расмкашии дунафара дар коғази борики дароз**

Дар ин намуди расмкашии ғайрианъанавӣ ду-се кӯдак истода дар як коғаз, ҳар ки ба худаш якдигарро халал нарасонда, расми итихобкардаи худро мекашанд. Бартарии ин усул аз он иборат аст, ки кӯдакон худро озод ҳис намуда, бо якдигар мулоқот намуда, расм мекашанд. Онҳо ба якдигар назорат намуда, қисмҳои алоҳидаи расмҳои якдигарро мекашанд, ба якдигарро кумак мекунанд, ки ин дар кӯдакон ҳисси дӯстиро тарбия менамояд.

**2. Расмкашӣ ба воситаи ангуштон**

Бо ин усул тасвир намудан ба кӯдакон осон ба шумор меравад. Тарзи ҳосил намудани тасвир: кӯдак ангушташро дар ранги гуаш тар намуда, дар коғаз нуктаҳо мегузорад, ҳар як ангушт рангҳои ҳархела гирифта, нуктаҳои ҳархела дар коғаз мегузорад.

**3. Расмкашӣ ба воситаи панҷаи даст**

